ISSN 2791-366X

Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии
муҳаққиқони ҷавон

МУҲАҚҚИҚ

МУАССИС:
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ

№ 2 (55)

Душанбе – 2022

Сармуҳаррир: **Мирбобоев А.**

Муовини сармуҳаррир: **Ҷаматов С. С.**

Котиби масъул: **Валиев Ҷ. А.**

Муҳаррири техникӣ: Мардонов С. Ҳ.

ҲАЙАТИ МУШОВИРОН:

Ибодуллозода А.И. - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илми таърих, профессор
Сангинов Д.Ш. - муовини ректор оид ба илм, доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор
Худойдодзода Ф.Б. - муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ доктори илми фалсафа, профессор
Нуъмонов М. - доктори илми педагогӣ, профессор
Бандаев С. - доктори илми химия, профессор
Раҳматуллозода С. - доктори илми филология, профессор

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Худойдодов А. - доктори илми филология, профессор
Сулаймонов И. - номзади илми филология, дотсент
Ҳусейнов А. - доктори илми таърих, профессор
Маҷидова Б. - доктори илми педагогӣ, профессор
Умаров У. С. - номзади илми педагогӣ, дотсент
Назариев Р. - доктори илми фалсафа, профессор
Ҷумаев М. - номзади илми химия, дотсент
Сатторов Т. - доктори илми биология, профессор
Муҳаббатов Х. - доктори илми география, профессор
Пиров Р. - доктори илми физикаю математика, профессор
Ғафорзода Ҷ. - номзади илми иқтисодӣ, дотсент

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 феврали соли 2020 таҳти шумораи 145/МҶ-97 сабти ном гардидааст.

Дастхату аксҳои ба идораи маҷалла воридшуда баргардонида намешаванд. Саҳеҳияти далелҳо ва маълумоти илмӣ бар уҳдаи роҳбарони илмӣ ва кафедраҳои марбута вогузор мегардад.

Ф Е Ҳ Р И С Т

ҶАҲОНИ ЗАБОН

1. ***Ризоева Ф.***
Диалектизмҳои фразеологӣ дар романи “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо 6
2. ***Инатулоева О.***
Калимасозии пешванди “ҳам-“ дар осори Аскар Ҳаким 10
3. ***Мамарихимов Р. А.***
Таърихи пайдоиши хатти арабӣ 14
4. ***Давлатов Э. Ҷ.***
Таҳлили сохторӣ ва маъноии номвожаҳои ҷуғрофии ноҳияи Варзоб 18
5. ***Саломиён С.***
Баъзе вижагиҳои морфологии забони чинӣ (таҳлили типологӣ-муқоисавӣ) 22
6. ***Юсупов А. У.***
Хусусиятҳои маъноии ҷонишинҳо дар повести «Ситораҳои сари танур»-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ 25
7. ***Ҳотамова Ф.***
Забон омӯз, то миллат намирад 28
8. ***Исмоилова М.***
Хусусияти семантикии пайвандакҳо 31
9. ***Исмоилова М. Ё.***
Таҳлили синтаксисии ибораҳои зарфӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 34
10. ***Аҳмадова А.***
Тафсир ва шарҳи вожаи «об» (water) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 37
11. ***Имомназарова С.***
Вазифаи ҷумлаҳои саволии ҷудокунанда дар забони англисӣ 39
12. ***Игболова З.***
Хусусияти фонетикӣ ва таркиби луғавии гидронимҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 42
13. ***Игболова З.***
Этимологияи гидронимҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 46
14. ***Раҳмонова М. Н.***
Баъзе вижагиҳои инфинитив / масдар (infinitive) ва герундия / исми масдар (gerund) дар забони англисӣ 50
15. ***Салиева Г. А.***
Концепт «Хлеб/bread» в языковом сознании представителей русской, английской и амереканской лингвокультурных общностей 53
16. ***Сатторов Ш. Т.***
Таснифоти муқоисавии ҷумлаи пайрави мубтадо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ 56
17. ***Сулаймонова А. М.***
Фонетические особенности американского варианта английского языка 59
18. ***Султонбии С.***
Ҷумла ва мавқеи он дар забони англисӣ 63
19. ***Тагаева Д. Н.***
Концепт "Страх- fear" в его языковом и речевом, интонационном и семантическом выражении 65
20. ***Темурзода К. К.***
Таҳлили муқоисавии консепти “Cat/гурба” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси воҳидҳои фразеологӣ) 68
21. ***Ҷумахонова Ё.***
Ибора ва намудҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 71
22. ***Ҷунаева Ш. У.***
Сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 74
23. ***Ниматова М. К.***
Истилоҳоти тиббии англисӣ ва моҳияти истифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ 77
24. ***Ғуломова А.***
Таҳлили муқоисавии истифодаи эвфемизҳои вожаҳои «марг - death» ва «мурдан - die» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 80

ГУЛШАНИ АДАБ

25. ***Валиев Ҷ. А., Ҳалимзода Ш. А.***
Ҳусни назми риёзӣ 83
26. ***Сатторзода М.***
Некоторые особенности любовной лирики С.Есенина 87

27. ***Абдуҷабборзода С.***
Таҳаввули жанри сафарнома дар замони Истиқлол 91
28. ***Абдуллозода Д.***
Восток в творчестве С. А. Есенина 94
29. ***Гулнораи С.***
Особенности творчества Беллы Ахмадулиной 96
30. ***Абдуллозода Д.***
Значение перевода творчества С.А.Есенина 99
31. ***Ширинджонова Ф.***
Проблема перевод романа «Мать» А.М.Горького на таджикский язык 101

ТАЪРИХ, ФАЛСАФА, СИЁСАТ ВА ҲУҚУҚ

32. ***Муродов Ш.***
Тасвири шахсияти Темурланг дар «Зафарнома»-и Низомиддини Шомӣ 103
33. ***Кароматуллои У.***
Акбар ва нақши ӯ дар мустаҳкамгардонии ҳокимияти Темуриёни Ҳинд 106
34. ***Исмоилов М. Х.***
Тасарруфи шаҳрҳои соҳили дарёи Сир аз ҷониби муғулҳо 109
35. ***Сайфуддинова М.***
Саҳми Мулло Эркаев дар омӯзиши ҳаракатҳои босмачигарӣ дар Бухорои Шарқӣ дар солҳои 20-уми асри XX 112
36. ***Усмонов Р.***
Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои осиёимиёнагии ИДМ дар соҳаи маориф 115
37. ***Шамсиев Ш. А.***
Ташкил ёфтани филиали донишгоҳҳои хориҷӣ – омили муҳими тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси касбӣ дар дохили кишвар 117
38. ***Эшонҷонова Ф.***
Ҳаёт ва фаъолияти илмии Борис Илич Маршак 120
39. ***Амиршоев И.***
Маъданҳудозӣ дар Саразм 123
40. ***Дадабоев К. Р.***
Намуд ва вазифаҳои бойгониҳо 127

ИЛМ ВА ФАНОВАРӢ

41. ***Ҳалимзода К. Г.***
Моделсозии математикии равандҳои вайроншавии оҳан бо пероксиди гидроген 131
42. ***Яқубов М.***
Муҳити кории реҷаи визуалии забони барномасозӣ 134
43. ***Бобоев М. Н.***
Моделсозии компютериву математикии Лоренс дар кимиё 136
44. ***Рачабов М. С.***
Татбиқи элементҳои алгебраи хаттӣ дар системаи компютерии математикии MAPLE 139
45. ***Ходжаев Р.***
Имкониятҳо ва хусусиятҳои асосии LINUX 143
46. ***Ҳоҷиева Т.***
Ҳудудҳо ва татбиқи онҳо дар системаи компютерии математикии MAPLE 146
47. ***Мирзоева М. К.***
Цветовые решения в ткани 149

ТАБИАТ ВА МУҲИТ

48. ***Ғафуров С.***
Пиряҳҳои Тоҷикистон – манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ 152
49. ***Қурбонова Ҳ.***
Тағйирёбии реҷаи обии кӯлҳои Тоҷикистон 155
50. ***Рачабов Ф.***
Таърих ва минтақабандии Боғи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 157
51. ***Саидов Х.***
Захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон – ҳадафи стратегии чорум ва рушди устуворӣ мамлакат 160
52. ***Ҳайдаров Ҳ.***
Оқибатҳои обхезии водии дарёи Варзоб 164
53. ***Мусоева К. Ҳ.***
Сохти анатомӣ ва гистологии гурда 167
54. ***Қурбонов Ҳ. М.***
Нон ва маҳсулоти аз нон тайёркардашуда 171
55. ***Қурбонов Ҳ. М.***
Ғизои солим – ҳаёти солим 175

56. ***Каримова Ф.***
Тағйирёбии миқдори бактерияҳо ҳангоми дисбактериози рӯда 179
57. ***Ғуломов К.***
Нақши гиппокамп дар ҳосил намудани рефлексҳои шартӣ ва ғайришартӣ 183
58. ***Хамитова Р. Ҷ.***
Фарбеҳӣ ва ирсият 186
59. ***Амонов Б. П., Ходжаева Л. К.***
Асосҳои физиологию биохимиявӣ ва генетикию экологии маҳсулнокии сифати дони гандум ... 189
60. ***Шарофова Х. Д.***
Вайроншавии сохтори молекулавии ирсии тромбоситҳо 192
61. ***Носиров Ю.***
Канаҳои иксодовӣ ва муфтхӯр 196
62. ***Фахридинов Ф. Ҷ.***
Таърихи пайдоишии мафҳуми обёрикунӣ ва истифодаи захираҳои обӣ 198

ИҚТИСОД ВА РУШД

63. ***Нарзизода С.***
Асосҳои таъминоти иттилоотӣ-таҳлилии рушди инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, мушкилот ва роҳҳои беҳтаргардонии он 201

ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ

64. ***Убайдуллоев Ш. Д.***
Бозиҳои логопедӣ ифодагари машқҳои ислоҳ намудани нуқсони нутқ (дизартрия) 204
65. ***Ҳаётов И.***
Хусусиятҳои дурӯғгӯй ва бофтабарорӣ дар кӯдакони синни томактабӣ 206
66. ***Шакармамадова М. Қ.***
Тавсифи нуқсонҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли нуқсони хаттӣ – аграфия 209
67. ***Шарипова С.***
Асосҳои психологии омӯзиши забонҳои хориҷӣ 212
68. ***Файзов Н. Қ.***
Корҳои беруназсинфӣ аз технология ва моҳияти онҳо дар тамоюли касбии хонандагон 215
69. ***Бобиев М.***
Экстремизми динӣ: ҷанбаҳои психологии он 219
70. ***Юлдашева М. У.***
Психология терроризма 221
71. ***Марупова С.***
Мафҳуми “Имло” ва зарурати омӯзиши он 224

РАВИШИ ТАДРИС

72. ***Ёгибекова Ҳ. Ш.***
Татбиқи методҳои коммуникативӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 227
73. ***Ёгибекова Ҳ. Ш.***
Асосҳои методологии истифодаи методҳои интенсивӣ дар таълими забони хориҷӣ 230
74. ***Рустамова М. Р.***
Истифодаи технологияи мултимедиявӣ дар таълим 233
75. ***Табаров Р. Д.***
Тарзи истифодаи маводи аёнӣ дар таълими биология 236
76. ***Тилабова Г.***
Нақши матнҳо дар таълими гуфтори мустақили монологӣ 239
77. ***Хакимова Д. Т.***
Методика обучения лексическими средствами общения на уроках русского языка в таджикской школе 243
78. ***Холова М. Ҷ.***
Шакл ва усулҳои санҷиши дониши хонандагон дар дарсҳои биология 247
79. ***Ҷалолова Ф. Ҳ.***
Нақши интернет ва манбаҳои электронӣ дар раванди таълим ва омӯзиши забони англисӣ 250
80. ***Шоева Ҳ.***
Нақши усули лоиҳавӣ дар рушди маҳорати мустақилона омӯхтани забони англисӣ 252
81. ***Юсупова С.***
Использование интерактивных методов на занятиях по практике устной и письменной речи английского языка студентов 3-4-х курсов 256
82. ***Тоҷова Н.***
Истифодаи зарбулмасалу мақол бо мақсади рушди малакаи талаффуз 259

ҶАҲОНИ ЗАБОН

Ризоева Фотима,
магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷик

ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР РОМАНИ “ДАР ОРЗУИ ПАДАР”-И КАРОМАТУЛЛО МИРЗО

Як омилҳои хеле муҳимме, ки баёнгари маҳорати баланди суханварии нависанда шуморида мешавад, қабл аз ҳама, дарёфти мавзуъҳои нотакрору дархӯри замон, офаридани образҳои дилписанди мардумӣ ва услуби баёни суханвар маҳсуб меёбад.

Дар бобати чустучӯи мавзуи бикри замонавӣ Нависандаи халқии Тоҷикистон, адиби хеле тавонои тоҷик Кароматулло Мирзо ҳамто надорад. Роҷеъ ба хусусиятҳои осори ӯ мулоҳиза ронда, адабиётшинос А.Сайфуллоев чунин нигоштааст: “Кароматуллоҳи Мирзо мисли Сотим Улуғзода оромона, ботаанӣ менависад, ҷою мақоми суханро санҷидаю дониста истифода мебарад” (2010, 149). Хусусан, маҳорати баланди суханофаринии ӯро дар романи “Дар орзуи падар”, ки дар сатҳи баланд навишта шудааст ва дар кори тарбияи насли ҷавон чун дастури роҳнамо хизмат карда метавонад, ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Кароматулло Мирзо аз тамоми имкониятҳои забонӣ, хусусиятҳои луғавию маъноии калимаҳо, унсурҳои шевагӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва дигар боигариҳои забони халқ моҳирона истифода бурдааст. Чунин дақиққории ин суханвари мумтозро дар корбурди диалектизмҳои фразеологӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Фразеология ҳамчун як ҷузъи мустақили илми лексикология дар забоншиносии муосир дар солҳои 40-50-уми асри гузашта (XX) ба вуҷуд омадааст, вале фразеологияи тоҷик таърихи дуру дароз дошта, дар аввалин луғатҳо – “Луғати фурс”, “Фарҳанги Сурурӣ”, “Фарҳанги ҷаҳонгирӣ”, “Бурҳони қотеъ”, “Фарҳанги Рашидӣ”, “Баҳори Аҷам”, “Чароғи ҳидоят” ва ғайра воҳидҳои фразеологии зиёде тафсир ёфтаанд. Бино ба маълумоти мураттибони “Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ” “Фразеология (аз юн.: phrasis – ибора, ифода ва логия) як қисми забоншиносист, ки маҷмуи таркиб, ибора, ҷумлаҳои рехтаю устувор, қонуниятҳои инкишоф ва категорияҳои лингии онҳор меомӯзад. Чунин ифодаҳои рехтаю устувори забонро воҳидҳои фразеологӣ (фразеологизмҳо) меноманд [1, 353-354].

Ҳамин муҳаққиқон истилоҳи диалектизмро дар ҷойи дигар чунин маънидод намудаанд: “1. Калимае, ки аз шеваю лаҳҷаҳои гуногун дар забони адабиёти бадеӣ ҳамчун воситаҳои муайяни услубӣ: барои ба вуҷуд овардани обуранги хоси ин ё он маҳал, барои тавсифи нутқи персонажҳо истифода мешаванд. 2. Аломату хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, фразеологӣ ва семантикӣ, ки хоси шеваҳои ҷудогона буда аз забони адабӣ фарқ мекунанд” [1, 77]. Пас, аз ин ҷо маълум мешавад, ки диалектизмҳои фразеологӣ бораҳои рехтаву устуворе мебошанд, ки онҳо хоси лаҳҷаҳои ҷудогона ба шумор мерафтаанд.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик Ҳ.Ҷалилов (1976), Ҳ.Маҷидов (1982, 1998, 2006), М.М.Мирзоева (2008) ва дар заминаи маводи лаҳҷаҳои забонамон бошад, муҳаққиқон: Д.Қодиров дар заминаи маводи лаҳҷаи Дарвоз (2007), Н.Гадоев дар асоси маводи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб тадқиқоти арзишманд анҷом додаанд. Дар бобати таҳия ва нашри фарҳангҳои фразеологӣ хизмати М.Фозилов (1963, 1964, 1975), Р.Абдуллозода (1988) ва дигарон саҳми калон доранд.

Андешаҳои ҷолиби профессор В.Асрориро дар хусуси нақши воҳидҳои фразеологӣ дар асари бадеӣ комилан ҷонибдорӣ менамоем, ки барҳақ навиштааст: “калима, ибораҳои рехта, зарбулмасал ва мафҳуму таъбирҳои халқие, ки аз забони зиндаи гуфтугӯӣ гирифта шудаанд, ҳамчун унсури бадеӣ дар офаридани образҳо. Ифода намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шахсию маишӣ хизмат мекунанд” (1968, 50). Далектизмҳои фразеологиро адиби хушсалиқа К.Мирзо бо мақсади ба сухан бахшидани тобишҳои рангоранги услубию эмотсионалӣ бевосита дар нутқи тасвирии худаш ва ҳам дар нутқи персонажҳои романаш устокорона ба кор бурдааст. Дар ҳар ду маврид ҳам нависанда фразеологизмҳоро бо мақсади таъмини содагии услуби баён ва офаридани образҳои типпию барҷастатар инъикос намудани ғояи асар истифода бурдааст.

Тибқи анъана вобаста ба дараҷаи истеъмол фразеологизмҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Он таъбироту ибораҳои фразеологие, ки ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар шеваҳои забонамон дучор меоянд, онҳо ба гурӯҳи фразеологизмҳои умумиҳалқӣ дохил мешаванд. Фразеологизмҳое, ки танҳо дар нутқи мардуми минтақаи шевагӣ ё ҳудуди интишори лаҳҷаҳои

муайяни забонамон вомехӯранд ва дар забони асар барои ифода намудани ниятҳои услубии нависанда, ҳаққонияти инъикоси тарзи баёни персонажҳо дар ҷараёни муошират ба кор мераванд, диалектизмҳои фразеологӣ мебошанд.

1) Фразеологизмҳои умумиҳалқӣ. Ба гурӯҳи якум мо ибораҳои рехтаи зеринро шомил менамоем: **а**) ибораҳои рехтаи сода, ки аз ду ҷузъ иборатанд: ***саришта кардан*** (чора дидан; куштан), ***сар тоб хӯрдан*** (беҳушӣ, гарангӣ), ***сиёҳ шудан*** (бадномӣ), ***бало назадан*** (тинҷ ва осуда будан), ***бардор додан*** (ангехтан; водор намудан), ***бачаи динангӣ*** (кӯдак; ҷавон ё наврасе, ки дар назди калонсолон ҳуқуқи гап задан надорад), ***лаҷом кашидан, ҷилав кашидан, лаҷом задан*** (ин се ибора муродифанд; касеро ба итоат даровардан)***, булбулӣ хондан*** (бисёр ва беҷо гап задан), ***обу адо шудан*** (харобӣ; ғам хӯрдан), ***дарди сар*** (ташвиш), ***талхакаф шудан*** (тарсидан), ***лаб ба лаб шудан*** (гап гардондан; бо касе моҷаро кардан), ***духтари хона*** (бокира), ***сабук будан*** (беандешагӣ), ***чашм сих задан*** (бахилӣ); б) ибораҳои рехтаи мураккаб, ки аз се ва ё зиёда калимаҳо таркиб ёфтаанд: ***ба тақдир тан додан*** (ноилоҷӣ), ***сию ду дандон сафед кардан*** (сухан гуфтан), ***ба гап ғалтидан*** (розӣ шудан), ***пардаи хук ба рӯй кашидан*** (бешармӣ), ***ба гузашта салавот гуфтан*** (бахшидан), ***дар хун ташна будан*** (интиқом ҷустан), ***пеши кор баста будан*** (нобарорӣ), ***ба ҷон расонидан*** (безор кардан***), хун равшан кардан*** (қасди куштан) ва ғайра.

Фразеологизмҳои сода ва мураккаб дар нутқи мардум серистеъмол буда, ҷиҳати инъикоси вазъи эмотсионалии одамон ва нишон додани олами ботинии онҳо зимни рӯ ба рӯ омадан ба воқеаҳои гуногун, гирифтор шудан ба комёбиву нокомиҳо дар забони романи “Дар орзуи падар” хизмат кардаанд. Чанд намуна аз матни роман: *Шояд ҳамин Шафиӣ, устодаш вайро* ***бардор додааст*** *(с. 55). Саґираҳои вай мардак акнун* ***дарди сар****и мо* (с. 116). *Аз ҳамин шаб* ***ба тақдир бояд тан диҳанд*** *чӯҷаҳояш* (147*)*. ***Талхакаф шудем****, туро кофтем, пурсидам аз вай* (с. 169). *Дар хоку хокистар дуо хонда, паси дарвоза пошида,* ***пеши корашро мебастанд*** (373) ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки дар баъзе мавридҳо К.Мирзо бо мақсади дучанд гардонидани таъсири сухан дар баробари дар нутқи персонажҳо ҷой додани ибораҳои рехта, онҳоро якҷоя бо муродифоташон ба кор бурдааст: ***хун шудан – обу адо шудан – сӯхтан:*** – ***Ба гузашта салавот гӯед****, додош,* ***коҳи куҳнаро бод надиҳед****, бе ин ҳам* ***хун, обу адо шудааст, сӯхтааст*** *(*с. 115); обу адо шудан – саги сӯзанхӯрда: ***Обу адо шудӣ****, ба оина нигоҳ кун,* ***саги сӯзанхӯрда*** *барин гаштӣ, эҳтиёт шав* (с. 122). Ё ин ки: ***пардаи хук ба рӯй кашидан – шарм надоштан: Пардаи хукро ба рӯят каш*** *бачам, дудила нашав, шарм мадор* (191). ***Чашм сих задан – дидан нахостан: Чашмаш сих мезад****, дидан намехоҳандашон* (147).

2) Диалектизмҳои фразеологӣ. Ин гурӯҳи ибораҳои рехтаро дар забоншиносии тоҷик дар сатҳи шевашиносӣ қаблан Т. Мақсудов (“Лексика ва фразеологияи шеваи тоҷикони Исфара”, 1977) бо таҳияи як рисолаи илмии калонҳаҷм Н.Гадоев (Баъзе хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб”, 2017) таҳқиқ кардааст, вале дар бобати корбурди диалектизмҳои фразеологӣ дар забони асари бадеӣ, аз лиҳози талаботи илми услубшиносӣ мақолаи калонҳаҷми Ш.Исмоилов – “Як омили халқияти асари бадеӣ” (2001), ки ба халқияти забони ашъори Гулрухсор (достони “Мотами сафед”) бахшида шудааст, қобили қайд мебошад. Бино ба нуқтаи назари Ш.Исмоилов диалектизмҳои фразеологӣ (дар осори Гулрухсор) “аз лиҳози иртибот ба мавозеъ асосан мансуб ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ шинохта мешаванд ва ҳамчун дигар ифодаҳои гуфтории халқӣ аз ҳайси мазомин рангомез буда, дар нигоришоти шоира ҷилои тозаи мантиқию услубӣ пайдо мекунанд” (Исмоилов. 2001, 159).

Ибораҳои рехтаи лаҳҷавӣ дар забони романи “Дар орзуи падар”-и К.Мирзо барои таъмини ҷаззобияти сухани нависанда ва персонажҳои асараш ба кор рафтаанд. Нависанда чунин воҳидҳои забонро дар ҳалли муносибатҳои шахсии байни персонажҳо, кушодани гиреҳи низоъ ва ҷанҷолҳои қавмӣ, инъикоси нутқи баъзе табақаҳои иҷтимоӣ ва амсоли инҳо дар мавриди зарурӣ истифода бурдааст. Масалан, дар нутқи яке аз персонажҳои марказии роман – Мушаррафа ҳангоми дар ҳолати кандашавии вазъи руҳӣ (стрес) диалектизми фразеологии “***шармандаи бозори маҳшар кардан”*** чунин садо додааст: *...мекунам,* ***шармандаи бозори маҳшар мекунам****, -оташинтар мешуд Мушаррафа* (с. 5). Агар аз ин ибораи рехта ҷузъи “бозори маҳшар”-ро ҷудо кунем, ки он маҷозан мафҳуми “рӯзи қиёмат”-ро ифода кардааст, таъсири эмотсионалии сухани гӯянда камтар мешавад. Аз ин рӯ, ибораҳои рехта дар бисёр мавридҳо пурра маънои маҷозӣ доранд ва ё ин ки як ҷузъи муҳимми онҳо ба маънои маҷозӣ корбаст мешавад. Ё ин ки дар нутқи тасвирии худи нависанда диалектизми фразеологии ***бӯбар шудан***, ки маънои “воқиф шудан, хабардор шудан, пай бурдан”-ро маҷозан инъикос кардааст: *Аз муносибати байни онҳо дар мактаб, дар деҳа* ***бӯбар шуданд*** (с. 36). Таркиби фразеологии бӯбар

шудан дар ин матн бо вожаи “миш-миш” муродиф буда, аз саршавии интишори ягон воқеа ё рафтору кирдори мамнуъ дарак медиҳад. Ибораи фразеологии ***ба гӯши мурда азон хондан*** мафҳуми “нафаҳмидан”, “худро ба карӣ задан”, “таъсир надоштани сухан”-ро инъикос кардааст, ки ин маъниро ҳанӯз дар асри 16 Восифӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ” дар шакли назм ин тавр ифода кардааст:

Хормушу гулоб, яъне чӣ?
Гӯши кару рубоб, яъне чӣ?

Дар матни роман К.Мирзо: *Ё* ***ба гӯши мурда азон гуфтам***? (19). Баъзе роҳбарони корхонаву муассисаҳо ва ё кормандони он бо мақсади намоиш додани маҳорати “баланд”-и сухандонияшон бисёр гап мезананд, ки мардум онҳоро ба саг ва гуфторашонро ба “аккос ё ҷакидани саг” тавассути ибораи фразеологии ташбеҳии зерин монанд мекунанд - ***саг барин ҷакидан***: *...дар маҷлисҳо* ***саг барин меҷакад****, худнамо* (44). Муддаои нависанда нишон додан ва маҳкум кардани рафтори манфӣ аст, бинобар ин пас аз овардани ибораи рехтаи мазкур синоними адабии он: ***худнамо***-ро низ дар матн ҷой додааст. Дар муҳитҳои гуногуни иҷтимоӣ одамони дорои хислатҳои мухталифи мусбату манфӣ кору фаъолият менамоянд. Адиби борикбин хислати фитнангезии баъзе касонро мазаммат карда, барои ҳадафманд баён намудани матлаб аз диалектизми фразеологии ***ба бузакбозӣ андохтан*** (фитна ангехтан; ташвиш додан; сарсону саргардон кардан) истифода бурдааст: *...дар ҳамин идораи газета, ҳамаамонро* ***ба бузакбозӣ меандохт*** (19). Калимаи ***бача*** маънои “кӯдак, наврас; ноболиғ, ҷавон; хом, нопухта”-ро бевосита ва маҷозан ифода менамояд. Бо калимаи сифатии ***булулак***, ки мафҳуми “гул ё ғунчаи ношукуфта”-ро дорост, дар қолаби ибораи исмии изофӣ фразеологизми ***бачаи булулак***-ро сохтааст, ки он мафҳуми “ҷавони хом, нопухта; бетаҷриба, ноозмуда”-ро ифода мекунад: *Вай ҳоло бачаи навхат,* ***бачаи булулак****, зану фарзанд надорад* (17). Дар ин ҷумла, агар ибораи бачаи навхат ба мафҳуми “хурдсолӣ” далолат кунад ва ё ибораи “зану фарзанд надоштан” маънои “ҷавони болиғи муҷаррад”-ро ифода созад, пас, фразеологизми ***бачаи булулак*** дар байни ду ибораи зикрёфта мавқеи нейтралиро ишғол кардааст. Диалектизми фразеологии ***бахшибонӣ кардан*** бо фразеологизми “ба гӯш хондан” муродиф мебошад ва он маънои “маҷбур кардан, розӣ кунонидан”-ро молик мебошад: *Мушаррафаро гӯё* ***бахшибонӣ мекард*** (118). ***Рӯ баровардан –*** “кушода ва рӯйирост ба рӯйи касе сухан гуфтан; ба таври дигар: бешармӣ” маънӣ мешавад: *Ба ихтиёри худат шӯ кардӣ,* ***рӯ баровардӣ...(***118). ***Ба дил қошуқ тарошидан*** – орзу кардан; ҳавас доштан: ***Ба дилашон қошуқ метарошиданд****, ки вай зани онҳо бошад (*122). ***Рӯйи ҷо*** – киноя аз бемори бистарӣ: -Зани биргадир – *амаки Шоҳон,* ***рӯйи ҷо****, зангир будааст* (124).

Ба ҳамин тариқ, аз намунаҳои баррасишуда бармеояд, ки доираи корбурди фразеологизмҳо, аз он ҷумла диалектизмҳои фразеологӣ дар романи “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо хеле васеъ ва домани корбурди онҳо дар забони асар ниҳоят фарох будааст. Дар ин мақолаи доирааш маҳдуд имконияти ба пуррагӣ таҳлилу тасниф ва баррасӣ кардани тамоми навъҳои лаҳҷавии фразеологизмҳо аз имкон берун аст. Бинобар ин, таҳқиқи хусусиятҳои дигари ин гурӯҳи ибораҳои рехтаро ба вақти дигар вогузор менамоем.

Адабиёт:

1. Бобомуродов Ш, Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – Душанбе: ДМТ, 2016. – 428 с.
2. Гадоев Н. Баъзе хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб. – Душанбе: ДДОТ, 2017. – 232 с.
3. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон. – Душанбе, 1977. – 203 с.
4. Исмоилов Ш. Як омили халқияти забони асари бадеӣ // Садои Шарқ, 2012, №7-12 – С. 144-163.
5. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе, 1967. – 185 с.
6. Мақсудов, Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 197 с.
7. Маҳмудов М, Бердиев Б. Луғати мухтасри лаҳҷаҳои Бухоро. – Душанбе: Дониш, 1989. – 278 с.
8. Маҳмудов М. ва диг. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. – Душанбе, 2012. – 946 с.
9. Маҷидов Ҳ. Забони адабии ҳозираи тоҷик: Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – Ҷилди 1. – 242 с.
10. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959. – 294 с.
11. Неменова, Р. Л., Ҷӯраев, Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1980. – Ҷилди 1. – 328 с.
12. Ҳусейнов Х. Диалектизмҳо дар забони ҳикояҳои Ҳаким Карим. // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1964. – С. 58-72.
13. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ. – Душанбе, 1973. – 254 с.

14. Ҷӯраев Ғ. Калимаҳои хоси шева ва баъзе аломатҳои фарқкунандаи он //Забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1976. – С. 123-138.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010. Ҷ.1. – 996 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М., 1969. Ҷ.1. – 950 с.

Калидвожаҳо: *фразеологизмҳо, ибораҳои рехта, фразеологизмҳои умумиҳоҷикӣ, диалектизмҳои фразеологӣ, луғатшиносӣ, шевашиносӣ, тобиши услубӣ, ибораҳои фразеологии сода, ибораҳои фразеологии мураккаб.*

Аннотация

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ДИАЛЕКТИЗМЫ В РОМАНЕ К. МИРЗО «В МЕЧТЕ ОБ ОТЦЕ»

В данной статье автор исследует стилистические оттенки фразеологических словосочетаний в языке романа Кароматулло Мирзо «Дар орзуи падар» («В мечте об отце») и классифицирует их на две группы: а) общетаджикские фразеологизмы; б) фразеологические диалектизмы. Отмечается, что общетаджикские фразеологизмы в основном используются в современном литературном языке и употребляются в диалектной речи с небольшим фонетическим изменением. Но фразеологические диалектизмы не изменчиви и встречаются в разговорной речи отдельных местностей.

Ключевые слова: *фразеологизмы, фразологическая словосочетания, общетаджикские фразеологизмы, фразеологические диалектизмы, лексикология, диалектология, стилистический оттенок, простые фразологические словосочетания, сложные фразологические словосочетания.*

Annotation

PHRASEOLOGICAL DIALECTISMS IN K. MIRZO'S NOVEL "IN THE DREAM OF A FATHER"

In this article, the author examines the stylistic shades of phraseological phrases in the language of the novel by Karomatullo Mirzo "Dar orzui padar" ("In the dream of his father") and classifies them into two groups: a) common Tajik phraseological units; b) phraseological dialectisms. It is noted that common Tajik phraseological units are mainly used in the modern literary language and are used in dialectal speech with a slight phonetic change. But phraseological dialectisms are not changeable and are found in the colloquial speech of certain localities.

Keywords: *phraseological units, phraseological phrases, common Tajik phraseological units, phraseological dialectisms, lexicology, dialectology, stylistic connotation, simple phraseological phrases, complex phraseological phrases.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ризоева Фотима, магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсентСулаймонов И. О.

Сведения об авторе: Ризоева Фотима, магистрантка первого курса факультета таджикской филологии ТГПУ имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: дотцент Сулаймонов И. О.

About the author: Rizoeva Fotma, first-year master's student of the tajik philological faculty of the TSPU named after Sadriddin Aini.

Scientific adviser: дотцент Sulaimonov I. O.

Инатулоева Омина,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

КАЛИМАСОЗИИ ПЕШВАНДИ “ҲАМ-“ ДАР ОСОРИ АСКАР ҲАКИМ

Калимасозӣ яке аз роҳҳои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон маҳсуб меёбад. Бо ёрии вандҳои калимасоз сохта шудани калимаҳо маъмултарин усули калимасозист. Дар забони тоҷикӣ аз ҳиссаҳои нутқ бештар исм ва сифат бо ин усули калимасозӣ сохта мешаванд. Бо ёрии пешвандҳо сохта шудани калимаҳо дар доираи ҳиссаҳои нутқ якранг нест. Дар сохтани исм як пешванди калимасоз, дар сохтани сифату зарф ва феъл чанд пешванди калимасоз иштирок мекунанд. Мо тасмим гирифтем, ки дар ин мақола мавқеи калимасозии пешванди “**ҳам-”-**ро дар осори шоири шинохтаи тоҷик Аскар Ҳаким мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор диҳем.

Пешванди **ҳам-** дар исмсозӣ серистеъмол буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исмҳое месозад, ки ки ҳамроҳӣ, шарикӣ ва муносбати дутарафаи шахс ва предметҳоро ифода мекунад. Доир ба вазифаи калимасозии пешванди мазкур забоншинос Х. Ҳусейнов чунин ибрози андеша намудааст: “Хусусияти префикси ҳам- дар он аст, ки вай ба маънои аслии калимаҳо ифодаи ҳамроҳӣ, якҷоягӣ медиҳад, дурусттараш, вай ду ва зиёда исмро аз ҷиҳати хусусияти дохилӣ ва хориҷӣ ба якдигар баробар мегузорад” [9, 84].

Дар осори Аскар Ҳаким ин пешванд дар калимасозӣ серистеъмол буда аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ вожаҳои нав месозад.

А). Аз исм исмҳое месозад, ки шарикӣ, ҳамроҳиро ифода мекунанд: ***ҳамнафас, ҳамроҳ, ҳамроз, ҳамдам, ҳамоғӯш, ҳамоҳанг:***

То нафас боқист моро, ***ҳамнафас*** *хоҳем буд,*
То шавад маҳҷурро кам дарди ҳиҷрон як нафас [1, 1].
Шамъ ҳаргиз набувад беҳ зи чароғ,
Сифр чизест ба ***ҳамроҳи*** *адад [1, 94].*
Ҳамраҳе аз мо равад як лаҳза ***ҳамроҳи*** *дигар,*
Мекашам бо рафтанаш аз синаам оҳи дигар [1, 97].
Ман ***ҳамоҳанги*** *ту рӯде гаштам,*
То ***ҳамоғӯши*** *ту бошам ба сафар [1, 191].*
Дарё шитоб дораду амвоҷ дар бараш
Ҳамрозу ҳамдам *аст[1, 198].*

Пешванди **ҳам-** бо исмҳои маънӣ омада, исми шахс месозад. Дар маводи гирдовардаи мо дар ин қолаб калимаҳои ***ҳамсоя, ҳамҷон, ҳамсаф*** мушоҳида гардиданд:

Мо ба ӯ ***ҳамсояву ҳамҷон*** *шавем акнун,*
Мо ба дарди ҳамдигар дармон шавем акнун [1, 60].
Чу бинад киштаи ҳамсоя мехушкад зи беобӣ,
Дилаш гӯё шавад обу ба чашмаш шаб наояд хоб [1, 61].
Бори ***ҳамсафҳо*** *ба дӯш истодаӣ,*
Зиндагият шуд давоми он зафар [1, 104].

Дар байти зерин шоир вожаҳои сохтаи ***ҳамсафар, ҳамдил, ҳамраҳро*** истифода намудааст. Вожаи сохтаи ***ҳамсафар*** дар ин ҷо ба маънои рафиқи ҳаётӣ омада, вожаҳои ***ҳамдилу ҳамроҳ*** низ ба маънои якандеша будан, шарик будан истифода шудаанд ва дар забон серистеъмоланд:

Кош, сад соли дигар бошанд ҷуфти ***ҳамсафар****,*
Дар вафои ***ҳамдилу ҳамраҳ*** *дилам гум мезанад [1, 113].*

Дар байти зерин исми сохтаи ҳамқирон истифода гардида, ки хоси услуби китобист. Он дар луғатҳо чунин шарҳ ёфтааст: ба маънии *-қарин шудану иттисоли чизе ба чизе... ва ба истилоҳи илми нуҷум якҷо шудани ду кавкаб аз ҷумлаи кавокиби сайёра сивои шамс* [6, 666]; **ҳамроҳ, наздик, ҳамсоя** [11, 488] ва дар байти зерин ба маънои **ҳамроҳ** истифода шудааст:

Баски ҳаргиз ***ҳамқирони*** *хешро*
Аз пасаш ту корд натвонӣ задан [1, 58].

Б) Дар байтҳои зерин пешванди **ҳам-**бо исмҳои модии **сар** ва **шаҳр** омада, вожаи нав месозад:

Ҳамсари *ман нестед, охир,*
Рӯзи сахтам дар сари ман нестед, охир [1, 60].
Ба гесӯ духтари ***ҳамшаҳрии*** *мо*
Ба ҷойи гул зада атри фарангӣ [1, 67]

Ту на дилбари ман астӣ, дили дар бари ман астӣ,
*Ту на **ҳамсари** ман астӣ, сару сарвари ман астӣ [1, 73].*
Ман чӣ кӯҳастам,
Гар набошад кӯҳи дигар пойбасти ман
***Ҳамсари** афлок,*
Ҳамчунин дар хок [1, 209].

Дар байти зерин дар ин қолаб вожаҳои **ҳамҷавор, ҳамканор** истифода гардидаанд. Вожаи **ҳамҷавор** хоси услуби китобист ва имрӯз дар забони ВАО низ серистеъмол аст ва ба маънои **ҳамсоя, ҳамҳудуд** корбаст мегардад:

Аз азал ин кӯҳсорон ҳамчу боми тоҷик аст,
*Боми ҳар як тоҷике бошад ба гардун **ҳамҷавор**.*
*Сабз бошӣ, хоки тоҷик, **ҳамҷавори** осмон,*
*То зиям андар канорат **ҳамканори** осмон [1, 100].*

Дар байтҳои зерин пешванди **ҳам-** бо исмҳои маънии **овоз, ранг, сон, оғӯш, дам, қарин** омада вожаи нав сохтааст:

*Рӯди ҳамрозу **ҳамовоз** бигаштӣ ту ба ман,*
Бо ту ошиқ шудаму шоири озодасухан. [1, 110].
***Ҳамогӯши** мо айни гуноҳ аст,*
Но онӣ дигару ман ҳам на инам [1, 116].
*Ману ин осмони тозарӯ **ҳамрангу ҳамсонем,***
Гаҳе абриву гаҳ беабру ниливу дурахшонем, [1, 126].
Умри одамро, ки мегӯянд, як дам будааст,
*Нек бинам, суҳбати ёрони **ҳамдам** будааст[1, 126].*
*Ман ба дунё **ҳамқаринам**, гар қарини ман туӣ,*
Беҳтарин пайдои ман, яктои ман, зебои ман… [1, 127].
Шоири базму тарона,
***Ҳамдами** чангу чагона [1, 127].*

Дар сохтани исмҳо дар ин қолаб асосҳои феъл низ серистеъмоланд. Дар маводи мо дар ин қолаб вожаи **ҳамнишин** мушоҳида гардид, ки он аз пешванди **ҳам-** ва феъли фармоиши **нишин** сохта шудааст:

Шумо, ки мебаред раҳ ба сӯйи Каҳкашон
*Ба азми **ҳамнишини** ситорагони пок [1, 200].*
Кашонам хешро аз баҳру бар сӯйи замини ту,
*Ки гардам **ҳамнишини** ту [1, 162].*
*Гург бо саг **ҳамнишин** дар як қафас?*
Ин сухан то ҳол нашнидаст гӯши кас [1, 187].

Дар байти зерин вожаҳои **ҳамҷабҳа, ҳамдард, ҳамдил** истифода шуда, ки ишора ба ҳамроҳӣ, шарик буданро дорад. Вожаи **ҳамҷабҳа** хоси услуби китобист ва вожаи ҷабҳа арабӣ буда, ба маъноҳои зерин шарҳ ёфтааст: **Ҷабҳа** I *а.* **جبهه** пешонӣ, ҷабин; **ҷабҳаи пурчин** пешонаи чиндор. **Ҷабҳа** II *а.* **جبهه**1. хатти пеши ҷанг; майдони пеши ҳарбу зарб; **ҷабҳаи меҳнат (кор)** саҳни меҳнат. 2. соҳа, арса [11, с. 572]. Шоир аз ин вожа исми **ҳамҷабҳа** сохтааст, ки ба маънои **ҳамарса, ҳамсоҳа**, **ҳампеша** омадааст ва камистеъмол аст:

Ассалом,
*эй **ҳамдилу ҳамҷабҳаи** шоистаам,*
устод Лоиқ,
Гарчи ман гарди ту будам,
*Низ **ҳамдарди** ту будам [1, 275].*

Дар асар вожаҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо чида шуда омадаанд, пешванди исмсози **ҳам-** ба ҷузъи якум васл гардида, ба ҷузъи дуюм низ дахл дорад: **ҳамболу пар /ҳамболу ҳампар**:

*Ҷуфти **ҳамболу парам** дур равад,*
Чӣ кунам, дил, ки варо пайванд аст [1, 176].

Вожаи **ҳампарвоз** низ дар ин қолаб сохта шуда, **ҳамроҳӣ, якҷоя ширкат варзиданро** мефаҳмонад:

Ба само бо ту одами хокӣ
*Мешавад чун фаришта **ҳампарвоз** [1, 286].*

Вожаи сохтаи **ҳамсӯҳбат** ба маънои **мусоҳиби ҳамдигар, дӯсти наздик, ҳамнишин, ҳамсухан** [11, 492] истеъмол мегардад:

Омадам аз маҷлисе берун, ки шуд,
Хонуми сарводагӯ ***ҳамсуҳбатам****[1, 292].*

Вожаи **ҳамқад** ба маънои **ду нафари дар қад бо ҳам баробар** [11, 492] истифода гардидааст:

Шодмон – ***ҳамқади*** *шамшоду чинор,*
Банди гам – маҷнунбеди сархам [1, 320].

Дар ин қолаб вожаи **ҳамсангӣ** истифода шудааст, ки он аз пешванди ҳам-, исми модии санг ва пасванди муштараквазифаи –ӣ таркиб ёфтааст. Вожаи мазкур ба маънои **баробарвазн; ду чизи ё каси бо ҳам баробар (дар мақом ва мартаба)** [11, 491] истифода мешаванд:

Чу ***ҳамроҳи*** *ту берун меравам аз тангии маҷро,*
Сарам бар санг меояд.
Сано мегӯямат,бо ман, ки танҳо ту ***ҳамоҳангӣ****,*
На андар соҳили коҳил дигар ҳамсанг меҷӯям,
Ки танҳоям ту ***ҳамсангӣ*** *[1, 335].*

Дар мисолҳои зерин вожаҳои сохтаи ҳамсафар, ҳамдил, ҳамнафас, ҳамдам, ҳамдам корбаст гардидааст. Вожаи **ҳамдил** ба маънои дорои як маслак ва маром; муттафиқ [11, с. 486]; ҳамдам-ҳамнафас, дӯсти бисёр наздик,ҳамнишин [11, 486]; ҳамсафар- ҳамроҳ, шарики сафар; ҳамнафас-ҳамдам, дӯст, дӯсти наздик [11, 489]; ҳамсон ҳаммонанд, мисли ҳам [11, 492]; ҳамбар-баробар, қарин; монан д[11, 485]; ҳамроз- роздон, маҳрами асрор; ду нафаре, ки рози дили худро ба ҳам мегӯянд [11, 491] омадаанд:

Ҷуз уқобе, ки занад чарх ба арш,
Ку дар ин роҳи фаро ***ҳамсафаре****? [1, 87].*
То ба пойи худ дарояд ноилоҷ андар қафас,
То шавад бо ёри якто ***ҳамнафас*** *[1, 188].*
Ҳамдаму ҳамдили *дарё бошам,*
Бистари об кунад пинҳонам.
Мавҷи пуршӯр саропо бибарад
Шӯру гавгои ҷаҳон аз ҷонам [1, 237].
Ту наёбӣ ба хеш ***ҳамсоне****,*
Ман наёрам зи хеш бигрезам [1, 249].
Хоҳӣ осон шавӣ ту ***ҳамбари*** *ман,*
Сад дулар бар ту нест қимат ку [1, 333].
Маро, эй рӯди ***ҳамрозам****, беҳ аз ту ёру ёвар нест,*
Ки дар ман мешавӣ ҷорию таскин мекунӣ дардам [1, 336].

Адабиёт:

1. Аскар Ҳаким. Маҷмӯаи осор. Ҷ. 2. – Хуҷанд: Ношир, 217. – 426 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1985. – 358 с.
3. Ғиёсиддин Муҳаммади Ромпурӣ. Ғиёсуллуғот. Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
4. Ғиёсиддин, Муҳаммади Ромпурӣ. Ғиёсуллуғот. Ҷ.2. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология Фонетика Морфология. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 462 с.
6. Касимов О.Х. Лексика и словообразование в “Шахнаме” Абулкасима Фирдоуси. О.Х. Касимов. – Душанбе, 2016. – 348 с.
7. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. – Сталинобод: Нашриёти АУ Тоҷикистон, 1954.
8. Раҳматуллозода С.Р. Калимасозии исм. – Душанбе: Дониш, 2019. – 226 с.
9. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1972. – 76 с.
10. Рустамов Ш. Калимасозӣ дар исм. – Душанбе: Дониш, 1989. – 71 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008. – 945 с.
12. Хоркашев С. Р. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ. – Душанбе, 2014. – 106 с.
13. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби повести «Одина»-и С. Айнӣ. – Душанбе, 1973, –213с.

Калидвожаҳо: *калимасозӣ, роҳи морфологӣ, пасванд, маҳсулнокии унсурҳои калимасоз,адиб, исм.*

Аннотация

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ СУФФИКСА “ҲАМ–“ НА МАТЕРИАЛЕ ПОЭЗИИ А. ХАКИМА

Псевдонимы с таким же префиксом в поэзии современного таджикского поэта Аскара Хакима используются для определенных целей, в том числе для выражения стилистических нюансов. Поэт использует существительные, относящиеся как к личным, так и к неличным именам.

Ключевые слова: *словообразование, морфологический путь, суффикс, продуктивность словообразовательных элементов, писатель, существительное.*

Annotation

WORD-GENERATED SUFFIX “ҲАМ–“ BASED ON THE POETRY OF A. HAKIM

The pseudonyms with the same prefix in the poetry of the modern Tajik poet Askar Hakim are used for certain purposes, including to express stylistic nuances. The poet uses nouns that belong to both personal and non-personal names.

Keywords: *word formation, morphological path, suffix, productivity of word-forming elements, writer, noun.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Инатулоева Омина, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: профессор Раҳматуллозода С. Р.

Сведения об авторе: Инатулоева Омина, магистрантка второго курса факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: профессор Рахматуллозода С. Р.

About the author: Inatulloeva Omina, first-year master's student of the tajik philological faculty of the Tajik State Pedagogical University by named after Sadriddin Aini.

Scientific adviser: professor Rahmatullozoda S. R.

Мамарихимов Рустам Аликулович,
донишҷӯйи соли панҷуми факултети филологияи тоҷик

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ХАТТИ АРАБӢ

Хатҳои ҳамсадоии овозии Шарқ, ки ташаккулашон аз хатти оромист, ба чаҳор шаҷараи бузург тақсим мешаванд.

1. Шаҷараи ибронӣ.
2. Шаҷараи сурёнӣ, ки аз як навъи он хатти монавӣ ба вуҷуд омадааст.
3. Шаҷараи эронӣ.
4. Шаҷараи арабӣ [2, 25].

Ба назар мерасад, ки поёни қарни чаҳорум ва қарни панҷуми мелодӣ аз хатти набатӣ қабоили оромии шимол, шарқ ва ҷануби саҳрои Сино сарчашма гирифта бошад [3, 570].

Ҳар падида дорои замина ва сарчашмаи худ ба шумор меравад, аз ҳамин лиҳоз, ба ақидаи олимоне, ки дар боло зикр кардем, пайравӣ менамоем. Зеро аксари тазкираҳо пайдоиши хатти арабиро аз хатти набатӣ ва сомӣ номидаанд.

Хатти арабӣ, бевосита, аз хатти оромӣ пайдо нашудааст, балки пеш аз он бо номи хатти набатӣ маъруф буд, ки аз оромӣ ба вуҷуд омадааст. Набатиҳо мисли арабҳо мардуми сомӣ буда, дар қарни V қабл аз мелод аз Арабистон ба Фаластин кӯчиданд ва дар асри XI пеш аз мелод давлати калоне ташкил додаанд, ки ҷанубу шарқии Сурия, нимҷазираи Сино ва шимолу ғарбии Арабистонро дар бар мегирифт. Набатиҳо оҳиста-оҳиста забони оромиро қабул кардаанд. Дар овоили асри II мелодӣ Набатияро римиҳо забт кардаанд ва ин давлат аз байн рафт [2, 28].

Набатиҳо аҳвоми оромизабон буданд, ки дар шибҳи ҷазираи Сино, шимоли Арабистон ва шарқи Урдан мезистанд [3, 578].

Хатти набатӣ тахминан дар асрҳои II - I пеш аз мелод дар заминаи хатти оромии палмирӣ ба вуҷуд омада буд ва аввалҳо барои забони оромӣ истифода мешуд. Ва аз асри XIV инҷониб бо ин хат матнҳои арабӣ низ навишта шуд. Хатти набатӣ мисли хатти оромӣ дорои 22 ҳарф буд [2, 28].

Арабҳо то асри VII мелодӣ сохти ғуломдориро аз сар мегузаронидаанд. Баробари вусъати дини ислом, хатти арабӣ низ интишор ёфт. Ислом дини ягона ва хатту забони арабӣ, хатту забони ягонаи расмии тамоми қаламрави хилофати араб қарор гирифт. Ин тааҷҷубовар нест, зеро дар замонҳои қадим ва дар асрҳои миёна ин ё он хат баробари вусъату нуфузи ин ё он дин ривоҷ ёфта, паҳн шудааст. Хатти арабӣ пеш аз ислом дар асри VI аз хатти набатӣ шакл гирифта буд.

Алифбои қадими арабӣ аз 22 ҳарфи ҳамсадои бенуқта иборат буд ва садонокҳо навишта намешуданд. Баъдтар навишти баъзе ҳарфҳоро содатар карда, тағйир додаанд, чандин ҳарф ба якдигар монанд ва аз ҳарфҳои монанд панҷтоашро аз алифбо хориҷ кардаанд. Дар натиҷа 17 ҳарф бокӣ монд. Ин миқдор барои ифода ва сабки пурраи овозҳои забони арабӣ намерасид.

Барои аниқтар сабт кардани забон ёздаҳ ҳарфи нав илова карданд. Ин кор бо роҳи ба ҳарфҳои мавҷуд илова кардани нуқтаҳо ба амал омад. Бо роҳи нуқтагузории ҳарфҳои "то"". ""со", "ҷим", "хе", "зол", "зе", "шин", "зод", "изғӣ", "ғайн" ва "қоф" ба вуҷуд омадаанд [4, 62-63].

Чунонки мо тоҷикон аз таҷрибаи худ медонем, сабт нашудани садонокҳо боиси душвориҳои зиёде дар хондани хатти арабӣ гардидаанд. Калимаҳоеро, ки садоноки онҳо навишта нашудаанд, ба тарзҳои гуногун хондан мумкин аст. Масалан, калимаҳои دور ،بين، مهر меҳр-маҳр-муҳр, бин-байн, дур-давр ва ғайра. Душвории мазкур хусусан баъди қабули дини ислом ва зарурати аниқ сабт кардани калимаҳо дар Қуръони азимушаън бештар ба назар мерасид.

Қуръонро на танҳо халқҳои арабзабон, балки халқҳои дигар, ки арабиро намедонистанд, бояд мехонданд, ҳол он ки ба дигар забонҳо тарҷума ва тиловати он мамнӯъ буд. Барои рафъи душвориҳо ва ифодаи садонокҳои кӯтоҳ, аз як тараф, ҳарат-забар, зер, пеш (фатҳа, замма, касра)-ро ва аз тарафи дигар, барои ифодаи садоноки дарози о, ӯ, ӣ ҳарфҳои "алиф", "вов", "йо" - ро истифода мебурдагӣ шуданд.

Дар бораи он ки хатти арабӣ дар асри VI аз хатти набатӣ пайдо шудааст, то вақтҳои охир фикри олимони дунё як хел буд. Аммо соли 1968 дар маҷаллаи "Талош"- и чопи Техрон мақолаи забоншиноси маъруфи Эрон Рукниддини Ҳумоюнфаррух бо номи "Хати форсӣ" чоп шуд, ки фикри тамоми олимонро дар зери шубҳа гузошт. Муаллифи рисолаи мазкур собит карданӣ

шуд, ки "хати порсӣ решааш аз хутути эронӣ сарчашма гирифта ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҳамбастагию пайванде бо хати куфӣ ё маккӣ ва маданӣ ва дигар хутути сомӣ надорад".

Гарчанде баъзе далели муаллиф он қадар асоси илмӣ надорад, вале умуман фикрҳои ӯро сарфи назар низ нашояд. Муаллиф дар асоси навиштаҳои араб Ибни Надим, Ибни Халақон, Абуумари Даввонӣ, Ибни Халдун ба хулосаҳои зерин омадааст [2, 20].

Воқеан пайдоиши хатти мазкурро тамоми олимону муҳаққиқон бар он далолат мекунад, ки заминаи хатти арабӣ хатти набатӣ ба шумор меравад ва ин хат оилаи сомист. Дар баробари ин фикрҳои Ҳумоюнфаррухро муаллифони китоби “Хат ва пайдоиши он” рад карда, баъзеи онро, ки ба ақидаи эшон қобили қабул буд, иқтибос намудааст.

1. Арабҳо баъди ҳиҷрат соли 622 мелодӣ бо хат ошно шудаанд ва аз байни арабҳо нахустин касоне, ки хат омӯхтанд, Абусуфиён бинни Ҳарб, Умари Хаттоб ва чанде дигар буданд.

Вале ин далели муаллифи мазкур комилан ғалат аст, зеро сангнавиштаҳое, ки аз кишварҳои араб ёфт шудаанд, собит менамоянд, ки арабҳо пеш аз ислом низ хат доштанд ва бо он менавиштанд [2, 20].

2. Хатти форсӣ, ки ҳоло бо хатти арабӣ машҳур аст, аз тарафи эрониён ихтироъ шудааст. Муаллифи китоби "Забони тоҷикӣ" Ш Кабиров ва С. Анварӣ (Душанбе 2013, саҳ 36_37) чунин як далели ҷолиби диққатро овардаанд. Аз ҷумла, Ибни Халдун навиштааст: "Ҷумлаи улуми шаръия ва ақлия ва асҳоби фунун ва бадоеъ ҳамагӣ аз эрониҳо буданд ва бо собиқаи қадимӣ, ки онҳо дар тадвину таълифи улум ва китобҳо доштаанд, ихтирои ин хат (хатти насх) аз тарафи онҳо шудааст. Дар замонҳои аввали ислом муаллифон гарчи забонашон арабист, аммо ҳасбу насабашон эронист ва тарбияташон низ эронист.

Арабҳо ба иллати ин, ки мардумоне сода ва бадавӣ буданд, бад-ин ҷиҳат, аз фунун ва саноеъ бебаҳра будаанд. Дар замони Ҳорунаррашид барои сабту забти ҳадис ва ривоёту тафсир дар бораи онҳо ва таълими бештари улум эҳтиёҷи фавқуллода ҳис шуд. Саноеъ ва ҳикмат манбаи аслияш дар аввалзамон Форсу Ироқ ва Хуросону Мовароуннаҳр дар замони Даёлама (Дайламиҳо) буд ва дар замони онҳо наҳву луғат ва калом дар Эрон тараққии фавқуллода кард. Илми хат ҳам монанди дигар саноеъ буд ва ба ҳисоб намеомад.

Эрониҳо буданд, ки онро ба авҷи камол расониданд, монанди Иброҳим ва Юсуфи Сагзӣ ва Ибни Муқлаву Ибни Баввоб ва Валии Эронӣ, ки ҳамаи онҳо аз Эрон зуҳур карда буданд. Баъд аз мурури замон саноеъ аз Эрон ба Миср нуқл пайдо кард ва баъдҳо ба Рум рафта, дар он ҷо паҳн гашт" [1, 24].

3. Хати куфӣ нахустин бо хатти насх ва таълиқи форсӣ ҳеҷ муносибату қаробате надорад ва он ду хат аз хатҳои дигар ба вуҷуд омадаанд. Хатти куфӣ аз хатти сурёнӣ ибтидо гирифта бошад, эрониён хатти таълиқро дар асоси хатти пиромӯзи форсӣ эҷод кардаанд. Баъдтар Ибни Муқлаи Байзовӣ, ки аслан эронӣ буд ва ба Муҳаммад бинни Алии Форсӣ шуҳрат дошт, дар асоси хатти таълиқ хатти насхро ба вуҷуд овард. Азбаски Ибни Муқла вазири халифаи Аббосӣ-Ал-Муқтадирбиллоҳ буд, хатти эҷодкардаи ӯ ба зудӣ дар тамоми қаламрави хилофати Аббосиён интишор ёфта, хатҳои дигарро аз истифода баровард.

4. Хатти куфӣ бенуқта ва душворхон буд. Аммо хатҳои пиромӯз таълиқу насхи форсӣ мисли хатти монавӣ нуқта доштанд ва осонхон буданд.

5. Навъҳои шашгонаи хатти форсиро, ки Ибни Муқла ба вуҷуд овардааст ва ҳар кадомро барои соҳаи ҷудогона ихтисос дод, ба пайравии хатҳои замони Сосониёни Эрон аст, зеро арабҳо дар гузашта чунин таомуле надоштанд.

Дуруст аст, ки қувватдиҳандаи хатти ситта (шашгона) Ибни Муқла ба шумор меравад, аммо наметавон гуфт, ки маҳз аз ҳамин лиҳоз, ихтирои хатти арабӣ аз ҷониби эрониҳост.

Вале фикру ақидаҳои ин олим то имрӯз тарафдорони худро пайдо накардаанд. Ҳатто, муаллифони мақолаҳое, ки баъди он, дар Эрон навишта шудаанд, аз ин хусус чизе нагуфтаанд. Танҳо муаллифи китоби “Атласи хат” Ҳабибуллоҳи Фазоилӣ ба мақолаи Ҳумоюнфаррух таваққуф ва фикри ӯро рад карда бошад ҳам, далели тозае наовардааст ва фақат хати пиромӯзро, ки Ҳумоюнфаррух асоси хати таълиқ шуморидааст, хати "куфии шеваи эронӣ" номидаасту бас. Воқеан ҳам, то муайян шудани он, ки хатҳои пиромӯзу исфаҳонӣ чӣ хатте буданд, аз боби хатти форсии "соф" сухан гуфтан ва ба хулосаи қатъӣ омадан душвор аст [2, 21].

Қайд кардан ба маврид аст, ки Ҳумоюнфаррух ақидаҳои ҷолиби диққатро, ки то ҳол дигарон истифода набурдаро аз сарчашмаҳои арабӣ ба кори илмӣ дароварда бошад ҳам, мақолааш яктарафа ва бо майли хеле бузург ва аз ҳад зиёд нишон додани эрониён навишта

шудааст. Бинобар ин, ӯ гоҳе на дар асоси санадҳои таърихиву илмӣ, балки дар асоси далелҳои ақливу мантиқӣ хулосаҳои хешро мавриди истифода мебарад.

Мақолаи Ҳумоюнфаррух муҳаққиқони хатро ба ҷустуҷӯи нав ба нав водор месозад. Дуруст аст, ки муаллиф хатти "соф" будани куфиро рад накардааст, ӯ фақат аз куфӣ ба вуҷуд омадани дигар навъҳои хати арабӣ (хатҳои нуқтадори насх, таълиқ, настаълиқ ва монанди инҳо)- ро зери шубҳа гузоштааст. Барои исботи ин фикр фақат ба гуфтаи тазкиранависон такя намудан кам аст, ҳуҷҷату санадҳои раднопазир лозим аст [2, 21].

Чунонки дар боло зикр кардем, тамоми кишварҳои тобеи хилофат хатти арабиро қабул кардаанд. Мардуми ин кишварҳо барои ифодаи забони модарии худ ба он алифбо ҳарфҳои тоза илова кардаанд. Масалан, таърих гувоҳ аст, ки тоҷикону эрониён барои сабту навиштани овозҳои п, ч, ж ва ғ бо роҳи ба ҳарфҳои арабӣ илова кардани аломатҳову нуқтаҳо ҳуруфи нав сохтаанд. Дар натиҷа, ду шохаи хатти арабӣ ба вуҷуд омад, ки шохаи аввали он ғарбӣ: хатҳои форсӣ-тоҷикӣ, туркӣ, арабӣ, ки фарқияти онҳо хеле кам ба назар мерасад. Шохаи дигари он шохаи шарқӣ: пуштунӣ, покистонӣ, синтзянӣ, ки бо шаклу аломатҳои иловагии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Хатти арабӣ, агарчи ба забонҳои сомӣ мувофиқ бошад ҳам, барои сабти овозҳои дигар номувофиқ ва омӯхтанаш хеле душвор мебошад. Ба ҳамин сабаб аксарияти халқҳо аз он даст кашида хати лотиниро қабул намуданд. Масалан, туркҳо ва индонезиягиҳо бо хати лотинӣ гузаштанд, он халқҳои СССР, ки дар гузашта бо алифбои арабӣ менавиштанд, дар асоси алифбои русӣ хати худро сохтанд. Тоҷикон бошанд, соли 1930 дар заминаи алифбои лотинӣ ва соли 1940 дар асоси алифбои русӣ алифбои нави тоҷикиро қабул намуданд.

Хатти арабӣ барои сабти забонҳои ғайрисомӣ мувофиқ намеояд ва боз камбудиҳои дигар дорад, вале фазилатҳоеро молик мебошад, ки дар дигар хатҳо ба назар намерасад. Пеш аз ҳама, вай барои сабти забонҳои ҳамсадоӣ-фонемагӣ ба осонӣ мутобиқ мегардад. Сониян, хатти арабӣ аз ҷиҳати шеваи нигориш ниҳоят такмил ёфтааст ва хати арабӣ зич навишта мешавад [4, 22].

Аз ин рӯ, ва аз сабаби он ки садонокҳои кӯтоҳ дар хатти арабӣ ифода намешаванд, он ҷойи хеле камро ишғол менамояд. Масалан, як саҳифаи матни бо хатти лотинӣ навишташуда бо хатти арабӣ дар ним саҳифа ҷой мегирад ва сабту нигоришаш тезтар ба амал меояд. Ҳамчунин, ҳуруфи хатти арабӣ дар аввал, миёна ва охири калима шакли худро тағйир медиҳанд ва ин ҳам ҷараёни сабти нутқ ва ё матнро осон ва тез мегардонад.

Хатти арабӣ яке аз хатҳои маъмултарину машҳуртарин ба ҳисоб рафта, зиёда дар 20 кишвар истифода мешавад ва қариб 10 дарсади мардуми кураи замин бо ин хат менависанду мехонанд. Масалан, Миср, Ироқ, Қатар, Дубай, Марокаш, Арабистони Саудӣ, Эрон, Афғонистон, Лубнон ва ғайра [4, 63].

Хатти арабӣ навъҳои зиёд дорад, вале бояд таъкид кард, ки аксари ин навъҳо аз якдигар фақат бо хурд ё калон, борик ё паҳн навишта шуданашон фарқ мекунанд.

Баъзе навъҳои хатти арабӣ монанди сунбул, зулф, мушаҷҷар фақат чун воситаи ороиш ва зебу зиннат истифода мешуданд ва барои омма дастрасу хоно набуданд. Вале дигар навъҳои хатти арабӣ ба амсоли куфӣ, таълиқ, насх, настаълиқ, шикаста ва чанди дигар воқеан аз ҳамдигар тафовути куллӣ ва сабки нигориши хоссае доштанд. Ҳарчанде ки онҳо дорои ҳамон 28 ҳарфанд, вале услуби нигориши онҳо бо андозае фарқ мекунад, то андозае ки чашми ноошно ҳам бисёр тафовутҳоро метавон пай бурд.

Адабиёт:

1. Акобиров С. Аз таърихи пайдоиши хат. – Душанбе, 2017. – 36 с.
2. Афсаҳов А., Қаҳҳоров Ҳ. Хат ва пайдоиши он. – Душанбе: Маориф, 1994. – 47 с.
3. Ғуломалӣ Ҳ. О. Донишномаи ҷаҳони ислом. Ҷ. 15. – Техрон, 1390 ҳ. – 874 с.
4. Ибодулло А. Таърихи пайдоиши хат ва инкишофи он. – Душанбе, 2021. – 155 с.

Калидвожаҳо: *хатти арабӣ, сомӣ, оромӣ, набатӣ, хатти куфӣ, насх, пайдоиши хат, шаҷара, суриёнӣ, монавӣ, эронӣ ва арабӣ.*

Аннотация

ИСТОРИЯ ПРОИСХОТДЕНИЯ АРАБСКОЙ ПИСЬМЕННОСТИ

Арабская письменность имеет долгую историю, а исторические периоды были свидетелями ее неудачи и совершенствования. Конечно, ясно, что в этой графике в началӣном этапе не были точки, потому что букв, которые теперь отсутствуют, не существовало. Со

временем эта письменность почти заменила других древних писем. В частности, мы таджики до 1929 года писали свои стихи и трактаты именно на этой графике, однако из-за сложности его графической структуры мы постепенно отказались от этой графики.

Ключевые слова: *арабская каллиграфия, семитский, арамейская каллиграфия, куфи, насх, происхождение каллиграфии, сирийский, манихейский, иранский, арабский.*

Annotation

HISTORY OF THE ORIGIN OF ARABIC WRITING

The Arabic script has a long history in historical periods and has witnessed its failure and perfection. Of course, it is clear that this line did not have a full stop at the beginning, because the letters that are now missing did not exist. Over time, this line has almost replaced the lines of the universe. In particular, we Tajiks used to write our poems and documents until 1929. As its grammatical structure became more complex, we gradually abandoned this line.

Keywods: *arabic script Sami Aramaic nabata e an kufic script naskh origin of script genealogy syriac monavian Iranian and Arabic.*

Маълумот дар бораи муаллиф. Мамарихимов Рустам Аликулович, донишҷӯи соли панҷуми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Телефон: +992 902320216

Роҳбари илмӣ: дотсент Саидолим К. С.

Сведения об авторе: Мамарахимов Рустам Аликулович, студент 5 курса факультета таджикской филологии ТГПУ им. С. Айни. Телефон: +992 902320216

Научный руководитель: доцент Саидолим К. С.

About the author: Mamarahimov Rustam Alikulivich, 5 th year student of the Tajik Philological Faculty of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Phone: +992 902320216

Scientific leader: Saidolim K. S.

Давлатов Эраҷ Ҷонибекович,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

ТАҲЛИЛИ СОХТОРӢ ВА МАЪНОИИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ

Таснифоти номвожаҳои ҷуғрофӣ аз рӯйи қолабҳои сохтории забонӣ яке аз масъалаҳои асосиву муҳим дар соҳаи илми номшиносӣ маҳсуб меёбад. Роҷеъ ба ин масъала роҳу воситаҳои ба таҳқиқрасидаи донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ, ки дар бораи роҳҳову равишҳои таҳлилу таснифи номвожаҳои ҷуғрофӣ рӯйи кор омадаанд, такя гардида, мавриди бахрабардорӣ қарор дода шуданд.

Муссалам аст, ки номвожаҳои ҷуғрофӣ дар забоншиносӣ як қисмати исмҳои хосро фаро мегиранд. Бинобар ин, мутахассисони соҳа бояд ҳангоми таҳлилу таҳқиқи ин масъала хусусиятҳои зеринро ба инобат гиранд, ки аз ҷониби Р. Додихудоев тавсия гардидааст.

- сохт ва калимасозии номвожаҳои ҷуғрофӣ;
- хусусиятҳои фонетикии (овозии) номвожаҳо;
- хусусиятҳои морфологии номвожаҳо;
- семантика ва маънои аслии номвожаҳо (решашиносӣ);
- доираи истеъмоли таърихии номвожаҳо;
- алоқаи номвожаҳо ба ҳодисаҳои табиӣ-таърихӣ;
- муносибати номвожаҳо ва кӯчишу резиши гурӯҳои этникӣ;
- ҳудуд ва сабабҳои паҳншавии номвожа ва ё қисме аз он;
- пайдоиши номвожаҳо вобаста ба мифология ва дину ойини мардумон;
- сабабҳои аз байн рафтан ё кам истифода шудани номвожа, каммаҳсул шудани морфемаҳои он;
- сабабҳои иваз намудани ном ва аз нав номгузории маҳал [4, 5].

Ҳамин тавр, таҳлилу таҳқиқ ва таснифи сохториву граматикии номвожаҳои ҷуғрофӣ, пажӯҳиши сохтори морфологӣ ва граматикии онҳо, пеш аз ҳама муайян сохтани анҷомаҳои номсоз, пешванду пасвандҳо яке аз масъалаҳои асосии ташаккули номвожаҳо мебошад.

Дар шарҳу тавзеҳи масъалаҳои забоншиносии номвожаҳои ҷуғрофии мақолаи худ асоси таснифоти асарҳои илмии А. Л. Хромов (1975), Р. Х. Додихудоев (1992), Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ (2015), О. Маҳмадҷонов ба назар гирифта шудааст.

Мо дар мақола барои дастбандии сохтори граматикии номвожаҳои ҷуғрофии ноҳияи Варзоб чунин қолабҳои калимасозиро ба кор бурдем:

1. Тавассути аффиксҳо сохта шудани номвожаҳо;
2. Топонимҳои мураккаб;
3. Топоним-ибораҳо (номҳои ҷуғрофие, ки аз ибораҳои изофӣ ба вуҷуд омадаанд;
4. Номвожаҳои решагӣ.

Сохтори номвожаҳои ҷуғрофӣ ва таҳлили онҳо. Яке аз қисматҳои муҳим ва судманди забон таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои сохториву калимасозии номҳои ҷуғрофӣ маҳсуб меёбад. Дар ин масъала нақши ананавӣ ё суннатии номвожасозӣ, махсусан бо пешванду пасвандҳои номвожасоз, шаклҳои вожасозиву сохтории онҳо ба риштаи пажӯҳиш кашида мешавад.

Дар таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофӣ се усул таснифоти мавод маълум аст, ки иборатанд аз:

1) лексикӣ-семантикӣ;
2) структуравӣ-калимасозӣ;
3) лексикӣ-семантикӣ ва калимасозӣ.

Аз таҳлил ва барасии донишмандони соҳа ба мушоҳида мерасад, барои номвожаҳои ҷуғрофие, ки баромади онҳо мутааллиқ ба забонҳои эронианд, истифода аз усулҳои сохторӣ ва калимасозӣ, инҷунин анҷомавӣ ба мақсад бештар мувофиқи матлаб мебошад. Ин гуна усули дастабандӣ дар пажӯҳишҳои муҳаққиқони номшиноси тоҷик, дар мисоли А. Л. Хромов, Р. Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, С. Сулаймонов, Д. Ҳамидов, М. Шодиев, О. Маҳмадҷонов, Б. Тураев, А. Насриддиншоев ва дигарон, ки бо масъалаҳои омӯзиши номҳои ҷуғрофии минтақаҳои гуногуни ҷумҳуриамон сурат гирифтаанд, дида мешавад.

Дар таҳлилу таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофии дараи Варзоб мо низ кӯшиш кардем, ки аз усули истифоданамудаи донишмандони номбурда то ҷойи имкон ба кор барем.

1. Номвожаҳое, ки тавассути аффиксҳо ба вуҷуд омадаанд. Номвожаҳое, ки тавассути аффиксҳо ба вуҷуд омадаанд, яке аз навъҳои пурмаҳсул ва рушду густаришёфтаи номҳои ҷуғрофии минтақаҳои гуногуни кишварамон ба ҳисоб мераванд.

Аз ин ҷиҳат, чунин вижагӣ аз тарафи олимони соҳаи номшиносӣ таъкид шудааст. Ин гуна пасвандҳои номвожасоз дар маҳалҳои дараи Варзоб низ мавҷуданд. Аз маводи дар ихтиёрдошта маълум мешавад, ки бо пасвандҳо сохта шудани номвожаҳо дар Варзобдара низ ба назар мерасанд. Аз ин рӯ,

номвожаҳои ҷуғрофии бо пасвандҳо сохташуда, як бахши муайяни номҳои ин мавзеъро ташкил додаанд.

1) Номвожаҳои ҷуғрофӣ, ки тавассути пасвандҳо ба вуҷуд амадаанд. Ба воситаи пасвандҳои номвожасоз сохтани топониму микротопонимҳо дар забоншиносӣ, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ воситаи маъмулӣ мебошад. Ин падида дар номвожаҳои ҷуғрофии Варзоб низ ба мушоҳида мерасанд: бо пасвандҳои -ҳо ва -он. Дар забони тоҷикӣ ин пасвандҳо (-суфиксҳо) хусусияти шаклсози доранд ва асосан шакли ҷамъи исмҳо ва хурдиву навозишро месозанд. Пасванди -ҳо на ин дарзабони ҳозираи тоҷикӣ, балки дар таъриҳи забонҳои эронӣ хусусияти ҷамъсбзиро ичро намудааст. Аз ӣн ҷиҳат пасвандиҳо яке аз категорияҳои муҳими морфологӣ дар ин забонҳо маҳсуб меёбад. Аз нуқтаи назари таъриҳӣ пасванди-ҳо ҳам ба исмҳои ҷондор ва ҳам бечон истифода мешудааст ва имрӯз ҳам вазифаро ба ҷо меоварад.

Дар асоси маводи номвожаҳои ҷуғрофии мавзеи Варзоб пасвандҳои ба кор рафта хусусияти номсозӣ доранд ва ба таври зайл гурӯҳбандӣ шуданд:

а) бо пасванди-ҳо: Дараи Яғнобиҳо (дар гуфтори мардум дар шакли Дараи Яғнобиё ба кор меравад) номи деҳаест мутааллиқ ба ҷамоати Айнӣ ва дар дараи Харангон қарор дорад.

б) бо пасванди -ак: Шехак, Қӯлбедак, Ҷангалак -номи деҳаҳое мебошанд, ки яке (Шехак) ба ҷамоати Айнӣ ва Ҷангалак ба ҷамоати Чорбоғ дохил мешаванд. Деҳаи Ҷангалак дар самти рости дарёи Варзоб қарор дорад.

в) бо суфикси -зор: Дашти Хорзор-деҳаи навбунёд буда, дар даҳсолаи охир ба вуҷуд омада, ба ҷамоати Айнӣ марбут аст.

Чуноне аз номи ин номвожаҳои ҷуғрофи ба назар мерасад, онҳо аз ибораҳои изофии исмӣ ва исм ба вуҷуд омадаанд:

1) исм+исм+пасванд:

2) исм+пасванд: ҷангал+ак; шех+ак; қул+бед+ак:

3) исм+бандаки изофӣ+исм+пасванд: дара+и Яғнобӣ+ҳо, дашт+и хор+зор

Пасванди-ак таъриҳи қадима дошта, дар даврахои гуногуни ташккул ва таҳаввули забони тоҷикӣ ба дигаргуниҳо дучор нагардидааст ва дар шакли бунёдӣ омада расидааст, ки дар забон нақши муҳим дошта ҳам хусусияти шаклсозӣ ва ҳам калимасозӣ дорад. Масалан, ин пасванд аз назари таъриҳӣ тасвир шудааст, ки дар сохтани калимаҳои гуногун, бавижа номвожасозии ҷуғрофӣ ҳам пур маҳсул аст: п.қ.-ак-п.м.-ак -п.н.-ак [6, 29]. Аз ин ҷо маълум мешавад, дар се давраи таътихйи забонҳои эронӣ-забонҳои форсии қадим, миёна ва нав ин пасванд ва тағироте рӯ ба рӯ нашудааст.

4) сифат+исм+пасванд: сафед+дор+ак.

Ин номвожаи ҷугрофӣ дар шакли Сафедорак дар гуфтори мардуми ин мавзеъ талаффуз меёбад, яъне як овоз, ҳамсадои ҷарангдор ва нӯгизабонии “д” ихтисор мешавад. Шакли дурусти ин калима Сафеддорак аст, ки аз се ҷузъ ду ҷузъи мустақилмаъно ва як ҷузъи ёрирасон таркиб ёфтааст.

Пасванди-зор ҳам яке аз формантҳои пурмаҳсули номсозе аст ва бештар ба мавзеъ ва ё макону ҷое далолат мекунад, ки дар он ҷо ин ё он навъи гиёҳу растанӣ ё ашёе фаровон аст. Пасванди-зор низ мисли суффикси-ак бунёди қадима дорад ва то ба ҳол дар забони тоҷикӣ асолати худро бидуни тағйирот нигоҳ доштааст, ки дар асари муҳаққиқи рус В.С.Растолргуева дар ин бора маълумот ироа гардида, шаклҳои забонҳои форсии бостон ва миёнаи он ба сурати зайл оварда шудаанд: п.қ. -гаг-п.м. -2аг-п.н. гаг [6, 30].

2) Номвожаҳои ҷуғрофӣ, ки ба воситаи, пешвандҳои номсоз таркиб ёфтаанд. Маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ тавассути пешванду пасвандҳо (суффиксу преффиксҳо) сохта шудани номвожаҳои ҷуғрофӣ раванди маълум аст. Албатта, нақши пасвандҳои номсоз аз пешвандҳои номсоз дида бештар ба мушоҳида мерасад. Бо назардошти ин дар номи вожаҳои ҷуғрофии минтақаи Варзоб баъзе номвожаҳое мавҷуд аст, ки ба воситаи пешванд ба вуҷуд омадаанд. Лозим ба ёдоварист, ки чунин ндвъи номвожаҳои ҷуғрофии мавзеъҳои Варзоб хеле кам вомехӯрад. Дар мавбди дар ихтиёрдошта танҳо номи як деҳа Беғар мавҷуд аст.

Деҳаи Беғар мутааллиқ ба ҷамоати Варзоб қалъа буда, аз ҷониби рости дарёи Варзоб ҷой гирифтааст. Номвожаи мавриди таҳқиқ аз пешванди бе- ва калимаи ғар сохта шудааст. Маънои бе- барои мардуми тоҷик маълум аст ва шарҳу эзоҳи зиёдати намехоҳад. Вале калимаи ғар шарҳу эзоҳ мехоҳад, чунки мардуми тоҷик ба маънои он сарфаҳм намераванд ва онро ба мафҳуми дигар мефаҳманд, ки он ба номвожаҳои ҷуғрофӣ хос нест. Вожаи ғар суғдӣ буда,маънои “кӯҳ”-ро дорад,ки дар ин бора ниғарандаи ин сатрҳо дар як мақолаи худ шарҳи бисёр ба тафсил додааст [5, 37-47].

Дар ин масъала С. Мирзоев бисёр суханҳои ҷолиб ғуфта, андешаи худро чунин баён намудааст, ки хеле бамаврид ва барои аҳли илм судманд аст: «Дар маҷмӯъ номвожаи «Бекӯҳ» дорои маънои «бекӯҳ» (мавзеест, ки кӯҳ нодорад) мебошад. Дар ҳақиқат, мавзеи ҷуғрофии деҳа ба номаш сад дар сад аз ҷиҳати ҷойғиршавӣ мувофиқат мекунад. Деҳа дар бағали теппа ва тепачаҳои бекӯҳқарор дорад. Албатта, баъзе шахсони аз тахрихи илми забоншиносӣ бехабар ва ноғоҳ ба ин номвожаи ҷуғрофӣ этимологияи эҳтимолӣ(ғайри илмӣ) дода, мардум ва аҳли илмро ба ғумроҳӣ ҳидоят мекунанд, ки ин амри судманд нест» [5, 41].

2. Номвожаҳои ҷуғрофии сохти мураккабдошта. Номвожаҳои ҷуғрофиимураккаби дараи Варзоб аз навъҳои диғар дида зиёдтаранд. Ин бахши номвожаҳои Варзоб аз ниғоҳи сохтор ва таркиби морфологӣ мураккабанд. Ба ин қисмат донишмандон номвожаҳоеро дохил намуданд, ки дар асоси ду ва ё зиёда

ҷузъҳои мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд.

Дар асоси маводи номҳои ҷуғрофии Варзоб онҳоро метавон ба чунин ғурӯҳо табақабандӣ кард:

1) исм+исм: Девдара (деҳа), Санғхок, Деҳмалик, Широтола, Ширтуғай, Гароб (аслан Ғароп).

2) исм+асоси замони ҳозираи феъл: Косатарош. Теъдоди чунин навъҳои топонимӣ зиёд нест. Аз маводи дар ихтиёрдошта маълум шуд, ки танҳо як номвожаи ҷуғрофии ба ин бахш тааллукдошта мавҷуд будааст.

3) шумора+исм: Чорбоғ, Чорбед, Чормағзакон, Яккачағуз, Панҷхок.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин хели номвожаҳои ҷуғрофӣ шумора асосан вазифаи муайянкунандаро ба ҷо оварда, пеш аз исм, яъне муайяншаванда омадаанд. Чунин шакли калимасозии номвожаҳои ҷуғрофӣ хеле маъмул буда, дорои ҷудоғонаи номи деҳаҳо мебошанд.

4) Сифат+исм: Кӯктеппа. Мавзеи сукунатие мебошад, ки асосан дар он деҳа яғнобиҳо зиндагӣ мекунанд. Дар ғузашта ин мавзеъ чароғоҳи тобистонаи туркнажодҳо будааст ва дар он ҷо теппачаҳои хокашон кабудранг мавҷуд аст, аз ин сабаб ӯзбекҳо ин мавзеъро аз рӯйи хусусияти ҷуғрофиаш номгузори кардаанд. Бо эҳтимол дар гузашта ин ном дар шакли тоҷикии Кабудхок буда ва баъдан шакли туркишудаи онро қабул кардабошанд.

Инчуни номвожаҳои ҷугрофии мураккаб на танҳо дар заминаи ду ҷузъи мустақилмаъно, балки тавассути пешванду пасвандҳо низ таркиб ёфтаанд. Дар ташкил ёфтани чунин қолаби калимасозӣ ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва пасвандҳои номвожасози -а, -ак, -ҳо низ нақши боарзиш доранд:

1) исм+исм+а: Гӯрраҳа (гӯр+раҳ+а), дар гуфтори мардум як овози “Р” ихтисор шуда, дар шакли Гӯраҳа талаффуз мешавад; Дӯғоба (дӯғ+об+а).

2) Номвожаҳои мураккабе, ки бо пасвандҳои-ак ва -он таркиб ёфтаанд. Ба инқисмат номвожаи ҷуғрофии Чормағзакон-ро метавон дохил кард, ки аз шумора, исм ва пасвандҳои -ак ва-он ба вуҷуд омадааст. Ба ин ном дар ноҳияи Варзоб ду деҳа вуҷуд дорад, яке ба тоҷикон ва дигаре ба ӯзбекҳо тааллуқ дорад ва бо номҳои номҳои Чормағзакони тоҷико ва Чормағзакони ӯзбеко маъруфият доранд.

3) сифат+исм+ак: Сафедорак//Сафеддорак. Шакли саҳеҳи ин номвожаи ҷуғрофӣ Сафеддорак аст ва сафед (номи яке аз навъҳои ранг), дар “номи шахс, кӯҳ”ва пасванди-ак сохта шудааст. Ин ном на аз дарахти сафеддор, чуноне бархе аз бошандагонаш шарҳ медиҳанд, балки аз дори ранги сафеддошта, ки дар рӯ ба рӯйи ин деҳа қарор дорад, берун омадааст. Мутаассифона, номи ин дарараро бо унвони Сафеддара номгузорӣ кардаанд, ки ба ин маъно ҳеҷ робитае надорад ва ғалат аст. Чунки ин дара сафед нест.

3. Номвожаҳои ҷуғрофие, ки аз ибораҳо таркиб ёфтаанд. Ба ин гурӯҳи номвожаҳои ҷуғрофӣ метавон номи деҳаҳоеро ворид қард, ки аз ду ва ё бештар унсурҳои номсоз ба вуҷуд омадаанд. Ин хели топонимҳоро донишмандони номшинос, ба таври дигар номвожаҳои ҷуғрофии таркибӣ ва ё бисёрҷузъа номидаанд. Ба хотири он ки ин навъи номвожаҳои ҷуҷғорфӣ бар пояи қолабҳои синтаксисӣ ба вуҷуд меоянд аз ин ҷиҳат онҳоро топоним-ибораҳо низ қаламдод намудаанд.

Дар минтақаи Варзоб ҳам, чун минтақаҳои дигар номи деҳаҳое мавҷуд аст, ки аз топоним-ибораҳо сохта шудаанд. Бештари донишмандони номшинос ба вуҷуд омадани чунин навъи номвожаҳои ҷуғрофиро ба вижагиҳои дастурии гурӯҳи забонҳои эронӣ алоқаманд кардаанд. Яке аз муҳаққиқони номшинос Ҷ. Алимӣ ташаккули топонимибораҳоро дар забони тоҷикӣ ба чунин омилҳо мансуб медонад:

- робитаи байни ҷузъҳои номвожаҳо ба воситаи бандаки изофӣ сурат гирифтааст;
- дар топоним-ибораҳо мавқеи ҷузъҳо ҳамеша устувор мебошад;
- ҳар як ҷузъи топоним-ибора задаи худро дорад [Алимӣ 1995, 28].

Маълум аст, ки ин навъи номвожаҳои ҷуғрофӣ аз таркибҳои аз ду ва ё зиёда ҷузъдошта иборатанд ва тавассути бандаки изофӣ (-и), инчунин дар пояи қолабҳои иборасозии забони муосири тоҷикӣ ташаккул ёфтаанд. Дар минтақаи Варзоб ҳам чанд номвожаи ҷуғрофие ба мушоҳида мерасад, ки дар шакли ибораҳо ба вуҷуд омадаанд. Бо вуҷуди он ки шумораи онҳо зиёд ҳам набошанд, метавон онҳоро аз ҷиҳати мансубияти забонии ҷузъҳояшон ва тарзи ташаккулёбиашон ба чанд бахш дастбандӣ кард:

Лозим ба зикр аст, ки бархе аз ин номвожаҳои ҷуғрофӣ дар гӯйиши мардумони ин минтақа, дар шкли калимаи мураккаб талаффуз мешаванд. Масалан, барои осон талаффуз кардан Дараи фонӣ ба сурати Дарафонӣ ба кор меравад. Чуноне ба назар мерасад, дар инҷо бандаки изофӣ ихтисор ғардида, ки ин яке аз хусусиятҳои қолаби калимасозӣ дар забони тоҷикӣ мебошад. Яъне мешавад баъзе аз калимаҳоро ҳам дар шакли ибора ва ҳам ба сурати вожаи мураккаб истифода кард. Албатта, тарзи ба вуҷуд омадани калимаҳои мураккаб аз ибораҳои изофӣ ғуноғун аст. Агар як бахши калимаҳои мураккаб ба монанди Сарикутал, Лабиғор танҳо ба воситаи бандаки изофӣ (-и) корбаст ғардида бошанд, шумораи диғари чунин навъҳои номҳои ҷуғрофӣ ё ғайриҷуғрофӣ бо ёрии пасвандҳо низ сохта мешаванд, ки дар маводи мо ин гуна макротопонимҳо ба мушоҳида намерасад.

5. Номвожаҳои ҷуғрофие, ки тавассути бандаки изофӣ бо ҳам алоқаманд гардидаанд ва аз яқчанд ҷузъи омехта ташаккул ёфтаанд. Ин навъи номвожаҳо дар минтақаи Варзоб хеле қам ба мушоҳида мерасад. Масалан, Хоҷа оби гарм маконӣ зист, номи деҳа, чащкаи гарму шифобахш, ки номи деҳа ҳам аз номи ҳамин чашма ба вуҷуд омадааст. Аз ҷиҳати баромад ҳамаи калимаҳои таркиби номвожаи ҷуғрофии мавриди пажӯҳиш асолати тоҷикӣ доранд, ки маънои онҳо ҳам барои мардуми тоҷик маълуманд ва ба ҳеҷ шарҳу эзоҳи зиёдатӣ эҳтиёҷ надоранд…

Адабиёт:
1. Герценберг Л. Г., Додихудоев Р. Х. Таърихи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1983. – 168 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
3. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 447 с.
4. Мирзозода С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Анҷумани Деваштич, 2008. – 279 с.
5. Маҳмадҷонов О. Таҳқиқи таърихӣ-забоншиносии топонимҳои водии Ҳисори Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – 346 с.
6. Расторгуева В. С Опыт ь сравнительно-историческая грамматика западномранских языков. Фонология. – Москва, 1990. – 353 с.

Калидвожаҳо: *Варзоб, номвожаҳои ҷуғрофӣ, Сафедорак, деҳаи Беғарф, дараи Яғнобиҳо, Харангон, ҷамоати Чорбоғ, деҳаи Косатарош.*

Аннотация

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ НАЗВАНИЙ ВАРЗОБСКОГО РАЙОНА

Классификация географическиҳ названий по структурным языковым образцам - один из основных и важных вопросов в области ономастики. В связи с этим были использованы и введены в действие изученные зарубежными и отечественными учеными способы и средства анализа и классификации географических названий. Очевидно, что географические названия в лингвистике включают частъ имен собственных. Поэтому специалисты в данной области должны учитыватъ некоторые особенности, рекомендованные Р. Додихудоевым, при анализе и исследовании этого вопроса.

Ключевые слова: *Варзоб, географические названия, Сафедорак, село Беґарф, Ягнобская долина, Харангон, джамоат Чорбог, село Косатарош.*

Annotation

STRUCTURAL AND SEMANTIC ANALYSIS OF GEOGRAPHICAL NAMES OF VARZOB DISTRICT

Classification of geographical names according to structural language patterns is one of the main and important issues in the field of nomenclature. In the regard, the ways and means researched by foreign and domestic scholars on the ways and means of analysis and classification of geographical names were used and put into operation. It is obvious that geographical names in linguistics inclube a part of proper nouns. Therefore, experts in the field should take into account the following features, recommended by R. Dodikhudoev, when analyzing and restarching this issue.

Keywords: *Varzob, geographical names, Safedorak, Begarf village, Yagnobi valley, Harangon, Kosatarosh village.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатов Эраҷ Ҷонибекович, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Суроғa: ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Гулбоғ. Тел.: +992 988004358

Роҳбари илмӣ: профессор Муҳаммадҷонзода О.

Сведения об авторе: Давлатов Эрадж Джонибекович, магистрант второго курса факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Адрес: Варзобский район, джамоат Чорбог, село Гулбог. Тел.: +992 988004358

Научный руководитель: профессор Мухаммаджонзода О.

About the author: Davlatov Eraj Jonibekovich, is a first-year master's student at the Tajik Philology Faculty of Tajik State University named after S. Ayni. Adress: Varzob district, Chorbogh jamoat, Gulbogh village. Tel: +992 988004358

Scientific adviser: professor Muhammadjonzoda O.

Саломиён Сомон,
магистранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ ЗАБОНИ ЧИНӢ
(таҳлили типологӣ-муқоисавӣ)

Дар замони муосири рушди илмҳои лингвистӣ зимни таҳлили ин ва ё он зуҳуроти забони алоҳида таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ бештар ба таҳлилу баррасии муносибатҳои типологӣ равона мегардад. Дар ин росто, таҳлили баъзе вижагиҳои морфологии забони чинӣ барои забоншиносии муосири тоҷик дорои аҳамияти муҳими назариявию амалӣ мебошад. Маврид ба таъкид аст, ки дар замони истиқлолият муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷумҳурии халқии Хитой хеле густариш ёфт. Ин боиси он гардид, ки забони чинӣ дар кишвари мо то андозае роиҷ гардад. Ҳамзамон, Ҷумҳурии халқии Хитой ба ҳайси яке аз кишварҳои тараққикарда дар кишвари мо мавқеи хосе касб кард, ки ин боиси он гардид, ки ба омӯзиши забони чинӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Имрӯз, ки ин забон аз ҷониби шаҳрвандони тоҷик мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани паҳлуҳои гуногуни луғавию грамматикии он аз аҳамияти холӣ нест.

Азбаски забони чинӣ яке аз забонҳои қадимаи ҷаҳон аст, дар раванди рушди илми забоншиносӣ ба таҳлилу таҳқиқи он олимону донишмандони зиёде таваҷҷуҳ зоҳир карда, вижагиҳои хоси ин забонро ба риштаи таҳлилу таҳқиқи илмӣ кашидаанд.

Ҳамзамон, таҳлилу баррасии забони чинӣ дар асоси назарияҳои типологӣ боиси пеш омадани яке аз паҳлуҳои муҳими зарурияти таҳқиқотҳои илмӣ дар забоншиносии кунунӣ гардидааст. Зеро забони чинӣ ба ҳайси яке аз забонҳои қадимаи дунё бо тамоми системаи фарогирифтаи луғавию фонетикӣ ва морфологию синтаксисии худ аз мушкилтарин забонҳои ҷаҳон ба шумор меравад.

Низоми морфологии забони чинӣ низ чун дигар қабатҳои лингвистии он басо мураккаб ва серпаҳлу буда, дорои вижагиҳои хоси грамматикӣ аст. Дар тӯли таърих ин забон бо вуҷуди нигоҳ доштани низоми умумии луғавию грамматикии худ вобаста ба густаришаш дар дохили мамлакат ва берун аз он дорои лаҳҷаю гӯйишҳои гуногун гардидааст. Бо вуҷуди ин дар тамоми гӯшаву канори ин кишвари паҳновар барои нигоҳдории низоми ягона ва умумии истифодаи забон аз ҷониби мардум забони меъёр амал мекунад, ки ин боиси мондагории забони чинӣ дар ин сарзамин гардидааст.

Раванди ташаккулёбии сохтори морфологию грамматикии забонҳои дунё таърихи дуру дарозеро паси сар кардааст. Ҳар як забон дар як давраи муайяни таърихӣ як сохтори муайянеро пазируфта, дар раванди инкишофи таърихӣ вобаста ба ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ ва бархӯрд бо тамаддуну фарҳангҳои гуногун ё аз байн меравад ё ба тағйирот дучор мешавад ва ё сохтори таърихию мондагории худро ҳифз менамояд. Маҳз чунин омилҳо боиси он гардидаанд, ки муҳаққиқон доир ба таснифоти забонҳои дунё таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва барои муайян кардани онҳо корҳои илмию таҳқиқотии зиёдеро таҳия кунанд ва баҳсҳои илмии зиёдеро ба анҷом расонанд. Дар ин маврид дар китоби «Лингвистический энциклопедический словарь» (минбаъд ЛЭС) ба таври васеъ маълумот дода шудааст [ниг. ба саҳ. 228].

Масъалаи баррасии таснифоти морфологии забони чинӣ аз ҷониби муҳаққиқони зиёде мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки забони чинӣ вижагии моносилабикӣ дорад. “Моносилабизм (аз юнонии monos – як ва syllbe - ҳиҷо) якҳиҷоӣ дорои якҳиҷо будани таркиби калимаҳои ягон забон аст. Дар ин гурӯҳ забонҳо зада ва тартиби доимии калима дар ҷумла муҳим дониста мешавад.Одатан ин аломатҳои сохторӣ на барои генеалогӣ, балки барои таснифоти типологӣ асос ба шумор мераванд. Моносилабизм барои аксари забонҳои чинӣ-тибетӣ, аз ҷумла забони чинӣ хос аст” [ЛЭС 2002, с. 310].

Моносиллабизм одатан хусусияти аз ҳама хостари забонҳои ҷудошудаи ин гурӯҳҳо ҳисобида мешавад. Калимаҳои монослабикӣ дар забони чинӣ бо мукаммалии грамматикӣ тавсиф мешаванд Н.В. Солнсева дар ин маврид чунин таъкид кардааст: “Дар забони чинӣ калимаҳо мувофиқи хосиятҳои грамматикии онҳо (асосан аз рӯи табиати мутобиқати грамматикӣ бо ҳам ва бо унсурҳои гуногуни расмӣ) тибқи синфҳои грамматикӣ – ҳисаҳои нутқ, тақсим карда мешаванд [5, 103].

Дар асоси таснифоти морфологӣ, меъёри адабии талаффуз ё путонхуаи муосир бояд, албатта, ҳамчун забон бо бартарии ҷудо будан тасниф карда шавад: муносибатҳо дар ҳукм

баробар ба ташаккули шаклҳо дар забонҳои аврупоӣ (ҷинсият, шумора, ҳолат ва ғайра) танҳо бо фармоиши калимаҳо ифода мешаванд ва якчанд аффиксҳо барои ташаккули воҳидҳои сатҳи синтаксикӣ меъёр нестанд (ҳукм ба аффиксҳои "了 le， 过 guo， 着 zhe" бо контексти сатҳи болотар назорат карда мешавад) муқаррарӣ нест. Гарчанде ки аз ҷониби дигар, шумораи афзояндаи аффиксҳо, ки ногузир формативӣ мешаванд, ба баъзе олимон имкон дод, ки дар бораи чиниҳо бо аломатҳои агглютинатсия иктифо кунанд.

Бо В.А. Курдюмов бо он розӣ шудан мумкин нест, ки дар забони чинӣ намунаҳои формативӣ аст, вале агглитсияи ҳосилавӣ бо истифодаи аффикс-пасоянд мавҷуданд: ин маҷмуаҳои навъи 浪 漫 住 主义 者 们 lang man zhu yi zhe men мебошанд, 共 产主 义 者 们 gòng chǎn zhǔ yì zhe men "коммунист" мебошанд (共 产 реша + суффикси 主义 zhuyi + суффикс 者 zhe + суффикси формативӣ 们 мардум) аст (Курдюмов 2005, с. 230).

Дар забони чинӣ калимаҳои мураккаб ва калимаҳое, ки дар таркиби худ аффиксҳоро қабул қабул мекунанд, ҳастанд.

Масалан, агар форматсияҳои 火车 huoche “қатор” калимаҳои мураккаб ҳисобида шаванд, мо бояд ҳатман ҷузъҳои таркиби калимаро муайян намоем. Аз ин рӯ, мувофиқи таърифи қабулшуда, 火huo ва 车che- ро ҳамчун як қисми калима донистан мумкин аст.

Ғайр аз он, аз калимаҳои 车子 che zi “ҷузъи вагон ”子 zi аффикс аст, ҷузъи 子 zi ва ҳамроҳ бо он ҳатман бояд ҳамчун ба истилоҳ реша муайян карда шавад.

Солнтсев В.М. нуктаҳои зеринро қайд мекунад: агар мо эътироф кунем, ки феъли чинӣ ҷуфти мушаххас дорад ва масалан, шаклҳои 看 kan, 看着 kan zhe, 看了 kan le, 看过 kan guo шаклҳои мухталифи ҳамон калимаро бо маънои “тамошо кардан” ифода мекунанд.

Қобилияти морфемаҳо барои «барқароршавӣ» ҳамчун калимаҳо зуҳуроти хоси забони хитоӣ буда, ду шаклҳои мавҷудияти калимаҳоро муайян мекунад: монослабикӣ ва бисмилликӣ. Дар ин масъала Солнтсев В.М. мисолҳои зеринро медиҳад: 眼 ян ва 眼睛 ян ҷинг “чашм”, 火 хуо ва 火车 хуо че “вагон”. Чунин ҷуфтҳо одатан синонимҳои мукаммал мебошанд.

Ҳамин тариқ, барчастатарин намунаи нишондиҳандаҳои агглютинативӣ дар забони чинӣ ин пасвандҳои муваққатии 了 le， 过 guo， 着 zhe мебошад:

去 巴黎 的 时候， 我们 参加 了 各种各样 的 名胜古迹。 Qu Bali de shi hou, wo men can jia le ge zhong ge yang de ming sheng guji. "Вақте ки мо дар Париж будем, мо аз ҷойҳои ёдгориҳои гуногун боздид кардем."

父亲 有 很不 好的 毛病 ： 他 吃着 饭 看 报纸。fu qin you heng bu hao de mao bin: ta chi zhe fan kan baozhi. "Падар одати хеле бад дорад: ҳангоми хӯрокхӯрӣ рӯзнома мехонад."

他 一次 也 没 找 过 我 。Ta yi ci ye mei zhao guo wo. "Вай якбор ҳам маро ҷустуҷӯ накардааст."

пасванди тарзи ғайри фаъол барои феълҳои ҳаракат- самти 起来 qilai:

马克萨特 进来 了 屋子 里 的 时候 大家 笑 起来 了。 ma ke jin lai le wuzi li de shi hou dajia xiao qilai le. "Вақте ки Макс ба ҳуҷра даромад, ҳама хандиданд".

Пешванди давомнокии амал 在 zai:

今天 玛丽亚 不能 给 您 打 个 电话， 她 在 工作ji tian Maliya bu neng gei nin da ge dian hua, ta zai gong zuo. "Имрӯз Малия ба шумо занг зада наметавонад, ҳоло кор карда истодааст."

Нишондиҳандаҳои зиёди исмҳои намоишӣ 些 xie:

这里 所说 的 一些 看法 我 不 同意。 Zheli suo shuo de yi xie kanfa wo bu tong yi. "Ман бо баъзе андешаҳое, ки дар ин ҷо баён шудаанд, розӣ нестам."

Нишондиҳандаи 第di:

请 给 我 第三 本书。 Qing gei wo disan ben shu. "Лутфан ин китоби сеюмро ба ман деҳ."

Хулоса, забони чинӣ бо вижагиҳои хоси лингвистии худ дар тӯли садсолаҳо тавонистааст, ки сохтори луғавию морфологии худро ҳифз кунад ва бо сохтори устувору мукаммалгардидааш барои барандагони худ хидмат намояд. Таҳлилу баррасии васеъ ва комили хусусиятҳои лексикию морфологӣ ва синтаксии забони чинӣ барои боз ҳам бештар аз худ кардани ин забон мусоидат карда метавонад.

Адабиёт:

1. Горелов В. И. Теоретическая грамматика китайского языка. – М., 1989.
2. Горелов В. И. Теоретическая грамматика современного китайского языка. – М., 1957.
3. Курдюмов В. А. Курс китайского языка. Теоретическая грамматика. – М.: ФИТАДЕЛЬ - ТРЕЙД; ЛАДА, 2005.
4. Рождественский Ю. В. Типология слова. – М., 1969.
5. Солнцева Н. В. Куда идет китайский язык? - Китайское языкознание: Изолирующие языки: IX Международная конференфия: Материалы. – М., 1998.
6. Солнцева Н. В. Некоторые вопросы неологизмов. - Китайское языкознание: Изолирующие языки: IX Международная конференфия: Материалы. – М., 2002. – 231 с.
7. Языкознание. Большой энциклопедический словарь / Гл. ред. В.Н. Ярфева.2-е изд. – М.: Большая Российская энфиклопедия, 1998. – 685 с
8. Яхонтов С. Е. Китайско-тибетские языки. – М.: Лингвистический энциклопедический словарь, 1990.

Калидвожаҳо: *забон, забони чинӣ, таснифот, калима, морфология, синтаксис, аффикс, реша, асос, силлабизм, моносиллабизм.*

Аннотация

НЕКОТОРЫЕ МОРФОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ КИТАЙСКОГО ЯЗЫКА

(сравнительно-типологический анализ)

В данной статье рассматриваются некоторые морфологические вопросы китайского языка и анализируются особенности слов на основе грамматических норм китайского языка.

Ключевые слова: *язык, китайский язык, классификация, слово, морфология, синтаксис, афикс, корень, основа, силлабизм, моносиллабизм.*

SOME MORPHOLOGICAL FEATURES OF THE CHINESE LANGUAGE

(typological-comparative analysis)

This article discusses some morphological issues of the Chinese language and analyzes the features of words based on the grammatical norms of the Chinese language.

Keywords: *language, Chinese, classification, words, morphology, syntax, affix, root, stems, syllabism, monosyllabism.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саломиён Сомон, магистранти соли дуюми ихтисоси хитой-тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.:+992 933146862

Роҳбари илмӣ: Талабов Т.

Сведения об авторе: Саломиён Сомон, магистрант второго курса китайско-таджикского отделения ТНУ, 734025, Душанбе, прспект Рудаки 17. Тел.:+992 933146862

Научный руководитель: Талабов Т.

About the author: Salomiyon Somon, second-year master's student of the Chinese-Tajik specialty at the National University of Tajikistan, 17 Rudaki Ave., Dushanbe, 734025. Tel.: +992 933146862

Scientific director: Talabov T.

Юсупов Алишер Убайдуллоевич,
донишҷӯйи соли панҷуми факултети филологияи тоҷик

ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ҶОНИШИНҲО ДАР ПОВЕСТИ «СИТОРАҲОИ САРИ ТАНУР»-И САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ

Дар забонҳои қадимаи эронӣ агар ҷонишинҳо ба ҳолатҳо, се шумора ва се шахс тасриф шуда, ба хелҳои шахсӣ, ишоратӣ, саволии номуайянӣ, нисбиву энклитикӣ тақсим мешуданд, пас дар давраи миёнаи инкишофи забонҳои эронӣ системаи ҷонишинҳо комилан ба тағйирот рӯ ба рӯ гардида ва минбаъд дар забони адабии тоҷик вазифаи онҳо мушаххас гашт [6, 48].

Ҷонишин ба гурӯҳи ҳиссаҳои номии нутқ мансуб бошад ҳам, аз дигар калимаҳои ин гурӯҳ аз ҷиҳати маъно ва хусусиятҳои грамматикӣ фарқ мекунад. Ҷонишин предмет ва аломати онро бевосита ифода намекунад, балки ба онҳо танҳо ишорат менамояд. Чунончи, предмети алоҳидае бо номи ин вуҷуд надорад, вале ҳангоми зарурат ҳама гуна исмҳо бо ҷонишпни **ин** иваз шуда ва ё бо он ишорат ёфта метавонанд [1, 126].

Ҷонишин одатан ба ҷои ягон ҳиссаи номии нутқ ва зарф кор фармуда мешавад. Аммо ҳамаи ҷонишинҳо қобилияти ивазкунӣ надоранд. Ҳатто ҷонишинҳои аслии шахсӣ шахсҳоро иваз карда наметавонанд. Аз ҳамин ҷиҳат ҷонишинро чунин таъриф кардан мумкин аст: Ҷонишин ҳиссаи номии нутқ буда, предмет ва аломатҳои онро нишон медиҳад, вале онҳоро бевосита ифода намекунад. Ҷонишин ба ҷои исм, сифат ва шумора меояд.

Яке аз категорияҳои мустақили калима ҷонишин мебошад. Ҷонишин калимаҳоеро дарбар мегирад, ки маънои ҷудо ҳам умумиро дошта, ба ҷои исм ва якчанд категорияҳои дигари калима (сифат, шумора, зарф) меоянд [3, 37].

Ҷонишинҳо ду хусусияти муҳим доранд: аввалан, онҳо аз рӯи баъзе аломаташон калимаи мустақилмаъно буда, дар матн нисбат ба калимаҳои ёридиҳанда мустақилтар воқеъ мешаванд ва аъзои ҷумла шуда, калимаҳои дигарро тобеъ мекунанд: **Ман гуфтам, китоби ту, ҳамаи одамон** ва ғ.; сониян, онҳо дорои баъзе хусусиятҳои калимаҳои ёридиҳанда мебошанд: ҳамеша ба калимаҳои мустақил алоқаманд шуда меоянд. Ин ду ҷиҳат ба маънои ҷонишинҳо, ки ниҳоят абстракт мебошад, зич алоқаманд аст [1, 126].

Бинобар ин барои равшан шудани маънои ҷонишин матн, имову ишора ва шароити сухан кӯмак мекунанд. Матн ба кадом предмет, вобаста будани ҷонишинро муайян мекунад. Масалан, матни поён имконият медиҳад, муайян кунем, ки ман (оне, ки дар аввали ҷумла омадааст) ба исми Алӣ Махсум алоқаманд мебошад: **Тобистон шуд, ман ба сайри Самарқанд рафтам, гуфта Алӣ Махсум ба ман саргузашти худро нақл карда буд.**

Ҷонишинҳо калимаҳое мебошанд, ки тағйир намеёбанд ва предметҳою аломату миқдори онҳоро номбар намекунанд, балки ба онҳо далолат мекунанд. Пас ҷонишинҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ ба предметҳо аломату миқдори онҳо далолат намуда, бо исму сифати шумора чанд хусусияти якхелаи морфологӣ ва синтаксисӣ доранд: *Пагоҳ **ӯ**, Саидбек, мебоист ба Сочак мерафт. **Ту** хавотир нашав, ба **мо ҳеҷ** гап намешавад. Ба ин кори **ман худи шумоён** шоҳид ҳастед. **Ҳамаашон** омадааанд* [5, 85].

Дар ин ҳолат мафҳуме, ки ҷонишини **ман** дар бар кардааст, маълум аст. Вале имконияти матн баъзан маҳдуд мебошад, чунки гоҳо вай нопурра оварда мешавад. Инро ҳам бояд кайд кард, ки шахе ё предмете, ки ҷонишин ба он алоқаманд аст, дар матн баъзан дар фосилаи зиёдтар воқеъ мегардад.

Дар ин маврид ҳам бо кӯмаки матн маънои ҷонишинро дарк кардан мумкин аст. Ин ҳолат дар асарҳои тарҷумаиҳолӣ бештар мушоҳида мешавад. Гоҳо исме, ки ҷонишин вобастаи он аст, умуман зикр намешавад. Бо ёрии имову ишора гӯянда шунавандаро ба предмете, ки ҷонишин ба он алоқаманд аст, шинос менамояд [1, 126].

Ба воситаи имову ишора бештар маънои ҷонишинҳои ишоратӣ муайян карда мешавад. Воситаи сеюм шароити сухан бештар ба воситаи суолу ҷавоб сурат мегирад. Чунончи, дар ҷумлаи **Кӣ аз Москва омад**? маънои ҷонишини саволии **кӣ** номаълум аст, зеро исме, ки бо ҷонишини **кӣ** алоқа дорад, муайян нест. Вале баробари гирифтани ҷавоб маънои ҷонишин равшан мешавад.

Ҷонишинҳо аз рӯи маънои худ ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. **Ҷонишинҳои шахсӣ**: ман, мо, моён, моҳо (шахси якум), ту, шумо, шумоҳо, шумоён (шахси дуюм) ; вай, ӯ, онҳо, вайҳо (шахси сеюм).

Ва ҳоло бошад истифодаи ҷонишинҳои шахсиро дар асари мавриди тақиқ дида мебароем,

бале гуфтан мумкин аст, ки воқеан ҳам дар асар қариб ҳамаи ҷонишинҳои шахсӣ истифода шудааст. Масалан, "**Миёни мову ту чизе набуд"** [4, 24]. Дар ҷумлаи мазкур дар як ҷумла дуто ҷонишини шахсӣ истифода гардидааст яке ҷонишини шахсии **мо** ва дигаре ҷонишини шахсии **ту** ки яке ҷонишини шахси якуми шумораи ҷамъ ва дигаре ҷонишини шахси дуюми танҳо мебошад.

2. **Ҷонишини нафсӣ** - таъкидӣ: худ, (худам, худат, худаш) хеш, хештан.

3. **Ҷонишинҳои саволӣ**: кӣ, киҳо, чӣ, чиҳо, кадом, чанд, чандум, чӣ хел, чӣ гуна, чӣ навъ.

Намуди дигар ҷонишинҳо ҷонишини саволӣ мебошад, ки ин намуди ҷонишин ҳам дар асари нависанда бисёр хуб ба назар расидааст. Масалан дар ин ҷумла "**Чӣ набуд? Ҳама чиз буд**" [4, 24]. Ин ҷо ҷонишини саволии **чӣ** омадааст ва албатта ҷонишини саволӣ барои пурсиш истифода мегардад.

4. **Ҷонишинҳои ишоратӣ**: ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон, чӣ гуна, он гуна, ин хел, он хел.

Ҷонишини дигар, ки бо номи **ҷонишини ишоратӣ** аст ин намуди ҷонишинро аз ҳама ҷонишини серистеъмолтарин ҳам гуем хато намешавад масалан мо фақат дутои онро интихоб мекунем, ки яке ҷонишини ишоратии **ин** ва дигаре **он** мебошад, ки яке аз ин наздикӣ ва дигаре дуриро ифода мекунад. Мисол. **Ин номаъқулиро ба ғайри ту дигар ҳеҷ кас карда наметавонад.** [4, 31]. Дар ҷумла ҷонишини ишоратии **ин** истифода гардидааст.

5. **Ҷонишинҳои таъйинӣ**: ҳама, ҳар, (ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар кас, ҳар кадом, ҳар як)

Ва ҳоло мехоҳем, ки дар бораи ҷонишини таъйинӣ ҳарф занем ва истифодаи онро дар асар дида бароем. Барои мисол ин ҷумларо интихоб мекунем. "**Чӣ набуд? Ҳама чиз буд**" [4, 24]. Бале дар ин ҷумла бошад ҷонишини таъйинӣ **ҳама** аст.

6. **Ҷонишинҳои манфӣ**: ҳеҷ (ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ як, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз, ҳеҷ кадом).

Бале чигунае, ки аз номи худи ин ҷонишин маълум аст, ин ҷонишин ҷонишин манфӣ яъне инкор кардани кореро ифода мекунад ва ҳоло барои мисол аз нависандаамон ҷумлаеро меоварем. **Ҳеҷ чи не, симчуббозӣ карда истодаем**. [4, 35]. Бале дар ҷумла ҷонишини манфии ҳеҷ истифода гардидааст.

7. **Ҷонишинҳои номуайянӣ**: кадом, баъзе, ягон, якчанд, фалон, фалонӣ, ким - кӣ, ким - чӣ, ким - кадом.

Ҷонишини номуайянӣ гуфта мо ҷонишинеро дар назар дорем, ки предметро ба таври номуайянӣ ифода мекунад. Мисол **Мо ягон нафарамон ба ту нагуфтем, ки аз симчуб бупар**. дар ин ҷумлае, ки мо аз асари нависанда барои мисол овардаем дар ин ҷо ҷонишини номуайянии **ягон** истифода гардидааст [2, 216].

Адабиёт:

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашриёти дониш) Ҷ. 1. – Душанбе, 1985. – 356 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик Қ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
3. Ниёзмуҳаммадов Б., Лутфулло Б. Морфологияи забони тоҷикӣ. – Сталинобод, 1941. – 69 с.
4. Раҳимов С. Ситораҳои сари танӯр. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 154 с.
5. Ҳалимов С ва Шукурова К забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ). – Душанбе: 1988. – 100 с.
6. Юсупов Ш. Хусусиятҳои морфологии «Ҷомеъ-ут-таворих». Дисс. номзад. илм. филология. – Душанбе, 2020.

Калидвожаҳо: *ҷонишинҳо, энклитикӣ, ҳолат, ишоратӣ, номуайянӣ, манфӣ, таъйинӣ, саволӣ, ин, шумо, онҳо, ҳеҷ, ҳама, ҳар, ман, ягон.*

Аннотация

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ МЕСТОИМЕНИЙ В РАССКАЗЕ «СИТОРАХОИ САРИ ТАНУР» САЙФА РАХИМЗОДИ АФАРДИ

Местоимение обычно используется вместо именной части речи или наречия. Но не все местоимения заменимы. Даже оригинальные личнче местоимения не могут заменить индивидуумов. С этой точки зрения местоимение можно определить следующим образом: Местоимение является именной частью речи и указывает на его предмет и символы, но не выражает их непосредственно. Местоимения заменяют существительных, прилагательных и числительных.

Ключевые слова: *местоимения, энклитика, падеж, признак, неопределенность, отрицание, обозначение, вопрос, этот, ты, они, ничто, все, каждый, я, любой.*

Annotation

SEMANTIC FEATURES OF THE PRONOUN IN THE STORY "SITORAHOI SARI TANUR" SAIFA RAHIMZODI AFARDI

A pronoun is usually used instead of a nominal part of speech or adverb. But not all substitutes are replaceable. Even original personal substitutes cannot replace individuals. From this point of view, a pronoun can be defined as follows: A pronoun is a nominal part of speech and indicates its subject and symbols, but does not express them directly. Substitutes replace nouns, adjectives, and numerals.

Keywords: *pronouns, enclitic, condition, sign, uncertainty, negative, designation, question, this, you, they, none, all, each, me, any.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Юсупов Алишер Убайдуллоевич, донишҷӯйи соли панҷуми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 907737164

Роҳбари илмӣ: ассистент Валиев Ҷамшед Абдурасулович

Сведения об авторе: Юсупов Алишер Убайдуллоевич, студент 5 курса факультета таджикской филологии ТГПУ им. С. Айни. Телефон: +992 907737164

Научный руководитель: ассистент Валиев Джамшед Абдурасулович

About the author: Yusupov Alisher Ubaydulloevich, 5th year student of the Tajik Philological Faculty of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Phone: +992 907737164

Supervisor: Assistant Valiev Jamshed Abdurasulovich

Ҳотамова Фариза,
магистранти соли дуюми Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЗАБОН ОМӮЗ, ТО МИЛЛАТ НАМИРАД

Забони модарии ман! Ту сарвати ман, ганҷинаи ман ҳастӣ. Ту давои ҳамаи дардҳои дили манӣ. Ман дили сурудпарваре дорам ва ин дил садое дорад. Ин садо туӣ, забони модарии ман!

Р. Ғамзатов

Забон яке аз рукнҳои давлатдорӣ буда, дар қатори Нишон, Парчам, Суруди миллӣ аз муқаддасоти миллӣ ба шумор меравад.

Забони тоҷикии мо дар таърих нақши мақоми забони давлатиро бозид. Дар ҳамаи давру замонҳо нобиғаҳои адабиёти тоҷик бо эҷоди асарҳои ҷовидонаю арзишманди хеш ба тамаддуни ҷаҳонӣ ҳиссаи бузург гузоштаанд. Забони тоҷикӣ, ки забони «Авесто», забони Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Айнӣ, Турсунзодаву Лоиқ аст, ҳазорсолаҳо боз нумӯъ меёбад ва он зери асорати аҷнабиён асолаташро аз даст надодааст:

Навои уди Рӯдакӣ дар анҷуман садо диҳад,
Тавони рӯҳи Мавлавӣ ба ҷону тан сафо диҳад.
Забони пири Тӯсро ману ту ворисӣ кунем,
Шаҳомати худоиро барои мо Худо диҳад.

Забони тоҷикии мо ширинтарин, равонтарин забони дунё маҳсуб меёбад. Дар ин бора Муҳаммад Иқбол фармуда:

Гарчӣ ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

Дар замони салтанати Сомониён забони форсӣ-тоҷикӣ ба авҷи камолоти хеш расида, мақоми забони давлатиро соҳиб гашт.

Баъди зиёда аз ҳазор соли давлатдорӣ, давлати тоҷикон соҳиби сарваре гашт, ки чун амирони Сомонӣ масъалаи рушди забон ва фарҳангро як ҷузъи таркиби сиёсати худ қарор дода тавонист. «Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд», – мегӯянд сарвари мо муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон.

Имрӯз ҷаҳон «Шоҳнома» мехонад, ки бо забони ноби тоҷикӣ эҷод шудааст. Мардум аз он хираду меҳанпарастӣ, қаҳрамонию фидокорӣ, дифоъ аз обу хоки кишвар, фарҳанг ва арзишҳои миллатро аз бар мекунанд.

Мо мефахрем, ки ворисони забони тоҷикӣ ва Синою Мавлавӣ ҳастем. Теғи шифои Сино оламро тадбир кард. Ва Мавлонои Балх бо забони ҳамдилӣ тавонист халқияту миллатҳои гуногунро ба ҳам орад, ваҳдату якдилиро миёни намояндагони динҳои мухталиф барқарор намояд:

Маро модар забони модарӣ дод,
Китоби Бӯалӣ лафзи дарӣ дод.
Кушода «Маснавӣ»-и Мавлавиро,
Сабақ аз одаму одамгарӣ дод.

Мутаассифона, дар як муддати начандон тӯлонӣ дар байни ҷавонони мо афроде пайдо шудаанд, ки аз забону фарҳанги худ кам ёд мекунанд. Бештар ба забонҳои хориҷӣ ҳарф мезананду ба маданияти бегонагон тақлидкорӣ менамоянд. Дар ин боб Лоиқи нуктасанҷ фармуда:

Аз тамоми ину он гумкардагон,
Зиштрӯтар нест дар рӯйи ҷаҳон.
З-он ки гум карда забони модарӣ,
Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон…

Заҳр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст!

Шахсе, ки лафзи модарро пос намедорад ва ба фаромӯшӣ медиҳад, ҳеҷ гоҳ ба қадри модар, Ватан ва фарҳангу миллаташ нахоҳад расид. Бузургтарин тадбир дар роҳи ҳифзи забон қабули Қонуни забон дар ҷумҳуриамон гардид.

Қонуни забон ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода, мартаба ва ҳуқуқи инкишофи озодонаи забонҳои дигари қаламрави Тоҷикистонро кафолат дод. ЮНЕСКО соли 1999 тасмим гирифт, ки 21-феврал Рӯзи ҷаҳонии забони модарӣ эълон шавад. Мақсад аз таъсиси «Рӯзи забони модарӣ» ин аст, ки аз байн рафтани забонҳо устувор нагардад:

Забони модариро, ки дар олам,
Чу шири модарон поку зулол аст.
Касеаш пок дорад, пок бошад,
Ҳамон фарзанд фарзанди ҳалол аст. (Саидҷамол Зиёӣ)

Имрӯзҳо ҷавонони мо зиёд рӯ овардаанд ба омӯзиши забонҳои дигар. Ин хуб аст, аммо мо сараввал, бояд аз забони модарии хеш дифоъ намоем, пас, бипардозем ба омӯхтани дигар забонҳо.

Агар сесад забон донӣ, фузун ест,
Ҳама рӯзе ба кор ояд, забун нест.
Надонӣ гар забони давлати худ,
Пушаймонӣ надорад оқибат суд. (Аҷзӣ)
Ҳар к-ӯ ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забон осон гардад.

Забони модарӣ пайвандгари дирӯзу имрӯзу фардои мост. Барои ҳамин то, ки насли ояндаи мо аз шевои ширини забони модариамон баҳра баранд, мо ҳамагон кӯшиш ба он харҷ диҳем, ки забони худро софу беғубор нигаҳ дорем.

Тавалло мекунам, эй ҳамзабонам,
Забони модарӣ омӯз имрӯз,
Ки лафзи модар аст, дар шири модар,
Забони шири модарро биомӯз.

Адабиёт:

1. Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон (Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Зафар Шералӣ Сайидзода). – Душанбе: Бунёди забон, 2015. – 116 с.
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш.Душанбе, 5 октябри соли 2009, №553.

Манбаъ аз интернет:

3. http://harakat.tj

Калидвожаҳо: *забон, миллат, забони модарӣ, забони тоҷикӣ, давлат, забони давлатӣ, рукнҳои давлатдорӣ, адабиёти тоҷик, муқаддасоти миллӣ.*

Аннотация

УЧИ ЯЗЫК, НЕ УМИРАЛА НАЦИЯ

Родной язык - это великое, сладкое и священное слово, которое является каждому совершенному человеку, как только душа рождается в теле. Ребенку, только что открывшему глаза на мир сущего, нужен язык матери, который выражается на его родном языке, и под его приятную мелодию он чувствует себя свободным и расслабленным, слушает и ждет, чтобы услышать слово, а это чистое слово должен звенеть звонкой мелодией дорогой мамы. Потому что оно дорогое, оно звучит изящно, и от приятного тона успокаивает сердце, потому что это материнское слово. Он страстный и приятный, он милый и добрый. Приятно слышать слова твоей мамы. Удивительно сладкий, чистый и трогательный. Удивительно – живительный,

гладкий и душевный родной язык. Задача каждого таджик язычного человека, прежде всего, способствовать чистоте и свободе от недостатков других или говорить на иностранном языке. Каждый должен знать свой родной язык, прежде чем говорить на другом языке. На самом деле, если человек знает свой язык, ему будет легче выучить другие языки.

Ключевые слова: *язык, нация, родной язык, таджикский язык, государство, государственный язык, столпы государственности, таджикская литература, национальные святыни.*

Annotation

LEARN THE LANGUAGE UNTIL THE NATION DIES

The mother tongue is a great, sweet and sacred word that appears to every perfect human being as soon as the soul is born in the body. The child, who has just opened his eyes to the world of existence, needs his mother's tongue, which is expressed in his mother tongue, and under its pleasant melody he feels free and relaxed, listens and waits to hear a word in this pure word. Deserves to be a high-sounding melody of a dear mother. Because it is dear, it sounds elegant, and from its pleasant tone it calms the heart, because it is a mother's word. It is passionate and pleasant, it is lovable and kind. It's nice to hear your mother's words. Marvelous is sweet, pure and heartfelt. Marvelous is a life-giving, smooth and heartfelt mother tongue. The task of every Tajik-speaker is, first of all, to contribute to the purity and purity of our mother tongue, to speak the language of a foreign language. Everyone should know their mother tongue before speaking another language. In fact, if one knows one's own language, it will be easier for him to learn other languages.

Keywords: *language, nation, native language, Tajik language, state, state language, pillars of statehood, Tajik literature, national sacred things.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳотамова Фариза, магистранти соли дуюми ихтисоси менеҷменти молиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33

Роҳбари илмӣ: дотсент Наимов М.

Сведения об авторе: Хотамова Фариза, магистрантка второго курса по специалности финансового менеджмента Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носир 33

Научный руководитель: доцент Наимов М.

About the author: Khotamova Fariza, 2nd year master's degree in financial management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir str. 33

Scientific adviser: docent Naimov M.

Исмоилова Меҳрона,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ХУСУСИЯТИ СЕМАНТИКИИ ПАЙВАНДАКҲО

Пайвандак ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро ба ҳам алоқаманд менамояд.

Пайвандакҳо нисбат ба ҳиссаҳои мустақили нутқ дертар пайдо шудаанд. Миқдори пайвандакҳо мувофиқи талаботи забон аз ҳисоби калимаҳои мустақил рӯз то рӯз зиёд мешавад. Бисьёре аз калимаҳои мустақил дар процесси дурударози таърихӣ мувофиқи қонунҳои до-хилии инкишофи таърихии забони тоҷикӣ маънои худро сует карда, ба гурӯҳи пайвандак дохил шудаапд. Пайвандакҳо аз рӯи пайдоиш ба ду гурӯҳ; аслӣ ва номӣ ҷудо мешаванд. Як қатор пайвандакҳо дар забони тоҷикӣ тамоман грамматиконида шудаанд ва шарҳ додани маънои ибтидоӣ ва пайдоиши онҳо мушкил аст. Пайвандак - ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, аъзои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро ба ҳам алоқаманд менамояд. Миқдори пайвандакҳо мувофиқи талаботи забон аз ҳисоби калимаҳои мустақил рӯз то рӯз зиёд мешавад. Пайвандакҳо мувофиқи вазифаи наҳвиашон (синтаксисӣ) ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: пайвандакҳои пайвасткунанда ва пайвандакҳои тобеъкунанда.

Дар қисме аз китобҳои грамматикаи забоншиносони хориҷ дар забони англисӣ пайвандакҳои пайвасткунандаро ба чор гурӯҳ тақсим намудаанд:

1. **Copulative conjuncts:** and, nor, as well as, both … and, not only … but (also), neither … nor. Пайвандакҳои мазкур одатан илова гардидани як тасдиқот ва ё далелро ба дигаре ифода менамоянд. Пайвандакҳои ‘nor’ ва ‘neither’ тобиши инкорӣ доранд.

There was a scent of honey from the trees lime trees in flower, and in the sky the blue was beautiful, with a few white clouds. (Galsworthy)

His whole face was colourless rook; his eye was both spark and flint. (Ch.Bronte)

I do not know what they knew of the things happening beyond the hill? Nor do I know if the silent houses I passed on my way were sleeping securely … (Wells)

…but it made him indeed suspect that she could give as well as receive; and she gave him nothing. (Galsworthy)

…the newspapers discussed the plan for a whole fortnight not only in the ordinary theatrical notices and criticisms, but in leading articles and letters. (Shaw)

He went on as a status would: that is? He neither spoke nor moved. (Ch.Bronte)

2. **Disjunctive conjunctions:** or, either … or, or else, else. Ин гурӯҳи пайвандакҳо интихобро байни ин ва ё он тасдиқот пешниҳод менамояд [1, 75].

The majority of the inhabitants had escaped, i suppose, by way of the old warning road … or they had hidden. (Wells)

… either his furlough was up, or he dreaded to meet any witnesses of his Waterloo flight. (Thackeray)

He was compelled to think this thought, or else there would not be any use to strive, and he would have lain down and died. (London)

“You go and fetch her down, Tom”, Said Mr. Tulliver, rather sharply, his perspicacity or his fatherly fondness for Maggic making him suspect that the lad had been upon, the little un, else she would never have left his side … (Eliot)

3. **Adversative conjunctions:** but, while, whereas. Ин гуруҳи пайвандакҳо нишон медиҳад, ки тасдиқот ва ё далел дар акс бо дигаре пешниҳод мегардад.

Fabermacher nodded in agreement, but his eyes glittered with silent triumph and contempt for the victory. (Wilson)

His nerves had become blunted, numb, while his mind was filled with weird visions and delicious dreams. (London)

4. Causative-consecutive conjunctions: so, for. Пайдарҳамии натиҷа ва сабабро мефаҳмонад:

He had gone some miles away, and was not expected home until late at night; so the landlady dispatched the same messenger in all haste for Mr. Pecksniff. (Dickens)

His eyes must have had in them something of George Forsyte is sardonic look; for her gloved hand crisped the folds of her frock, her eyebrows rose, her face went stony. (Galsworthy) [5, 68].

Пайвандакҳои тобеъкунанда ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумлаи ҷумлаи мураккаб тобеъ менамоянд. Аксарияти пайвандакҳо метавонанд навъҳои гуногуни ҷумлаҳои пайравро тобеъ созанд: хабарӣ, мубтадо, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол, мақсад ва натиҷа.

Масалан, пайвандаки ***that*** ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, пуркунанда, натиҷа ва сабабро тобеъ карда метавонад.

Масалан:

1. That Ruth had little faith in his power as a writer did not alter her nor diminish her in Martinis eyes. (London) (Subject clause)

2. That I mean is that you're the first man I ever met who's willing to admit out loud to a woman that he thinks she's better than he is. (Wilson) (Predicative clause)

3. He looked to the south and knew that somewhere beyond those blue hills lay the Great Bear lake (London) (Object clause)

4. He walked into the Green Park that he might cross to Victoria Station and take the Underground into the City. (Galsworthy) (Adverbial clause of purpose)

5. He bailed wildly at first, splashing himself and flinging the water so short a distance that it ran back into the pool. (London) (Adverbial clause of result) [4, 87].

Дар умум бошад пайвандакҳо аз рӯи маъно дар забони англисӣ чунин тасниф карда мешаванд:

1) **Пайвасткунанда:** and, as well as, nor, neither ... nor, not only ... but (also), both ... and.

2) **Хилофӣ:** and, but, still, nevertheless, yet, however.

3) **Ҷудоӣ:** or, either ... or.

Ба пайвандакҳои пайвасткунанда пайвандаки ***for*** бинобарин, ки, барои он ки дохил мешавад, зеро ин пайвандак ҷумлаҳоеро ворид менамояд, ки маълумоти иловагӣ медиҳанд, на ин, ки ҷумлаҳои пайрави шарт [2, 315].

Аз рӯи маънӣ пайвандакҳои тобеъкунанда мешаванд ба:

1) **Шарҳ:** that, whether, if.

2) **Замон:** as, as soon as, as long as, till, until, before, after, since, directly, when, while.

3) **Сабаб:** as, because, since, seeing.

4) **Мақсад:** that, in order that, so that, lest.

5) **Шартӣ:** if, unless, provided (that), providing (that), supposing, once.

6) **Гузашт:** though, although.

7) **Тарзи амал ва муқоиса:** as, as if, as though, so ... as, as ... as, not so ... as, than, the ... the.

8) **Натиҷа:** so ... that, that.

Маҳз чунин омил дар забони тоҷикӣ низ мушохида мегардад, яъне дар забони тоҷикӣ низ пайвандакҳо аз рӯи семантики ба хелҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1) **Пайвандакҳои замон:** аз бозе, ки баъд аз он ки, ҳар вақте ки, пештар аз он ки, ҳар боре ки, ҳамин ки, ҳар гоҳе ки, пас аз он ки, пеш аз он ки, гоҳе ки, даме ки баробари ин ки, чун, ҳангоме ки, дар вақте ки ва ғ.

2) **Пайвандакҳои макон:** ҳар ҷо ки, ба ҳар ҷо ки, куҷо ки, дар куҷо ки, ҷое ки, онҷо ки;

3) **Пайвандакҳои сабаб:** ки, зеро, зеро ки, азбаски, чунки, модом ки.

4) **Пайвандакҳои мақсад:** ки, то ки, то ин ки, барои ин ки, барои он ки;

5) **Пайвандакҳои шартӣ:** агар, ба шарте ки;

6) **Пайвандакҳои хилофӣ:** агарчӣ, гарчӣ, агарчанде ки, ҳарчанд ки, бо вуҷуди он ки, ба ҷои он ки.

7) **Пайвандакҳои қиёсӣ:** ки, монанди он ки, мисли он ки, мисли ин ки, гӯё, гӯё ки, ба тарзе ки, чунон ки, чӣ тавре ки.

8) **Пайвандакҳои миқдору андоза:** ҳар қадар ки, ҳар чӣ қадар ки, ба ки, чӣ қадаре ки.

Чун аз таснифоти боло мушоҳида менамоем, дар забонҳои муқоисашаванда пайвандакҳо аз лиҳози семантика шабеҳияти зиёд доранд ва гурӯҳбандии онҳо низ якзайл аст.

Хулоса, аз омӯзиши назариявии пайвандакҳо дар забонҳои муқоисашаванда чунин бармеояд, ки нуқтаи назари забоншиносон дар хусуси пайвандакҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ мухталиф мебошад, Ҳар яке онро аз диди худ баҳо медиҳанд, аммо дар умум чунончӣ муайян мегардад пайвандакҳо вазифаи пайвастнамоии ҷумлаҳои соддаро иҷро менамоянд. Дар системаи забони низ нақши пайвандакҳо хосса буда, дар пайваст намудани ҷумлаҳои содда, алалхусус ҷумлаи пайрав ба сарҷумла хизмати бузург мерасонанд. Аз лиҳози семантика дар ин ду забони номбаршуда шабеҳият дида мешавад, чунки таснифот аз рӯи семантика ниҳоят монанд аст, аммо масъалаи дигаре ки забоншиносон пайваста дар омӯзиши он майл менамоянд

ин доштан ва ё надоштани маънии пайвандакҳо мебошанд ва дар ин самт андешаҳо ниҳоят мухталиф мебошанд.

Адабиет:

1. Бархударов Л. С., Штелинг Д. А. Очерки по морфологии современного английского языка. – М., 1975.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1. – Душанбе: Маориф, 1983. – 353 с.
3. Жигадло В. Н., Иофик Л. Л., Иванова И. П. Современный английский язык. Теоретический курс грамматики. – Изд-во литературы на иностранных языках. – М., 1956.
4. Каушанская и др. Грамматика английского языка. – 3-е изд. – Л.: Просвещение, 1967.
5. Jespersen O. The Philosophy of Grammar. – London, 1968.

Калидвожаҳо: *пайвандак, сода, сохта, мураккат, пайвандакҳои пай дар пай, ҳиссаҳои мустақили нутқ, ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ, ҷумлаҳои пайрав, пайвандакҳои пайвасткунанда.*

Аннотация

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ СОЮЗОВ

Данная статья посвящена союзу в английском языке. Союз – как вспомогательная часть речи, которая соединяет части предложения и простые предложения сложных предложений. Союзы делятся на две основные группы в соответствии с их синтаксической функцией: соединительные и подчинительные. В статье анализируются также высказывания зарубежных лингвистов, которые разделяют союзы на 4 группы: соединительные союзы, разделительные союзы, противительные союзы и последовательные союзы.

Ключевые слова: *союз, простые, составные, сложные, последовательные союзы, независимые части речи, общие вспомогательные части речи, соединительные союзы.*

Annotation

SEMANTIC CHARACTERISTICS OF CONJUNCTIONS

This article is devoted to the conjunction in English. Conjunction as an auxiliary part of speech that connects parts of a sentence and simple sentences of complex sentences. Conjunctions are divided into two main groups according to their syntactic function: connective and subordinate. The article also examines the statements of foreign linguists who divided conjunctions into 4 groups: connecting conjunctions, separating conjunctions, opposing conjunctions and consecutive conjunctions.

Keywords: *conjunctions, simple, compound, complex, sequential conjunctions, independent parts of speech, general auxiliary parts of speech, sequential conjunctions, connective conjunctions.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Исмоилова Меҳрона, магистранти соли якуми факултети забони англисии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Сангинова М. Б.

Сведения об авторе: Исмоилова Мехрона, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: к.п.н., доцент Сангинова М. Б.

About the author: Ismoilova Mehrona, a first-year master's student at the English language faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Supervisor: Ph.D., Associate Professor M. Sanginova

Исмоилова Маҳина Ёдгоровна,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ТАҲЛИЛИ СИНТАКСИСИИ ИБОРАҲОИ ЗАРФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Барои сохтани ибора, пеш аз ҳама, бояд таркиби калимаҳо ва маънии ҷузъҳои ибораро ба назар гирифт. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сохтори морфологии ибораҳо дар баъзе аз мавридҳо яксон аст ва ин ба умумияти генетикии забонҳои мазкур ишора мекунад. Дар ибораҳои зарфӣ ҷанбаи асосӣ ҷузъе мебошад, ки аз рӯи сохтори морфологии худ ба зарфҳо дахл дорад ва ҷузъи тобеъ ба дараҷаи шиддат ишора мекунад: беандоза хурсанд - very happy, бисёр зарур - most impossible, бисёр душвор - rather hard [1, 20].

Ибораҳои зарфӣ дар забони тоҷикӣ монанди дигар забонҳо аз ду, се, чаҳор калимаҳои мустақил иборат мебошанд, яъне асос ва пуркунанда. Алоқаҳои синтаксисӣ, новобаста аз дараҷаи интишори онҳо, дар дохили ибораи дутаркиба муайян карда мешавад. Он баъзан танҳо ҷузъҳои (компонентҳои) ҷудогона фаро мегирад ва баъзан барои ҳамаи ҷузъҳо паҳн мешавад. Ҳар ҷузъи ибораҳо метавонад тағйир ёбад. Тағйирёбӣ, пеш аз ҳама, мумкин аст дар шакли ҷузъ бошад, ки ин варианти расмӣ номида мешавад. Сониян, тағйир метавонад дар таркиби ҷузъ бошад, ки он варианти лексикӣ ном бурда мешавад. Сеюм, тағйир метавонад ҳамзамон дар шакл ва таркиби ҷузъ бошад ва ин варианти омехта аст [4, 49].

Калимаи асосӣ, яъне асосро метавон дар алоқаҳои ҷудошудаи синтаксисии унсурҳои ба он тобеъ муайян кард. Ба таври мисол, дар ибораи extremely beautiful – бисёр (беандоза) зебо зарфи extremely вазифаи унсури синтаксисии ҳолро муайян мекунад ва он вазифаи сифатро дар сохтори ибора муайян намекунад, ки нақши асосро бозӣ мекунад. Агар ибора тавассути ворид намудани воҳидҳои нави тобеъкунанда сохта шавад, омехташавии калимаи асосӣ сурат мегирад ва ин нишон медиҳад, ки муайян кардани нақши синтаксисии он номумкин аст. Мисол, дар ибораи extremely beautiful people - одамони беандоза зебо зарфи extremely ҳамчун ҷузъи ҳоли синтаксисӣ муайян карда мешавад ва сифати beautiful вазифаи ҷузъи муайянкунандаи синтаксисиро иҷро мекунад; нақши синтаксисии исми people -одамон дар калимаи таҳлилшавандаи ибора муайян карда намешавад ва ин нишон медиҳад, ки он асоси ибора мебошад [4, 50].

Роҳи морфологӣ - синтаксисии калимасозӣ, ки тавассути он калимаҳои нав бидуни тағйири шакли асосии калимаи аслӣ сурат мегирад, конверсия номида мешавад. Калимаҳои сохташаванда тавассути конверсия вазифаи дигари синтаксисӣ ва маънии нави лексикӣ-грамматикиро соҳиб мешаванд. Ғайр аз ин, натиҷаи конверсия омонимияи шаклҳои асосии калимаи ҳосилшаванда ва калимаи ҳосилкунанда (аслӣ) мебошад, яъне ба вуҷуд омадани воҳидҳои забонӣ, ки аз рӯи шакл, талаффуз ва навишт мувофиқ ҳастанд, аммо дорои маънии гуногун мебошанд ва ба ҳиссаҳои мухталифи нутқ тааллуқ доранд. Дар ин замина, бояд зикр кард, ки ҳангоми конверсия калима бо як маънӣ сохта мешавад, вале дар оянда бештари он калимаҳо маъниҳои зиёдро соҳиб мешаванд.

Калимасозӣ худ системаи воситаҳои махсус мебошад, ки яке аз ҷузъҳои сохтори забонро ташкил медиҳад ва ба навъи хусусияти типологии он муносибати мустақим дорад. Дар забони аглисӣ чанд роҳи калимасозӣ вуҷуд доранд, аз ҷумла аффиксатсия, ҳамроҳ намудани калима, конверсия, ихтисора ва ғайра. Мутобиқ бо таркиби сохтории худ, моделҳои калимасозӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: рахдор ва берах [3, 40].

Моделҳои рахдор – моделҳое мебошанд, ки дар онҳо калимаи сохта ба таври возеҳ ифода шудааст ва тибқи он калимаҳои нав тавассути роҳҳои муайяни калимасозӣ (пешвандҳо, пасвандҳо, асосҳои решагӣ) сохта мешаванд. Моделҳои мазкурро метавон ба шакли формулаи зерин пешниҳод намуд: A = B + C + D, ки дар он A – калимаи нав, B, C, D – унсурҳои калимасозӣ мебошанд [3, 40].

Ба моделҳои рахдори (линейный) калимасозӣ моделҳои аффиксӣ ва моделҳои ҳамроҳсозӣ дохил мешаванд. Моделҳои берах (нелинейный) – моделҳое мебошанд, ки дар онҳо калимаи сохта ифода нашудааст, яъне тавассути модлеҳои мазкур калимаҳо бидуни ҳар гуна роҳҳои калимасозӣ сохта мешаванд. Моделҳои мазкур мумкин аст дар шакли формулаи зерин пешниҳод карда шаванд: A – B. Ба моделҳои берах ҳамаи мавридҳои конверсия ва ҳамчунин калимасозии бараъкс ё реверсия дохил мешаванд. Дар калимасозӣ ду гурӯҳи асосии роҳҳои сохтани калимаҳои нав ҷудо мешаванд: калимсозӣ ва ҳамроҳ кардани калима. Яке аз роҳҳои

пурмаҳсули калимасозӣ дар забони англисии муосир аффиксатсия мебошад, ки бо ҳамроҳ кардани афиксҳо ба решаҳо ё асосҳо ифода меёбад [3, 42].

Калима воҳиди асосии лексикии забон мебошад. Калима воҳиди марказии забон аст: забон, пеш аз ҳама, системаи калимаҳо мебошад. Ҳамчун воҳиди номинативӣ, калима ҳамзамон хусусиятҳои грамматикии забонро муайян мекунад ва воҳиди грамматикӣ мебошад. Калимаро ҳамчун воҳиди лексикӣ лексема меноманд ва калимаро ҳамчун воҳиди грамматикӣ шакли калима (словоформа) номида мешавад. Тавре ки маълум аст, калима – воҳиди дорои бисёраломат мебошад. Аз ин рӯ, худи таърифи калима ишора ба чанд аломати онро дар бар мегирад. Дар таърифи калима чунин аломатҳое дохил мешаванд, ки онҳо типологӣ ҳастанд ва бар асоси аломатҳои мазкур калима аз дигар воҳидҳои забон, яъне фонема, морфема маҳдуд мешавад.

Дар тӯли солҳои зиёди рушди худ, илм таърифҳои зиёди калимаро ҷамъ намудааст. Аз рӯи хусусияти забонии худ, калима мураккаб, дорои аломати зиёд ва воҳиди мухталиф мебошад. Дар забоншиносӣ ҳанӯз таърифи ягонаи калима вуҷуд надорад.

В.В. Виноградов чунин навиштааст: “Калима – воҳиди кӯтоҳтарини маънидори забон мебошад, ки дар баробари таркиби фонетикӣ ва морфологӣ системаи дохилии маъниҳои алоқаманд дорад” [2, 5]. Дар ин замина, системаи дохилии маъниҳои алоқаманд – маҷмӯи маъниҳои лексикӣ ва грамматикӣ мебошад.

Аломатҳои асосии калима мавридҳои зеринро дар бар мегиранд: Мавҷуд будани маънӣ. Калима – ҳамеша маҷмуи овоз мебошад, ки дорои маънӣ аст. Калима – воҳиди талаффузшаванда аст, яъне воҳиде, ки на дар нутқ эҷод мешавад, балки ҳачун воҳиди тайёр талаффуз карда мешавад. Калима – ин воҳиди аз нигоҳи овози ташаккулёфта мебошад. Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳар калима маҷмӯи овоз аст ва дорои зада мебошад. Калима – воҳиди номинативӣ (номӣ) аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки калима ҳамчун номи ашёҳо, ҳодисаҳо, рӯйдодҳо ва ғайра мебошад.

Дар забони англисии муосир калимаҳое вуҷуд доранд, ки онҳо тавассути ҳамроҳ кардани асосҳои дорои маънии комил ба вуҷуд омадаанд, аммо дар ҳоли ҳозирҷузъҳои таркибии онҳо аллакай ҳамчун шаклҳои мустақили истифодашаванда маҳсуб намешаванд. Мисол, калимаи woman аз ибтидо шакли wif-man (wife - man) - ро дошт, ки дар он f бисёр заиф буд ва бо мурири замон аз байн рафт. Ҳамроҳ кардани калима – воситаи муҳим барои ғанӣ намудани таркиби луғавӣ ва такмили сохтори он мебошад. Дар забони англисии муосир ин яке аз роҳҳои пурмаҳсули калимасозӣ мебошад. Монанди дигар роҳҳои сохтани калимаҳои нав, ҳамроҳ кардани калима дорои хусусиятҳои худ аст, ки ба сохторҳои навъҳои истифодашавандаи ҳамроҳ кардани асосҳо ва мувофиқатии онҳо, соҳаи корбурди роҳи мазкури калимасозӣ ва ҳамчунин ба омилҳое дахл дорад, ки ба маҳсулнокии онҳо мусоидат мекунанд. Ҳамин тавр, сохти аналитикии забони англисӣ, истифодаи васеи тартиби калимаҳо ҳамчун воситаи ифодаи муносибати лексикию грамматикӣ мавҷудияти миқдори зиёди калимаҳои ҳамроҳшавандаро тавзеҳ медиҳанд, ки бидуни унсурҳои пайвасткунанда ва флексияҳо сохта шудаанд. Ба таври мисол: brainwork, browbeat, handshake, job-hunt. Дар забони англисӣ таҳти истилоҳи “калимаҳои ҳамроҳшаванда” монанди whitewash, blackmail маъмулан калимаҳое фаҳмида мешаванд, ки аз ду реша иборат ҳастанд ва якҷо навишта мешаванд. Бояд зикр кард, ки калимаҳои ҳамроҳшаванда ҳатто дар забони аглисии қадим паҳн шуда буданд, бо вуҷуди ин, бештари онҳо бо калимаҳои иқтибосшудаи забони фаронсавӣ ва лотинӣ иваз карда шудаанд. Мисол, ба ҷойи калимаи англисии қадим goldhoard ҳоло калимаи фаронсавии treasure истифода мешавад [3, 64]. Бо вуҷуди ин, тавре ки иқтибоси калимаҳо дорои чунин имкониятҳои васеъ монанди ҳамроҳ кардани калимаҳо намебошад, иқтибос ба рушди роҳи мазкури калимасозӣ мусоидат накард. Ҳангоми сухан дар бораи сохтори калимаи ҳамроҳшаванда, бояд зикр кард, ки дар забони англисии мусоир як қатор калимаҳои ҳамроҳшаванда вуҷуд доранд, ки онҳо мувофиқати калимаи ҳамроҳшаванда ва калимаи аслиро ифода мекунанд, яъне ба асоси ҳамроҳшаванда аффикси калимасоз ҳамроҳ мешавад ва он асоси мазкурро дар калимаи мустақил ташкил медиҳад. Мисол, калимаи child - oriented дар натиҷаи ҳамроҳ шудани суффикси - ed ва асоси ҳамроҳшавандаи child-orient - ба вуҷуд омадааст ва калимаи wide-awakeness натиҷаи ҳамроҳшавии суффикси - ness ба асоси ҳамроҳшавандаи wideawake- мебошад [3, 65].

Навъи мазкури омехтаи калимасозӣ дар забони англисии муосир ба таври кофӣ сермаҳсул аст. Ҳамчунин боз як гурӯҳи дигари калимаҳои ҳамроҳшаванда вуҷуд дорад, ки дар забони

англисии муосир мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Онҳо калимаҳои ҳамроҳшавандае мебошанд, ки ҷузъи аввали онҳо унсури калимасоз аст. Чунин унсурҳои калимасоз мавридҳои зеринро дар бар мегиранд: Anglo -, astro -, cosmo -, eco-, Euro -, half -, mini -, micro -, neo-, para -, self. - Дар ин маврид, унсури калимасоз мононди асоси калима ва префикс дорои хусусиятҳое мебошанд, ки ба он хосияти ташаккули фосилавиро медиҳанд. Ҳамчун асоси калима, онҳо дорои маъниҳои мушаххас мебошанд. Ба таври мисол, маънии унсури micro - (хурд) мушаххас аст ва ҳамзамон он абстактӣ мебошад, ки унсури мазкур ба таркиби шумораи зиёди калимаҳо дохил мешавад ва маънии онҳоро ба таври доимӣ такрор менамояд. Дар ин замина онҳо маъмулан дар забони англисӣ ба таври мустақил ҳамчун воҳидҳои ҷудогонаи забон истифода намешаванд. Истисно унсурҳои калимасозии half -, self - мебошанд. Намуди мазкури ҳамроҳсозии калимаҳо ба таври васеъ истифода мешаванд ва дар забони англисии муосир роҳи комилан пурмаҳсул ҳастанд. Махсусан роҳи мазкури калимасозӣ барои шеваҳои илмӣ, техникӣ ва иҷтимоию сиёсӣ хос аст [3, 68].

Адабиёт:

1. Виноградов В. В. Вопросы изучения словосочетаний. (На материале русского языка) // Вопросы языкознания. – М., 1954, № 3.
2. Виноградов В. В. Основные типы лексических значений слова. – М., 1951, № 5. – С. 5.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. / Синтаксис. Қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1995. – С.114-124.
4. Рустамов Ш. О словообразования и культура речи (Оид ба калимасозӣ ва ҳусни сухан). Садои Шарқ, 1971. № 6.

Калидвожаҳо: *ибора, сохтори морфологии ибораҳо, калима, наҳв, ибораҳои зарфӣ, ибораҳои феълӣ, моделҳои рахдор, моделҳои берах, иборасозӣ, калимасозӣ, унсурҳои калимасозӣ.*

Аннотация

СИНТАКСИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ АДВЕРБИАЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье исследуются грамматические и синтаксические аспекты изучения наречий в таджикском и английском языках. Автор анализирует особенности синтаксического анализа в таджикском и английском языках, словообразованию и его структуру.

Ключевые слова: *фраза, морфологическая структура словосочетаний, слово, синтаксис, наречия, глагольные фразы, линейные модели, пустые модели, фразеология, словообразование, элементы словообразования.*

Annotation

SYNTACTICAL ANALYSIS OF ADVERBIAL WORDS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article examines the grammatical and syntactic aspects of learning adverbs in the Tajik and English languages. The author analyzes the features of syntactical analyze in the Tajik and English languages, word formation and its structure.

Keywords: *phrase, morphological, structure of word combinations, word, syntaxes, adverbs, verb phrases, linear models, empty models, phraseology, word formation, word formation elements.*

Маълумот оид ба муаллиф: Исмоилова Маҳина Ёдгоровна, магистранти соли дуюми кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 501022965

Роҳбари илмӣ: Сангинова М.

Сведение об автор: Исмоилова Махина Ёдгоровна, магистрантка второго курса кафедры языкознания и сравнительной типологии факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 501022965

Научный руковдитель: Сангинова М.

About the author: Ismoilova Mahina Yodgorovna, second-year master of the Department of Linguistics and Comparative Typology of the Faculty of English of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 501022965

Аҳмадова Анора,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ТАФСИР ВА ШАРҲИ ВОЖАИ «ОБ» (WATER) ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар илми забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил ва муқоиса дар замони истиқлол зиёд ба назар мерасад ва ин таҳлилу муқоисаҳо барои ғани гардидани фонди луғавии забонҳои муқоисашаванда таъсири амиқи худро мерасонад.

Дар мақолаи мазкур сухан оиди вожаи ***«об-water»*** дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ меравад. Чихеле ба мо маълум аст, вожаи об дар адабиёти забонҳои таҳилишаванда хело зиёд ба назар мерасад.

Дар осори олимони ва шоирони тоҷик ба монанди Умари Хайём, Абдураҳмони Ҷомӣ, Саидои Насафи, Аҳмади Унсурии Балхӣ,

Вожаи дигаре, ки дар қасоиди Аҳмади Унсурии Балхӣ хеле зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст, калимаи ***«об - water»*** аст, ки яке аз сермаънотарин калима дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба ҳисоб меравад.

Оби *ҷудаш бардамид зарин шавад, гетӣҳаме,*
Оташи чашмаш бихезад, сангу хокистар шавад [2, 18].

Маъно ва шарҳи зиёди вожаи **«об»** дар мақолаи забоншиноси тоҷик Додоҷон Тоҷиев «Слово «об»- вода на современном таджикском языке» оварда шуда, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мафҳуми «об».

1. Моеи шаффофи беранг, ки дар ҳолати софӣ аз омезиши кимиёвии ҳидроген ва оксиген иборат аст: ***a clear liquid, having a formula H_2O, required by all forms of life on Earth.***

Чу ташна **обро**, зи биму зи ранҷ,
Ҳалоки ҳувишро гашта харидор .

2.**Киноя аз май, шароб**:

Об гардад озар ар бар ҳилми ӯёбад, гузар,
Боз **об** ар бигзарад, бар чашми ӯозар шавад [3, 19].

Дар «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ», «Фарҳанги мухтасари Шоҳнома» ва «Фарҳанги осори Ҷомӣ» нӯҳмаънои ин калима ва ибораҳои зиёди бо вожаи «об» сохташуда оварда шудааст [2, 197].

1. **Оби теғ- ҷавҳари теғ, ҷилои теғ; тезии дами теғ**:

Боди он аз **об** дода теғи ӯхезад агар,
Дарҷаҳон бар кофарон бори дигар тӯъфон шавад [3, 22].

2. **Оби зулол-оби соф; оби ширин, оби гуворо:**

Ҷаҳонро хидматаш **оби зулол аст**,
Киро пора буд, зи **оби зулоло** [3, 5].

3. **Киноя аз ашк, оби дида:**

Гуфтам, ки дудам зи дилу абрам зи чашм хост,
Гуфто, ки дуд зи оташ хезад, бухор зи **об** [2, 10].
Ҳаме дар шаҳрҳои ҳосудонаш,
Ба ҷойи **об, нор**ояд дар анҳор [2, 32].

4.Киноя аз шароби лаълӣбошад;

Ба-дон санг ранги оташ, **оби чехра,**
Бе **об**у на оташ, ҳам **об**у ҳам озар [3, 32].

Вожаи **об** дар «Бурҳони қотеъ» чунин шарҳва тавзеҳдода шудааст:

«Об маъруф аст, ки яке аз ҷумлаи чаҳор унсур бошад ва ба маънои ривоҷу равнақва иззату обрӯ, давлат, тараккӣва ҷоҳи манзаллат, тарз ва равиш ва қоидаву қонун…» [4, 34].

Дар «Фарҳанги фишурдаи забони форсӣ» калимаи **«об»** ба маънии восита ё масрафи пухтупаз, шустушӯй ва таҳорати бадан шарҳва тавзеҳёфтааст. Калимаи дигареро, ки дар эҷодиёташ устод Аҳмади Унсурии Балхӣхеле фаровон мавриди истифода қарор додааст, вожаи **сероб** мебошад.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои 1. **пуроб;** 2. **маҷозан тобон,** дурахшон омада, вобаста ба ин маъно мисолҳо оварда шудааст [5, 230].

Ҳар саволе к-аз он лаби **сероб,**
Дӯш кардам ҳаме бидод ҷавоб [3, 7].

One of the four basic elements.(alchemy)
*He showed me the river of the **living water**, sparkling like crystal,*
flowing from the throne of God.
***Spa** water.Many people visit Bath to take the **waters**. (countable).*

I know he'll succeed. I feel it in my waters.

Дар «Фарҳанги фишурдаи забони форсӣ» бошад, ин калима ҳамчун

Муродифи вожаи сер, зидмаънои калимаи гурусна, аз обсер [9, 560] маънидод шудааст.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» зикр гардидааст, ки вожаи **об** маънои киноя аз ашк, сиришк, обидида бо калимаҳои чашм ва дида меояд [4, 883].

Доктор Маҳшед Муширӣ дар «Фарҳанги фишурдаи забони форсӣ» калимаи **об-**ро ба маънои ашк, сиришк шарҳ додааст.

Аз таҳқиқ дар мақола ба мо маълум гардид, ки дар забонҳои таҳлилшаванда вожаи об ба маъноҳои гуногун омада дар ашъори орифони дар болозикршуда хело зиёд ба назар мерасад. Инчунин ба маълум аст, ки забони англисӣ доир ба вожаи об калимаҳои зиёдоре дорост ва онҳо ба маъноҳои гуногун истифидо мешавад. Аз лиҳозе, ки мамлакати англисҳо дар лаби баҳр ҷойгир аст да ин забон назар ба забони тоҷики вожаҳои гуногун зиёд ба назар мерасад.

Адабиёт:

1. Hornby, A.S. Oxford Advance Learner`s Dictionary. Sixth Edition, Oxford University Press. 2018. – P. 1350
2. Longman, Dictionary of English language and culture. New edition, 2018.
3. Paul Falla, The oxford Russian dictionary/Eng.-Rush / edited by Paul Falla revised by Colin Howlett. – Moscow: Oxford, 1999. – P. 734
4. Webster`s New World Dictionary. Third collage edition: Victoria Neufeldt, David. B. Guralnik, 1988 year.
5. Ҷамшедов П., Толиби Розӣ., English-Tajik Dictionary with Tajik terms indexes. Фарҳангӣ Англисӣ-Тоҷикӣ бо роҳнамои вожагони тоҷикӣ. Чопхонаи Пайванд. Чопи аввал 2005. – С. 1202
6. Назарзода, С. Сангинов, А. Каримов, С. Султон, М. Ҳ. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. – С. 950
7. Назарзода, С. Сангинов, А. Каримов, С. Султон, М. Ҳ. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. – С. 1095
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Иборат аз ду ҷилд. Зери таҳрири Шукурова, М.Ш. Капранова, В.А. Ҳошимов, Р. Маъсумӣ, Н.А. Ҷилди 1. – С. 950
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Иборат аз ду ҷилд. Зери таҳрири Шукурова, М.Ш. Капранова, В.А. Ҳошимов, Р. Маъсумӣ, Н.А. Ҷилди 2. – С. 950

Калидвожаҳо: *об, равган, ҳамгунаҳо, тоҷикӣ, англисӣ, серистеъмол, забон, калимаҳо, семантика, саҳифа, тафовут, монанди, дидан, ашёҳо.*

Аннотация

ИНТЕРПРЕТАЦИЯ СЛОВА «ОБ» (WATER) В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье исследуется лексические особенности слова «об» (water) в таджикском и английском языках. Автор отмечает, что омонимия или ее эквиваленты широко используются в исследуемых языках (таджикском и английском), а омонимия сильно развита в обоих языках. Поэтому он отмечает, что таджикский и английский языки являются наиболее развитыми и богатыми языками с точки зрения их использования и существования.

Ключевые слова: *вода, масло, однородный, таджикский, английский, потребитель, язык, слова, семантика, страница, различие, вроде, смотри, объекты.*

Annotation

THE CLASSIFICATION OF THE VERB «ОБ» (WATER) IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article explores the study and use the classification of the verb «об» (water) in the Tajik and English languages. The author notes that homonymy or its equivalents are widely used in the languages used (Tajik and English), and homonymy is strongly developed in both languages. Therefore, he notes that Tajik and English are the most developed and richest languages in terms of their use and existence.

Keywords: *water, oil, Tajik, English, consumer, language, words, semantics, page, difference, like, look, objects.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Аҳмадова Анора, магистранти соли дуюми факултети забони англисии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Ғуломов А.

Сведения об авторе: Ахмадова Анора, магистрантка второго курса факультета английского языка ТГПУ им. С.Айни.

Научный руководитель: доцент Гуломов А.

About author: Ahmadova Anora, post graduate student in the department of English language of Tajik State Pedagogical University named after S. Ainy.

Имомназарова Соро,
магистранти соли дуюм факултети забони англисӣ

ВАЗИФАИ ҶУМЛАҲОИ САВОЛИИ ҶУДОКУНАНДА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Як ё якчанд калимае, ки фикри нисбатан мукаммалро ифода мекунанд, ҷумла номида мешавад [1, 237]. Фикр дар нутқ одатан дар ҷумлаҳо зоҳир мегардад. Ҷумлаҳо бошанд дар натиҷаи алоқаи грамматикии пайваст кардани калимаҳо ташкил меёбанд. Ҷумла воҳиди томи аз ҷиҳати грамматикӣ ташаккулёфтаи нутқ аст. Аз ин ҷост, ки нутқи мо, пеш аз ҳама ба ҷумлаҳо тақсим мешавад. Ҷумлаҳо дар талаффуз аз ҳамдигар ба воситаи пауза (ист) ҷудо карда мешаванд [6, 4]. Забоншиносони рус Ганшина М. А. ва Василевская Н. М. қайд мекунанд, ки: "Every sentence shows the relation of the statement to reality from the point of view of the speaker". Яъне дар ҳар як ҷумла муносибати гӯянда ба воқеият дида мешавад [11, 259]. Масалан: "*Ман ба ҷасорати халифа ҳайрон шудам ва мехостам, ки ман ҳам мисли он нотарс шавам."* (С. Айнӣ, Мактаби кӯҳна, 15).

Хусусияти асосии ҷумла аз он иборат аст, ки дар он амал ё аломати предмет тасдиқ ва ё инкор карда мешавад [6, 4]. Масалан: *"Азбаски ҷои нишасти ман аз ҷои нишасти Қориишкамба дур буд, дар байни ӯ ва сандуқфурӯш чӣ гуфтугузор шуданро шунида натавонистам."* (С. Айнӣ, Марги судхӯр, 16).

Ҷумла нафақат ба воситаи калимаҳои бо ҳам алоқаманд, балки ба воситаи калимаҳои алоҳида низ ташкил ёфта, фикри томро ифода мекунад. Бо як калима ифода ёфтани фикр бештар ба диалогҳо характернок аст [6, 4]. Масалан:

- "*Ҳушёр бошу ба гӯши худ нигоҳ дор, ки баъд аз ин агар аз гапи ман бароӣ, сахт мезанам. Фаҳмидӣ?*

- *Фаҳмидам."* (С. Айнӣ, Ёддоштҳо, 97).

Ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохт, таркиб ва вазифаашон ба хелҳо ҷудо мешаванд: ҷумлаҳои соддаю мураккаб, яктаркибаю дутаркиба, хулласу тафсилӣ, пурраю нопурра, тасдиқию инкорӣ, ҳикоягӣ, амрӣ, хитобӣ ва саволӣ [7, 9].

Ҳангоми сохтани ҷумла сухангӯй метавонад ҳадафҳои гуногун дошта бошад. Аз ин рӯ, ҷумлаҳо ба ҳикоягӣ, амрӣ ва саволӣ ҷудо мешаванд [11, 259].

Ҷумлаҳои саволии забони англисӣ ба чор намуд ҷудо мешаванд: умумӣ (General Questions ё Yes/No Questions), махсус (Special Questions ё Wh-Questions), алтернативӣ (Alternative Questions) ва ҷудокунанда (Disjunctive Questions ё Tag Questions) [8, 9].

Дар мақолаи мазкур ҷумлаҳои саволии ҷудокунанда мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Саволи ҷудокунанда аз ҷумлаи ҳикоягӣ ва саволи умумии "*ҳа/не*" ("*yes/no*") иборат мебошад [5, 213]. Масалан: "*Carson has a birthday coming up, does he?*" (C. Keene, Nancy Drew, 2)**.** *Карсон зодруз дорад, ҳамин тавр не?*

Саволҳои ҷудокунанда (Disjunctive Questions ё Tag Questions) гуногунии равониро аз қабили ҷанбаҳои эмотсионалӣ, шубҳа, киноя, эътимод, нобоварӣ, муқовимат, тааҷҷуб ва ғайраро ифода мекунанд. Сохтори ҷумлаҳои саволии ҷудокунанда аз ду қисм иборат мебошад: ҷумлаи ҳикоягӣ (дар шакли тасдиқӣ ва инкорӣ) ва саволи умумии кутоҳ (the tag). Саволи умумии кутоҳ дар охири ҷумла гузошта шуда, аз ҷумлаи ҳикоягӣ ба воситаи вергул ҷудо карда мешавад [2, 643]. Масалан: "*That changed things a little, didn't it?*" (C. Keene, Nancy Drew, 8)**.** *Ин корҳоро андаке тағъир дод, ҳамин тавр не?*

Саволҳои ҷудокунанда яке аз навъҳои махсуси саволи умумӣ мебошанд. Ин савол дар ҳолате ифода карда мешавад, агар гӯянда тасдиқи хабареро, ки дар қисми хабарии ҷумла омадааст, мехоҳад [8, 9].

Бояд қайд кард, ки қисми якуми саволи ҷудокунанда одатан бо интонатсияи паст талаффуз карда мешавад ва қисми дуюми он бо оҳанги баланд [3, 223]. Қисми дуюм бошад вобаста ба мақсади изҳорот метавонад бо оҳанги баланд ё паст низ талаффуз карда шавад [2, 644]. Дар мавриде, ки ҷавоб лозим намешавад, яъне агар он саволи риторикӣ бошад, бо оҳанги паст талаффуз карда мешавад [2, 644]. Масалан: "He *can't live in two places at once, can he?"* (H. Naylor, When Summer Comes, 23). *Ӯ якбора дар ду ҷой зиндагӣ карда наметавонад, ҳамин тавр не?*

Бо оҳанги баланд талаффуз шудани қисми дуюми ҷумла аз он шаҳодат медиҳад, ки гӯянда хоҳиши маълумоти бештар шуниданро дорад [9, 389]. Масалан:

"She doesn't live there now, does she?" (H. Naylor, When Summer Comes, 24). *Вай ҳозир дар он ҷо зиндагӣ намекунад, ҳамин тавр не?*

Агар саволи кутоҳи умумӣ бо оҳанги пастшуда ифода шавад, сухангӯй эҳсосоти манфиро ба монанди ноумедӣ ё норозигӣ баён карда истодааст [9, 389]. Масалан:

"We don't know where we are, do we?" (M. Morpurgo, Why the Whales Came, 82). *Мо намедонем мо дар кучо ҳастем, ҳамин тавр не?*

Забоншиноси рус, тарҷумон, забондон, шоира ва муаллифи китобҳои маъмули забони англисӣ ва немисӣ Татяна Камянова чунин хусусиятҳои саволҳои ҷудокунандаи забони англисиро дар китоби “Грамматикаи забони англисӣ”- и хеш ишора намудааст:

а) Ба ҷумлаи ҳикоягие, ки дар шакли тасдиқӣ дар таркиби саволи ҷудокунанда мавҷуд аст, саволии умумии кутоҳи инкорӣ мувофиқат мекунад. Ба ҷумлаи ҳикоягие, ки дар шакли инкор омада аст, саволии умумии кутоҳи тасдиқӣ мувофиқат мекунад [2, 644]. Масалан:

“You are really worried about it, aren’t you?” (C. Keene, Nancy Drew, 14)**.** *Шумо дар ҳақиқат аз ин хавотир ҳастед, ҳамин тавр не?*

“The lion is not on the bus, is it?” (C. Keene, Nancy Drew, 96). *Шер дар болои автобус нест, ҳамин тавр не?*

Шакли инкории ҷумлаҳои ҳикоягие дар таркиби ҷумлаҳои саволии ҷудокунанда мавҷудбуда, на фақат ба воситаи шакли инкории феъли хабарӣ, балки ба воситаи зарфҳо ва ҷонишинҳои шакли инкорӣ дошта ҳам ифода карда мешавад. Дар ҳамин маврид саволи умумии кутоҳи дар таркиби ҷумлаи ҷудокунанда буда, шакли тасдиқӣ мегирад [2, 644]. Масалан: *Life is never easy for those who dream, is it? Зиндагӣ барои онҳое, ки орзу мекунанд, ҳеҷ гоҳ осон нест, ҳамин тавр не?*

б) Саволии умумии кутоҳи дар таркиби ҷумлаи ҷудокунанда буда, шакли тартиби баръакси калима дорад. Он аз хабари ба воситаи феъли ёрирасон ифодашуда иборат мебошад, ки он ба феъли хабарии дар ҷумлаи ҳикоягибудаи қисми якуми савол мувофиқат мекунад. Агар хабари ҷумлаи ҳикоягӣ феъли дар шакли замони ҳозира ё гузашта (Present ё Past Indefinite) бошад, дар саволи умумии кутоҳ феъли ёрирасони *to do* истифода карда мешавад. Агар хабари ҷумлаи ҳикоягӣ феъли модалӣ бошад, дар саволи кутоҳ ҳам инчунин феъли модалӣ истифода карда мешавад [2, 645]. Масалан: “*I mean we know he’s not mad now, don’t we?* ” (M. Morpurgo, Why the Whales Came, 45). *Ман дар назар дорам, ки мо медонем ки ӯ ҳоло ғазабнок нест, ҳамин тавр не?*

“*We nearly ended up on the rocks after that, didn’t we?*” (M. Morpurgo, Why the Whales Came, 50). *Мо қариб ки пас аз он ба сангҳо расидем, ҳамин тавр не?*

с) Агар хабари ҷумлаи ҳикоягӣ бо феъли *to be* – и шахси якуми танҳо ифода ёфта бошад, дар саволи тасдиқии кутоҳ шакли *am* ва дар саволи инкории кутоҳ шакли *aren’t* истифода мешавад [2, 645]. Шакли *aren’t* дар забони англисии британӣ хеле маъмул аст, ҳол он ки шакли *ain’t* стандартӣ ба ҳисоб намеравад. Ин шакл бисёртар ба забони англисии амрикоӣ хос аст [4, 265]. Масалан:

I am not incredible, am I? Ман беҳамто нестам, ҳамин тавр не?

I am ordinary just like everyone else, aren’t I? Ман мисли дигарон оддӣ ҳастам, ҳамин тавр не?

I am coming tomorrow, ain’t I? Ман пагоҳ меоям, ҳамин тавр не?

д) Дар қисми аввали саволи ҷудокунанда инчунин ҷумлаҳои амрӣ бо хабар омада метавонанд. Онҳо дар шаки шахси якуми ҷамъ омада, бо ёрии феъли *to let* ифода мешаванд. Дар ин маврид саволи кутоҳ ба воситаи феъли ёрирасони *shall* сохта мешавад [2, 646]. Масалан:

Let’s be good friends, shall we? Биёед дӯстони хуб бошем, ҳамин тавр не?

Let’s do a business, shall we? Биёед тиҷоратро сар кунем, ҳамин тавр не?

е) Ҷавобҳо ба саволҳои ҷудокунанда одатан кутоҳ буда, аз *ҳа/не (yes/no)* иборатанд. Баъди *ҳа/не (yes/no)* вергул гузошта шуда, мубтадо мебиёяд, ки он ба воситаи ҷонишин ифода шудааст. Баъд аз ин ҷонишин хабар гузошта мешавад, ки он бо феъли ёрирасон ё феъли модалии мувофиқ ифода меёбад [2, 646]. Масалан:

It’s extremely cold outside, isn’t it? - Yes, it is.

Дар берун хеле хунук аст, ҳамин тавр не?

The new generation can’t live without new technology, can they? - No, they can’t.

Насли нав бе технологияи нав зиндагӣ кардан наметавонад, ҳамин тавр не? Не, наметавонад.

Moscow wasn’t built in a day, was it? - No, it wasn’t.

Москва дар як рӯз сохта нашудааст, ҳамин тавр не? Не, (ҳамин тавр не). Не, нашудааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки ҷумла воҳиди асосии забон буда, ба воситаи он инсон фикр худро ифода мекунад ё тасдиқ бошад ё инкор ва ё савол. Ҷумла метавонад аз якчанд ё ҳатто аз як калима иборат бошад, агар он фикри томро ифода кунад. Аз сабаби ҳадафҳои гуногун, ҷумлаҳои забони англисӣ ба ҷумлаҳо ҳикоягӣ, амрӣ ва саволӣ ҷудо мешаванд. Ҷумлаҳои саволӣ дар забони англисӣ яке аз муҳимтарин ҷумлаҳо ба ҳисоб мераванд. Вазифаи асосии онҳо аз донистани маълумоти иловагӣ ва ба даст овардани ахборот иборат мебошад.

Яке аз маъмултарин намудҳои ҷумлаҳои саволӣ ин саволҳои ҷудокунанда мебошанд. Вазифаи чунин саволҳо дар забони англисӣ мақоми калонро ишғол кардааст. Вазифаи асосии онҳо изҳори ҳиссиёт, шубҳа, киноя, тааҷҷуб, нобоварӣ ва муқовимат ба ҳисоб меравад. Ин намуди саволҳо аз ду қисм иборат буда, қисми якумашон ҷумлаи ҳикоягии инкорӣ ё тасдиқӣ ва қисми дуюмашон саволи умумии кутоҳро (the tag) дар бар мегирад.

Ба воситаи оҳанг мақсади гӯяндаро ба осонӣ дарк кардан мумкин аст. Оҳанги баланд нишонаи ахбороти зиёдтар пурсиданро дорад. Оҳанги паст бошад хоси ҷумлаҳои риторикӣ мебошад.

Ҷавоби саволҳои ҷудокунанда аз *ҳа/не (yes/no)* иборат буда баъди онҳо ҳатман вергул гузошта мешавад ва баъдан мубтадою хабар гузошта мешаванд. Саволҳое, ки бо феъли ёрирасони *to let* оғоз меёбанд аз дигар намудҳои ин савол фарқ мекунанд, зеро дар ҷавоб онҳо феъли ёрирасони *shall* – ро талаб мекунанд.

Адабиёт:

1. Арзуманов С., Сангинов А. Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1988. – 416 с.
2. Камянова Т. Грамматика английского языка. Часть первая, теория грамматики. – Москва, 2017. – 766 с.
3. Каушанская В. Л., Ковнер Р. Л. Грамматика английского языка. 4-ое издание. – Ленинград, 1973. – 320 с.
4. Каушанская В. Л., Ковнер Р. Л. Грамматика английского языка. 5-ое издание. – Москва, 2008. – 384 с.
5. Корбина Н. А., Корнеева М. И. Грамматика английского языка. Морфология, синтаксис. – Санкт Петергург, 1999. – 346 с.
6. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1970. – 266 с.
7. Рустамов Ш. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1984. – 323 с.
8. Угарова Е. В. Вопросительные предложения английского языка. – Москва, 2011. – 96 с.
9. Утевская Н. Л. Грамматика английского языка. – Санкт Петербург, 2011. – 480 с.
10. Ganshina M. A., Vasilevskaya N. M. English Grammar. Ninth edition revised. – Moscow, 1964. – 548 p.
11. Ganshina M. A., Vasilevskaya N. M. English Grammar. Seventh edition revised. – Moscow, 1953. – 481 p.

Калидвожаҳо: *ҷумла, саволҳои ҷудокунанда, тартиби калимаҳо, саволи умумии кутоҳ, тасдиқӣ, инкорӣ, саволи риторикӣ, оҳанг, феъли ёрирасон, феъли модалӣ.*

Аннотация

РОЛЬ РАЗДЕЛИТЕЛЬНЫХ ВОПРОСИТЕЛЬНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В этой статье речь идёт о разделительных вопросительных предложениях, и их структура в английском языке. Видно, что разделительные вопросы состоят из двух частей. Первая часть включает в себя повествовательное предложение, а вторая часть содержит короткий общий вопрос, который называется *tag*. Интонация играет большую роль в таких типах вопросах. В повествовательных предложениях используется отрицательный короткий общий вопрос, а в негативных предложениях, положительный короткий общий вопрос. Короткий общий вопрос имеет инверсированный порядок слов. Разделительные вопросы являются разновидностью общих вопросительных предложений, ответ на них тоже состоит из *да/нет (yes/no)*.

Ключевые слова: *предложение, разделительные вопросы, порядок слов, общий короткий вопрос, положительный, отрицательный, риторический вопрос, интонация, вспомогательный глагол, модальный глагол.*

Annotation

THE ROLE OF DISJUNCTIVE QUESTIONS IN ENGLISH LANGUAGE

Disjunctive Questions and their structure in English are discussed in this article. It is evidently that Disjunctive Questions consist of two parts. The first part includes an affirmative sentence and the second part consists of a short general question, which is called *a tag*. Intonation plays a significant role in these kinds of questions. In affirmative sentences a negative short general question is used, in negative sentences, a positive short general question is appropriate. Short general question has inverse word order. Disjunctive Questions are one type of General Questions, and their answer also consists of *yes-no*.

Keywords: *sentence, disjunctive questions, word order, short general answer, positive, negative, rhetorical question, intonation, auxiliary verb, modal verb.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Имомназарова Соро Азизмамадовна, магистранти кафедраи забони англисии факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 937886684. Email: *soro_08@mail.ru*

Роҳбари илмӣ: дотсент Утаев М.

Сведения об авторе: Имомназарова Соро Азизмамадовна, магистрантка кафедры английского языка факультета английского языка Таджикского государственного педогогического университета имени Садриддин Айни. Тел.: +992 937886684. Email: *soro_08@mail.ru*

Научный руководитель: доцент Утаев М.

About the author: Imomnazarova Soro Azizmamadovna, master of English language faculty English language department, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: +992 937886684. Email: *soro_08@mail.ru*

Scientific leader: assistant professor Utaev M.

Игболова Зебонисо,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ХУСУСИЯТИ ФОНЕТИКӢ ВА ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ГИДРОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Масъалаи меъёрҳои талаффуз дар гидронимҳо хеле печида аст: номувофиқии имло ва талаффуз дар гидронимия ба мисли топонимияи кишварҳо хеле намоён аст. Ин падида дар баъзе мавридҳо метавонад боиси пайдоиши гузинаҳои маҳаллӣ гардад. Гидронимҳои забони англисӣ **Holm** [houm], **Alne** [o:n], **Beult** [bʌlt], **Cardew** [ko:de], **Gilcambon** [gilk′o:men], **Lune** [′liun], **Fowey** [foi], **Frome** [fru:m] талаффуз карда мешаванд. Гидрониҳои забони тоҷикӣ Аму-Ому, Вахш-Охшо-Оахшо, Сир-Сайхун, Қашқадарё-Кешруд-Кашафруд, Оқсу-Осруд. Назар ба ин рӯйхати номувофиқиро ба таври назаррас метавон афзоиш дод: дар баъзе аз гузинаҳои маҳаллӣ шакли соддатари талаффузи гидронимҳо инъикос ёфтаанд ва дар баъзеи дигар раванди омезиши талаффузи анъанавӣ бо талаффузи ба истилоҳ «имлой» ба роҳ монда шудааст. Ба сифти намунаи фонетикӣ гидронимҳои зерин мисол шуда метавонанд: **Eamont** [′iament], [jament], [ement], [i:ment]; **Glaven** [glænv], [gleivn]; **Chalk Besk** [ʃo:k], [tʃo:k], **Deben** [di:vn], [di:bn]. Ин равандро айнан дар забони тоҷикӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан дар ҳар як манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои гуногуни гӯиш ё лаҳҷа ба кор бурда мешавад.

Инчунин гузинаҳои синхронии гидронимҳои забони англисӣ, бинобар сабаби мавҷуд будани рангу бори услубӣ, хело ҷолибанд. Ҳамин тариқ, дар Уэлс муддати тӯлонӣ дар баробари номи дарёи **Ди** (Dee), нусхаи шоирона дар шакли Аэрфен (Aerfen), ки маъноиш «**олиҳаи ҷанг**» буд, вуҷуд дошт. То имрӯз ин гидронимия номи аслии худро нигоҳ доштааст. **Темза–Isis** аз номи буридаи лотинии «**дарё**» ба вуҷуд омадааст ва дар забони англисӣ чунин талаффуз дорад: **Tamesis** > Isis [temz].

Яке аз намунаи барҷастатарини пайдоиши гузинаҳо, номи дарёи **Гранта** мебошад, ки расман дар ду вариант мавҷуд аст: ***Granta*** ва ***Cam.*** Пайдоиши вожаи ***Кам*** натиҷаи равандест, ки баръакс номгузорӣ шудааст. Дар солномаҳои асри XII шаҳраки **Грантасеастир** (Grantaceastir) зикр шудааст, ки дар соҳили дарёи Гранта ҷойгир аст ва дар ҷои қалъаи харобшудаи Рум таъсис ёфтааст. Дар асри X шакли **Грантабрич** (Grantabrycge) сабт карда шуд (қароргоҳ дар пули болои Гранта). Дар давраи истилои нормандиҳо ин шаҳрак ба яке аз марказҳои муҳими маъмурӣ ва иқтисодӣ табдил ёфт. Дар натиҷаи тағйироти мураккаби фонетикӣ, ки бо монандшавӣ, ассимилятсияи номи онҳо дар муҳити скандинавӣ алоқаманд буд, бинобар сабаби душвории талаффуз скандинавиён **Gr**-и ибтидоиро бо **Cr** иваз карданд. Сипас садои **-r-** аксар вақт тамоман партофта мешуд. Шаклҳои **Crantebrige** ва сипас **Canbrige** ба миён омад. Содда кардани гурӯҳи ҳамсадоҳо дар мобайни калима ***Canbrige*** ва ниҳоии Кембричро медиҳад. Алакай дар асри XIV номи **Crantebrige** бо маънои пули болои дарёи Канте дарк карда мешуд ва дар асри XVI мисли пуле, ки дар болои дарёи Кем аст. Ҳамин тариқ, дарёи **Гранта** дар назди шаҳре бо номи **Кем**-ро мегирад. Ҳардуи гузинаҳои номҳо дар айни замон якҷояанд. Ба монанди ин дар забони точикӣ дарёи Аму мисол шуда метавонад. Ҷайҳун – калимаи арабӣ буда маъноиш дарёи калон аст. Ин муродиф дар байни мардум на он қадар маъмул аст, чунки дар истифода қарор надорад, танҳо дар сарчашмаҳо барои ифодаи номи дарёи Аму меояд. Айни ҳол бо номи Аму мавриди истифода аст, аммо дар байни мардум шакли Ому хеле серистифода аст. Яъне аз мисолҳои овардашуда бармеояд, ки гидронимҳо таърихи дуру дарозро аз сар гузаронида шаклҳои мухталифро иваз кардаанд.

Дар ин таҳаввулот таъсири Вахш /Охшо/ Оахшо[vaxs/ axsa/aaxsa] – номи дарё, води, қаторкӯҳ, ноҳия, деҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шакли Охшо, Оахшо номи олиҳаи обёри дар тасаввури бохтариёни қадим аст. Баромади он аз калимаи «вахшу»-и порсии қадим сарчашма мегирад. Дар забони авастоӣ ва дар китоби «Авасто» вахш истилоҳе мебошад, ки маънои луғавиаш «сухани гуфташуда» буда, дар забони суғдӣ ба маъноҳои мафҳум, сухан, гуфтор фаҳмида мешавад.

Хусусияти хоси гузинаи амрикоии забони муосири англисӣ дар соҳаи фонетика хеле возеҳ ва намоён аст. Як қатор овозҳоро қайд кардан мумкин аст, ки аз ҷиҳати хусусиятҳои артикулятор,-акустикии худ аз садоҳои, ки дар талаффузи забони англисӣ шунида мешаванд, инчунин фарқиятҳои зиёди талаффузи ҳамон як калима ва фишори шифоҳӣ фарқ мекунанд. Баръакси топонимҳои британиёӣ, ки ба номҳои аслии англисӣ ё номҳои аз забонҳои келтӣ гирифташуда асос ёфтаанд ва ба мутобиқсозии фонетикӣ дучор шудаанд ва онҳо дар нусхаи

амрикоӣ дар баробари номҳо аз дигар забонҳо ҳамчун забони англисӣ дониста мешаванд. Дар миёни кишварҳои Аврупо, забонҳои ҳинд, ҷои хеле муҳимро ишғол мекунад, талаффузи онҳо на ҳамеша ба қоидаҳои талаффузи забони англисӣ итоат мекунанд. Англисҳо ҳангоми талаффузи **Arkansas** - амрикоиҳоро ба ханда меоранд. Номи иёлати **Арканзас** танҳо ҳамчун [**ˈa:rken, so:**] талаффуз карда мешавад. Номи дарёро метавон ҳамчун [**ˈa:rkenˈso:**] ва [**a:rˈkænzes**] талаффуз кард. Гузинаи охирин дар иёлати **Канзас** истифода мешавад.

Сабаби пайдоиши дублетҳои (ҷуфтҳо) фонетикӣ дар он аст, ки дар аввал талаффузи гидронимҳои забони хориҷӣ дар шакли аслии худ қабул карда шудаанд. Аммо, дар ҷараёни коркарди минбаъдаи номҳо дар муҳити забони англисӣ, гузинаҳои дигар ба монанди талаффузи маҳаллӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар онҳо ҷозиба ба талаффузи имло инъикос меёбад. Албатта ин мушкилӣ дар забони тоҷикӣ низ бараъло ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, гузинаҳои монанди [**a:rˈkænzes**] барои Арканзас мавҷуданд. Шакли маъмултарини номи давлат [**ˈa:rken, so:**] мебошад. Номи дарёи **Арканзас** [**ˈa:rkenˈso:**] дар дохили **Канзас** [**ˈa:rken, so:**] талаффуз карда мешавад.

Дар миёни гидронимҳои дорои хосияти фарҳангӣ гидронимҳои пайдоишашон аз забони ҳиндӣ хеле зиёд аст, ки мушкилиҳои зиёдро дар вақти талаффуз на танҳо барои хориҷиён, балки барои худи амрикоиҳо низ ба вуҷуд меорад: **Миссури** [**miˈzuri:**] номи дарё ва иёлат. Дар нутқи амрикоиҳои таҳсилкарда (хусусан дар шаҳри **Сан-Луис**), тамоюли талаффузи ин ҷой бо қиёс бо «**jury**» (тарҷумааш ба забони тоҷикӣ «**доварон**») [miˈzueri] мушоҳида мешавад. Аксари сокинони Миссур, ва Канзас онро ба мисли mizoora [**miˈzu:re**] талаффуз мекунанд.

Puget Sound [ˈpju:dʒit] номи халиҷе дар иёлати Вашингтон аст, ки дар он аввалин ҳиҷои таъкидшуда [**pju**] талаффуз карда мешавад ва ду ҳиҷои аввали калима маънои «**fugitive**» (бо забони тоҷикӣ тарҷумаи «**фирорӣ**»)-ро дорад.

Tahoe Lake[ˈta:heu] номи кӯл дар Калифорния аст, ки дар он талаффузи ҳиндӣ калимаи «**tah ho**» ҳифз шудааст, ки зоҳиран маънои «**чуқур**» ва «**кабуд**»-ро дорад.

Willamete [wiˈlæmit] номи дарё дар иёлати Орегон аст.

Дар гидронимия зуд-зуд ивазшавии талаффуз ба миён меояд.

Гидронимияи Амрико ва дар маҷмуъ топонимия талаффузе ҷорӣ карда шудааст, ки ба имлои муосири он мувофиқ аст, на ба оне, ки одатан дар Англия ҷой гирифтааст. Дар «**талаффузи имло**» дар нусхаи англисӣ агар зада вуҷуд надошта бошад, дар нусхаи амрикоӣ зада дар ҳиҷои дувум меояд. Амрикоиҳо ва британиёиҳо метавонанд дар бораи як имло тасаввуротҳои гуногун дошта бошанд.

Илова ба донистани фарқиятҳо дар талаффузи адабии гузинаҳои британиёӣ ва амрикоӣ, донистани талаффузи гидроним аз ҷониби аҳолии маҳалл, зарур аст, зеро талаффузи он на ҳамеша ба меъёрҳои забони адабӣ, итоат мекунанд. Албатта ин фарқиятҳо дар забони тоҷикӣ бараъло намоён мебошанд.

Пайдоиши қисми зиёди гидронимҳо дар забони англис, ба қаъри асрҳо рост меояд ва муайян кардани робитаи номгузории терминҳое, ки дар решаи асосии гидронимҳо хобидаанд, хеле мушкил аст. Бисёре аз гидронимҳо аз исм таркиб ёфта ба он калимаи «**об**» ҳамроҳ шудааст, ки дар якчоягӣ, ибораи исмиро ташкил медиҳад («дарё», «рӯд», «сарчашма»): Avon, Axe, Amber, Humber, Ouse, Wear, Tyne, Done. Навиштаҳои ба монанди Blackwater – оби Сиёҳ дар забони тоҷик, синоними он дар номи Сияов (Сиёҳоб дар ноҳияи Намадон,), Blackburn - оби Гарм дар забони тоҷик, синоними он дар номи оби Гарм (дар ноҳияи Роғун) низ бисёр вомехӯранд.

Вожаи маъмултарине, ки дар ташаккули гидронимҳои забони тоҷикӣ низ хизмат мекунад вожаи «**об**» мебошад. «**Об**» вожаи тоҷикӣ аст ва дар фарҳангҳо ба маънои моддаи моеъ, моеъи маъруф, ки аз омезиши обзо ва туршизо иборат аст, омадааст [1, 8]. **ГИДРО** *(ю)*. **گیدرا** *ҷузъи пешини калимаҳои мураккаб ба маънои* об *ва* обӣ, **ГИДРОГЕН** *(ю)*, **ГИДРОГЕОЛОГИЯ** *(ю)*, **ГИДРОЛОГИЯ** *(ю)*- илми омӯзиши обҳои рӯизаминӣ (*дарё, кӯл, ботлоқ, обанборҳо ва г.*) [2, 319]. Дар ташаккули номҳои ҷуғроф, низ вожаи «**об**» ҳамчун анҷомаи топонимсоз хизмат мекунад, ба монанди Анзоб, Варзоб, Лучоб, Такоб, Фароб, Панҷоб, Сероб, Хуталоб, Андароб ва ғайра. Ин вожа дар байни давлатҳои ҳамзабони Афғонистону Эрон ва ҳамсарҳади ба монанди Узбекистон серистеъмол мебошад: Сайроб, Китоб Сиёҳтоб, Шероб, Сентоб, Гирдоб Лойоб, Кантоб ва Кифтиоб дар ҳудуди Узбекистон, Миёноб... дар ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Панҷоб… дар истифода қарор доранд. Қайд кардан зарур аст, ки вожаи «**об**» зери таъсири забони гуфтугӯ, ё лаҳҷавӣ ва ё гӯишҳои маҳалл, дар таркиби номвожаҳои ҷуғрофӣ «**ов**» талаффуз мешавад: дарёи Сурхов, дарёи Камаров, дарёи Хингов ва ғайраҳо.

Илова бар ин «**об**» ба маънои васеъ истифода мешавад ва бо вожаҳои **рӯд** ва **дарё** муродиф мебошад: Нафтрӯд, Кешрӯд, Амударё, Қашқадарё ва ғайра. Дар забони англисӣ низ ҳолатҳое,

ки дар таркиби номвожа апелятивҳои муосир маънои асилии худро нигоҳ медоранд, бисёранд: Beam River-«дарё», Marden River, Sloglin Water –«об», Marl Brook (рӯд), Dan's Brook.

Топонимҳое, ки дар таркибашон вожаҳои гидронимсози **об**, **чӯй**, **ҳавз, обанбор**, **рӯд** ва ё **дарё** доранд аз он далолат медиҳанд, ки дар наздикии ягон навъи объекти об, воқеъ шудаанд. Масалан, Анчиров (дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин), Дуоб, ҳавзи Сир (дар ноҳияи Муъминобод), ҳавзи Кабуд (дар ноҳияи Тавилдара), обанбори Қайроқум (аксар вақт онро "Баҳри Тоҷик" низ меноманд) (дар вилояти Суғд), обанбори Норак (дар шаҳри Норак), обанбори Муъминобод (дар ноҳияи Муъминобод), дарёи Панҷ (берун аз ҳудуди Тоҷикистон онро Амударё меноманд), дарёи Вахш (бо ҳам пайвастани дарёҳои Хингоб ва Сурхоб), Сирдарё ва ғайраҳо мебошанд.

Анзоб номи дарё ва мавзеъ дар ноҳияи Айнӣ, аст. Ин топоним аз ҷиҳати сохт мураккаб буда маънои "**сарду зулол**", "**тоза"** бо иловаи ҷузъи **об** сохта шудааст.

Варзоб - номи дара, дарё, мавзеъ дар қисмати шимолу-ғарбии Душанбе. Ин топоним маъноиш ҷоришавии об аз замини бандрро дорад, яъне дарёе, ки аз боло ё баланд, ҷорӣ мегардад, мебошад.

Камароб номи мавзеъ дар води ноҳияи Рашт. Назар ба маънои луғавӣ, он маънои ҷорӣ, гардидани об аз "**тангно**" ва "**камар**"-и кӯҳро дорад.

Дар ҳамаи забонҳо таъсири забонҳои дигар дида мешавад ва ин аст, ки ягон забони мустақил забони холис буда наметавонад. Сол ба сол, аср ба аср таркиби грамматикӣ ва таркиби фонетикии қисми зиёди калимаҳо ба куллӣ дигаргун шудаанд. Махсусан дар забони англисӣ, таъсири забони скандинавӣ, фаронсавӣ, ҳиндӣ ва дар забони тоҷикӣ, таъсири забони арабӣ, ӯзбекӣ, туркӣ, ва ғайра хеле зид аст. Бешубха гуфта метавонем, ки гидронимҳо дорои хусусиятҳои зиёди забонӣ, таърихӣ ва ҷуғрофианд. Шумораи умумии номҳои ба об алоқаманд ва ё гидронимҳо тавассути мавҷудияти шаклу муродифоти зиёд аз худи шумораи мавзеъҳои обӣ зиёдтаранд. Як дарё ва ё баҳр дар тӯли таърих тавонистааст чандин маротиба номи худро табдилу тағйир додааст.

Адабиёт:

1. Cambridge Dictionary of American English. – London, Cambridge University Press, 2000.
2. Ekwall E. English River-Names. – Oxford: Clarendon. – 1968 y.
3. Ekwall, E. The Celtic Element. In A. Mawer, & F. Stenton (Eds.), Introduction to the Survey of English Place-Names. (Pt. I, pp. 15–35). Cambridge: CUP. – 924 y.
4. Oxford Advanced Learner's Dicnionary of Current English. – Oxford, 2010. – 1796 p.
5. Мюллер В. К. Большой англо-русский, русско-английский словарь / Мюллер В.К. – М.: ООО Дом Славянской книги, 2007. – 958 с.
6. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик. – Душанбе, 2004. – 19 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе, Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.
8. Ҳомидов Д. Р. Таҳқиқи забоншиносии гидронимҳои мавзеъҳои таърихии тоҷикнишин. – Душанбе, 2015.

Калидвожаҳо: *гидронимия, топонимия, об, дарё, кӯл, имло, гузинаҳои талаффуз, таркиби луғавӣ.*

Аннотатция

ФОНЕТИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА И ЛЕКСИЧЕСКИЙ СОСТАВ ГИДРОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Гидронимы имеют большое значение в изучении истории человечества. Нет сомнений в том, что гидронимы можно использовать как инструмент для восстановления прежних культурных связей, перемещений населения, обращений или древних языков. В связи с этим исследования показывают, что гидронимы произносились по-разному в результате влияния других языков на протяжении своей истории. Даже сегодня, под влиянием диалекта или говора произношение существительных неверно в их написании, потому что это реалии определенных регионов, районов, деревень и так далее. С точки зрения строения гидронимов в таджикском языке значительную роль играет слово «вода» с его синонимами «руд», «дарё». Несмотря на

некоторые исключительные слова, большинство гидронимов названо этими словами, которые легко идентифицируются в таджикском языке.

Ключевые слова: *гидронимы, топонимы, вода, река, озера, орфография, варианты произношения, лексическая структура.*

Annotation

PHONETIC CHARACTERISTICS AND LEXTUAL COMPOSITION OF HYDRONYMS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Hydronymies plays a great role in learning of the history of humanity. Hydronymies can be a tool to reconstruct past cultural interactions, populations movement, religious conversions or older languages**.** In connection of the researcher's conclusion Hydronymies got different kinds of spellings during the history of their existence with the influence of other languages. Nowadays, also with influence of dialects or speaking dialects the pronunciation of name places cannot concede with the spelling, because they are realities of the definite areas, regions, districts, villages and others. According to the structures Hydronymies play significant role with word "water" and its synonyms as "rod", "dray" in Tajik language. Independently from some of exceptions more part of Hydronymies by the help of these words named which we can define the Hydronymies in Tajik language.

Key words: *hydroniums, troponins, water, river, lake, spelling, pronunciation, lexical structure.*

Маълумот оид ба муаллиф: Иғболова Зебонисо, магистранти соли дуюми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Баротзода Ф.

Сведения об авторе: Игболова Зебонисо, магистрантка второго курса английского факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руковдитель: доцент Баротзода Ф.

About the auther: Ighbolova Zeboniso, master's degree of the second year of the English faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Игболова Зебонисо,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ЭТИМОЛОГИЯИ ГИДРОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Омӯзиши этимологии таърихи пайдоиш дар калимасозӣ аҳамияти калон дорад, чунки маҷмӯи калимаҳо, ки аз як реша ва вобастагии онҳо аз ҳамдигар аз ҷиҳати баромади макони таърихӣ-этимологӣ мебошад. **Этимология** (юнонӣ: **etymologia-маънои ҳақиқии калима**, **etimon-ҳақиқат+logos-таълимот)** ин яке аз бахшҳои забоншиносӣ буда, баромади вожаҳоро меомӯзад. Мақсади ниҳоии таҳлили этимологӣ ин муайян кардани ҳодисаҳои калимасозӣ, сохтани калимаи нав дар асоси калимаҳои собиқ ва манбаи пайдоиши онҳо мебошад. Этимология алоқаи аз ҳама зич бо диалектология (лаҳҷашиносӣ) дорад, хусусан ба омӯзиши луғати лаҳҷа (шева).

Омӯзиши гидронимҳо яке аз мавзуҳои ҷолиби диққат буда, диққати муҳаққиқон, саёҳон ва этимологҳоро ба худ ҷалб кардааст ва иншоотҳои обӣ аз рӯйи хусусияташон ҷудо мекунанд: **Гидронимҳо** (юн. *hidronimus*) – номи иншоотҳои обӣ, аз ҷумла, **Океанонимҳо** (юн.) номи уқёнусҳо, **Пелагонимҳо** (юн. *πέλαγος*) номи баҳрҳо, **Лимнонимҳо** (юн. *λίμνή*) – номи кӯлҳо, **Потамонимҳо** (юн. *ποταμός*) – номи дарёҳо, **Гелонимҳо** (юн. *έλος*) – номи ботлоқҳо [Сравнительно-историческое языкознание, 2013, 117].

Як дарё ва ё баҳр дар тӯли таърих метавонад чандин маротиба номи худро табдилу тағйир диҳад. Барои халқҳои ориёинажод ва ҳамчунин мардуми англисзабон дар гузаштаи дур обҳо аҳамияти зиёд дошта, дар шакли гуногун номгузорӣ мегаштанд. Ҳатто дарёҳо метавонистанд сарчашмаи пайдоиш ва ташаккули этникии қавму қабилаҳои алоҳида гарданд. Вожаномҳои ҷуғрофии ба мавзеъҳои мутааллиқ ба об, яъне гидронимҳо низ дар сарчашмаҳои хаттӣ бо шаклҳои гуногуну калимаҳои мухталиф зикр ёфтаанд, ки онҳоро аз рӯйи ифодаи шакл ва мазмун метавон муродифот ё муодили луғавии гидронимҳо ном бурд. Аз ин ҷиҳат, ба номҳои дарёву рӯдҳо, наҳру рӯдхонаҳо, баҳру кӯлҳо нигарем, онҳо дорои таърихи тӯлонӣ буда, бо номҳои гуногун баён карда мешаванд. Маъмулан номгузорӣ дар иншоотҳои об, аз рӯйи хусусиятҳои хоси онҳо сурат мегирад: ранг ва дараҷаи шафофии обӣ андоза ва сохти обанбор, хусусияти ҷоришаӣ, ва ғайраҳо. Табиати гидронимҳо хело гуногун ҳастанд. Таърихи пайдоиши онҳо тақрибан номаълум аст ва муайян кардани онҳо меҳнат ва талоши хеле зиёдро талаб мекунад. Ба ақидаи А.Л. Хромов, «…маводҳое, ки аз сарчашмҳои араб, ва форсӣ-тоҷикии асрҳои X-XIII ба даст омадаанд, исбот мекунанд, ки то омадани арабҳо ба Осиёи Миёна дар асрҳои V-VIII тағйиротҳо дар топонимҳо ногаҳон ва яку якбора ба амал наомадаанд» [Хромов, 1977, 130].

Чуноне ки, аз нигоҳи сохту таркиб ва хусусиятҳои калимасозӣ маводи гидронимии сарзамини Мовароуннаҳрро низ ба навъҳо ва қолибҳои гуногун ҷудо кард. Аз ҷумла, аз ҷиҳати пайдоиш ва баромади забонӣ (этимологӣ) маводи гидронимии сарзамини Мовароуннаҳр аслан ба гурӯҳи забонҳои эронӣ (тоҷикӣ, форсии қадим, форсии миёна, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, яғнобӣ, помирӣ тааллуқ дошта, инчунин гидронимҳои туркиву арабӣ ва муғулӣ низ ба назар мерасанд. Илова бар ин тағйири номвожаҳо дар муайян кардани сарчашмаи пайдоиш ва пешрафти гидронимҳо метавонад моро ба натиҷаҳои нодуруст расонад. Дар қатори қисми калони гидронимҳои ҷумҳурӣ калимаҳои арабӣ ва унсурҳои иқтибосшуда, ё ки аксари топонимҳо пурра аз калимаҳои арабӣ ташкил ёфтаанд, чунки қариб 75%-80% фоизи калимаҳои забони тоҷикиро вожаҳои арабӣ ташкил мекунанд, аммо истифодашавии дар қатори лексикаи забони тоҷикӣ пурра ба қоидаву меъёр ва қонунҳои забони тоҷикӣ ҳазм шудаанд.

Аму // Ому < Окс > Жайҳун [Amu // Omu < Oks > Jayhun] номи яке аз калонтарин дарёи Мовароуннаҳр буда, дар сарчашмаҳои хаттӣ бо номҳои гуногун, ки забонҳои юнонӣ тааллуқ [Оксус] ва арабӣ [Жайҳун] мебошанд, зикр гардидааст. Куҳнатарин номи таърихии Амударё Вахш аст, ки аз вожаи «vaxšu-» буда, маъноиш «боланда, фазоянда» аст. Ҳамин номро юнониён «Ὄξος» навиштанд ва румиён онро лотин, карданду «Oxus» нигоштанд [Номидов, 2018, 232].

Вахш (وخش) – 1. *кит.* ибтидо, оғоз. 2. номи водиест дар қисми ҷанубу ғарбии Тоҷикистони ҳозира, ки дар ҷараёни дарёи Вахш (*яке аз шохобҳои Амударё*) воқеъ гардидааст. 3. Номи олиҳаи обу обёрист дар тасаввури бохтариёни қадим [ФТЗТ, 2008, 71]. Таврє Абӯрайҳони Берунӣ зикр менамояд, ки аҳолии маҳаллӣ, яъне хоразмиҳо олиҳаи (Худо ё фаришта) умуман обҳоро ва махсусан дарёи Омуро бо номи Вахш ёд мекарданд [Боголюбов, 1966].

Дар шакли **Āksā**, **Āaxsa** номи олиҳаи обу обёрӣ номи дарёи Вахш дар тасаввури бохтариёни қадим фаҳмида мешуд. Пас маълум мешавад, ки вожаи «vaxšy»-и порсии қадим аз ин маъно сарчашма мегирад [Девонақулов, 1989].

Дар забони авестоӣ ва дар китоби «Авасто» вожаи **вахш** истилоҳе мебошад, ки маънои луғавиаш **«сухани гуфташуда»** аст ва дар забони суғдӣ бо **«logos»**-и юнонӣ (мафҳум, сухан, гуфтор) ҳаммаъност. Дар забонҳои миёнаи эронӣ Вахш ба маънои **«рӯҳ»** истифода шуда, маънои **«оби ҷорӣ»**-ро низ ифода мекардааст. Дар сарчашмаҳои ҳиндӣ калимаи **«вахшу»** номи Амударёст, ки юнониён онро бо калимаи ба он ҳамоҳанги **āp āksys** ном мебурданд. Дар катибаи рӯйи санге, ки дар музеи Калкутта маҳфуз аст, **Вахш** худои яккаву ягона номида мешавад [Расторгуева, 2000].

Ёхсу (Охсу) калонтарин дарёи мавзеи Кӯлоб аст, ки маънои **оби сафед-**ро дорад.

Яке аз хусусиятҳои хоси об ва номвожаҳо ин ҳарорати он аст. Аз ҷумла: **Обигарм -** номи чашма, осоишгоҳ ва шаҳрак дар ноҳияи Роғун воқеъ аст. Дар ҳақиқат оби чашма гарм буда, аз ҷузъҳои «**об**» ва «**гарм**» ташкил ёфта ва сирф калимаи тоҷикист.

Хоҷаобигарм - номи чашма, осоишгоҳ ва деҳа дар ноҳияи Варзоб. Вожаи мураккаб буда аз се ҷузъ **«хоҷа», «об» ва «гарм»** иборат аст ва калимаи тоҷикист.

Гармчашма - номи чашма ва осоишгоҳ дар ноҳияи Ишкошими вилояти Бадахшон қарор дорад ва он аз қисматҳои **«гарм» ва «чашма»** иборат аст.

Дар Англия низ чашмаҳои оби гарм вуҷуд доранд, аз ҷумла шаҳри **Bath** (аз ҷиҳати этимолог, аз забони аслии англисӣ) бо чашмаҳои оби гармаш машҳур аст. Гидроними **Bath** – маънои хонаи алоҳидае дар манзил ё ҳаммом, хона барои шустушӯ ва оббозӣ мебошад. Римиҳо ҳангоми ҳукмрон, дар асрҳои I-V дар ин ҷо ҳаммом, роҳҳо ва дигар иншоотҳое сохтанд, ки то ба ҳол ҳамон сохти қадимаашонро нигоҳ доштаанд.

Хусусиятҳои гидронияи об чи дар забони тоҷикӣ ва чи забони англисӣ ин ранги он мебошад. Масалан: **Сиёҳоб** - дарёча дар ноҳияи Намадонӣ, ки аз ҷузъҳои «**сиёҳ**» ва «**об**» иборат буда, **Сияов** (лаҳҷавӣ) маънои **«оби сиёҳ»** ё **«торик»-**ро дошта вожаи тоҷикӣ мебошад.

Дар Англия низ ба ин монанд дарёчаи **Bleackburn** мебошад, ки маънои**- «дарёчаи сиёҳ»**-ро дошта, калима сирф англисӣ мебошад.

Дарёи **Темза-(Tamesis >Isis)** яке аз аввалин намунаҳои забони гуфтугӯии донишҷӯён аст. Ин вожа аз номи буридаи лотинии **«дарё»** ба вуҷуд омадааст. Ин номвожа дар забони келтӣ **Tamesas** маънои **«торик»**-ро дорад ва ба калимаи ҳиндуаврупоии **ta «равон»** монанд аст, ҳама ин монандиҳоро ба назар гирифта ин гидроним маънои **«дарёи торик»**-ро ифода мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки аз рӯйи маъно бо дарёи **Тими** (Уэлс), **Тейми** (ҷанубии Англия), **Теймари** (ҷанубу ғарбии Англия) хеле монанд аст, чунки ҳамаи онҳо аз як реша сохта шудаанд ва дар забони келтӣ маънои **«торик»**-ро ифода мекунанд.

Лох лохи - номи кӯл дар Шотландия аст. Ин номвожа калимаи аз забони гелӣ гирифта шуда, маънои **«торик»**-ро дорад. Гуфтан метавонем, ки ин гидроним маънои **«кӯли торик»**-ро ифода мекунад.

Навзи кабут (кабуд) – дар ноҳияи Сангвор буда, обаш ширин ва рангаш кабуди осмонист ва калима комилан тоҷикӣ мебошад.

Tahoe Lake[ˈta:heu] номи кӯл дар Калифорния аст, ки дар он талаффузи ҳинду калимаи «tah ho» ҳифз шудааст ва зоҳиран маънои «чуқур» ва «кабуд»-ро дорад.

Метавон гуфт, ки Британияи Кабир ва умуман ҳамаи мамлакатҳои англисзабон аз объектҳои оби бой мебошанд, чунки аксари онҳо бо об иҳота шудаанд. Дар ҳамаи манотиқи ин кишварҳо дарёҳои пуроб ва хушманзара, кӯлҳои сершумор воқеъ ҳастанд. Ҳангоми омӯхтани объектҳои обии Британиё метавон муайян кард, ки дар онҳо **решаҳои келтӣ** ва ҳатто **пеш аз келтӣ** нигоҳ дошта шудаанд. Топонимияи ҷазираҳои Британия асосан аз таъсири панҷ забонҳои гуногун: келтҳо, римиҳо, англосаксонҳо, скандинавҳо ва фаронсавиҳо сарчашма мегирад.

Тақрибан аксари номвожаҳои об, баромади келтӣ доранд: **Avon, Thames, Severn, Axe, Usk**. Номгузорӣ дар бисёре аз иншоотҳои обӣ, ки барои инсоният аз замонҳои қадим маълум аст на ҳамаи онҳо маънои **«об»** ва **«дарё»**-ро ифода мекунанд. Масалан калимаи санскритии **«синдху»**, ки маънои **«дарё»**-ро ифода мекунад, тавассути юнониҳо ва римиҳо дар шакли гуфтугӯ, ба Аврупо омада буд. Дар номҳои бисёре аз дарёҳо, решаи пеш аз келтии **«dur»** вуҷуд дорад. Барои мисол, дарёи **Дон** аз номи **худо,** ки ҳимоягари **Уэлс** ва **Ирландия** буд, **Дан** ба миён омадааст. Шохоби **Уза** (минтақаи маъмурии Саут-Йоркшир), **Даур** (минтақаи маъмурии Кент), **Эйвон** шохоби Северн аз забони Уэлс, «**дарё**» тарҷума мешавад. **Иден** аз қисмати шимолу ғарбии

Англия аз минтақаи маъмурии Кембрия мегузарад, мувофиқи навиштаҳои ҷуғрофшинос Клавдио Птоломей дарё барои римиҳо дар шакли **«Itouna»** маълум буд. Ин ном аз калимаи келтии **«ituna»** бармеояд, ки маънои **«об»** ё **«саросема»**-ро дорад.

Маъмулан номгузорӣ дар иншоотҳои обӣ аз рӯи хусусиятҳои хоси онҳо сурат мегирад: ранг ва дараҷаи шафофии об, андоза ва сохти обанбор, хусусияти ҷоришавӣ ва ғайраҳо. Мисол: **River Glyme - «дарёи ҷилодор»**, **Bleackburn - «дарёчаи сиёҳ»**, **Little Lough - «кӯли хурд»**, **Gwy - «дарёи кач ё печида»**.

Дарёи Мерс, дар Англия ҷойгир буда, дар забони англосаксонҳо бо маънои «**дарёи сарҳад»-**ро дорад. Маълум мешавад, ки ин дарё дар замони шоҳигарии Мерсӣ ва шоҳигарии Нортумбрияи қадим **нақши сарҳад**ро доштааст.

Дарёи **Северн** мувофиқи этимологияи халқӣ, ки гӯё **парии Сабрина** дар он ғарқ шудааст.

Ҳавзаҳои дигар номи худро аз минтақаҳои аҳолинишин, ки дар наздикии онҳо қарор доранд, пайдо кардаанд. Мисол, кӯли **Бала** (Уэлс) ба ифтихори шаҳраки на он қадар калон, ки номи он дар забони уэлс, маънои «**баромад аз кӯл**»- ро дорад номгузорӣ шудааст. Ё ин ки **Басейнтуэйт** (минтақаи маъмурии Кембрия) низ номи худро аз номи деҳаи наздиктаринаш гирифтаст.

Хулоса дар ҳамаи забонҳо таъсири бевоситаи забонҳои дигар бараъло мушоҳида мешавад Дар натиҷаи омӯхтан ва баррасии этимологияи гидронимҳо муайян кардем, ки номвожаҳои иншоотҳои об, ҳам дар забони тоҷикӣ ва ва ҳам дар забони англисӣ решаҳои ғайритоҷикиву ғайрианглисии зиёдро доро мебошанд, ки дар боло шарҳ додем. Унсурҳои умумии зиёде низ ҳастанд, ки дар номгузории иншоотҳои об, дар ҳарду забонҳо вуҷуд дорад. Аз ҷумла дар назар гирифтани хусусиятҳои хоси ҳавзаи обӣ ва инчунин ҳамном будани гидронимҳо ва номи топонимҳо дар ҳарду забон ва ғайраҳо мебошанд.

Адабиёт:

1. Боголюбов М. Н. Ягнобский язык // Языки народов СССР. Т. I (Индоевропейские языки). – М., 1966. – С. 342-361.
2. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 224 с.
3. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб. – Душанбе, 1995. – 196 с.
4. Офаридаев Н. Ойкономияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (тадқиқоти забоншиносӣ). – Душанбе, 2001. – 163 с.
5. Расторгуева В. С., Эдельман Д. И. Этимологический словарь иранских языков. Том 1. – М.: Восточная литература РАН, 2000. – 327 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.
8. Ҳомидов Д. Р. Таҳқиқи забоншиносии гидронимҳои мавзеъҳои таърихии тоҷикнишин. – Душанбе, ДМТ, 2018. – 470 с.
9. Ekwall E. English River-Names. – Oxford: Clarendon, 1968 y.

Калидвожаҳо: *иншоот, этимология, усулҳои номгузорӣ, форсии миёна, суғдӣ, помирӣ, ҷазираҳои Британия Кабир, келтҳо, римиҳо, англосаксонҳо, скандинавҳо, фаронсавиҳо*

Аннотация

ЭТИМОЛОГИЯ ГИДРОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Вода всегда была и имеет огромное значение для людей во все времена. По этой причине их изучение и рассмотрение в языкознании является важной и актуальной проблемой. Названия водоемов имеют очень давнюю историю. Люди, называющие водные объекты, обычно учитывают его отличительные особенности и характеристики. Британские острова населяли кельты на протяжении десятилетий. Таким образом, кельтский язык оказал большое влияние на гидронимы и топонимию в целом.

Ключевые слова: *объект, этимология, способы именования, группа иранских языков, древнеперсидский, среднеперсидский, согдийский, памирский, британские острова, кельты, римляне, англосаксы, скандинавы, французский язык.*

Annotation

ETYMOLOGY OF HYDRONYMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Water has always been and has a tremendous significance for people at all times. For this reason, their study and consideration in linguistics is an important and topical issue. The names of waterfowl have a very long history The researcher has identified a number of ways of naming, which can be seen in one language, as well as in different languages. The British Isles have been inhabited by Celts for decades. Therefore, the Celtic language had a great influence on hydronyms and toponymy in general.

Keywords: *object, structure, etymology, naming methods, ancient persian, middle persian, sogdian, pamir, british isles, celts, romans, anglo-saxons, scandinavians, french.*

Маълумот оид ба муаллиф: Иғболова Зебонисо, магистранти соли дуюми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Баротзода Ф.

Сведения об авторе: Игболовой Зебонисо, магистрантка второго курса английского факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руковдитель: доцент Баротзода Ф.

About the auther: Ighbolova Zeboniso, master's degree of the second year of the English faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Раҳмонова Малика Назаровна,
магистранти соли якуми факултети забони англисӣ

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ИНФИНИТИВ / МАСДАР (INFINITIVE) ВА ГЕРУНДИЙ / ИСМИ МАСДАР (GERUND) ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мавзуи инфинитив ё масдар (Infinitive) ва герундия ё исми масдар (Gerund) яке аз масъалаҳои доманадор ба ҳисоб рафта, дорои тобишҳои зиёд аст. Омӯзиши мунтазам ва таҳлилу таҳқиқи мисолу намунаҳо барои фаҳмидану аз худ кардани он ва беғалат мавриди корбурд қарор додани он ёрмандӣ мекунад.

Дар доираи як мақолаи фаро гирифтани тамоми ҷузъёти ин мавзуъ вазифаи саҳл нест ва метавон гӯфт, ки ғайри имкон аст. Мураккабӣ дар он зоҳир мегардад, ки барои интихоби verb+ing ё Infinitive қоида якранг муқаррар кардан номумкин аст. Интихоб метавонад дар ҳар як вазъияти ҷудогона тафовут дошт, ва он аз тарафи феъл муайян карда мешавад, ки инфинтив (масдар) / герундия (исми масдар) (мибаъд *инфинитив* ва *герундия*) аз он вобастагӣ дорад. Бинобар ин зарур аст, ки ба таҳлилу омӯзиши ҷумлаҳои мушаххас таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, то ки дуруст дар хотир гирифт, ки чӣ дар куҷо мавриди корбур бояд қарор дода шавад.

Феъл дар шакли инфинитив ва ё герундия дар забони англисӣ хеле зуд-зуд вомехӯрад ва дар ибтидо ба навомӯзони ин забон мушкилиҳои зиёде эъҷод мекунад. Герундияро аз рӯи иштибоҳ ба ҷои **present continuous** (ҳозираи давомдор) қабул мекунанд, гарчанде герундия ҳамчун феъл бо охирчаспаки **ing** ба назар мерасад ва ҳамроҳ бо феъли **to be** ҳеҷгоҳ мавриди корбурд қарор намегирад. Масалан, дар ҷумлаи «I go swimming to the lake in summer», swimming – ин герундия аст. Мо онро ҳамчун «Ман ба кӯл барои шиноварӣ дар фасли тобистон меравам» тарҷума мекунем.

Инфинитив (масдар) бо ҳиссачаи **to** дар раванди тарҷума мушкилиҳои зиёд ба миён меоварад. Дар аксари мавридҳо ҳангоми таҳвил дар забони тоҷикӣ зарурати мавриди корбурд қарор додани калимаҳои иловагӣ ва ё ҷумлаи пайрав ба миён мояд. Мисол, ҷумлаи содаи **«He stood up to say something»** тарҷума кардан замон, то замоне ки тахмин карда мешавад, ки варианти дуруст «Ӯ аз ҷояш бархост, (барои он) ки чизе гӯяд».

Дар маҷмӯъ панҷ шакл дар феъли забони англисӣ мавҷуд аст:

- шакли ибтидоии феъл (инфинитив);
- феъл бо охирчаспаки –s (es) – дар замони **present simple** истифода карда мешавад;
- феъл бо охирчаспаки -ing – барои замонҳои **continuous**, ба сифати герундия, сифати феълӣ ё сифат истифода менамоем;
- феъл бо охирчаспаки -ed (шакли 2 ва 3);
- феълҳои нодуруст (шакли 2 ва 3).

Шаклҳои аз ҳама бештар маъмули феъл ду шакли он мебошад – **инфинитив** ва **феъл бо охирчаспаки -ing**. Ҳар дуи ин шаклҳо дар таркиби замонҳои гуногун шомиланд, дар алоқамандӣ бо феълҳои модалӣ истифода мегарданд, ва зуд-зуд танҳо амали иловагӣ медиҳанд, албатта бе мутобиқат ба замонҳо. Дар мақолаамон маҳз ҳамон доир ба ҳолати ниҳоӣ баҳс мекунем.

Инфинити (масдар) ё герундия – ин феъле мебошад, ки ҷузъи хабари ҷумла маҳсуб намеёбад ва дар худ категорияи замонро таҷассум намекунад. Номҳои дигаре, ки метавонад ба шумо бархурад, инҳоянд: Complex object – пуркунандаи мураккаб, to-infinitive ва verb – ing.

Ҳамин тавр, алакай ба мо маълум аст, ки феъл на ҳамеша хабар маҳсуб меёбад, он на ҳамавақт категорияи замонро дар худ таҷассум мекунад. Дар забони тоҷикӣ зуд-зуд метавон феълро дар шакли номуайянӣ вохӯрд (шакли ибтидоӣ):

Ӯ **ёрӣ додан** хост.

«**Ёрӣ додан**» - ин шакли ибтидоии феъл маҳсуб ёфта, он аз замон орӣ аст, яъне ҳеҷ гуна замонро ифода намекунад. Дар грамматикаи забони англисӣ ин мавзуи масъалаи **«Инфинитив ва герундия»** ба шумор меравад.

Инфинитив (infinitive) – ин феъл дар шакли ибтидоӣ, феъл бе тағйироту дигаргунӣ. Пеш аз инфинитив (масдар) одатан ҳиссачаи **to** меистад.

Герундия (gerund, ing-clause, сифати феълӣ бо -ing) – ин феъли бо охирчаспаки –ing, ки ҷузъи замонҳои **continuous** маҳсуб намеёбанд. Пеш аз онҳо ҳеҷгоҳ ҳиссачаи **to** гузошта намешавад.

Дал ҳолате ки дар ҷумлаи англисӣ якчанд калима пай дар пай меоянд, дар ин маврид феъли якум хабар ҳисобида мешавад (ба савол ҷавоб мешавад), ва феъли минбаъда, ҷудо аз замон, дар шакли инфинитив / герундия меояд. Чунин феълҳои дар таркиби як ҷумла метавонад якчандто бошад.

Инфинитив ва герундия маъмулан дар нимаи дуюми ҷумла ҷойгиранд. Аммо ба мову шумо ҳолатҳое низ вомехӯранд, ки to-infinitive ва ё ing-verb ҷумларо оғоз намоянд, яъне дар оғози ҷумла меоянд. На ҳама вақт инфинитив / герундия дар қисмати дуюми думҷа мавқеъ мегиранд. Аммо дар аксари мавридҳо шумо онҳоро маҳз дар ҳамин вазъият вомехӯред.

Дар ҳолате, ки дар ҷумлаи тоҷикӣ шумо феълро дар шакли ибтидоӣ рӯ ба рӯ мешавад («давидан», «бозӣ кардан», «ошуфтаҳол шудан»), пас дар забони англисӣ, эҳтимол, он дар шакли инфинитивӣ тарҷума карда мешавад ("to run", "to worry", "to play"), гоҳ-гоҳ ҳамчун герундия тарҷума мешавад.

Тафовут ҳангоми тарҷумаи инфинитив ва герундия амалан вуҷуд надорад. Инфинитив ва герундия бо якчанд роҳу воситаҳо тарҷума карда мешаванд:

- шакли ибтидоии феъл («иҷро кардан»)
- сифати феълӣ («иҷрокарда») ё феъли ҳол («иҷро карда»)
- ҷумлаи пайрав («то ки иҷро кард»…)
- герундия метавонад инчунин ба ҳайси исм тарҷума карда шавад (кор).

Мутаассифона, қоидаҳои возеҳу равшани истифода кардани ин ду шакл вуҷуд надорад. Соҳибони забон аксар вақт ин ду шаклро аз рӯи майл мавриди корбурд қарор медиҳанд ё барои он ки дар он минтақа чунин қоида қабул шудааст. Аммо ба ин ҳама нигоҳ накарда, тавсияҳои умумӣ дар робита ба интихоби шаклҳои зарурии феъл вучуд доранд, ки омӯзиши онҳоро зарур мешуморем.

Одатан инфинитв ва герундияро дар асоси он интихоб мекунанд, ки **пеш аз онҳо** чӣ меояд:

- феъл
- феъл + объект
- сифат
- пешоянд

Номгӯи феълҳое мавҷуданд, ки баъд аз онҳо феълҳои минбаъда аз рӯи қоида қабулшуда бояд дар шакли инфитив ё дар шакли герундия гузошта шаванд. Номгӯи чунин феълҳоро аз худ намудан аз манфиат холӣ нест.

Айниҳол қоидаҳои асосиро дида мебароем, ки ба онҳо инфинитив ё герундия итоат мекунанд.

Дар забони англисӣ теъдоди муайяни феълҳое ҳастанд, ки баъди онҳо инфинитив бо ҳиссачаи **to** барои ишораи амали иловагӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Рӯйхати феълҳое, ки баъди онҳо инфинитив бо ҳиссачаи **to** истифода мегардад:

want - хостан;

need - ниёз, эҳтиёҷ доштан;

plan - нақша (тарҳ) кашидан;

decide - бартараф (ҳал) кардан, тасмим гирифтан;

offer - пешниҳод (таклиф, пешкаш, арз, тақдим) кардан;

hope - 1) умед доштан, умедвор будан, умед бастан; 2) эътимод (боварӣ) доштан, бовар кардан, дилпур шудан;

promise - 1) ваъда (қавл) додан; 2) умед бахшидан;

try - кӯшиш (озмоиш) кардан, кӯшидан, зӯр зада дидан, озмудан;

forget - фаромӯш кардаи, аз хотир (аз ёд) баровардан;

learn - изучать омӯхтан, ёд гирифтан; аз худ кардан; тадқиқ (таҳқиқ) кардан, омӯхтан;

Бандаки would like – хостан (рус. хотел бы)

I promise **to call** you later. – Ваъда медиҳам, ки ба шумо баъдтар занг мезанам.

He forgot **to call** me. – У фаромуш кард, ки ба ман занг занад.

Инфинитив одатан дарҳол баъд аз феъл пайравӣ мекунад. Аммо зуд-зуд онҳоро пуркунанда, ки амал-хабар ба он нигаронида шудааст, ҷудо мекунад.

I *asked* Mike **to call me**. – Ман аз Майк хоҳиш кардам ба ман занг занад.

Миёни феъли asked ва инфинитиви to call пуркунанда (Mike) қарор дорад, ки амал ба он равона шудааст.

Дар аксари ҳолатҳо баъди феълҳои зерин пуркунанда ишора карда мешавад:

ask – пурсидан, савол додан;

tell – гуфтан, сухан рондан, гап задан;

advice – маслиҳат додан;

expect – интизор кашидан, мунтазир (маътал) шудан, нигарон (чашм дар роҳ) шудан; умедвор шудан, чашм доштан;

persuade – боварӣ ҳосил кунондан, бовар кунондан; розӣ кунондан, моил кардан;

teach – омӯхтан, хонондан, таълим (ёд) додан;

Инфинитив ва герундия дар забони англисӣ шаклҳои феъл ба шумор мераванд. Инфинитив мустақилона аз худ шакли номуайяни бешахси феълро мемонад (барои мисол, to read – хондан).

Герундия дар забони тоҷикӣ муодил надорад, аммо бо роҳи ҳамроҳ кардани охирчаспаки -ing (reading) ба шакли номуайяни феъл сохта мешавад. Интихоб ин ё он шакли феъл ҳангоми созмон додани ҷумлаҳо дар асоси якқатор нозукиҳо ва тобишҳо муайян карда мешавад, ва аксарияти қоидаҳои дахлдорро аз худ намудан зарур аст.

Адабиёт:

1. Жигадло В. Н. Современный английский язык. Теоретический курс грамматики. – М.: Издательство литературы на иностранном языке, 1956. – 349 с.
2. Иванова И. П. Теоретическая грамматика английского современного языка. – М.: Высшая школа, 1981. – 285 с.
3. Кипнис И. Ю. Грамматические особенности перевода английского научно-технического текста. – Минск: БНТУ, 2010. – 121 с.
4. Смирницкий А. И. Синтаксис английского языка. – М.: Издательство литературы на иностранном языке, 1957. – 284 с.
5. Морфология простым языком // Золотой русский. URL: http://www.goldrussian.ru/infinitiv-glagola.html.

Калидвожаҳо: *инфинитив, герундӣ, муосир, забони англисӣ, шакли шахсии феъл, давомдор, замон, фарқият, объекти мураккаб.*

Аннотация

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИНФИНИТИВА И ГЕРУНДИЯ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящается одной из спорных и важных проблем современного английского языка – инфинитиву и герундию. Эти безличные формы английских глаголов очень часто создают трудности для изучающих этот язык, в основном на первых уровнях. Эти трудности в основном проявляются в выборе между verb + ing или infinitive в разных ситуациях. Поэтому особое внимание стоит уделить разбору конкретных предложений, чтобы лучше запомнить, что с чем употребляется.

Ключевые слова: *инфинитив, герундий, современный, английский язык, неличная форма глагола, длительный, время, различие, сложное дополнение.*

Annotation

SOME FEATURES OF INFINITIVE AND GERUND IN ENGLISH

The given article refers to one of the argumentative and vast problems of modern English language – Infinitive and Gerund. These impersonal forms of the English verbs very often create difficulties to the learners of this language, mostly in the first levels. These difficulties mostly reflect themselves in choosing between veering and Infinitive in different situations. Special attention must be paid to exact sentences and examples to remember what is placed where.

Keywords: *infinitive, gerund modern, English language, non-finite form, verb, continuous, tense, differences, complex object.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонова Малика Назаршоевна, магистранти соли якуми кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Телефон: +992 917170906

Роҳбари илмӣ: Асламов Ҳ.

Сведения об авторе: Раҳмонова Малика Назаровна, магистрантка первого курса кафедры стилистики и теории перевода ТГПУ имени С. Айни. Телефон: +992 917170906

Научный руководитель: Асламов Х.

About the author: Rahmonova Malika Nazarovna, a first year master of the stylistic and translation theory department, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Tel.: +992 917170906

Салиева Гулнора Абдухамидовна,
магистрантка первого курса факультета английского языка

КОНЦЕПТ «ХЛЕБ/BREAD» В ЯЗЫКОВОМ СОЗНАНИИ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ РУССКОЙ, АНГЛИЙСКОЙ И АМЕРИКАНСКОЙ ЛИНГВОКУЛЬТУРНЫХ ОБЩНОСТЕЙ

Концепт - это содержания представления, его смысловая наполненность в отвлечении от реально-языковой формы его выражения. Концепт представляет собой единицу речевого высказывания, логически смысловой компонент его семантической конструкции; характеризует акт понимания и его итог. Задача изложения сущности концепта остаётся востребованной для нынешней лингвистической науки. Система концептов образует картину мира, в которой отражается осознавайте человеком действительности. Человек живёт не столько в мире предметов и пророческой, сколько в мире концептов, сделанных им для своих умственных, духовных и общественных надобностей. Обзором проблемного поля концептов и пониманием языковой картины мира занимается сравнительного юная ветвь научного познания когнитивная лингвистика. Концепт является одним из ключевых явлений в нынешней когнитивной лингвистике, и обширно применяется во многих гуманитарных науках.

Национальный менталитет всякой лингвокультурной общности имеет свои особенности, которые отражаются в оглавлении и строении культурных концептов. Свойством выражать национальную специорику владеет всякая единица языка и культуры. Концепт культуры в рамках словесного знака и языка в совокупности предстаёт (как явление) в своих обстоятельных формах-как образ, каким представление и как символ [2, 81]. В этом случае под концептом воспринимается не conceptus (условно переводимый термином представление), а conceptum-зародыш, зернышко, из которого ”произрастают в процессе коммуникации все эти обстоятельные формы его воплощения в действительности” [2, 81]. Как подчёркивает В. В Колёсов, изложение словарного материала по концептам национального менталитета - “является твердо новой формой толкования слов: слово выступает материалом (материей) концепта наравне обстоятельной его формой в виде образа, представления и символа” [2, 156]. Концепт существует в коллективном сознании и опредмечивается в той либо другой языковой форме

Термины как “концепт», «понятие», «значение», зачастую рассматриваются как эквиваленты. На противопоставлении этих 2-х терминов- “концепт” и “понятие” - основа доктрина нового семантического словаря Н.Ю. Шведовой. Как пишет автор: “концепт” - это обстоятельная сторона словесного знака (значение -одно либо некоторый комплекс ближайшей связанных значений), за которой стоит представление (т.е. идея фиксирующая значительные свойства реалий и явлений, а также отношения между ними), принадлежащее умственной, духовной либо животрепещуще значимой физической сфере существования человека. Основа представления выдается логическим метод, а основа концепта проявляется в виде сублогических образований. Сфера проявлений концепта больше разнообразна и объёмна во всех отношениях. Концепт имеет чувствительно-экспрессивную окраску, и таким образом, данный термин ассоциируется с различными представлениями, воображениями и умениями. В различие от представления, которое проходит через индивидуальное сознание, концепт требует комплексных средств выражения: эмоций симпатий, антипатий и изредка даже столкновений [3, 115]. Взоры многих учёных различаются в определении термина “концепт”, и следственно в текущее время существует уйма дефиниций в лингвистике. В то же время когнитивная психология выделила концепт от представления, и следственно в текущее время данные термины чётко разграничены.

Знаменито, что концепт выражается знаком. Оттуда и появляются вопросы: что первичен знак либо концепт? Имеет ли всякое слово свой концепт? Если у всякого слова имеется концепт то, тогда сколько концептов имеет многозначное слова? Согласно точке зрения учёных, знак первичен по отношению к концепту. Концепт по своей природе анализируется в контексте других явлений. Если слово реализует себя в контексте речи, то концепт проявляется в контексте культуры. Таким образом, концепт изучается на клише литературных произведений, идиом, на материале поговорок пословиц. Помимо того, не все слова, выражающие то либо иное явление, могут выступать в роли концепта. Изыскатели при постижении сущности концепта, особенно подмечают его принадлежность культуре человека. Из множества разновидных трактовок, учёные выделили соотношения концепта к значению слова, три разных основных направления, по которым идёт постижение данной загвоздки.

Степанов Ю.С. отличает что концепт это как бы сгусток культуры сознание человека; то, в виде чего культура входит ментальный мир человека. Второе направление научной мысли (Н.Д.Арутюнова, Т.В.Булычина, А.Д.Шмелёв) предполагает, что семантика формирует концепт. Последователи третьего направления (Д.С.Лихачёв, Е.С.Кубрякова) считают, что концепт не появляется не посредственно значения слова, а является итогом соударения значения национальным и личным навыком носителя языка. Осознание концепта как ментального образования разрешает не только реконструировать ментальный мир носителя определённого языка, но и воссоздать его этнокультурный образ мира, потому как, развивая принцип Ю.С. Стенанова, концепты дозволено представить как так сказать ячейку культуры в ментальном мире человека. Общность концептов определённого языка представляет собой концептосферу данного языка, где “язык является некоторым концентратом культуры нации и её воплощением в различных слоях населения вплоть до отдельной личности” [4, 8].

Для обзора концептосфер разных языков рациональных представляется обращение к ассоциативному эксперименту. По словам А.А. Леонтьева, “если нам необходимо обнаружить способ, с наибольшей объективностью дозволяющий вскрыть культурную специфику словарных единиц вскрыть те побочные, непринужденно не релевантные для общения семантические связи, которые имеет данное слово, его семантические “обертоны” - без сомнения, таким способом является ассоциативной эксперимент” [3].

Ассоциативный эксперимент (АЭ) заключается в том, что испытуемому даётся слово-толчок и предлагается реагировать на него одним либо несколькими словами, сразу “пришедшими в голову”. Получаемое в итоге проведения эксперимента ассоциативное поле определённой слово- толчка - это не только фрагмент вербальной памяти человека, но и фрагмент концептосферы этноса, отражён носителя этнического языка и культуры. Как подчёркивает А. А. Залевская ассоциативный эксперимент даёт богатенький материал для межкультурных и междисциплинарных изысканий, разрешая выявить как "общечеловеческий" колляции свободных ассоциации, так и ту неповторимость, которую им даёт та либо другая культура, [1]. В целях научного изыскания был проведён ассоциативный эксперимент с регистрации цепи результатов, в котором приняли участие русские, английские и заокеанские студенты в возрасте от 20 до 28 лет (в всякой группе по 50 человек). Испытуемым предлагалось реагировать на слово - толчок "хлеб/bread" таким числом результатов, которое они поспеют воспроизвести за 1 минуту (АЭ проводила Решке Н.А). Потому что были главны равные языковые вероятности, ассоциативный эксперимент проводился на родном языке студентов. Ассоциативные реакции на толчок "хлеб/bread", полученные в ходе провидения эксперимента с русскими, английскими и заокеанскими студентами, приведены ниже.

Русские ассоциации	English associations	American associations
каждому голова 12, еда, насущный 8, жизнь, труд, черный 6, соль 5, белый, ржаной, свежий, теплый 4, буханка, пища 3, булка,	butter 20; food 15; water 5; loaf, bread bin 4; knife, money 3; eat, sandwich, staple, toast 2; black, board, cheese,	water 15; butter 14; food, wheat 7; money 5; butter and bread 4; sustenance 3; French, white, wine, yummy 2;

Полученные ассоциативные реакции отличаются в исследуемых лингвокультурных группах. Между английскими и заокеанскими реакциями отслеживается некоторое сходство. У русских студентов самой частотной ассоциацией был фразеологизм «хлеб каждому голова» (12), у британцев и американцев - масло (20) и вода (15) соответственно.

Концепт «хлеб» является больше важным для носителей русской культуры, в их языковом сознании закрепилось отношение к хлебу как к чему-то лидирующему, первостепенному, основополагающему. С хлебом связываются представления о жизни, труде, гостеприимстве (хлеб-соль). В представлении русских хлеб, раньше каждого, черный (у британцев и американцев - белый и французский), а потом теснее ржаной и белый. Хлебу помогают разные осязательные колляции: теплый, свежий, аппетитный, жгучий, мягкий, черствый, буханка, булка, каравай, хлеб является «нашим богатством»

Рассматривая хлеб как базовый концепт, В.Синячкин подчёркивает, “что на всём пространстве Евразии, во всех бытовавших на нём цивилизациях хлеб как всеобщее (абстрактное) представление пищи существовало у многих народов древности” [6, 33]. То его суждению, начинать разговор о нашем (то есть русском) столе нужно, финально, с хлеба, потому как без хлеба каждый стол, а исключительно русский, вообще невероятен. Ни один русский человек не сядет за стол без хлеба [6, 64].

Таджикская картина мира также в качестве одного из основных продуктов питания выбирает разнообразие лепёшек домашнего приготовления и крайне богатенький выбор мучных изделии и блюд. В таджикской культуре концепт (нон) является важным для носителей культуры. Говоря (нон) сразу

появляются первые ассоциации: нони гандуми -пшеничная лепёшка, нони гарм-жгучая лепёшка, нони сиёҳ-нону намак, нону об кардан-угостить, нон додан-кормить, дӯсти нони -неискренний друг, и так дальше.

Исходя из этого, дозволено говорить о том, что концепт "хлеб" является "константой". Таких культур как русской, английской, заокеанской и таджикской, т.е. "концептом", присутствующим непрерывно, либо, по крайней мере, дюже длинное время как некоторый непрерывный тезис культуры.

Таким образом, концепт выступает как посредник между словам и реальностью. Концепт представляет собой целый потенциал значения слова, при этом содержит целый комплекс ассоциативных воображений. Переосмысление соотношение концепта и значения слова дюже главно, потому что от этого зависит как определение предмета когнитивной лингвистики, так и разработка способов обзора семантики языка. Концепт-продукт когнитивного сознание человека, значение-продукт языкового сознания. Также, концепт "хлеб" выступает в роли объекта оценки: подлинный, отличный, всеобщий, цельный, дорог нам.

Литература:

1. Арутюнова Н. Д. Логический анализ языка: Культурные концепты. – М.: Восточная литература, 1995. – 472 с.
2. Колесов В. В. Жизнь происходит от слова... – СПб.: Златоуст, 1999. – 368 с.
3. Леонтьев А. А. Словарь стереотипных ассоциаций русского языка, его теоретические основы, задачи и значение для обучения русскому языку иноземцев // Вопросы учебной лексикографии. – М., 1969. – с. 114-128.
4. Лихачев Д. С. Концептосфера русского языка // Вестник АН России, Серия литературы и языка. – Том 52. - № 1. – с. 3-10.
5. Степанов Ю. С. Константы: словарь русской культуры: Изд. 3-е, испр. и доп. – М.: Академический проект, 2004. – 991 с.
6. Фрумкина Р. М. Концептуальный анализ с точки зрения лингвиста и психолога. Научно-техническая информация. Серия 2. – 1992. - № 3. – С. 112.
7. Fudge E. (1984) English word-stress. – London.
8. Кравченко А. В. Язык и восприятие: когнитивные аспекты языковой категоризации. – Иркутск.: ИГУ, 1996.

Ключевые слова: *лингвистика, концепт, хлеб, английский, русский, таджикский языки.*

Аннотатсия

КОНСЕПТИ «НОН» ДАР ШУУРИ ЗАБОНИИ НАМОЯНДАГОНИ ҶАМЪИЯТҲОИ ЗАБОНИИ ЗАБОНИИ РУС, АНГЛИС ВА АМРИКОӢ

Дар ин мақола мафҳуми «нон» дар шуури забоншиносии намояндагони ҷомеаҳои забонӣ ва фарҳангии рус, англисӣ ва амрикоӣ таҳлил карда мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки системаи мафҳумҳо манзараи ҷаҳонро ташкил медиҳанд, ки дарки инсон аз воқеият дар он инъикос меёбад. Дар мақола ҳамчунин гуфта мешавад, ки тафаккури миллии ҳар як ҷомеаи забонӣ дорои вижагиҳои хоси худ аст, ки дар мундариҷа ва сохтори мафҳумҳои фарҳангӣ инъикос меёбанд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки мафҳуми «нон» як «довим» аст ва дар зеҳни инсон бо мафҳуми «нон/нон» аз замонҳои қадим тасаввурот дар бораи ғизо ва рӯзгор сахт алоқаманд буданд.

Калидвожаҳо: *забоншиносӣ, консепсия, нон, англисӣ, русӣ, тоҷикӣ.*

Annotation

THE CONCEPT "ХЛЕБ / BREAD" IN THE LANGUAGE CONSCIOUSNESS OF THE REPRESENTATIVES OF THE RUSSIAN, ENGLISH AND AMERICAN

This article analyzes the concept of "хлеб/bread" in the linguistic consciousness of the attorneys of the Russian, English and American linguocultural communities. The author points out that the system of concepts forms a picture of the world, which reflects a person's awareness of reality. The article also says that the national mentality of any linguocultural community has its own characteristics, which are reflected in the table of contents and structure of cultural concepts. The author comes to the conclusion that the concept of "bread" is a "constant" and in the mind of a person with the concept of "bread / bread" since ancient times, ideas about food and life are tightly connected.

Keywords: *linguistics, concept, bread, English, Russian, Tajik languages.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Салиева Гулнора Абдухамидовна, магистранти соли якуми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 917363688

Роҳбари илмӣ: дотсент Каримов Ш. Б.

Сведения об авторе: Салиева Гулнора Абдухамидовна, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Телефон: +992 917363688

Научный руководитель: доцент Каримов Ш. Б.

About the author: Salieva Gulnora Abdukhamidovna, the second-year specialty of English language, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 917363688

Сатторов Шукрулло Толибҷонович,
магистранти соли якуми факулети забони англисӣ

ТАСНИФОТИ МУҚОИСАВИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МУБТАДО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мубтадо ва хабар аъзоҳои асосӣ ва ташкилдиҳандаи ҷумла буда, аломатҳои асосии граматикии ҷумла маҳз дар он инъикос меёбанд. Мубтадо аъзои асосии ҷумлаи дутаркиба ба шумор меравад. Хабар онро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад. Хабар аз бобати маъво, шакл танҳо ба мубтадо вобаста буда, амалу ҳолат хусусияти мубтадоро, ки дар замони муайяне воқеъ гардида ба шахсу шумораи муайян тааллуқ дорад мефаҳмонад. Хабар дар натиҷаи бастагӣ ба мубтадо вазифаи худро пурра адо менамояд. Муносибати хабарӣ, ки хосияти зарури хоси ҷумла аст, дар муносибати ҳамдигарӣ предикативӣ оид ба амал, ҳодиса, ҳолат, вазъият ва аломат дар сиға замони муайян тасдиқ ё инкор мешавад [1, 56]. Мубтадои забони тоҷикӣ бештар дар шакли холис ифода мегардад. Аломати граматикии мубтадоро хабар ифода мекунад, ки бо шаклҳои тасрифии феъл ва ё ҳиссаҳои дигари нутқ ифода меёбад. Дар муайян кардани сараъзоҳо дар ҷумлаҳои дутаркиба, ки бо исм ифода гаштааанду бандаки хабарӣ надоранд, ҷои калима аҳмият надорад. Дар ҷумлаи “Фарҳод- муҳандис” Фарҳод мубтадо, муҳандис хабар аст, вале дар ҷумлаи “Муҳандис- Фарҳод” мубтадо муҳандис буда, Фарҳод хабар мебошад. Мубтадо предмети сухан мебошад, ки амал таъсиру ҳаракат ҳолату вазъият аломату хусусияте, ки хабари ҷумла ифода мекунад ба он нигаронидашудааст. Мубтадо аъзои мустақили ҷумла буда ба саволҳои кӣ киҳо, чӣ чиҳо ҷавоб мешавад. Исмҳои шахс ва ҷонишинҳои шахсӣ ба саволи кӣ киҳо дигар хели исмҳо ҷонишинҳо ба масдар ба саволи чӣ чӣҳо ҷавоб мешаванд. Дар забони аглиси it- мубтадои шаклӣ буда дар ҷумлаҳои англисӣ ҷузъи ҳатмии ҷумла мебошад, дар ҷумдаҳои бешахси англисӣ мубтадои шаклӣ, ки бо воситаи ҷонишини it- ифода ёфтааст, истифода карда мешавад.

Мубтадо дар ҷумлаҳои англисӣ ҷузъи ҳатмии ҷумла мебошад. Ҷонишини it ба сифати мубтадои шаклӣ дар ҷумлаҳои зерини бешахс истифода карда мешавадю Ҳангоми дар бораи ҳодисаҳои табиат маълумот дода; it is getting dark. it was warm spring day. Пеш аз феълҳое, ки вазъи ҳаворо ифода мекунанд: To rain, to snow to freeze ва ғайра. It is often snows in Fabruary. It has been raining science three oclock, ҳангоми ифодаи замон ва масофа It is early morning. It is five oclock. Ҳангоми махсусан қайд кардани яке аз аъзоҳои ҷумла он аъзоро дар аввали ҷумла дар байни It is (was) ва that (who, whom) мегузарад. Масалан, агар дар ҷумлаи I met his sister in the park. Ман хоҳари ӯро дар боғ дидам, мубтадоро махсусан қайд кардан лозим бошад, яъне маҳз ман- на каси дигар хоҳари ӯро дидам, он гоҳ дар байни it was-и that (who) гузошта мешавад.It was I that (who) met his sister in the park. Агар пуркунандаи his sister-ро махсусан қайд кардан лозим бошад, яъне ман маҳз хоҳари ӯро, накаси дигарро вохурдам. Пас his sister-ро бояд байни it was ва that (whom) гузошт: It was his sister that (whom) I met in the park. Агар худи макони park-ро махсусан қайд кардам лозим бошад. Яъне хоҳари ӯро маҳз дар боғ диданд, пас in the park байни it was ва that монда мешавад: it was in the park that I met his sister. Дар вақти тарҷумаи ин ифода калима маҳз истифода бурда мешавад. Бо ёрии ифодаи It is. that ин чунин ҷумлаи пайравро махсусан дар ҷумла алоҳида қайд кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат ҳангоми тарҷума чунин ҷумлаҳо калимаҳои танҳо истифода карда мешавад: I told him the news after hi had returned from London [5, 117]. It was after hi had retuned from London that I told him the news, ман ин хабарро ба ӯ пас аз Лондон баргаштанаш расондам танҳо пас аз Лондон баргаштанаш ин хабарро ба ӯ расондам. Ба тарҷумаи ин ифода дар ҳиссачаҳои инкории not ва пешоянди until ё till таваҷҷуҳ намоед: Hi did not recive a latter from than until (till) may. It was not until (till) may that we received a latter from tham. She did not learn the truth until (till) she returned home. it was not until (till) she returned home that learned the truth. Ҷонишини one ҳар фард, ҳар кас (бо дарбаргирии гуянда) ба вазифаи мубтадо истифода карда мешавад: one should be cereful when crossing the road. One must always keep once word. Ба вазифаи ҷонишини thay- низ ба маънои одамон (ба ғайр аз гӯянда) истифода карда мешавад.Thay дар ин ҳолат бештар бо феъли to say истифода мегардад:

Хабар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хабар чунон, ки гуфта шуд, яке аз сараъзоҳои ҷумла буда амал, ҳолату вазъият ва аломатеро ифода менамояд, ки ба предмети сухан- мубтадо нигаронида шудааст. Дигар аъзоҳои ҷумла (ҳол, пуркунанда ва муаянкунанда таркиби хабар)

[4, 65]. Хабар тобеъ гашта, ба воситаи он ба мубтадо муносибат пайдо мекунад. Феъл ва номи хабар дар ҷумла нисбат ба мубтадо чунин маъноро мефаҳмонад: амалеро мефаҳмонад, ки аз тарафи мубтадо иҷро шудааст, мубтадои ини гуна ҷумла асосан аз исмҳои ҷондор ва амалкунанда ташкил мегардад: Аскарони сурх аз Кӯлоб баромаданд, ба Кангурт расиданд.

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" мафҳумҳои "гурбавор" (мисли гурба, гурбамонанд, гурбасон) ва"гурбагӣ" (маҷ. гурбавор рафтор кардан) оварда шудааст. **Гурбавор** барои ифодаи тасвирии шакли зоҳирии шахс истифода бурда мешавад, гурбагӣ бошад ҳамчун фразеологизм ба маънои мисли гурба рафтор кардан истифода бурда мешавад.

Мисол: "Гурбагун" гурбасон монанди гурба ба маънои маҷозиаш киноя аз шахси маккор, ҳиллагар ва фиребанда аст [5, 294].

Аз ин гурбагун хок то чанд- чанд

Ба шери тавон карданаш гургбанд. (Низомӣ)

Дар забони англисӣ калимаи “catlike” истифода мегардад, ки пурра бо калимаҳои" гурбавор ва гурбагӣ"- и забони тоҷикӣ эквивалент аст.

Catlike (гурбавор, гурбагӣ) дар забони англисӣ дар ду шакл: сифат ва зарф истифода мешавад. Мисол:

Crocodiles usually have a catlike movement while they hunt (Тимсоҳҳо одатан дар вақти шикор ҳаракати гурбагӣ доранд).

Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки консепти "cat" "гурба" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дорои хусусиятҳои ҳам ба якдигар монанд ва ҳам аз якдигар фарқкунанда мебошад. Масалан, баъзе ибораҳое ҳастанд, ки дар забони тоҷикӣ ба маънои аслӣ истифода бурда мешаванд, аммо дар забони англисӣ дорои маъноҳои маҷозианд. Бинобар ин, дар вақти муқоиса бояд ба ҷиҳатҳои фарҳангии воҳидҳои фразеологӣ диққати калон дод.

Адабиёт:

1. Бердияев Н. А. Истоки и смысл русского коммунизма. – Москва, 1990. – 96 с.
2. Буслаев Ф. И. Русские пословицы и теории языка. – М., 1854. – 176 с.
3. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 2. – Душанбе, 1988. – 416 с.
4. Норматов М. Забоншиносии умумӣ. – Душанбе, 1991. – 160 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
6. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе, 1964. – 684 с.
7. Webster's Encyclopedic Unabridged Dictionary - Koneman, Cologne : Black dog and Leventhal Publishes Inc. [Text] , 1994 -1787 pages.

Калидвожаҳо: *дарку фахмиш, гурба, воҳидҳои фразеологӣ, муқоиса, ҳайвони хонагӣ, гурбагун, синонимҳо, антонимҳо, маъно, таҳлили муқоисавӣ*

Аннотация

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА КОШКА В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА ОСНОВЕ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ)

В статье проводится сравнение концепта «Кот» в обоих языках на основе фразеологизмов. Хотя слово «кошка» на обоих языках ассоциируется с домашним животным, фразеологические единицы раскрывают его скрытое значение. Слово «кошка» как фразеологизм продуктивно употребляется в обоих языках. Фразеологические единицы, построенные со словом «Кот», иногда могут быть синонимами, а иногда антонимами друг другу по смыслу, и это можно увидеть на примерах, приведенных в статье.

Ключевые слова: *:понятие, кот, фразеологизмы, сравнение, домашнее животное, кошачий, синонимы, антонимы, значение, сравнительный анализ*

Annotation

COMPARATIVE ANALYSIS OF THE CONCEPT OF "CAT " IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES (ON THE BASIS OF THE PHRASEOLOGICAL UNITS)

This article covers the comparison of the concept of "Cat "in both languages on the basis of the phraseological units. Although by hearing the word "Cat" in both languages a domestic animal is associated, the phraseological units open up its hidden meanings. The word "Cat" as phraseological unit is productively used in both languages. Phraseological units built with the word "Cat " sometimes can be synonym and sometimes antonyms to each other by meaning and this can be observed from the examples shown in the article.

Keywords*: concept, cat, phraseological units, comparison, domestic animal, catlike, synonyms, antonyms, meaning, comparative analysis*

Маълумот дар бораи муаллиф: Темурзода Комилаи Курбоналӣ, магистранти соли якуми факултети забони англисии Донишгохи давдатии омӯзгории Тоҷиктстон ба номи Садриддин Айнӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ. Тел.: +992 911097755

Роҳбари илмӣ: дотсент Каримов Ш. Б.

Сведения об авторе: Темурзода Комилаи Курбонали, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Республика Таджикистан, г. Душанбе, р. Исмоили Сомони. Тел.: +992 911097755

Научный руководитель: доцент Каримов Ш.Б.

About the author : Temurzoda Komilai Qurbonali, first year master student of the English Faculty of the Tajik State Pedagolical University named after Sadriddin Ayni. The Republic of Tajikistan, dis. Ismoili Somoni. Tel.: +992 911097755

Scientific director: Karimov Sh. B.

Ҷумахонова Ёсуман,
магистранти соли якуми факултети забони англисӣ

ИБОРА ВА НАМУДҲОИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Забон яке аз воситаи муҳимтарини иртиботи байни одамон мансуб ёфта, ҳамвора вазифаҳои мушаххаси худро дар ҷомеа ба сомон мерасонад. Чун дигар низомҳои маъмул, забон ҳам низоми хоси худ ва ду ҷабҳаи аслиро соҳиб аст. Нахуст, он аз вохидҳои гуногун мисли фонема, морфема, калима ва баъдан аз сохтор ё таркиб иборат мебошад. Дар зери мафҳуми «сохтори забон» мо унсурҳои дохилии он ва истимоъи онҳоро дар раванди муошират нутқ мефаҳмем. Тавассути таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи забонҳои ҷудогона, мо зуд дарёфт менамоем, ки дар бештари забонҳо аломатҳо ё вижагиҳои монанд ҷой доранд.

Яке аз забоншиносони намоёни рус Бодуэн де Куртенэ дар ин росто бамаврид қайд намудааст: «Мо забонҳоро қатъи назар аз хешигариашон ва иртиботи таърихиашон комилан метавонем муқоиса намоем. Мо ҳамеша дар забонҳое, ки аз нигоҳи таърихӣ ва ҷуғрофӣ ба ҳам бегона ҳастанд вижагиҳои якранг, тағйиротҳои якранг ва раванди таърихӣ ва ба куллӣ дигаршавии якрангро дарёфт менамоем».

Ибора, ҷумлаи содда ва ҷумлаи мураккаб воҳидҳои муҳимтарини навии ҳар як забони муқоисашаванда ба шумор мераванд. Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъное , ки бо хам тобеъ буда як мафҳуми мураккабро ифода мекунанд, ибора номида мешавад. Дар инчо якчанд мисолҳоро дида мебароем. Мисол: субҳи босафо, асари нависанда, шахси софдил, аз китоб хондан ин суханҳо, чор тараф ва ғайра. Ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқ дар ташкили ибора иштирок мекунанд. Ба хелҳо чудо шудани ибора ба ҷузъи асосӣ вобаста аст, чунки ҷузъи асоси тобеъкунанда буда, ҷузъи тобеъшаванда онро эзоҳ медихад. Дар ибора як калима тобеъ аст ва дигаре ҷузъи асосӣ ба ҳисоб меравад. Савол ҳамеша дар калимае меафтад, ки он калима калимаи асосӣ ба ҳисоб меравад: китоби хуб, бинои мактаб, аз кор баргаштан, бехтарин талабаҳо, духтари зебо, марди қадбаланд, дастони моҳир ва ғайрахо. Агар дар ибора калимаи асоси феъл бошад, калимаи тобеъ ба он ба воситаи пешоянду пасояндҳо ё ба тартиби калима алоқаманд мешавад: ба мактаб рафтан, иншо навиштан ва ғайраҳо. Калима воҳиди махсуси наҳв набошад ҳам, вазифаи худро маҳз дар таркиби ибора ва ҷумла иҷро менамояд, вай дар ташкили воҳидҳои махсуси наҳв фаъолона иштирок менамояд. Калимаи мустақил мувофиқи имконияти луғавию грамматикии дигар калимаҳоро ба худ тобеъ менамояд ва ба онҳо тобеъ мешавад ва ба ин восита таркибҳои наҳвиро созмон медиҳад. Калима шаклҳои гуногун дорад, ки дар ташкили ҳамаи воҳидҳо ва категорияҳои нав иштирок менамоянд.

Ибора дар ҳарду забон ҳам аз ду ва ё зиёда калимаи мустақилмаъно бо роҳи алоқаи тобеъ ташкил меёбад. Ибора дар таркиби ҷумла ба тағйирот дучор мешавад, вале ин тағйирот асосан дар доираи шакли калимаи асосӣ воқеъ мегардад. Аз ин тағйирот маънои ибора тағйир намеёбад, муносибати синтаксисии он низ тағйир намеёбад. Масалан, ибораи падарро дидан дар шаклҳои гуногун: падарро дидам, падарро дид, падарро дидӣ,падарро дидем, падарро дидет,падарро диданд ва амсоли инҳо калимаи асосӣ тағйир ёфта бошад ҳам, маънои граммматикии он тағйир намеёбад. Дар ҷумла ибора ҳамчун материалист ифода мешавад. Аз ин сабаб, ибора мисли калима танҳо ба воситаи ҷумла ба системаи воситаҳои коммуникативии забон дохил мешавад. Ибора ба монанди калима ба гурӯҳи воситаҳои номинативии забон дохил шуда, муносибати байни предмету ҳодиса ва аломату амалро мефаҳмонад. Ибора баръакси калима мафҳуми ба қисмҳо ҷудошавандаро ифода менамояд. Ҷузъҳои ибора дар шакли калима воқеъ мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо дорои аломатҳои грамматикии калима мебошанд. Ин мустақилияти грамматикӣ имконият медиҳад, ки дар байни ҷузъҳои ибора дигар калимаҳои эзоҳдиҳанда дохил шаванд. Инчунин абстрактсияи калима аз абстрактсияи ибора хеле баланд аст. Аз ин ру ибораҳо ба ду гуруҳи калон ҷудо мешаванд: иборҳои озод ва ибораҳои рехта. Ибораҳои озодро ибораҳои синтаксисӣ меноманд ва ибораҳои рехтаро ибораҳои фразеологӣ меноманд. Ибораҳои озод мавзуи тадқиқи синтаксис буда, ибораҳои рехта мавзуи фразеологӣ ба ҳисоб мераванд. Ибораҳои фразеологӣ аз ибораҳои озод бо хусусияти ретагӣ ва ҷудонашавандагӣ фарқ мекунанд. Ибораҳое, ки дар ҳар ду ҷузъашон симои ҷондоранд, маънои маъҷозӣ гирифтан метавонанд. Масалан ибораҳои хари Маҳмуд, гови Аҳмад, ва монанди инҳо ғайр аз соҳиб будан, ба маънои аслӣ дорои маъно маъҷозӣ низ мебошанд.Яъне дар онҳо исми хос, ба исмитбеъкунандаи худ, ки номиҳайвонҳои гуногунро ифода мекунанд, нисбат дода мешавад. Варианти ин ибораҳо ибораҳои Маҳмуди хар, Аҳади гов ба шумор меравад.

Вижагиҳо ва тафовути ибора дар ҳарду забони муқоисашаванда гуногун ба ҳисоб рафта, бисёр масъалаҳоро дар бар мегирад, ки дар як таҳқиқ ба таври кушоду васеъ ҳал кардани онҳо аз имкон берун аст. Хусусан алоҳида омӯхтани маънои ибораҳо; аниқтар тадқиқ кардани воситаҳои муайянкунандаи маънои онҳо; ба таври муфассал таъин кардани мавқеи ибораҳо дар жанру услубҳои гуногуни ду забон; пурратар тадқиқ кардани ҳодисаҳои ин ба ибора табдил додани дигар ҳиссаҳои нутқ ва муносибати онҳо; чуқуртар омӯхтани вазифаҳои услубии ибораҳо ва монанди инҳо ҳоло ҳам мунтазири тадқиққарор доранд.

Чӣ тавре, ки қайд кардем ибораҳо дар забонхои англиси ва тоҷикӣ ба амсоли *noun phrases - ибораҳои исмӣ,* дили модар-***the heart of mother***, дарахти зардолу-***the apricot tree***, *adjective phrases - ибораҳои сифатӣ,* духтари зебо- ***the beautiful girl,***ҷавони нозук-***the tender young***,*numeral phrases-ибораҳои шуморагӣ,* соли 1917-***the 1917 year***, рӯзи бистум-***twenty days***, роҳи сеюм-***the third way***,*pronoun phrases-ибораҳои ҷонишинӣ,* хонаи мо-***our home,*** марҳамати шумо-***you are wellcome***, фармони ӯ-***his order***, *verb phrases - ибораҳои феълӣ* фурсати рафтан-***the time going*** , ёрони рафта, ғайрати гап задан, ҷавонии гузашта-***the passing younger.****For example:* ***He is standing near a wall***-Вай дар наздикии девор истодааст. Ибораҳои исмӣ дар навбати худ бо дигар ҳиссаҳои номии нутқ аз он ҷумла бо худи исм, сифат,шумора, ҷонишин омада, ибораҳои исмӣ бо исм, ибораҳои исмӣ бо сифат, ибораҳои исмӣ бо шумора, ибораҳои исмӣ бо ҷонишинро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин ибораҳои исмӣ бо сифати феълӣ ва масдар якҷоя омада, ибораҳои исмӣ бо сифати феълӣ, ибораҳои исмӣбо масдарро месозанд. Ибораҳои сифатӣ аслан бо пешояндҳо омада, ибораҳои сифатии пешояндӣ ва ибораҳои сифатӣ бо пешояндҳои номиро ташкил медиҳанд.

Ибораҳои ҷонишинӣ ва феълӣ намудҳо ва зернамудҳои хоси худро ба мисли ибораҳои исмӣ, сифатӣ ва шуморагӣ надоранд. Вале ибораҳои феълӣ серистифодатарин ибораҳои синтаксисӣ мебошанд ва як гурӯҳи исмҳо бо феъл бо роҳи ҳамроҳшавӣ тобеъанд.

Гурӯҳи калони ибораҳоро дар забони тоҷикӣ ибораҳои исмӣ ва ибораҳои сифатӣ ташкил медиҳад, лекин дар забони англисӣ бошад, ибораҳои исмӣ гурӯҳи калони ибораҳоро ташкил медиҳаду халос. Ибораҳое, ки аз исм ва сифатҳои ифодакунадаи ранг ташкил ёфтаанд, хосияти предметро аз ҳар ҷиҳат ифода мекунанд.

а) аз ҷиҳати аломати зоҳирӣ: Доруи сиёҳро ба бачае,ки халаашро халонда истода буд, додам ки ба халоҷо бурда партояд (Ҳаким Карим). Кулоҳи сабз ба сар карда буданд – Зи шабнам чеҳраро тарҳ карда буданд (Турсунзода). Силос хӯрокӣ бобаракат аст, хӯроки модаговҳо ҳамин, то алафи кабуд мерасад (Тоҷикистонӣ Советӣ).

б) аз ҷиҳати хислати ботинӣ. Ба шумо маълум аст, ки аз шаҳру саҳро ба пеши шайх муридони соддадил бисёр меоянд (Айнӣ).

в) аз ҷиҳати ҳолат. Чашмони беҷояш саросемавор ҳама ҷоро такопу мекарданд (Ҳаким Карим).

г) аз ҷиҳати ҳаҷму андоза. Кӯчаҳои тангу тораш, ки дар рӯзи равшан ҳам он қадар банур набуданд, шабҳо айнан монанди гӯри торик мешуданд (Деҳотӣ).

Хулоса, қайд кардан ба маврид аст, ки сухан асосан дар бораи масоили ибора, намудҳои он ва хусусиятҳои сохтори грамматикии он, дар қиёс ба ибораҳои харду забон яъне забони тоҷикӣ ва забони англисӣ, мақсади истифодаи ибораҳо, хелҳои онҳо аз ҷиҳати грамматикию услубӣ ва умуман сохти ибораҳо меравад.

Хусусияти ибораҳо дар харду забон мухталиф буда, бисёр муаммоҳоро дар бар мегирад, ки дар як макола ба таври кушоду васеъ ҳал кардани онҳо аз имкон берун аст. Хусусан алоҳида омӯхтани маънои ибораҳо; жарфтар тадқиққардани воситаҳои муайянкунандаи маънои онҳо; ба таври муфассал таъин кардани мавқеи ибораҳо дар жанру услубҳои гуногуни ду забон; пурратар тахқиққардани ҳодисаҳои ин ба ибора табдил додани дигар ҳиссаҳои нутқ ва муносибати онҳо; чуқуртар омӯхтани вазифаҳои услубии ибораҳо ва монанди инҳо ҳоло ҳам мунтазири тадқиққарор доранд.Ҳоло бошад аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса меоем ки,намудҳои гуногуни ибораҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавҷуд меошанд.Чунончи дар забони тоҷикӣ ибораҳо аз рӯйи ҳиссаҳои нутқ ҷудо мешаванд. Мисол: ибораҳои ҷонишинӣ, ибораҳои феъли, ибораҳои сифатӣ, ибораҳои феъли, ибораҳои исмӣ ва дигар намуди ибораҳо. Бо мо метавонем ин намуди ибораҳоро дар забони англисӣ низ дида бароем. Доир ба ибора, намудҳои он ва тарзи истифода бурдани ибораҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фикру ақидаҳои олимон бисёр зиёд аст. Инчунини дигар ҷилди дуюми китоби грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик доир ба ибора ва намудҳои ибора маълумоти бештаре ҷамъовари карда шудааст.

Адабиёт:

1. Бузургзода Л. ва Ниёзмуҳаммадов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ. – Сталинобод: Наш. дав. Тоҷ., 1947. – 147 с.
2. Бодуэн де Куртенэ И. А. О смешанном характере всех языков // И.А.Бодуэн де Куртенэ. Избранные труды по общему языкознанию. – М.: Высшая школа, 1963. – 371 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1. – Душанбе: Маориф, 1983. – 353 с.
4. Насрулло Ҳ. Грамматикаи забони англисӣ. Дастури таълимӣ барои донишҷӯён. – Душанбе: Эрграф, 2009. – 123 с.
5. Barber C.L. The English language: A historical introduction. – Cambridge; New York; Melbourne: Cambridge university press, 2000. – 299 p.
6. Morris Mar, Morris, William Morris dictionary of word and phrase origin. – 2nd ed. – New York: Harper & Row, 1988. – 669 p.

Калидвожаҳо: *назарияи тарҷума, ибораҳои озод, тарҷумаи хаттӣ, тарҷумаи қиёсӣ, ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои забони модарӣ.*

Аннотация

СЛОВОСОЧЕТАНИЕ И ЕГО ВИДЫ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКА

В данной статье рассматриваеться словосочетание и его формы в таджикскоми английском языках. Перевод фраз с родного языкана английский выывает много трудностей. Именные словосочетания – это те словосочетания, в которых слова обьединены и значение слова сохранятся независимо друг от друга.

Ключевые слова: *теория перевода, фразы, письменный перевод, сравнительный перевод.*

Annotation

EXPRESSION AND ITS TYPES IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article we are talking about the phrases and its type in Tajik and English languages. Translation of phrases can cause significant difficulties during the translation from native language to English. A nominal phrases is considered to be one in which words retain relatively independent meanings, although they often enter into complex relationships with each other.

Keywords: *theory of translation, free phrases, written translation, comparative translation, the peculiarities of the native language.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷумахонова Ёсуман, магистранти соли якуми факултети забони англисии Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 0501779557

Роҳбари илмӣ: Эмомов И. Б.

Сведения об авторе: Джумахонова Ёсуман, магистрантка первого года обучения факультета английского языка ТГПУ имени С.Айни. Тел.: +992 0501779557

Научный руководитель: Эмомов И. Б.

About the author: Jumakhonova Yosuman, master of the first year of Faculty English Language of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 0501779557

Scientific director: Emomov I. B.

Ҷунаева Шабнам Улмасовна,
магистранти соли якуми факултети забони англисӣ

СИФАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ аз тарафи забоншиносон монография, мақолаҳо ва китобҳои таълимии зиёде нашр шудааанд, ки онҳо категория ва соҳаҳои гуногуни забонро дар бар мегиранд ва хусусиятҳои онро равшан мекунанд. Бо вуҷуди ҳамаи ин гуфтаҳо лозим аст, ки як қатор масъалаҳои забони ҳозираи адабии тоҷик ва забони муосири англисӣ тадқиқи амиқу дақиқ ва ҷамъбасти илмии худро алалхусус дар муқоиса байни ду забон ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам забони англисӣ муҳтоҷ аст. Махсусан, дар нимаи дуюми асри бист ва солҳои охир мақолаву асарҳои зиёде ба табъ расидааанд, ки дар муайян намудани хусусиятҳои савтӣ, грамматикию лексикӣ ва лексикографии калимасозӣ дар сифатҳо саҳми босазо гузоштаанд. Масалан, дар қисми якуми китоби **«Забони адабии ҳозираи тоҷик»**, ки бахшҳои лексикология, фонетика ва морфологияро дар бар гирифта, соли 1973 зери таҳрири профессор Б.Ниёзмуҳаммадов ба табъ расидааст, дар бораи сифат хусусиятҳои маъноию морфологӣ ва роҳҳои сифатсозӣ маълумотҳои амиқу дақиқ дода шудааст. Баъдтар, аниқтараш соли 1988 аз ҷониби забоншиносон Ҳалимов С. ва Шукурова К. китоби **«Забони ҳозираи тоҷик-Ҳиссаҳои номии нутқ»** ба табъ расид, ки дар ин қариб ба пуррагӣ ҳама фикру ақидаҳои профессор Б. Ниёзмуҳаммадов ҷой дода шудааанд. Дар рафти тадқиқотҳо оиди корамон ба мо маълум гардид, ки Шукурова К. яке аз шогирдони доктори илми филологӣ, профессор Ниёзмуҳаммадов буда, кори номзадияшро зери роҳбарии ин шахсияти маъруф дар мавзуи **«Сифатҳои аслӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик»** ба анҷом расонида, дар ин кор дар бораи сифат ва дигар хусусиятҳои он маълумоти мукаммалтар дода шудааст. Зимни тадқиқи хусусиятҳои морфологии сифат муҳаққиқон дар робита ба мавқеи роҳҳои калимасозӣ, ба таври хеле мухтасар маълумот додааанд. Ин аст, ки як бахши муҳимми грамматика – сифат ва хусусиятҳои грамматикию калимасозии он мавриди баррасии махсус қарор нагирифта буд. Аммо соли 2012 аз ҷониби забоншинос Исмоилова Холисахон Эшматовна китоби дарси барои донишҷӯён, аспирантон ва омӯзгорони факултетҳои филологӣ, ҳамчунин барои шахсоне, ки ба проблемаҳои муқоисавии байни забонҳои гуногун сару кор доранд бо номи **«Словообразование качественных прилагательных в современных русском и таджикском языках»** зери роҳбарии забоншиноси машҳуру маъруфи тоҷик Қосимова Мукаррама Набиевна ба табъ расид, ки ин китоб 118 саҳифаро дар бар гирифта, дар бораи калимасозии сифатҳои аслӣ маълумоти кофӣ дода шудааст.

Аз ҷониби забоншиносони англис низ дар бораи сифат, хусусиятҳои маъноӣ, морфологӣ ва синтаксисии он маълумотҳои муфассал дода шудааст. Масалан, Эмиил Бенвениист (Emile Benveniste), - забоншиноси англисӣ ва яке аз забоншиносони машҳури асри XX, ки оид ба мушкилоти забонҳои ҳиндуаврупоӣ, назарияи забоншиносии умумӣ ва дигар қисматҳои муқоисавии забонҳои ҳиндуаврупоӣ кору фаъолияти аввалиндараҷа ва беандоза кардааст, дар бораи сифат ва хусусиятҳои он маълумотҳои зиёд додааст. Гарчанде, ки шогирди ӯ низ дар китобҳои «стилистикаи забони англисӣ» -«Услубшиносии забони англисӣ» ва дар китоби «Забоншиносии умумӣ» дар бораи сифат маълумот дода бошад ҳам инҳо забоншиносон ва касоне, ки оиди сифатҳо кор кардани бошанд наметавонанд қонеъ кунанд, зеро қариб ҳама китобҳои ӯ оиди услубшиносӣ буда, дар онҳо сифат бештар аз рӯи услубҳои гуногуни забон ифода гардидааст. Забоншиносони машҳур ва муосири англисӣ Мартин Ҳевингс (Martin Hewings) Раймон Мерфи (Raymond Murphy) Ҷон Иствуд (John Eastwood) Ҷорҷ Юли (George Yule) Норман Кое, Марк Ҳерисон, ва Кен Патерсон (Norman Coe, Mark Harrison, and Ken Paterson) «методика английской граматики», ки ин китоб 1152 саҳифаро дар бар мегирад, тамоми паҳлӯҳои сифат ва хусусиятҳои морфологию синтаксии он ба таври возеҳ ва мукаммал гуфта шудааст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин гуфтаҳо, гарчанде, ки дар алоҳидагӣ оид ба сифат корҳои зиёде анҷом ёфта бошанд ҳам боз як чизи аз ҳама муҳимро метавон қайд намуд, ки хушбахтона имрӯз аз ҷониби забоншиносони тоҷик оиди сифат як қатор мақолаҳо ба табъ расидааанд, ки ин ҳам барои иҷрои кори мо кӯмаки аввалиндараҷа расонидааст. Аз ин ҷост, ки ин рисола ба масъалаи муҳим ва актуалии мутобиқати сифат, ҷойи сифат ва калимасозии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, аввалин иқдомест дар ин соҳа.

Сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аломат ва чигунагии предметро мефаҳмонад. Аломатҳои хоси он одатан дар дохили ибора равшан зоҳир мегардад.

Сифат дар ҳарду забони муқоисашаванда дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1) Семантикаи махсус: исм агар предметро ифода кунад, сифат аломат, хусусият ва нисбати чизе ё шахсеро ба чизе ё шахсе мефаҳмонад: шаҳри зебо, роҳи ноҳамвор, марди доно, корҳои саҳроӣ; **large city, clever man,**

2) Дараҷаҳои муқоиса (қиёсию олӣ) ва шакли таъкидӣ: бинои калонтар, калонтарини шахрхо, рӯи суп-сурх; larger room, best friend

3) Аффиксҳои махсуси калимасоз; -ӣ, -манд, -нок, -она, -гун, -ин, но-, ба-, бе-: ранги чигарӣ, марди хирадманд, чизи фоиданок, корҳои оқилона, рӯи гандумгун, камзули чармин, бачаи боақл ҷомаи базеб, гули бебӯй, ҷойхои ношинос; ***-ful,-al, -en, -ic, -ous, -y, -ly, -able, -ible, -ant, -ent, -ive, -less, -ish wooden, economic, mountainous, dirty, daily, movable, sensible, resistant, dependent, creative, useless, whitish, Danish.***

Сифат дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда ва хабар меояд:

Дар фазои пурсамар,
Даштҳою кӯҳҳои сарбаланд,
Паҳн карда мужда аз фатҳу зафар,
Мевазад форам насими дилписанд.

...ҳоло ҷомаи Хуҷаназар тозатар, шикамаш аз шиками Раҳим қассоб калонтар, ришаш аз риши Турақули равғангар ғулитар ва ҳам равғаниитар аст.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сифат аз ҷиҳати ифодаи чигунагии исм ба ду гуруҳ ҷудо мешавад.

1) сифатҳои аслӣ (*qualitative*). Сифати аслӣ аломати хос ва асосии исмро мефаҳмонад. Мисол: девори баланд, ҳавои тира, кулоҳи сафед, доруи талх; ***square, small, heavy, sweet, white, solid***

Ҳусайн дар рӯзои аввли хониш истеъдоди аҷибе нишон дода, устодонашро ба ҳайрат меандохт.

Аз ҷиҳати маъно ва аломатҳои морфологӣ сифат ба ду гурӯҳи калон чудо мешавад: аслӣ ва нисбӣ.

Сифати аслӣ аломат, хусусият ва чигунагии предмету ҳодисаҳоро бевосита ифода менамояд: одами озод, фикри олӣ, ҷомаи тар, ҳавои гарм, меваи ширин

Ҷиҳати махсуси сифати аслӣ ин аст, ки дар калимаҳои ифодакунандаи он аломати предмет метавонад тағир ёбад: ширин, ширинтар, ширинтарин, хеле ширин, багоят ширин, каме ширин, ширинак.

Сифатҳои аслӣ чунин аломатҳоро ифода карда метавонанд: ранг (сурх, сафед, кабуд, зард ва монанди инҳо); сатҳу масоҳат (дур, наздик, рост, васеъ, паст, паҳн, кутоҳ, чап ва ғайра); хусусияти ашёҳое, ки бо узвҳои ҳис дарк мешаванд (ширин, талх, гарм, сард ва ғайра); аломати ҷисмонии шахс ва хайвонот (зур, пир, суст, заиф, ҳароб, фарбеҳ, кар, гунг, ланг ва ғайра); хусусиятҳои маънавии одамон (оқил, доно, ғам- хор, бахил, даҒал, шӯҷоъ) ва ғайра.

Сифатҳои аслӣ як қатор хусусияти лексикию грамматикӣ доранд. Онҳо аломати предмет, ҳодиса ва воқеаро бевосита ифода менамоянд: калон, хушбахт, муқаддастарин.

Сифатҳои аслӣ аломати предметро дар шакли сода ҳам ифода мекунанд, чунки бештарини онҳо аз рӯйи баромад калимаҳои аслӣ-решагӣ буда, ба давраи қадимтарини забон мансубанд: нек, бад, гарм, хунук, сурх, тоза, калон, бузург, пир, нав.

Дар рӯи карнайчиҳо гулпартоӣ кард, ки баъд аз он бозораш часпонтар шуд.

Дар забон ҳангоми муқоисаи аломати предметҳои бо ҳам муқоисашаванда чунин ҳолатҳо дида мешаванд:

- аломати як предмет бо аломати предмети дигар муқоиса мешавад: Шумо аз ман ҷавонтар будаед? - пурсид оймулло;

- аломати як предмет бо аломати предметҳои ҳамҷинс муқоиса карда мешавад: Дуруст аст, ки шиками нн одам аз шикамҳои одамони дигар хеле калон буд. Чӣ гуям? - Ман оё ягон бор гуфта будам, ки ту аз дугонаҳоят ё ҳамсоязанон камтарӣ. Ман гумон мекунам, ки нияти ӯ, - Аз аҷиқ, аз булур софтар аст;

- аломати якчанд предмет бо як предмет муқоиса карда мешавад: Сафар Ғулом ва Ака-Эргаш дар ин соҳа аз ту кӯҳнатаранд;

- аломати якчанд предмет бо аломати якчанд предмет муқоиса карда мешавад: Ҳамин қадараш ҳаст, ки мо калонтар, инҳо донотар, яъне мо соддатар, инхо фиребгартаранд... Эшон аз мурдашӯён боиззаттар ва хуштолеътаранд.

- дар мавриди муқоиса баъзан аломатҳои гуногуни як предмет бо ҳам муқоиса карда мешавад: Нон бошад-чи? - гуфт гадозан, - барои ӯ барин кампирҳои бедандон тар кардагиаш аз хушкаш беҳтар аст;

- дараҷаи қиёсии сифат дар вақти ҷузъи номии феъл шуда омадан вобаста ба хусусияти феълҳои ёридиҳанда чунин маъноҳоро ифода мекунад:

а) муқоиса бо аломати пешинаи предмет (мантиқан) амалӣ мегардад: Вақте ки ӯ калонтар ва серпултар шуд, майдафоидахурии сарикӯ- чагиро, ки баъзан пулаш месӯхт, ба як тараф гузошта ба дукондорони калон ва савдогарон муомила сар кард ;

б) муқоисаи аломати предмет бо аломати баъдинаи он: Вақте ки қишлоқ бойтар мешавад, хоҷагии ҷамоавӣ имконият медиҳад, ки дар паҳлӯи он шумо як беморхона ҳам бино кунед. То ки хушбахттар шави, Помир, - Пора бинмой синаи кӯҳсор.

2) нисбӣ (*relative)*. Сифати нисбӣ аломатро нибат ба чизе (макон, замон) ё кассе мефаҳмонад ва аз дигар калимаҳо дар забони тоҷикӣ бо ёрии пасвандҳои -ӣ, -манд, -нок, -она, -гун, -ин, но-, ба-, бе- ва дар забони англисӣ бо пасвандҳои ***ful,-al, -en, -ic, -ous, -y, -ly, -able, -ible, -ant, -ent, -ive, -less, -ish*** сохта мешавад. Мисол: девори баланд, ҳавои тира, кулоҳи сафед, доруи талх; ***wooden, economic, mountainous, dirty, daily, movable, sensible, resistant, dependent, creative, useless, whitish, Danish***.

Падараш баъд аз ин ӯро назди Абдуллоҳи Массоҳ ном марди риёзидон ва танобчӣ, ки дар ҳамсоягии онҳо дӯкони баққолӣ дошт, ба таълими илми ҳисб ва ҳандаса гузошт.

Хулоса масъалаи сифат ва мутобиқати он дар илми забоншиносии муосир яке аз масъалаҳои муҳиму мураккаби доманадор ба шумор рафта дар таърихи илми забоншиносӣ олимону донишмандони зиёди тоҷику англисро ба худ ҷалб намудааст. Масъалаи мутобиқати сифат дар забонҳои тоҷикию англисӣ, ки ҳарду шомили оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ҳастанд аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст ва дар илми забоншиносии тоҷик тамоман мавзуи нав ва толиби таҳқиқот аст.

Ҳамин тариқ, дар мақолаи мазкур сифат ва навъҳои он дар ҳарду забон ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ ва инчунин сохти сифат дар ин забонҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бояд зикр кард, ки дар ҳарду забон сифат ба сифатҳои аслӣ ва сифатҳои нисбӣ ҷудо мешаванд. Сифатҳои аслӣ аломатҳоро ба мисоли ранг, сатҳу масоҳат, хусусияти ашёҳое, ки бо узвҳои ҳис дарк мешаванд, аломати ҷисмонии шахс ва ҳайвонот, хусусиятҳои маънавии одамон ва ғайра ифода мекунанд.

Адабиёт:

1. Исмоилова Х. Э. Словообразование качественных прилагательных современных русском и таджикском языках. – Душанбе, 2012. – 118 с.
2. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе Ирфон, 1973. – 463 с.
3. Ҳалимов С., Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик-ҳиссаҳои номии нутқ. – Душанбе, 1988. – 95 с.
4. Эмил Б. Забоншиносии умумӣ. – М.: Прогрес, 1974. – 448 с.

Калидвожаҳо: *сифат, кор сифат, маълумот сифат, дараҷаҳои сифат, хелҳои сифат, граматика сифат.*

Аннотация

ИМЯ ПРИЛАГАТЕЛЬНОЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается вопрос об имен прилагательных и их структуре в английском и таджикском языках. Следует отметить, что в изучаемых языках прилагательное связано с исходными формами, которые разделены на исходные качества объекта, такие как цвет, объем поверхности, характер предметов, которые воспринимаются органами чувств, физические характеристики человека и животных, духовные качества людей.

Ключевые слова: *имя прилагательное, качество, информация прилагательных, виды прилагательных, грамматика, структура прилагательных.*

Annotation

AN ADJECTIVE IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article deals with the issue of quality and its structure in the English and Tajik languages. It is worth notin, that in the studied languages, the quality is associated with the original forms, which are divided into the original qualities of the object, such as color, surface area, the nature of objects that are perceived by the senses, the physical characteristics of humans and animals, and the spiritual qualities of people.

Keywords: *name adjective, work adjective, information adjective, types adjective, grammar adjective.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷунаева Шабнам Улмасовна, магистранти соли якуми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Деҳлавӣ. Тел.: +992 911304446

Роҳбари илмӣ: Атоев С.

Сведения об авторе: Джунаева Шабнам Улмасовна, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикиского государственого педогогического университета имени Садриддина Айни. Республика Таджикистана, г. Душанбе, р. Шохмансур, ул. Дехлави. Тел.: +992 911304446

Научный руководитель: Атоев С.

About the author: Dzhunaeva Shabnam Ulmasovna, first-year master student of the English faculty of Tajik state pedagogical University named after Sadriddin Aini**.** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shohmansur district. Number: +992 911304446

Scientific adviser: Atoev S.

Ниматова Миҷгона Караевна,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ИСТИЛОҲОТИ ТИББИИ АНГЛИСӢ ВА МОҲИЯТИ ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Проблемаи истилоҳоти тиббии англисӣ дар тамоми ҷаҳон ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати таҷрибавӣ дар забоншиносии тоҷик ва соҳаи тиб чанд даҳсола аст, ки объекти асосии тадқиқоти махсуси коршиносон мегардад. Бояд гуфт, ки омӯзиши тарҳи луғавӣ ва истилоҳоти тиббии мамолики хорича, алалхусус англисӣ барои ҷанбаҳои асосии соҳаи тиб муҳим арзёбӣ мешавад. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, забони англисӣ на танҳо барои забоншиносон, барномасозон, таҷоратгарон, дипломатҳо, роҳбаладон, инчунин барои кормандони соҳаи тиб ниҳоят лозим мебошад. Дар давоми ҳаёти худ одамон аз рафтан ба клиникаи тиббӣ эмин нестанд, аз ин рӯ муҳим аст, ки ҳадди аққал каме забони англисии тиббиро донистан зарур мебошад. Зеро дар замони муосир аксаран вақт воситаҳои дармон бахшидан ба ҳар гуна беморӣ ва дорухатҳо бо забони англисӣ таҳия ва пешниҳод карда мешаванд.

Терминологияи муосири компютерӣ дар шароити пешрафти илмию техникӣ аҳамияти махсус пайдо карда истодааст. Ин ҳамчун манбаи маълумот, воситаи азхудкунии маҳорату малакаҳои нав ва маводҳои омӯзишии алоҳида шуда метавонад. Ҳар як соҳаи илм ва техника ифодаи худро дар истилоҳот пайдо карда истодааст. Амалан ягон соҳаи донише нест, ки онро бе донистани истилоҳот омӯхтану таҳқиқот гузаронида азхуд кардан мумкин бошад. Истилоҳоти тиббӣ яке аз қабатҳои хоси луғат мебошанд, ки бинобар хусусиятҳои таркибӣ, маъноӣ, ва услубии худ аз калимаҳои маъмул фарқ мекунад ва ба ин васила дар системаҳои луғавии забон ҷойгоҳи хосаеро ишғол менамояд. Таҳлили муносибатҳои сохтории иерархӣ дар як гурӯҳи алоҳида гирифташудаи лексикӣ-семантикии истилоҳоти тиб имкон медиҳад, ки на танҳо муносибатҳои системавӣ дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ошкор карда шаванд, инчунин хусусият ва тафовути падидаҳои лексикосемантикӣ дар истилоҳот ошкор карда шаванд, инчунин низоми истиҳот барои таҳқиқоти муқоисавии типологӣ ва тавсифӣ муҳим аст.

Тавсеаи равобити хориҷии кишвари мо дар соҳаи тиб, рушди босуръати муоширати касбии кормандони соҳаи тиб ба забони англисӣ, инчунин афзудани шумораи мутахассисоне, ки ба муоширати байналмилалӣ ҷалб шудаанд, боиси зиёд шудани таваҷҷуҳ ба омӯзиши илми тиб мегардад. Истилохот ва мушкилоти тарҷумаи он дар раванди дарк, эҳсос, тафсир ва тарҷумаи матнҳои тиббӣ вазифаи асосии забоншиносон аз он иборат аст, ки мазмуни амиқи маърифатии мафҳумҳои воридгардидаро аз забонҳои дигар дар шакли равшан, возеҳ, дақиқ, ба намояндагони фарҳанги забоншиносии мизбон ошнотар ба хонанда расонида шавад. Вобаста ба ин дар бораи истилоҳоти тиббӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ таҳқиқтчиёну коршиносони соҳа ба мисли С.В Шведсова, В.В. Акуленко, Н.Н. Толстой, А.А. Реформатский, Ю.В. Рождественский, В. В. Виноградов, А. О. Смирницкий, А.А.Уфимцева, В. Н. Солнцев, Ю. С. Степанов, Д. Н. Шмелев, С. Д. Кацнельсон, Ю.Д. Апресян, И.Н. Сухова, В. В. Гак, А. М, Кузнецов, Ю. И. Караулов, В. А. Звегинцев, Э. В. Кузнецова, Н. Д. Арутюнова, Л.А. Новиков, Н. С, Новикова Е. Кубрякова К. Г. Комлев, Н. М. Шанский, Д. Степанова Н. В. Арнольд, Р. С. Гинзбург, М.В. Никитин, Ф.де Соссюр, В. фон Гумбольдт ва дигарон корҳои назарраст ба анҷом расонидаанд.

Бо ақидаи профессор М.И. Чернявский нобоаробарӣ ва ноҷобаҷогузорӣ дар истилоҳоти тиббӣ дар ҳамаи забонҳои олам дида мешавад, ки ин ба рушди соҳаи мазкур садди бузург шуда истодааст. Таҳқиқот дар ин самтҳо масъалаи мубрам барои илми тиб ва истилоҳоти забони русӣ ва англисӣ шуморида мешавад. Дар ин ҷо барои ҳалли масъалаҳои мубрам, иҷрои якчанд вазифаҳо муҳим мебошад.

1. таърифи моҳияти истилоҳотро пурра карда, хусусиятҳои асосии онро шарҳ додан лозим мебошад;
2. мавқеи истилоҳоти тиббиро дар системаҳои лексикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян кардан;
3. муайян намудани хусусиятҳои лексикию семантикии истилоҳоти тиббӣ ҳамчун соҳаи махсуси системаҳои лексикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
4. хусусиятҳои этимологияи истилоҳоти тиббиро аз рӯи маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тавсиф кардан;
5. таҳлил ва муқоисаи хусусиятҳои ташкили калимасозии истилоҳот дар шароити имрӯзаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
6. нақши истилоҳоти юнонӣ ва лотиниро дар истилоҳоти тиб тавсиф намудан ва баргардонии онҳо ба забонҳои ҷаҳонӣ (англисӣ, франсузӣ);

Истилоҳоти тиббӣ дар чаҳорчӯби низоме, ки одатан ба он дохил мешавад таҳлил карда мешавад, яъне дар таркиби луғавии забон ба таври алоҳида мавриди омӯзиш қарор мегирад. Истилоҳот аз рӯи вазифаи бевоситаи худ ба ягон системаи луғавии дигар тааллуқ надорад ва буда наметавонад. Истилоҳот роҳу восита ва нақшаҳои махсуси худро дорад, ки татбиқи он танҳо дар забони илмӣ имконпазир аст. Истилоҳот ба мафҳумҳои махсусе дахл доранд, ки на дар ҳаёти ҳаррӯза, балки дар соҳаҳои дахлдори фаъолияти илмию амалӣ ба вучуд меоянд. Мансубияти истилоҳот ба системаи луғавии забони илмӣ на танҳо аз чиҳати функционалӣ, балки бо он шарт шудааст, ки онҳо аломатҳои характери семотикии гуногун доранд, ки асоси онҳо «мувофиқати як ба яки аломат мебошад ва ишорашуда метавонад», ки «хусусиятхои аломати забониро танзим намуда, онро истилоҳ месозад», яъне чунон ки В.П.Даниленко таъкид мекунад, «истеъдод калимаи махсус нест, балки калимаест, ки вазифаи махсус дорад, ин вазифа аст. ҳамчун вазифаи номинативии истилоҳ фаҳмида мешавад

Истилоҳоти тиббӣ ҳамчун вожаномаҳои илмӣ дар таркиби луғатҳои забонҳои муосири англисӣ ва тоҷикӣ дохил шудааст. Ин микросистема, чунон ки маълум аст, аз як тараф, хусусиятҳои ба забони умумии адабӣ хос дошта бошад, аз тарафи дигар, хусусияти баёни худро низ доро мебошад. Маълумоте, ки дар натиҷаи тадқиқи чунин проблемаҳои истилоҳоти тиббӣ, монанди тавсифи моҳияти чунин мафҳуми мураккабу серҷабҳа, ҳамчун истилоҳ ва тадқиқи мунтазами хусусиятҳои маъноӣ ва сохторӣ — калимасозии ташаккули истилоҳоти тиббӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили усулҳои асосии истилоҳот, истифодаи истилоҳоти лотинӣ ва юнонӣ, омӯзиши этимологияи истилоҳоти тиббӣ, тавсифи ҷанбаҳои хоси истилоҳоти тиббӣ, аз қабили интернатсионализатсия, пайвастагӣ ва ягонагии истилоҳоти тиббӣ, тавсифи масъалаи ҳаммаъногӣ дар истилоҳоти тиб, вижагиҳои тарҷумаи истилоҳот ва истилоҳоти тиббӣ барои тарҷумаи матнҳои махсус аз забони англисӣ ва инчунин барои омӯзиши худи забон аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ доранд. Дар баробари ин маълумотхое, ки дар энсиклопедия ба мафҳумҳои ҳаммаъноӣ аз дигар фарҳангҳо бардошта шудаанд бояд маънои аслии худро гум насозанд.

Истилоҳоти синтаксиси муосир бо як қатор хусусиятҳои хосе, ки метавонанд аз ҷиҳати алоқаҳои маъноии он муайян мекунанд, истеҳсолӣ равандҳои ҳосилшуда, ки дар гуногун фаъолият мекунанд зерсистемаҳои забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ ҳисоб мешаванд. Ҷавоб ба саволе, ки системаи истилоҳоти синтаксиси муосир чӣ гуна аст аз системаҳои истилоҳии дигар илмҳо фарк мекунад, пеш аз ҳама, талаб мекунад муайян кардан, тавсиф ва муқоисаи минбаъдаи асосии он параметрҳои функционалии система мебошад. Дар фасли аввал тафсилоти фарқияти байни ду истилоҳ- синтаксис ва ибора. Бояд гуфт, ки таърифхои гуногуни истилохи «наҳв-синтаксис» мавчуданд. Бо вуҷуди ин, ҳамаи онҳо сарфи назар аз баъзе ихтилофи худ дар муқаррароти муайян ба таври равшан ба таври зерин кам карда шудаанд ду мафҳуми синтаксис. Мувофиқи таърифи аввал, истилоҳи «синтаксис» таълимоти ибораро ифода мекунад ва аз рӯи таърифи дуюм истилохи «синтаксис» аст таълим дар бораи пешниҳод.

Дар гурӯҳи истилоҳоти синтаксиси англисӣ як қатор ҷуфтҳои синонимӣ мавҷуданд. Ба чунин истилоҳҳо дар бар мегиранд: "банд", - "ҷумла", "созиш"-"шартнома", "пайванд"-"облигация", "қисм"-"сегмент", "асосӣ"-"Асос", "комбинатсияи калима"-"якҷоя" - "ибора", «координатив» «ҳамоҳангкунанда», «дуюм» - «тобеъ». В ҳар яке аз ҷуфтҳои синоними интихобшуда як “лексемаро” муттаҳид мекунад, ки он калимаи замимавии англисӣ аст.

Маҷмӯи калимаҳои дароз кардан (даст ва ё чизе дароз кардан), сар фуруд овардан, лаб кушодан (гуфтан), дил бой додан (ошиқ шудан), чашм дӯхтан (бо диққат нигоҳ кардан), фишурдан (даст фишурдан), сар фаровардан (сар хам кардан), гӯш андохтан (гӯш кардан), чашм пӯшидан (чашм пӯшидан), аз даст додан (аз даст додан), дар сар доштан (нақша гирифтан), ба забон овардан (гуфтан), ба гӯш расонидан), ба сар бардоштан (исён кардан), дилу гурда кардан (ҷуръат кардан), дилтангӣ кардан (ташвиш, нигаронӣ доштан), аз ёд кардан (аз ёд гирифтан, ба хотир нигоҳ доштан), дилгарм шудан (бо таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба чизе) дар таркиби онҳо калимаҳои ифодакунанда доранд. Ин ва ба ин монанд ибораҳою мафҳумҳои истилоҳӣ дар осори устод Садриддин Айнӣ бисёр истифода шудаанд.

Ибораи бемори дил ба маънои маҷозӣ кор фармуда шуда, ранҷидан, зиқ шудан (роҳат кардан)-ро ифода мекунад, ки дар мисол бомуваффақият истифода шудааст: Нигаронӣ дар ман аз мизоҷам не, нурҳо аз аҳволи ноҳияи Шофирком омад, - гуфт падар ва боз хомӯш буд (Аз осори устод Садриддин Айнӣ). Истилоҳи «Беморам хуб, вале на аз ягон бемори — дил ба мардуми Шофирком», — чавоб дод у ва боз хомӯш шуд.

Хулоса таҳқиқи сохторӣ-маъноӣ ва табиати этимологии истилоҳоти синтаксисӣ, бо усули интихоби умумӣ аз лексикографии гуногун манбаҳои монолексемикӣ ва полилексемикӣ истихроҷ карда шуданд истилоҳоте, ки дар бахши синтаксис истифода мешаванд, онҳоро забонҳои муқоисашаванда мешуморанд. Ин гурӯҳи истилоҳот аз рӯи синфҳо, системаҳо ва гурӯҳҳо дар

вобаста ба давраи пайдоиш ва инкишофи он дар истилоҳоти маъноию луғавӣ таркиби забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пайдо шудаанд. Дар рафти таҳлилу муқоиса маълум гардид, ки барои ташаккул, инкишофдиҳӣ ва пурра шудани тоҷик ва истилоҳот ва вожаҳои синтаксиси англисӣ забонҳои қадим таъсири назаррас доштанд. Пас, дар истилоҳҳои арабии форсии бостон ва давраи форсии миёна пайдоиш тақрибан 92% ва истилоҳҳои германиро ташкил дод пайдоиш - тақрибан 91% баррасӣ ва маҷмӯи истилоҳотӣ дар забони англисӣ қадим ва замони миёнаи англис, аз асрҳои 9—10 сар карда истилоҳот ба англисӣ баргардон мешуданд. Ҳамин тариқ, истилоҳоти синтаксиси тоҷикӣ дар аксарият аз мафҳумҳои арабҳо манша мегирад ва забони англисӣ асосан - юнонӣ-лотинӣ дар дараҷаҳои баъдӣ меистанд. Шумораи чунин навъи истилоҳот дар ҷараёни ташаккул пайваста зиёд мешуд ва инкишофи забоншиносӣ ҳамчун илми мустақил, ки дар бораи баланд шудани дараҷаи интернационализация шаҳодат медиҳад истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ дар замина бемайлон кам шудани ҳиссаи шартҳои ибтидоӣ пайдоиш.

Муайян карда шудааст, ки аксарияти тағйиротҳои куллӣ ҳамчун истилоҳоти монолексемикӣ (тақрибан 85% ба забони тоҷикӣ ва 87% дар забони англисӣ) истилоҳҳои исмӣ (номӣ) мебошанд. Ин вазъиятро шарҳ додан мумкин аст далели он, ки исмҳо маводи асосии истилоҳот ба шумор меравад, дар бисёр ҳолатҳо ба номгузории истилоҳотӣ рост меояд. Саҳми сифатҳо дар забони тоҷикӣ тақрибан 80% ва ба забони англисӣ - 75% ва саҳми феълҳо дар забони тоҷикӣ тақрибан 8% ва 10% мебошад.

Адабиёт:

1. Абрамова Г. А. Медицинская лексика: основные свойства и тенденции развития: дис. ... д-ра филологических наук. – Краснодар, 2003. – 312 с.
2. Барбашева С. С., Авраменко А. А. Особенности перевода аббревиатур в англоязычном медицинском тексте (на материале терминологии кардиологии) // Известия Самарского научного центра Российской академии наук, 2011. № 2(4). С. 911-916.
3. Джаматов С. С. Становление и развитие лингвистической терминологии таджикского и английского языков. – Душанбе: Дониш, 2017. – 412 с.
4. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1989. – 262 с.

Калидвожаҳо: *нақш, истилоҳ, вожа, эквивалент, масъала, забоншиносӣ, синтаксис, тиб.*

Аннотация

АНГЛИЙСКИЕ МЕДИЦИНСКИЕ ТЕРМИНЫ И ЗНАЧЕНИЕ ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматриваются воззрения отечественных, российских и английских лингвистов относительно терминов и терминологии в английском и таджиском языках. Автор размышляет вокруг проблемы сравнения терминов в сферах образовании и медицине. Эта проблема всесторонне часто обсуждается в лингвистике.

Ключевые слова: *роль, термин, язык, сравнение, вопрос, лингвистика, медицина, синтаксис.*

Annotation

ENGLISH MEDICAL TERMS AND THE MEANING OF THEIR USE IN THE TAJIK LANGUAGE

The article examines the views of swollen, Russian and English linguists regarding terms and terminology in English and Tajik. The author uses his statistics in comparing terms in education and medicine. This problem is widespread in linguistics.

Keywords: *role, term, language, comparison, question, linguistics, medicine, syntax, etc.*

Маълумот оид ба муаллиф: Ниматова Миҷгона Караевна, магистранти соли дуюми факултети забони англисии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, суроғa: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: +992 000500331

Роҳбари илмӣ: профессор Ҷоматов С.

Сведения об авторе: Ниматовой Мижгона Караевна, магистрантка второго курса факультета английского языка ТГПУ имена С. Айни, адрес: город Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 000500331

Научный руководитель: профессор Джоматов С.

About the author: Nimatova Mijgona Karaevna, master student the 2nd course of year English faculty, TSPU named after Sadriddin Aini, address Dushanbe city, Rudaki avenue 121. Tel.: +992 000500331

Ғуломова Аниса,
магистрантии соли дуюми факултети забони англисӣ

ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ИСТИФОДАИ ЭВФЕМИЗҲОИ ВОЖАҲОИ «МАРГ - DEATH» «МУРДАН - DIE» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Корбурд ва таҳқиқи гардидани муқоисаи эвфемизмҳои вожаҳои «марг - death» ва «мурдан - die» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва камомӯхташудаи забоншиносии типологӣ ба шумор меравад.

Дар ҳама давру замон масъалаҳои омӯзиши эвфемизмҳо дар маркази омӯшиш ва таваҷҷӯҳи олимону забоншиносон қарор гирифта буд. Забоншиноси маъруфи тоҷик Н.Бозидов дар асари худ «Муқаддимаи забоншиносӣ» чунин қайд намудааст: «Дар илми забоншиносӣ боадабона ва нарм баён кардани ягон мафҳумро эвфемизм мегӯянд. Эвфемизм ҳамчун ивазкунандаи калима ва ё ибораҳои нисбатан даҳал ба ҳисоб рафта, мақсад ва истифодабарии он ба сухан нармӣ бахшидан аст» [5, 123].

Оиди масъалаи мазкур забоншиносони хориҷи аз қабили: С. И. Ожегова, Е. П. Сеничкина, А. Мейера, Х. Фаулер, Ч. Кейни, И. Р. Гальперин, А. Спирса, Э. Партридж, У. А. Кацева, Е. Тюриной забоншиносони тоҷик М. Норматов, Ф. Зикриёев, Р. Ғаффоров ва дигарон ба шумор рафта, як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотии худро ба нашр расонидаанд.

Ҳатто баъзан ин хусусияти эвфемизмро ба назар гирифта, дар забони англисӣ онро маҷозан «a whitwashing device», яъне таҳтуллафзан «усули сафедкунанда» меноманд.

Дар захираи луғавии ҳар як забон мавҷудияти ин навъ вожаҳо, ки хусусияти эвфеметикӣ доранд ба чашм мерасад. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ истисно нестанд.

Эвфемизмҳоро мувофиқи нуқтаи назари забоншиносон вобаста ба самти истифодабариашон метавон ба як чанд гурӯҳ тақсим намуд, ки аз ҳама маъмулаш эвфемизмҳои: 1. динӣ; 2. тиббӣ ва 3. парламентарианд.

Аммо сарчашмаҳои пайдоиши онҳо дар забонҳои гуногун аз ҳам фарқ мекуннд. Масалан, дар забони тоҷикӣ бештари эвфемизмҳо дар адабиёти бадеӣ ба вуҷуд оянд, пас дар забони англисӣ нақши матбуот бештар ба чашм мерасад.

Дар забонҳои муқоисашаванда яке аз калимаҳое, ки синоними эвфемитикии зиёд дорад мавриди пажӯҳиш қарор додем. Ин феъли «мурдан»-«to die», ва исми «марг»-«dealth» мебошад. Ҳангоми ифодаи ин мафҳум дар забони тоҷикӣ муродифоти шакли нарми он сершумор аст, ба монанди: вафот кард, фавтид, қазо кард, дилаш аз тапидан монд, ҷон ба ҷаббор супорид, чашм аз дунё пӯшид, реҳлат намуд, ба дунёи абадӣ рафт ва ғайра. Масалан:

«Ва аз руфақои мо, ки ҳаждаҳ нафар буданд, то он рӯз миқдори дувоздаҳ кас фавтида буданд». (Аҳмади Дониш) [6, 404].

Феъли «мурдан» дар забони тоҷикӣ вобатса ба характери асар ва жанри он ба таври мухталиф ифода мегардад. Масалан, дар жанри назмӣ – достон, қасида ё ғазал вобаста ба вазни шеър ва нашикастани қофияҳои он баъзан ин мафҳум ба тарври кӯтоҳ корбаст шуда, ҳатто як ду калимаи ин воҳид партофта мешавад. Аммо ба ин нигоҳ накарда, мазмуни он ба хонанда равшан боқӣ мемонад. Чунрнчӣ:

Рафт он пири хирадманди замон,
Бо сарафрозӣи олам зи миён. (Толло Пуллодӣ)

Феъли шакли замони гузаштаи ***рафт*** дар ин ҷо ба маънои *аз дунё рафтан, вафот кардани* шахсро ифода кардааст.

Дар асарҳои бадеӣ вобатса ба характери оразҳои он истифодаи калимаи «мурдан» тағйир меёбад, яъне адиб ҳангоми қазо намудани қаҳрамони манфии асар шакли нисбатан даҳали он - «мурд»-ро истифода намояд, аммо нисбати қаҳрамони мусибӣ шакли нарми он истифода мегардад. Мисол, устод Садриддин Айнӣ дар фарҷоми повести «Марги судхӯр» қазои Қорӣ Исматро чунин ба қалам додааст:

«... аз дандони Қори-Ишканба қадре хуну зардоб омада, ба рӯйи санги саҳн рехтааст, як тарафи рӯй ва ҷоғаш ба санг бархӯрда харошида шудааст, симояш» ранги хокистарии тира пайдо кардааст, ҳам ангуштони дасташ ба гӯшҳояш часпида шах шуда мондааст... Ӯ мурда буд» [4, 182].

Аммо дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» марги нобаҳангоми Ҳайратро чунин баён намудааст:

... як мусибати бисёр зӯре рӯй дод. Ҳайрат баъд аз ду соли бемории сил вафот кард [3, 53].

Дар забони тоҷикӣ дар баробари мавҷудияти шаклҳои оммафаҳми синонимҳои эвфеметикӣ «марг» ҳамгунаҳои душворфаҳм ва камистеъмоли он мавҷуданд, ки онро метавон баштар дар осори адибони классик вохӯрад. Ҳарчанд асари устод Садриддин Айнӣ - «Намунаи адабиёти тоҷик» дар ибтидои асри XX таълиф ёфта, бошад ҳам қайди санаи таваллуд ва вафоти шоиру нависанда шакли мураккаби синоними вожаи ***марг*** итстифода гардидаанд, ба монанди:

Махфӣ мабод, ки ҳар гоҳ аз «чароғи анҷуман», ки 1348 аст, «дуд», ки 14 аст, барояд, боқӣ мемонад 1334, ки санаи матлуб аст» [1, 133].

Устод Садриддин Айнӣ ҳамин маъноро дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» ҳангоми иншои мактуб бо санъати баланди ташбеҳ чунин баён намудааст:

Ҳарчанд бурида шудани яке аз ниҳолҳои бехҷаст ҷои таассуф аст, ки бо қонуни табиат, инҳол сабаби ба камол расониидани ниҳолҳои боқимонда мешавад. Бинобар ин, ҷои табрик аст, ки шумо ба ҷои фарзанди вафотётаатон, фарзанди навхези ба камолрасида доред» [3, 65].

Исми «марг» дар адабиёти хаттӣ ва шифоҳии мардуми тоҷик муродифи сершумор дорад. Аммо дар баробари ин, дар захираи луғавии забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологӣ ва идеомаҳое низ ба назар мерасанд, ки ифодакунандаи вожаи марг мебошанд.

«Модаркалони ҳафтсолаам бо таъсири доғҳои фарзанд ва бадии зиндагонӣ аз ҷо ҷунбида наметавонист» [2, 278].

«дар ин миён бемор дар ҷояш қад рост кардан хост ва ба тарафи ман чашм андӯхт, дубора ғалтид ва дастонаш як ҷунбиш хӯрданд ва баъд аз ин ором гирифт. Ин оромии абадии ӯ буд!» [2, 170].

Дар забони англисӣ бошад, синоними эвфемитикии калимаҳои мухталиф сершуморанд.

Аммо як хусусити хоси эвфемизмҳои забони англисӣ чун баъзе дигар забонҳо дар он мебошад, ки барои ифодаи як мафҳуми вожае, ки аллакай эвфеизми ягон калима аст, боз як шакли нармтари он корбаст мегардад ва эвфемизми қалбӣ мақоми худро дар нутқ то андозае гум мекунад. Масалан, истилоҳи тиббии madhouse (айнан: девонаона) ба lunatic asylum баъд ба mentally hospital (айнан: беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ) мубадал гашт, ё insane (айнан девона) ба persons of unsound mind табдил ёфт ва дар охир воҳиди mentally-ill patient (айнан: шахси рӯҳан носолим) қабул кард. Яъне, ин аз он гӯвоҳӣ медиҳад, ки ҳангоме ки як эвфемизм дигареро иваз кунад, пас ба кам гаштани умри он дар нутқ сабаб мегардад. Олимон таъкид менамоянд, ки дар нутқ умри кам дидан яке аз хусусияти эвфемизм аст.

Дар забони англисӣ вожаҳо «to die - мурдан» ва «death - марг» эвфемизмҳои зеринро дорост: to pass away, to expire, to be no more, to de-part, to join to the majority, to be gone, to kick the bucket, to give up the ghost, to go west, disappear, passing, end, loss, fall ва ғайра.

«His passing grieved us all»- Марги ӯ ҳамаи моро андуҳгин кард. «…Leave. On the ivy-vine. When the last falls, I must go too». Вақте ки охирин барги дарахт афтад, ман ҳам бояд бимирам. (O. Henry, The last leaf).

В своей первой книге великая русская поэтесса анализирует различные вопросы русской жизни. Она писала такие книги «Обретение Я», которая вышла 1960 году, «Струна», которая вышли 1962 году, «Уроки музыки» (1969), «Сны о Грузии» (1977), «Сад» (1987), «Зимняя замкнутость» (1999).

В этих книгах русская поэтесса исследует вопросы мотивация героя, и временной координатной формы движения человека в новых произведениях..

В книге «Струна» русская поэтесса рассматривает вопросы развитии лирического развития вопросы литературоведение и анализа вопроса истории русской жизни.

Русская поэтесса, переводчица, прозаик Ахмадулина Б.А. является одной из великой поэтессы начало двадцатого столетия. Первые стихи она начала писать, когда училась в средней школе. Она поступила в Литературный институт имени А.М.Горького и начала писать свои первые произведения. Русская поэтесса вместе с другими поэтами и писателя шестидесятников выступила со своими стихами в различные аудитории города Москвы перед студентами Московского университета имени М.В.Ломоносова.

Впервые к русской поэтессы пришла имя, которая давала ее различные поэтические формы обращения к ее стихов. Особенно ее выступления и чтения лирических произведений на русском языке для слушателя были своеобразным манером чтения.

Межлитературных связей и взаимодействия имеют немалое значение в развитии национальной литературы и литературного процесса. Постоянное взаимодействие и взаимообогащение национальных культур является стимулом обмена художественными ценностями. «Следует различать воздействие иноязычного писателя на литературу и распространение его произведений в читательской среде, ибо это явление разного порядка и обусловлены они различными причинами: первая – внутренними потребностями воспринимающей литературы в процессе ее развития, вторая – общим ростом культуры» [2, 11]. В развитии литературных взаимосвязей особое значение приобретают переводы сокровищ мировой литературы на таджикский язык и переводы произведений таджикской литературы на другие языки. Межлитературных взаимосвязей особенно сильное развитие получили в годы независимости нашей республики. То же самое можно сказать и о таджикско-русских литературных взаимосвязях. До провозглашения независимости Республики Таджикистан переводы русской художественной литературы на таджикский и, наоборот, переводы таджикской литературы на русский, осуществлялись через языки посредники (в основном через русский язык). Это тенденция продолжается и в наши дни, хотя в республики вырос целый ряд специалистов, хорошо знающих язык оригинала и прекрасно владеющих родным языком, переводящих непосредственно с русских языков и на иностранные языки.

Так, например 2013 году был переведен с русского на таджикский язык известную повесть русского писателя Ахмадулиной. За прошедший период через русский язык на таджикский были переведены такие произведения русских писателей, повести на таджикский язык в журнале «Садои Шарк» в трёх номерах за 1989 год и многие другие.

В этой работе мы остановимся на некоторых особенностях перевода русской литературы на таджикский язык. Выберем для этого оригинал известного повести Антона Павловича Чехова «Дамой с собачкой», а также его русский и таджикский переводы. Повесть появился на таджикском языке в журнале «Садои Шарк» («Голос Востока») в переводе известного таджикского переводчика Уктама Холикова. Как известно, главный герой повести Гуров желает стареть, не хочет увидеть в зеркале свое старческое отражение – он хочет вечно остаться молодым, красивым.

Необходимость исследования проблемы таджикско-русских литературных связей XX-XXI веков в контексте творчества русских поэтов и писателей вызвана тем, что, несмотря на длительный период изучения таджикско-русских литературных связей, особенно литературы советского периода, исследователи все еще сталкиваются с огромным количеством нерешенных проблем.

В этом смысле исключительный интерес для литературоведения представляет исследование проблемы влияния русской литературы, в том числе творчества поэтов и писателей России на таджикскую литературу XX века.

Исследование проблемы таджикско-русских литературных связей и влияния персидско-таджикской классической литературы на формирование мировоззренческих основ и истоков сюжетов, идей и образов произведений таджикских поэтов и писателей актуально и важно, особенно в наше время, когда Таджикистан приобрел суверенитет и появилось больше возможностей сближения с другими народами как в политическом, экономическом, так и в культурном и литературном аспектах. Изучение проблем взаимовлияния литератур стало более актуальным в современном обществе, когда происходят процессы глобализации основных культурных ценностей.

Изучение проблем, относящихся к литературным контактам Таджикистана с России началось с первой половины XX века и получило дальнейший расцвет в таджикской ориенталистике конца XX и начала XXI веков. Основополагающие методологические аспекты изучения творчества великих представителей персидско-таджикской классической поэзии, таких как Фирдоуси, Хайям, Саади, Хафиз и другие, заложены в научных трудах русских ориенталистов: Н. Конрада, В. Эбермана, Ю. Марра, Е.Э. Бертельса, А.Марта, Р. Дипенса и др. В дальнейшем определенный опыт в исследовании проблем таджикско-русских литературных связей был накоплен также литературоведами бывших советских республик. Опубликованы ценные научные исследования Л. Гроссмана, П. И. Тартаковского, Е. А. Илюшина, Е. Челышева, М. Шукурова, А. Сайфуллоева, С. Табарова, Ю. Акобирова, В. Самада, Х. Шодикулова, А. Турсунова, А. Давронова, А. Аминова, Б. Рахмонова и других, посвященные проблеме влияния персидско-таджикской литературы на творчество русских и других языков.

Надо отметить, что основываясь на свойствах родного языка, найти нужный эквивалент. Таджикские поэты могут это сделать, так как их родная литература дала таких мастеров поэтического слова, как Лиок Шерали, Мастон Шерали, Кутби Киром и другие, в произведениях которых звукопись поражает своим богатством и разнообразием. Нам могут возразить, что звукопись присуща далеко не каждому произведению, что надо родиться, чтобы так виртуозно владеть рассказом. Безусловно, индивидуальность поэта, его одаренность играют первостепенную роль, но это не может оправдать плохие переводы — переводческой технике следует учиться. Однако многие переводчики до сих пор пренебрегают переводческой техникой, считая, что достаточно владеть языком и уметь рифмовать. Пренебрежением к форме можно в какой-то мере объяснить и некоторый застой, и косность, который в переводческой практике. Только в последние годы в таджикском литературоведении стали появляться работы, в которых поднимаются проблемы переводческого мастерства, техники стиха и формы. Но не во всех литературоведческих работах дается правильная оценка роли и значения стихотворной техники.

Литература:

1. Андреев А. А. Собрание сочинение Ахмадулинойа. – М.: Наука, 2001. – 265 с.
2. Адхам А. Сравнительная типология таджикского и русского языков. – М.: Высшая школа, 1972. – 370 с.
3. Дронова В. Д. Русская литература – М.: Русский язык, 1975. – 848 с.
4. Блинов Л. Ф. Характеристика творчества Ахмадулиной. – М.: Наука, 1957. – 600 с.

Ключевые слова: *А.П.Чехов, перевод, роль, русский писатель, мастерство, русская литература, таджикский язык*

Аннотатсия

ХУСУСИЁТИ АШЪОРИ БЕЛЛА АХМАДУЛИНА

Дар ин мақола муаллиф мушкилоти интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми тарҷумаи асари бадеӣ таҳлил кардааст. Муаллифи мақола дар асоси миқдори зиёди мавод мушкилоти интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми тарҷумаи асари бадеӣ нишон додааст. Проблемаи тарҷумаи матни бадеӣ дар адабиёти муосир ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Калидвожаҳо: *тарҷума, бадеӣ, аслӣ, мундариҷа, матн, эҷодкорӣ, осор Ахмадулина, шоир, забони точикӣ*

Annotation

THE PROBLEM OF TRANSFERING THE CONTENT OF THE ORIGINAL TEXT WHEN TRANSLATING AN ARTISTIC WORK

This article, the author analyzes the problems of conveying the content of the original text when translating a work of fiction. The author of the article, on the basis of a large amount of material, shows the problems of transferring the content of the original text when translating a work of art. The problem of translating literary text occupies a special place in modern literature.

Keywords: *translation, artistic, original, content, text, creativity*

Маълумот дар бораи муалиф: Гулнораи Садриддин, магистранти соли дуюми факултети забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Телефон: +992 935548838

Рохбари илмӣ: дотсент Валиев Н. У.

Сведения об авторе: Гулнораи Садриддин, магистрантка второго курса факультета русского языка и литературы ТГПУ им. С. Айни Телефон: +992 935548838

Научный руководитель: доцент Валиев Н. У.

About the author: Gulnorai Sadriddin, master student of the 2t year of the Russian language and literature Department of the TSPU named after S. Aini Tel.: +992 935548838

Scientific adviser: associate professor Valiev N. U.

Абдуллозода Дилноза,
магистранка второго курса факультета русского языка и литературы

ЗНАЧЕНИЕ ПЕРЕВОДА ТВОРЧЕСТВА С. А. ЕСЕНИНА

Русский поэт XX века Сергея Есенин является продолжателем писателей и поэтов 19 века, где руководителем был извественный поэт и писатель Пушкин, который оставил после себя огромное количество художественных произведений. Русский поэт Сергея Есенин в своих произведениях показал идею русского народа и тяжелой жизни русского народа.

Абдулхаев Дж. писал: «Великий русский поэт писал, что можно улучшить жизнь русского народа при воспитании крестьянства морального характера и жизненные проблемы разрешить с воспитанием каждого члена российского общества. Он в своих произведениях показал развитие монархического строя и показал, как он был против этого общества и старался исправить характеры буржуазного дворяеского общества» [1, 15].

В настоящее время основные путы развития литературы в взаимодействие и взаимообогащение происходит в процессе изменения различных литературных направлений. Сейчас, это становится еще более важным для изучения национальных проблем на примере культурного обмена и литературных взаимосвязей, в качестве одного из основных факторов образования. Фантастика на современном этапе ее развития невозможно в ограниченных рамках любой нации или народа. Именно поэтому одним из главных вызовов современного мира литературы является комплексное изучение литературных связей, способствуют художественного роста, как на глобальном, литератур народов других стран, в частности, глубокое изучение творчества выдающихся представителей мира культуры, их роль в этом взаимодействия.

Анализ переводов произведений великих художников русской литературы на таджикский язык имеет большое значение и для проникновения в существо русского оригинала. И для изучения изобразительных средств таджикского языка, активизации его огромного потенциала, а также соверше нствования теории и практики художественного перевода – одного из важнейших путей сближения и взаимообогащения культур двух народов.

Русско-таджикские переводы служат делу взаимопонимания народов Таджикистана и равноценного взаимодействия их языков. Поэтому русско-таджикские переводы является одно из важнейших направлений переводческого дела в республике, внимание к которому в настоящее время становится жизненно необходимым, имеющим и политическое, и экономическое, и неоценимое культурное значение. В этом плане особое место по праву принадлежит Сергею Есенину.

С его именем в русской, да и во всей мировой литературе, связано развитие жанра рассказа и поэзии. К настоящему моменту Сергея Есениа переведен на многие языки мира: английский, болгарский, венгерский, датский, испанский, итальянский, немецкий, голландский, польский, португальский, румынский, сербохорватский, финский, французский, чешский, шведский и даже китайский и японский. А это означает, что творчество русского поэта вошло в инонациональные литературы.

В работе подвергнуты сравнительному анализу таджикские переводы поэзии С.Есенина и их оригиналы.

Таким образом, в сопоставительно-типологическом анализе темы переводов поэзии С.Есенина на таджикский язык сделана попытка определить теоретическое и практическое значение данной проблемы.

Весомым вкладом в процесс духовного единения народов является перевод произведений русской современной литературы на таджикский язык. Переводы произведений великого русского поэта XX века Сергея Есенина существуют уже не один десяток лет. Однако научное осмысление их, по существу, в республике отсутствует.

Ахрори Х. писал: «Надо отметить, что в результате проведенного сопоставительного анализа перевода поэзии Сергея Есенина на таджикский язык мы приходим к выводу о том, что процесс коммуникации между несколькими культурами отличается особым характером для каждой пары культур, что вызвано несовпадением национальных языковых картин мира и социокультурных контекстов» [4, 35].

Надо отметить, что все-таки таджикские переводы в полной мере передают идейно-художественное содержание поэзии Сергея Есенина.

В работе анализированы способы достижения функциональной эквивалентности и адекватности в переводе на примере поэзии Есенина. Данная тема по сей день в таджикском литературоведении изучена недостаточно, в связи, с чем целый ряд вопросов, связанных с литературными связями и особенностью перевода русских поэтов на таджикский язык, остаются малоизученными.

Последние десятилетия проблемы взаимного обогащения литератур стали предметом пристального внимания ведущих литературоведов. Своевременность и необходимость исследования многообразия форм литературных связей диктуется самой структурой современной литературы и приобретает особую актуальность в процессе изучения истории литературы. О необходимости исследования данной проблемы говорит большое количество монографий и научных трудов по вопросам литературных связей.

Говоря о переводах Есенина, надо отметить, что в них находило отражение та же неуемная, всеобъемлющая сила и яркое слово, которые характеризовали все творчество поэтессы. Миры, в которых обитала только она сама и жила ее поэзия, объединявшая их внутренним своим огнем, творческие стили, которыми он писал, в некотором роде отличались друг от друга. Это облегчало поэту выбор стихов того автора, который отвечал переводимым его стихам: своеобразной поступи образов, увиденных его в поэзии , льющейся из глубины души, самого сердца песен Лорки с их прозрачной чистотой без всякой примеси, легкости и озорству народных баллад.

Литература:

1. Абдулхаев Д., Творчества С. Есенина // Коммунист Таджикистана. 1960, 24 нояб. С. 3.
2. Айни С. Тахзиб-ус-сибён: учеб. пособие для новометодной школы. – Душанбе, 1994. – 62 с.
3. Аташбараб Х. Русская литература в Иране: цикл «Персидские мотивы» С. А. Есенина: автореф. дис. канд. филол. наук:10.01.03. – М., 2010. – 24 с.
4. Аҳрорӣ Х. Сӯҳбат аз санъати тарҷума. [Беседа из переводческого искусства]. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С. 165-166.

Ключевые слова: *перевод художественный, оригинал, содержание, текст, творчество, Сергей Есенин, русский поэт*

Аннотатсия

АҲАМИЯТИ ТАРҶУМАИ АШЪОРИ С.ЕСЕНИН

Дар ин мақола муаллиф проблемаи тарҷумаи Сергей Есенинро таҳлил менамояд. Муаллифи мақола дар асоси маводи фаровон проблемаи таҳлили тарҷумаи асарро нишон медиҳад. Проблемаи тарҷумаи асари бадеӣ дар адабиёти ҳозира ҷойи муайянро ишғол менамояд.

Калидвожаҳо: *тарҷумаи асари бадеӣ, воқеӣ, эҷодиёти, матн, осор, Сергей Есенин, шоири рус*

Annotation

THE IMPORTANCE OF THE TRANSLATION OF S. ESENIN'S POETRY

This article, the author analyzes the problems of conveying the content of the original text when translating a work of fiction. The author of the article, on the basis of a large amount of material, shows the problems of transferring the content of the original text when translating a work of art. The problem of translating literary text occupies a special place in modern literature.

Keywords: *literary translation, original, content, text, creativity, Sergei Yesenin, Russian poet*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллозода Дилнозаи Абдухалил, магистранти соли якуми факултети забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел: +992 111222406

Роҳбари илмӣ: дотсент Валиев Н. У.

Сведения об авторе: Абдуллозода Дилнозаи Абдухалил, магистранка второго курса факультета русского языка и литературы Таджикский Гасударственный Педагогический Университет имени Садриддин Айни. Телефон: +992 111222406

Научный руководитель: доцент Валиев Н. У.

About the author: Abdullozoda Dilnoza, master student of the 2t year of the Russian language and literature Department of the TSPU named after S. Aini Tel.: +992 111222406

Scientific adviser: associate professor Valiev N. U.

Ширинджонова Фарзона,
магистрантка первого курса факултета русского языка и литературы

ПРОБЛЕМА ПЕРЕВОД РОМАНА «МАТЬ» А.М.ГОРЬКОГО НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Максим Горький писатель, поэт основоположник литературы социалистического реализма, родился 28 марта 1868 году в Нижним Новгороде. Еще в школе начал писать повести и рассказы. Во время студенчества выступал со своими стихами в различные аудитории города Москвы.

Особенно слушателям нравилась его своеобразное манера чтения лирических произведений. Как отмечал Андреев А.А «.М. Горький является одним из великих писателей начало XX века. Он писал такие повести и рассказы как, «Легенда о Данко», которая вышла 1860 году, «Легенда о Ларе», которая вышли 1862 году, роман «Мать» (1869) и другие [1, 11]. В этих своих произведениях поэт анализировал вопросы мотивация героя.

Общеизвестно, что писатель показывал в своем творчестве различные проблемы русской действительности. Литературные связи и взаимодействия актуальны в развитии национальной литературы и литературного процесса. Постоянное взаимодействие и взаимообогащение национальных культур является стимулом обмена художественными ценностями.

Баранова Л.М. писал: «Следует различать воздействие иноязычного писателя на литературу и распространение его произведений в читательской среде, ибо это явление разного порядка и обусловлены они различными причинами: первая – внутренними потребностями воспринимающей литературы в процессе ее развития, вторая – общим ростом культуры» [3, 11].

В развитии литературных взаимосвязей особое значение приобретают переводы сокровищ мировой литературы на таджикский язык и переводы произведений таджикской литературы на другие языки. Межлитературные взаимосвязи особенно сильное развитие получили в годы независимости нашей республики. То же самое можно сказать и о таджикско-русских литературных взаимосвязях. До провозглашения независимости Республики Таджикистан переводы русской художественной литературы на таджикский и, наоборот переводы таджикской литературы на русский, осуществлялись через языки посредники. Это тенденция продолжается и в наши дни, хотя в республики вырос целый ряд специалистов, хорошо знающих язык оригинала и прекрасно владеющих родным языком, переводящих непосредственно с русских языков и на иностранные языки.

За прошедший период через русский язык на таджикский были переведены произведения русских писателей, на таджикский язык в журнале «Садои Шарк» в трёх номерах за 1989 год и многие другие.

В этой работе мы остановимся на некоторых особенностях перевода русской литературы на таджикский язык. Выберем для этого оригинал известного романа А.М. Горького «Мать», а также его русский и таджикский переводы. Роман «Мать» в 2013 году был переведен с русского на таджикский язык.

Роман появился на таджикском языке в журнале «Садои Шарк» («Голос Востока») в переводе известного таджикского переводчика Уктама Холикова.

Необходимость исследования проблемы таджикско-русских литературных связей XX-XXI веков в контексте творчества русских поэтов и писателей вызвана тем, что, несмотря на длительный период изучения таджикско-русских литературных связей, особенно литературы советского периода, исследователи все еще сталкиваются с огромным количеством нерешенных проблем.

В этом смысле исключительный интерес для литературоведения представляет исследование проблемы влияния русской литературы, в том числе творчества поэтов и писателей России на таджикскую литературу XX века.

Блинов Л.Ф. писал: «Исследование проблемы таджикско-русских литературных связей и влияния персидско-таджикской классической литературы на формирование мировоззренческих основ и истоков сюжетов, идей и образов произведений таджикских поэтов и писателей актуально и важно, особенно в наше время, когда Таджикистан приобрел суверенитет и появилось больше возможностей сближения с другими народами как в политическом, экономическом, так и в культурном и литературном аспектах. Изучение проблем взаимовлияния литератур стало более актуальным в современном обществе, когда происходят процессы глобализации основных культурных ценностей» [4, 88].

Изучение проблем, относящихся к литературным контактам Таджикистана с России началось с первой половины XX века и получило дальнейший расцвет в таджикской

ориенталистике конца XX и начала XXI веков. Основополагающие методологические аспекты изучения творчества великих представителей персидско-таджикской классической поэзии, таких как Фирдоуси, Хайям, Сади, Хафиз и другие, заложены в научных трудах русских ориенталистов: Н. Конрада, В. Эбермана, Ю. Марра, Е.Э. Бертельса, А.Марта, Р. Дипенса и др. В дальнейшем определенный опыт в исследовании проблем таджикско-русских литературных связей был накоплен также литературоведами бывших советских республик. Опубликованы ценные научные исследования Л. Гроссмана, П.И. Тартаковского, Е.А. Илюшина, Е. Челышева, М. Шукурова, А. Сайфуллоева, С. Табарова, Ю. Акобирова, В. Самада, Х. Шодикулова, А. Турсунова, А. Давронова, А. Аминова, Б. Рахмонова и других, посвященные проблеме влияния персидско-таджикской литературы на творчество русских и других языков.

Следует отметить, что основываясь на свойствах родного языка, найти нужный эквивалент. Таджикские поэты могут это сделать, так как их родная литература дала таких мастеров поэтического слова, как Лоик Шерали, Мастон Шерали, Кутби Киром и другие, в произведениях которых звукопись поражает своим богатством и разнообразием.

Безусловно, индивидуальность писателя, его одаренность играют первостепенную роль, но это не может оправдать плохие переводы — переводческой технике следует учиться. Однако многие переводчики до сих пор пренебрегают переводческой техникой, считая, что достаточно владеть языком и уметь рифмовать. Пренебрежением к форме можно в какой-то мере объяснить и некоторый застой, и косность перевода. Только в последние годы в таджикском литературоведении стали появляться работы, в которых поднимаются проблемы переводческого мастерства, техники стиха и формы. Но не во всех литературоведческих работах даётся правильная оценка роли и значения стихотворной техники.

Литература:

1. Андреев А. А. Собрание сочинение Н. Некрасов. – М., Наука, 2001. – 265 с.
2. Адхам Аслам Сравнительная типология таджикского и русского языков. – М. Высшая школа, 1972. – 370 с.
3. Баранова Л. М. Русская литература – М.: Русский язык, 1975. – 848 с.
4. Блинов Л. Ф. Характеристика творчества Ахмадулиной – М.: Наука, 1957. – 600 с.

Ключевые слова: *перевод, художественный, оригинал, содержание, текст, творчество, А.М. Горький, поэт, издание, таджикский язык*

Аннотатсия

МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАИ РОМАНИ «МОДАР»-И А.М.ГОРЬКИЙ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола муаллиф мушкилоти интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми тарҷумаи асари бадеӣ таҳлил кардааст. Муаллифи мақола дар асоси миқдори зиёди мавод мушкилоти интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми тарҷумаи асари бадеӣ нишон додааст. Проблемаи тарҷумаи матни бадеӣ дар адабиёти муосир ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Калидвожаҳо: *тарҷума, бадеӣ, аслӣ, мундариҷа, матн, эҷодкорӣ, осори А.М.Горький, нависанда, забони тоҷикӣ*

Annotation

THE PROBLEM OF TRANSLATING THE ROMANCE "MOTHER" - AM GORKIY IN THE TAJIK LANGUAGE

This article, the author analyzes the problems of conveying the content of the original text when translating a work of fiction. The author of the article, on the basis of a large amount of material, shows the problems of transferring the content of the original text when translating a work of art. The problem of translating literary text occupies a special place in modern literature.

Keywords: *translation, artistic, original, content, text, creativity*

Маълумот дар бораи муалиф: Ширинҷонова Фарзона, магистранти соли якуми факултети забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Валиев Н. У.

Сведения об авторе: Ширинджонова Фарзона, магистрантка первого курса факультета русского языка и литературы ТГПУ С.Айни.

Научный руководитель: доцент Валиев Н. У.

About the author: Shirinjonova Farzona, master student of the 1t year of the Russian language and literature Department of the TSPU named by S. Aini.

Scientific adviser: associate professor Valiev N. U.

ТАЪРИХ, ФАЛСАФА, СИЁСАТ ВА ҲУҚУҚ

Муродов Шаҳром,
магистранти соли дуюми факултети таърих

ТАСВИРИ ШАХСИЯТИ ТЕМУРЛАНГ ДАР «ЗАФАРНОМА»-И НИЗОМИДДИНИ ШОМӢ

Тасвири шахсияти Темурланг дар сарчашмаи таърихии «Зафарнома»-и Низомиддини Шомӣ инъикос ёфтааст. Ӯ дар муқаддимаи асари худ қайд менамояд, ки «Ва дар кушудани мамолик ва паймудани масолик ва тасхири билоду тарфеҳи ибод ва танқиси маоқиди дину давлат ва тамҳиди қавоиди мулку миллат иқтидо бад-он кунанд ва қавлу феъли он ҳазратро муршиди рӯзгор ва муддабири кору бори худ донанд» [7, 29].

Низомиддини Шомӣ дар асари худ «Зафарнома» ҳар як амали Темурро аз лиҳозӣ мусбӣ маънидод кардааст. Хусусан, заминаҳои ба сари ҳокимят омадани Темурлангро, ки аз мухолифати ӯ бо амир Ҳусайн ибтидо мегирад, хости Худо дониста дар фасли «Зикри мухолифати амири соҳибқирон бо амир Ҳусайн ба машварати Шербаҳром ва Баҳроми Ҷалоир» мегӯяд: «Бар арбоби хираду биноӣ ва асҳоби ақлу доноӣ равшан аст, ки чун хости ҳазрати Иззат ҷалла ҷалола ба коре тааллуқ гирад, аввал сабабе, ки муҷиби будани он кор бошад, падид овард. Бинобар ин маънӣ чун иродати Худои таъоло ба заволи давлати амир Ҳусайн тааллуқ гирифт, нахуст дилҳои халоиқро аз ӯ мутанаффир гардонид ва ахлоқи ӯро мутағайир кард. Ва чун хост, ки амири соҳибқиронро волии умури олам гардонад, дилҳои арбоби қулубро ба тарафи ӯ моил гардонид ва ӯро тавфиқи корҳои неку арзонӣ дошт. Лоҷарам давлати аз амир Ҳусайн рӯй бартофта, дуаспа ба истиқболи ин соҳибдавлат омад»[7, 62-63].

Низомиддини Шомӣ ҳангоми тасвири ҳодисаҳо, хусусан лашкаркашиҳои Темурланг ишорат ба раъиятпарварию мардумдӯстии ӯ карда, бештари сабабҳои задухурдҳои Темурро бо рақибонаш пуштибонӣ аз халқу дин ва нест кардани зулму ситам аз болои мардум баён доштааст. Дар ҷойи дигари ин асар Низомуддини Шомӣ ғорат шудани мусулмононро дар Дизах аз ҷониби дувист нафар муғул шарҳ медиҳад, ки дар ин ҳолат Темурланг гӯё худро дар ҳимояи мусулмонон бисёр масъул медонад [7, 222].

Дар бештари лашкаркашиҳои Темур дар «Зафарнома» Низомиддини Шомӣ беҳтарин сифатҳои ҷавонмардӣ ва халқпарвариро дар симои ӯ таҷассум менамояд. Хусусан муаллифи қайд менамояд, ки «Малик Иззудин, ки мамлакати Лури Кӯчакро волӣ буд, эшонро ғоратида буд ва шаноати он ба олам расида. Ва мулки ин савбро ғорату қудрати он набуда, ки ҷазои он муфсидон бад-эшон расонанд. Ва ин хабар ба масомеи шарифа расида буд. Ва нияти муборак бар он масруф гашта, ки ҳар гоҳ ки рӯзгор мусомаҳат кунад ва фурсат даст диҳад, гӯшмоли эшон дода, кинаи ҳуҷҷоҷ аз эшон бикашад». Ба навиштаи Шомӣ ҳангоми дар Фирӯзкӯҳ буданаш Темур ин қазияро ба ёд оварда, мегӯяд: «муддатест то маоши нописандидаи эшон шунидаам. Ва он чӣ аз эшон ба нисбат бо мусофирон воқеъ мешавад, ба тахсис дар бораи ҳуҷҷоҷи байтуллоҳ маълум карда. Ва эзиди иззу ало раиятро, ки вадоеи Алоҳанд ба мо супурда аст. Ҳаройина фардо аз мо хоҳад пурсид, ки чӣ гуна раво бошад, ки дар васати мамлакат ҷамоате чунин муфсид бошанд ва моро қудрати дафъу истисоли эшон бошаду дар он боб тақсир кунем. Пас бар зиммати ҳиммати мо воҷиб бошад, баъзе аз авқотро ба дафъи шарри эшон масруф гардонидан ва вилояту мамлакатро аз муфсидони шаррир пок кардан» [7, 222].

Ҳамин тариқ, дар «Зафарнома»-и Низомиддини Шомӣ Темурланг ҳамчун подшоҳи одилу раъиятпарвар, пуштибони халқу давлат ва муборизи роҳи адолату ҳақиқат тасвир ёфтааст. Аммо дар баробари ин, тавре дар фаслҳои гузашта ба мушоҳида мерасад, Шомӣ манфуртарин амалҳои Темурро, хусусан қатли шахсони бешумор ва ғоратгариву яғмогарии ӯро ҳангоми лашкаркашиҳояш бо мадҳу санохониҳо низ инъикос намудааст.

Дар дигар сарчашмаҳои хатти нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV, аз ҷумла «Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон»-и Ғиёсиддин Алӣ, [2] «Зафарнома»-и Шарофиддин Алии Яздӣ, [9] «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд, [6] «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир [8] ва ғайраҳо дар таркиби воқеаҳои таърихии марбут ба Темурланг ба мисли «Зафарнома»-и Низомиддини Шомӣ шахсияти Темур аз лиҳозӣ мусбӣ баҳогузорӣ шуда, ӯ ҳамчун шоҳи одилу раъиятпарвар инъикос намудаанд. Аммо аз лашкаркашиву забткориҳои Темурланг ба хулосае омадан мумкин аст, ки маълумотҳои нисбатан ба ҳақиқат наздик дар хусуси шахсияти Темур дар «Зиндагии шигифовари Темур» инъикос ёфтааст. Маводи дар ин асар инъикосёфта қисме аз натиҷаи мушоҳидаҳои муаллиф бошад, дар қисми дигари он муаллиф ба назари омма такя кардааст.

Дар таҳқиқотҳои муҳаққиқоне, ки ҳаводиси нимаи дуюми асри XVI ва ибтидои асри XV – ро инъикос намудаанд, ба масъалаи шахсияти Темурланг вохӯрдан мумкин аст. Ин масъала пеш

аз ҳама дар таҳқиқотҳои В. В. Бартолд, [1] Б. Ғафуров, [3] Ҳ. Камолов [5] Ғ. Ғоибов, [4] ва дигарон ба назар мерасад, ки дар онҳо Темур ҳамчун шоҳи хунхору золим ва бераҳм инъикос ёфтааст. Масалан, В. В. Бартолд мегӯяд: «Новобатса аз хунхории беандозааш дар бораи Темурланг то ба мо ривоятҳои омада расидаанд, ки дар муносибати ӯ ва ҷанговаронаш нисбат ба мамлакат ва ҳатто душманонаш нуқтаҳои муҳимеро дидан мумкин аст, ки муносибати Темур ва ҷанговаронашро шабеҳи «ҷанговарони неки аврупоӣ» (рицар) нишон медиҳанд» [2, 51]. Аз ин гуфтаҳои В.В. Бартолд бармеояд, ки ӯ ҳарчанд Темурро бо амалҳои ғайриинсонияш ҳамчун шахси хунхор инъикос намуда бошад ҳам, аммо дар нигаҳдории ҳокимият ва пойдории давлат Темур ва лашкариёнашро фидоӣ нишон дода, дар ин хусус ба онҳо баҳои мусбӣ додааст.

Б. Ғафуров дар таҳқиқоти худ бештар ба лашкаркашиҳои Темурланг аҳамият дода, аз каламанорасозиву қатли омми мардум ёдовар мешавад, ки агар ба ин гуфтаҳои Б. Ғафуров аҳамият диҳем, симои Темур ҳамчун шахси хунхору ғоратгар инъикос меёбад. Ғайр аз ин, Б. Ғафуров дар китоби худ «Тоҷикон» мегӯяд: «Тамоми лашкаркашиҳои Темур характери ғоратгарона доштанд. Масалан, вақте ки ӯ бо Тӯхтамишхон ҷанг мекард, ободиҳои лаби дарёи Волгаро чунин тороҷ ва хароб намуд, ки дар он ҷо қаҳтӣ ва гуруснагӣ рӯй дод. Маҳалҳои ободи шимоли Ҳиндустон низ ваҳшиёна ба харобазор табдил дода шуданд. Ӯрдуҳои яғмогари Темур аз ин сарзамин сарвати беандоза ба даст дароварда, пас аз рафтани худ фақат шаҳру деҳаҳои хароб, вабо ва гуруснагиро дар Ҳиндустон боқӣ гузоштанд. Темур Арманистони пуродамро, чи навъе ки як шоҳид менависад, «бо қаҳтӣ, бо дами теғ, бо асорат, бо азобу уқубати гӯшношунида ва муомилаи ғайриинсонии худ ба биёбон табдил дод» [3, 648-649]. Б. Ғафуров дар асари худ дигар ваҳшигариҳо, хусусан каламанораҳо ва қатли омми мардумро дар дигар шаҳрҳо аз ҷониби Темурланг аз назари танқидӣ нигоштааст, ки шахсияти Темурро аз лиҳози манфӣ тасвир менамоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нисбат ба дигар муҳаққиқон Ҳ. Камолов дар таҳқиқоти хеш ба шахсияти Темурланг бештар таваҷҷӯҳ намудааст. Аз рӯйи таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ Темур ба рӯҳониён эътиқоди хоса дошт ва бо онҳо бо эҳтиром суҳбат мекард. Аммо саркардаҳои рӯҳонӣ аз суҳбат бо Темур ҳамеша меҳаросиданд ва инро як дом меҳисобиданд. Вафодории ҷанговарон барои Темур муҳимтар аз руҳониён буд, чунки Темур пеш аз ҳама ҷанговари муғул буд ва баъдан мусулмон» [5, 441]. Муҳаққиқ Ҳ. Камолов ба лашкаркашиҳои Темур, ки гӯё мақсадаш паҳн намудани дини Ислом, таваҷҷуҳ намуда, изҳор медорад, ки «дар асл вай ва ҷанговаронаш тамоман аз ислом дур буданд. Иҷрои талаботҳои ислом барои Темур танҳо як воситаи ба даст овардани мақсадҳои сиёсӣ буданд» [5, 441]. Ӯ дар хулосае андешаҳои худ дар хусуси бераҳмиҳои Темур мегӯяд: «Бадкориҳои Темурлангро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Темур қувваи вайронкории худро ба хароб кардани шаҳрҳое равона сохт, ки бо кӯшишу ғайрати зиёде сохта шуда буданд» [5, 451]. Аммо Ғ. Ғоибов дар таҳқиқоти хеш ба шахсияти Темур ишора намуда, ӯро сиёсатмадор ва донандаи бесобиқаи фани ҷанг» [4, 284] номидааст. Ҳамчунин, қайд менамояд, ки кишваркушоиҳою ғайрати беандозаи Темур бо як пои лангу дасти шал касро дар ҳайрат наоварда наметавонад» [4, 295].

Ҳамин тариқ, шахсияти Темурланг аз ҷониби Низомиддини Шомӣ ва дигар муаррихоне, ки дар навиштани таърихи Темурланг ба Шомӣ пайравӣ намудаанд, воқеъбинона тасвир наёфтаанд.

Адабиёт:

1. Бартольд В. В. Сочинения. Том II. Част 2. – Москва: Наука, 1964. – 250 с.
2. Ғиёсиддин А. Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон. – Петроград. Типография Императорской академии наук, 1915. – 231 с.
3. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 280 с.
4. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. – Душанбе: Дониш, 2006. – 907 с.
5. Камолов Ҳ. Таджикский народ во второй половини XIV-XV вв/ Истории таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 2013.
6. Мирхонд. Равзату-с-сафо. – Теҳрон, 1366 ҳ.ш.
7. Низомиддин Ш. Зафарнома. Баргардонанда Аҳмадхон Муродзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 488 с.
8. Хондамир. Ҳабибу-с-сийар. Ҷ. 3. Бо кӯшиши Ҷалоли Ҳумоӣ. – Теҳрон, 1334/1954. – 760 с.
9. Шарафуддин А. Я. Зафарнома. Подготовка к печати, предисловие, примечания и указатели А. Урунбева. – Ташкент: Фан, 1972.

Калидвожаҳо: *Темурланг, «Зафарнома», Низомиддини Шомӣ, рисола, инъикос, тасвир, шахсият.*

Аннотация

ОПИСАНИЕ ЛИЧНОСТИ ТАМЕРЛАНА В "ЗАФАРНОМА" НИЗОМИДДИНА ШОМИ

В статье раскрывается личность Тамерлана (Темурланга) в «Зафарноме» Низомиддина Шами. Из событий, описанных в «Зафарноме», автор стремится исследовать взгляды Низомиддина Шами на действия Тамерлана. Автор приходит к выводу, что личность Тамерлана не была реалистично изображена Низамиддином Шами и другими историками, которые последовали за Тамерланом в написании его истории.

Ключевые слова: *Темурланг, «Зафарнома», Низомиддин Шоми, трактат, размышление, описание, личность.*

Annotation

DESCRIPTION OF TEMURLANG'S PERSONALITY IN "ZAFARNOMA" - NIZOMIDDIN SHOMI

The article describes Temurlang's personality in Nizomiddin Shami's Zafarnoma. From the events described in Zafarnoma, the author seeks to investigate Nizomiddin Shami's views on Temurlang's actions.The author concludes that Temurlang's identity was not realistically portrayed by Nizamiddin Shami and other historians who followed Temurlang in writing the history of Temurlang.

Keywords: *Temurlang, "Zafarnoma", Nizomiddin Shomi, treatise, reflection, description, personality.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Муродов Шаҳром, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: +992 938878497

Роҳбари илмӣ: дотсент Фозилова М.

Сведения об авторе: Муродов Шахром, магистрант второго курса исторического факультета ТПГУ имени С. Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 938878497

Научный руководитель: доцент Фозилова М.

About the author: Murodov Shahrom, the magister of history faculty of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel: +992 938878497

Научный руководитель: доцент Фозилова М.

Кароматуллои Убайдулло,
магистранти соли дуюми факултети таърих

АКБАР ВА НАҚШИ Ӯ ДАР МУСТАҲКАМГАРДОНИИ ҲОКИМИЯТИ ТЕМУРИЁНИ ҲИНД

Яке аз роҳбарони сиёсии давлати Темуриёни Ҳинд шоҳ Ҳумоюн ба ҳисоб меравад, ки давраи ҳукумронии ӯ қариб, ки пурра дар муборизаҳо сарф мешавад ва ҳокимияти сиёси то андозае ноором мегардад, баҳри аз байн бурдани вазъияти душвори сиёсии ба амал омада, ворисони ӯ як қатор тадбирҳо ва ислоҳотҳоро ба амал баровардаанд. Махсусан, писари 13-солаи ӯ Акбар, ки баъди марги падари худ Ҳумоюн (1556) ҳокимиятро соҳиб гардид, аммо дар асл бошад, давлатро васии ӯ Байрамхон, ки яке аз шахсони боэътимоди Бобур ва Ҳумоюн буд, идора мекард. Аз ҳукумати роҳбари ҷавон истифода намуда, лашкари 50-ҳазор нафараи Хему-сарлашкари кастаи тоҷирон, ки ҳануз дар замони Ҳумоюн сар бардошта буд, ба шаҳр ҳучум карда, онро мавриди муҳосира қарор дод. Баъди таёрии комил кӯшуни Акбар ва Байрамхон низ ба ҳучум гузашт, 5-уми ноябри соли 1596 байни онҳо задухӯрди шадид ба амал омада, артиши Акбар пароканда гардид [1, 26]. Аммо Акбар ба ин номувафақият тан надода, ҳучуми ҷавобии худро мустаҳкамтар кард. Ба қӯшуни Хему шикаст расонда, ӯро ба ақибнишини маҷбур намуд, худди Хему бошад дар рафти ҷанг аз чашмаш тир хӯрда, асир гардид, баъдтар ба қатл расонда шуд. Ҳамин тавр лашкари Акбар Деҳлиро ба даст оварда, ба мувафақияти калон ноил шуд, ки ин боиси шӯҳрати Байрамхон ва норозигии дарбориёни Акбар гардид ва онҳо кӯшиши нест намудани Байрамхонро карданд. Байрамхон дар гузашта фармонбардори шоҳи Эрон, баъдтар хизматгори боэътимоди Бобуру Ҳумоюн ва акнун ба хизмати Акбар гузашта буд. Байрамхон аз мазҳаби шиа буда, барои Акбар низ монеъа эъҷод мекард. Соли 1560 Акбар бо дастгирии амалдорони маҳаллӣ идоракунии давлатро комилан ба дасти худ гирифта, Байрамхонро ба Макка фиристод ва соли 1561 ӯ дар роҳ ба қатл расонда шуд [1, 27]. Дар ибтидои идоракунии Акбар (1556-1605) ҳукуматаш дар ҳудуди дарёи -Ганга ва Ҷамна, вилояти Деҳлӣ-Агра амал мекард ва дар замони ноиб салтанатии Байрамхон Гволёр, Аҷмер, Ҷанпур, Малва, баъдтар Амбар ва Анбера ба қаламрави Акбар ҳамроҳ карда шуданд. Писар ва набераи Анбера, Ман ва Синх ба васал ва хизмати ӯ дохил шуданд. Дар солҳои 60-уми асри XVII бошад князигарии рачпутҳо Гангаван ва қалъаҳои устувори Читар ва Ранхамбхор дар Рачпутан ба ҳайати ҳукумати Акбар дохил гардиданд [2, 1]. Бо мақсади мустаҳкам намудани ҳукумати худ Акбар ба рачпутҳо ваъда кард, ки дахлнопазирии масҷидҳоро нигоҳ дошта онҳоро аз андозҳои ҷизя озод мекунад, ҳатто ба онҳо дигар намуди имтиёзҳоро низ пешниҳод кард. Масалан, онҳо метавонистанд дар қабулгоҳи шоҳ бо ярокҳояшон дароянд. Ин амалро дивани али меномиданд. Ба баъзе рачпутҳо иҷозат дода шуда буд, ки бо роҳи издивоҷ муносибати хешутабориро бо Муғулҳои Ҳинд барқарор намоянд [3, 68]. Ин сиёсати пеш гирифтаи Акбар боиси норозигии руҳониёни ислом ва ниҳоят сабаби сарзадани шӯриши соли 1563-и афғонҳо бо сардории Асафхон дар Панҷоб гардид. Шӯришчиён дар муддати кӯтоҳ Лоҳурро ба даст оварда бародари хурдии Акбарро, ки дар Кобул ҳоким буд, шоҳ эълон карданд. Ба шӯришчиён мирзоҳо (шоҳзодагон) низ ёри мерасониданд. Аммо шӯриш ба мақсад нарасида пахш гардид. Мирзоҳо ба Гуҷарот, ки дар он ҷо охирин шоҳи сулолаи Аҳмадшоҳ-Музаффари III ҳукм меронд, фирор намуданд. Ҳанӯз соли 1534 падари Акбар – Ҳумоюн ба Гуҷарот ҳучум карда, подшоҳи он Баҳодуршоҳро шикаст дод ва пойтахти он шаҳри Аҳмадободро забт намуда, бародари худ Аскариро ҳоким таъин намуда, роҳи Аграро пеш мегирад. Бо дастгирии португалиҳо Баҳодуршоҳ ҳокимияти Гуҷаротро аз нав соҳиб гардида, аммо дере нагузашта, аз тарафи фарангистон (Фарангистон-аврупоиҳоро дар Ҳиндустон чунин ном мебурданд) ба қатл расонида мешавад.

Соли 1572 Акбар ба Гуҷарот ҳуҷум карда, Музаффаршоҳи III-ро тобеъ кард ва ҳокими якумраи ин мулк таъин гардид. Дар масъалаи амнияти аҳолӣ ба Акбар муяссар шуд, ки бо португалиҳо дар хусуси бехатарии ҳоҷиёни мусулмон, ки аз ин минтақа ба Макка мерафтанд, шартнома имзо кунад [2, 11]. Сиёсати дохилии Акбар асосан бо мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ нигаронида шуда буд. Дар ин кор аз ёрии Абулфазли Аламӣ, ки дар идоракунии давлат тарҷибаи кофӣ дошта, бо назарияи сиёсии мусулмонҳо ва ҳиндуҳо шиносоӣ дошт, васеъ истифода мекард. Ба ақидаи Абулфазл ҳокимияти шоҳ «ҳамчун ҷилои Худо дар замин, монанди шуъои офтоб мебошад». Шоҳ бояд нисбати халқ новобаста аз мансубияти диниашон шароит ва имконияти хуб фароҳам оварад ва таъмини ҳаёти осоишта ба мардум вазифаҳои асосии подшоҳ

мебошад [3, 68]. Бо мақсади бекор намудани норозигии амалдорон Акбар мазмуни ислоҳотро тағйир дода, ҷагирдорон ва сипаҳсолоронро ӯҳдадор намуд, ки мувофиқи даромади заминҳои дар ихтиёр доштаашон шумораи муайяни лашкарро нигоҳ доранд ва дар ҳолати зарури ба фоидаи шоҳ ва ҳукумат фаъолият намоянд. Акнун дар вақти назорат бурдан дигар ҷагирдорон наметавонистанд, ки аспонашонро иваз намоянд. Мувофиқи низоми ҷоринамӯдаи Акбар ҳам низомиён ва ҳам хизматчиёни маъмурӣ ба 3 табақа тақсим мешуданд (мансабҳо бо рақам ишора мешуданд). Дорандагони мансабҳои баланд «10-ҳазор», «8-ҳазор» ва «7-ҳазор» шохзодагон буданд. Гурӯҳи дигарро мансабдороне, ки аз «5-ҳазор» то «200-ҳазор» (онҳо 412 кас буданд), ки онҳоро амирон меномиданд. Қисми зиёди мансабдорон (1400 кас) рутбаҳои аз «150» то «10» буданд, амалдорон номбар гардида, аз ҳисоби давлат маоши муаянро соҳиб мешуданд [2, 11].

Дар низоми ҳарбии давлат мафҳумҳои «зат» (рутба) ва «савор» (аспсавор)-ро ҷорӣ карда шуданд, ки «зат» рутбаи махсуси шахси мансабдор ва рутбаи «савор» шумораи саворонро нишон медод. Дар сиёсати иқтисоди таъғирот дароварда шуда, андозро ба тариқи пул ҷори намуд, аммо дар вилоятҳо андози пули ба заминдорон мушкилот эҷод намуда, онҳоро маҷбуран ба муносибатҳои молию пули мекашид ва побанди ҷаллобон ва судхӯрон мегардонид. Ба хотири ба танзим даровардани системаи андоз ва андозситони якчанд қонунҳо бароварда шуд, ки мувофиқаш ҳаҷми андоз аз рӯи вобастагии категорияи замин гузошта мешуд. Заминҳое, ки ҳар сол кишт карда мешуданд, андоз 1/3 фоизи маҳсулотро ташкил менамуд, аз заминҳое, ки 2-3 сол дам дода мешуданд ва боз кишт карда мешуданд, андоз нисбатан камтар буда, ҳаҷми андоз ҳам ба интихоби андозсупоранда тасдиқ мешуд [2, 150]. Яъне андозсупоранда худаш муайян мекард, ки андозро баъд ё пеш аз ҳосил, ё бо роҳи чен кардани замин супорад. Дар вақти чен кардани заминҳо хизматчиёни давлати барои фоида ба даст овардан фиреб ба кор мебурданд.

Бо мақсади пойдор намудани муносибати озоди байни халқҳо новобаста аз ҳайати иҷтимои ва динӣ, Акбар принсипи сиёсати дини «сулҳи кул» эълон намуд, ки маънои муносибати дӯстона миёни пайравони динҳои гуногунро дошт. Ба ҳайси роҳнамои динӣ бошад Акбар шайх-сардорро интихоб намуд, ки аз демократия ва принсипҳои он огоҳ буд (номаш маълум нест). Соли 1563 Акбар ҷизяро, ки аз халқи ғайримусулмон гирифта мешуд, бекор кард, ки боиси норозигии руҳониёни ислом гардид. Баъди эълон шудани «Сулҳи кул» ба ҳамаи аҳли динҳо аз тарафи давлат бо як чашм нигоҳ карданд. Дар низоъҳои мазҳабӣ ба ҳамин асос ҳукм бароварда шудан гирифт. Аз тарафи Темуриёни Ҳинд фармон бароварда шуд, ки ҳаммаи аҳли динҳо баробар буда, касе ба дини касе таарруз нанамояд, мусулмон, ҳинду, маҷуси, яҳуди ва насоро бо ҳам баробар ва дӯстона зиндагӣ кунанд. Мувофиқи тамаллуққории диниаш дар соли 1575 Акбар дар пойтахти давлат Фотеҳпур-Сикри ибодатхона таъсис дод, ки ба баҳсҳои дини тааллуқ дошт. Сардори олии онро Акбар ба зимма гирифт [2, 150]. Соли 1578 ба ибодатхона пайравони динҳои дигар низ даъват мешуданд. Аз соли 1580 Акбар дар даъватҳои динии худ бо нишонаҳои кастави, аз ҷумла дар даст бастани сангҳои қимматнок, ки хоси барахманҳо буд, иҷозат дода шуд. Ҳамчунин ба хотири эҳтиром гузоштан ба дини ҳиндуҳо вай куштани гов ва истифода бурдани гушти онро дар хӯрок мамнӯъ эълон кард. Эҳтироми дини ҳиндуён боиси норозигии уламои исломӣ гардида, соли 1580 уламои ислом фатво бароварда, Акбарро бидъаткор эълон карданд ва аз пайи сарнагун сохтани ӯ шуданд [3, 69]. Акбар бо мушкилиҳои зиёд шӯришро пахш намуд, аммо эътиқодаш нисбати ҳақиқати сиёсати синкритизми диниаш тағйир наёфт. Синкритизм-якҷоя кардани равияҳои динии ба ҳам мухолиф. Дар соли 1582 дини идеалии Акбар, ки «дини илоҳӣ» ном дошт, қонунӣ эълон гардид, ки аз таълимотҳои гуногун таркиб ёфта буд, ки масъалаҳои асотирӣ ва навиштаҷотҳои муқаддасро тасвир намекард. Худи ислом ҳам оҳиста-оҳиста ба расму русумҳои қадимаи Ҳиндустон мутобиқ гардид. Бо мақсади барқарор намудани сулҳ дар байни онҳо як микдор китобҳои қадимии ҳиндуҳо, аз ҷумла китоби «Маҳбдороия», ки оид ба таърих ва ақидаҳои динии ҳиндуҳо буд, бо забони форсӣ тарҷума гардида, дар байни мусулмонҳо паҳн кунонида шуд [4, 28]. Инчунин шоирони ҳинду баъзе китобҳои тасаввуфии мусулмонон, инчунин ҳикояҳои таърихи ва адабӣ аз ҷумла воқеъаҳои Карбалоро бо забони ҳиндӣ тарҷума ва нашр намуда, дар миёни ҳиндуҳо паҳн карданд, ки ба ин восита дар миёни мардуми мусулмон ва ҳиндуҳо як алоқаи адабӣ - маданӣ пайдо шуд.

Дар ҷамбаст оиди зиндаги ва ҳокимияти Акбар метавон гуфт, ки Ӯ шахси хирадманду босавод, шоҳи одил ва дурандеше буд, ки тавонист ҳокимияти Темуриёни Ҳиндро хело васеъ ва мустаҳкам намояд. Ӯ дар ҳокимияти худ баҳри беҳтар намудани авзои сиёсии давлат як қатор ислоҳотҳо гузаронид, ки натиҷаи ниҳоят хуб дод.

Адабиёт:

1. Ашрафян К. З. проблемы развития феодализма в Индии // Народы Азии и Африки. 1969, №4.
2. Антонова К. А. Очерки обшественных отношений палитического строя времен Акбара. – Москва, 1953.
3. Зарифов Н. Давлати Муғулҳои Ҳинд. – Душанбе, 2014. – 112 с.
4. Новая история стран Азии и Африки. – Москва, 2005.
5. https://ru.wikipedia.org/w/index.php?title=Империя_Великих_Моголов&oldid=109199611

Калидвожаҳо: *Акбар, Темуриёни Ҳинд, Байрамхон, Деҳли, Гуҷарат, Ислом, Ҳиндустон,Кобул, Кашмир, Фотеҳпур*

Аннотация

АКБАР И ЕГО РОЛЬ В УКРЕПЛЕНИИ ИНДИЙСКОЙ ВЛАСТИ ТИМУРИДОВ

Одним из основателей Индо-Монгольской империи был сын Хумаюна - Акбар (1556-1605). Правление Акбара продолжалось 49 лет, и за время его правления государство стало очень единым и сильным. Акбар объединил индусов и мусульман в своей империи, даже перевел трагедии равнины Карбала на хинди, положив тем самым начало культурным отношениям между двумя религиями. Из уважения к религии индусов он запретил убивать коров и употреблять в пищу их мясо. Был запрещен налог джизья. Акбар провел ряд реформ в государственном управлении, например, в военной, торговой и других сферах, что сыграло значительную роль в укреплении экономического, социального и политического положения государства Тимуридов в Индии.

Ключевые слова: *Акбар, Тимуриды Индии, Байрам-хан, Дели, Гуджарат, ислам, Индия, Кабул, Кашмир, Фатехпур*

Annotation

AKBAR AND HIS ROLE IN STRENGTHENING INDIAN TEMURIAN POWER

One of the founders of the Indian Mongol Empire was the son of Humayun-Akbar (1556-1605). Akbar's reign lasted for 49 years, and during his reign the became very united and strong. Akbar united Hindus and Muslims in his empire, even translating the tragedies of the Karbala plain into Hindi, thereby initiating cultural relations between the two religions. Out of respect for his Hindu religion, he forbade the killing of cows and the consumption of their meat. The jizya tax was banned. Akbar introduced a number of reforms in the government, for example, in the military, trade and other spheres, which played a significant role in strengthening the economic, social and political situation of the Timurid state of India.

Keywords: *Akbar, Timurids of India, Bayram Khan, Delhi, Gujarat, Islam , India, Kabul, Kashmir, Fatehpu*

Маълумот дар бораи муаллиф: Кароматуллои Убайдулло, магистранти соли дуюми кафедраи таърихи умумии факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 200887588

Роҳбари илмӣ: дотсент Сайнаков С. П.

Сведения об авторе: Кароматуллои Убайдулло, магистрант второго курса кафедры всеобшей истории исторического факультета ТГПУ имени С. Айни. Телефон: +992 200887588

Научный руководитель: доцент Сайнаков С. П.

About the author: Karomatulloi Ubaidullo, magistr 2nd years of the historical faculty of the Tajik State Pedagogical University named by S. Aini. Phone number: +992 200887588

Scientific director: associate professor Saynakov S. P.

Исмоилов Муҳаммадфарид Хайриддинович,
магистранти соли дуюми факултети таърих

ТАСАРРУФИ ШАҲРҲОИ СОҲИЛИ ДАРЁИ СИР АЗ ҶОНИБИ МУҒУЛҲО

Соли 1219 хони муғул Чингизхон ба Осиёи Миёна ҳуҷум карда, нахуст Утрорро забт кард. Сипас лашкари ӯ ба ду қисм тақсим шуда, қисмати аввал бо сардории Чингизхон ба ҷониби шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ва қисмати дигар бо роҳбарии писари Чингизхон Ҷуҷӣ ба ҷониби шаҳрҳои соҳили дарёи Сир ҳаракат карданд. Лашкари Ҷуҷӣ ба қасабаи Сақно, ки дар канори Ҷайҳун ҷойгир буд, расида, нахуст ба ғасби он омодагӣ гирифт. Пеш аз ҳуҷум Ҷуҷӣ намояндаҲоҷиро, ки ба хидмати Чингизхон даромада буд, ба назди мардуми шаҳр фиристод, то аҳолиро баъд аз адои рисолат ба ҳукми маърифат ва қаробат насиҳате кунад, то ҷон ва моли эшон ба саломат бимонад. Аммо мардум Ҳоҷиро, пеш аз он ки аз таблиғи рисолат бо насиҳат ояд, ба қатл расонданд. Лашкари Ҷуҷӣ ба шаҳр наздик шуда, муддати ҳафт рӯз шаҳрро дар муҳосира гирифта, оқибат онро кушода, қариб тамоми мардуми онро ба қатл расонданд ва ин шаҳрро Ҷуҷӣ ба писари Ҳасани Ҳоҷии мақтул супурда, ба ҷониби шаҳри Ҷанд ҳаракат кард [1, 67].

Истилои шаҳри Сақно аз ҷониби муғулҳо ва қатли омми мардум сокинони дигар шаҳрҳоро ба воҳима андохт. Мардуми Ҷанд ва лашкари 10 - ҳазораи он аз тарс шаҳрро ҳаволаи тақдир намуда, онро тарк сохтанд. 21 апрели соли 1220 шаҳри Ҷанд бе ҷанг ба дасти муғулҳо гузашт ва аз тарафи онҳо ғорат гардид [5, 24].

Лашкари Ҷуҷӣ дар шумули панҷ ҳазор нафар ба шаҳри Банокат наздик шуда, онро дар муддати се рӯз забт карданд. Атомалик Ҷувайнӣ дар ин бора менависад: “Илоқнуйон, Сактӯ ва Тоқо бо панҷ ҳазор мард номзади Фанокат (Банокат) шуданд ва амири он Айлтакӯ амир буд, лашкаре аз қанкалиён се рӯз ҷангӣ карданд, зиёдати иқдоме нанамуданд. Рӯзи чаҳорум амон хостанд ва ба берун омаданд, лашкариён ва арбобро ҷудогона нишонданд. Лашкариёнро ба асир гирифта, баъзеро ба шамшер ва ҷамоатеро бо тирборон ҳалок карданд ва арбобро садӣ ва даҳӣ карданд, муҳтарафа ва саноъ ва асҳоби ҷавоҳирро муайян карданд ва ҷавононро аз миёни дигарон ба ҳашар берун оварда, мутаваҷеҳи Хуҷанд шуданд” [1, 70-71].

Рене Грусе низ қайд мекунад, ки сипоҳи Ҷуҷӣ шаҳри “Банокат”-ро (дар мағриби Тошканд) гирифтанд ва Хуҷандро муҳосира намуданд [3, 392].

Пас аз истилои Банокат лашкари муғул ба ҷониби Хуҷанд ҳаракат кард. Ин шаҳр монанди чандин шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳру Хуросон зимни ҳуҷуми Чингизхон ба ҳоли худ гузошта шуда буд. Дар он ҷо аз тарафи султон Муҳаммад дастаи аскарии муҳофизат гузошта нашуда буд. Аҳолии он ҷо ҳам монанди аҳолии дигар ҷойҳои мамлакати султон Муҳаммади Хоразмшоҳ ба дасти тақдир супурда шуда буданд. Маслиҳате ҳам, ки аз тарафи султон ба онҳо дода шуда буд, ҳамон «маслиҳат буд, ки ӯ дар вақти гурези худ ба аҳолии сари рох дода буд. Яъне, гуфта буд, ки “чораи кори худ созед ва барои худ гурезгоҳе ба даст оваред, то аз чанги ҳаводис ва навойиб, эмин бошед. Ё чунон ки ба аҳолии Марв кард, фармон медод, ки «Агар гурехта натавонед, таслим шавед [4, 34].

Ҳокими Хуҷанд Темурмалик аз аввал медонист, ки як душмани хунхори пурзӯр, монанди Чингизро Хуҷанд ба танҳоӣ шикаст дода наметавонад. Бо вуҷуди ин, ҷиҳати ҳимояи ватан бархоста, дар сафи ҷанги мудофиаи ватан кушта шуданро ҳазор бор аз он гуна зиндагонии сарпастона, асирона ва беномусона бехтар медонист. Бинобар ин ӯ қарор дод, ки ба ҳар роҳе, ки бошад, ба қадри қувват ва имкон дар мудофиаи ватан кӯшиш намояд [4, 21].

Лашкари муғул бо теъдоди 5 ҳазор нафар Хуҷандро муҳосира кард, вале онро ба осонӣ гирифта натавонист. Темурмалик ба онҳо муборизаи шадид бурд ва барои идома додани муҳориба бар зидди истилогарони муғул дар ҷазирае, ки дар дарёи Сир воқеъ буд, қалъае низ сохта буд.

Он қисмати лашкари муғул, ки барои забт кардани Хуҷанд фиристода шуда буд, агарчи муддати зиёде ин шаҳри қадими тоҷиконро ба муҳосира гирифтанд, вале дар ишғоли он муваффақияте ба даст оварда натавонистанд. Аз ин ҷиҳат пас аз мағлубияти Бухоро ва Самарқанд як гурӯҳи калони аскарони муғул ба ёрии муҳосиракунандагони Хуҷанд омаданд ва ба ин тариқа, дар атрофи шаҳр даҳҳо ҳазор нафар аскарони чингизӣ ҷамъ шуданд [2, 447].

Темурмалик, пас аз он ки дигар мадори муборизаро бо душман дар шаҳр надошт, “ба рӯи заврақе савор шуда, ба ҷазира фирор намуд [3, 393]. Онҳо дар ҷазира, ки дар дарёи Сир воқеъ гардида буд (зоҳиран, як километр поинтар аз шаҳр) рафта истеҳком гирифтанд ва аз он ҷо

муборизаи худро бар зидди истилогарон давом доданд [3, 392]. Яке аз сабабҳои асосии ин ҷазираро интихоб намудани Темурмалик дар он буд, ки тири душман ба он ҷо намерасид. Мудофиакунандагон бошанд, шабонгаҳ ба муғулҳо ҳуҷум намуда, пас мегаштанд. Темурмалик дар ин ҳолат бар зидди 20000 лашкари муғул ва 50 ҳазор ҳашарӣ муборизa мебурд.

Маврид ба зикр аст, ки лашкари муғул ба ду қисм тақсим шуда буд. Қисми асосии он ба муқобили Темурмалик муборизa мебурд, қисми дигараш бошад, шаҳрро муҳосира карда буданд. Темурмалик бо муҳофизини шаҳр алоқа дошта, аз аҳволи онҳо бохабар буд.

Муғулҳо ба муқобили ин сангари мудофиакунандагони Хуҷанд чорае наёфтанд. Ба ин хулоса омаданд, ки бар рӯи оби дарёи Сир садде сохта ва ба ин васила худро ба ҷазира расонанд. Онҳо барои ин мақсад хеле асирони ҳарбиро водор намуданд, ки аз кӯҳ санг кашонида сад бисозанд. Аскарони Темурмалик барои бетаъсир кардани тири душман рӯи киштиҳои худро бо намад пӯшида, бо гил андова намуданд. Онҳо шабона ва субҳдам бо чунин киштиҳо ба соҳил наздик шуда, ба лашкари истилогарон ҳамла меоварданд ва садди ононро вайрон карда, пас мегаштанд [2, 448]. Аммо баъд аз он ки бисёре аз аскарони ӯ ҳалок шуданд, ӯ кӯшиш кард, ки ба воситаи киштиҳо бо тарафдорони худ фирор намояд. Дар ин бора Атомалик Ҷувайнӣ мефармояд: «Лашар бар канорҳои об равон шуданд ва ӯ дар заврақ ба ҳар куҷо, ки қувват кардӣ ӯ ба он мавзеъ рафтӣ ба захми тир, ки чун ҳазо аз ҳадаф хато намекард, эшонро дур меронд ва киштиҳо медавонд. Ин ҷумла то ба Фанркат омад. Муғулон Занҷиреро, ки дар миёни об кашида буданд то киштиҳоро ҳойл бошад, байки захм ба ӯ зад ва бигзашт ва лашкарҳо аз ҳар ду тараф бо ӯ дар ҷанг то ба ҳудуди Ҷанд ва ба Ирҷилиғ расид. Ва хабари ӯ чун ба самъи Алвуш Айлисалош расид, лашкарро бар ҳарду тарафи Ҷайҳун ба чанд ҷойгоҳ бидошт ва ба киштиҳо пил бастанд ва иродаҳо бар кор карданд аз тарассуд ва тараққуби лашкар хабар ёфт. Чун ба канори Борчилиғкент расид, тайамими мафоза карда, аз об берун омад ва чун оташ бар бод поён равон шуд” [1, 72].

Лашкари муғул Темурмаликро таъқиб карда, ҳангоми наздик шудан ба ӯ ҷанг сар мезад, ки тарафдорони ӯ захмӣ ва ҳалок шуданд. Худи ӯ низ захм бардошт. Бо вуҷуди ин ӯ худро аз таъқиби муғулон раҳо карда, ба Хоразм расид. Дар Хоразм бо дигар сарлашкарони Хоразмшоҳ қувваи ҳарбӣ ҷамъ намуда, ба шаҳри Ёникент, ки яке аз шаҳрҳои бузурги соҳили поёноби Сир буд, ҳуҷум карда, онро фатҳ намуд. Лекин он ҷо, ки дар байни Темурмалик ва дигар сарлашкарони Хоразмшоҳ ваҳдат ва муносибати хуб мавҷуд набуд, ӯ ин муваффақиятҳои ҳарбии худро вусъат дода натавониста, маҷбур шуд ба Хоразм баргардад [2, 449]. Аммо ӯ дар Хоразм чандон зиёд наистод. Бино ба ахбори Атомалик Ҷувайнӣ бар ақиби Султон равон шуда, бар роҳи Шаҳристон ба хидмати ӯ пайваст ва якчанде, ки Султон дар такопу буд ва низ кифоятҳо намуд ва баъди муддате дар либоси зайӣ мутасаввуф ба Шом рафта, пас аз якчанде ки фитнаҳо ором гирифт ва ҷароҳатҳои рӯзгор ал-тамӣ пазируфт, ҳуби ватан ва хона ӯро бар ҷуръат боис гашт. Балки ҳазои осмонӣ муҳарриз ба фарғона расид ва дар ҳасабаи Арас дар мазороти он чанд сол сокин шуда ва аз аҳвол бо хабар ба ҳар вақт ба ҷониби Хуҷанд мерафт” [1, 72].

Темурмалик бо Ҷалолиддин писари Муҳаммад Хоразмшоҳ пайваст шуда, ба муқобили муғулҳо муборизa мебурд. Сипас аз ӯ ҷудо шуда, баъди чандин сол ӯ ба Хуҷанд баргашта, ба он ҷазирае, ки ба ҳароргоҳи худ табдилаш дода буд, расида, бо писараш, вохӯрд. Аммо баъдан ӯ дастгир шуда, дар муборизa бо муғулҳо ба ҳатл расонида шуд.

Ҳамин тариқ, зимни ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна шаҳрҳои соҳили дарёи Сир низ ба дасти муғулҳо гузашт. Лашкари Чингизхон шаҳрҳоро вайрон ва мардуми зиёдро ба ҳатл расонида, молу амволашонро ғорат карданд.

Адабиёт:

1. Атомалик Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушо. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1375 ҳ.ш.
2. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.
3. Рене Груссе. Императории Саҳронавардон. Тарҷумаи Абдулҳусайни Майкада. Чопи 4. –Теҳрон, 1379 ҳ.ш.
4. Садриддин Айнӣ. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. – Душанбе: Маориф, 1978.
5. Убайдуллоев Н. К, Сайнаков С. П. Муборизаи халқи тоҷик ба муқобили истилогарони муғул (Маводи таълимӣ). – Душанбе, 2011.

Калидвожаҳо: *мӯғул, Чингизхон, ҳуҷум, Осиёи Миёна, Сақно, Банокат, Хуҷанд, Темурмалик, тасарруф, қатлу куштор*

Аннотация

ЗАХВАТ МОНГОЛАМИ ГОРОДОВ НА БЕРЕГУ СЫРДАРЬИ

В статье рассказывается о нашествии монголов на города берегов Сырдарьи. Автор отмечает, что после завоевания Уттар-Прадеша монгольское войско было разделено на две части: одну во главе с Чингисханом в города Бухара и Самарканд, а другую - с сыном Чингисхана Джуджи в города на Сырдарье. Армия Джуджи сначала захватила город Сакна и двинулась на города Дженд Баноканд и Худжанд. В статье говорится, что монгольское войско столкнулось с сильным сопротивлением со стороны Темурмалика во время нападения на Худжанд. Он разбил лагерь на острове на реке Сырдарья, откуда воевал против монголов и убил многих из них. В итоге автор приходит к выводу, что во время нашествия монголов в Среднюю Азию города на реке Сырдарья также попали к монголам. Армия Чингисхана разрушала города, убила большое количество людей и разграбила их имущество.

Ключевые слова: *монгол, Чингисхан, нападение, Средняя Азия, Сакно, Банокат, Худжанд, Темурмалик, узурпация, убийство.*

Annotation

CAPTURE OF THE CITIES ON THE BANKS OF THE SYR DARYA BY THE MONGOLS

The article described the Mongol invasion of the Syr Darya towns. The author notes that after the conquest of Uttar Pradesh, the Mongol army was divided into two parts, one led by Genghis Khan to the cities of Bukhara and Samarkand, and the other led by Genghis Khan's son Juji to the cities on the Syr Darya. Juji's army first captured the city of Saqna and marched on the cities of Jand Banokand and Khujand. The article states that the Mongol army faced strong resistance from Temurmalik during the attack on Khujand. He set up camp on an island in the Syr Darya River, from where he fought against the Mongols and killed many of them. In the end, the author concludes that during the Mongol invasion of Central Asia, the cities on the Syr Darya River also fell to the Mongols. Genghis Khan's army destroyed cities, killed large numbers of people, and looted property.

Keywords: *Mongol, Genghis Khan, attack, Central Asia, Saqno, Banokat, Khujand, Temurmalik, usurpation, murder*

Маълумот дар бораи муаллиф: Исмоилов Муҳаммадфарид, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 938202808

Роҳбари илмӣ: профессор Саидов А.

Сведения об авторе: Исмоилов Мухаммадфарид, магистрант второго курса исторического факультета ТГПУ имени С. Айни. Телефон: +992 938202808

Научный руководитель: профессор Саидов А.

About the author: Ismoilov Muhammadfarid, Master s 2hd years of the historical faculty of the Tajik State Pedagogical University named by S. Ayni. Phone number: +992 938202808

Scientific director: professor Saidov A.

Сайфуддинова Мадина,
магистранти соли якуми факултети таърих

САҲМИ МУЛЛО ЭРКАЕВ ДАР ОМӮЗИШИ ҲАРАКАТҲОИ БОСМАЧИГАРӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ ДАР СОЛҲОИ 20-УМИ АСРИ ХХ

Дар охири асри ХХ ва ибтидои асри ХХI дар таърихи сиёсии тоҷикон саҳифаи нав кушода шуд. Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол гардид. Дар ҳаёти сиёсию фарҳангӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ тағйиротҳои куллӣ ба амал омад, ки имкониятҳои навро ба миён овард. Вобаста ба ин дар таърихнигории ватанӣ зарурати аз нав таҳлил намудани асарҳои илмие, ки ба масъалаҳои баҳсталаби он замон бахшида шуда буданд, пайдо гардид.

Яке аз воқеаҳои муҳимми солҳои 20-уми асри гузашта, ин ҷанги граждани ё худ ҳаракати босмачигарӣ мебошад, ки дар тадқиқи он олими тоҷик ва муаррихи барҷаста Мулло Эркаев саҳми назаррасе гузоштааст. Номбурда асарҳои зиёди доир ба ин давра таълифёфтаро омӯхтааст. Дар натиҷа, ба хулосае омад, ки ҷанги граждани пурра тадқиқ нашудааст ва дар асарҳои мавҷуда камбудиҳо ҷой доранд. Пас иқдом гирифт, ки давраи мазкур дар як китоби илмӣ бо фарогирии тамоми воқеот инъикоси худро ёбад ва ба навиштани асари калонҳаҷми худ «Таърихи ҷанги граждани дар Тоҷикистон» оғоз намуд.

Асари мазкур дар асоси маводи бойгонӣ навишта шудааст ва қисми зиёди ин сарчашмаҳо нахустин бор аз ҷиҳати илмӣ таҳлил карда шудаанд. Муаллиф ҳамаи он асарҳо ва мақолаҳое, ки ба давраи мазкур тааллуқ доштанд, таҳлил намуда, хулосаи амиқан илмӣ баровардааст. Дар таълифот қариб ҳамаи маъхазҳо ва адабиёт, мақолаҳои маҷаллаву рӯзномаҳо истифода бурда шудаанд. Муаллиф аз хотираҳои иштироккунандагони ҷанги граждани ва сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон васеъ истифода бурдааст. Расмҳои сершумори коллективона ва индивудуалии таърихие, ки дар ин асар гирд оварда шудаанд, мазмуни асарро боз ҳам бойтар мегардонанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки «Таърихи ҷанги граждани дар Тоҷикистон» асари калон буда, дар илми таърихи давраи шуравии Тоҷикистон саҳми муҳим ва пурқимат дошта, самараи тадқиқоти бисёрсолаи илмии муаллиф буд.

Мулло Эркаев аввалин муаррихе буд, ки ҷанги гражданиро дар Тоҷикистон ба давраҳо ҷудо намудаст. Муаллиф дар асоси омӯхтани ҳуччатҳои сершумор ҷанги гражданиро ба ду давра ҷудо менамояд. Муаллиф меафзояд, ки «Зарурати кор карда баромадани масъалаи таърихи ҷанги граждани дар Осиёи Миёна чуқур ва ҳаматарафа омӯхтани он аст» [3, 12].

Мулло Эркаев давраи аз ғалабаи Инқилоби Октябр то сарнагун карда шудани дастаҳои охирини босмачиёнро чуқур омӯхта, дар асари худ ҷой додааст. Муаллиф китобчаҳо ва мақолаҳои камшумори дар солҳои 30-юм 50-уми асри ХХ доир ба масоили алоҳидаи таърихи ҷанги граждани дар ҷумҳурӣ навишташударо зери танқид гирифтааст, зеро дар онҳо нақши Ҳизби Коммунистӣ ва оммаҳои халқ дар торумори қувваҳои зиддишуравӣ кам ё тамоман нишон дода нашудааст. Ғайр аз он, дар китобчаю мақолаҳои мазкур чунин тадбирҳои муҳимми сиёсӣ ва хоҷагии ҳизб, монанди сиёсати коммунизми ҳарбӣ ва сиёсати нави иқтисодӣ, ки ин чорабиниҳо дар кори барҳам додани босмачиён нақши ҳалкунанда бозида буданд, инъикос наёфтаанд Дар баробари ин муаллиф қайд мекунад, ки дар ин китобчаю мақолаҳо ва маҷмуаи хотираҳо доир ба таърихи Ҷанги граждани дар Тоҷикистон маводи пурқимат низ мавҷуданд.

Дар боби якуми асари худ муаллиф нишон медиҳад, ки дар арафаи Инқилоби Октябр аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоии оммаи меҳнаткашони Туркистон ва Аморати Бухоро беҳад вазнин буд. Сабаб дар он буд, ки халқҳои ин манотиқ ҳам аз тарафи феодалону капиталистони маҳаллӣ ва ҳам аз тарафи мустамликадорони подшоҳӣ бераҳмона истисмор карда мешуданд. Аҳволи вазнини сиёсӣ ва иҷтимоӣ ғазаби меҳнаткашонро торафт зиёд карда, ба шӯришҳои зидди истибдоди феодалӣ, капиталистӣ ва мустамликадорӣ оварда расонд. Инчунин дар боби якум масъалаи ба вуҷуд омадани гурӯҳҳои сотсиал-демократӣ дар Осиёи Миёна аз ҷумла, дар Тоҷикистони Шимолӣ, ки онҳо таҳти роҳбарии ҳизби болшевикон ба муборизаи инқилобии меҳнаткашони кишвар сардорӣ мекарданд, яке аз ҷойҳои марказиро ишғол мекунанд. Дар ин боб муаллиф хиёнаткорони ҳизбҳои гуногуни буржуазӣ -клерикалиро, ки дар Осиёи Миёна пайдо шуда буданд, фош месозад. Инчунин Мулло Эркаев дар боби аввал қайд менамояд, ки «ба туфайли ғалабаи Инқилоби Октиябр дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ва Помир Ҳокимияти Шуравӣ барқарор карда шуд. Илова бар ин, дар қисми шимолии Тоҷикистон нахустин тадбирҳои Ҳокимияти Шуравӣ монанди милликунонии корхонаҳои саноатӣ вазнин гузаронида шуданд»[3, 19]. Дар боби якуми асар ба вуҷуд омадани аввалин ташкилотҳои маҳаллии ҳизби коммунистӣ ва иттифоқи касаба нишон дода шудааст.

Боби дуюми асари мазкур ба масъалаи пахш карда шудани муқобилияти синфҳои сарнагуншуда ва торумори қувваҳои зиддишуравӣ дар ноҳияҳои Шимоли Тоҷикистон ва Помир бахшида шудааст, солҳои 1918-1922-ро дар бар мегирад. Муборизаи оммаи меҳнаткашон бар зидди қувваҳои сершумори зиддишуравӣ дар давраи баъди инқилоб яке аз қисми асосии таърихи ҷанги

гражданиро дар Туркистон ташкил мекунад. Дар боби мазкур муаллиф қайд мекунад, ки қуввахои зиддишуравии дохили мамлакат синфҳои сарнагуншуда, хусусан ҷонибдорони ҳукумати подшоҳӣ ва амирӣ, вале то ҳанӯз торумор нашуда, феодалҳо ва рӯҳониёнро ҳаматарафа дастгирӣ мекарданд. Давлатҳои бузурги империалистии он давр пеш аз ҳама ИМА ва Англия қуввахои зиддиинқилобиро бо яроқу аслиҳа ва лавозимоти гуногун таъмин мекарданд, ки ҳадафҳои стратегии худро доштанд. Гурӯҳҳои зиддиинқилобӣ ба дӯши мардуми Осиёи Миёна ҷанги гражданиро бор карда истода, мақсад доштанд, ки Ҳокимияти Советиро дар ин сарзамин барҳам дода, Осиёи Миёна аз ҷумла, Тоҷикистонро ба мустамликаи давлатҳои хориҷӣ мубаддал гардонанд [3, 89-90]. Яке аз чунин гумоштагони давлатҳои империалистии хориҷӣ Анварпошшо ва Салимпошшо буданд, ки аз фурсати муносиб истифода бурда, бар зидди ҳукумати шуравӣ муборизаро ташкил карданӣ буданд.

Аммо чи тавре, ки муаллиф дар асари дигари худ «Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон » қайд мекунад, «Коммисия ва бюрои Туркистон, инчунин ташкилотҳои ҳизбии маҳаллӣ бо роҳбарии Комитети Марказии Ҳизби Коммунистӣ (б), аз ҷумла коммунистон ва фаъолони советӣ гурӯҳҳои ихтиёрӣ ва дастаҳои коммунистонро ташкил карданд, ки онҳо ба қисмҳои Армияи Сурх дар муборизаи зидди душманони Ҳокимияти Советӣ ҳаматарафа кӯмак мерасонданд. Ҳамин тариқ, бо ҷидду ҷаҳди якҷояи меҳнаткашони Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир дастаҳои зиддишуравӣ торумор карда шуданд» [4, 77].

Нахустин бор дар асари «Таърихи ҷанги гражданӣ дарТоҷикистон» муборизаи мардум ба таври илмӣ тадқиқ шуда, бо аксҳояшон инъикос ёфтаанд. Яке аз чунин қаҳрамонҳое, ки корнамоии ӯ дар ин асар хеле муфассал баён гардидааст, Мирзохоҷа Бобохоҷаев мебошад. Вай аз дасти душманони инқилоб 120 милтиқ, 16 қуттӣ тир, гранатаҳои бисёр ва тапончаҳоро мусодира карда гирифт» [3, 83]. Инчунин дар боби дуюми асари мазкур дар бораи корнамоиҳои мардуми Шимоли Тоҷикистон ба монанди Ҷӯра Зокиров, Абдусаттор Ҳасанов ва ғайраҳо маълумот дода шудааст.

Дар баробари ин дар Помир низ меҳнаткашон ба муқобили босмачиҳо ҷангидаанд, ки зикрашон дар асари мазкур гузаштааст. «Дар тайёрии шӯриши яроқнок ҷавонони рӯҳияи инқилобӣ дошта, дар Помир ба муқобили босмачиҳо гурӯҳҳо ташкил дода шӯриш мебардоштанд. Иштирокчии шӯриш Азизбек Наврӯзбеков дар ин бора чунин гуфтааст: «Собиқ гвардиячиёни сурх ва камбағалони Шуғнон ба кори ишғол кардани қалъа ва пеш кардани дастнишодагони амир фаъолона тайёрӣ медиданд. Инчунин қарор дода шуд, ки аз Тошкент барои кӯмак ёрӣ талаб карда шавад. Бо кӯмаки расида тавонистем, ки аз болои душман ғалаба кунем»[3, 123].

Дар боби сеюми асар муаллиф аҳволи иқтисодӣ -иҷтимоии Бухороро дар арафаи инқилоб, инчунин масъалаҳои сарнагун кардани аморат ва дар Тоҷикистони Шимолию Ҷанубӣ барқарор карда шудани Ҳокимияти Советиро муффасал тасвир менамояд. Дар ин боб қайд карда мешавад, ки ғалабаи Инқилоби Октябр дар Россия ва Туркистон, инчунин барқарор карда шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар сарзаминҳои аҳолиашон руси хонии Бухоро барои пурзӯр гардидани муборизаи инқилобии меҳнаткашон ба муқобили сохти амирии аморат аҳамияти муҳим доштанд. Муаллиф қуввахои пешбарандаи инқилоби Бухороро нишон дода, онро ба таври ҳаққонӣ инқилоби буржуазӣ -демократӣ меномад.

Аммо дар ҳамин маврид, Раҳим Масов дар асари худ «Историография Советской Таджикистана» қайд менамояд, ки «инқилоби дар Бухоро ва Хева ба вуҷуд омада, характери халқӣ -демократӣ ё инқилобӣ -демократӣ дошт» [2, 42].

Дар арафаи инқилоб вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоии хонии Бухоро хело вазнин буд. Саноат ва хоҷагии қишлоқ рӯ ба таназзул ниҳода буданд. Мардум ҳар чи зудтар орзу мекарданд, ки инқилоб рӯи кор ояду авом ӯро дастгирӣ намоянд. Ин ҷо гуфтаҳои Мулло Эркаевро аз рӯи дигар асарҳо муқоиса менамоем.

Назаре меафканем ба гуфтаҳои устод Садриддин Айнӣ, ки бевосита шоҳиди воқеоти он замон буд. Далели он гуфтаҳо, ки мардум ба инқилоб омода буд ва ҳар чи зудтар орзуи инқилобро доштанд, иқтибосе меорем аз асари «Таърихи инқилоби Бухоро»-и устод Айнӣ, ки «Воқеаи Колесов» мисол шуда метавонад:«Бояд қайд намуд, ки Инқилоби Октябр дар Россия ва Туркистон як дараҷа ҳамовозӣ пайдо намуд, аммо вазъият дар Аморати Бухоро тамоман дигар буд. Соли 1918 сардори Ҳукумати Шуравии Туркистон Фёдор Колесов ба Бухоро ҳамла оварда, инқилоб карданӣ шуд. Ҷадидон гумон мекарданд, ки деҳқонон ва сарбозоне, ки аз ҷабру зулми ҳукумати Бухоро ҷон ба лабашон расидааст, бо андак ҳаракати мо ба моён ҳамроҳ шуда, барои ба даст овардани талабҳои мо, ки айни муддао ба манфиати онҳост, ёрӣ хоҳанд дод. Ҳол он ки деҳқонон ва сарбозҳо ба ҳадде зери занҷири зулму ситам фишурда шуда буданд, ки маҷоли ҳаракат кардан надоштанд.

Албатта аз баландии зинаи навини дарки таърих ва қонуниятҳои он истифода ба дастовардҳои таърихнигории солҳои 50-60-уми тоҷик баҳои яктарафа ё ки санги маломат задан худ ё нишонаи номуккамалии дониши касбист, ё амалӣ ғаразнокии сиёсӣ. Имрӯз метавон Мулло Эркаевро дар нигоҳдошту риояи принсипҳои яктарафаи идеологӣ мавриди таҳлилу таҳқиқи раванди ҷанги граждани дар солҳои 20-ум эрод гирифт. Ҳатто фикрҳое ҳам пайдо шуданд, ки иртиботи он воқеаҳоро ба ҷанги граждани зери шубҳа мегиранд. Гузашта аз ин саволе гузоштанианд, ки оё

воқеаҳои фоҷиавии дар он замон рӯх дода ба мафҳум ё худ фаҳмиши «ҷанги граждани» ҷавобгӯ ҳастанд ё не?

Ҷанги граждани бо маънии классикӣ ва аслияш, ҷангест, дар байни ду қувваи мухталифе, ки ба онҳо гражданиҳои як мамлакат шомиланд ва ҳарду тараф ҳадафҳои сиёсӣ доранд, сар мезаданд. Дар ҳолате, ки дар он ҷанг мудохилаи рӯиростӣ қувваҳои ҳарбии русия на танҳо ба назар мерасид, инчунин онҳо гӯё чун қувваи ҳалкунанда амал мекарданд, пас ин ҷанги граждани набуда, фақат мудохилан ҳарбии берунист.

Мудолхилаи армияи сурхи инқилобии русия дар барқарор кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар ҳудуди Тоҷикистон, барои ҳеҷ кас пинҳон нест. Ин амал дар тамоми тадқиқоти ба ин мавзуъ бахшида шуда бо далелҳои муътамад қайд шудааст. Ин ҳатто ба хонандаи мактаб ҳам маълум аст.

Муборизаи шадиде, баъди ғалабаи инқилоб дар Тоҷикистон сурат гирифта, аз кадом самте ба ӯ нанигарем, ҷанги граждани буд.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
2. Масов Р. Историография Советского Таджикистана (1917-1975). – Душанбе: Дониш, 1978. – 200 с.
3. Пирумшоев Х. История Таджикского народа. Т. V. – Душанбе: Дониш, 2010.
4. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри 19 то соли 1924). – Душанбе: Адиб, 2007. – 368 с.
5. Эркаев М. Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 470 с.
6. Эркаев М. История гражданской война в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 700 с.

Калидвожаҳо: *босмачигарӣ, ҷанги граждани, ҳаракатҳои зиддишуравӣ, балвогар, Ҳизби коммунистӣ, империализм, мустамлика, Ҳукумати Шуравӣ, Инқилоби октябр, гӯруҳҳои ихтиёрӣ, калтакдорони сурх, аморати Бухоро, Туркистон.*

Аннотация

ВКЛАД МУЛЛО ЭРКАЕВА В ИЗУЧЕНИИ БОСМАЧЕСКОГО ДВИЖЕНИЯ В ВОСТОЧНОЙ БУХАРЕ В 20-ЫЕ ГОДЫ XX ВЕКА

В данной статье представлена информация о крупномасштабном труде историка Мулло Эркаева «История гражданской войны в Таджикистане», а также проведено сравнение произведения с историческими книгами, созданными вне советской идеологии. Он проливает свет на каждую главу работы, вопросы которой он охватывает. В данной статье отражены основные факторы, которые привели к возникновению басмаческого движения в Таджикистане. В статье также рассматриваются взгляды Мулло Эркаева на возникновение басмаческого движения с точки зрения других историков.

Ключевые слова: *босмачество, гражданская война, антисоветские движения, восстание, Коммунистическая партия, империализм, колониализм, Советская власть, Октябрьская революция, добровольческие отряды, красные дубинки, Бухарский эмират, Туркестан.*

Annotation

MULLO ERKAEV'S CONTRIBUTION TO THE STUDY OF BOSMACHI MOVEMENTS IN EASTERN BUKHARA IN THE 20S OF THE XX CENTURY

This article provides information on the large-scale work of historian mullo erakaev "history of the civil war in tajikistan", as well as a comparison of the work with historical books created outside the soviet ideology. it sheds light on each chapter of the work, which issues it covers. this article reflects the main factors that led to the emergence of the basmachi movement in tajikistan. The article also examines mullo erkayev's views on the emergence of the basmachi movement from the perspective of other historians.

Keywords: *bosmachigar, civil war, anti-Soviet movements, rebellion, Communist Party, imperialism, colonialism, Soviet Government, October Revolution, volunteer groups, red batons, Emirate of Bukhara, Turkestan.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сайфуддинова Мадина, магистранти соли якуми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Сайнаков С.

Сведения об авторе: Сайфуддинова Мадина, магистрантка первого курса исторического факултета ТПГУ имени С. Айни.

Научный руководитель: доцент Сайнаков С.

About the author: Saifuddinova Madina, the magister of history faculty of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.

Scientific director: Docent Sainakov S.

Усмонов Рамазон,
магистранти соли дуюми факултети таърих

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИҲОИ ОСИЁИМИЁНАГИИ ИДМ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Маориф дар ҳама давру замон барои ҳар халқу миллат соҳаи муҳим ва такондиҳандаи афкори ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Миллати фарҳангдӯсту фарҳангофари тоҷик аз қадимулайём ба таълиму тарбияи насли наврас диққати махсус зоҳир мекунад. Соҳаи маориф дар сиёсати хориҷии мамлакат дар радифи дигар масъалаҳои умдаи ҳаёти ҷамъиятӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Таҳкими ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масоили маориф дар алоқа бо давлатҳои аъзои ИДМ, ки яке аз созмонҳои бонуфуз дар минтаҷа маҳсуб меёбад на танҳо аҳамияти илмӣ-назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият, бо ташаббуси сарвари давлат сиёсати хориҷии худро дар самти маориф ҷиҳати таҳвият ва густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои хориҷӣ ба роҳ мондааст.

Яке аз чумҳуриҳои ба мо ҳамсоя Ҷумҳурии Узбекистон мебошад, ки ҳамкориҳо дар соҳаи маориф ҳанӯз аз 10 январи соли 1997 дар асоси “Созишномаи байни ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф” ба роҳ монда шудааст.

Минбаъд ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар соҳаи маориф идома ёфта, махсусан зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Узбекистон 17-18 августи соли 2018 “Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон оид ба эътирофи мутақобилаи ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ оид ба таҳсил” ва “Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” ба имзо расиданд. Бештари шаҳрвандони Ҷумҳурии Узбекистон дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишкадаи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ғайра таҳсил менамоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки 9-10 марти соли 2018 ҳангоми сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Мирзиёев Шавкат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон “Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва илм” ба имзо расид, ки саҳифаи наверо дар самти густариши соҳаи маориф ва илм дар байни ҷонибҳо гузошта тавонист [1].

Соли таҳсили 2005-2006 дар таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман давлатдории тоҷикон соли таваҷҷуҳи хосаи аҳли ҷомеа ба соҳаи маориф маҳсуб мегардад. Дар ин сол нахӯстин бор пас аз соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон вазъи мактабу маориф, корҳои таълиму тарбия, сатҳи дониш ва маърифат дар муассисаҳои таълимӣ, инчунин проблемаҳои ахлоқ ва маърифати аҳли ҷомеа дар сатҳи баланди давлатӣ мавриди муҳокимаи ҳаматарафа қарор гирифт.

Мулоқоти судманду барои соҳаи маориф тақдирсоз, ки 22-юми декабри соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки аъзоёни Ҳукумат, кормандони масъули Дастгоҳи иҷроияи Президент, раисони мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, кормандони дастгоҳи Вазорати маориф, сардорони идора ва мудирони шуъбаҳои маориф доир намуданд, барои омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф ҳамчун як рӯйдоди муҳими таърихӣ қабул гардид [2].

Дар суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба робитаҳои байналмиллалӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, аз ҷумла таъкид гардид, ки «дар давоми панҷ соли охир давлати соҳибистиқлоли мо тавонист, ки ҳамкориҳои байнамиллалиро дар соҳаи маориф низ вусъат диҳад» [3].

Дар ҳақиқат, баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмиллали дар ҳамаи соҳаҳо, хусусан, дар соҳаи маориф ба қатори масоили афзалиятнок ворид гардид. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар ин самт дар доираи вазифаҳои муқарарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, барои беҳтар намудани сифати ҳамкорӣ бо вазоратҳои маорифи давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмиллалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда ва берун аз он кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад.

Дар ин муддати начандон тӯлонӣ ба Идораи робитаҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳо ва дастурамалҳои мавҷуда дар ҳамкорӣ бо шуъбаву идораҳои дастгоҳи марказии Вазорат, муассисаҳои тобеи он, мақомоти давлатӣ

ва дигар созмону намояндагони давлатҳои хориҷӣ фаъолияти хешро дар роҳи истифодаи аксари имконоти мавҷуда бар нафъи соҳаи маориф ба роҳ монад.

Дар ин давра қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Созишнома дар бораи шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои мустақил фароҳам овардани имконияти таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умуми мутобиқ ба шартҳои барои шаҳрвандони ин давлатҳо таъингардида, инчунин дар бораи ҳифзи иҷтимоиии хонандагон ва кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти умуми» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи Созишнома дар хусуси эътирофи мутақобила ва баробар донистани ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти миёна (умуми), таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёна (махсус)-и касбӣ» ба имзо расиданд.

Барои барқарор намудани ҳамкориҳои дуҷониба лоиҳаи Созишнома байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф таҳия гардида, ҷиҳати мувофиқа ба ҷониби Қирғизистон фиристода шуд [4].

Ҳамин тавр, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бо давлатҳои Итиҳоди Давлатҳои Мустақил, махсусан бо Ҷумҳурии Узбекистон дар доираи ҳамкориҳои рушд қарор дошта, он дар ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба густариш меёбад.

Адабиёт:

1. Конференсия министров образования государств-участников СНГ в области образования // Исполнителний комитет СНГ.
2. Козик Л. Процессы экономической интеграции государств СНГ // Экономист. 2008. №2. С. 28.
3. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони соҳаи маориф. – Душанбе, 2018.
4. Ҳисоботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҳамкори дар соҳаи маориф бо Ҷумҳурии Узбекистон. – Душанбе, 2018.
5. Манбаъ аз интернет: www.cis.minsk.by. www.prezident.tj.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон, созмонҳо, кишварҳои ИДМ, ҳамкорӣ, муносибат, созишномаи дутарафа, мушкилоти тарбияи кадрҳо.*

Аннотация

СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ГОСУДАРСТВАМИ СНГ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ

Образование всегда для каждого народа и нации считается основной сферой народного хозяйства страны. Просвещенность таджиков с древней времени как цивилизованный народ сегодня интересует многих исследователей, особенно историков. В данной статье автор обращает внимание на взаимоотношение двух братских народов Центральной Азии в области образования. Также укрепление сотрудничества Республики Таджикистан с Узбекистаном связан с проблемой подготовки специализированных кадров, который характерно всем странам СНГ в сфере образовании. В современном мире этот процесс продолжается среди государства СНГ в качестве интеграционного сотрудничества.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, Республика Узбекистан, образование, страны СНГ, сотрудничество, взаимоотношения, двухстороннее соглашение, проблема подготовки кадров.*

Annotation

THE RELATIONSHIP OF THE REPUBLIK OF TAJIKISTAN WITH THE STATE OF THE OLY OF EDUCATION

Education is always considered for every nation and nation to be an OLY sphere of the national economy of the contry. The enliqhtenment of Tajiks sinke ancient times as a civilized people today is of interest to not small researchers. Especially historians. In this article. The author draws attention to the relationship between the two fraternal peoples of Central Asia in the field of education. Sinse the strengthening of cooperation between the Republic of Tajikistan and Uzbekistan is associated with the problem of training specialized personel, which is typical of all CIS countries in the field of education. In the modern world this pr continues among the state as a cooperation.

Keywords: *the Rtpublic of Tajikistan, the Rtpublic of Uzbekistan, education, the CIS countries, cooperation, relationships, agreement between the patries, the problem of personnel training.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Усмонов Рамазон Абдулвоҳидович, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Нишонӣ: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: +992 987203802

Роҳбари илмӣ: дотсент Фозилова М. З.

Сведения об авторе: Усмонов Рамазон Абдулвохидович, магистрант второго курса исторического факультета ТГПУ имени С.Айни. Адрес: г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 987203802

Научный руководитель: доцент Фозилова М. З.

About the author: Usmonov Ramazon Abdulvohidovich, the 2 year of Master Student in the Department of History, State Pedagogical University by named after S. Aini. Phone number: +992 987203802

Academic leader: Docent Fozilova M. Z.

Шамсиев Шоҳрӯз Акрамхонович,
магистранти соли дуюми факултети таърих

ТАШКИЛ ЁФТАНИ ФИЛИАЛИ ДОНИШГОҲҲОИ ХОРИҶӢ – ОМИЛИ МУҲИМИ ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОСИ КАСБӢ ДАР ДОХИЛИ КИШВАР (ДАР МИСОЛИ ДОНИШГОҲИ СЛАВИЯНИИ РУСИЯВУ ТОҶИКИСТОН)

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҷавону соҳибистиқлол аз солҳои аввали ба дастовардани истиқлолият муносибатҳои худро бо давлатҳои дуру наздики хориҷи дар самтҳои гуногун ба роҳ мондааст, аз ҷумла иқтисоди, иҷтимои, сиёси, фарҳанги маориф ва тайёр намудани мутахасиссони касбӣ.Ҳукумати Ҷумҳури дар баробари дигар соҳаҳо барои тайёр намудани кадрҳои дорои донишу малакаи касбӣ ва дар шароити ҷаҳони ва ба талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгу будани онҳо диқати махсус зоҳир мекунад. Зеро пешрафти ҳукумати мамлакат ва тамоми соҳаҳаои он аз кадрҳои соҳибтахасус дорои донишҳои касбӣ донандаи забонҳои хориҷи, илм ва иноватсия вобастааст. Аз сабаби он ки ҳамаи шарвандон дар хориҷи кишвар имконияти таҳсил карданро надоран ҳукумат инро ба инобат гирифта барои дастрасии шаҳрвандон барои таҳсил дар дохили кишвар ва тайёр намудани мутахасисони варзида ташкилшавии филиали донишгоҳои хориҷиро омили муҳим донист. Яке аз чунин донишгоҳо ин Донишгоҳи славиянии Русияву Тоҷикистон мебошад.

Ташкилшавии донишгоҳи мазкур дар он давраи ниҳот мушкил, ки Тоҷикистон ба бурони сиёси маънави гирифтор шуда буд, ниҳоят муҳим буд. Агар ба соли таҳсисёбии донишгоҳ назар кунем ин ба марҳилае рост меояд, ки алакай Тоҷикистон қадамҳои охирини худро барои пойдории сулҳ гузошта истода буд ва барои тамоми соҳаҳои ҷаъмияти кадрҳои дорои донишҳои касбӣ донандаи забонҳои хориҷи лозим буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи аввали истиқлолият солҳои душвори муқовимати шаҳрвандиро аз сар гузаронида буд, ин масъаларо танҳо ҳал карда наметавонист. Бо ташабуси президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (славианӣ) таҳсис дода шуд.

Донишгоҳи (славянӣ) Русияву Тоҷикистон соли 1996 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми апрели соли 1996 таҳти рақами №141 мувофиқи шартномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Федератсияи Русия ва Тоҷикистон аз 23-юми майи соли 1993 ва шартномаи байни Ҳукумати Федератсияи Русия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми июни соли 1997 ташкил шудааст [2, 6].

Авалин ректори он Сатторов Абдуҷабор таъин шуд. Ва зиёда аз си сол аст, ки ин донишгоҳ бо забони русӣ мутахассисони баландихтисос – муаррих, иқтисоддон, ҳуқуқшиносон, филологҳо, коршиносони умури байналмилалӣ ва ғайра омода мекунад. Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон дар рейтинги донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳои тайёрии академӣ дар панҷгонаи беҳтарин қарор дорад. Дар марҳилаи аввали таҳсисёби ибтидо ду факултет – гуманитарӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ташкил карда шуд [1, 3].

Факултети гуманитари (ҷомеашиносӣ) аз панҷ кафедра, факултети иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ аз чор кафедра иборат буд. Роҳбарии факултетҳоро Шамбезода Х.Д ва иҷрокунандаи вазифаи декан Раҷабов Р Қ бар ухда доштанд. Солҳои аввали ташкилшави як гуруҳи омӯзгорон аз ҳисоби мутахассисони варзидаи ҷумҳурӣ сафарбар шуда буд, ки дар байни онҳо 14 нафар докторҳои илм, профессор, 26 нафар номзадҳо буданд [4, 6].

Бо вуҷуди душвориҳо омӯзгорон низ таҳқиқотҳои илмӣ машғул буданд, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълими, барномаҳо ва ғайра нашр мекарданд. Соли 1997 ойиномаи донишгоҳ қабул гардид. Дар баробари ин боз як факултети дигар – ҳуқуқшиносӣ ташкил карда шуд. Шумораи донишҷӯён сол то сол меафзуд. Дар соли 2000-ум аллакай донишгоҳи мазкур 43 доктори илм, профессор ва 85 номзади илм, дотсент фаъолият мекарданд [4, 8]. Пас аз панҷ соли таъсисёбии донишгоҳ хатми аввалин сурат гирифт, 211 нафар донишҷӯён донишгоҳро хатм карданд. Аз ин шумора 39 нафар донишҷӯён бо дипломи аъло сазовор гардидаанд [4, 9].

Соли 2003 шуъбаи байналмилалӣ ташкил карда шуд, ки он ба кори барқарор кардани робитаҳои зич бо бисёр донишгоҳҳои ИДМ ва дигар мамлакатҳои дуру наздик оғоз кард. Сафоратхонаҳои як қатор мамлакатҳо, хусусан Россия ба донишгоҳ ёрии калон мерасонанд. То имрӯз бо донишгоҳҳои кишварҳои хориҷи низдик ва дур зиёда аз 90 шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расидааст. Дар тули фаъолияти худ аз Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон меҳмонони воломақом аз кишварҳои гуногун дидан менамудан. Докторони илм Матвиенко В.

И. Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия; Наришкин С. Е. собиқ раиси Думаи давлатии Федератсияи Русия; Лавров С. В.- Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Миронов С. М. собиқ раиси Шурои Федератсияи Россия; Манфред Лоуренс олими Олмон; Гризлов Б. В; собиқ раиси Думаи давлатии Федератсия Русия; Фурсенко А. А собиқ вазири маориф ва илми Федератсияи Русия; Лужков Ю.М собиқ раиси шаҳри Маскав; Белов Е.В сафири Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996-2000); Пешков М.А сафири Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005-2009); Чанг Ёнг Ку директори Агентии ҳамкории байналмилалии Корея; Киотсуке Нагата президенти Донишгоҳи Сукуба (Ҷопон). Аввалин ректори Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон Сатторов А.С, ки аз соли таъсисёби яъне соли 1996 то соли 2004 роҳбарии донишгоҳро ба уҳда дошт, ташкилотчии боистеъдод буд ва тавонист як дастаи касбӣ ташкил кунад ва коро пеш барад.Аз моҳи декабри соли 2004 доктори илмҳои филология, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон М.С Имомов ректор таъин гардид. Бо роҳбарии ӯ кушодани ихтисосҳои нав, магистратура кушода шуд, системаи нави таълим ҷорӣ карда шуд, рейтинги кредитӣ ва ғайра. Тибқи созишномаи байниҳукуматӣ аз моҳи апрели соли 2007 дар назди донишгоҳи номбурда як муасиссаи миёнаи умуми кушода шуд, ки дар он 44 нафар омӯзгорон фаъолият доранд. Роҳбарии муасиссаро номзади илмҳои педагогӣ,дотсент Пиров С.Н бар уҳда дошт [1, 3].

Аз соли 2012 роҳбарии донишгоҳро Салихов Н.Н доктори илмҳои филология, профессор, бар уҳда доштанд. Махз дар донишгоҳ Нуралӣ Назарович ҳамчун олим ташакул ёфт ва аз мудирии кафедра то ректори донишгоҳ рафта расиданд. Бинои нави донишгоҳ, ки ба муносибати 20-умин солгарди Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон бо тантана ифтитоҳ ёфт,бо пешниҳод ва талошҳои ӯ буд. Ҳоло дар донишгоҳ 6 нафар проректорҳо оид ба ҳамаи соҳаҳо фаъолият мекунанд. Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон 5 факултет, 29 кафедраро дар бар мегирад,ки 60% омӯзгорон дараҷаи илмӣ доранд. Докторони илм 44 нафар ва 126 нафар номзадҳои илм раванди таълимро дар сатҳи баланди илмию методӣ, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошанд, таъмин менамоянд. Донишгоҳ дар беш аз 20 самт дар Русия иҷозатнома ва аккредитатсия гирифтааст. Шаш самти дигар барои акредитатсия омода мешаванд. Соли 2016 аввалин хатми мутахассисони риштаи табиатшиносӣ ва риёзӣ-химикҳо, биологҳо, риёзидонҳо баргузор гардид. Моҳи сентябри соли 2016 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20 солагии таъсисёбии Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (Славянӣ) ба таври тантанави таҷлил гардид. Боздиди Сарвари давлат аз донишгоҳ 5 маротиба сурат гирифтааст. Иштироки ӯ дар чорабиниҳои идона нишонаи нишонаи таваҷҷуҳи доимии Сарвари Давлат ба масъалаҳои таълиму тарбияи насли наврас махсусан омода намудани кадрҳои баландихтисоси касбӣ мебошад. Айни замон Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон узви Ассотсиатсияи байналмилалии муаллимони забон ва адабиёти рус дар хориҷи кишвар буда ба донишгоҳи шабакаи ИДМ шомил аст, узви донишгоҳи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай мебошад ва пайваста дар рейтинги донишгоҳҳои бонуфузтарин мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Дар донишгоҳи мазкур беш аз 150 нафар донишҷӯёни хориҷӣ аз бисёр кишварҳои ҷаҳон аз ҷумла Руссия, Хитой, Узбекистон, Қазоқистон, Афғонистон ва дигар ҷумҳуриҳо таҳсил мекунанд. Айни замон дар Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон гузариш ба системаи сесатҳи байналмилалии таҳсилоти олӣ ва баъди дипломӣ: бакалаврӣ-магистратура PhD анҷом дода шудааст. Ҳамасола беш аз 30 нафар омӯзгорони донишгоҳ дар беҳтарин донишгоҳои хориҷи наздик ва дур аз таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисос мегузаранд. Хатмкунандагони донишгоҳ дар хизмати давлатӣ, ширкатҳои бузурги ватанию хориҷӣ, бонкҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва дигар корхонаҳо фаъолият мекунанд. Онҳо дар созмонҳои гуногуни байналмилали талабот доранд ва аз ҳисоби онҳо иқтидори кадрии дипломатия, иқтисодиёт, илму маориф ва дигар соҳаҳои ҷамъият пайваста таҳким меёбад. Бояд гуфт ки хатмкунандагони донишгоҳ бо муваффақият кор карда донишҳои гирифтаи худро натанҳо дар Тоҷикистон балки берун аз ҳудуди он низ татбиқ менамоянд, ки ин аз эътирофи тахассуси касбии онҳо шаҳодат медиҳад. Тавре Пешвои миллат, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Дар ҷаласаи тантанав бахшида ба 20 салагии таъсисёбии донишгоҳ қайд намудаанд: “Бо арзёбии роҳи бист солаи ташаккул ва рушди Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон бо итминони комил метавон гуфт, ки ин донишгоҳ ҳамчун звенои муҳими системаи маълумоти олии мамлакат ба амал омадааст [3, 2].

Дар охир мехоҳам зикр намоям, ки Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият ташкил шуда, натанҳо ба як муассисаи пешқадами омода намудани кадрҳои баландихтисос, балки намунаи муасиссаи олӣ барои тамоми донишгоҳои Тоҷикистон табдил

ёфтааст. Имрӯз Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон бо муваффақият ба сӯи ҳадафи худ табдил шудан ба маркази илмию таълимии байналмилалӣ пеш меравад.

Адабиёт:

1. Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон: дирӯз, имрӯз, фардо. 1996-2016. Монография / Мураттиб: Маликов М.Х, Пирумшоев Ҳ.П, Русакова М. В. – Душанбе, 2016.
2. Қомусномаи Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон. – Душанбе, 2011.
3. Эмомалӣ Р. Раванди истиқлолият, ислоҳот ва пешравӣ. Минбари халқ. 21 сентябри соли 2016, №38.
4. Энсиклопедия / Зери таҳрири Имомов М. С. – Душанбе: РТСУ, 2006.

Калидвожаҳо: *Донишгоҳ, Россия, Тоҷикистон, таҳсилот, факултет, ректор, рейтинг, бакалавриат, магистратура, илм.*

Аннотация

СОЗДАНИЕ ФИЛИАЛА ЗАРУБЕЖНОГО ВУЗА – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ПОДГОТОВКИ ВЫСОКОКВАЛИФИЦИРОВАННЫХ КАДРОВ В СТРАНЕ (НА ПРИМЕРЕ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКОГО (СЛАВЯНСКОГО) УНИВЕРСИТЕТА)

30 лет назад – 9 сентября 1991 года на политической карте мира появилось независимое государство Таджикистан, и это историческое событие стало началом созидательных преобразований в жизни таджикского народа. Независимость является символом того, что таджики имеют свое государство, что Таджикистан признан полноправным членом международного сообщества и имеет все атрибуты своей государственности, определяет собственную систему государственного управления, внутреннюю и внешнюю политику. За этот небольшой исторический срок в независимом Таджикистане произошли крупные изменения во всех сферах социально-экономической, политической и культурной жизни, в том числе в системе образования. Статья посвящена деятельности Российско-Таджикского (славянского) университета, основанного в 1996 году в столице суверенного Таджикистана городе Душанбе. Проанализированы этапы становления образовательного проекта Таджикистана и России. Отмечено, что за двадцать два года были достигнуты определенные результаты и Славянский университет, в процессе своей деятельности, успешно выполняет две задачи – подготовку для Таджикистана высококвалифицированных кадров, а также популяризацию и сохранение в стране русского языка и культуры.

Ключевые слова: *Университет, Россия, Таджикистан, образование, факультет, ректор, рейтинг, бакалавриат, магистратура, наука.*

Annotation

ESTABLISHMENT OF A BRANCH OF A FOREIGN UNIVERSITY IS AN IMPORTANT FACTOR IN THE TRAINING OF HIGHLY QUALIFIED PERSONNEL IN THE COUNTRY (ON THE ISSUES OF THE (SLAVIC) UNIVERSITY OF RUSSIA AND TAJIKISTAN)

30 years ago, on September 9, 1991, an independent state of Tajikistan appeared on the political map of the world, and this historical event marked the beginning of creative transformations in the life of the Tajik people. Independence is a symbol of the fact that the Tajiks have their own state, that Tajikistan is recognized as a full member of the international community and has all the attributes of its statehood, defines its own system of government, domestic and foreign policy. During this short historical period, major changes took place in independent Tajikistan in all spheres of socio-economic, political and cultural life, including in the education system. The article is devoted to the activities of the Russian-Tajik (Slavic) University, founded in 1996 in the capital of sovereign Tajikistan, Dushanbe. The stages of the formation of the educational project of Tajikistan and Russia are analyzed. It was noted that in twenty two years certain results were achieved and the Slavic University, in the course of its activities, successfully performs two tasks - the training of highly qualified personnel for Tajikistan, as well as the popularization and preservation of the Russian language in the country.

Keywords: *university, Russia, Tajikistan, education, faculty, rector, rating, bachelor, master, science.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шамсиев Шоҳрӯз Акрамхонович, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 985070297; E-mail: Shamsiev Shohruz@mail.ru

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои таърих дотсент, Фозилова Мақсуда Зулфиқоровна

Сведения об авторе: Шамсиев Шохруз Акрамхонович, магистрант вторового года факултета истории ТГПУ имени С. Айни. Телефон: +992 985070297; E-mail: Shamsiev Shohruz@mail.ru

Научный руководитель: кандидат историческоенаук, дотсент Фозилова М.

About the author: Shamsiev Shohruz Akramkhonovich, the 2nd years of Master Student in the Department of History, Tajik State Pedagogical University by named after S. Aini. ShamsievShohruz@mail.ru

Science manager: candidate of historical science Fozilova M.

Эшонҷонова Фарангис,
магистранти соли якуми факултети таърих

ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ БОРИС ИЛИЧ МАРШАК

Ҳанӯз дар асри VI п.м. ашёҳои қадимӣ ва осори гузаштагон диққати инсониятро ба худ ҷалб намуда буд. Масалан, барои дарёфти катибаҳои ниёгони худ шоҳи Бобул Набонид (610 п.м.–539 п.м.) таҳкурсии маъбадҳои қадимаро кофта буд. Дар давраи эллинизм нигораҳои антиқӣ барои коллексионерони асарҳои санъат ва ашёҳои нодир аҳамияти хоса доштанд, ки дар Рими Қадим онҳоро ба истилоҳ "антиквитҳо" ном мебурданд. Диққати махсус ба осори бостонии қадим ва кашфи онҳо ба давраи Эҳё ва давраи минбаъдаи инкишофи ҷаҳонбинии гуманистӣ дар Италия, Фаронса, Англия (асрҳои XV – XVIII) рост меояд. Таваҷҷуҳи илми аврупоӣ бештар ба нигораҳои қадимии тамаддунҳои дигар пас аз Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ ва экспедитсияҳои сарбозон, тоҷирон, миссионерон ва сайёҳон, ки дар ёддоштҳои худ осори қадимаи онҳоро тавсиф менамуданд, равона гардид. Дар асри XIX раванди романтикии омӯзиши гузаштаи таърихӣ, инкишофи илмҳои табиатшиносӣ ва ҷоеашиносӣ ба васеъ гардидани доираи таҳқиқот ва сифати нави тадқиқот дар бостоншиносӣ мусоидат намуд. Ва дар ниҳоят охири ин аср ва ибтидои садаи XX археология хамчун илм ба расмият даромад [1, 315-322].

Дар қатори дигар тамаддунҳо таърих, тамаддун ва фарҳанги ғании миллати тоҷик диққати олимони ҷаҳон, аз ҷумла олимони русро ба худ ҷалб намуд. Пас, аз таъсисёбии Иттиҳоди Шуравӣ баҳри омӯзиши ёдгориҳои бостонӣ корҳои мураккаби иктишофию кофтуковиро бо таъсиси Экспедитсияҳои археологии иборат аз отряду гурӯҳҳои махсус дар сар то сари ҶШС Тоҷикистон оғоз намуданд. Самтҳои асосии фаъолияташон ба ҷустуҷӯ, таҳия ва омӯзиши ёдгориҳои асри санг, биринҷ ва аввали асри оҳан, ёдгориҳои давраи қадим, Юнону Бохтар, давраи кӯшонии Тоҷикистон, ибтидо ва охири асрҳои миёна нигаронида шуда буд. Ин раванд аз бисёр ҷиҳат ба ташаккул ва рушди илми бостоншиносӣ дар Тоҷикистон, тадқиқи мунтазам ва ҳамаҷонибаи ёдгориҳои қаламрави ҷумҳурӣ, ташаккули кадрҳои миллии бостоншиносӣ ва мактаби миллии археологӣ мусоидат кард. Таъсис ва фаъолияти Экспедитсияи археологии Суғдӣ–Тоҷикӣ (ЭАСТ) дар ҷумҳурӣ ва баъдан Экспедитсияи археологии Тоҷикистон (ЭАТ), Экспедитсияи археологии Тоҷикистони Ҷанубӣ (ЭАТҶ) роҳандозӣ гардиданд. Ва аввалин кашфиёти бузурги ин гурӯҳи бостоншиносон дар ҳудуди Тоҷикистон ин – бозёфти дастхатҳои суғдиён аз қалъаи кӯҳи Муғ дар солҳои 1932–1933 буд, ки қисмати муҳимтарини маҷмӯаи дастхатҳои суғдии Санкт-Петербургро ташкил медиҳанд [2, 522]. Аз соли 1946 корҳои бостоншиносиро дар Панҷакенти қадим оғоз намуданд. Инчунин, гурӯҳҳои археологӣ, аз ҷумла экспедитияҳои муштараки байналмилалӣ дар солҳои истиқлолият роҳандозӣ гардиданд.

Ба шарофати фаъолияти ин экспедитияю отрядҳои илмии археологӣ бисёр ёдгориҳои таърихӣ ва санъати халки тоҷик, ки дар тамоми ҷаҳон эътирофи умум гардидаанд, кашф, қайд, коркард ва барқарор карда шуданд. Аҳамияти калони натиҷаҳои фаъолияти ин экспедитсияҳо дар он аст, ки барои инкишофи илми таърих дар Тоҷикистон, ташаккули фаҳмиши амиқ ва васеъ оид ба таърихи халқи тоҷик ва ниёгони онҳо, саҳми онҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ ва маданияти башарият мусоидат намуд.

Археолог, санъатшинос, шарқшинос, доктори илмҳои таърих, дорандаи унвони фахрии Ходими шоистаи илми ҶШС Тоҷикистон ва ордени Дӯстии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1999), дорандаи Ҷоизаи ба номи Фирдавсӣ (Лондон, 2003), узви фахрии хориҷии Академияи катиба ва адабиёти Фаронса (1998), аъзои Институти археологии Амрико (1995), аъзои фахрии Институти ҷамъияти шоҳии осиёии Британияи Кабир ва Ирландия (1991), аъзо-корреспонденти Институти Африка ва Шарқи Италия, лауреати мукофоти академик Р. Гришман (1989), профессори донишгоҳҳои Вена, Рум, Пенсилвания ва Донишгоҳи Йел (ИМА) – Борис Илич Маршак бештар дар омӯзиши осори боқимондаи ниёгони халқи тоҷик саҳмгузор буда, онҳоро ба ҷаҳониён ва ҷаҳониёнро бо таърихи ин миллат ошно намуд. Борис Маршак 9 июли соли 1933 дар шаҳри Лугаи вилояти Ленинград дар оилаи нависандагон Илья Яковлевич Маршак (29.12.1985-15.11.1953) ва Елена Александрова Сегал (26.04.1905–20.11.1980) таваллуд шуда, айёми бачагиро дар зодгоҳаш гузаронидааст. Баъди эвакуатсия кунонидани аҳолии ин минтақа дар давраи ҷангӣ, соли 1957 ӯ дубора ба Ленинград баргашт [3,4 с. 296–15]. Миллаташ яҳудӣ, аммо ҳеҷ сарҳаду ҳудудеро намешинохт ва бо тамоми вуҷуд шахсияти фаромиллӣ буд. Яке аз охирин донишмандони энсиклопедист дониста мешавад. Ҳанӯз дар давраи эвакуатсия қарор доштан таваҷҷуҳашро таърихи қадимаи Осиёи Марказӣ ба худ ҷалб намуда буд. Сабаби дигари ба ин самт мароқ зоҳир намуданаш ин аз ҷониби волидайнаш ба нашр расидани китоби "Как человек стал великаном" ("Чӣ тавр одам азимҷусса шуд") дар соли 1946 буд, ки таърихи инкишофи инсониятро аз давраи палеолит то Эҳё таҷассум мекард. Ҳамин тавр, боқимондаи ҳаёт ва фаъолияти илмиашро бо Тоҷикистон пайваст. Ба шӯъбаи археологияи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Маскав дохил шуда, соли 1956 онро хатм кардааст. Аввалин маротиба соли 1954 дар ҳафриёти шаҳраки қадимаи

Панҷакент иштирок намудааст ва аз ҳамон вақт то ба охир ба далели омодагии ҳарбӣ дар Донишгоҳи давлатии Маскав дар соли 1956 як маротиба имконияти иштирок дар ҳафтриётро аз даст додааст. Баъди хатми Донишгоҳи давлатии Маскав дар Институти таърих, археология ва мардумшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуд. Солҳои 1958–1961 аввал аспиранти Эрмитажи Давлатӣ ва баъди хатми омӯзишгоҳ корманди шӯъбаи Шарқи Эрмитажи Давлатӣ шуда, баъдан фаъолияти худро дар ин самт идома медиҳад. Соли 1965 дар мавзуи «Кулоли Суғди асрҳои V-VII ҳамчун ёдгории таърихию фарҳангӣ (ба усули омузиши комплексҳои сафолӣ)» рисолаи номзадии худро ҳимоя намуд. Соли 1980 дар мавзуи «Таърихи торевтикаи шарқи асрҳои III-XIII ва масъалаҳои мероси маданӣ» рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Аз соли 1978 мудири Шӯъбаи Осиёи Миёна ва Қафқоз таъйин мегардад ва ҳамзамон дар вазифаи сардори Экспедитсияи археологии Панҷакент Александр Маркович Белинитскийро иваз мекунад.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991 идомаи таҳқиқот барои Маршак мушкил гардид. Зеро, маблағгузорӣ барои идомаи корҳои саҳроӣ якбора қатъ гардид ва ӯ дар Ватани худ бегона шуд. Ба ҷои Иттиҳоди Шуравӣ 15 давлати мустақил ба вуҷуд омад, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо вуҷуди ин, Маршак ҳатто дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон аз соли 1992 то соли 1997 раҳбари кофтукови харобаҳои Панҷакент боқӣ монд, дар ҳоле, ки дигар маконҳои бостоншиносӣ дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз ҷониби ғоратгарон ба яғмо бурда мешуданд. Вале дар сояи ҳамкории зичи ӯ бо Ҳукумати Тоҷикистон кофтукови харобаҳои Панҷакент идома ва ҳифз гардид.

Солҳои фаъолият таҳти роҳбарии А. М. Белинитский, робитаи доимӣ бо А. В. Банк, К. В. Тревер, В. Г. Луконин, В. А. Лившитс, А. А. Иванов, Зеймал ва ҳамкорони тоҷику ӯзбек ва франсуз ба ташаккули иқтидори илмии Маршак мусоидат намуда буд. Ӯ доираи фаъолияти илмии худро танҳо бо мавзуъҳои Осиёи Миёна маҳдуд накард. Мувофиқи гуфтаҳои худи Борис Маршак доираи таҳқиқотҳояш аз асрҳои III то XIII–ро фаро гирифта буд. Вале ин ҳам барои ӯ кофӣ набуд. Бештар ба назарияи археологӣ марӯқ зоҳир намуда, дар пайи он китоберо бо номи “Таҳлили сарчашмаҳои археологӣ” (Анализ археологических источников (Возможности формализованного подхода), М.,1975) дар ҳаммуаллифӣ бо И.С. Каменетский, Я.И. Шер ба нашр расонид. Дар китоб ин се археологи маъруф, ки бори аввал соли 1975 нашр шудааст, нақшаи умумии тадқиқоти археологӣ ва имкони истифодаи усулҳои расмӣ дар марҳилаҳои гуногуни он: аз тавсифи ибтидоии мавод то тафсири таърихӣ ба таври мунтазам пешниҳод намудаанд. Дар он амалияи таснифоти археологӣ, типология, хронология ва тафсир мавқеъи муҳим дошта, усулхо, алгоритмхо ва меъёрхои коркарди ба расмият даровардани масолеҳи оммавӣ пешниход карда шудаанд. Боре, дар миёнаи солҳои 1980–ум дар шӯрои Шӯъбаи шарқии Эрмитажи Давлатӣ Б. Маршак дар бораи кори генетикҳои амрикоӣ бо роҳбарии Р. Канн оид ба хонаи аҷдодии африқоии инсон, ки дар маҷаллаи “Табиат” интишор гардида буд, маърӯза намуд. Ва ин аввалин муаррифии ин тадқиқот ба забони русӣ буд. Тадқиқоти илмии Борис Маршак бо кор карда баромадани масъалаҳои таърихии материалҳои археологӣ, археология ва таърихи маданияти Суғд, инчунин усулҳои математикии омӯзиши сафоли қадим алоқаманд аст. Яке аз мисолҳои барҷастаи омӯзиши муфассали сафоли Панҷакент, ки боиси ба вуҷуд омадани даврабандии таърихии ин ҳунар гардид ва дар асоси он тамоми ҷадвали даврабандии сафолии асримиёнагии Суғд сохта шудааст. Ин барои монографияи ӯ «Кулоли Суғди асрҳои V — VII ҳамчун ёдгории таърихӣ – маданӣ» (1966) асос гузошт [5, 10].

Дар китоби худ «Нуқраи суғдиён» (Согдийское серебро, Москва, 1971) дар асоси таҳлили хусусиятҳои расмӣ, иконографӣ ва дигар махсусиятҳои як қатор зарфҳои нукрагине, ки асосан аз Кама ва Сибири Шимолу Ғарбӣ ёфт шудаанд, ба хулосае омад, ки маркази махсуси пештар номаълуми истеҳсоли зарфҳои нуқра вуҷуд дошт ва ин зарфҳо бо зарфҳои нуқрагини Суғдиён бештар шабоҳат дошт [7]. Дар самти тафсири осори бостоншиносии Панҷакент паҳлӯи барҷастатарини фаъолият таҳқиқоти иконографӣ ва сюжетӣ, барқарорсозӣ ва рамзкушоии нақшҳои деворҳо мебошад. Дар монографияи худ «Legends, Tales and Fables in the Art of Sogdiana», NY, 2002 («Афсонаҳо, қиссаҳо ва ривоятҳо дар санъати суғдиён») инъикоси сюжетҳои адабии «саргардон»-и давраи қадим ва ибтидои асрҳои миёнаро дар нақшҳои Панҷакент таҳлил кардааст. Муаллифи фасли «Санъати тасвирӣ»-и боби «Маданияти моддии асрхои V-VIII»-и ҷилди дуюми китоби бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик», ташкилкунандаи нашри силсилаи «Материалҳои Экспедитсияи археологии Панҷакент» аз соли 1998 дар Санкт-Петербург мебошад.

Рисолаи «Искусства Согда» (Ҳунари Суғд) яке аз охирин таҳқиқотҳои Борис Маршак мебошад, ки қабл аз вафоташ тасниф шудааст, давраи тараққиёти санъати Суғдро дар асрҳои V-VII мелодӣ дар бар мегирад. Бо додани шаҳру эзоҳи илмӣ ба ҳамаи намунаҳои муҳимтарини осори нақшиву меъмории Суғди қадим, дар ҷодаи илми бостоншиносӣ ва ҳунаршиносӣ саҳифаи бузургеро оғоз намояд. Бо далелҳои мӯътамад исбот намуд, ки дар Суғди қадим (Панҷакент, Самарқанд ва Бухоро) рушди ҳунар ва ҳунармандӣ ба авҷи аълои тараққиёти худ расида буд. Инчунин, дар ин рисолаи худ ба муносибатҳои

тиҷоратӣ ва фарҳангии Суғд бо Чин равшанӣ андохтааст. Ӯ навиштааст, ки маснуоти ҳунармандии Суғд “ҳам шакл ва ҳам дар нақшу нигорашон ба ҳунари чинии замони сулолаи Тан наздикӣ дорад. Дар Чин зарфҳои нукрагии суғдӣ бо навиштаҳои суғдӣ пайдо шудааст” [6, 5-6]. Баъдан ба омӯзиши санъат ва таърихи Тибет машғул гардида, мавзуи «Суғдиён дар мулки бегона»-ро дар асоси бозёфтҳои ба истилоҳ ёдгориҳои дафни суғдиён аз Хитой таҳқиқ кардааст.

Б. Маршак муаллифи зиёда аз 300 мақола мебошад, ки онҳо на танҳо дар Русия, балки дар хориҷ аз он низ нашр шудаанд. Ин олими шинохта инчунин, бо ҳамкории устодаш А.М. Белинитский ва оилааш Валентина Ивановна Распопова ва ҳамкорону шогирдон корҳои зиёди ҳаммуаллифӣ ҳам анҷом додааст. Борис Маршак 28 июни соли 2006 дар Панҷакент даргузашт ва дар ҳамин ҷо ба хок супурда шуд. Тибқи васияти худи Маршак ӯро бояд сӯзонида хокистарашро ба Нева мепартофтанд. Аммо, мутаассифона, хохиши охирини ӯро иҷро карда натавонистанд. Зеро гармии тоқатфарсо ҳукмрон гардид ва ҳавопаймо ба Санкт-Петербург танҳо рӯзи чоршанбе парвоз мекард. Аз ин рӯ, ӯро дар назди девори қалъаи Панҷакенти бостонӣ ба хок супориданд. Борис Маршак 50 соли умри худро ба омӯхтани маданияти халки тоҷик, ки онро хеле дӯст медошт ва эҳтиром мекард, бахшид [6, 4].

Адабиёт:

1. Археология // БРЭ. Т.2. М., 2005. – 766 с. (электронная версия)
2. История таджикского народа. Том I. Древнейшая и древняя история. – Душанбе, 1998. – 575 с.
3. Каримова Г. Р. Археологи Таджикистана, – Самарканд: МИЦАИ, – 2021. – 342 с.
4. Маршак Б. И. История восточной торевтики III – XII вв. и проблемы культурной преемственности/ под ред. В. П. Никонорова; вступит. статья Ф. Гренэ. – СПб.: Академия исследования культуры, 2017. – 736 с.
5. Маршак Б. И. Керамика Согда V–VII веков как историко–культурный памятник: (К методике изучения керамических комплексов) / Государственный Эрмитаж. – Изд-во Гос. Эрмитажа, 2012. – 384 с.
6. Маршак Б. И. Ҳунари Суғди Бостон, Тарҷумаи Олими Хоҷамурод. Душанбе, 2020. – 83 с.
7. http://ru.m.wikipedia.org

Калидвожаҳо: *археолог, археология, санъат, дин, экспедитсия, таҳлил, объект, метод, эвакуатсия, маданият, осор, иншоот, санъати тасвирӣ, сафол, торевтика.*

Аннотация

ЖИЗНЬ И НАУЧНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ БОРИСА ИЛЬИЧА МАРШАКА

В данной статье автор пытается показать вклад зарубежных ученых в изучении истории и древней культуры таджикского народа. В частности, он высоко оценил усилия известного русского ученого Бориса Маршака на открытие уникальных исторических памятников Древнего Согда, в том числе древнего Пенджикента, которой потратил 50 лет своей жизни. Этот известный ученный дав научные объясниния всем важнейшим образцам живописи и архитектуры древнего Согда открыл большую страницу в области археологии и искусствоведения.

Ключевые слова: *археолог, археология, искусства, религия, экспедиция, анализ, объект, метод, эвакуация, культура, памятник, сооружения, живопись, керамика, торевтика.*

Annotation

LIFE AND SCIENTIFIC ACTIVITY OF BORIS ILYICH MARSHAK

In this article, the author tries to show the contribution of foreign scientists to the study of the history and ancient culture of the Tajik people. In particular, he highly appreciated the efforts of the famous Russian scientist Boris Marshak to discover unique historical monuments of Ancient Sogd, including ancient Penjikent, where he spent 50 years of his life. This weII-known scientist started a great page in the fields of archeology and art criticism by giving scientific explanations to all the most important examples of paintings and architecture of Ancient Sogd.

Keywords: *archaeologist, archeology, arts, religion, expedition, analysis, object, method, evacuation, culture, monument, structures, painting, ceramics, toreutics.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Эшонҷонова Фарангис Масруровна, магистранти соли якуми факултети таърихи ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тел: +992 880889860

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои таърих, профессор Убайдулло Насрулло Каримзода

Сведения об авторе: Эшонджонова Фарангис Масруровна, магистрантка первого курса исторического факультета ТГПУ по имени С. Айни. Телефон: +992 880889860

Научный руководитель: доктор исторических наук, профессор Убайдулло Насрулло Каримзода

About the author: Eshonjonova Farangis Masrurovna, Master of the first year, Faculty of History, Tajik Pedagogical University named after S. Ayni. Phone: +992 880889860

Scientific adviser: Doctor of Historical Sciences, Professor Ubaidullo Nasrullo Karimzoda

Амиршоев Иматшо,
магистранти соли дуюми факултети таърих

МАЪДАНГУДОЗӢ ДАР САРАЗМ

«Саразм ба ҷаҳониён собит месозад, ки ниёгони мо зиёда аз панҷ ҳазор сол пеш яке аз аввалинҳо шуда, ба маданияти кишоварзию чорводорӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозию шаҳрдорӣ дар Осиёи Миёна замина гузоштааанд». ***Эмомалӣ Раҳмон***

Саразм ҳамчун яке аз марказҳои қадимтарини фарҳанги Осиёи Марказӣ дар ташаккулёбӣ ва рушду густариши фарҳанги кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии ниёгонамон нақши бузург бозидааст. Ёдгории мазкур дар 15 км ғарбии шаҳри Панҷакент воқеъ гардида, ҳудуди он зиёда аз 100 га ташкил медод ва дар ҳазораи IV - II пеш аз милод арзи ҳастӣ дошт [9, 14]. Пажуҳишҳои бостоншиносӣ дар Саразм аз соли 1976 бо роҳбарии бостоншинос Абдулоҷон Исҳоқов оғоз гардида, то ҳол идома доранд.

Шаҳраки Саразм муҳимтарин ва қадимтарин ёдгории асри биринҷи Тоҷикистон аст, ки ҳамчун ёдгории нодири таърихии ҷавобгӯ ба меъёрҳои илмию фарҳангии байналмилалӣ (мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, фарҳанги баланди коркарди металлҳои ранга, ташаккули фарҳанги кишоварзӣ, шаҳрсозӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ) 31 июли соли 2010 ба феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО ворид гардид. Маҳз бо инобати ин ҷиҳатҳои хос тибқи фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентиябри соли 2020 ҷашни 5500 солагии шаҳраки бостонии Саразм бо шукуҳу шаҳомати хосса дар шаҳри Панҷакент ҷашн гирифта шуд.

Дар воқеъ Саразми бостонӣ ёдгории беназир ва машҳури на танҳо Осиёи миёна балки ҷаҳонӣ мебошад, ки аз рӯи бозёфтҳои сершумор ва гуногуни давраи асри биринҷӣ ба монандӣ: асбобҳои ресандагӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, тайёр кардани чарму пойафзол, сангтарошӣ, маъданҳудозӣ ва дигар ашёи рӯзгору рӯзгордорӣ диққати олимону донишмандони дунёро ба худ ҷалб намудааст [2, 147].

Дар шаҳри бостонии Саразм соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ аз қабилӣ: заргарӣ, бофандагӣ, сангтарошӣ, кулолгарӣ ва фулузгӯдозӣ хело хуб рушду нумуъ намудааст, ки намунаҳои зиёди ин ҳунарро имрӯз метавон дар осорхонаҳои ҷумҳуриамон мушоҳида кард [9, 14].

Бузургтарин дастоварди саразмиён ин маъданҳудозӣ аст, ки аз тамаддуни баланди замони худ бархурдор будани ин сарзамин гувоҳӣ медиҳад ва намунаҳои ин ҳунар ба монанди табар, чангакҳои моҳидорӣ, сарнайзаҳо, сӯзанҳо, кордҳо, пораи кӯрғошим ва ғ. мебошанд, ки бо як санъати баланд сохта шуда, бинандаро дар ҳайрат мегузоранд.

Табар - тешаи биринҷӣ бозёфти нахустини Саразм буда, мансуби ҳазораҳои III - II-и то милод мебошад. Ашёи мазкур аз биринҷ сохта шуда, дарозиаш 14,5см буда, теғаҳояш ба ҳамдигар ба таври амудианд. Паҳноии теғаи табар 5,5 ва аз теша бошад 4,5см-ро ташкил медиҳад. Табар-теша аз ҷиҳати сохт ба табарҳои имрӯза монанд буда, он дутарафа, аз як тараф табар ва аз тарафи дигар дар шакли теша сохта шудааст.

Табар-тешаи биринҷӣ. Осорхонаи миллии Тоҷикистон,
Саразм, ҳазораи III - II п.а.м

Намунаи дигари ашёи биринҷӣ корд аст, ки дарозии умуми он 25.5см, дарозии даста – 8.2см ва паҳноӣ – 2.2см мебошад. Ҳолати корд миёна буда, рангаш тиллоранг аст. Корди мазкур дудама буда, то миён ҳар ду парраааш аррамонанд ва аз миён боло рост аст. Ашёи мазкур барои куштани ҳайвонот, пӯст кардан, тарошидан ва буридан истифода мешудаст. Корди биринҷӣ аз ёдгории Саразмӣ бостонӣ ёфт шуда, мансуби ҳазораи IV - III то милод мебошад.

Корди биринҷӣ. Осорхонаи Миллии Тоҷикистон, Саразм, ҳазораи IV - III п.а.м

Дар баробари табар – теша ва корди биринҷӣ чангакҳо низ аз Саразм бозёфт гардидаанд, ки аллакай дар ҳамин давра тавассути чунин шастҳо аз дарёи Зарафшон моҳӣ мегирифтанд. Кашфи сарнайза ва кордҳо бошанд шаҳодати онанд, ки дар ин ҷо яроқу аслиҳаи гуногун сохта мешуданд.

Дар давраҳои сеюм ва чоруми ҳаёти Саразм коркарди маъданҳо хеле хуб рушд карда будааст, ки то ба имрӯз бостоншиносони ватанию хориҷӣ намунаҳои зиёде аз олоти мисӣ, биринҷӣ, қӯрғошимӣ, нукрагӣ ва тиллоиро аз шаҳраки Саразм дарёфт намудаанд. Ҳамагӣ аз корд, ханҷар, нӯги найза, камон, табар, теша, дарафш, сархора, чангакҳои бофандагӣ ва моҳидорӣ, устура, ойина, мӯҳр, марҷону шабаҳо иборатанд, ки миқдори бозёфтҳои номбурдаро А. Исҳоқов 250 адад меҳисобанд ва ин миқдор ашёи оҳанӣ дар ягон ёдгории асри бирнҷи Осиёи Марказӣ дарёфт нашудааст. "Албатта қариб дар ҳамаи ёдгориҳои замони ибтидоии асри биринҷии Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Шарқи Наздику Миёна баъзе намудҳои олоти металӣ дарёфт шуданд, вале аз чиҳати шумора ва гуногуннамудӣ ба ёдгории Саразми ноҳияамон баробар шуда наметавонанд. Маҳз аз ҳамин сабаб мо ноҳияамонро дар илми бостоншиносӣ яке аз марказҳои коркарди кӯҳ ва маъдангудозии водии Зарафшон меномем" [2, 147].

Дар ҳақиқат аксарияти бостоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ бар он назаранд, ки шаҳри Панҷакент яке аз марказҳои қадимтарини маъдангудозони мардуми Осиёи Марказӣ мебошад [2]. "Пеш аз он, ки муҳаққиқон ба ин хулоса оянд, онҳо бо таърихи корҳои геологӣ ва намудҳои бойигарии замини водии Зарафшон шинос шуданд. Ин шиносоӣ равшан намуд, ки дар қаъри кӯҳҳои Туркистону Зарафшон даҳҳо намуди маъдан маҳфузанд. Аз рӯи таҳқиқот маълум гардид, ки хӯлаи миси яклухт дар деҳаи Ёрӣ тилло, нукра, қӯрғошим, қалъагӣ, сурма дар мавзеъҳои Қазноқ, Мушистон, Ҷилав, Таррор, Мосариф, Учкӯл ва дигар ҷойҳои болооби Зарафшон хеле зиёданд" [2, 149].

Дар ҳақиқат бозёфт гардидани шумораи зиёди ошёи тиллоӣ, нукрагӣ, қӯрғошимӣ, қалъагӣ ва ғ. далели гуфтаҳои болоянд, чунон, ки устод А. Исҳоқов дар китоби "Саразм оғози тамаддуни тоҷикон" ишора мекунанд, кӯраҳои махсуси маъдангудозие, ки қариб дар ҳамаи ҳафриётгоҳҳои Саразм дарёфт шуданд, исботи онанд, ки эҳтимол дар ҳама мавзеъҳои ин ёдгорӣ гурӯҳҳои алоҳидаи одамон бо коркарди маъдан шуғл доштаанд.

"Бостоншиноси Фаронса Ролан Безенвал дар ҳафриётгоҳи VII-ум се кӯраи махсусро дарёфт намуд. Ҳар се кӯра дар майдончаи бару қадаш ба 115-150 метр баробарбуда паҳлӯи ҳам ҷойгир шудаанд. Онҳо аз гил сохта шуда қутрашон 30-35 см, чуқуриашон 50-60 см мебошад. Тана ва атрофи кӯра аз ҳарорати баланди оташ ба мисли танӯру оташдон сӯхтаанд. Азбаски ҳар се кӯра ҳамшафати якдигаранд, тахмин меравад, ки онҳо шояд барои гудохтани се намуди маъдан пешбинӣ шуда бошанд. Дар танаи кӯраи аз ҳафриёти II дарёфтшуда ҳатто олудаҳои мис боқӣ мондааст.

Ниҳоят дарёфти қолабҳои рехтагарии гилӣ ва сангии теша, табар, дарафш ва корду ханҷар равшан намуданд, ки маъдангудозони Саразм олоту ашёи металиро бо ду тарз месохтанд: якум, бо тарзи рехтагарӣ дар қолабҳо; дуюм, тавассути задану чиндан бо болға дар рӯи сангдон. Ҳарду тарзи сохтани олот дар асри сангу мис, ҳазорсолаҳои VI-IV пеш аз мелод оғоз ёфта баъдан, дар ҳазорсолаҳои III-II пеш аз мелод хеле такмил ёфтаанд. Корҳои маъдангудозӣ сар то сари кишварҳои Шарқ қариб дар як давру замон оғоз ёфта буданд. Аз ин сабаб олоти металии Панҷакент: табар, теша, корд, ханҷар, сархора, чангакҳо, ойина аз ҷиҳати шаклу намуд ба олоти ёдгориҳои Намозгаҳ, Анав, Геоксюр, Олтинтеппайи Туркманистони Ҷанубӣ монанд мебошанд. Бо вуҷуди ин, мавқеи маъдангудозон ва донишмандони ин касбу ҳунари Панҷакент аз дигарҳо волотар буданд. Зеро маъдангудозони Саразм 5000-4500 сол қабл аз ин маҳсулоти худро аз Зарафшон то Ҳиндустону Эрон ба фурӯш мебароварданд" [2, 150].

Дарёфт гардидани се қӯрғошими (сурб) яклухт, ки ғӯлаҳои онҳо чоркунҷа ва мудаввари дастадор сохта шудаанд, исботи гуфтаҳои болянд.

Пораи қурғошим. Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Саразм, ҳазораи III - II п.а.м

Дар охири ҳазорсолаи чоруми то милод шаҳри Саразм, инчунин, ба сифати яке аз марказҳои бузурги истеҳсоли фулузот маълум будааст. Кӯҳҳои болооби Зарафшон, ки аз мис, тилло, нуқра, қӯрғошим, қалъагӣ ва маъданҳои дигар ғанӣ буданд, ба рушди ин ҳунар имконият додаанд.

Воқеан, имрӯз низ ҳудуди шаҳри Панҷакент яке аз минтақаҳои бузурги истихроҷи тиллову мис дар Тоҷикистон мебошад, ки ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ аз ин ҷо асбобҳои гуногуни маъдангудозӣ, қолабҳо барои рехтани олоту силоҳ, аз ҷумла олоти мисӣ, биринҷӣ, қӯрғошимӣ, нуқрагӣ ва тиллоӣ, ки шумораи зиёд дарёфт шудаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти олимони тоҷик исбот шудааст, ки саразмиён зиёда аз 40 навъи ҳунармандиро аз худ карда будаанд. Бозёфтҳои бостонӣ аз иртиботи маданӣ ва тиҷоратии Саразм бо ҳудудҳои кунунии Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва сарзаминҳои дигар гувоҳӣ медиҳанд [7].

Адабиёт:

1. Исаков А. И. Саразм: Горизонты древней цивилизации // Наука и жизнь, 1986б, № 4.
2. Исоқов А. Саразм оғози тамаддуни тоҷикон. – Душанбе: Дониш, 2018. – 150 с.
3. Набиев В. Кашшофи мамнуъгоҳи муҳташами тамаддун/ Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – С. 134-142.
4. Раззоков А., Бобомуллоев С. Се кашфиёти нодири Исҳоқов/ Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – С. 143-152.
5. Раззоқов А. Андар шинохти Саразм. – Душанбе, 2020. – 250 с.
6. Рачаббой Аҳмадзода. Ёдгории беҳамтои тамаддуни ҷаҳонӣ. Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – С. 15-31.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 5500 - солагии Саразм 12.09.2020, шаҳри Панҷакент.
8. Убайдулло Н. К. Саразм ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ./ Муаррих №3 (23) 2020. С. 14-22.
9. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: Эрграф, 2011. – 350 с.
10. Эркаев С. Маркази тамаддуни ҷаҳонӣ./ Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – С. 163-164.
11. Юнус Юсуфӣ Идомаи Саразм дар Самарқанд аст./ Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – С. 153-162.

Калидвожаҳо: *Саразм, ёдгории таърихӣ, бозёфтҳо, бостоншиносӣ, асри биринҷӣ, маликаи Саразм, ҳафтриёт, оташдонҳо.*

Аннотация

МЕТАЛЛУРГИЯ В САРАЗМЕ

В статье отражены первые памятники Саразма, начало археологических работ, продолжение археологических работ и другие научные и археологические достижения. Автор отмечает, что в результате проведенных на сегодняшний день археологических раскопок остатки жилых, религиозных, административных и ремесленных предприятий были найдены под завалами на 20 участках. Считается, что еще до начала строительства некая группа «архитекторов» заранее спланировала строительство. Большинство административных зданий имеют прямоугольную форму, а их двери и окна выходят на восток и запад, то есть в направлении восхода и восхода солнца. В то же время автор статьи отражает результаты археологических работ в Саразме, датируемые 5500 годами, а также расселение и переселение людей Саразма.

Ключевые слова: *Саразм, исторический памятник, находки, археология, бронзовый век, царица Саразма, раскопки, камины.*

Annotation

MINING IN SARAZM

The article reflects the first monuments of Sarazm, the beginning of archeological work, the continuation of archeological work and other scientific and archeological achievements. The author notes that as a result of archeological works to date, the remains of residential, religious, administrative and handicraft plants have been found under the rubble in 20 sites. It is believed that before construction began, a certain group of “architects” planned the construction project in advance. Most administrative buildings have a rectangular design and their doors and windows face east and west, ie the direction of sunrise and sunrise. At the same time, the author of the article reflects the results of archeological work in Sarazm, the artifacts dating back 5500 years, and the problems of settlement and migration of the people of Sarazm.

Keywords: *Sarazm, historical monument, finds, archeology, Bronze Age, Queen of Sarazm, excavations, fireplaces.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Амиршоев Иматшо, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: +992 911041200

Роҳбари илмӣ: професссор Пирумшоев Ҳ.

Сведения об авторе: Амиршоев Иматшо, магистрант второго курса исторического факултета ТПГУ имени С. Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 911041200

Научный руководитель: професссор Пирумшоев Х.

About the author: Amirshotv Imftsho, the magister of history faculty of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: +992 911041200

Scientific director: professor Pirumshoev H.

Дадабоев Комрон Равшанҷонович,
магистранти соли дуюми Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

НАМУД ВА ВАЗИФАҲОИ БОЙГОНИҲО

Бо мақсади нигаҳдории ҳуҷҷатҳо, ки дар натиҷаи фаъолияти муассисаҳо ташкилотҳо ва корхонаҳо ба вуҷуд омадаанд, бойгониҳо амал менамоянд. ***Бойгонӣ ин ташкилот ва қисмати таркибии муассиса ба шумор меравад, ки қабул ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳоро бо мақсади истифодаи иттилооти ҳуҷҷатӣ ба амал мебарорад.*** Барои ба амал баровардани ин кор дар назди ҳар як корхонаю муассиса, ташкилот ва иттиҳодияҳо бойгониҳо таъсис дода мешаванд, ки онҳо новобаста аз шакли моликиятдорияшон, қабул нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳоро ба амал мебароранд. ***Маҷмуи корҳое, ки бойгониҳо иҷро менамоянд, кори бойгонӣ номида шуда, масъалаҳои нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгониро дар бар мегирад.*** Омӯзиши асосии ин масъалаҳо аз ҷониби фанӣ бойгонишиносӣ ба амал бароварда мешавад. ***Бойгонишиносӣ фанест, ки омӯзиш ва коркарди масъалаҳои назариявӣ, услубӣ, ташкилии кори бойгонӣ ва таърихи онро дар бар мегирад.***

Дар шароити имрӯзаи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тарзи нигаҳдории ҳуҷҷатҳо асосан ду намуди бойгониҳо арзи вуҷуд дорад: бойгониҳои идоравӣ (муассисавӣ, идорӣ) ва бойгониҳои давлатӣ.

Вобаста ба тарзи нигаҳдорӣ ва истифодаи бевоситаи маводҳои ҳуҷҷатӣ бойгониҳои давлатӣ ва идорӣ як қатор вазифаҳои ба худ хосро иҷро менамоянд. Бо мақсади шинос гардидан бо фаъолият ва вазифаҳои асосии бойгониҳо ҳамаи вазифаҳои онро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

Бойгониҳои давлатӣ – ин соҳаи фаъолияти давлатӣ буда, нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои дорои аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ доштаро, ба амал мебарорад. Бойгониҳои давлатӣ чунин вазифаҳоро иҷро менамоянд:

1. Комплекткунии бойгонӣ бо ҳуҷҷатҳо аз рӯи хазина (Пуркунии хазина).
2. Ба ҳисобгирии ҳуҷҷатҳои дар бойгони нигаҳ дошташаванда, давра ба давра гузаронидани тафтиш оиди ҳуҷҷатҳо, ба ҳисобгирии ҳуҷҷатҳо дар муассисаҳое, ки онҳо ҳамчун сарчашмаи пуркунии бойгониҳо мебошад.
3. Ташхиси қимматнокии ҳуҷҷатҳои дар бойгонии нигоҳдошта шаванда (мақсаднок, яъне тозакунии хазинаҳо аз ҳуҷҷатҳои нодаркор)
4. Таъмини нигаҳории ҳуҷҷатҳо, яъне фароҳамоварии шароити нигадорӣ, аз навбарқароркунии ҷойҳои зарардидаи ҳуҷҷатҳо, муқовабандӣ, ҷойгиркунӣ ва топографикунонии ҳуҷҷатҳо)
5. Таъсиси хазинаи эҳтиётии ҳуҷҷатҳои ниҳоят нодир ва қимматнок бо мақсади нигаҳории нусхаи аслии он (микрофилмкунӣ).

Барои иҷро намудани ин корҳо як қатор корҳоро ба амал баровардан лозим аст:

1. Тартиб додан ва такмили сохтори дастгоҳи илмӣ-маълумотӣ, ки кори ҷӯстуҷӯи ҳуҷҷатҳоро осон менамояд, коркард ва мукамалкунии рӯйхатҳои бесифат, тартиб додани феҳритҳои гуногун ва нишондодҳо, раҳнамо ё маълумотҳои мухтасар доир ба хазинаҳо.
2. Дар назди бойгониҳо ташкил намудани толори хониш барои омӯзиши ҳуҷҷатҳо аз ҷониби тадқиқотчиён, таъмини толор бо нашрияҳои маълумотие, ки дар бойгонӣ тартиб дода шудаанд.
3. Нашри ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар маҷмӯаҳо, маҷалаҳо, рӯзномаҳо, ки он боиси саҳми тараққии ин ё он соҳаи илм мешавад.
4. Ташкили нигористони ҳуҷҷатҳо, тайёркунии порчаҳои мавзуӣ аз ҳуҷҷатҳо барои муассисаҳои таълимӣ (аз ҷумла ҳуҷҷатҳои аксу садо ва синамо), тайёркунии намоиш ва гуфторҳо барои телевизион ва радио ва шаклҳои дигари баландбардории мақоми ҳуҷҷатҳо бо мақсадҳои маданӣ.
5. Иҷрои талаботҳо доир ба мавзуъҳои гуногун, додани нусхаҳо ва навиштаҷотҳо аз ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла бо дархости иҷтимоӣ–ҳуқуқии шаҳрвандон.

Бойгониҳои давлатӣ бо таркиби доимии ҳуҷҷатҳо, ҳамчун муассисаҳои илмӣ–тадқиқотӣ ба шумор рафта, кори илмиро иҷро менамоянд ва онҳо як қатор самтҳоро дар бар мегиранд. Яке аз онҳо – тадқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ, бойгонишиносӣ ва археография

мебошад. Бойгониҳо кори илмӣ бурда ва мустақилона маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо, маълумотномаҳои бойгонӣ ва ғайраро ба нашр тайёр менамоянд.

Бойгониҳои давлатӣ кори калони услуби (методӣ)-ро, ки барои баланд бардоштани сатҳи корҳои дар бойгонӣ ба амал баровардашаванда мусоидат менамояд, ҳамчунин ба муассисаҳо сарчашмаи комплекткунии бойгониҳо ёрии методиро (тартиб додани дастурҳои услубӣ, гузаронидани мулоқотҳо доир ба ивази таҷриба, машварат, расонидани ёрӣ дар ҷои корӣ, коромӯзӣ дар бойгонии давлатӣ) мерасонад.

Баъзе намуди корҳои бойгониҳои давлатиро бо муассисаҳое, ки аз онҳо ҳуҷҷатҳо барои нигаҳдорӣ қабул мешаванд, дида мебароем.

Таъмини назорат оиди нигаҳдорӣ ва ба ҳисобгирии ҳуҷҷатҳо дар муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳо новобаста аз шакли моликият ба зиммаи Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Вазифаи назорат аз болои фаъолияти бойгониҳои идоравиро иҷро менамояд, ки пуркунии ҳуҷҷатҳои амалкунандаи муассисаҳоро ба зимма доранд.

Дар бойгониҳои давлатӣ сохторҳои махсуси таркибӣ (шуъбаҳо, гурӯҳҳои нозирӣ, секторҳо), таъсис дода шудаанд, ки вазифаи асосии онҳо кор бо бойгониҳои муассисавӣ ба шумор мераванд. Вазифаи асосии онҳо назорат оиди нигаҳдории ҳуҷҷатҳо дар бойгониҳо ва коргузорӣ, дуруст ба расмият даровардани парванда, ҷудокунии мураттабӣ ва сифатноки ҷудокунӣ ва тайёркунии онҳо барои супоридан ба нигаҳдории давлатӣ, ба шумор меравад. Дар зери мафҳуми «назорат аз болои фаъолияти бойгониҳои идоравӣ» на танҳо тафтиши кори онҳо, инчунин роҳбарии ташкилӣ–усулӣ оиди иҷрои вазифаҳои асосии онҳо (нигаҳдорӣ, ба ҳисобгирӣ ва ташхиси қимматнокии ҳуҷҷатҳо, тартиб додани дастгоҳи илмӣ-маълумотӣ, истифодаи ҳуҷҷатҳо ва тайёр намудани маводҳо барои супоридан ба нигаҳдории давлатӣ, назорат аз болои ҳолати қисми ҳуҷҷатии коргузорӣ, назорат ва расонидани ёрӣ ба бойгониҳои муассисаҳои зеридоравӣ), фаҳмида мешавад.

Шаклҳои назорат аз болои ҳолат ва кори бойгониҳои идоравӣ ва ёрии методии онҳо коркард карда шудаанд. Сарпараст ва дигар ходимони бойгонӣ мунтаъзам тафтишҳои Маҷмуи ва мавзуии фаъолияти бойгониҳои муассисавиро ба амал бароварда, бо кормандони бойгонӣ ва коргузорӣ машварат мегузаронад ва ба онҳо ёрии усулии доимиро мерасонанд. Ба ҳайати комиссияи ташхисии (мумайизӣ) муассисаҳои калон намояндагони Саридораи бойгонӣ дохил мешаванд. Муассисаҳои бойгонӣ семинарҳо ва курсҳо ташкил менамоянд ва инчунин дигар чорабиниҳоро оиди ивази таҷриба ва баланд бардории тахассуси кормандони бойгониҳои идоравӣ ва дафтаргузорӣ мегузаронанд; дар комиссияи тафтишотӣ–ташхисӣ маърӯзаҳои раисони комиссияҳои ташхисии муассисаро доир ба кори комиссия мешунаванд.

Дар қисмати кор бо бойгониҳои муассисавӣ, ки ҳуҷҷатгузории асосии он ҷамъ гардидааасту фаъолияти муассисаҳои зери назорат бударо тавсиф менамояд, ҳуҷҷатҳои зерин вуҷуд доранд: рӯйхати муассиса, ки барои ба ҳисобгирӣ ва назорат мансуб асту доимо аниқ ва илова карда мешавад, варақаи ба ҳисобгирии ҳолати коргузорӣ ва бойгонӣ, шиносномаҳои бойгониҳои идоравӣ, ки ҳар сол пур карда мешавад. Ҳамчунин нусхаҳои конролии (назоратӣ, муқоисавӣ) рӯйхати парвандаҳо, ки аз ҷониби комиссияи тафтишотӣ–ташхисӣ тасдиқ карда шудааст, нигаҳ дошта мешавад.

Барои ҳар як муассисае, ки аз ҷониби Саридораи бойгонӣ назорат карда мешавад, парвандаи назоратӣ кушода мешавад, ки ба таркиби он дохил мешавад: маводҳои иттилоотии ҳолати коргузорӣ ва бойгонӣ; низомнома доир ба Комиссия ташхисии муассиса; фармонҳои роҳбар доир ба масъалаҳои коргузорӣ ва кори бойгонӣ; номеклатураи умумии парвандаҳо, ки барои мувофиқанамоӣ равона карда шудааст; маълумоти таърихӣ; дастурҳо барои коргузорӣ; маводҳои тафтишотӣ (санадҳо, маълумотҳо, ҳисоботҳо), мукотиба бо ин муассиса. Парвандаҳои назоратӣ аз ҷониби ходими илмӣ (нозир) – сарпараст бурда мешавад, ки ба вай муассисаи ягон сохтор ва ё якчанд сохторҳои ба соҳаи иқтисодӣ наздик вобаста карда шудааст. Чунин ихтисоскунӣ имконият медиҳад, ки бештар роҳбарии салоҳиятнок нисбати бойгониҳои идоравӣ ба амал бароварда шавад.

Дар миёнаи солҳои 60–уми асри XX барои ёрии муассисаҳо дар кори ба тартиб дарории ҳуҷҷатҳо ва таъмини комплекткунӣ, дар бойгониҳои давлатӣ зергурӯҳҳо таъсис дода шуданд, ки онҳо аз ҳисоби маблағҳои махсус нигаҳ дошта мешуданд.

Аз рӯи шартномаҳо бо муассисаҳо онҳо коркарди ҳуҷҷатҳои барои супоридан ба нигаҳдории давлатӣ зарур буда ва дар бойгонии муассисавӣ нигаҳ дошташавандаро

мегузарониданд. Ин гурӯҳҳо инчунин дастурҳо оиди коргузорӣ, номенклатураи парвандаҳо, номгӯи ҳуҷҷатҳои ба нигаҳдории давлатӣ супорида шавандаро коркард менамоянд, дар баъзе ҳолатҳо корро оиди тартиб додан ва муккамал намудани дастгоҳи илмӣ–маълумотӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгониҳои идоравиро иҷро менамоянд.

Вазифаи асосии бойгониҳои давлатӣ бо тартиби таъғирёбандаи ҳуҷҷатҳо, ки дар қисми зиёди бойгониҳои ноҳиявӣ ва шаҳриро ташкил медиҳанд, нигаҳдории муваққатии ҳуҷҷатҳои аз муассисаҳои ҳудуди ноҳия ва қишлоқ, инчунин муассисаҳо воридшавандаро, ба амал мебароранд. Ин вазифаро иҷро намуда бойгониҳои давлатӣ ҳолати ҳуҷҷатҳоро дар муассисаҳои ҳудуди ноҳия (шаҳр), муассисаҳои хоҷагии қишлоқ назорат менамояд. Онҳо ҳолати коргузорӣ, тартиби нигаҳдорӣ ва ҳолати физикӣ, дурустии гузаронидани ташхиси қимматнокии ҳуҷҷатҳо ва ҷудокунии ҳуҷҷатҳоро барои нигаҳдории давлатӣ назорат менамоянд. Ҳангоми тафтиш ба кормандони хадамоти коргузории муассисаю ташкилотҳои ноҳия (шаҳр), иттиҳодияҳои хоҷагии қишлоқ оиди қоидаҳои асосии бурдани корҳои коргузорӣ, ба тартиб дарории ҳуҷҷатҳо дастурҳои лозима дода мешавад

Бойгониҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ барои нигаҳдорӣ фақат маводҳои нигаҳдории доимиро қабул менамоянд. Ин маводҳо ба бойгонӣ баъди ба охир расидани 5 соли нигаҳдории коргузорӣ дар бойгониии давлатии ноҳиявӣ то замони ба бойгонии зарурӣ барои нигаҳдории доимӣ супоридан, маҳфӯз дошта мешаванд. Дар як қатор бойгонии давлатии ноҳиявӣ парвандаҳои ҳайати шахсии муассисаҳои ноҳия (шаҳр) нигаҳ дошта мешаванд. Бойгониҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ) инчунин маводҳои баромади шахсиро, ки ҳаёт ва фаъолияти шахсони маъруфи ноҳия (шаҳр) – ро инъикос менамоянд, низ ҷамъоварӣ мекунанд. Дар бойгониҳо кор оиди баҳисобгирӣ ва таъмини нигаҳдории ҳуҷҷатҳо ва истифодаи онҳо, ба тартиб даровардан ва додани гувоҳномаҳо, пешкаш намудани маводҳо барои омӯзиш, нашри мақолаҳо дар рӯзномаҳои матбуоти маҳаллӣ ва ғайра бурда мешавад.

Адабиёт:

1. Гост 16487-83 делопроизводство и архивное дело. Термины и опр.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» аз 13 ноябри соли 1998, №705.- /Ахбори Махлиси Олӣ №6 1998/ с.17.
3. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бойгонӣ ва муассисаҳои он. (АМОҶТ с. 1998, № 23-24, мод.326; с.2008, №12, қ.2. мод.1018; с.2011, №7-8, м.617)
4. Низомнома оид ба ташкили корҳои архивӣ дар ҶИШ Тоҷикистон. (АМОҶТ с. 1998, № 23-24, мод.326; с.2008, №12, қ.2. мод.1018; с.2011, №7-8, м.617).
5. Основные правила работы ведомственных архивов. С. 24.
6. Основные правила работы ведомственных архивов. – М.: Главархив СССР, 1986.
7. Примерное положение об объединеном архиве промышленного, пароизводственного и научно – производственного объедения. М.: Главархив СССР, 1977.
8. Типовое положение о гентральном архиве министерства, ведомства, гентрального органа обехественной организагии. – М.: Главархив СССР, 1983.
9. Ҳайати Муоинавии Марказии, ҳайати муоинавӣ – Сентралная Экспертная Комиссия, Экспертная комиссия.

Калидвожаҳо: *намуд, вазифа, бойгонӣ, ҳуҷҷат, нигаҳдории ҳуҷҷат, корхона, ташкилот, бойгониҳои давлатӣ, ҳисобгирии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, парванда, бойгониҳои идоравӣ.*

Аннотация

ВИДЫ И ЗАДАЧИ АРХИВОВ

С целю сохранения документов, оформленные в ходе деятельности заведений, учреждений и предприятий, функционируют архивы. Архив является организацией и структурной части учреждения, который осуществляет приём и сохранение документов с целю использования документальной информации. Для осуществления этой задачи при предприятими, учреждениями, организациями и объединениями создаются архивы, которые независимо от их ведомственной принадлежности осуществляют приём, сохранение и использование документов. Комплекс работ, выполненные ется ахивным делом.

Ключевые слова: *вид, задача, архив, документ, сохранение документов, предприятие, организация, госархивы, учёт документации архива, дело, ведомственные архивы.*

Annotation

TYPES AND FUNCTIONS OF ARCHIVES

Archives are used to store documents created as a result of the activities of institutions, organizations and enterprises. The archive is an organization and a constituent part of the institution, which receives and stores documents for the purpose of using documentary information. In order to carry out this work, archives are established at every enterprise, institution, organization and association, which, regardless of their form of ownership, receive, store and use documents. The set of activities performed by archivists is called archival work and includes issues of storage and use of archival documents. The main study of these issues is carried out by archivists. Therefore, in this article, we have conducted our research on the type and functions of the archive.

Keywords: *type, task, archive, document, document storage, enterprise, organization, state archives, accounting of archive documents, file, office archives.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Дадабоев Комрон Равшанҷонович, магистранти соли дуюми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Телефон: +992 931066165

Роҳбари илмӣ: дотсент Наимов М.

Сведения об авторе: Дадабоев Комрон Равшанджонович, магистрант второго курса Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Телефон: +992 931066165

Научный руководитель: доцент Наимов М.

About the author: Dadaboev Komron Ravshanjonovich, master of first course on Academy of state management at the President Republic of Tajikistan. Tel.: +992 931066165

Scientist leader: docent Naimov M.

Ҳалимзода Комрон Гулмурод,
магистранти соли якуми факултети математика

МОДЕЛСОЗИИ МАТЕМАТИКИИ РАВАНДҲОИ ВАЙРОНШАВИИ ОҲАН БО ПЕРОКСИДИ ГИДРОГЕН

Реаксияи химиявие, ки раванди вайроншавии оҳанро мегузаронад[1], чунин намуд мегирад.

$2Fe + H_2O_2 \rightarrow 2FeOH.(1)$

Номбурда бо ду фазои оддӣ, (1) тақсим мешавад.

I. $Fe + H_2O_2 \leftrightarrow FeOH + OH,$

II. $Fe + OH \leftrightarrow FeOH.$

Барои навишти модели математикии он, чунин ишораҳоро ворид менамоем:

$X = Fe, Y = H_2O_2, Z = FeOH.(2)$

Онгоҳ, бо ҳисоби (2) чунин навиштан мумкин аст.

$I'. X + Y \leftrightarrow C$

$II'. X \leftrightarrow Z.$ (3)

Сипас, муодилаи дифференсиалӣ намуди зеринро мегирад.

$$\begin{cases} \dfrac{dx}{dt} = -k_1xy + k_{-1}z - k_2x + k_{-2}z; \\ \dfrac{dy}{dt} = -k_1xy + k_{-1}z: \end{cases} \quad (4)$$

Аз қонуни нигоҳдории вазн маълум аст

$Z = 1 - X - Y.$

Таҳлили сифатии системаи (4) –ро дида мебароем.

Дар даври аввал ҳолати оромии системаи (4) аҷоиб мебошад. Барои ин, баробарии $x' = y' = 0$ –ро ҳосил мекунем.

$$\begin{cases} -k_1xy + k_{-1}z - k_2x + k_{-2}z = 0; \\ -k_1xy + k_{-1}z = 0. \end{cases} \quad (5)$$

Қайд мекунем, ки дар ин ҷо $-k_1, k_{-1}, k_2, k_{-2}$ коэффитсиенти мусбат мебошад. Системаи муодилаи (5) алгебрави мебошад. Аз муодилаи дуюми системаи (5) чунин ёфта мешавад. $-k_1xy + k_{-1}(1 - x - y) = 0$

$$\begin{cases} -k_1xy + k_{-1} - k_{-1}x - k_{-1}y = 0 \\ -k_1xy + k_{-1}z - k_2x + k_{-2}z = 0. \end{cases}$$

Аз муодилаи дуюми системаи (5), муодилаи якумро тарҳ карда чунин ҳосил мекунем

$-k_2x = -k_{-2}z, (-1)$

$x = \dfrac{k_{-2}}{k_2}z.$

Ҳосил мекунем

$-k_1\dfrac{k_{-2}}{k_2}zy = -k_{-1}z\left(-\dfrac{1}{z}\right)$

$k_1\dfrac{k_{-2}}{k_2}y = k_{-1} \Rightarrow y = \dfrac{k_{-1}k_2}{k_1k_{-2}}$

Дар ин ҷо

$x = \dfrac{k_{-2}}{k_2}\left(1 - x - \dfrac{k_{-1}k_2}{k_1k_{-2}}\right)$

$\left(1 + \dfrac{k_{-2}}{k_2}\right)x = \dfrac{k_{-2}}{k_2} - \dfrac{k_{-1}}{k_1}$

Аз инҷо, додашудаи x намуди зеринро мегирад:

$$x = \frac{\dfrac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_2k_1}}{\dfrac{k_2 + k_{-2}}{k_2}} = \frac{k_2[k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2]}{k_2k_1[k_2 + k_{-2}]} = \frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_1(k_2 + k_{-2})} = x_0.$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки (x_0, y_0) ҳолати оромии системаи (4) –ро ташкил медиҳад. Қайд кардан мумкин аст, ки системаи (4) ғайрихаттӣ мебошад. Он гоҳ дар атрофи нуқтаи оромии (x_0, y_0) ба қатор паҳн намуда ҳосил мекунем.

Ба ин мақсад системаи (4) –ро ба намуди зерин меорем.

$$\begin{cases} \frac{dx}{dt} = -k_1xy + k_{-1}(1-x-y) - k_2x + k_{-2}(1-x-y) \\ \frac{dy}{dt} = -k_1xy + k_{-1}(1-x-y) \end{cases}$$

Ишора мекунем

$$\begin{cases} \frac{dx}{dt} = F(x,y), \\ \frac{dy}{dt} = G(x,y). \end{cases} \quad (6)$$

Ҳосилаҳои хусусиро ҳисоб мекунем:

$$\frac{\partial F}{\partial x}(x_0,y_0) = -k_1y_0 - k_{-1} - k_2 - k_{-2} = -k_1\frac{k_{-1}k_2}{k_1k_{-2}} - k_{-1} - k_2 - k_{-2} = = -\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} - k_{-1} - k_2 - k_{-2},$$

$$\frac{\partial F}{\partial y}(x_0,y_0) = -k_1x_0 - k_{-1} - k_2 - k_{-2} = -k_1\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_1(k_2+k_{-2})} - k_{-1} - k_2 - k_{-2} = = -\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_2+k_{-2}} - k_{-1} - k_2 - k_{-2},$$

$$\frac{\partial G}{\partial x}(x_0,y_0) = -k_1y_0 - k_{-1} = -k_1\frac{k_{-1}k_2}{k_1k_{-2}} - k_{-1} = -\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} - k_{-1},$$

$$\frac{\partial G}{\partial y}(x_0,y_0) = -k_1x_0 - k_{-1} = -k_1\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_1(k_2+k_{-2})} - k_{-1} = -\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_2+k_{-2}} - k_{-1}.$$

Барои таҳқиқ матритсаи зеринро дида мебароем. $A = \begin{pmatrix} a_{11} & a_{12} \\ a_{21} & a_{22} \end{pmatrix}$ дар ин ҷо

$$a_{11} = -\left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1} + k_2 + k_{-2}\right),$$

$$a_{12} = -\left(\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_2 + k_{-2}} + k_{-1} + k_2 + k_{-2}\right),$$

$$a_{21} = -\left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1}\right),$$

$$a_{22} = -\left(\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_2 + k_{-2}} + k_{-1}\right),$$

$k_{-2}k_1 > k_{-1}k_2.$

Баъд муодилаи характеристикиро тартиб медиҳем:

$$|A| = \begin{vmatrix} a_{11} - \lambda & a_{12} \\ a_{21} & a_{22} - \lambda \end{vmatrix} = 0.$$

Ҳосил мекунем $(a_{11} - \lambda)(a_{22} - \lambda) - a_{21}a_{12} = 0$. Ё

$\lambda^2 - (a_{11} + a_{22})\lambda + a_{11}a_{22} - a_{21}a_{12} = 0.$ (7)

Ишора мекунем $S = a_{11} + a_{22}$ и $\triangle = a_{11}a_{22} - a_{21}a_{12}$.

Қимати S ва $\triangle$-ро алоҳида ҳисоб мекунем:

$$S = a_{11} + a_{22} = -\left[\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} - \frac{k_{-1}k_2}{k_2+k_{-2}} + \frac{k_{-2}k_1}{k_2+k_{-2}} + 2k_{-1} + k_2 + k_{-2}\right] = -M_1,$$

$$\triangle = a_{11}a_{22} - a_{21}a_{12} = \left(\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_2 + k_{-2}}\right)\left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1} + k_2 + k_{-2}\right) -$$

$$-\left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1}\right)\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_2 + k_{-2}} = \left(\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_2 + k_{-2}}\right)\left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1}\right) +$$

$$+k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2 - \left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1}\right)\frac{k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2}{k_2 + k_{-2}} = k_{-2}k_1 - k_{-1}k_2,$$

$$k_{-1}\left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1} + k_2 + k_{-2}\right) - \left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1}\right)(k_{-1} + k_{-2}) =$$

$$k_{-1}\left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1}\right) - k_{-1}\left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1}\right) + k_{-1}(k_{-2} + k_{-2}) -$$

$$-k_{-2}\left(\frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}} + k_{-1}\right) = k_{-1}k_2 + k_{-1}k_{-2} - k_{-1}k_2 - k_{-1}k_{-2} = 0.$$

Дар ҳақиқат барои коэффитсиентҳои мусбати, муодилаи характеристики бояд, ки $k_2k_1 > k_{-1}k_2 \Rightarrow k_1 > \frac{k_{-1}k_2}{k_2} \Rightarrow k_1 > k_{-1}$ бошад.

Леммаи. 1

Барои он, ки решаҳои муодилаи характеристикаи (7) манфӣ бошад бояд, ки $k_1 > \frac{k_{-1}k_2}{k_{-2}}$ шавад.

Ҳамин тариқ қайд менамоем, ки бо ҳисоби шартҳои леммаи (1) динамикаи реаксияи химиявии вайроншавандаи оҳан намуди гирехи устуворро мегирад.

Адабиёт:

1. Пушкарева Т. П., Перегудов А. В. Математическое моделирование химических процессов. – Красноярск, 2013. – 116 с.
2. Каримов М. М., Мухамадиев Э. М., Нуров И. Д. Качественный анализ фазовых траекторий динамики раковых клеток. Международная конференция «Дифференциальные уравнения, математическое моделирование и вычислительные алгоритмы». – Белгород, 25-29 октября 2021 г. С.87-88.

Калидвожаҳо: *вайроншавии оҳан, муодилаи дифференсиалӣ, ҳолати оромӣ, таҳлили сифатӣ.*

Аннотация

МАТЕМАТИЧЕСКОЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ ПРОЦЕССОВ ОКИСЛЕНИЯ ЖЕЛЕЗА ПЕРОКСИДОМ ВОДОРОДА

В данной работе исследуется качественный анализ процессов окисления железа пероксидом водорода. Использованы дифференциальные уравнения. Изучена состояния равновесия системы.

Ключевые слова: *окисление железа, дифференциальние уравнения, состояния равновесия, качественный анализ.*

Annotation

MATHEMATICAL MODELING OF IRON OXIDATION BY HYDROGEN PEROXIDE

In this work, a qualitative analysis of the processes of iron oxidation by hydrogen peroxide is investigated. Differential equations used. The equilibrium states of the system are studied.

Keywords: *iron oxidation, differential equation, equilibrium states, qualitative analysis.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳалимзода Комрон Гулмурод, магистранти кафедраи анализи математикии факултети математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 202070745, почтаи электронӣ: komronhalimov@gmail.com

Роҳбари илмӣ: Нуров Исҳоқбой

Сведения об авторе: Халимзода Комрон Гулмурод, магистрант кафедры математического анализа факультета математики ТГПУ имени С. Айни. Телефон: +992 202070745, электронная почта: komronhalimov@gmail.com

Научный руководитель: Нуров Исхокбой

About the author: Halimzoda Komron Gulmurod, master the departure mathematical analysis, TSPU named after S. Ayni. Tel.: +992 202070745, gmail: komronhalimov@gmail.com

Scientific director: Nurov Ishoqboy

Яқубов Муҳаммадҷон
магистранти соли дуюми факултети математика

МУҲИТИ КОРИИ РЕҶАИ ВИЗУАЛИИ ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗӢ

Асоси корбарӣ ва навиштани барномаҳоро дар забонҳои барномасозӣ муҳити кории он ташкил медиҳад. Муҳити кории забонҳои барномасозӣ ба реҷаи консолӣ ва реҷаи визуалӣ ҷудо карда мешаванд. Дар реҷаи консолӣ танҳо матни барнома ҳарфчинӣ карда шуда, аз санҷиш гузаронида мешавад. Баъдан компилятсия намуда, барномаи типаш exe сохта мешавад. Муҳити кории реҷаи визуалӣ дар забонҳои виузалии барномасозӣ амал мекунад. Реҷаи визуалиро ба маънои дигар реҷаи графикӣ меҳисобанд. Барномаҳои дар реҷаи консолӣ тартиб дода шуда асосан аз матни барнома иборат аст. Дар реҷаи визуалӣ бошад, аз **шакл(ҳо)и муколамагӣ** истифода карда, қисми зиёди матни барномаҳо дар шакли объектҳои графикӣ тасвир карда мешаванд, ки онҳоро ҷузъҳои (элементҳои) идоракунии забони барномасозӣ меноманд. **Ҷузъҳои идоракунии забони барномасозӣ** нишона (Label, LinkLabel), майдонҳои матнӣ (TextBox, RichTextBox), тугмаи амрӣ (Button, CommanButton), майдони мантиқӣ (Check), рӯйхатҳо ва интихоб аз рӯйхатҳо (ComboBox, ListBox) ва амсоли инҳо мебошанд. Қисме аз ҷузъҳои идоракунӣ танҳо барои инъикоси иттилоот, қисме барои ҳам инъикос ва ҳам дохилкунии иттилоот, қисме барои саволдиҳӣ, қисме барои интихоби додаҳо аз рӯйхат ва амсоли инҳо пешниҳод гардидаанд. Муҳити коркарди визуалӣ яке аз муҳитҳои сохтани таъминотҳои барномавӣ буда, дар он асосан қисми зиёди матни барномаҳо бо ҷузъҳои идоракунӣ иваз карда шуда, ба шакли муколамагӣ илова карда мешаванд. Ҷузъҳои идоракуние, ки аз тарафи барномасоз ба шакли муколамагӣ илова карда шудаанд, истифодабарандагон иваз карда наметавонанд. Инчунин қисме аз ҷузъҳои идоракунии ба шакли муколамагӣ илова карда шуда метавонанд ноайён (пинҳон) бошанд, ё айён бошанду, хомӯш бошанд, яъне ягон амалро иҷро накунанд. Муҳити коркарди визуалӣ кори барномасозонро бениҳоят осон намуда, барои сохтани барномаҳои амалӣ ва коркарди муҳити (интерфейси) истифодабаранда (GUI) татбиқ карда мешаванд. Дар реҷаи визуалӣ технологияи корбарии реҷаи консолӣ низ қисман истифода карда мешавад.

Ҷараёни сохтани барномаро дар реҷаи визуалӣ сохтан ва коркарди минбаъдаи лоиҳаи барнома меноманд. **Лоиҳаи барнома** гуфта, маҷмӯи ҷузъҳои боҳам вобаста бударо меноманд, ки байни онҳо ягон вобастагӣ барқарор карда шудааст. Ё худ маҷмӯи умумии файлҳо, шаклҳои муколамагӣ ва зербарномаҳою протседураҳоро, ки барои сохтани барнома истифода бурда мешаванд, **лоиҳа** ном дорад. Асоси сохтори лоиҳаро шакли муколамагӣ ташкил дода, дар шакли муколамагӣ муҳити истифодабаранда тасвир карда мешавад. Инчунин лоиҳа метавонад аз узвҳои махсус иборат бошанд, дар таркиби худ якчанд файлҳоро бо матнҳои барнома ва якчанд шаклҳои муколамагиро дошта бошанд. Лоиҳаро, пас аз пурра сохта шуданаш, компилятсия мекунанд. Технологияи компилятсиякунӣ аз худи забони барномасозӣ вобаста аст. Дар охир, пас аз компилятсия, лоиҳа ба таъминоти барномавӣ (ТБ, ПО) мубаддал гашта, файли барномавии **exe** сохта шуда, барои истифодарӣ ҷорӣ карда мешавад. Онро **Windows-замима** низ меноманд. Пас аз бакор омода намудани барнома тирезаи кории он кушода мешавад. Таъминоти барномавӣ (лоиҳа) метавонад аз пойгоҳи додаҳо вобаста бошанд. Дар ин ҳолат ҳангоми бакор омода намудани барнома бояд худи пойгоҳи додаҳо кушода бошанд ё кушода шаванд ва ба истифодабарӣ иҷозат дода шуда бошад. Дар ҳолати баръакс таъминоти барномавӣ кор намекунад ва хатогии муайян эълон карда мешавад.

Номгӯйи забонҳои барномасозии визуалӣ зиёданд, аз ҷумла Microsoft Visual Basic, Microsoft Visual Basic2010.Net, Microsoft Visual FoxPro, Delphi, Visual C#, Visual F#, Visual C++, Borland C++ Builder, C++ Builder, PascalABC.Net. Аксари онҳо ба бастаи барномаҳои **Microsoft Visual Studio** дохиланд. Вариантҳои нав ба нави ин даста коркард шудаанд. Вариантҳои солҳои охир коркардшудаи он вариантҳои **Visual Studio 2010, 2012, 2013, 2015** ва **2017** буда, дар платформаи **.NET Framework** (Microsoft.Net) сохта шудаанд. Ё худ бастаи нави барномаҳои **RAD Studio** дорои забонҳои барномасозӣ бо реҷаи визуалӣ будаи C++ Builder ва Delphi мебошад. Вариантҳои 10.2 ва 10.3 коркард шудаанд. Аксари барномасозон барои сохтани лоиҳаҳо аз ин бастаҳо истифода мебаранд.

Ҳар як забони барномасозии визуалӣ технологияи сохтани лоиҳа, сабти лоиҳа дар барандаи иттилоот ва хондани лоиҳа аз онро дорад. Имконияти аз дигар лоиҳа гирифтани

узвҳои тайёркардашуда ва гузоштани он ба дигар лоиҳа низ мавҷуд аст, ки қисми лоиҳа мебошанд. Вале бояд онро баҳисоб гирифт, ки ҳар як восита ё забони визуалӣ шакли махсуси сохтан ва нигоҳдории лоиҳа ва хосиятҳои худро доранд. Дар ин ҳолат ҳангоми аз як лоиҳа ба лоиҳаи дигар гузоштани узвҳои тайёри лоиҳа метавонад ба мушкилиҳо оварда расонад. Инчунин дохилкунии баъзе тағйи- ротҳоро бояд ба инобат гирифт, ки аз худи забони барномасозӣ вобаста аст. Масалан, муҳити коркарди лоиҳаҳои Microsoft Visual FoxPro дар заминаи пештара забонҳои барномасозӣ ва системаи идоракунии пойгоҳи додаҳои Карат, Dbase, FoxPro ва амсоли инҳо коркард шудааст. Бинобар ин ҳангоми барномаҳои дар пештара забонҳо коркардшударо ба ҳамзабонҳои нав табдил додан, зарурати дохилкунии баъзе тағйиротҳо ба миён меоянд.

Забони барномасозӣ ва муҳити коркарди лоиҳаро дар зинаи лоиҳабандии таъминоти барномавӣ интихоб менамоянд. Дуруст интихоб намудани муҳити коркарди лоиҳа аз худи барномасоз ва донишҳои доштаи он дар ин соҳа вобаста аст. Лоиҳабандии дурусти таъминоти барномавӣ бояд рушду инкишофи технологияҳои нави барномасозиро баинобат гирад. Дизайни хуби муҳити корӣ дошта бошад. Ҷорӣ намудани таъминотҳои барномавии сохташуда набояд ба душвориҳо оварда расонад. Инчунин барои истифодабарандагон низ набояд душвориҳоро пеш орад.

Адабиёт:

1. Арабов М. Қ. Асосҳои барноманависӣ дар С++. – Душанбе: «РТСУ», 2018. – 400с.
2. Арабов М.Қ. Асосҳои барноманависӣ дар забони PascalABC.NET. Китоби дарсӣ. – Душанбе: РТСУ, 2018. – 302 с.
3. Герберт Ш. Полный справочник по С++. – М.: Вильямс, 2011. – 800 с.
4. Гуриков С. Р. Основы алгоритмизации и программирования на Python : учеб. Пособие. – М.: ФОРУМ ИНФРА-М, 2019. – 343 с.
5. Понамарев В. А. Программирование на С++/С# в VisualStudio .NET 2003. Серия «Мастер программ». – СПб.: БХВ-Петербург, 2004. – 352 с.
6. Шнейдерман Б. Психология программирования: человеческие факторы в вычислительных и информационных системах. пер. с англ. – М., 1984. – 304 с.
7. Назаров А.П., Неъматов Ғ. Н., Умарзода Ш. У. Корҳои лаборатори аз барномасозӣ. – Душанбе, 2018. – 140 с.

Калидвожаҳо: *муҳити кории забонҳои барномасозӣ, муколамагӣ, графикӣ, лоиҳа, пойгоҳи додаҳо, таъминоти барномавӣ ва барнома.*

Аннотация

ВИЗУАЛЬНАЯ СРЕДА ЯЗЫКА ПРОГРАММИРОВАНИЯ

Основой для использования и написания программ на языках программирования является его рабочая среда. Рабочие среды на языках программирования делятся на консольный режим и визуальный режим. В консольном режиме набирается и тестируется только текст программы. Затем скомпилируйте и создайте exe программу. Рабочая среда в визуальном режиме работает на языках на визуального программирования. Под визуальным режимом понимается другой графический режим. Программы, созданные в консольном режиме, состоят, в основном, из текста программы.

Ключевое слов: *визуальный, программы, графический, рабочая среда, языках программирования, использование.*

Annotation

THE VISUAL ENVIRONMENT OF A PROGRAMMING LANGUAGE

The basis for using and writing programs in programming languages is its work environment. The working environment of programming languages is divided into console mode and visual mode. In console mode, only the text of the program is typed and tested. Then compile and create an exe program. The visual mode work environment operates in visual programming languages. Visual mode is considered to mean another graphical mode. Programs created in console mode consist mainly of program text.

Keywords: *program, environment, create, compile, visual, considered, tested, compile, graphical, consist.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Яқубов Муҳаммадҷон Фахридинович, магистранти соли дуюми ихтисоси информатикаи факултети математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Ҳамидов Б.

Сведения об авторе: Якубов Мухаммаджон Фахридинович, магистрант второго курса специальности информатика математического факультета ТГПУ им. С. Айни.

Научный руководитель: доцент Хамидов Б.

About the author: Yaqubov Muhammadjon Fakhridinovich, the 2st year of Master student in the Department of Informatics.

Бобоев Музаффар Нурмуродович,
магистранти соли якуми факултети математика

МОДЕЛСОЗИИ КОМПЮТЕРИВУ МАТЕМАТИКИИ ЛОРЕНС ДАР КИМИЁ

Илми имрӯзаро бе истифодаи тарҳрезии математикӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Асосҳои тарҳрезии компютерӣ аз пайдоиши илмҳои дақиқ сарчашма мегиранд. Ба ин корҳои классикон Нютон ва Эйлер мисол шуда метавонад. Мафҳуми амсилаи (модели) ин ё он объекти табиӣ ба таркиби луғавии риёзӣ пурра ворид шудааст.

Яке аз асосгузорони назарияи хаос математик ва бодуҳавосанҷи амрикоӣ Эдвард Лоренс мебошад. Ӯ ба масъалахои пешгӯии боду ҳаво машғул буд. Мафҳумҳои асосӣ, ба мисли ҳарорат, фишор, суръати шамолро истифода менамуд. Системаи муодилаҳои ҳосилшударо дар компютер тахминӣ ҳисоб менамуд.

Дар соли 1963 Лоренс модели содаи гармигузарониро пешниҳод намуд, ки ба воситаи системаҳои муодилаҳои дифференсиал навишта мешуд.

$$\begin{cases} x' = -\sigma x + \sigma y, \\ y' = rx - y - xz, \\ z' = xy - bz. \end{cases} \quad (1)$$

Системаи (1) ҳаракати моеъро ҳангоми гармӣ додан ба воситаи газ ифода менамоянд. Дар ин ҷо σ, b ва λ тағйирёбандаҳои мусбат буда, σ – адади Прандтал, b− геометрияи омӯхташаванда, λ− адади Релей мебошад. Системаи (2) -ро модели Лоренс меноманд.

Ҳолати оромии системаи Лоренс. Ҳолати оромии системаи (1) гуфта, ҳангоми тарафи рости онро баробари нол кардан дар назар аст.

$$\begin{cases} -\sigma x + \sigma y = 0, \\ rx - y - xz = 0, \\ xy - bz = 0. \end{cases} \Rightarrow \begin{cases} x = 0, \\ x(r - 1 - z) = 0, \\ x^2 = bz. \end{cases} \Rightarrow \begin{cases} x = y, \\ \left[\begin{array}{l} x = 0, \\ z = r - 1, \end{array}\right. \\ x^2 = bz. \end{cases} \quad (2)$$

Яке аз ҳалҳои (2), x = y = z = 0, яъне $P_1 = (0,0,0)$ мебошад. Гуфтан лозим аст, ки системаи (1) барои дилхоҳ қиматҳои параметрҳои система, ҳолоти оромии P_1-ро дорад. Ҳангоми $r \geq 1$ боз ду ҳалли дигар пайдо мешавад: $x = y = \mp\sqrt{b(r-1)}, z = r - 1$. Яъне

$P_2 = (\sqrt{b(\lambda - 1)}, \sqrt{b(\lambda - 1)}, r - 1)$, $P_3 = (-\sqrt{b(\lambda - 1)}, -\sqrt{b(\lambda - 1)}, r - 1)$.

Аз ин ҷой бармеояд, ки системаи (1) се нуқтаи оромиро дорост.

$P_1 = (0,0,0), P_{1,2} = (\mp\sqrt{b(\lambda - 1)}, \mp\sqrt{b(\lambda - 1)}, \lambda - 1)$ (3)

Дар ин ҷой P_1- барои дилхоҳ қиматҳои σ, b ва λ мавҷуд буда ва $P_{1,2}$ танҳо барои қиматҳои λ ≥ 1. Дар атрофи нуқтаҳои (3) бифуркатсия он вақт ба вуҷуд меояд, ки агар ин нуқтаҳо барои баъзе қиматҳои параметрҳо ғайригиперболикӣ бошанд. Умуман калимаи бифуркатсия лотинӣ буда, маънои душохагиро дорад. Яъне ба забони математикӣ ин вайрон шудани шарти ягонагии мавҷудияти ҳал мебошад.

Акнун ба таҳлили гиперболикӣ будани нуқтаҳои (3) шурӯъ менамоем.

Матрисаи Якобии тарафи рости (1) дар ин нуқта чунин намуд мегирад:

$$A = \begin{pmatrix} -\sigma & \sigma & 0 \\ \lambda & -1 & 0 \\ 0 & 0 & -b \end{pmatrix}$$

Қиматҳои ғайрихоси A бошанд намуди зерин доранд:

$$\mu_{1,2} = \frac{-(1+\sigma) \mp \sqrt{(1+\sigma)^2 - 4\sigma(1-\lambda)}}{2}, \mu_3 = -b.$$

Ба хотир меоварем,ки нуқтаи оромӣ ғайригиперболӣ номида мешавад, агар матрисаи Якобии он қиматҳои ғайримавҳуми ±i дошта бошад. Азбаски параметрҳои σ, b, r мусбат ҳастанд, он гоҳ U_0 ғайригиперболӣ ҳангоми λ = 1 мебошад. Дар ин сурат матрисаи Якоби қиматҳои ғайрихоси (0, −σ − 1, −b)-ро дорост. Дар ҳақиқат агар параметрҳои σ ва b қиматҳои доимӣ гиранд, он гоҳ нуқтаи

λ= 1бифуркатсияи (1) мешавад. Ҳангоми гузоштани параметри λ ба қимати λ = 1 дар атрофи нуқтаи оромии U_0-и системаи (1) ду нуқтаи оромӣ U_1 ва U_2 Якоби дар нуқтаи U_1 намуди зерин мегирад:

$$B = \begin{pmatrix} -\sigma & \sigma & 0 \\ 1 & -1 & k \\ k & k & -b \end{pmatrix}$$

ки дар ин ҷо $k = \sqrt{b(\lambda - 1)}$. Нишон додан мумкин аст, ки ҳангоми σ > b + 1 ва $\lambda = \frac{\sigma(\sigma+b+3)}{\sigma-b-1}$ қиматҳои ғайрихоси матрисаи B намуди зайл мегиранд:

$$\mu_{1,2} = \mp i\sqrt{\frac{2\sigma(\sigma+1)}{\sigma-b-1}}, \mu_2 = -(\sigma + b + 1).$$

Агар параметрҳои σ ва b доимӣ бошанд ва σ > b + 1 он гоҳ $\lambda_2 = \frac{\sigma(\sigma+b+3)}{\sigma-b-1}$ нуқтаи бифуркатсияи Андронов-Хопф дар атрофи нуқтаҳои U_1 ва U_2 ба шумор меравад. Аниқтараш ҳангоми гузариши λ аз нуқтаи λ_2 дар атрофи нуқтаҳои оромии U_1 ва U_2 системаи (1) ҳалҳои даврии ғайринулӣ пайдо мешаванд.

Бигзор нобаробарии зерин иҷро шавад: $\lambda > \frac{\sigma(\sigma+b+3)}{\sigma-b-1}$. Дар ин сурат се нуқтаи оромӣ U_0, U_1, U_2 ноустувор мебошанд. Ҳалҳои даврӣ пайдо намешаванд. Лоренс нишон дод, ки ҳангоми σ = 10, b =8/3, λ = 28 ин траекторияҳо ба маҷмӯи $\Omega \subset R^3$ наздик мешаванд, ки он дар адабиёт аттрактори Лоренс ном гирифтааст.

Таҷрибаҳои ададӣ оиди модели Лоренс. Расми 1. Портрети фазавии системаи (1), ҳангоми r = 24,05 (а), r = 24,06 (б).

Рафтори система ҳангоми $r > r^*$ куллан тағйир меёбад, ки рафтори хаотикиро нишон медиҳад (ниг. ба рас. 2).



Расми 2. Графики функсияи x(t), ҳаномі r = 28.



Адабиёт:

1. Муҳаммадиев Э. М., Нров И. Д., Халилова М. Ш. Предельные циклы кусочно-линейных диффренциалных уравнений второго порядка. Уфимский математический журнал. Том 6. №1(2014).
2. Тарасевич Ю. Ю. Математическое и компиютерное моделирование. Изд. 4-е. Испр. – М.: Едиториал УРСС, 2004

Калидвожаҳо: *модел, муодилаҳои дифференсиалӣ, ҳолати оромӣ, муодилаҳои алгебравӣ, портрети фазавӣ.*

Аннотация

КОМПЬЮТЕРНОЕ И МАТЕМАТИЧЕСКОЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ ЛОРЕНЦА В ХИМИИ

В данной статье приведена качественный и компьютерный анализ хаотических процессов. Построена математический модель, с учьетом новых программ. Подчеркивается, что одним из основопожников теории хаоса является американский математик метеоролог Эдвард Лоренс, который в 1963 г. представил простой модель теплопроводимости, написанная системой дифференциальных уравнений.

Ключевые слова: *модель, дифференциальное уравнение, состояние равновесия, алгебрические уравнения, фазовый портрет.*

Annotation

COMPUTER AND MATHEMATICAL MODELING OF LORENTZ IN CHEMISTRY

This article provides a qualitative and computer analysis of chaotic processes. A mathemathical model has been built, taking into account new programes.

Keywords: *model, differential equations, equilibrium states algebric equation, phase portrait*.

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобоев Музаффар Нурмуродович, магистранти кафедраи анализи математикӣ факултети математикии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992939595499, почтаи электронӣ: boboevmuzaffar9@gmail.com

Роҳбари илмӣ: Нуров И.

Сведения об авторе: Бобоев Музаффар Нурмуродович, магистрант кафедры математического анализа ТГПУ имени С. Айнӣ. Тел.: +992939595499, электронная почта: boboevmuzaffar9@gmail.com

Научный руководитель: Нуров И.

About the author: Boboev Muzaffar Nurmurodovich, master the departure mathematical analysis, TSPU named after S. Ayni. Tel.: +992939595499, gmail: boboevmuzaffar9@gmail.com

Scientific director: Nurov I.

Рачабов Маҳмудҷон Саидниъмонович,
магистранти соли дуюми факултети математика

ТАДБИҚИ ЭЛЕМЕНТҲОИ АЛГЕБРАИ ХАТТӢ ДАР СИСТЕМАИ КОМПЮТЕРИИ МАТЕМАТИКИИ MAPLE

Системаи компютерии математикии Maple аз тарафи гурӯҳи олимоне, ки ба ҳисобкуниҳои рамзӣ машғул буданд (The Symbolic Group) ва ин гурӯҳ аз тарафи олимони университети Waterloo – и Канада Кейт Геддз (Keith Geddes) ва Гастон Гоннет (Gaston Gonnet) ташкил шуда буданд, кор карда баромада шудааст. Ин система зиёда аз се ҳазор функсияҳоеро дарбар мегирад, ки онҳо барои ҳалли масъалаҳои алгебраи хаттӣ, геометрияи аналитикӣ, анализи математикӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ, статистика, методҳои оптимизатсионӣ ва ғайраҳо пешниҳод шудаанд.

Мақолаи мазкур ба омӯзиши имкониятҳои пакети ҳисобкуниҳои алгебраи хаттӣ дар системаҳои компютерии математикии ***Maple*** бахшида мешавад**.**

Библиотекаи $Linalg$ қисми асосии фармонҳоро барои ҳалли масъалаҳои алгебраи хаттӣ дар бар мегирад. Бинобар ин пеш аз ҳалли масъалаҳои матритсавӣ ва векторӣ ин библиотекаро бо фармонҳои $with(Linalg)$ фаъол гардонидан лозим мешавад.

Барои муайян кардани векторҳо дар системаи компютерии математикии $Maple$ аз фармони vector $([x_1, x_2, \dots, x_n])$, ки дар ин ҷо координатаҳои векторҳо дар дохили кавсҳои квадратӣ аз ҳамдигар бо вергул ҷудо карда шудаанд, истифода мебаранд. Масалан:

$> x := vektor\ ([1,0,0]);$

$x := [1,0,0]$

Координатаи алакай маълуми вектори $x -$ро дар сатри натиҷа ҳосил намудан мумкин аст, агар фармони $x[i] -$ро дохил намоем, дар ин ҷо $i -$ рақами координатаҳои вектор. Масалан, координатаи якуми векторро дар мисоли овардашуда ин тавр ҳосил намудан мумкин аст:

$$x[1];$$

1.

Векторро бо ёрии фармонҳои $convert(vektar, list)$ ё convert$(list\ vector)$ тағйирот даровардан мумкин аст.

Ҷамъи векторҳо

Ду вектори a ва b -ро бо ёрии ду фармони зерин ҷамъ намудан мумкин аст:

1) $Evalm\,(a + b);$
2) $matadd\,(a, b).$

Фармони add имконияти ҳисоб намудани комбинатсияҳои хаттии векторҳои a ва $b -$ро дорад: $2\alpha + \beta b$, дар ин ҷо $\alpha, \beta -$ бузургиҳои сколярӣ мебошанд, агар фармони $matadd$ $(\alpha, \beta, alpha, beta) -$ро истифода барем.

Ҳосили зарби скалярии векторҳо, Кунҷи байни векторҳо

Ҳосили зарби скалярии ду вектор

$$(a, b) = \sum_{i=1}^{n} a_i b_i$$

бо ёрии фармонҳои $datprad\ (a, b)$ иҷро карда мешавад. Ҳосили зарби вектории ду вектори $[a, b]$ бо ёрии фармони $crossprod\ (a, b)$ иҷро карда мешавад. Кунҷи байни ду вектори a ва b бо ёрии фармонҳои $angle\ (a, b)$ ёфта мешавад.

Нормаи вектор

Нормаи (дарозии) вектори $a = (x_1, x_2, \dots, x_n)$, ки аз рӯйи формулаи $\|a\| = \sqrt{(x_1^2 + x_2^2 + \cdots x_n^2)}$ ҳисоб карда мешавад, бо ёрии фармони $norm\,(a, 2)$ иҷро намудан мумкин аст. Нормиронии вектори $a -$ ро бо ёрии фармонҳои $normalite\,(a)$ иҷро намудан мумкин аст, ки дар натиҷа вектори воҳидии $\frac{a}{\|a\|}$ ҳосил мешавад

Ёфтани базиси системаи векторҳо. Ортогонализатсияи системаи векторҳо бо ёрии протседураи Грамма-Шмидт.

Агар системаи $n -$ векторҳои $\{a_1, a_2, \dots, a_n\}$ мавҷуд бошад, он гоҳ бо ёрии фармони $Basis([a_1, a_2, \dots, a_n])$ базиси ин системаро ёфтан мумкин аст.

Бо ёрии фармони $Cramschmidt\,([a_1, a_2, \dots, a_n)$ ортогоналикунонии системаҳои хаттӣ новобастаи векторҳои $\{a_1, a_2, \dots, a_n\}$ – ро иҷро намудан мумкин аст.

Мисоли 1. Ду векторҳои $a = (2,1,3,2)$ ва $b = (1,2,-2,1)$ дода шудаанд. Ҳосили зарб (a, b) ва кунҷи байни векторҳои a ва b – ро ёбед. Барои ҳалли ин масъала барномаи зеринро тартиб медиҳем:

> *resnart* : *With*(*linalg*) :
$a := ([2, 1, 3, 2]); b := ([1, 2, -2, 1]);$
[2, 1, 3, 2]
[1, 2, −2, 1]
dotprod(a, b);
0
phi = *angle*(*a*, *b*);

$$\phi = \frac{1}{2}\pi$$

Мисоли 2. Ҳосили зарби вектории векторҳои $c = (a, b)$ ва ҳосили зарби скалярии векторҳои (a, b) – ро ёбед, дар ин ҷо $a = (3; -3; 2), b = (4,5,7)$

> *restart*; *with*(*linalg*) :
$a := ([3, -3, 2]); b := ([4, 5, 7]);$
[3, −3, 2]
[4, 5, 7]
$c := crossprod(a, b);$
$\begin{bmatrix} -31 & -13 & 27 \end{bmatrix}$
$dotprod(a, c);$
0

Мисоли 3. Нормаи вектори $a = (2, -2, 1)$ -ро ёбед.

$restart; with(linalg);$
$a := vektor([1,2,3,4,5,6]): norm(a, 2);$
$\sqrt{91}.$

Мисоли 4. Аз системаи векторҳои $a_1 = (1,2,2,-1)$, $a_2 = (1,1,-5,3)$, $a_3 = (3,2,8,7)$, $a_4 = (0,1,7,-4)$ $a_5 = (2,1,12,-10)$ базисро ҷудо намуда, ортогоналӣ будани онро аз рӯйи протседураи Грамма - Шмидт муайян кунед:

$restart; with(linalg);$
$a_1 := vektor([1,2,2,-1]):$
$a_2 := vektor([1,1,-5,3]):$
$a_3 := vektor([3,2,8,7]):$
$a_4 := vektor([0,1,7,-4]):$
$a_5 := vektor([2,1,12,-10]):$
$g := basis([a_1, a_2, a_3, a_4, a_5]);$
$g = a_1, a_2, a_3, a_5$
$GramSchmitd\,(g);$

$$[1; 2; 2; -1], [2; 3; -3; 2], \left[\frac{81}{65}; -\frac{93}{65}; \frac{327}{65}; \frac{549}{65}\right], \left[\frac{1633}{725}; -\frac{923}{724}; -\frac{71}{724}; -\frac{355}{724}\right]$$

5.2. Амалҳо бо матритсаҳо. Муайянкунии матритсаҳо

Барои муайян кардани матритсаҳо дар системаи компютерии математикии $Maple$ аз фармонҳои

$atrix(n, m, [a_{11}, a_{12}, \dots, a_{1n}, [a_{21}, a_{22}, \dots, a_{2m}], \dots, [a_{n1}, a_{n2}, \dots, a_{nm}]])$

истифода мебаранд, дар ин ҷо n – шумораи сатрҳо m – шумораи сутунҳо. Дар ин навишт ададҳоро дохил кардан ҳатмӣ нест, кифоя аст, ки элементҳои матритсаро дар қавсҳои квадратӣ бо вергулҳо ҷудо карда нависем.

Масалан:

$A := matrix\,([[1,2,3], [-3, -2, -1]]);$

$A := \begin{bmatrix} 1\,2\,3 \\ -3\,-2\,-1 \end{bmatrix}$

Дар системаи компютерии математикии $Maple$ матритсаҳои намуди махсус доштаро бо ёрии фармонҳои иловагӣ тасвир намудан мумкин аст. Дар ҳолати хусусӣ матритсаи диоганалиро бо ёрии фармони $diag$ тасвир менамоянд.

Масалан:

$j := diag(1,2,3);$

$j := \begin{bmatrix} 1\,0\,0 \\ 0\,2\,0 \\ 0\,0\,3 \end{bmatrix}$

Матритсаро бо ёрии функсияи $f(i,j)$ аз тағйирёбандаҳои $i,j -$ и индекси матритсаҳо ҳосил намудан мумкин аст. Масалан: $matrix(n,m,f)$, дар ин ҷо $n -$ шумораи сатрҳо $m -$ шумораи сутунҳо.

Масалан:

$> f := (i,j) \to x\hat{}i * y\hat{}j$

$f := (i,j) \to x^i y^j$

$> A := matrix(2,3,f);$

$A := \begin{bmatrix} xy\; xy^2\; xy^3 \\ x^2y\; x^2y^2\; x^2y^3 \end{bmatrix}.$

Шумораи сатрҳоро дар матритсаи A бо ёрии фармонҳои $rondim(A)$, шумораи сутунҳоро бо ёрии фармонҳои $coldim(A)$ муайян кардан мумкин аст.

Амалҳои арифметикӣ бо матритсаҳо

Ҷамъ кардани ду матритсаи якченака монанди фармонҳои ҷамъи векторҳо $evalm(A+B)$ ё $matadd(A,B)$ иҷро карда мешавад.

1) $evalm(A\&*B);$

2) $multiply(A,B).$

Ба сифати аргументи дуюм дар фармонҳое, ки ҳосили зарб иҷро мекунанд, векторро низ нишон додан мумкин аст.

$A := matrix([[1,0],[0,-1]])$

$B := matrix([[-5,1],[7,4]])$

$A := \begin{bmatrix} 1\,0 \\ 0\,-1 \end{bmatrix}$

$B := \begin{bmatrix} -5\,1 \\ 7\,4 \end{bmatrix}$

$v := vektor([2,4]);$

$v: [2,4]$

$multiply(A,v);$

$[2,-4]$

$multiply(A,B);$

$\begin{bmatrix} -5\,1 \\ -7\,-4 \end{bmatrix}$

$matadd(A,B);$

$\begin{bmatrix} -4\,1 \\ 7\,3 \end{bmatrix}$

Фармони $evalm$ инчунин имконияти ба матритса илова намудани адад ва зарби матритса бо ададро дорад.

Мисол:

$c := matrix([[1,1],[2,3]]):$

$evalm(2+3*c);$

$\begin{bmatrix} 5\,3 \\ 6\,11 \end{bmatrix}.$

Адабиёт:

1. Говорухин В. Н., Цибулин В. Г. Введение в Maple V. – СПб.: Питер, 2001.
2. Дьяконов В. П. Maple 6: учебный курс. – СПб.: Питер, 2001.
3. Дьяконов В. П. Математическая система Maple V R3/R4/R5. – М.: Солон, 1998.

4. Латипов С. О., Идиев Ғ. А., Наимов Н. М. Усулҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ дар системаи компютерии математикии Maple (Васоити таълимӣ). – Душанбе, 2019. – 90 с.
5. Манзон Б. М. Maple V Power Edition. – М.: Филин, 1998.
6. Математический пакет для всех. – М.: Мир, 1997.
7. Рычков В., Новиков Ю., Солнышков Д. Компьютер для студента. Самоучитель. – Москва: - 320 с.
8. Цыпкин А. Г. Маълумотнома аз математика. – Душанбе: Маориф, 1989. – 511 с.

Калидвожаҳо: *вектор, матритса, скаляр, системаи компютерии математикӣ, компютер барнома, координата, фармон, кунҷ.*

Аннотация

ПРИМЕНЕНИЕ ЛИНЕЙНЫХ АЛГЕБРАИЧЕСКИХ ЭЛЕМЕНТОВ В КОМПЬЮТЕРНОЙ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ MAPLE

Данная статья посвящена применению линейных алгебраических элементов в компьютерной математической системе MAPLE. Рассмотрено применение системы компьютерной математики Maple при преподавании курса алгебры для студентов специальности «Математика. Информатика» педагогического университета. Приведены примеры решения некоторых задач элементарной и высшей алгебры с использованием системы Maple.

Ключевые слова: *вектор, матрица, скаляр, математическая вычислительная система, программный компьютер, координаты, команда, угол.*

Annotation

APPLICATION OF LINEAR ALGEBRAIC ELEMENTS IN THE MAPLE COMPUTER MATHEMATICAL SYSTEM

This article is devoted to the application of linear algebraic elements in the computer mathematical system MAPLE. The application of the Maple computer mathematics system in teaching an algebra course for students of the specialty “Mathematics. Informatics "Pedagogical University. Examples of solving some problems of elementary and higher algebra using the Maple system are given.

Keywords: *vector, matrix, scalar, mathematical computing system, program computer, coordinates, command, angle.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Рачабов Маҳмудҷон Саидниъмонович, магистранти соли дуюми факултети математика, ихтисоси информатикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷиксистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 907868483

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Латипов С.

Сведения об авторе: Раджабов Махмуджон Саидниъмонович, магистрант второго курса факультета математики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 907868483

Научный руководитель: н.и.п., дотсент Латипов С.

About the author: Rajabov Mahmudjon Saidnimonovich, 2nd year Master of Mathematics, Informatics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 907868483

Научный руководитель: н.и.п., дотсент Латипов С.

Ходжаев Рустам,
магистранти соли дуюми факултети математика

ИМКОНИЯТҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ LINUX

Linux – ин системаи оператсионии муосири POSIX-ҳамҷоя ва UNIX-монанд, барои компютерҳои фардӣ ва стансияҳои корӣ мебошад. Linux – ин системаи оператсионии шабакавии бисёристифодабаранда бо системаи оилавии шабакавии графикии X Window System мебошад. Системаи оператсионии Linux системаҳои кушод ва тамоми протоколҳои шабакаи Интернетро дастгирӣ намуда, бо системаҳои UNIX, DOS, MS Windows ҳамҷоя мебошад. Тамоми ҷузъҳои он, аз ҷумла матнҳои ибтидоӣ бо литсензия барои нусхагирӣ ва насбнамоӣ барои миқдори номаҳдуди истифодабарандагон паҳн карда мешавад.

Системаи оператсионии Linux барои платформаҳои Intel PC 386/486/Pentium… васеъ паҳн шуда, мавқеи худро барои дигар платформаҳо (масалан, DEC AXP, Power Mcintosh ва ғ.) ёфта истодааст.

Системаи оператсионии мазкур барои истифодабарандагони худ чунин имкониятҳоро пешкаш менамояд: озодона истифода намудани системаи оператсионии муосир; кори устувор – яъне, фалаҷшавии кори дилхоҳ барнома ба фалаҷшавии кори система намеорад ва ҳамин тавр кори система устувор мегардад; барои истифодабарандагон ва хусусан барноманависон ҳамчун маводи таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ хизмат намуда метавонад, зеро тамоми матнҳои ибтидоӣ, аз ҷумла ядрои СО пурра пешниҳод мешаванд; барои тамоми хоҳишмандон имконияти санҷидани қувваи худ, ташкили муошират ва тадқиқоти ҳамҷоя тавассути Интернет бо дилхоҳ тартибдиҳандаи СО Linux ва гузоштани саҳми худро бо гирифтани унвони ҳаммуаллифӣ медиҳад.

Баъзе хусусиятҳои хоси Linux ҳамчун системаи оператсионӣ

Бисёрмасъалагӣ – яъне, якчанд масъалаҳо дар як вақт иҷро шуда метавонанд; реҷаи бисёристифодабаранда – дар як мошин, дар як вақт якчанд истифодабарандагон кор карда метавонанд; реҷаи ҳифзшудаи протсессор (386 protected mode); истифодаи самараноки захираҳои хотиравӣ – Linux танҳо кисмҳои истифодашавандаи барномаро аз диск мехонад; тақсимоти саҳифаҳои хотира мувофиқи сабтҳо байни намунаҳои барномаи иҷрошаванда; хотираи виртуалӣ бо ташкили саҳифагии он – аз хотира ба диск на тамоми раванди ғайрифаъол, балки саҳифаи лозимӣ гузаронида мешавад; хотираи умумии барномаҳо ва кэши дискӣ – тамоми хотираи озод барои буферонии мубодила бо диск истифода мешавад; мавҷудияти матни ибтидоии тамоми барномаҳо; дастгирии аксарияти системаҳои файлии паҳншуда; дастгирии шабакаи TCP/IP, аз ҷумла ftp, telnet, nfs ва ғ.

Таъминоти барномавӣ, ки Linux дастгирӣ менамояд. Дар таркиби Linux кор мекунанд: ядрои системаи оператсионӣ; драйверҳо; фармонҳои асосии UNIX, ба монанди ls, tr, sed, awk ва ғ.; маҷмӯи муҳаррирон, ба монанди GNU Emacs, Lucid Emacs, MicroEmacs, jove, ez, epoch, elvis (GNU vi), vim, vile, joe, pico, jed ва ғ.; системаҳои барноманависӣ барои миқдори зиёди забонҳо, ба монанди C, C++, Objective C, Pascal, Fortran, Tcl/tk, Perl, Common Lisp, ML, scheme, ADA, Modula-3, Modula-2, Prolog, Smalltalk, Java, Oberon, Python, Sather ва ғ.; воситаҳои таҳиянамоӣ ва ислоҳнамоӣ, ба монанди gdb, xxgdb, ddd, make, bison, flex, perl, rcs, cvs, prof ва ғ.; китобхонаҳои тақсимшавандаи динамикӣ; иҷрокунандаи (эмулятори) барномаҳои DOS; шабака, дар асоси протоколҳои TCP/IP; аксарияти системаҳои файлӣ, аз ҷумла DOS, VFAT, OS/2, системаи файлии CDROM, системаи файлии шабакавии NFS ва ғ.; почтаи электронӣ; системаҳои идоракунии базаи маълумотҳо, ба монанди Exodus, Shore, Ingres, Postgres 95, mSQL, OBST, Onyx ва ғ.; системаи коркарди барномаҳо барои X Window System, ба монанди Tcl/Tk, Interviews, OI ва ғ.; системаи нашриётии TeX; WYSIWYG-муҳаррири матнии LyX, дар асоси TeX; дигар воситаҳои коркарди матнӣ, ба монанди groff, doc, ez, Linuxdoc-SGML ва ғ.; системаи мултимедиавии Andrew User Interface System (ez қисми он аст); ва дигар садҳо барномаҳо ва бастаҳое, ки дар Linux сохта шудаанд ё ба он гузаронида шудаанд. Аз ҷумла системаи картографии GRASS, системаи таҳлилӣ бо методҳои элементҳои ниҳоии FElt, системаи автоматикунонии лоиҳагирии микросхемаҳои Magic, бастаи лоиҳагирии платаҳои чопии PCB, оссилографи компютерии Scope, системаи автоматикунонии лоиҳагирии SISCAD, системаи рендеринги Radiance, бастаи коркарди маълумотҳои радиоастрономии AIPS ва дигар имкониятҳои зиёд.

Кор дар шабакаи глобалии Интернет. Шабака дар Linux ба монанди шабакаи Интернет ташкил ёфтааст ва дар протоколҳои одатии TCP/IP кор карда, ҳамон имкониятҳо ва воситаҳоро дорад. Бинобар он, компютер бо системаи оператсионии Linux ба таври муқаррарӣ ба шабака пайваст мешавад.

Системаи файлии Linux. Системаи файлии Linux аз ташкили системаи файлии Windows ва DOS бо якчанд хусусиятҳои худ фарқ мекунад.

Дар Windows файлҳои асосӣ дар бастаҳо воқеъ мебошанд, ки дар навбати худ ин бастаҳо ба бастаи \Windows дохил мешаванд. Ҳангоми насбнамоӣ бошад, бастаи \Program Files тартиб дода мешавад, ки ба он одатан, тамоми барномаҳои иловагӣ (почта, барномаҳои зиддивирусӣ ва ғ.) насб карда мешаванд. Ғайр аз ин, бастаи \Мои документы тартиб дода мешавад.

Дар системаи DOS тамоми объектҳо дар як баста ҷойгир карда мешаванд. Дар Linux структураи бастаҳо аз структураи системаҳои қайдшуда фарқ намуда, дар назари аввал нофаҳмо менамояд. Лекин, чунин хулоса танҳо дар ибтидо ба вуҷуд омада, ҳангоми омӯхтани структураи ташкили файлҳои Linux, тамоми саволҳо ҷавоби худро меёбанд. Структураи системаи файлии Linux иерархияи қатъӣ дорад. Ба монанди дигар системаҳо, ба сифати бастаи асосӣ бастаи сатҳи аз ҳама болоӣ қабул шуда, он бо аломати « / « ишора мешавад. Умуман, структураи системаи файлии Linux–ро чунин тасаввур намудан мумкин аст: - бастаи асосӣ;

/bin – барномаҳои асосӣ;

/boot – ҳангоми ба кор даромадани система истифода мешавад;

/dev – дар ин баста таҷҳизотҳо қайд шудаанд (модем, мушак, клавиатура ва ғ.);

/etc – файлҳои конфигуратсия;

/home – бастаҳои хоси (хонагии) истифодабарандагони дар система қайдшуда;

/lib – китобхонаҳо ва модулҳои ядро;

/mnt – нуқтаҳои насбнамоии таҷҳизотҳо (CDRom, диски қаиш, дискҳои системаи Windows, дискҳои шабака);

/root – бастаи маъмури система;

/sbin – барномаҳои системавии асосӣ;

/tmp – файлҳои муваққатӣ;

/usr – бастаи файлҳои муқаррарӣ;

/var – маълумотҳои гуногун.

Тамоми бастаҳо, зербастаҳо ва файлҳои дигарро дар бар дошта метавонанд.

Дар система бояд маъмури системавӣ бошад, ки ҳуқуқи омоданамоӣ, тағйирдиҳӣ ва идоракунии умумии системаро дорад. Агар, истифодабаранда дар компютери тобеи худ Linux–ро насб намояд, ӯ маъмури системавӣ мешавад. Ҳангоми бо номи root ба система дохил шудан, истифодабаранда ҳуқуқҳои номаҳдудро соҳиб мешавад. Ӯ метавонад хусусиятҳои системаро бо хоҳиши худ тағйир диҳад, файлҳоро насб ё хориҷ намояд ва ғ. Дар ин ҳолат, ба сифати бастаи хос (хонагӣ) бастаи /root истифода мешавад.

Лекин, пас аз омода намудани система, доимо ба сифати маъмури системавӣ кор кардан мувофиқи мақсад нест, зеро root ҳуқуқҳои номаҳдуд дошта, тасодуфан ба кори мӯътадили система таъсири манфӣ расонида метавонад. Одатан, ба сифати истифодабарандаи муқаррарӣ кор кардан беҳтар аст, зеро чунин истифодабаранда метавонад бе хавфи дахолат намудан ба хусусиятҳои коршоямии система, дилхоҳ амалиётҳоро иҷро намояд. Ҳангоми, тасодуфан ё надониста ба хориҷнамоии файлҳои муҳим фармон додан, система ба амалиёти мазкур монеъ мешавад, зеро истифодабарандаи муқаррарӣ ба ин ҳуқуқҳои кифоя надорад. Агар, бо вуҷуди он, зарурати тағйирдиҳии омоданамоии система ба вуҷуд ояд, ба система аз нав, ҳамчун маъмур (root) дохил шудан лозим аст.

Ҷамъоварии маълумот оиди компютер. Инак, қабл аз насб намудани системаи оператсионии Linux, қабл аз амалиёти насбнамоӣ, бояд маълумотҳои зарурӣ оиди хусусиятҳо ва имкониятҳои компютер ҷамъ оварда шавад. Одатан, хусусиятҳои компютер ҳангоми насбнамоӣ ба таври автоматикӣ шинохта мешаванд, лекин дар аксарияти ҳолатҳо маълумотҳои қаблан ҷамъовардашуда низ лозим мешаванд. Масалан, муайян намудани хусусиятҳои монитор, видеокарта, мушак, принтер, модем, картаи овозӣ ва ғ. лозим шуда метавонанд.

Муайян намудани ҷои насбнамоӣ. Акнун, пас аз он, ки оиди компютер маълумотҳои зарурӣ ҷамъ оварда шудаанд, ба кадом диск насб намудани Linux–ро муайян намудан лозим аст. Агар компютер дорои ду ё зиёда диски сахт бошад, он гоҳ, системаи оператсионии мазкурро ба яке аз дискҳои холӣ насб намудан мумкин аст. Лекин, одатан аксарияти

компютерҳо бо як диски сахт муҷаҳҳаз мебошанд. Дар чунин ҳолат, Linux ба сифати системаи оператсионии ягонаи компютер насб шуда метавонад, зеро ҳангоми насбнамоии Linux диски сахт «тоза» карда мешавад. Ба компютерҳои дорои як диски сахт ва таҳти системаи оператсионии Windows коркунанда, ҳангоми насб намудани системаи оператсионии мазкур диски сахтро (одатан) ба ду диски мантиқӣ тақсим менамоянд. Амалиёти ба дискҳои мантиқӣ тақсимнамоии диск тавассути барномаҳои махсус автоматикунонида шудаанд. Масалан, барномаҳои оилаи Partition Magic-ро тавсия намудан мумкин аст.

Адабиёт:

1. Комилов Ф., Шарипов Д. Информатикаи татбиқӣ. – Душанбе: Собириён, 2009. – 300 с.
2. Гадоев С. Информатика. – Душанбе, 2002. – 366 с.
3. Федорчук А. В. Мастерство работы в Unix. – М.: Издательский дом "Вильямс", 2005. – 544 с.
4. Кузнецова С. Д. Операционная система UNIX (Учебное пособие). – М., 2003. – 29 с.
5. Поляков А. Д. UNIX 5-th Edition на x86, или не забывайте историю. 17 May 2005. – 160 с.
6. Карпов Д. Ю. “UNIX” пераб.и доп. – М.: ИНФРА-М, 2005. – 240 с.

Манбаъ аз интернет:

7. http:/www.wikipedia.org

Калидвожаҳо: *компютер, файл, системаи оператсионии Windows, MS DOS, веб браузерҳо, драйверҳо, ярлик, папка, экран, программа.*

Аннотация

ОСЕБЕННОСТИ И ОСНОВНЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ LINUX

В этой статье сообщается об основных функциях и возможностях Linux. система операций Linux на платформе Intel PC, система операций на платформе Linux, система операций на платформе Linux, система управления Linux и другие системы компьютерная информация.

Ключевые слова: *компьютер, файл, операционная система UNIX, операционная система Linux, веб браузеры , драйверы , ярлык , папка, экран, программа.*

Annotation

FEATURES AND MAIN FEATURES OF LINUX

In this article, we will talk about the main features and capabilities of Linux. Linux operating system on Intel PC platform, operating system on Linux platform, operating system on Linux platform, Linux management system and other systems computer information.

Keywords: *computer, File, UNIX operating system, Linux operating system, web browsers, drivers, shortcut, folder, screen, program.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ходжаев Рустам, магистранти соли дуюми факултети математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 933792125, ш. Душанбе, кӯч. А. Навоӣ, хонаи 74, ҳуҷраи 4.

Роҳбари илмӣ: дотсент Латипов С.

Сведения об авторе: Ходжаев Рустам, магистрант второго курса математического факультета ТГПУ имени С. Айни. Тел.: +992 933792125, Душанбе, ул. А. Навои, дом 74, ком. 4.

Научный руководитель: доцент Латипов С.

About the author: Khodzhaev Rustam, second year master's student of the Faculty of Mathematics, TSPU named after S. Aini. Tel.: +992 933792125, Dushanbe, st. A. Navoi, house 74, room 4.

Scientific adviser: docent Latipov S.

Ҳоҷиева Туҳфа,
магистранти соли якуми факултети математика

ҲУДУДҲО ВА ТАТБИҚИ ОНҲО ДАР СИСТЕМАИ КОМПЮТЕРИИ МАТЕМАТИКИИ MAPLE

Айни замон, барномасозии илмӣ тағйироти ҷиддиро аз сар мегузаронад. Муҳитҳои интегралӣ дар асоси забонҳои алгоритмӣ рушд карда, истифодаи системаҳои компютерии математикӣ (Maple, Mathematics, MATLAB. MatCad ва ғайра) меафзояд. Ин системаҳо дорои интерфейси барои истифодабаранда мувофиқ, бисёр амалиётҳои стандартӣ ва махсуси математикиро иҷро мекунанд. Ҳамаи ин барои фаъолияти пурсамари мутахассисони соҳаҳои гуногун имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, ки истифодаи тадқиқот ва таълими фаъолонаи бастаҳои математикӣ дар дар ин бора шаҳодат медиҳанд. Системаи компютерии математикии ***Maple*** интихоби хубест барои таҳлили ҳама тадқиқотҳое, ки сар карда аз корҳои лабораторӣ то кашфиётҳои илмӣ математикаро талаб мекунад. Ин бастаҳо таҳия ва иҷрои супоришҳоро осонтар мекунанд, намоишҳо медиҳанд ва мушкилоти тадқиқотӣ ва муҳандисиро хеле зудтар ҳал мекунанд.

Системаи компютерии математикии ***Maple*** воситаи зеҳнӣ дар синфхонаҳо ва намунаи муайянкунандаи рушди математикаи компютерӣ мебошад. Алгебраи компютерӣ ***Maple*** қисми таркибии як қатор бастаҳои муосир гардид. Худи баста доимо такмил меёбад, дастгоҳро рушд медиҳад ва захираҳоро пурра мекунад. Системаи компютерии математикии ***Maple*** як системаи пуриқтидор ва хуб ташкилшуда, боэътимод ва истифодабарии он дар рафти ҳалли масъалаҳои математикӣ осон аст. Азхудкунии ҳатто як қисми имкониятҳои он бешубҳа натиҷа хоҳанд дод ва ҳангоми таҷриба ҷамъ шудан самараи воқеӣ аз ҳамкорӣ бо он ба даст хоҳад омад. Афзалияти дигари бастаи тағйирнопазирии маҷмӯи фармонҳои асосӣ ва сохтори забон ҳангоми пайдоиши версияҳои нав мебошад.

Системаи компютерии математикии ***Maple*** дорои функсияҳо ва фармонҳои як ядрои нисбатан хурд, вале зудсуръати бо забони барномасозии ***C*** навишташуда, дорои китобхонаи асосиест, ки аз 500 фармон ва функсияҳои аллакай бо забони Maple навишташуда ва шумораи зиёди китобхонаҳои махсус мебошанд, ки бо забони худи Maple навишта шудаанд. Аз ин сабаб, дар як муддати кӯтоҳ шумораи зиёди версияҳои системаи компютерии математикии ***Maple*** сохта шуд, ки пурра аз ҷониби корбарони соҳаҳои гуногуни илм ва техника навишта шудаанд.

Системаи компютерии математикии ***Maple*** дорои бастаҳои махсус барои ҳалли масъалаҳои таҳлили математикӣ, алгебраи хаттӣ, назарияи ададҳо, назарияи эҳтимолият ва омори математикӣ, ҳудуд ва интегралҳо, ҳалли системаи муодилаҳо инчунин системаи муодилаҳои дифференсиалии оддӣ ва баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ мебошад.

Системаҳои компютерии математикӣ беш аз пеш дар бисёр соҳаҳои илм, аз қабили математика, физика, химия, информатика, муҳандисӣ, технология ва ғайра истифода мешаванд. Системаҳои компютерии математикӣ ба монанди Maple, Mathematica, MathCad, MuPAD, Macsyma, Reduce, Axiom ва Magma барои ҳалли масъалаҳои таълими фанҳои математикӣ ҳам дар таҳқиқотҳои илмӣ ва ҳам дар соҳаи саноат торафт маъмултар мешаванд. Ин системаҳо воситаҳои тавоно барои олимон, муҳандисон ва омӯзгорон мебошанд. Тадқиқотҳое, ки ба технологияи системаҳои компютерии математикӣ асос ёфтаанд, одатан усулҳои алгебравиро бо усулҳои пешрафтаи ҳисобкунӣ муттаҳид мекунанд. Аз ин ҷиҳат, системаҳои компютерии математикӣ як соҳаи пурқувваттарин дар байни фанҳои математика ва технологияи информатсионӣ мебошад.

Дар системаи компютерии математикии ***Maple*** барои баъзе амалиётҳои математикӣ ду фармон мавҷуд аст: яке мустақиман ва дигаре мавқуфгузошташуда. Номҳои фармонҳо аз ҳарфҳои якхела ғайр аз ҳарфи якум иборатанд: Номи фармонҳои мустақим бо ҳарфи хурд ва номи фармонҳои мавқуфгузошташуда бо ҳарфи калон навишта мешаванд. Пас аз муроҷиат ба фармони амалиётҳои амалҳои математикӣ (интеграл, ҳудуд, ҳосила ва ғайра) дар экран намуди стандартии аналитикии навишти ин амалҳо пешниҳод мешавад. Ҳисобкунӣ дар ин ҳолат якбора иҷро карда намешавад. Фармонҳои мустақим бошанд натиҷаро якбора пешниҳод менамоянд.

Барои ҳисоб намудани ҳудудҳо ду фармон мавҷуд аст:

1) Иҷрошавии мустақим - $\boldsymbol{limit(expr, x = a, par)}$, ки дар ин ҷо $\boldsymbol{expr}$ – ифодае, ки ҳисоб кардани ҳудуди он талаб карда мешавад, $\boldsymbol{a}$ – қимати нуқтаҳое, ки ҳудуд ҳисоб карда мешавад,

par – параметри ғайриҳатмӣ барои ҷустуҷӯи ҳудудҳои яктарафа (***left*** – аз чап, ***right*** – аз рост) ва ё нишон додани типи тағйирёбанда (***real*** – ҳақиқӣ, ***complex*** –комплексӣ).

2) Фармонҳои мавқуфгузошташуда ***Limit(expr,x = a,par),*** параметри фармонҳо монанди ҳолати пештара ифода карда мешаванд. Мисоли амалиётҳои ин фармонҳо:

$$Limit(\cos(2*x)/x, x=0);$$

$$\lim_{x\to 0}\frac{\cos(2x)}{x}$$

Бо ёрии ин ду фармон навиштани ҳисобкуниҳои математикӣ дар намуди стандарти аналитикӣ қабул карда шудааст.

Масалан:

$$Limit(x*(\mathrm{Pi}/2+arcctan(x)), x=-infinity)=$$
$$Limit(x*(\mathrm{Pi}/2+arcctan(x)), x=-infinity);$$

$$\lim_{x\to -\infty} x\left(\frac{1}{2}\pi + arcctan(x)\right) = \lim_{x\to -\infty} x\left(\frac{1}{2}\pi + arcctan(x)\right)$$

Ҳудудҳои яктарафа бо нишон додани параметрҳои ***left*** - ёфтани ҳудуд аз чап ва ***righ*** - ёфтани ҳудуд аз рост ҳисоб карда мешаванд.

Масалан:

$$Limit(1/(1-\exp(1/x)), x=0, left);$$

$$\lim_{x\to 0^-}\frac{1}{1-e^{\frac{1}{x}}}$$

$$Limit(1/(1+\exp(1/x)), x=0, right)=$$
$$limit(1/(1+\exp(1/x)), x=0, right);$$

$$\lim_{x\to 0^+}\frac{1}{1+e^{\frac{1}{x}}}=0$$

$$limit(1/(1+\exp(1/x)), x=0, right);$$

$$0$$

Мисоли 1. Ҳудуди

$$\lim_{x\to 1}(1-x)ctg\frac{\pi x}{2}$$

ҳисоб карда шавад.

Ҳал. Барномаи ҳисоб намудани ҳудудро менависем:

$$Limit((1-x)*ctan(\mathrm{Pi}*x/2), x=1)=$$
$$limit((1-x)*ctan(\mathrm{Pi}*x/2), x=1);$$

$$\lim_{x\to 1}(1-x)\,ctan\left(\frac{1}{2}\pi x\right)=0$$

Мисоли 2. Ҳудудҳои яктарафаро ҳисоб кунед.

1) $\lim\limits_{n\to 1-} arcctg\frac{1}{1-x}$;

2) $\lim\limits_{n\to 1+} arcctg\frac{1}{1-x}$.

Ҳал. Барномаи ҳисоб намудани ҳудудро менависем:

$$Limit(arcctan\,(1/(1-x)),\, x=1,\, left) =$$
$$limit(arcctan\,(1/(1-x)),\ x=1,\ left);$$

$$\lim_{x\to 1^-} arcctan\left(\frac{1}{1-x}\right) = \lim_{x\to 1^-} arcctan\left(\frac{1}{1-x}\right)$$

$$Limit(arcctan\,(1/(1-x)),\, x=1,\, right) =$$
$$limit(arcctan\,(1/(1-x)),\, x=1,\, right);$$

$$\lim_{x\to 1^+} arcctan\left(\frac{1}{1-x}\right) = \lim_{x\to 1^+} arcctan\left(\frac{1}{1-x}\right)$$

Адабиёт:

1. Прохоров Г. В., Леденев М. А., Колбеев В. В. Пакет символьных вычислений Maple V. – М.: Петит, 1997.
2. Говорухин В. Н., Цибулин В. Г. Введение в Maple V. Математический пакет для всех. – М.: Мир, 1997.
3. Латипов С. О., Идиев Ғ. А., Наимов Н. М. Усулҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ дар системаи компютерии математикии *Maple.* – Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2019.
4. Латипов С. О., Идиев Ғ. А. Тадбиқи табдилдиҳии айниятии ифодаҳо дар системаи компютерии математикии Maple. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмю амалӣ ва методии “Масъалаҳои муҳими рушди илми информатика ва мушкилиҳо дар ҷараёни таълими он дар муассисаҳои таълимӣ” (“Бахшида ба бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040). – Душанбе, 2020. саҳ. 7-11.
5. Латипов С. О., Идиев Ғ. А., Самиев М. Б. Оператори дифференсиронӣ ва тадбиқи он дар яке аз системаҳои компютерӣ. Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалӣ ва методии «Нақш ва мақоми технологияҳои иттилоотӣ дар рушд ва инкишофи таълими босифат» («Бахшида ба 75- солагии дотсенти кафедраи ТИК Ҳамидов Бахридин ва Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» солҳои 2020-2040). – Душанбе, 2020. саҳ. 113-115.

Калидвожа: *ҳудуд, система, математика, системаи компютерии математикӣ.*

Аннотация

ПРИМЕНЕНИЕ И РАЗРАБОТКА ПРЕДЕЛОВ В КОМПЬЮТЕРНОЙ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ MAPLE

Данная статья посвящена применению элементов математического анализа в компьютерной математической системе MAPLE.

Ключевые слова: *пределы, система, математика, математическая компютерная система*

Annotation

THE DEVELOPMENT AND APPLICATION OF THE ECONOMIC MODELS IN THE COMPUTER MATHEMATIC SYSTEM MAPLE

The development and use of the economic models in the computer mathematic system MAPLE is viewed in the article.

Keywords: *model, economic, computer, mathematic, computer mathematic system*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳоҷиева Туҳфа, магистранти соли якуми ихтисоси информатикаи факултети математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Суроғa: шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев 24. Тел.: (+992) 918577658

Сведения об авторе: Ходжиева Тухфа, магистрантка первого курса специальности информатики факультета математики ТГПУ им. Садриддин Айни. Адрес: город Душанбе, район Сино, улица Р. Набиева 24. Тел.: (+992) 918577658

About the athour: Hogieva Tuhfa, the 1nd year master’s Degree student of the Information Faculty TSPY named after Sadriddin Ayni, address: Dushanbe Sino District, R.Nabiev 24 str. Tel: (+992) 918577658

Мирзоева Мехринисо Кувваталиевна,
магистрантка второго курса факултета дизайна
Государственного института изобразительного искусства и дизайна Таджикистана

ЦВЕТОВЫЕ РЕШЕНИЯ В ТКАНИ

Работа с цветом – большое наслаждение и большая ответственность. Это то,с чем мы имеем дело постоянно и ежедневно с самого рождения и то,чем владеют немногие из нас . Воспитание чувства цвета одно – из составляющих образования художника, дизайнера, архитектора. При этом, следует сразу оговориться, что дизайнер и архитектор при применении того или иного цветового сочетания придерживается несколько иных предпосылок, нежели художник. Художник более свободен независим в своем творчестве чем дизайнер. Его творчество – это результат переосмысления, мироощущения, отражение взгляда художника на те или иные явления или проблемы,открытие ранее неизведанных чувств и ощущений, желание поделиться увиденным с окружающими. По сути, дизайнерские произведение является намного более анонимными произведением и представляет собой трехчастный объект,выражащий потребности заказчика +желание предугадать и вызвать определенную реакцию потрибителя +отпечаток профессиональных взлядов и вкусов дизайнера.

Современная психология выделяет в цветовом зрении два качественных уровня: ощущение цвета и восприятие цвета. Требует выделить и третий уровень - чувство цвета.

Оптические свойства тканей. Назначение и некоторые свойства тканей во многом зависят от их колористического оформления: цвета, колорита, характера расцветки и вида печатного рисунка.

Цвет. Цвет - это зрительное ощущение света определенного спектрального состава. В состав дневного света входят следующие монохроматические цвета: красный, оранжевый, желтый, зеленый, голубой, синий, фиолетовый. Первые три цвета называются теплыми - они яркие, хорошо выявляют фактуру ткани, способствуют поглощению тепловых лучей. Последние три цвета называются холодными - они менее яркие, скрывают фактуру ткани, отражают тепловые лучи. Очевидно, что для районов с жарким климатом целесообразно использовать для одежды ткани, окрашенные в холодные цвета. Чисто-зеленый цвет является нейтральным.

Цвет ткани зависит от ее способности отражать или в той или иной степени поглощать световые лучи. Если ткань отражает все падающие на нее лучи, то она будет белой, если все поглощает - черной. Неполное отражение всех лучей от ткани дает серый цвет.

Цвет ткани определяется лучами, которые она отражает, поглощая или пропуская сквозь себя все остальные. Хроматические цвета могут характеризоваться тональностью, светлотой, яркостью и насыщенностью, ахроматические (черный, серый, белый) - только светлотой. Например, черный бархат обладает меньшей светлотой, чем другие ткани черного цвета. Среди беленых тканей встречаются ткани различной степени белизны, т. е. светлоты. Различные серые ткани можно получить от переплетения черных и белых нитей или из крученых нитей, состоящих из черной и белой пряжи'. В зависимости от толщины черной или белой нити получают серую ткань той или иной светлоты.

Тональностью цвета называют его различные оттенки, которые находятся в спектре между соседними цветами. Насыщенность цвета, или его интенсивность, присуща цветам спектра. Чем дальше хроматические цвета от спектральных, тем менее они насыщены. Хроматические цвета на ткани могут быть получены также путем субтрактивного и оптического смешения цветов (трехцветная печать), в результате которого создается впечатление многоцветного печатного рисунка.

Эффект оптического смешения цветов используется и при выработке тканей пестротканым способом, при использовании в качестве нитей мулине и меланжевых (в тканях шотландка, эпонж). Например, смесь равных количеств волокон красного и синего цветов даст пряже фиолетовый цвет; если в смеси будут преобладать волокна красного цвета, пряжа будет красной с пурпуровым оттенком; если в смеси будут преобладать волокна синего цвета, пряжа будет синей с фиолетовым оттенком [2].

Колорит. Колорит - соотношение всех цветов, участвующих в расцветке ткани. Соответствующим цветом можно придать ткани жизнерадостный, яркий или мрачный колорит. Колорит зависит не только от тона, светлоты и насыщенности цвета, но и от количественного соотношения цветов. Например, большое значение имеет фон, на котором изображен рисунок. Один и тот же рисунок может быть выполнен в разных цветах и на разных фонах, при этом колорит ткани меняется.

В зависимости от моды, сезона и других факторов одежда может быть изготовлена из тканей одного рисунка, но разного колорита.

Широкое распространение имеют все оттенки серого (от темного до светло-жемчужного), а также белый, черный, зеленый (шалфей, бутылочный), каштановый, шоколадный и бежевые цвета, все нежные оттенки голубого и розового. Всегда модны ткани коричневого цвета всех оттенков, свинцово-зеленого, изумрудно-зеленого, синего, лилового, а также черного цветов.

Расцветка тканей и виды рисунков. По способу колористи-ческого оформления различают ткани беленые, гладкокрашеные, пестротканые, меланжевые, мулинированные, напечатанные. В небольшом количестве выпускаются также ткани суровые и полубелые.

Беленые ткани получаются при обработке их белящими со-ставами. Степень белизны может быть различной: сорочечные ткани имеют степень белизны 90-100%, бельевые 75-85%, костюмно-платьевые около 70%• Белизна сорочечных тканей придает им нарядный вид, белизна бельевых тканей подчеркивает их гигиенические функции, умеренная белизна с легким кремовым оттенком костюмно-платьевых тканей производит приятное впечатление.

Полубелые ткани - это частично отбеленные льняные ткани с кремовым оттенком (полотна, холсты, нелотенца), приятные на вид и обладающие высокой прочностью.

Суровые ткани - это ткани, не подвергавшиеся белению. Имеют цвет исходного волокнистого материала. Суровыми вы-пускают в основном льняные ткани (полотна, бортовки, парусины). В небольшом количестве выпускают суровыми хлопчатобумажные ткани (миткаль, ткань карманная).

Гладкокрашеные ткани характеризуются поверхностью, однородно окрашенной в различные цвета в зависимости от вида ткани и ее назначения. Такие ткани делят на виды по тоновым оттенкам и нумеруют по тонам. Например, в синей гамме могут быть тона васильковый, перванш, ультрамарин, индиго, кубовый; в красной - малиновый, розовый, полевой гвоздики, гранатовый, вишневый, бордо, клубничный, земляничный, брусничный, пунцовый,' клюквенный, рубиновый, кумачевый, алый, томатный, рябиновый и т. д.

Пестротканые ткани оформляются в процессе ткачества, при котором нити разных цветов используются в основе и утке или только в одной из этих систем. В результате на лицевой и изнаночной сторонах ткани возникают цветовые полосы, диагонали, клетки, жаккардовые узоры. Применив различно окрашенные нити для основы и утка при выработке некоторых гладких тканей (саржи, атласа), получают эффект переливающегося цвета - «шанжан».

Меланжевые ткани вырабатываются, изготовленной из смеси разноокрашенных волокон. При смешивании разнеокрашенных волокон получают разнообразные цветовые эффекты: на темном фоне белая искра, серые цвета различной светлоты, различные оттенки зеленого, оранжевого, фиолетового, бурого, коричневого и т. д.

Ткани, вырабатываемые из двухцветной крученой пряжи, также относятся к группе меланжевых.

Мулинированные ткани вырабатываются из двухцветной или многоцветной крученой пряжи, состоящей из нитей разного волокнистого состава. При скручивании шерстяной пряжи с вискозной нитью или капроном разных цветов получают нити, из которых вырабатывают ткани с цветовыми эффектами, подобные меланжевым тканям.

Напечатанные ткани получают путем нанесения на них узорчатой расцветки с помощью печатных машин или сетчатых шаблонов. Эти ткани характеризуются большим многообразием . печатных рисунков, что вызвало необходимость создания специальной типовой серийной коллекции - альбомов, в которых помещены образцы тканей типовых рисунков, сгруппированных по сериям и литерам. Наибольшее количество серий охватывает группа платьевых тканей (51 серия), из которых летние ткани имеют 24 серии рисунков, демисезонные 18 серий, а зимние 9 Например, 5-я серия включает в себя рисунки £ виде полосок, горошка, колечек одно- и двухцветных для детских платьев и сорочек; 12-я серия - рисунки в виде одноцветной мелкой и средней клетки для блузок, платьев и детских костюмов; 27-я серия - в виде клетки многоцветной, вытравной для блузок и детских платьев и т. д.

Многообразие печатных рисунков объясняется тем, что оно зависит от вида печати, от степени покрытия рисунками площади ткани, от характера и формы рисунка, от назначения ткани и швейных изделий, изготовляемых из нее, а также от того, может ли повлиять рисунок на процесс раскроя тканей и пошива изделий.

Есть и другие примеры усиления интереса к растительным красителям. Сеть фастфуд-заведений мексиканской кухни Chipotle выпустила собственную коллекцию одежды, в которой часть вещей была окрашена при помощи косточек авокадо. Так компания одним махом смогла

решить сразу несколько задач: минимизировать отходы (авокадо массово используются в ключевом блюде их ассортимента - гуакамоле), привлечь внимание общественности к идее альтернативного окрашивания тканей и собрать деньги для организаций, помогающих внедрить экологичные технологии в процессы производства тканей и фермерские хозяйства.

Литература:

1. Ганизода Дж. Ш., Наджмиддинов К. А., Мукимова С. Р. – О сновы композиции. – Лекция, 12 Цвет. – С. 97-100.
2. Баженов В. И. Материалы для швейных изделий. – Оптические свойства тканей. – С. 167-172.

Ключевые слова: *шерсть, текстиль, переплетение, шелк, хлопок, лен, синтетика, наука.*

Аннотатсия

ТОБИШИ РАНГҲО ДАР МАТОЪ

Дуруст интихоб кардани маводи бофандагӣ барои либос бо ба назар гирифтани мӯд ва хусусиятҳои раванди технологии истеҳсоли либос шарти мудимтарини беҳтар намудани сифати либос мебошад. Аз ин рӯ, рассоми мӯд, ки бори аввал бо маводи нассоҷӣ кор карданро оғоз мекунад, бояд на танҳо хосиятҳои онро хуб донад, балки онҳоро ҳамчун либоси дорои хосиятҳои пешакӣ муайяншуда, ки барои пӯшидан бароҳатӣ фароҳам меорад, истифода барад. Илова бар ин, ӯ бояд имкониятҳои коркарди маводи интихобшуда барои маҳсулот, тағйир додани хосиятҳои маводро ҳангоми истеҳсоли маҳсулот донад ва аз ин тағйирот истифода бурда тавонад, шакл ё сӯроби мушаххасро эҷод кунад.

Калидвожаҳо: *пашм, бофандагӣ, абрешим, пахта, синтетика, илм.*

Annotation

MATERIALS SCIENCE - THE SCIENCE OF THE STRUCTURE AND PROPERTIES OF MATERIALS

The correct choice of textile material for a garment, taking into account the fashion and features of the technological process of garment production, is the most important condition for improving the quality of garments. Therefore, an artist fashion designer who first starts working with textile material should not only perfectly know its properties, but also use them as to create clothes with certain, predetermined properties that provide comfort to wear. In addition, he must know the possibilities of processing the selected material into a product, changing the properties of the material during the manufacture of the product and be able to use these changes to create a specific shape or silhouette.

Keywords: *wool, textile, weave, silk, cotton, linen, synthetics, science.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирзоева Меҳринисо Қувваталиевна, магистранти соли дуюми факултети дизайни Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон. Телефон: +992 987516661

Роҳбари илмӣ: Сотникова М. И.

Сведения об авторе: Мирзоева Мехринисо Кувваталиевна, магистрантка второго курса факультета дизайна Государственного института изобразительного искусства и дизайна Таджикистана. Телефон: +992 987516661

Научные руководитель: Сотникова М. И.

About the author: Mairzoeva Mehriniso Quvvatalievna, 2nd year undergraduate student, Faculty of Design, State Institute of Fine Arts and Design, Tojikiston. Phone number: +992 987516661

Science manager: Sotnikova M. I.

ТАБИАТ ВА МУҲИТ

Ғафуров Самариддин,
магистранти соли дуюми факултети география

ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН – МАНБАИ АСОСИИ ҲАЁТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Кӯҳҳои осмонбӯси Тоҷикистон манбаи бузурги пиряхҳо мебошанд. Ҳудуди кӯҳсори Тоҷикистон дорои захираҳои калони яхбандиҳои ҳозира буда, онҳо сарчашмаи асосии ғизогирии дарёҳо ва омили асосии зисту зиндагӣ ва фаъолияти сокинон набалки Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ ба шумор мераванд. Хотирнишон бояд кард, Тоҷикистон бинобар хусусиятҳои ҷуғрофи ва иқлимии худ дар Осиёи Миёна маркази азими яхбандӣ ба шумор меравад [1]. Дар минтақаи баландкӯҳи Тоҷикистон пиряхҳои зиёде мавҷуданд. Агар масоҳати умумии пиряхҳои Осиёи Миёна 17000 то 18000 ҳаз. км² - ро ташкил намояд, 60 % - и он ба қаламрави Тоҷикистон рост меояд. Чунин миқдори ях дар натиҷаи ғуншавии барфҳои бисёрсола, ки тақрибан аз баландии 3400 то 5240 м сар мешавад, ба вуҷуд омадааст. Пиряхҳои Тоҷикистон асосан дар кӯҳистони Помир воқеъ гардидаанд. Масоҳати онҳо 8500 километри мураббаъ буда, аз 8493 пиряхи хурду калон иборат аст. Аз ин баландиҳо хати барфи мегузарад. Ҳангоми ҳаракати пиряхҳо забонаи онҳо аз хати барфи поён мефарояд. Дар натиҷа онҳо аз гармии ҳаво об шуда, ғизогирии дарёҳоро дар фасли тобистон таъмин менамоянд. Аз онҳо дарёҳои калони Осиёи Миёна ғизо гирифта, заминҳои хушкро обшор мегардонанд [9].

Пиряхҳо сарвати бебаҳои табиат мебошанд. Мутаассифона, дар кишвари мо захираи пирях то 20 км мукааб коҳиш ёфтааст. Пиряхи Федченко - муъҷизаи беҳамтои табиати афсункори Тоҷикистон буда, дар нишебии шарқии қаторакӯҳи Академияи Илмҳодар Помир ҷойгир шудааст. Ин пирях аз пайванди қаторакӯҳи Академияи Илмҳо бо силсилакӯҳи Язғулом дар мавзеи қуллаи Инқилоб (6974 м.) маскан гирифтааст. Минтақаи ғизогирии пирях дар баландиҳои 6200 то 6300 м., вале забонаи он дар води дарёи Селдара (шохоби Моқсу) то баландии 2909 м. паст фаромадааст [7].

Пиряхи Федченко дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон ҷойгир аст. Он дарозтарин пирях дар ҷаҳон берун аз минтақаҳои қутбӣ буда, яке аз даҳ пиряхи калонтарин дар ҷаҳон аст. Ин пирях пиряхи водигию кӯҳи ба шумор меравад. Дар китоби „Рекордҳои Замин” дохил шудааст. Дарози ин пирях 77 км., масоҳаташ 650 км², ғафсиаш 700 то 1000 метр буда, паҳнояш то ба 3 то 5 км². мерасад (ба ҳисоби миёна 1800 м.). Ҳаҷми умумияш ба 93,8 км³ баробар буда, дар он қариб 100 км³ об захира шудааст.

Ба он қариб 50 шохоб ҷорӣ мешавад, ки баъзеи онҳо пиряхҳои калонтарини Осиёи Миёна буда, масоҳаташон аз 30 километри мураббаъ зиёд аст. (пиряхҳои Бивачный, Наливкин, Витковский, Академияи фанҳо). Маҷрои болоии шохобҳои пирях ба баландии 7480 метр аз сатҳи баҳр расида, нуги забони он то ба баландии 2910 метр мерезад. Ғафсии яхи пирях дар минтақаи боло аз 800 метр зиёд буда, ҳаҷми умумии ях бо шумораи шохобҳои пирях қариб 130 километри мукаабро ташкил медиҳад [7].

Пиряхи мазкурро соли 1876 сайёҳи рус В. Ф. Ошанин кашф намуда, онро ба хотири дӯсташ А. П. Федченко, яке аз нахустин муҳаққиқони Осиёи Миёна номгузори намуда буд. Тобистони соли 1908 капитани рус Н. И. Косиненко ва ҳамкоронаш қариб нисфи масоҳати пиряхро омӯхтанд. Бо иқдоми Н. П. Горбунов, дар канори пиряхи Федченко хонаҳои истиқоматӣ ва пойгоҳи обуҳавосанҷӣ дар баландии 4169 м. насб карда шуд ва 7-уми ноябри соли 1933 ба фаъолият оғоз намуд. Соли 1957-1959 дар пиряхи Федченко гурӯҳи калони мутахассисони дохилию байналхалқӣ аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, Русия, Олмон ва ғайра иборат аз 100 нафар корҳои таҳқиқоти бурданд. Соли 1983 ҷашнини масраи таъсиси пойгоҳи обуҳавосанҷии пиряхи Федченко таҷлил гашт ва фотеҳони аввалини он бо мукофотҳои хотиравӣ қадршиноси гардиданд ва ба ин пойгоҳ номи Николай Петрович Горбунов гузошта шуд. Солҳои тӯлонӣ дар ин пойгоҳ 4-6 нафар ходимони ҷасур фаъолияти муҳим ва мушкилро ба уҳда доштанд. Бинобар воқеоти маълум соли 1995 ин пойгоҳ аз фаъолият боз монд ва 12 сентябри соли 2003 дар ин майдон пойгоҳи автоматики обуҳавосанҷии америкоӣ **(«Кембелл Сайн-тафик»)** насб гардид. Ҳоло зарурияте пеш омадааст, ки ин пойгоҳ аз нав муҷаҳҳаз ва бо мутахассисон таъмин ва ба кори мунтазам шурӯъ намояд. Аз мушоҳидаҳои бисёрсола маълум гаштааст, ки 70% бориш дар сатҳи пиряхи Федченко дар мавсими хунуки сол (октябр-апрел) ба амал меомадааст ва он дар мавзеъҳои гуногун тафовут дорад [4].

Айни замон пиряхи Федченко солее бо суръати 10–16 м. таназзул ёфта истодааст. Дар 10 соли охирин пирях беш аз 1 км. Кӯтоҳ ва сатҳаш беш аз 50 м. паст фаромадааст. Қариб ҳамаи

шохаҳои пиряхи Федченко аз танаи асоси ҷудо шуда, мустақил гаштаанд. Ин вазъият аз таназзули умумии пирях башорат медиҳад. Аз ин хотир омӯзиши минбаъдаи пирях аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Айни замон 11 шохаи пиряхи Федченко аз танаи асосии пирях ҷудо шуданд. Мушоҳидаи байни солҳои 1928 – 1968 собит намудаанд, ки пирях ба андозаи 460 м. коҳиш ёфтааст. Агар ин рақамро ҳамчун асоси бо эътимод қабул намоем, он гоҳ пиряхи Федченко ба ҳисоби миёна соле ба андозаи миёна 10,4 м. кӯтоҳ шудааст. Агар ин раванд дар солҳои минбаъда давом ёфта бошад, пас соли 2005 ба андозаи 384,8 м. кӯтоҳ ва ё нисбат ба нишондиҳандаи аввала 844,8 м. коҳиш ёфтааст ва ин ҷараён дар замони мо идома дорад. Суръати ҳаракати миёнаи фирнаҳои паҳлугии пиряхи Федченко 216 м., қисми миёнааш 252 ва назди забонааш дар як сол ба 126 м рост меояд. Суръати обшавии сатҳи пирях дар як шабонарӯз 3,5 – 6 см, дар як сол ба 2,5–3, 5 м баробар аст. Дар соли 1868 ва солҳои 1910 – 1913 пиряхи Федченко 800–1000 м ба пеш ҳаракат кардааст, яъне дарозиаш афзудааст. Аз солҳои 1954 то 1964 забонаи пирях зиёда аз 5580 м. кӯтоҳ ва ғафсии қисми поёнии он 10 м. паст шудааст [6].

Экспедитсияи илмие, ки хадамоти обуҳавосанҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2005–2006 баргузор намуда буд, доир ба як қатор пиряхҳои Тоҷикистон, аз ҷумла нисбат ба пиряхи Федченко, маълумотҳои нав ба даст овард. Маълум шуд, ки тӯли 26 сол (яъне байни солҳои 1980 - 2006) пирях 50 м. ва ё ба ҳисоби миёна соле 2 м. таназзул ёфтааст.

Пиряхи Федченко натанҳо об мешавад, ҳамзамон «коҳиш» низ меёбад. Байни солҳои 1976 – 1988 пиряхи Федченко қариб 1,8 км^3 ҳаҷми танаи асосиашро талаф дод. Муҳаққиқон дар заминаи омӯзиши таҳаввули пиряхи Федченко дар нимаи дуюми асри ХХ ба хулосае омаданд, ки то соли 2050 163,3 км^2 ва ё 44,5% коҳиш меёбад ва дар якҷояги ба 381 км^2 – ро ташкил медиҳад [2].

Баъзан дар натиҷаи сустоб шудани пиряхҳо оби дарёҳо кам шуда талаботи хоҷагиро дар ҳама қисмҳои Осиёи Миёна ва Тоҷикистон, аз ҷумла он қаламравҳое, ки 100 – ҳо ҳазор км аз минтақаи кӯҳҳо дуранд, пурра қонеъ гардонида наметавонанд. Чунин ҳолат як қисми яхшиносонро ба хулоса овард, ки дар мавриди камоб шудани пиряхҳо ва кам шудани оби дарёҳо барои тезонидани суръати обшавии яхҳо ба сатҳи онҳо бояд ҳама гунна хоку ғаш пошид. Дар баъзе китобҳо ин гунна чорабиниро ҳамчун таҷрибаи мусбат ба қалам додаанд. Аммо ин фикр начандон дуруст аст. Зеро ки дахолат ба суръати обшавии пиряхҳо натиҷаи дилхоҳ намедиҳад ва ҳам пиряхҳо дар давоми садҳо ҳазор сол дар зери таъсири қонунҳои табиӣ шакл гирифтаанд [8]. Агар инро ба инобат нагирифта аз руи зарурати дар гузар амал намоем, дар он сурат ҷараёни обшавии табиии пиряхҳо ба таври сунъӣ тезонда мешавад, ки барои кам гардидани масоҳати яхбандии ҳозира оварда мерасонад. Бе ин ҳам як қисми пиряхҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон давраи таназзулро аз сар гузаронида истодааст.

Адабиёт:

1. Ғаффоров Ш. Диққати асосӣ ба азхудкунии бойигариҳои табиӣ. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 211 с.
2. Кабутов М. К. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2005. – 208 с.
3. Муҳаббатов Х. М. Табиат ва сарвати кӯҳсор. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 180 с.
4. Муҳаббатов Х. М., Акобиров Ш., Раҳимов М. Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: Маориф, 2020. – 255 с.
5. Муҳаббатов Х. М., Диловаров Р. Д., Акобиров Ш. З. Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографии он. – Душанбе: Донишварон, 2019. – 325 с.
6. Муҳаббатов Х. М., Раҳимов М. Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 312 с.
7. Муҳаббатов Х. М., Шарипов И. Н. Мавзеъҳои ҳифзшаванда ва сайёҳии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭРграф, 2013. – 104 с.
8. Раҳимов М. Табиат ва сарватҳои табии Тоҷикистон. – Душанбе: ПИК-Офсет, 2001. – 141 с.
9. Селиванов Р. Табиат ва сарватҳои табии Тоҷикистон. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. – Сталинобод, 1959. – 142 с.

Калидвожаҳо: *муҳақиқон, шохобҳо, таҳқиқиҳаматарафа, мутахассисон, дохилию байналхалқӣ, муҷаҳҳаз, палеоглятсиолог, экспедитсия, таназзул, обёрикунанда*

Аннотация

ЛЕДНИКИ ТАДЖИКИСТАНА - ГЛАВНЫЙ ИСТОЧНИК ЖИЗНИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Горная местность Таджикистана богата современными ледниковыми ресурсами, которые являются основным источником питания реки и важным фактором в жизни и деятельности ее жителей не только в Таджикистане, но и в Центральной Азии. Следует отметить, что Таджикистан является крупным ледниковым центром Центральной Азии в силу своих географических и климатических особенностей. В высокогорьях Таджикистана много ледников.

Ключевые слова: *исследователи, отрасли, комплексные исследования, специалисты, отечественные и зарубежные, документальный фильм, палеоглициолог, экспедиция, деградация, ирригация.*

Annotation

ICE OF TAJIKISTAN - THE MAIN SOURCE OF LIFE IN CENTRAL ASIA

The mountainous terrain of Tajikistan is rich in modern glacial resources, which are the main source of water for the river and an important factor in the life and work of its inhabitants not only in Tajikistan and Central Asia. It should be noted that Tajikistan is a large glacial center in Central Asia due to its geographical and climatic characteristics. There are many glaciers in the highlands of Tajikistan.

Keywords: *researchers, industries, comprehensive research, specialists, domestic and foreign, documentary film, paleoglyciologist, expedition, degradation, irrigation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғафуров Самариддин, магистранти соли дуюми кафедраи географияи табии факултети географияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, суроғa: н. Нуробод. Тел.: +992 985464505

Роҳбари илмӣ: н.и.г., дотсент Рауфов Раҳматулло

Сведения об авторе: Гафуров Самариддин, магистрант второго курса кафедры естественной географии географического факультета Таджикского государственного педагогического университета. Айни, адрес: п. Нуробод. Тел.: +992 985464505

Научный руководитель: к.г.н., доцент Рауфов Рахматулло

About the author: Gafurov Samariddin, 2nd year undergraduate student of the Faculty of Geography, Department of Natural Geography, Tajik State Pedagogical University. Aini, address: Nurobod settlement. Tel.: +992 985464505

Scientific leader: n.i.g., docent Raufov R. N.

Қурбонова Ҳалима,
магистранти соли дуюми факултети география

ТАҒЙИРЁБИИ РЕҶАИ ОБИИ КӮЛҲОИ ТОҶИКИСТОН

Реҷаи обии кӯлҳо ин қонунияти такроршавандаи тағйирёбии ҳаҷм, сатҳ, ҷараён ва лаппиши оби кӯлҳо мебошад. Дар реҷаи обии кӯлҳо асос пасту баландшавии сатҳи об аст, ки ба истифодабарии хоҷагии захираҳои табии кӯлҳо таъсири зиёд мерасонад. Сатҳи обро дар дидбонгоҳҳои гидрологӣ чен мекунанд.

Кӯлҳое ба қайд гирифта шудаанд, ки сатҳи оби бисёри онҳо дар давоми 100-200 соли охир кам шуда истодаанд. Мумкин он сабаби кам шудани миқдори боришот ва гарм шудани иқлим бошад. Нобаробар тақсимшавии фишори ҳаво ҳам дар болои кӯлҳои бузург метавонад ба тағйирёбии сатҳи об таъсир расонад. Аз ин рӯ, сатҳи об дар вақти баландшавии фишори атмосферӣ паст шуда, вақти пастшавии фишори атмосферӣ баланд мешавад. Масалан, ивазшавии фишори атмосферӣ ба 1 грамм/паскал (ё 1 миллибар) сатҳи об дар ин ҷо қариб то 1 см тағйир меёбад.

Реҷаи ҳароратии кӯлҳо, яъне гаму хунук шудани оби онҳо ба иқлим, баландӣ аз сатҳи баҳр, хусусиятҳои морфологию морфометрӣ, намуди ғизогирӣ, ҷорӣ будани оби он, шаффофӣ ва тағйири мавсимии об вобаста аст. Аз таҳлилҳои зиёд ба хулоса омадан мумкин аст, ки оби кӯлҳои Сарез, Қарокӯл, Яшилкӯл, Искандаркӯл, Рангкӯл, Шӯркӯл, Сасикӯл, Булункӯл, Зоркӯл ва ғайра ба гурӯҳи ҳарораташон мӯътадил дохил мешаванд. Фарқияти ҳарорати об давоми сол аз +0,6^{0}С то +36^{0}С иваз мешавад. Аз +4^{0}С баландтар шудани ҳарорати оби кӯлҳо ба моҳҳои март-июн рост меояд. Ҳарорати баландтарин дар кӯлҳои кӯҳӣ моҳи август мушоҳида мешавад. Аз нимаи дуюми моҳи сентябр дар бисёр кӯлҳои кӯҳӣ яхбандии соҳилӣ оғоз меёбад ва то моҳҳои май-июн давом мекунад. Баъзе кӯлҳои кӯҳӣ то қаър ях мебанданд.

Таркиби химиявии оби кӯлҳои Тоҷикистон зери таъсири як қатор омилҳои табиӣ-географӣ ба монанди таркиби хок, иқлим, мубодилаи об, равандҳои биологии дохили кӯл ташаккул меёбанд.

Ранги оби кӯлҳо аз маъаннокӣ вобаста буда, аз сабз ва кабуди сабзтоб то нилобӣ ва нилобии тира иваз мешаванд. Шаффофии оби кӯлҳо бошад, аз тарзи ғизогирии онҳо вобаста аст.

Кӯлҳои Тоҷикистон аз нигоҳи намуду пайдоиш ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки инҳо тектоникӣ, пиряхӣ ва зеризаминӣ мебошанд. Аз ҳама маъмултарини онҳо ин кӯлҳои пиряхӣ ва баъдан дар натиҷаи лағжиши замин ба вуҷудомада мебошанд. Бештари шумораи кӯлҳои Тоҷикистон дар қисмати шимолу шарқии кӯҳҳои Помир ва тарафи ғарбии кӯҳҳои Ҳисор, дар баландии зиёда аз 2 000 м ҳосил шудаанд.

Тағйирёбии солонаи сатҳи об дар бисёр кӯлҳо ба лаппишҳои шадид ва назаррас дучор меояд. Тибқи мушоҳидаҳо дар кӯли сарбандии Искандаркӯл, амплитудаи солонаи тағйирёбии сатҳи об ба ҳисоби миёна 140 см мебошад. Мутобиқи бо дарёҳои пиряхӣ ғизо гирифтани кӯл, сатҳи баланди об моҳҳои июн-октябр ва дар давоми моҳҳои январ-март нигоҳ дошта мешавад.

Баъзе кӯл танҳо аз обҳои зеризаминӣ ғизо мегиранд, ки онҳо ниҳоят каманд. Эҳтимол, ин хусусиятҳои низоми сатҳӣ барои аксар кӯлҳои обҳои пиряхӣ маъмулӣ ҳисобида мешаванд.

Ҷараёни солонаи сатҳи кӯли Сарез хеле хос аст. Тағйирёбии дохилии солона ба 3-8 м мерасад ва ҷараёни сатҳҳо хеле устувор аст. Ҳадди аққали серобӣ охири моҳи май-аввали июн мушоҳида мешавад. Пас аз он босуръат ба як давраи кӯтоҳи ҳадди камтарини моҳи сентябр ба вуқӯъ мепайвандад ва пас аз он то охири моҳи май коҳиши пайваста ба назар мерасад. Эҳтимол, ин вижагиро таносуби тағйирёбии суръати ҷараёни об ба вуҷуд овардааст.

Кӯли Мурғоб (Бартанг) полоиш тавассути реҷаи ҳароратии кӯлҳои кӯҳӣ бо як қатор хусусиятҳои худ фарқ мекунад. Гармшавии тобистонаи об аз аввали моҳи август шурӯъ мешавад. Аммо ҳарорати об дар қабатҳои болоии кӯлҳои баландкӯҳ (Қаракул, Яшилкул ва Сарез аз моҳи август иваз мешавад. Реҷаи гидрологӣ ва ҳаҷми назарраси об дар бисёр кӯлҳои кӯҳии Помир ва Помир-Олой барои идоракунии оби онҳо дурнамои васеъ мекушоянд. Азбаски танзими хуби табии об вуҷуд дорад, онҳо метавонанд барои мақсадҳои гидроэнергетикӣ, парвариши моҳии тиҷоратӣ, обёрӣ ва дар соҳилҳо ҷой барои бунёди хонаҳои истироҳат, пойгоҳҳои туристӣ, альпинизм ва майдонҳои истироҳатӣ истифода шаванд.

Кӯлҳои Сарез, Яшилкул, Искандаркул, Маргузар ва ғайра дар реҷаии обии худ бо шароити иқлимӣ, релеф ва пайдоиши ҳавзаи кӯл муайян карда мешаванд. Ҳама кӯлҳои навъи

сарбанд равонанд. Дар баробари сарозер шудани кӯлҳои сарбанд, одатан, об тавассути сарбанд полоиш карда мешавад. Аслан, чунин кӯлҳо, ба монанди Сарез, Риваккул, Қурбонқул ва як қатор дигар, ки ҷараёни онҳо аз кӯл танҳо бо роҳи полоиш кардани об тавассути сарбанд сурат мегирад, бояд ҷараён дошта бошанд.

Масалан, соли 1962 давомнокии яхкунии кӯли Қаракӯл 218 шабонарӯзро ташкил дод. Ғафсии яхҳо дар кӯлҳои баландкӯҳҳо то 100 см ва зиёдтарро ташкил медиҳанд, ки аз ҷамъи ҳарорати манфии ҳавои шабонарӯзӣ ва хусусиятҳои кӯлҳо вобастагӣ дорад. Масалан, дар ҳолати суммаи ҳарорати манфии шабонарӯзии ҳаво дар кӯли Каракул баробар ба -60^{0}С дараҷа ғафсии ях 50 см мерасад, ҳангоме, ки дар кӯли Сарез, ки дорои ҳарорати гармии зиёдтар аст, ғафсии ях 10-20 см-ро ташкил медиҳад.

Адабиёт:

1. Абороров Ҳ., Ризоева О., Абороров М. Асрори кӯлҳои шифобахш. – Душанбе: Дониш, 2017. – 96 с.
2. Кемерых А. О. Гидрография Памира и Памиро-Алая. – М.: Мысль, 1978. – 217 с.
3. Корженевский Н. Л. Озеро Яшилкуль (Мат-лы к лимнологии Памир), Т. 1. – Ташкент, 1928. С.23-56.
4. Мартинсон Г. Г. В поиках древных озер Азии. – Ленинград: Наука, 1989. С. 41-44.
5. Пронин А. Г. Озера ледника Федченко. – В кн.: «Исследования ледников и ледниковых районов», вып. 3. – М., 1963. – 164 с.

Калидвожаҳо: *реҷаи гидрологӣ, кӯл, ранг, шаффофӣ, маъаннокӣ, гизогирӣ, танзими об.*

Аннотация

ИЗМЕНЕНИЕ ВОДНОГО РЕЖИМА ОЗЕР ТАДЖИКИСТАНА

В статье приведен режим изменения вод и использование природных ресурсов озер. Годовое изменение уровня вод зависят от особенности физико-географические свойства (состава почв, климата, обмена вод, внутренних биологических процессов озер). Изучение вод озер нужно для обеспечения отраслей народного хозяйства.

Ключевые слова: *гидрологический режим, озеро, цвет, прозрачность, минерализация, питание, регулирование вод.*

Annotation

CHANGES IN THE WATER REGIME OF LAKES IN TAJIKISTAN

The article describes the regime of changing waters and the use of natural resources of lakes. The annual change in the water level depends on the features of the physical and geographical properties (soil composition, climate, water exchange, internal biological processes of lakes). The study of the waters of the lakes is necessary to provide for the branches of the national economy.

Keywords: *hydrological regime, lake, color, transparency, mineralization, nutrition, water regulation.*

Маълумот доир ба муаллиф: Қурбонова Ҳалима, магистранти соли дуюми факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Имомов А. А.

Сведения об авторе: Курбанова Халима, магистрантка второго курса факултета географии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: Имомов А. А.

About the author: Kurbanova Halima, second year master of geography, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Научный руководитель: Имомов А. А.

Рачабов Фазлиддин,
магистранти соли дуюми факултети география

ТАЪРИХ ВА МИНТАҚАБАНДИИ БОҒИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Боғи миллии Тоҷикистон - ҳудуди табиии ҳифзшавандаи Тоҷикистон, ки соли 2013 ба Феҳристи Мероси Ҷаҳонии Идораи омӯзишӣ, илмӣ ва фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид (ЮНЕСКО) шомил шудааст. Бо Қарори Девони Вазирони ҶТ 20.6.1992 дар масоҳати 1,2 млн га таъсис ёфта, аз 11.6. 2001, № 253 бо Қарори Ҳукумати ҶТ ҳудуди он то 2,6 млн га васеъ карда шуд. Соли 2004 боғ ба Муассисаи давлатии ҳудуди табиии махсус ҳифзшаванда - МД ҲТМҲ табдил ёфта, фаъолияти он аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ идора мешавад. Дар Хоруғ, Тавилдара ва Ҷиргатол идораҳои минтақавӣ дорад. Масоҳати умумии боғ 2611674 га буда, 306613 га ҳудуди ноҳияи Тавилдара, 69912 га. ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол, 2235000 га. ҳудуди ВМКБ–навоҳии Мурғоб, Шуғнон, Рӯшон, Ванҷро фаро гирифтааст. Боғ бо мақсади ҳифзи манзараҳои нодир, анвои камёфту нобудшавандаи олами набототу ҳайвонот, ёдгориҳои табиӣ, ривоҷи сайёҳӣ, истифодаи дурусти захираҳои табиӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагии мардуми маскуни ҳудуди он ташкил ёфтааст [1].

Дар натиҷаи минтақабандии ҳудуди боғ дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳудудҳои табиӣ ва объектҳои махсус ҳифзшаванда» мутобиқи корҳои бурдаи экспертҳои Иттиҳоди Байналхалқии Ҳифзи Табиат (ИБҲТ), таҳқиқоти мутахассисони муассисаи ҲТМҲ (бо ширкати олимони АИ ҶТ) ва ғ. ба минтақаҳои зерин ҷудо карда шудааст: минтақаҳои мамнӯъ, истифодабарии анъанавии табиат, истифодабарии хоҷагии маҳдуд, минтақаҳои сайёҳӣ [2].

Минтақаи мамнӯъ, минтақаи асосии боғ, ки 1165411 га масоҳ. дошта, 64,6 дарсади масоҳ. умумии боғро ташкил медиҳад ва чанд объекти нодири табииро дар бар мегирад, ки Пиряхи А. Федченко яке аз бузургтарин пиряхҳои олам (дарозиаш 77 км, ғафсиаш 1000м) ва манбаи асосии оби тозаи Осиёи Марказӣ аз он қабил мебошад. Қуллаҳои баландтарини ин силсилаи экологӣ барои таҳқиқоти илмӣ хеле ҷолибанд. Қарокӯл, ки дар баландии 3914 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст, бо олами набототу ҳайвоноти ғанӣ ва шумораи зиёди эндемикҳо фарқ мекунад. Макони пур аз рустаниҳои гуногуни минтақа чарогоҳи ҳайвоноти сумдори ваҳшӣ буда, ин ҷиҳат қиматашро афзунтар мегардонад. Макони зисти гӯсфанди кӯҳии Марко-Поло (архар), бузи кӯҳӣ (ҷадӣ)-и сибирӣ, хирси барфӣ, хирси маллаи тиёншонӣ; намудҳои нодири парандагон-ғози ҳиндӣ, моҳихӯраки сараш малла, мурғи ҳилоли тибетӣ ва ҳимолойист. Нахустватани як қатор зироатҳои муҳим, аз ҷумла, «аҷдод»-и ёбоии зироатҳои имрӯзаи кишоварзӣ, навъҳои ёбоии ба шароити маҳал мутобиқгардида ва навъҳои селексияи мардумӣ мебошад. Дар Помири Ғарбӣ-минтақаи бадахшонии боғ намудҳои аз ҷиҳати ботаникӣ гуногуни гандуми нарми ҷинси Triticum L. (151 аз 273 намуди маълум), қадимию эндемикии гандуми «резапоя» ва ҳамҷинсҳои ёбоии онҳо мерӯянд, ки дар миқёси олам назир надоранд. Дар ин ҳавза, дар соҳилҳои д. Бартанг, намудҳои нодиру аз ин пеш номаълуми гандуми резапояи нарми Triticum aestivum L. var. Japschorvi Nigm., var. ruchzianum Nigm, var. meridionale infiatum Nigm. var. nova, var. quasimeriionale-infiatum Nigm. var. nova, var. quasiheraticum Nigm. var. nova; гандуми резапояи var. sarezicum Nigm., var. Bar-Darai Nigm.; навъҳои гандуми резапояи баҳории Tr. compactum Host. var. Humboidti-inflatum Vav. et Kob кашф шудаанд. Қитъаи Тавилдараи боғ аз ҷиҳати гуногунии дарахтони меваи ёбоӣ ғанист. Мувофиқи маълумоти олимон, дар ин ҷо себи Сиверс (Malussieversii), ноки тоҷикистонӣ (Purus tadjikistanica), ноки бухороӣ (Purus bucharica), чормағзи юнонӣ (Juglans regia), олучаи тоҷикистонӣ (Cerasus tadjikistanica), олуи хонагӣ (Prunus domestica), олуи дарвозӣ (Prunus darvasika), бодоми бухороӣ (Amugdalus bucharica), бодоми Вавилов (Amugdalus vavilovii), дӯлонаи понтӣ (Crataegus pontica), дӯлонаи туркистонӣ (Crataegus turkestanica), дӯлонаи сонгорӣ (Crataegus songorica), дӯлонаи ҳисорӣ (Crataegus hissarica), зирки сиёҳ (Berberis heterobotrus) мерӯянд. Минтақаи истифодабарии анъанавии табиат. 127665 га масоҳ. дошта, 4,9 дарсади масоҳ. умумии боғро ташкил медиҳад ва асосан, аз чарогоҳҳо иборат аст. Чӯпонони кӯчӣ аз онҳо дар мавсими гармо барои чарондани ҳайвоноти хурди хонагиву қӯтос, дар зимистон танҳо барои парвои қӯтос истифода мебаранд. Дар ин ҷойҳо истифодабарии табиат нисбатан маҳдуд буда, таҳти назорати кормандони боғ сурат мегирад, то ба минтақаи асосӣ зиёне нарасад. Дар харитаҳои истифодаи замин ин гуна ҳудудҳо чун чарогоҳ ишорат шудаанд [4].

Ин минтақа 740198 га масоҳ. дошта 28,3 дарсади масоҳ. умумии боғро ташкил медиҳад. Яшилкӯл бо чарогоҳҳои атрофаш, қитъаи барои сайёҳии шикорӣ ҷудошудаи назди Қарокӯл,

қитъаи сабзи соҳили дарёи Бартанг ва шоҳроҳи мошингарди Душанбе - то ба сарҳадди Қирғизистону Хитой мансуби ҳамин минтақаанд. Қисмати барои хоҷагидории аҳолӣ истифодашаванда ба рӯйхати маҳалҳои ҳифзшаванда ворид нагардидааст, зеро ногузир аҳолӣ ба сифати чарогоҳ ё ҷойи ҳезумчинӣ истифода мебарад. Гоҳо дар ин мавзеъ шикори ғанимати архару ҷадӣ сурат мегирад [3].

Ҳудуди ин минтақа 58400 га масоҳ. дошта, 2,2 дарсади масоҳ. умумии боғро фаро мегирад. Дар ин ҷо барои ташкили истироҳату сайёҳӣ бунёди нуқтаҳои хизматрасонӣ (ба таври маҳдуд) иҷозати расмӣ дода шудааст. Минтақаи мазкур маҳаллаҳои аҳолинишини атрофи Қарокӯлу Булункӯл, роҳҳои байни онҳоро дар бар гирифтааст. Дар харита таҳти ишорати маҳаллаҳои маскун, сайрхатҳои сайёҳӣ, хоҷагиҳои шикор (сайддор), манзараҳои аҷоиби табиӣ, ғорҳо ва махсусан, чашмаҳои обҳои маъдании гарму сард ва дигар нодирот оварда шудааст. Ба минтақаи серрафтуомади сайёҳон ва хизматрасонии комил табдил ёфтани он дар назар аст.

Гузаргоҳҳои транзитӣ ва экологии дохили боғ ва берун аз он. Бо мақсади беосебу бехалал маҳфуз доштан ва афзоиш додани ҳайвоноти кӯчии сумдор ва озодона ҳаракат кардани онҳо аз чарогоҳҳои зимистона ба тобистона ва баръакс, гузаргоҳҳои махсуси маҳалҳои будубоши азалии онҳо барқарор дошта мешаванд.

Таснифоти манзаравии боғ чунин аст:

- чарогоҳҳо (184525 га),
- буттазорҳо (34528 га),
- пиряхҳо (282755 га),
- кӯлҳои калон (Қарокӯл, Сарез, Яшилкӯл - 47960 га),
- кӯлҳои хурд (4700 га),
- дарёҳо (5500 га),
- биёбонҳои яхбастаи баландкӯҳҳо (1.150000),
- шуҳҳо ва сангрезаҳо (900786 га),
- роҳҳои хокии маҳаллӣ (920 га)

Дар маҷмӯъ 2611674 гектар боғ ва минтақаҳои дидбонгоҳдоштаи онро нозирони давлатӣ ё кормандони масъули шуъбаҳои дахлдори ҳукумати ноҳияҳо назорат мекунанд [4].

Шикори ҳайвоноти мамнӯъ ва моҳидории беиҷозат, инчунин, бе рухсат ворид шудан ва ё мошин рондан дар ҳудуди боғ зуҳуроти асосии қонуншиканӣ дар ин соҳа ҳисобида мешавад. Дар ҳудуди боғ кормандони он (54 нафар) якҷоя бо олимони АИ ҶТ таҳқиқоти нақшавии солонаи илмӣ ва мониторинги экологӣ мебаранд, ки иборатанд, асосан, аз корҳои пешбурди ҳисобу китоб, қайди ҳолати ҳайвоноти ваҳшӣ, мушоҳидаи фенологии рустаниҳо, таъйини захираҳои ғизои ҳайвонот, қайди ҷараёни паридаравӣ ва бозгашти парандагон ва ғ.

Дар боғ якҷоя бо созмонҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатӣ фаъолияти тарғиботию равшаннамоии экологӣ бурда мешавад. Боғ чун озмоишгоҳи бузурги табиӣ барои пешбурди таҳқиқоти илмӣ беҳтарин манбаъ буда, дар он биологҳо, глятсиологҳо (яхшиносон), метеорологҳо (обуҳавосанҷон), гидрологҳо, геологҳо (заминшиносон), мутахассисони соҳаҳои дигар метавонанд дар самти омӯзиши ҳолати истифодаи мақсаднок ва босамари захираҳои табиӣ дар шароити яхбастагӣ ва хушкии аридии баландкӯҳҳо; таҳқиқи ҷараёни тағйироти силсилаҳои экологии табиӣ таҳти таъсири гармшавии умумии иқлими замин ва ғайра ба дастовардҳои илмии ҷолиб ноил гарданд [5].

Рӯзи ҷумъаи 21 июни соли 2013 дар иҷлоси 37-уми Кумитаи Мероси Ҷаҳонии ЮНЕСКО дар шаҳри Пномпени Комбуҷ Боғи миллии Тоҷикистон ба Феҳристи Мероси Ҷаҳонии Идораи омӯзишӣ, илмӣ ва фарҳангии Созмони Миллали Муттаҳид (ЮНЕСКО) шомил шуд[2][3]. Ин нахустин мероси табиъии Тоҷикистон дар Феҳристи Мероси Ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад [2].

Адабиёт:

1. Қурбонов Ш.М, Муратов Р., Сатторов Р. Особо Охраняемые природные территории Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.
2. Мақсадов Ҳ. Л., Саидов М., Ҷодиров А. Экологияи умумӣ. – Душанбе, 2012.
3. Маҷмӯи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экология ва сарватҳои табиат (мураттиб Саидов М). – Душанбе, 2007.
4. Муҳаббатов Х. М., Раҳимов М. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе, 2011.
5. Муҳаббатов Х.М., Шарипов И.Н. Мавзеъҳои ҳифзшаванда ва сайёҳии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2013.
6. Сафаров Ҳ., Дарвозиев М., Саидов М., Давлатов А., Ҳурматов А. Асосҳои экология ва ҳифзи табиат. – Душанбе, 1997.
7. Энсиклопедияи миллии Тоҷикистон. Ҷилди. 2. – Душанбе, 2016.

Калидвожаҳо: *манзара, боғ, наботот, ҳайвонот, захираҳои табиӣ, ҳифзшаванда, табиат, масоҳат, эндемик, минтақа, дарё, ҳудуд, сайёҳ, чарогоҳ, маҳал.*

Аннотация

ИСТОРИЯ И ЗОНИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ПАРКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Автор в своей статьей изложил историю и зонирования Национального парка Республики Таджикистан. Национальнчй парк Республики Таджикистан - охраняемая природная территория Таджикистана, которая в 2013 году была включена в Список всемирного наследия Организации Объединенных Наций по вопросам образования, науки и культуры (ЮНЕСКО). Он учрежден Постановлением Кабинета Министров Республики Таджикистан от 20 июня 1992 года на площади 1,2 миллиона гектаров. В 2001 г. постановлением Правительства Республики Таджикистан его территория увеличена до 2,6 млн га. В 2004 году парк был преобразован в Государственное учреждение особо охраняемых природных территорий (ООПТ), которое находится в ведении Комитета по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан. Имеет региональные офисы в Хороге, Тавильдаре и Джиргатоле. Общая площадь парка составляет 2611674 га, из них 306613 га - территория Тавильдаринского района, 69912 га. территория Джиргатолского района, 2235000 га. Территория ГБАО охватывает Мургабский, Шугнанский, Рушанский и Ванджский районы. Парк создан для защиты уникальных ландшафтов, редких и исчезающих видов флоры и фауны, памятников природы, развития туризма, правильного использования природных ресурсов и повышения уровня жизни людей, проживающих на его территории.

Ключевые слова: *пейзаж, сад, флора, фауна, природные ресурсы, сохранение, природа, площадь, эндемик, регион, река, территория, турист, пастбище, место.*

Annotation

HISTORY AND ZONING OF THE NATIONAL PARK OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The author in a pile of article outlined the history and zoning of the National Park of the Republic of Tajikistan. The Republic of Tajikistan National Park is a protected natural area of Tajikistan, which in 2013 was included in the World Heritage List of the United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO). It was established by the Resolution of the Cabinet of Ministers of the Republic of Tajikistan dated June 20, 1992 on an area of 1.2 million hectares. 2001, No. 253 By the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan, its territory was increased to 2.6 million hectares. In 2004, the park was transformed into the State Institution of Specially Protected Natural Areas (SPNA), which is under the jurisdiction of the Committee for Environmental Protection under the Government of the Republic of Tajikistan. Has regional offices in Khorog, Tavildara and Jirgatol. The total area of the park is 2,611,674 hectares, of which 306,613 hectares are the territory of the Tavildara district, 69912 hectares. territory of Jirgatol region, 2,235,000 hectares. The territory of GBAO covers Murghab, Shugnan, Rushan and Vanj districts. The park was created to protect unique landscapes, rare and endangered species of flora and fauna, natural monuments, development of tourism, proper use of natural resources and improve the standard of living of people living on its territory

Keywords*: landscape, garden, flora, fauna, natural resources, conservation, nature, area, endemic, region, river, territory, tourist, pasture, place*.

Маълумот дар бораи муаллиф: Рачабов Фазлиддин, магистранти соли дуюми факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 918350311

Роҳбари илмӣ: н.и.г., дотсент Рауфов Р. Н.

Сведения об авторе: Раджабов Фазлиддин, магистрант второго курса географического факультета ТГПУ имени Садриддина Айни. Телефон: +992 918350311

Научный руководитель: к.г.н., доцент Рауфов Р. Н.

About the author: Ragabov Fazliddin, second year undergraduate student of the Faculty of Geography, TSPU named after Sadriddin Aini. Phone number: +992 918350311

Scientific leader: n.i.g., docent Raufov R. N.

Саидов Хуршед,
магистранти соли дуюми факултети география

ЗАХИРАҲОИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН – ҲАДАФИ СТРАТЕГИИ ЧОРУМ ВА РУШДИ УСТУВОРӢ МАМЛАКАТ

Тоҷикистон табиати бою рангоранг дорад. Масоҳати мамлакат 142,6 ҳазор километри мураббаъро ташкил менамояд. Дар ин ҷо аз минтақаи субтропикӣ то минтақаи субалпӣ ва алпӣ мушоҳида карда мешавад. Аммо ин минтақаҳо вобаста ба релефи кӯҳӣ ба таври амудӣ ҷойгир шудаанд. Ҳар яки онҳо бо хусусиятҳои табиии худ аз якдигар фарқ мекунанд ва дорои сарватҳои гуногуни табиӣ мебошанд. Ба таври амиқ омӯхтани онҳо на танҳо аҳ амияти илмӣ, балки аҳамияти калони иқтисодӣ низ доранд. Дар ҳоле, ки Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид ва барои ба иқтисодиёти бозоргонӣ гузаштан қадамҳои қатъӣ ниҳода истодааст, ин масъала аз ҳарвақта дида бештар зарурат пайдо кардааст. Дар шароите, ки ҷумҳурии мо аксари мол, таҷҳизоти саноат, мошин ва механизмҳоро аз хориҷи кишвар меоварад, бояд барои истифода бурдани сарватҳои зеризаминӣ корхонаҳои нав кушода, истиқлолияти иқтисодии онро низ таъмин ва мустаҳкам намоем.

Аз ҳамин лиҳоз об яке аз омилҳои асосии рушди устувор гардидааст ва ҷомеаи ҷаҳонӣ як қатор чорабиниҳои ба ин масъала бахшида шударо амалӣ карда истодааст. Аз ҷумла, бо мақсади рушди устувор Созмони Миллали Мутаҳид (СММ) нақшаи Йоханнесбург, Форуми умумиҷаҳонии об, Саммитҳои обро баргузор намудааст.

Соли 2003-юм, баъди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардидани Форуми умумиҷаҳонӣ «Об, муҳити атроф ва бехатарӣ» дар 58-умин сессияи Генералии Ассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълон гардидани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи Умумиҷаҳонии «Об барои ҳаёт», ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташабусгари он буд, қарор қабул карда шуд. Дар ҳисобот оид ба барномаи рушди бахши оби Ҷумҳурии Тоҷикистон об қайд карда шудааст: “Тоҷикистон, ҳамчун «Макони ташаккулёбии захираҳои оби»-и мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, сиёсати фаъолонаи байналхалқӣ ва минтақавии обиро дар асоси талаботҳои эътироф гардидаи байналхалқӣ тадбиқ менамояд.

Ташаббусҳои маълуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъалаҳои глобалӣ ва минтақавии об, аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирф гардида, қобили қабул дониста шудааанд. Ин пешниҳодҳо боиси бавуҷуд омадани раванди умумиҷаҳонии муносибатҳои нав ба захираҳои обӣ оварда расонид. Ин шаҳодати дурахшони тарафдории амалии Тоҷикистон дар тарақӣ додани ҳамкориҳои муфид ва интегратсияи масъалаҳои обӣ-энергетикӣ ва муҳофизати захираҳои обӣ бо давлатҳои минтақа ва ҷаҳон мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи иқтидори обӣ энергетикӣ дар ҷаҳон, яке аз ҷойҳои асосиро (527 млрд.кВт) ишғол менамояд, лекин камтар аз 5%-и онҳо аз худ карда шудаанд.

Ҳамзамон обе, ки барои истеҳсоли энергияи барқӣ обӣ истифода бурда мешавад, миқдор ва сифати худро гум наменамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ борҳо исбот намудааст, ки ҳамкории давлатҳо дар сохтмонҳои якҷоя ё маблағгузории сохтмонҳои обанборҳо ва неругоҳҳои барқӣ обӣ, самаранокии идоракунии захираҳои обии ҳавзаи дарёҳо, истифодабарии якҷояи онҳоро таъмин намуда, ба вазъи экологии минтақа таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар Тоҷикистон дар замони муосир соҳаи сохтмони истгоҳҳои барқӣ ва истеҳсоли қувваи барқ пешравиҳои назаррас ноил шуд.

Сохтмони НБО аз солҳои 30-уми асри XX оғоз шуд. Дар солҳои баъди 50-уми асри гузашта дар дарёҳои Сир, Вахш як қатор истгоҳҳои барқӣ -обӣ сохта шуд. Дар баробари истгоҳҳои барқӣ дар ҷумҳурӣ якчанд истгоҳҳои алавӣ низ бунёд гардиданд. Алҳол истеҳсоли солонаи қувваи барқ дар Тоҷикистон 14247 млн. кВт/с баробар аст. Аз ин ҳисоб ба истгоҳҳои барқии обӣ 14025 млн. кВт/с ва ба истгоҳҳои барқии олавӣ, боқимонда 222 млн. кВт/с истеҳсоли қувваи барқ рост меояд.

Калонтарин истгоҳҳои барқии обӣ: Норак 3 млн. кВт, Сарбанд – 210 ҳазор кВт дар дарёи Вахш, Қайроққум – 126 хаз. кВт дар дарёи Сир ва истгоҳҳои олавии Душанбе – 223 хаз. кВт, Ёвон – 180 хаз. кВт иқтидор доранд, ба ҳисоб мераванд. Ҳоло дар хавзаи дарёи Варзоб силсилаи истгоҳҳои барқии обии Варзоби Боло, Варзоби Поён, Варзоб; дар дарёи Вахш – истгоҳҳои Шаршара, Сарбанд, Марказӣ, Норак, Бойғозӣ сохта шудааст. Дар дарёҳои Сир, Бартанг, Ванх, Ғунт истгоҳҳои хурди барқии обӣ алохида ба кор даромаданд. Хусусияти дигари истгоҳҳои

барқии обӣ аз он иборат аст, ки обанборҳои онҳо бағайр аз истеҳ соли қувваи барқ, инчунин барои идоракунии маҷрои дарёҳо, пешгирии обхезӣ, обёрикунии заминҳои корам ва аз об таъмин намудани шахру деҳаҳо шароити муҳим фароҳам меоваранд.

Ҳанӯз дар нимаи дуюми солҳои бистуми асри ХХ Ҳукумати Шуравӣ бунёди нерегоҳи барқи обиро дар мавзеи Дупулаи дарёи Зарафшон тарҳ резӣ карда буд. Ин тарҳ яке аз бахшҳ ои нақшаи азими ГОЭЛРО ба ҳисоб мерафт. Бо сабабҳои гуногун он амалӣ нагардид.

Ибтидои соли 2011 дар деҳаи Панҷруди Панҷакент неругохи барқии обии хурди «Панҷруд» ба истифода дода шуд. Сарпарасти ин неругоҳ соҳибкор Мардон Насриддинов буда, бо харҷи 4,5 миллион сомонӣ бо иқтидори 500 кВт мавриди истифода қарор гирифт. Аз нури он деҳ аҳ ои Панҷруд, Кулолӣ, Зери ҳ исор чароғон мешаванд. Ин дуюмин НБО-и хурд аст, ки дар руди Урӯҷ бунёд шудааст. Соли 2008 бо дастгирии Президенти мамлакат Эмомалӣ Рахмон дар ин рӯд НБО-и хурди «Артуч» баҳ рабардорӣ шуд. Аз он то имрӯз аҳли деҳаҳои Артуч, Мадовра ва Яккахона истифода мебаранд.

Бо бунёди хати барқи Ҷануб – Шимол ва пайвастани он ба шабакаҳои барқи водӣ, таъмини навоҳии Панҷакент, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ бо неруи барқ беҳтар гардид. Ҳоло дар ҳамкорӣ бо ширкати хитойӣ дар нохияи Айнӣ бунёди пойгоҳи тақсими неруи барқ идома дорад. Ба истифода додани он вобастагии моро ба барқи давлати ҳамсоя аз байн мебарад. Зиёда аз ин барои бунёди неругохи хурди барқи обии «Айнӣ» бо иқтидори 150 мВт бо мақомоти марбутаи Ҷумхурии Исломии Эрон мувофиқа шудааст. Дар шохобхои дарёи Зарафшон беш аз панҷох неругоҳи барқи обии хурд бунёд ёфт, ки иқтидори онхо аз 5 то 85 кВт буда, дар хизмати мардум аст ва бунёди боз даҳҳ о чунин неругох идома дорад. Масалан, дар деҳаҳои Водиф, Сабаг, Табушн, Мадрушкат, Роғ 21 неругоҳи хурд бунёд шудааст. Соли 2010 неругоҳи хурди «Кӯҳистон-1» дар деҳаи Оббурдон бо иқтидори 500 кВт ба истифода дода шуд. Ҳоло бошад бо ташаббуси соҳибкорони махаллӣ сохтмони НБО-и хурди Кӯҳистон аз ҷониби ассотсиатсияи «Умеди Ҳилолиён» бо иқтидори 480 кВт, дар деҳаи Даштаки ҷамоати деҳоти Иван-тоҷик бо иқтидори 55 кВт идома ёфта, бунёди боз 5 нерӯгоҳи хурд тарҳрезӣ шудааст.

Дар айни замон иқтидори умумии муайянгардидаи нерӯгоҳҳои барқӣ - обии Тоҷикистон 4070 ҳазор кВт. соатро ташкил медиҳад. Дар соли 2009 вай 15,8 млрд. кВт. соатро ташкил мекард. Бузургтарин неругоҳи обӣ - барқӣ дар ҷумҳурӣ ин неругоҳи обӣ - барқии Норак мебошад, ки иқтидораш 3000 МВт ва коркарди миёнаи солонаи энергияи барқии вай 11,2 млрд. кВт. соат дар як сол мебошад. Поёнтар неругоҳи барқӣ обии Норак дар самти маҷрои дарёи Вахш, неругоҳи барқӣ обии Бойғозӣ, ки аз 4-агрегат иборат аст ҷойгир мебошад. Иқтидори он 150 МВт. бо истеҳсоли солонаи энергияи барқии 2,5 млрд. кВт. соат дар як сол, баробар аст [3].

Дар дарёи Вахш, инчунин қатори неругоҳҳои барқӣ-обии Вахш сохта шудаанд ва бо муваффақият кор мекунад, иқтидори умумии онҳо 285 МВт. Дар дарёи Варзоб – қатори неругоҳҳои барқӣ-обии Варзоб иқтидори умумии онҳо 25 МВт., дар дарёи Сир – неругоҳи обӣ барқии Қайроккум иқтидори умумии он 126 МВт, дар Помир – неругоҳҳои обӣ барқии Хоруғ ва Помир иқтидори умумии онҳо 28 МВт.

Бо мақсади таъмини энергияи барқӣ дар маҳалҳои кӯҳии душворгузар, зиёда аз 265 неругоҳҳои обӣ барқии хурд, бо иқтидорӣ аз 5 то 2500 кВт ба истифода дода шудааст [5].

Барои аз худ кардан ва ба кордарории энергияи дарёҳои хурд, дар ҷумҳурӣ барномаи дарозмӯҳлати сохтмони неругоҳҳои обӣ - барқии хурд дар давраи солҳои 2009-2020 қабул карда шудааст. Барномаи муқарраргардида сохтмони 189 неругоҳҳои хурди обӣ барқӣ бо иқтидори умумии 26,8 МВт дар назар дорад.

Иншооти муҳими стратегии обӣ энергетикӣ дар солҳои наздик, ин неругоҳи обӣ барқии Роғун, ки сохтмони аз ҳама калон дар Осиёи Марказӣ, ки соли 1976 оғоз гардида, то имрӯз давом дорад, ҳисоб мешавад. Иқтидори лоиҳавии неругоҳи обӣ барқии Роғун ба 3600 МВт баробар аст, бо 6-агрегат, ки ҳар кадоме 600 МВт. иқтидор дошта, коркарди солонаи энергияи барқии он 13,1 млрд. кВт. соатро дар як сол ташкил медиҳад.

Неругоҳи обӣ - барқии Роғун, ки дар дарёи Вахш сохта мешавад, дар қатори неругоҳҳои обӣ барқии Вахш дохил гардида, дар зинаи боло қарор мегирад. Ҳангоми ба анҷом расидани сохтмони ин неругоҳ мувофиқи лоиҳа, сарбанди об 335 метро таш кил медиҳад, ки дар ҷаҳон аз ҳама баландтарин ба ҳисоб меравад. 16-уми ноябри соли 2018, агрегати якуми он бо иқтидори 120 МВт ба кор дода шуд [1].

Дар давлатҳои минтақаи поёноб, ки гузариши дарёҳо ба марзи онҳост, дар нақшаи аввал пешниҳод карда шудааст, ки системаҳои калони обёрикунии хоҷагии қишлоқ ва 90 ҳавзҳои

рехташавандаи мачроӣ ва зиёда 100 канали магистралиро дар бар мегирад. Дар натиҷаи аз ҳад зиёд сарфаи об, бо мақсади обёрӣ ё дигар эҳтиёҷотҳо, реҷаи муқаррарии резиши дарёҳо бениҳоят тағйир ёфта, яке аз сабабҳои камшавии оби баҳри Арал гардидааст. Обанборҳо дар Тоҷикистон нақши заруриро дар беҳтаркунии сифати об дар фасли тобистон мебозад.

Ҳамин тавр миллиардҳо метри мукааб оби коллекторӣ-дренажие, ки ҳамасола аз водии Фарғона партофта мешавад, омехта гардида бо сифати маъқул барои обёрии заминҳои мамлакатҳои ҳамсояи ҳавза равона мегардад. Ҳамин хел, сохтмони обанборҳо дар ҳавзаи дарёҳои Вахш ва Панҷ, ки оби ҷамъгардида доимо тоза ва бо сифати хуб барои истифода мемонад, фоида ва натиҷаҳои хуб медиҳад.

Адабиёт:

1. Башмаков В. М. Повышение эффективности работы каскада Вахшских ГЭС за счет использования части стока р.Пяндж// Гидротехническое строительство. Башмаков В.М., Сироджев Б.С., Петров Г.Н. – Душанбе, 1995, № 12. 18 – 24 с.
2. «Кайроккумское водохранилище». Результаты исследований по гидробиологии. – Колл.авторов. Душанбе, Дониш, 1982, - 288 с.
3. Норматов И. Ш. Экономические вопросы развития гидроэнергетики Таджикистана. Республиканский пресс-центр. Душанбе. Основные положения водной стратегии бассейна Аральского моря (1996). Межгоссовет по проблемам Аральского моря. Алма-Ата, Бишкек, Душанбе, Ашхабад, Ташкент. Норматов И. Ш., Петров Г. Н. – Душанбе, 2007.
4. Петров Г. Н. Разработка демонстрационной оптимизационно - имитационной модели многолетнего регулирования стока реки Сырдарья Токтогульским водохранилищем. Программа бассейна Аральского моря. Проект ГЭФ: Управление водными ресурсами и окружающей средой. Подкомпонент А1 «Управление водными ресурсами и солями на региональном и национальном уровнях». Бишкек, Душанбе, Ташкент. Петров Г. Н., Зырянов А. Г. – Бишкек, 2001.
5. Петров Г. Н. К вопросу о развитии гидроэнергетики Таджикистана. Экономика Таджикистана: стратегия развития. Петров Г. Н., Халиков Ш. Х. – Душанбе, 2006, № 3.
6. Муртазаев У.И.. Территориальная организация и оценка использования гидротехнических сооружений Юго – Западного Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 167 с.
7. Муртазаев У.И.. Водохранилища Таджикистана и их влияние на прилегающие ландшафты. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 304 с.

Калидвожаҳо: *захирахои оби, гидроэнергетика, дарёхо, иктидор, обистифодабари, рушди устувор, дурнамо, оби энергетики, содирот, неругохи оби барки, энергияи барқӣ.*

Аннотация

ГИДРОЭНЕРГЕТИЧЕСКИЕ РЕСУРСЫ ТАДЖИКИСТАНА – ЧЕТВЕРТАЯ СТРАТЕГИЧЕСКАЯ ЦЕЛЬ И УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СТРАНЫ

Таджикистан по гидроэнергетическим потенциалам занимает одно из ведущих мест в мире (527млрд. кВт), однако, они освоены менее, чем на 5%. Перспектива освоения относительно дешевой и экологически чистой электроэнергии в стране огромные. Правительство Таджикистана предпринимает значительные усилия по освоению гидроэнергетических ресурсов, рассматривая это направление в качестве средства удовлетворения потребности страны в электроэнергии, а также увеличения объёмов её экспорта. Стратегически важным объектом гидроэнергетики на ближайшие годы является строительство самой большой в Центральной Азии Рогунской ГЭС, которая была начата в 1976 году. Проектная мощность Рогунской ГЭС равна 3600 МВт с 6-ю агрегатами по 600МВт каждый и годовой выработкой электроэнергии 13,1 млрд.кВт.ч./год. Вопросы обеспечения устойчивого водопользования ввиду их многообразия представляют большую сложность и для каждой страны имеют свои особенности. Большой экономический интерес для Таджикистана, как было выше подчёркнуто, представляет освоение гидроэнергетического потенциала внутренних рек.

Ключевые слова: *Водные ресурсы, гидроэнергетика, реки, мощность, водопользование, устойчивое развитие, перспектива, гидроэнергетические ресурсы, экспорт, гидроэлектростанция, электроэнергия.*

Annotation

HYDROPOWER RESOURCES OF TAJIKISTAN FOURTH STRATEGIC GOAL AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

Tajikistan occupies one of the leading places in the world (527 billion kW), in terms of hydropower potential, however, less than 5 per cent of the resources are used here so far. The prospects for the development of relatively cheap and environmentally friendly electricity in the country are enormous. The government of Tajikistan is making significant efforts to develop hydropower resources, considering this direction as means of meeting the country's demand for electricity, as well as increasing its export volumes. A strategically important hydropower facility for the coming years is the construction of the Rogun hydroelectric power station, the largest in Central Asia, the construction of which was launched in 1976. The design capacity of the Rogun HPP is 3600 MW with 6 units of 600 MW each with an annual electricity generation of 13.1 billion kWh / year. Issues of ensuring sustainable water use are of great complexity due to their diversity, and have specific characteristics for each country. As it was emphasized above, it is the development of the hydropower potential of internal rivers that is of great economic interest for Tajikistan.

Keywords: *"Water resource, the rivers, hydro energetics, the potential, the water using, the sustainable development, perspective, hydropower resources, export, hydroelectric power, electricity, sustainable water"*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидов Хуршед, магистранти соли дуюми факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 934787748

Роҳбари илмӣ: н.и.г., дотсент Рауфов Р. Н.

Сведения об авторе: Саидов Хуршед, магистрант второго курса географического факультета ТГПУ имени Садриддина Айни. Телефон: +992 934787748

Научный руководитель: к.г.н., доцент Рауфов Р. Н.

About the author: Saidov Khurshed, second year undergraduate student of the Faculty of Geography, TSPU named after Sadriddin Aini. Phone number: +992 883334454

Scientific leader: n.i.g., docent Raufov R. N.

Ҳайдаров Ҳасан,
магистранти соли якуми факултети география

ОҚИБАТҲОИ ОБХЕЗИИ ВОДИИ ДАРЁИ ВАРЗОБ

Варзоб - шохоби рости дарёи Кофарниҳон мебошад ва аз дарёи Зиддӣ сарчашма мегирад. Дарозии дарё 71 км аст. Дарёи Варзоб ба воситаи шаҳри Душанбе ҷорӣ мешавад (бинобар ин баъзан онро дарёи Душанбе ҳам меноманд). Дарёи Душанбе аз пайвасташавии дарёҳои Лучоб ва Варзоб сар мешавад. Дар ҷануби Тоҷикистон ба дарёи Кофарниҳон рафта мерезад.Аз оби дараи Варзоб кӯлҳои Варзоби боло ва поён, Ҷавонон ва НБО-ҳои Варзоб-1, Варзоб-2, Варзоб-3 ва наҳри калони Ҳисор истифода мебаранд.

Шохобҳои дарёи Варзоб Сиёма, Сии, Амоо, Сокхоб, Очук, Харангон, Ғузғарф, Такоб, Зиддӣ ва ғайраҳо мебошанд.Варзоб дорои иқтидори калони захираҳои обӣ мебошад. Дарёи серобии кӯҳӣ, дараҳои чуқур, барфу пиряхҳои абадӣ ва шаршараҳои аҷиб онро комилан беназир мегардонад. Пиряхҳо дар ҳавзаи дарёи Варзоб паст ва пароканда ҷойгир шудаанд. Пиряхҳои каравӣ бештар дар ҳавзаи дарёи Варзоб ҷойгир шудаанд. Пиряхҳои водигӣ ҳам дар ҳавзаи ҳамин рӯдҳо воқеъ мебошанд. Пиряхҳои нисбатан калонтар пиряхҳои водигӣ ба шумор мераванд. Онҳо дар ҳавзаи дарёи Варзоб ҷойгир шудаанд. Майдони миёнаи фарогирифтаи ин навъи пиряхҳо ба 1,40 км^2 мерасанд.Пиряхҳои овезон шумораи зиёдро ташкил диҳанд ҳам, вале майдони фарогирифтаашон хурд аст. Дар ҳавзаи дарёи Варзоб рахи фирнавӣ аз баландии 3730 м мегузарад. Баландии минтақаи ҷойгиршавии пиряхҳо аз ғарб ба шарқ афзоиш меёбад. Ба ҳисоби миёна қисми поёнии пиряхҳо дар баландии 3590 м дар ҳавзаи рӯди Варзоб воқеъ гаштаанд. Умуман, вазъи пиряхҳо ноустуворанд, дар ҳолати қафоравӣ ва таназзул қадар доранд, забонаашон кӯтоҳ ва ғафсиашон кам шуда истодааст, баъзеи дигарашон тамоман нобуд шуда аз байн рафтаанд.

Аз далелу санадҳои дар боло овардашуда, маълумотҳои муассисаи Хадамоти обуҳавосанҷии Тоҷикистон, Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи милии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар нимаи аввали асри XXI пиряхҳо ба таҳаввул ва таназзули ҷиддӣ дучор меоянд.Пиряхҳои ҳавзаи дарёи Варзоб, инчунин пиряхҳои саргаҳи Хонақо, Қаратоғ маҳв мешаванд. Зеро майдон ва ғафсии онҳо чандон бузург нест. Дар натиҷаи ин ҳодиса обшории тобистонаи пиряхии ин рӯдҳо бар ивази ғизогирии барфию пиряхӣ ба ғизогирии барфию боронӣ ва барфӣ иваз мешавад. Дар натиҷа бо об таъминшавии баҳорӣ беҳ мегардад, вале тобистон ҳангоми обталабӣ харҷи дарёҳо кам мешавад.Дар Тоҷикистон арзёбии хатар, осебпазирӣ, хавф, муайян кардани вазъият дар робита бо равишҳои имконпазири табиӣ ва сунъӣ ба роҳ монда шудааст. Ин вазъият аз солҳои 90-уми асри гузашта ба кулли тағйир ёфт. Дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории инсон, аз ҷумла буридани ҷангал ва кишту кори нодурусти нишебиҳо ба кандани ярчҳо оварда мерасонад. Инчунин обхезӣ, сел ва тарма ҳам таъсири манфӣ мерасонанд. Кишти нодурусти майдонҳои хоҷагии қишлоқ ба оқибатҳои ногувор оварда мерасонад.Охири солҳои 20-уми асри гузашта ба сохтмони роҳи Душанбе-Хуҷанд шурӯъ карданд. Бинобар ин, қад-қади дарёи Варзоб нуқтаҳои зиёди аҳолинишин ба вуҷуд омаданд. Давраи азхудкунии заминҳо дар ин давра (солҳои 1930-1990) аз худкунии заминҳо, дарахтшинонӣ ва сохтмони иншоотҳои гуногун ба роҳ монда шуд. Рушди босуръати инфрасохтори гуногун боиси мураккаб шудани вазъияти экологии водии дарё гардид. Ҳоло дар дараи Варзоб ҳамаи заминҳои ҳамвор ба эрозия майл доранд. Бо инкишофи фаъолонаи эрозия ва чаронидани пуршиддат дар экосистемаҳои кӯҳӣ боиси нобудшавии биологӣ мегардад. Ҳоло дар дарёҳои дараи Кулол, Чала, Исҳоқколдӣ, Зимчуруд ва гайра обхезиҳои баҳорӣ ва тобистона мушоҳида мешаванд, ки барои зуд-зуд такрор шудани сел шароити мусоид ба вуҷуд меоварад. Шохоби тарафи чапи дарёи Варзоб (дар қитаи Тагоб - Исҳоқколдӣ) дар сурати боридани борони сахт ё зиёд шудани обшавии барф, гузаштани сел ба амал меояд. Дар қисми поёнии ҳавзаи дарёи Варзоб, қабати гил васеъ паҳн шудааст, ки вакти обхезӣ он пеши роҳи селро мегирад. Чунин ҳолатро дар водии дарёҳои Харангон, Зиддӣ, Майхура, Тагоб ва Сиёма мушоҳида кардан мумкин аст. Мувофиқи маълумоти олимон селҳое, ки то 1 млн. м^3 давоми 50 сол, то 100 ҳаз. м^3 давоми 10-50 сол, то 10 ҳаз. м^3 давоми 5-10 сол ва 1 000 м^3 давоми 3-5 сол як маротиба такрор мешаванд. Ҳаҷми эҳтимолии сел метавонад ба ҳазорҳо м^3 мерасад ва такроршавии он 1-5 сол аст.

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки аз ҳама бештар обанборҳои гилии дараҷаи III хатарзо мебошанд. Инҳо ҳавзаҳои дарёҳои Одчук, Дарайкулол, Тайкуталӣ, Поғус

мебошанд. Ҳавзҳои селии категорияи II ба дарёҳои Харангон, Зиддӣ, Майҳура ва Тагоб рост меояд. Дарёи Сиёма ҳавзаҳои селии категорияи I мебошад, ки хавфи сел надорад. Ҳаҷми зараре, ки дар натиҷаи обхезӣ ҳангоми сел ба амал меояд сари вақт пешгӯии он ба ҳолати кори иншоотҳои гидротехникии муҳофизаткунанда мусоидат мекунад. Ниҳолҳои ҷангал омили тавонои танзимкунандаи иқлим мебошанд.Тадқиқоти сершумори ботаникии дараи Варзоб, ки ботаникҳо ва чангалпарварон дар ибтидои асри гузашта гузаронида буданд,тасдиқ мекунанд, ки 100-150 сол пеш аз ин дар территорияи райони Варзоби ҳозира аз сабаби сералаф будани он ҷойҳои душворгузар мавҷуд буданд. Вале баъдтар ба муносибати азхудкунии территорияи ҷангал буридани ҷангалҳо сар шуд ва ин просесс мутаассифона дар айни замон давом дорад. Аз соли 1991 инҷониб киштзорҳои ҷангал бештар аз буридани дарахтони ғайриқонунӣ зарар дидаанд. Набудани манбаи сӯзишворӣ барои аксарияти аҳолии дар ҳудуди ноҳияи Варзоб истиқоматкунандагон, бебарқӣ мардумро маҷбур кардааст, ки дар ҳудуди корхонаи хоҷагии ҷангал худсарона ҳезум захира кунанд. Ин тақрибан то соли 2000-ум давом кард ва баъд аз он дарави худсаронаи чубу тахта кам шуд, вале бас нашуд. Истифодаи кишоварзии ҳудуди ноҳияи Варзобро метавон ба 3 марҳила тақсим кард: 1.давраи қисман, 2. давраи нақшавӣ ва 3. давраи азхудкунии интенсивии замин. Давраи кисман азхудкунии замин (то соли 1928).То ташкил ёфтани РСС Тоҷикистон территорияи райони Варзоб барои обод кардан дастнорас буд. Аҳолии кам ба чорводорӣ машғул буд, заминҳои хурд дар нишебиҳо шудгор карда мешуданд ва боиси таназзули замин намегардид. Просессҳои бараълотарини ин давра, ки ба истифодабарии замин таъсир мерасонанд, равандҳои пайдоиши табииро (тармаҳо, ярҷҳо, талҳо ва ғайра) дар бар мегиранд. Давраи азхудкунии заминхои планӣ (сосиалистӣ). Аз солҳои 30 то ибтидои солҳои 90-уми асри 20 ин қаламрав дар ҳайати ноҳияи Ленин буд. Варзоб дар ин давра ба буридани нишебиҳои кӯҳҳо ва ба вуҷуд омадани минтақаҳои эрозия хавфнок гардид. Территорияи район ба истифодабарии бисёрсоҳаи замин: васеъ кардани майдони киштзорҳои лалмӣ, буньёд кардани боғу токзорҳо, объектҳои сохтмони граждани шуруъ намуд. Саъю кӯшиши иҷрои плани супурдани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, буридани ҷангал, кашидани хатҳои электр, кашидани роҳҳо бо риоя накардани талаботи хифзи муҳити зист боиси дар муддати хеле кӯтох ба вучуд омадани эрозияи васеи заминхои нишебӣ гардид. Давраи азхудкунии интенсивии замин бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва буҳрони иқтисодӣ оғоз ёфт. Аз сабаби барои сӯзишворӣ буридани ниҳолҳои дарахтон майдони ҷангал хеле кам шуд. Дар ин давра дар доманаи қаторкуҳҳои Ҳисор зиёда аз 100 ҳазор гектар заминҳои чарогоҳ ва на танҳо нарм, балки аксар вақт нишебии кӯҳҳо шудгор карда шуданд.Оқибати ин ба таври оммавӣ паҳн шудани эрозияи замин, ба вучуд омадани дараҳо, ярчҳо, баланд шудани чирк ва сифати оби нӯшокӣ, паст шудани ҳосили зироатҳои хоҷагии қишлоқ ва ғайра буд. Дар натиҷаи босуръат сохтани хонаҳои истироҳат,ӣ шахсӣ ва майдонҳои истироҳатӣ, махсусан дар минтақаҳои сероб ва лаби дарёи Варзоб масоҳати заминҳои обӣ кам шуд. Дар айни замон (2008) майдони умумии ноҳияи Варзоб -163133 гектар, аз чумла 260 гектар замини обӣ мебошад. Аз майдони умумии РВ 2356 гектар замини корам мебошад, ки 74 гектараш замини обӣ мебошад. 67950 гектарро чарогоҳҳо, 656 гектарро плантасияҳои бисёрсола (боғ-239, токзор-363, тут-52), аз чумла 5 гектар ишғол мекунанд.

Ҳосили воқеии гандум дар заминҳои РВ дар соли 2007 6,9 кг/га буд. Агар ба сифати стандарт ҳосили гандумро (зироати асосии дар замини лалмӣ кошташуда) дар заминҳои суст эрозшуда -10 центнер/га ба ҳисоби 100 фоиз гирем, пас талафи ҳосил дар соли 2007 тақрибан буд (ба шарте ки тамоми заминҳои лалмӣ аз ҳисоби заминҳои лалмӣ ишғол карда шаванд зироатҳои гандумӣ) 40% истеҳсоли имконпазир ҳангоми таҳлили маълумотҳои оморӣ оид ба ҳосили меваю буттамева маълум мешавад, ки соли 1991 ноҳияи Варзоб аз рӯи ҳосили ин зироатҳо – 29,6 ц/га, дар байни 13 ноҳияи НТҶ дар ҷои дуюм қарор дошт ҳосили ангур - дар ҷои сеюм - 25,3 к/га. То соли 2007 ҳосили меваю ангур тадриҷан паст шуда, 12,1 сентнер/га мева ва 11 сентнер/га ангурро ташкил дод. Дар асоси ин маълумот агар нархи яклухти 1 кг себро 4 сомонӣ (см) ва 1 кг ангури «Тойфи»-ро 2 см гирем, пас зиёни иқтисодии вилоят аз кам шудани ҳосили боғдорӣ ба андозаи 100 сомониро ташкил дод 1617 ҳазор сум, токпарварӣ - 1041 , 04 ҳазор сум сабаби хеле паст шудани ҳосили меваю ангур дар он аст, ки системаи обьёрии онҳо, эрозияи замин, зуроварии ҳашарот ва касалиҳои зараровар мебошад. Мутаассифона, чунин тадбирҳои зидди эрозия ва чангалпарварӣ на ҳамаи майдонҳои нишебиҳои ҳудуди РВ-ро фаро мегиранд. Тавсифи мухтасари таназзули хок дар ҳудуди ноҳияи Варзоб манбаъҳо ва сабабҳои бад шудани ҳолати замин (табиӣ ва антропогенӣ) дар ҳудуди ноҳияи Варзоб, таъсири манфии таназзули замин ба муҳити зист ва саломатии инсон хатари дарозмуддати таназзули замин дар

ҳудуди МВ муайян карда шудааст.Майдони умумии ноҳияи Варзоб (ВР) 163133 гектар (2008) буда, аз он 67950 гектарашро чарогоҳҳои табии ва алафзорҳо ишғол мекунанд.Чарогоҳҳои тобистонаи кӯҳӣ майдони тақрибан 42140 гектарро ишғол мекунанд, ки дар баландии зиёда аз 2500 м, аз болои растаниҳои ҷангал ҷойгиранд. Чарогоҳҳои баҳорӣ тирамоҳӣ ва тамоми сол доманаи кӯҳ 25810 гектарро ташкил медиҳад.Чорводорӣ дар территорияи РВ назар ба дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ хеле тараққӣ кардааст. Аз 01.01.2009 саршумори чорвои калони шохдор (чорвои калони шохдор) дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 19004 сарро ташкил дод, ки ҳиссаи бештари он 97,5 фоиз ба аҳолӣ – 18523 сар, хоҷагиҳои деҳқонӣ (шахсӣ) 481 сар; гӯсфанду буз мутаносибан 75632, 64047 ва 11585 сарро ташкил медихад; асп - 225, 141 ва 84 сарй. Дар байни аҳолӣ (хоҷагиҳои шахсӣ) саршумори ҳайвонот хеле зиёд мешавад. Ҳамин тариқ, то соли 2009 дар байни аҳолии РВ назар ба солҳои 1991 ва 1999 саршумори чорвои калони шохдор 1,70 ва 2,10 баробар, гӯсфанду буз 1,73 ва 3,34 баробар афзуд. Зимнан, майдони чарогоҳҳо дар ҳамин давра нисбат ба соли 1991-ум 18600 гектар ё қариб 30 фоиз кам шудааст.

Адабиёт:

1. Ананьев Г. С. Динамическая геоморфология. Формирование вершинных поверхностей. Изд. Московского университет, 1976. – С. 12-47.
2. Бабаев А. М. Новейший тектогенез зоны сочленения Гиссаро-Алая и Таджикской депрессии. – Душанбе, 2019. – С. 76-82.
3. Босов В. Д. Третичные континентальные отложения Таджикистана и Кухистана. – Душанбе: Дониш, 1972. – 167 с.
4. Захаров С. А. Развитие тектонических представления в Таджикистане и гипотеза зонного тектогонеза. – Душанбе: Дониш, 1970. – 320 с.
5. Якутилов М. Р., Бурикин А. М., Садриддинов А. А., Лукин В. Н. Почвы Таджикистана. Эрозия почв и борьба с ней. Вып. 7. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1963. – С. 97-122.

Калидвожаҳо: *кӯл, обанбор, иқлим, захираҳои обӣ, тавсиф, пайдоиш, хусусият.*

Аннотация

ПОСЛЕДСТВИЯ СЕЛЕЙ В ДОЛИНЫ РЕКИ ВАРЗОБ

В статье приведена современный генезис, классификация и особенности озер. Изучение озер нужно для определения водных ресурсов и антропогенного воздействие. Необходимость изучения использования озер для питья, водоснабжение, рыбоводство, орошение и т.д.

Ключевые слова: *озеро, водохранилище, климат, водные ресурсы, классификация, генезис, особенности.*

Annotation

THE CONSEQUENCES OF MUDSLIDES IN THE VALLEY OF THE VARZOB RIVER

The article presents the modern genesis, classification and features of lakes. The study of lakes is necessary to determine water resources and anthropogenic impact. It is necessary to study the use of lakes for drinking, water supply, fishing, irrigation, etc.

Keywords: *lake, reservoir, climate, water resources, classification, genesis, features.*

Маълумот доир ба муаллиф: Ҳайдаров Ҳасан, магистранти соли якуми ихтисоси географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Суроғa: шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Садриддин Айнӣ 16. Тел.: +992 904545954

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои география, омӯзгори кафедраи географияи табиӣ Имамов Абдулло Асадулаевич

Сведения об авторе: Хайдаров Хасан, магистрант первого курса специальности географии ТГПУ имени С. Айни. Адрес: город Душанбе, район Шохмансур, улица Садриддин Айнӣ 16. Тел.: +992 904545954

Научный руководитель: кандидат географических наук, преподватель кафедры физической географии Имамов Абдулло Асадулаевич

About the author: Haydarov Hasan, the 1 nd year Master's Degree student of the, Geography Faculty, TSPU named after Sadriddin Ayni, address: Dushanbe, Shohmansur district, Ayni 16 str. Tel.: +992 904545954

Supervisor: Candidate of Geographical Sciences, Teacher of the Department of Natural Geography Imamov Abdullo Asadulaevich

Мусоева Кенҷамо Ҳасановна,
магистранти соли дуюми факултети биология

СОХТИ АНАТОМӢ ВА ГИСТОЛОГИИ ГУРДА

Гурда узви ҷуфту асосии системаи ихроҷ буда, шоша ё пешобро ҳосил карда, ба берун хорич мекунад. Гурда намуди лӯбиёшаклу ранги сурхи тира дорад, ки дарозиаш 10-12 см, бараш 5-6 см, ғафсиаш 4см, вазнаш аз 120 то 200г меояд. Гурда сатҳои пешу пас, ки сатҳи ҳар кадомиаш барҷастатар аст, нӯгҳои боло ва поён, канори дарунии фурӯхамида ва канори берунии барҷаста дорад. Дар қисми миёнаи канори дарунаш ковокие вуҷуд дорад, ки баромадгоҳи гурда мебошад ва ба вай артерияи гурда ва асабҳо ворид шуда, аз он ҷо венаи гурда, рагҳои лимфавӣ ва найи шошарав, ки аз паси ин рагҳо воқеъ аст , мебароянд. Воридгоҳи гурда ба пасихамие, яъне ба ҷавфи гурда мегузарад, ки деворашро моддаи гурда ташкил медиҳад. Дар ҷафи гурда ҷомчаҳои хурду калони гурда, тағорача ё тоси гурда, селлюлозаи чарбу, рагҳои хунгарду лимфавӣ ва асабҳо мавҷуданд.

Гурдаҳо дар қисми камар, дар девори ақиби ковокии шикам, аз ду самти сутунмуҳра, дар баробари муҳраҳои Х11 сина ва 1-2 камтар ҷойгир шудаанд. Акси гурдаҳоро аз ақиб тавассути қабурға муайян кардан мумкин аст. Масалан, қабурғаҳои 12 гурдаи чапро аз миёнҷои сатҳи ақибашу гурдаи ростро аз наздикии нӯгаш бурида мегузаранд. Гурдаҳо қадре каҷ хобида, нӯгҳои болояшон ба якдигар наздиктаранд. Гурдаи рост дар ноҳияҳои болои батнӣ, нофӣ ва ноҳияи батнии ҷонибии чап акс ёфтаанд. Гурдаи рост бо ғадуди болои гурда, ҷигар, хамгаштаи рости чархакрӯда ва бо қисми поёнрави рӯдаи дувоз-даҳангушта ҳамшафат аст. Гурдаи чап дар қисми болояш чун гурдаи рост бо ғадуди зери меъда , испурҷ ва бо хамгашти чапи чархак - рӯда ҳамшафат мебошад. Гурда якчанд парда дорад. Моддаи гурдаро аз берунаш пардаи тунуки бофтаи пайвасткунанда мепӯшад, ки вайро ба осонӣ ҷудо кардан мумкин аст. Аз рӯи ин пардаи фиброзӣ қабати ғафси селлюлозаи чарбӣ ҳаст, ки вай аз пушти гурда хубтар ифода ёфтааст.

Гурда аз ду модда, моддаи берунии қишрие, ки ғафсиаш 0,4-0,7см ва моддаи даруни мағзие, ки ғафсиаш 2,0-2,5 см меояд, иборат аст.

Воҳиди асосии сохтору вазифаии гурда нефрон буда, ададаш 1-1,5 млн меояд. Нефрон аз ҷисмчаи гурдавӣ ибтидо меёбад, ки вай аз тӯбчаи капиллярии ғилофакие, ки бо ғилофаки дудевории тӯбчаи капиллярии ғилофакие, ки бо ғилофаки дудевораи тӯбча иҳота шудааст, иборат аст.

Ихроҷ - ин раванди озодшавии организм аз маҳсулоти мубодила, ки организм истифода бурда наметавонад, моддаҳои бегона ва заҳрдор, оби барзиёд, намакҳо, пайвастагиҳои органикӣ мебошад. Ба узвхои ихроҷ гурдаҳо, шуш, пӯст (ғадудҳои арақ ва чарбу), роҳи ҳозима ва ғадудҳои сина дохил мешаванд. Аҳамияти асосии узвҳои ихроҷ аз нигоҳдории доимияти таркиб ва ҳаҷми моеъдаҳои дохили организм (пеш аз ҳама хун), иборат мебошад.

Вазифаи гурдаҳо**.** Гурдаҳо узви асосии хориҷкунанда буда, вазифаи асосии гурдаҳо аз инҳо иборат аст:

1) танзими ҳаҷми хун ва дигар моеъдаҳои организм, таркиби ионии моеъдаҳои муҳити дохилӣ, мувозинати атсиду алкал, фишори шараёнӣ ва эритропоэз;

2) берун намудани маҳсулоти интиҳоли мубодилаи нитроген ва барзиёди моддаҳои органикии бо ғизо дохилшаванда ё дар рафти мубодила (метаболизм) ҳосил шудааст;

3) иштирок дар инкретсияи ферментҳо ва моддаҳои фаъоли физиологӣ (гемопоэтинҳо, ренин, брадикинин, простогландинҳо, витамини $Д_3$).

Дар гурдаҳо равандҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

1) полоиш (филтратсия);

2) ҷаббиши дубора (реабсорбсия);

3) тарашшуҳ:

4) инкретсия.

Се раванди аввал пешоб ҳосилкуниро тамин менамояд.

Полоиши тӯбчагӣ - доҳилшавии об ва пайвастагиҳои дорои вазни пасти молекулавӣ аз тӯбчаҳо ба сатҳи ғилофак мебошад. Дар роҳи полоиш се монеа мушоҳида мешавад: эндотелияи мӯйрагҳои тӯбча, ғишои базалӣ ва баргаки дохилии ғилофак.

Қувваи ба полоиш мусоидаткунанда - фишори гидростатикии хун (70 мм. сут. сим.) дар мӯйрагҳои тӯбча мебошад. Ба қувваҳои ба полоиш монеъшаванда дохил мешаванд: фишори онкотии хун (30 мм. сут. сим.) ва фишори гидростатикии ултрополоиш дар ғилофаки Боумен - Шумлянский (20 мм. сут. сим). Фишори самарабахши полоишӣ, ки аз он суръати полоиши тӯбчагӣ вобастагӣ дорад, бо фарқияти фишори ба полоиш мусоидаткунанда ва фишори ба он монеъшаванда (70 - 30 -20 =20 мм. сут. сим) муайян карда мешавад. Миқдори ултрополоиш (пешоби нахустин) дар як шабонарӯз то 150-180 л мерасад. Суръати полоиш 120 мл/дақ. дар мардҳо ва 100 мл/дақ. дар занҳо мебошад.

Ҷаббиши дубораи найчагӣ - ҷаббиши дубораи об ва баъзе моддаҳои барои организм зарур аз пешоби нахустин ба хун мебошад. Аз 150 -180 л. пешоби нахустин аз хисоби реабсорбсия ҳамагӣ 1,5 - 2 л. пешоби интиҳои ва дуюмин ҳосил мешавад. Реабсорбсияи моддаҳо дар шуъбаҳои гуногуни нефрон якхела нест. Дар қисмати проксималии нефрон аз ултрафилтрат глюкоза, аминокислотаҳо, витаминҳо, сафедаҳо микроэлементҳо пурра дуюмбора ҷаббида мешаванд. Дар шуъбаҳои минбаъдаи нефрон фақат ионҳо ва об дуюмбора ҷаббида мешаванд.

Тарашшуҳи найчагӣ. Дар ин маврид ҳуҷайраҳои эпителиалии нефрон баъзе моддаҳоро аз хун ва моеи интерстисиали ба даст оварда, онҳоро ба равзанаи найчачаҳо мебаранд. Тарашшуҳ барои ихроҷ шудани кислотаҳои органикӣ, асосҳо ва ионҳо имконият медиҳад.

Варианти дигари тарашшуҳи найчагӣ аз ҷудо шудани моддаҳои нави дар ҳуҷайраҳои нефрон синтезшуда дар равзанаи найчаҳо иборат аст. Масалан, дар ҳуҷайраҳои каналчаҳои гурда аммиак ҳангоми дезаминатсия шудани аминокислотаҳо аз аминогурӯҳҳо (амониогенез) синтез мешавад, ки аз хун ионҳои гидрогенро гирифта, ба амоний табдил медиҳад ва дар ковокии каналчаҳо хориҷ мегардад. Дар ҳуҷайраҳои каналчаҳои гурда аз кислотаҳои бензоат ва гликолӣ кислотаи гипуравӣ синтез мешавад.

Функсияи инкреторӣ. Дар гурдаҳо як қатор моддаҳои фаъоли физиологие хосил мешаванд, ки дар хун ҷудо мешаванд. Амалӣ шудани функсияи инкреторӣ бо дастгоҳи юнстагломерулярӣ алоқаманд аст, дар даромадгоҳи тӯбча байни артериолаҳои оваранда ва бароварандаи тӯбча ва қисме аз найчаи дисталӣ ҷойгир аст. Ба он ҳуҷайраҳои гранулярии артериолаи оваранда, ҳуҷайраҳои доғи зичи найчаи дисталӣ ва ҳуҷайраҳои махсусе дохил мешаванд, ки бо ҳарду гурӯҳи ҳуҷайраҳо иртибот доранд.

Функсияи мубодилавии гурдаҳо - дар моеъдаҳои муҳити дохили нигоҳ дошта шудани дараҷаи доимии сафедаҳо ва липидҳоро таъмин менамояд. Албуминҳо ва глобулинҳо ба воситаи ғишои тӯбча намегузаранд, вале сафедаҳо пептидҳои пастмолекулявӣ озодона полоиш меёбанд. Пас, ба хуфраи найча доимо гормонҳо, сафедаҳои тағйирёфта дохил мешаванд. Ҳуҷайраҳои найчаи пароксималӣ онҳоро ба даст медароранд ва то аминокислотаҳо таҷзия менамоянд, ки ба воситаи ғишои базалии плазмавӣ ба моеъи ғайри ҳуҷайравӣ сипас ба хун интиқол меёбанд. Ин барои дар организм барқарор намудани захираи (фонди) аминокислотаҳо мусоидат мекунад.

Нақши гурдаҳо дар танзими фишори осмосии хун. Ҳангоми меъёр фишори осмосии (осмолярнокии) хун дар доираи 290 мосмол/кг об қарор дорад. Осморетсепторҳо дар қисмати ядрои фавқуоптикии гипоталамус, дар ҷигар, дил, гурдаҳо ва дигар узвҳо паҳн шудаанд. Мувофиқи назарияи осморетсептории Верней, ҳангоми зиёдшавии фишори осмосии хун маҷрои импулсҳо аз осморетсепторҳо зиёд мегардад, ки боиси ихроҷи ГЗД (гормони зидди диуретикӣ) аз нейрогипофиз гашта, ҷаббиши дубораи об дар найчаҳои ҷамъкунандаи нефронҳо зиёд шуда, фишори осмосии хун кам мешавад. Маҳсулоти ГЗД бо таъсири барангезиши дард зиёд мешавад - ануриия дардӣ пайдо мешавад.

Нақши гурдаҳо дар танзими ҳаҷми хуни гардишкунанда (ЧХГ). Дар танзими ҳаҷми хуни гардишкунанда ва моеъи интестисиалӣ валюморетсепторҳо (ретсепторҳои кашишхӯрӣ) - дар минтақаҳои фишори паст ва баланд нақши муҳим мебозанд. Дар деворaи даҳлези чапи дил волюморетсепторҳо ҳастанд. Ҳангоми зиёдшавии ҷоришавии хун дар вариди шушҳо деворaи даҳлези чапи дил кашиш мехӯрад, волюморетсепторҳоро барангезиш медиҳад, маҷрои импулсҳои афферентӣ пайдо мешавад, ин импулсҳо тонуси вагусро зиёд мекунанд, ки боиси таъсироти манфӣ дар дил ва кам шудани ҷоришавии хун дар доираи хурди хунгардиш мегардад. Ҳамзамон ин импулсҳо ба ядрои фавқиоптикии гипоталамус дохил мешавад – тарашшуҳи ГЗД ҷаббиши дубораи об дар найчаҳои ҷамъкунандаи нефрон кам мешавад, диурез (полиурия) зиёд мешавад, ки боиси муътадилшавии ЧХГ (ҳаҷми хуни гардишкунанда) мегардад. Қисме аз валюморетсепторҳо дар синуси каротидӣ ва дар қисмати камони аорта ҷойгиранд. Ҳангоми камшавии фишори шараёнӣ - тарашшуҳи ГЗД баланд мегардад ва ЧХГ зиёд мешавад. ЧХГ ҳамчунин аз ҳисоби системаи ренин - ангиотензин - алдостерон танзим мешавад. Ҳангоми камшавии ЧСХ (ҳаҷми систолии хун) фишори шараёнӣ кам мегардад, ки ба баландшавии маҳсулоти ренин оварда мерасонад, ангиотензини II ҳосил мешавад, ки маҳсулоти алдостеронро зиёд менамояд. Ин боиси зиёдшавии ҷаббиши дубораи натрий, сипас об мегардад. Дар натиҷа ЧХГ баланд мешавад.

Нақши гурдаҳо дар танзими таркиби ионҳои хун. Гурдаҳо дар нигоҳдории ғуншавии ионҳои натрий, калсий, калий ва хлор дар хун нақши мухим мебозанд.

Нақши гурдаҳо дар танзими мувозинаи атсиду алкал (pH). pH - и хунро нигоҳ доштани гурдаҳо бо ёрии механизмҳои зерин ба амал меояд:

1) Аз ҳисоби танзими ҷаббиши дубораи бикарбонати натрий, ҳангоми атсидоз самаранокии ҷаббиши дубораи бикарбонати натрий зиёд мешавад, ҳангоми алкалоз бошад, кам мегардад. Ҳангоми атсидоз ионҳои гидрогени зиёдатӣ бо ҳуҷайраҳои эпителиалии каналчаҳо фаро гирифта мешаванд ва дар равзанаи найча тарашшуҳ меёбанд, ки вай иони натрийро аз бикарбонат танг карда бароварда, онро ба кислотаи ангидради карбон табдил медиҳад. Бо таъсири карбоангидраза (дар қисмати апикалии ҳуҷайраи эпителиали мавқеъ мегирад) ангидриди карбон ба об ва гази карбонат таҷзия мешавад. Гази карбонат ба даруни ҳучайра дохил мешавад, ки бо таъсири карбогидраза ба ангидриди карбон табдил меёбад. Вай ба иони ҳидроген ва аниони $HC0_3$ ҷудо мешавад. Иони гидроген аз ҳуҷайра ба равзанаи найча мегузарад ва аз сари нав натрийро аз бикарбонат танг карда мебарорад. Ба ҳамин тариқ, тарашшуҳи ҳидроген ба ивази натрий дар ниҳояти кор ба он оварда мерасонад, ки тамоми бикарбонат аз пешоби нахустин ба хун мегузарад, ионҳои ҳидрогени зиёдатӣ бошад, ба пешоб мебарояд;

2) ихроҷи ионҳои гидроген бо ёрии буфери фосфатӣ, ионҳои тарашшуҳии гидроген дар равзанаи каналчаҳо дар ин маврид бо фосфатҳо (Na_2HPO_4) алоқаманд мешавад ва аз онҳо натрийро танг карда бароварда ба $Na_2H_2P0_4$ табдил меёбад, ки гурдаҳоро тарк намуда, ионҳои гидрогени зиёдатиро хориҷ менамояд: 3) аз ҳисоби раванди аммониогенез - ҳангоми пастшавии pH - и пешоб аз 5 ва камтар харобшавии буфери фосфатӣ ба амал меояд ва дар ҳуҷайраҳои найчаҳо синтези аммиак дар натиҷаи дезаминатсияи аминокислотаҳо (глутаминӣ) оғоз меёбад. Аммиак иони ҳидрогенро аз хун ба даст оварда ба аммонний табдил меёбад ва дар суфраи найча тарашшуҳ ёфта, натрийро аз натрии хлордор танг карда мебарорад. Дар ин ҳолат NH_4CI_3 ҳосил мешавад, ки бо пешоб хориҷ мегардад. Натрии озодшуда дубора ба хун ҷаббида мешавад ва бо аниони $HC0_3$ пайваст шуда, ғунҷоиши буферии бикарбонатро пурра мекунад.

Адабиёт:

1. Комарова Ф. И., Кукеса Г. В., Сметнева А С., Внутренние болезни – под редакцией. – Москва, Медицина, 1990.
2. Вилли М. Терапевтический справочник. Вашингтонского Университета, 1999.
3. Гребнев А. Л., Шептулин А. А. Гастрити музмин. Дастурамал аз гастроэнтерология. – М., 1995.
4. Шептулин А. А. Маводи прокинетикӣ мотилиум: аҳамияти фармакологӣ ва шароити клиникии истифодабарӣ. – Клин. Мед, 1997 с.

Калидвожаҳо: *аломатҳо, гурда, санг, усул, Тоҷикистон, бемор, дору, табобат, пешгирӣ, нишонаҳо ва гайра.*

Аннотация

АНАТОМИЧЕСКОЕ И ГИСТОЛОГИЧЕСКОЕ СТРОЕНИЕ ПОЧЕК

В статье указывается, что заболевания камней в почках и мочевыводящих путей - то есть образование камней в почках и других отделах мочевыводящих путей в результате нарушения обмена веществ. Заболевание чаще всего обостряется вышеперечисленными факторами (нарушение обмена веществ в организме человека). Камни могут образовываться в любом отделе почек и мочевыводящих путей, независимо от возраста и характера. С химической точки зрения камни можно разделить на ураты, фосфаты, оксалаты и другие камни: цистин, ксантин, холестерин и прутиний. Основная причина - нарушение обмена веществ в организме человека, особенно водно-солевого обмена и химического состава крови. Кроме того, образование камней в мочевыводящих путях может зависеть от следующих факторов: Hered; хронические заболевания пищеварительной системы (гастрит) и язва желудка; заболевания желез внутренней секреции; различные заболевания почек и других мочевыводящих органов - пиелонефрит, простатит, цистит, нефроптоз и др.;

Ключевые слова: *симптомы, почка, камень, метод, Таджикистан, пациент, медицина, лечение, профилактика, симптомы и так далее.*

Annotation

DISEASES OF THE KIDNEYS AND URINARY TRACT (URELINE DISEASE)

The article indicates that diseases of kidney stones and urinary tract - that is, the formation of stones in the kidneys and other parts of the urinary tract as a result of metabolic disorders. The disease is most often exacerbated by the above factors (metabolic disorders in the human body). Stones can form in any part of the kidneys and urinary tract, regardless of age and nature. From a chemical point of view, stones can be divided into urates, phosphates, oxalates, and other stones: cystine, xanthine, cholesterol, and prutinium. The main reason is metabolic disorders in the human body, especially water-salt metabolism and the chemical composition of the blood. In addition, the formation of stones in the urinary tract can be influenced by the following factors: Hered; Chronic diseases of the digestive system (gastritis) and stomach ulcers; Diseases of the endocrine glands; Various diseases of the kidneys and other urinary organs - pyelonephritis, prostatitis, cystitis, nephroptosis and etc.

Keywords: *symptoms, kidney, stone, method, Tajikistan, patient, medicine, treatment, prevention, symptoms and so on.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Мусоева Кенҷамо Хасановна, магистранти соли якуми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1–020401. Суроғa: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 125, хобгоҳи №3, х. 8. Тел.: +992 907929795

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогика, дотсент Шарипов М. М.

Сведения об авторе: Мусоева Кенжамо Хасановна, магистрантка первого курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, по специальности биология 1-020401. Адрес: г. Душанбе, пр. Рудаки 125, общежитие №3, х. 8. Тел.: +992 907929795

Научный руководитель: кандидат педагогических наук, доцент Шарипов М. М.

About the author: Musoeva Kenlyamo Khasanovna, 1st year master of the biological faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, specializing in biology 1 - 02 04 01. Address: Dushanbe, ave. Rudaki, 12, dormitory №3, x. eight. Tel.: +992 907929795

Scientific adviser: Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor Sharipov M. M.

Қурбонов Ҳасан Мухторович,
магистранти соли дуюми факултети биология

НОН ВА МАҲСУЛОТИ АЗ НОН ТАЙЁРКАРДАШУДА

Нон ғизои басо муҳим дар дастархони ҳар хонаводаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Агар ба хонадони тоҷик меҳмон биёяд, баъди густурдани дастархон аввалин маводе, ки ба он гузошта мешавад, нон аст.

Имрӯз ба ҳар сари аҳоли 400-420 г нон рост меояд, ки чоряки инро нони сиёҳ ва боимондаашро нони сафед ташкил медиҳад [7].

Аҳолии кураи Замин дар ҳар дақиқа 25 млн. дона нон истеъмол менамояд. Тоҷикон нонро ба миқдори зиёд истеъмол менамоянд.

Нон дар тӯли ҳазорсолаҳо яке аз ғизои муҳими инсон ба ҳисоб меравад. Олимон бар он ақидаанд, ки аввалин нон 15 ҳазор сол пеш пухта шудааст. Дар осорхонаи Сюрих як будкаи ноне гузошта шудааст, ки онро қаъри кӯли хушкшуда пайдо кардаанд, ки 6000 сол пеш пухта шудааст.

Нон аз орди дурушт тайёр кардашуда миқдори зиёди маводҳои ғизоиро дар бар мегирад. Аз ҷумла миқдори сафедаи таркиби нони заҒора 5,5% ва нони гандуми 76-8,4% мебошад. Маводҳои асосии таркиби нон карбогидридҳо мебошад, аз ҷумла полисахаридҳо ва оҳар.

Оҳари таркиби нон манбаи асосии таъмин кардани буния бо неру мебошад.

Аммо, на ҳамаи одамон дар бунияи худ ферментҳоро барои ҳазм намудани қандҳои раффиноза ва стахиоза доранд, ки аз онҳо нони ҷавдор зи ёд аст. Аз ин лиҳоз истеъмоли чунин нон дар одамон зиёдшавии бод ва дамиши шикамро ба амал меоранд.

Дар таркиби нон аз ҷумла нони сиёҳ миқдори зиёди нахҳо ва ғозҳои ғизоӣ маҳфуз аст, ки онҳо дар дастгоҳи ҳозима ниҳоят кам ҳазм мешаванд, вале дар ҷараёни ҳазми ғизо онҳо нақши муҳимро иҷро мекунанд. Нахҳои ғизоӣ ҳаракати рӯдаҳо ӯ (престалтика) ва модторикаи онро беҳтар карда ба вортидшавию гузаштани босуръати он тавассути дастгоҳи ҳозима мусоидат мекунад.

Дар таркиби нон инчунин чарбуҳо низ мавҷуданд, ки миқдори онҳо 1,0-1,3% т мебошад, ки аз онҳо 50% кислотаҳои Я (ПНЖК) маҷмӯи кислотаҳои носери чарбуи (МКНЧ) аст [10].

Ғайр аз ин, дар таркиби нон миқдори зиёди витаминҳои гурӯҳи В муайян кардашудааст. Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки манбаи асосии витаминҳои ин гурӯҳ пӯсти гандум аст. Ва навъи орде, ки аз он нон пухта мешавад ҳар қадар паст бошад, миқдори витаминҳо дар он нон ҳамон қадар зиёд мешавад. Масалан, дар нони гандуми аз орди дурушт пухташуда миқдори витамини В1 0,27 мг%, нони орди навъи 2 – 0,23 мг%, орди навъи 1-0,15 мг%, орди навъи аъло 0,11 мг%; Витамини В2 -0,13 мш%, 0,11 мг%, 0,08 мг%, 0,06 мг%; витамини РР-4,20 мг%, 3,10 мн%, 1, 51 мг%, 0,92 мг% аст.

Аз нишондиҳандаҳои боло бармеояд, ки агар одам 500 грамм нони орди навъи дуюм истеъмол намояд, пас ӯ 65-68% талаботи бунияашро бо витамини В1, 28% бо В2 ва 82% бо витамини РР таъмин мекунад.

Нон инчунин манбаи муҳими таъмин намудани бунияи инсон бо унсурҳо мебошад. Дар таркиби нон миқдори руҳ -0,7-1,4 мн%, манган –то 1,8иг%; оҳан -1,7-3,6мг%; магний -25-60 мг%; калсий -20-25 мг%; фосфор -110-170 мг%; калий 120-200 мг%-ро ташкил медиҳад [11].

Бояд тазаккур диҳем, оҳану фосфори таркиби нон бинобар дар таркибаш мавҷуд будани миқдори зиёди кислотаи фитин дар буния ниҳоят суст аз худ карда мешавад.

Дар инҷо низ бояд дар хотир дошт, миқдори асосии унсурҳо дар таркиби пӯсти донаи гандум ҷойгир шудаанд ва ҳар қадаре ки орди навъи баланд бошад, миқдори онҳо дар таркиби он ҳамон қадар кам мешавад.

Дар замони Шуравӣ дар истеҳсолот барои бемории ҷигар, рӯда, талхадон, меъдаву рӯда, диабети қанд нонҳои парҳези истеҳсол карда мешуданд. Масалан, нони сафеддори гандум ва сафедадори сабус барои беморони диабети қанд, нони лайситиндор ва нони сабӯс барои беморони мубталои атеросклероз ва вайронншавии мубодилаи холестерин пешгирӣ намудани санги талхадон, кулчахои ширӣ барои занҳои ҳомила ва ғайра.

Гандум. Маҳсулотест, ки аз он пурқиматтарин ғизои инсон – нон ба даст меояд. Гандум яке аз маҳсулоти муҳиму паҳншудаи кишоварзӣ рӯи Замин ба ҳисоб меравад. Ҳар сол тахминан 450 млн тонна гандум истеҳсол карда мешавад ва 2/3 ҳиссаи аҳолии кураи Замин нони

гандумиро ҳамчун ғизои асосӣ истеъмол мекунанд. 100 гр нони гандум то 255 ккал неру ҳосил мекунанд, 100 макарони аз орди гандум истеҳсол карда шуда бошад, то 358 ккал неру ҳосил мекунанд [7].

Дар таркиби дона гандум то 20% сафеда, 63-74% оҳар, 2% равған, 2% ғози ғизоӣ мавҷуд аст. Буния то 90% сафедаи таркиби онро аз худ мекунанд.

Аз гандум инчунин спирт, оҳар ва декстрин низ истеҳсол мекунанд. Масоҳати заминҳои кишти гандум дар дунё зиёда аз 232 млн гектар мебошанд. ва ҳосилнокии он ба ҳисоби миёна 2,31 т/га-ро ташкил медиҳад.

Ярмаҳо ва моҳияти ғизоии онҳо. Ҷуворимакка- аз маҳсулоти муҳими ғизоӣ ба ҳисоб меравад. Ҷуворимакка растании яксола буда дарозиаш ба 6 метр мерасад. Ватани эҳтимолии ин зироат Амрикои Марказӣ (Гватемала ва Мексика). Дар ин минтақа 5000 сол пеш аз милод ҷуворимакка кишт мекарданд. Дар Аврупо охири асри XV анитараш соли 1492 баъд аз расидани номаи Христафор Калумб оид ба ҷуворимакка огоҳӣ пайдо кард. Аз Амрико онҳоро ба Испания, Италия, Фаронса оварданд. Португалиҳо бошанд, онро ба Ҳиндустон ва Чин фиристодан. Сипас ин зироат таввасутти Ироқу Туркия аввал ба Қафқоз ва баъд ба Осиёи Марказӣ дигар минтақаҳо паҳн гардид.

Дар рӯи Замин майдонҳои ҷуворимакка зиёда аз 132 млн га-ро ишғол мекунанд. Итъаи Амрико 50 млн га, 25% миқдори умумии кишти ин зироатро фаро мегирад. Онро инчуни дар мамолики Аврупо, Чин, Ҳиндустон, афқоз, Осиёи Марказӣ аз қумла дар Тоҷикистон низ кишт мекунанд.

Дар таркиби донаҳои ҷуворимакка 10,5% сафеда, 6,5% равған, 67% карбогидрадҳо, 2,5% газҳои ғизоӣ 14,5% об ва миқдорт кофии витаминҳо унсурҳо аз ҷумла: витамини В1, В2, В6, Е, К, кислотаи никотин, биотин ва унсурҳои калий, малсий, магний, оҳан, мис, руҳ, арзиз, йод ва ғайра мавҷуд аст [9]. 100 грам донаи ҷуворимакка 338 ккал неру ҷудо мекунад. Ҷуворимакка ҳамчун маҳсулоти ғизоӣ дар саноати хӯрокворӣ ва нонпазӣ истифода мешавад. Аз он равғани рустанӣ, орди ҷуворимакка, хафи ҷуворимакка, консерваҳои донаҳои ҷуворимакка, спирти ҷуворимакка, оҳар ва ғайра истеҳсол дар рӯзгор онро ҷӯшонида истеъмол мекунанд. Барги поя ва донаҳои майдакардашудаи онро ҳамчун ғизои чорво ва паранда истифода мебаранд.

Шолӣ. Яке аз қадимтарин растаниҳои ғизоӣ ба ҳисоб меравад. Ватани шолӣ Ҳиндустон, Ветнам, Бирма буда, онро дар Ҷанубу Шари Осиё 4-5 ҳазор сол пеш кишт мекарданд. Дар Миср ва Испания аз асри VIII кишти он ба Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳуриҳои назди қафоз ва Ирон аз Панҷоб оварда шудааст.

Биринҷи шолӣ барои 50% аҳолии кураи Замин, аз умла Чин, Ҳиндустон, Ҷопон, Куриё, Ветнам ва Осиёи Марказӣ ғизоӣ асосӣ ба ҳисоб меравад.

Шолиро дар 60 давлати дунё дар майдони 145 млгн га (1986) кишт мекунанд. Онро асосан дар фасли тирамоҳ ба чуқурии 23-27 см кишт мекунанд. Баҳор онро аз нав ба чуқурии 18-23 см, такроран кишт карда, 5-7 рӯз пеш аз кишт намудан аз нав ба чуқурии 12-14 см мегузоранд. Майдонҳои кишти шолӣ майдонҳои пуробро мемонанд. Пеш аз кишти шолӣ замини онро бо ёрии катокҳо шибба мекунанд.

Пеш аз кишти шолӣ онро аз тозакунакҳо гузаронида, дар маҳсулоти сернокислий аммонии 5-10% мешӯянд ва 5-8 рӯз дар офтоб гарм карда, 2-3 шабонарӯз дар оби гарм (25-30С^0) нигоҳ медоранд. Вақте донаҳои шолӣ варам карданд онҳоро кишт мекунанд

Барои истеҳсоли як тонна шоли 24 кг озат, 12,4 кг фосфор ва 30 кг калий сарф мешавад. Барои гирифтани ҳосили хуб кунораи пахтаро низ чун пору истифода мебаранд, ки он ҳосилро то 50% афзун мекунад. Биринҷ яке аз маҳсулоти ғизоӣ буда, бунияи инсонро бо маводҳои ғизоии зарур таъмин менамояд.

Моҳияти ғизоии шӯлаи биринҷ (дар 100 г шӯла)

Маводҳои ғизоӣ	Шӯлаи биринҷи беоб	Шӯлаи биринҷи обдор
Сафеда, г	2,5	2,4
Равған, г	0,2	0,2
Карбогидрадҳо, г	26,8	24,9
Калсий, мг	16	6
Магний, мг	10	8

Нахӯд яке аз маҳсулоти муҳими ғизоӣ ба рустании яксолаи ғизоӣ буда, ба оилаи лубёгиҳо мансуб аст. Ватанаш Ҳиндустон, Афғонистон ва эҳтимол Тоҷикистон низ мебошад.

Дар таркиби нахӯди сабз 80% об, 13,3% сафеда, карбогидрид, 0,34 мг% витамини В1. 0,19 мг В2, 2 мг РР, 4,5 мг витамини С, 4 мг каротиноидҳо, 238 мг% калий, 122мг% фосфор ва дигар маводҳои зарури мавҷуд аст.

Таркиби нахӯди расида бошад, 14% об, 53,5% карбогидридҳо, 23% сафеда, 1,2 равған, 0,01 мг β-каротиноидҳо, 0,9 мг витамини В1, 0,18 мг В2, 2,37 мг витамини РР, 731 мг% калий, 89 мг% калсий, 88 мг% магний, 22 мг% фосфор ва 7 мг оҳан дорад. 100 г донаи нахӯд дорои 336 калорияя неру мебошад [11].

Дар нахӯди сабз ҳаргуна витаминшо ва унсурҳо зиёд буда, истеъмоли он барои камиштиҳоӣ, камнеруӣ, камхунӣ фоидаи калон дорад. Истеъмоли ғизоӣ нахӯддор ҳангоми бемориҳои дил, диабети қанд атеросклероз ва санги гурдаву масона манфиатбахш аст.

Нахӯди расида наз аз аҳамият холӣ нест, онро ҳамчун маҳсулоти пурқимати ғизоӣ дар ғизоҳои гуногун ҳамчун манбаи сафедаҳо ва унсурҳо, аз ҷумла дар оши палав, нахӯдшӯрбо, шӯлаи нахӯддор, далда, нахӯдбирён, нахӯдшӯрак ва дар тайёр намудани гандумбирён истифода мебаранд.

Истеъмоли ғизоҳои нахӯддор дар мавқеъи илтиҳоби мазмуни ихтилоҷноки рӯдаҳо, илтиҳоби ғадуди зермеъда, ароҳати рӯдаю меъда тавсия карда намешавад, зеро, ки он ихтилоҷро афзуда ҷамъшавии бодро дар шикам зиёд мекунад.

Лӯбиё. Дар ҷануб ва ҷанубу шарқии Осиё тарибан 6000 сол пеш маълум буд. Аз қадимулайём онро дар мамлакатҳои ҷанубу марказии Амрико парвариш мекунанд. Дар охири асри XVI онро ба Аврупо оварданд. Майдони умумии кишти лубиё 22 млн га мебошад. Дар дунё аз ҳар гектар кишти зироати лӯбиё ба ҳисоби миёна 0,65 тонна лӯбиё ба даст оварда мешавад.

Дар таркиби лӯбиё 14% об, 21-30% сафеда. 2 г равған, 50-60 карбогидрид, 43,4 г оҳар, 3,9 г ғози ғизоӣ, 0,5 мг витамини В1, 0,18 мг витамини В2, 2,16 мг витамини РР, натрий, калий, калсий, магний, рух, йод ва онҳо ошкор карда шудаанд. Таносуби намакҳои натрий ва калии таркиби лӯбиё ба хориҷшавии моеи буния мадад мекунад, ки ин кор дилу рагҳои хунгардро ба танзим меорад.

Адабиёт:

1. Абӯали ибни Сино. Қонун-фит-тиб 1. – Душанбе, 1989.
2. Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 560 с.
3. Абӯмансури Муваффақ. Гиёҳнома. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 192 с.
4. Азонзод Ҳ. А. Рустаниҳои шифоӣ. – Душанбе: Адиб, 1995. – 300 с.
5. Азонзод Ҳ., Абдулло С., Хоҷа М. Сад гиёҳи шифобахш. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 148 с.
6. Азонзода Ҳ., Абдулло С. Давои ҳазору як дард. – Душанбе: Адиб, 1985. – 188 с.
7. Михайлов В., Палько А. Выбираем здоровье! - 2-е изд. – М.: Молодая гвардия, 1987.
8. Васильев В. Н. Утомление и восстановление сил. – М., 1994.
9. Как быть здоровым. – М.: Медицина, 1990.
10. Книга о здоровье: Сборник // Сост.: Махотин Ю. В., Карева О. В., Лосева Т. Н. Под. Ред. Лисицына Ю. П. – М.: Медицина, 1988.
11. Куценко Г. И., Новиков Ю. В. Книга о здоровом образе жизни. – М.; Спб.: Нева, 2003.

Калидвожаҳо: *нон, ғизо, хӯрок, саломатӣ, пиёз, бодиринг, картошка, ҳаёт ва ғайра.*

Аннотация

ХЛЕБ И ХЛЕБОБУЛОЧНЫЕ ИЗДЕЛИЯ

В данной статье рассматривается роль и значеные хлеба и хлебобулочных изделий в пищи. Хлеб на протяжении тысячелетий считается одним из самых важных продуктов для человека. Ученые считают, что первый хлеб был приготовлен 15 тысяч лет назад. В Музее Цюриха есть броня, который нашел его на дне сушеного озера, приготовленного 6000 лет назад. Хлеб из муки грубого помола содержит большое количество питательных веществ. В том числе количество белка молочной железы составляет 5,5%, а хлеб пшеницы-76-8, 4%. Основным материалом в составе является углеводный хлеб, в том числе полисахариды и крахмал.

Ключевые слова: *хлеб, еда, еда, здоровье, лук, огурцы, картофель, работа, жизнь и другие.*

Annotation

BREAD AND BAKERY PRODUCTS

This article discusses the role and significance of bread and bakery products. Bread has been considered one of the most important products for humans for thousands of years. Scientists believe that the first bread was made 15 thousand years ago. The Zurich Museum has an armor that found it at the bottom of a dried lake cooked 6000 years ago. Bread made from coarse flour contains a large amount of nutrients. Including the amount of breast protein is 5.5%, and wheat bread is 76-8.4%. The main material in the composition is carbohydrate bread, including polysaccharides and starch.

Keywords: *bread, food, food, health, onions, cucumbers, potatoes, work, life and others.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Ҳасан Мухторович, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-020401. Суроғa: ш. Душанбе, н. Сино, 102 мкр. , хонаи №70, ҳуҷраи №6. Тел.: +992 935802505

Роҳбари илмӣ: н.и.п., муаллими калон Бобоева З.

Сведения об авторе: Курбонов Хасан Мухторович, магистрант второго курса биологического факультета Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни, по специальности биология 1-020401. Адрес: Душанбе, р. Сино, 102 мкр. дом №70, квартира 6. Телефон: +992 935802505

Научный руководитель: к.п.н., старший преподаватель Бобоева З.

About the author: Khasan Mukhtorovich Kurbonov, 2nd year Master of Biology, Faculty of Biology, Tajik State University. Sadriddin Aini, specializing in biology 1-020401. Address: Dushanbe, p. Sino 102 md. Trap no. 70, house no. 6. Phone: +992 935802505

Scientific adviser: C. of P. S., senior lecturer Boboeva Z.

Қурбонов Ҳасан Мухторович,
магистранти соли дуюми факултети биология

ҒИЗОИ СОЛИМ - ҲАЁТИ СОЛИМ

Яке аз омилҳои асосии афзоишёбӣ ва солимии кӯдакон ва калонсолон ин истеъмоли ғизои бехавфу хушсифат мебошад. Ғизои босифат гуфта таъомеро меноманд, ки аз рӯи миқдор кофӣ буда, сарфи энергетикии организмро (бунияро) пушонида тавонад. Таркиби ғизо бояд бо миқдори кофии моддаҳои ғизоӣ, витаминҳо, намакҳои минералӣ ва об таъмин буда, ба талаботи физиологии ҳар синну сол мувофиқат кунад ва дар он таносиби дурусти моддаҳо фароҳам бошад [2].

Ғизои оқилона ва самарабахш бо ташкили дурусти реҷаи қабули хӯрок барои синну соли гуногун ва дуруст тақсим кардани хӯрок дар тӯли рӯз аҳамияти хосе дорад. Сифати таъомҳои тайёркарда шуда, ороиши таъом, маззаи он барои дуруст истифодаи ғизо аҳамияти калон дорад.

Татқиқотҳои даҳсолаҳои охир аз он далолат медиҳанд, ки ташкили нодурусти ғизо, ки ҳам сифатан ва ҳам миқдоран ба меъёри физиологӣ чавобгӯй нест, ба пайдо шудан ва афзоиши беморихои вазнини ғизои мусоидат мекунад. Хусусан ғизое, ки ҷавобгӯи меъёрҳо набошад, ба афзоиши ҷисмонию фикрии кӯдакон ва дуруст ташаккулёбии системаи устухону мушакҳо ва системаи асаби онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Барои афзоиш ва фаъолияти пурсамари бунияи одам, таъмини энергия, мувозинати мубодилаи дохили он, нақши маводҳои ғизои ниҳоят муҳиманд ва аз ин лиҳоз донистани таркиби кимиёии маҳсулотҳои ғизоӣ барои инсон ниҳоят зарур мебошад. Чунки маводаҳои ғизоӣ аз ҷумла сафедаҳо, равғанҳо (чарбҳо), карбогидрадҳо, унсурҳо, витаминҳо ва дигар маводҳои таркиби онхо дар афзоиш, мубодилаи маводҳои дохили буния ва дигар просессҳои дохили он иштирок менамоянд. Бояд тазаккур диҳем, ки ҳаёти инсон ба мубодилаи моддаҳо вобастагии зич дорад. Мубодилаи моддаҳо процесси мураккабест, ки дар натиҷаи он маводҳои кимиёви ба маводҳои барои буния зарур мубаддал шуда афзоиши беҳдошт ва фаъолияти онро мунтаззам нигоҳ медоранд.

Ва тавассути онхо ба буния миқдори муайяни энергия, ки барои фаъолияташ зарур аст, ҳосил шуда, синтези пайвастагиҳои гуногуни кимиёвиро, ки барои сохтори буния лозиманд таъмин месозанд.

Аз ин лиҳоз мубодилаи моддаҳо комплекси биокимиёвӣ ва энергетикие мебошад, ки дар аз худкунии маводҳои ғизоӣ барои буния ниҳоят зарур ва конеъ сохтани он бо маводҳои пластикию энергетикӣ мусоидат мекунад.

Маводҳои ғизои сафеда, чарбу, карбогидридҳо ва дигар маводҳои ғизоӣ дар дастгоҳи ҳозима тавассути просессҳои дохилӣ ва пайваста ба ғизои молекулаҳояшон хурд тақсим шуда аз он ҷо ба хун ва бофтаҳо ворид мешаванд [4].

Мубодилаи моддаҳо бо мубодилаи энергия дар буния сахт алоқамандӣ доранд. Бунияи зинда танҳо дар ҳолати доимо ба он воридшавии энергия метавонад фаъолият намояд. Аз ин лиҳоз истеъмоли ғизо, ки асоси ҳосилшаваии энергия мебошад, барои инсон ниҳоят зарур аст. Дар баробари ин барои таъмини он бо энергияи зарурӣ, бояд таркиби ғизо аз маводҳои муҳими ҳаёти: сафедаҳо, чарбҳо, карбогидрадҳо ва дигар маводҳои лозима бой бошанд, ки мо онҳоро бо мисоли нақши сафедаҳо барои солимии инсон дида мебароем.

Сафедаҳо дар буния асосан накши сохтори (пластики)-ро ба ӯҳда дошта маводи асосии сохтмонии ҳучайраю бофтаҳо ба ҳисоб мераванд. Ғайр аз ин онҳо дар фаъолият ва синтези ферментҳо ва гормонҳо иштирок намуда кори онҳоро ба танзим меоранд. Онҳо дар кашондани гемоглобин ва миоглобин иштирок мекунанд, нақши ҳимоятгариро ба ҷо меоранд яъне дар синтези иммуноглобулинҳо ва интерферон иштирок мекунанд. Онҳо асоси ҳаётии мембранаи ҳуҷайраҳоро ташкил мекунанд. Сафедаҳо таносуби об ва муҳити pH-и онро нигох медоранд.

Бояд тазакур дод, ки сафедаҳо мисли карбогидраду чарбҳо дар буния захира намешаванд. Танҳо як миқдор сафедаҳои таркиби хуноба дар ҷигар ҳамчун маводи эҳтиёти захира мешаванд, ки ҳангоми хунравиҳои гуногун истифода мешаванд.

Ғайр аз ин ивазшавии доимии бофтаҳо, ҳучайраҳо, ҳосилшавии ферментҳо, ҳормонҳо бе иштироки сафедаҳо номумкин аст. Агар сафедаҳо бо ғизо ба буния ворид нашаванд пас буния

маҷбур аст, ки сафедаи узвҳо ва бофтаҳои дигари бунияро истифода кунад. Аз ин лиҳоз воридшавии доимии сафеда бо ғизо барои инсон ниҳоят зарур аст.

Суръати ивазшавии сафедаҳо дар бунияи одам 80 рӯз, сафедаи таркиби хуноба ва ҷигар 10 ва сафедаи мушакҳо 180 рӯзро ташкил мекунад.

Миқдори умумии сафеда дар бунияи одами солим 14 кг-ро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз истеъмоли миқдори барои буния зарур ва сифатан баланди сафеда барои кору фаъолияти фикрию ҷисмонии инсон нақши басо муҳимро ба ҷо меоранд. Қобили тазакур аст, ки миқдори сафедаҳо дар буния нисбат ба карбогидрадҳову чарбҳо ба кулли фарқ мекунанд, яъне агар дар буния миқдори муайяни чарбҳою карбогидрадҳо ҳамчун манбаи эхтиёти нигоҳ дошта шаванд ва онҳо ҷои холи шудаи якдигарро пур карда тавонанд пас инсон сафедаро танҳо тавассути ғизо мегирад.

Истеъмоли аз меъёр ками сафедаҳо боиси сарф шудани сафедаҳои узвҳои дохила аз ҷумла ҷигар, хуноба, бофтаҳо ва ғайра мегардад ва амнокислотаҳои бо ин роҳ ҳосил шуда барои синтези ферментҳо, ҳормонҳо ва дигар маводҳои ҳаётан муҳим сарф мешаванд, ки он ба саломатии инсон зарари ҷидди мерасонад.

Норасоии сафедаҳо ба фаъолияти ҳамаи воҳидҳои буния таъсири манфии худро мерасонад аз ҷумла:

1. Мубодилаи ферментҳо вайрон мешавад. 2.Синтези ҳормонҳо коста мегардад. 3. Муқовимати буния суст мешавад. 4. Ҷараёни хунофариниш вайрон мешавад. 5. Фаъолияти ҷигару гурдаҳо суст шуда, онҳоро чарб зер мекунад. 6. Фаъолияти рефлексҳои шарти суст мешавад. 7. Ба мубодила ва синтези унсурҳою, витаминҳо таъсири манфи мерасонад (хусусан ба витамини PP).

Бояд тазакур диҳем, ки сафедаҳо аз молекулаҳои полимерӣ иборат буда дар таркиби онҳо зиёда аз 80 аминокислотаҳои гуногун мавҷуданд, аз ин миқдор 20-тои онҳо барои инсон ниҳоят заруранд, ки онҳо асоси арзиши ҳаёти сафедаро муайян намуда фаъолияти пурсамари бунияро таъмин месозанд.

Аминокислотаҳо ба ду гуруҳ чудо мешаванд: 1- аминокислотаҳои ивазшаванда, ки адади онхо 12 ва – 8 аминокислотаро ташкил медиҳанд. Аминокислотаҳои ивазнашаванда барои буния нақши ниҳоят муҳимро ба ҷо меоранд, чун ки агар аминокислотаҳои ивазшавандаро буния ҳангоми норасоии онҳо синтез карда тавонад пас аминокислотаҳои ивазнашавандаро буния танҳо тавассути истеъмоли ғизо гирифта метавонад.

Аминокислотаҳои ивазнашаванда ва миқдори оптималии онҳо барои бунияи одами калонсол (мардҳо) дар як гр. сафеда чунин аст (мг) [4].

Бояд дар хотир дошт, ки 1.Триптофан – 10мг; 2. Фенилалаин.- тирозин- 60мг; 3. Метионин.-цистин-35мг; 4. Изолейцин- 40мг; 5. Лейцин - 70мг; 6. Лизин - 55мг; 7. Валин - 50; 8. Треонин - 40мг (ҷамъ: 360 мг) агар дар ғизо акалан як аминокислотаи ивазнашаванда нарасад, пас аминокислотаҳои боқимонда аз фаъолият бозмемонанд. Бояд тазакур дод, ки ҳангоми истеъмоли оқилонаи ғизо ба таносуби аминокислотаҳои ивазнашаванда дар он бояд диққати махсус зоҳир намуд.

Норасоии аминокислотаҳо дар ғизо боиси сустшавии қадкашии кудакон ва сарзадани беморихои гуногун мегарданд. Аз ин лиҳоз сафедаҳое, ки таркибашон аз аминокислотаҳои ивазнашаванда пурра аст, онҳоро сафедаи асил меноманд. Дар таркиби сафедаҳои рустани ҳамеша як ё ду аминокислота намерасад. Мисол: сафедаи гандуми танҳо нисфи аминокислотаи лизинро дораду халос, сафедаи картошка бошад аз се як ҳиссаи метионинро дар бар мегирад. Ғайр аз ин аз худкунии сафедаи рустани нисбати сафеди ҳайвонот суст ҷараён мегирад. Мисол: сафедаи тухму шир 96%, моҳӣ ва гушт –95%, сафедаи нони аз орди навъи якум ва дуюм пухта шуда 85%, сафедаи сабзавотҳо-80% ва картошкаю лубиёгиҳоро буния то 70% ҳазму аз худ мекунад. Сабагори суст ҳазму ҷаббидашавии сафедаи рустанӣ дар таркиби онҳо ба миқдори зиёд мавҷуд будани ғизо ва нахҳои ғизои вобастагии зич дорад. Бояд тазакур дод, ки ин ҳолат боиси ба ҷаббидашавии дигар маводҳо (чарбу, карбогидрадҳо, витаминҳо ва унсурҳо) оварда мерасонад.

Барои бартараф намудани чунин дисбаланс истеъмоли ғизоҳои ширӣ, гуштӣ ва рустанигӣ дар омехтаги айни муддаост. Мисол; ширу-зироатҳо аз ҷумла ширу-биринҷ, ширу-макарон, ширу-каду, ширу-марҷумак ва таъомҳои омехтаи карамшурбои гуштин, шурбо, мастоба, оши палав, мурғшурбо, моҳишурбо, тушбера, ва ғайра.

Дар байни маҳсулотҳои ғизои моҳӣ яке аз манбаҳои хуби сафеда ва аминокислотаҳои ивазнашаванда ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла миқдори аминокислотаи лизини моҳӣ аз лизини

таркиби сафедаи тухм 2 маротиба ва нон 8 маротиба зиёдтар аст. Аз ҷумла нақши аминокислотаи метионин, дар пешгирии бемории атеросклероз ниҳоят муҳим буда, фаъолияти ғадудҳои руи гурдаро ба танзим оварда, дар синтези холин ва адреналин нақши босазо дошта, мубодилаи чарбҳою фосфасидҳои ҷигарро хуб карда, витамини B^{12} ва кислотаи фолатро дар буния фаъол мекунад.

Дар як шабонаруз барои одами калонсол 22 г. метионин лозим аст. Академик Покровский творогро шохи метионин ва моҳиро шохзани метионин гуфтааст, чунки дар 100 г. творог 495 мг, метионин ва 100 г. мохи 480 мг метионин маҳфуз аст.

Дар таркиби бофтаю мушакҳо миқдори аминокислотаи цистеин зиёд аст ва он дар ҷабидашавии оҳан дар буния нақши басо муҳимро ичро мекунад. Аз ҷумла бо иштироки ин аминокислота шидати процессҳои оксидшави дар сафедаю чарбҳо кам шуда муқовимати бунияи инсон нисбати таъсири нурҳои иони афзуда таъсири манфии доруҳо кам мегардад. Ба ҳисоби миёна 100 грамм моҳии пухташуда метавонад бунияи одами калонсолро бо лизин, треонин таъмин намояд. Фенилалалин ба фаъолияти ғадуди сипаршакл таъсири мусбат мерасонад. Моҳи талаботи фенилалалин ва триптофанро то 20-25% таъмин месозад. Истеъмоли 200 г. моҳи дар як шабонарӯз бунияро бо аминокислотаҳои ивазнашаванда таъмин хоҳад намуд.

Аргинин, глицин ва метионин дар синтези креатин, ки тавассути он дар бофтаҳои мушакҳо ресинтези АТФ ба аммал меояд иштирок мекунанд. Маълум аст, ки дар бунияи инсон ва ҳайвонҳо тавасути иштироки бевоситаи креатин, креатинфосфат ҳосил мешавад, ки он дар лаҳзаи зарури гуруҳи фосфатии худро дода ба креатинин табдил меёбад. Креатин ва креатинин ба таркиби қиёми обии гушт дохил мешаванд.

Аминокислотаи тирозин оиди ранги муйҳо, пуст, чашм ва ранги сиёҳшакли маҳсулотҳои ғизои ҷавобгар аст. Зерро бо иштироки бевоситаи он пигментҳои сиёҳранг (меланин) синтез мешаванд. Бояд як нуқтаро хотиррасон намоем, ки ҳосилшавии меланинҳо дар зери таъсири нурҳои ултрабунафш ҳангоми офтобхурии бадан (загар) зиёд шуда метавонад сабабгори сарзадани бемориҳои саратони пуст гардад.

Дар адабиёти мавҷуда такрибан 50 намуди бемориҳое, ки бо вайроншавии мубодилаи аминокислотаҳо вобастагии зич доранд, маълумот оварда шудааст. Шумораи онҳо ба 1 дар 500000 ҳазор аҳоли рост ояд ҳам, лекин барои муъаян намудани нақши аминокислотаҳои ҷудогона дар бунияи инсон нақши муҳимро ба ҷо меорад.

Дар як шабонарӯз то 70 г. аминокислота таҷзия мешавад, ки дар натиҷаи он 1200 кДҷ нерӯ ҳосил мешавад, ки он 12% талаботи бунияро бо энергия таъмин месозад. Дар натиҷаи таҷзияи 1 гр. сафеда 4,0 ккал энергия ҳосил мешавад. Дар як шабонарӯз барои одами миёнсол 70-80 г сафеда ва барои кудакони 6-17 сола 60-90 г сафеда лозим аст [3, 5 ва 4].

Адабиёт:

1. Васильев В. Н. Утомление и восстановление сил. – М., 1994.
2. Космолинский Ф.П. Физическая культура и работоспособность. – М., 1983.
3. Куценко Г. И., Новиков Ю. В. Книга о здоровом образе жизни. – М.: Спб.: Нева, 2003.
4. Михайлов В., Палько А. Выбираем здоровье! - 2-е изд. – М.: Молодая гвардия, 1987.
5. Ращупкин Г. В. Физическая культура. – Спб.: Нева, 2004.
6. Физическая культуры. /Под ред. Л. Б. Кофмана. – М.: ОМЕГА-Л, 2004.

Калидвожаҳо: *ғизо, хӯрок, саломатӣ, парҳезӣ, ҳаёт.*

Аннотация

ЗДОРОВАЯ ДИЕТА - ЗДОРОВЫЙ ОБРАЗ ЖИЗНИ

В данной статье рассматривается схематическое изображение основополагающих принципов здорового питания и можно увидеть, посмотрев на пирамиду питания, разработанную зарубежными диетологами и одобренную российскими специалистами. В пирамиде питания представлены не конкретные продукты, а пять больших групп продуктов, что позволяет разнообразить свой рацион питания и выбирать те продукты, которые вам больше нравятся или подходят для вашего образа жизни. Сбалансировать свое питание, пользуясь пирамидой питания довольно просто.

Ключевые слова: *питания, продукты, здоровью, диет, жизнь.*

Annotation

HEALTHY DIET - HEALTHY LIFESTYLE

This article discusses the schematic depiction of the fundamental principles of a healthy diet can be seen by looking at the food pyramid developed by foreign nutritionists and approved by Russian specialists. In the food pyramid are not specific products, but five large groups of products that allow you to diversify your diet and choose those foods that you prefer or are suitable for your lifestyle. Balance your diet, using the food pyramid is quite simple.

Keywords: *nutrition, food, health, diets, life and others.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Ҳасан Мухторович, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-020401. Суроғa: ш. Душанбе, н. Сино, 102 мкр. Дом №70, хонаи №6. Тел.: +992 935802505

Роҳбари илмӣ: н.и.п., муаллими калон Бобоева З.

Сведения об авторе: Курбонов Хасан Мухторович, магистрант второго курса биологического факультета Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни, по специальности биология 1-020401. Адрес: Душанбе, р. Сино, 102 мкр. Ловушка №70, дом №6. Телефон: +992 935802505

Научный руководитель: к.п.н., старший преподаватель Бобоева З.

About the author: Khasan Mukhtorovich Kurbonov, 2nd year Master of Biology, Faculty of Biology, Tajik State University. Sadriddin Aini, specializing in biology 1-020401. Address: Dushanbe, p. Sino 102 md. Trap no. 70, house no. 6. Phone: +992 935802505

Scientific adviser: C. of P. S., senior lecturer Boboeva Z.

Каримова Фариза,
магистранти соли дуюми факултети биология

ТАҒЙИРЁБИИ МИҚДОРИ БАКТЕРИЯҲО ҲАНГОМИ ДИСБАКТЕРИОЗИ РӮДА

Дар вуҷуди инсон зиёда аз 500 намуди микроорганизмҳо маскан гирифтаанд ва микрофлораи муқаррарӣ (доим)-и онро ташкил намуда, дар ҳолати эубиоз-яъне дар ҳолати мутаносиб нисбат ба якдигар бо организми одам ҳамзистӣ мекунанд. Микробҳо дар пӯст ва узву бофтаҳое, ки бо муҳити атроф алоқаманданд вуҷуд доранд. Ҷойи зист ва инкишофи онҳо дар вуҷуди инсон биотоп ном гирифтааст. Хун, бофтаҳои шуш, лимфа, узвҳои дарунӣ, мағзи сар, ҳароммағз ва ғайра микроб надоранд (дар ҳолати меъёр). Тамоми микроорганизмҳои вуҷуди инсон ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

1. Резиденти (доимӣ) -и онҳо доимо дар вуҷуди инсон вуҷуд доранд;
2. Транзиторӣ (муваққатӣ).

Вуҷуди инсон ва микрофлораи он як системаи экологиро ташкил мекунад. Ҳангоми таваллуд шудани кӯдак дар пӯст ва пардаҳои луобии ӯ микробҳои аввалин маскан мегиранд. Ҳангоми ғизо гирифтан бо шири модар дар рӯдаи кӯдакони навзод микробҳои зерин - лактобатсиллаҳо, бифидобактерияҳо ҷойгир мешаванд. Дар синни 3-4 моҳагӣ микрофлораи кӯдак қариб ба микрофлораи шахси калонсол баробар мешавад.

Дар зери таҳқиқоти мо 50 нафар одамони синнашон аз 20 то 60- сола қарор доштанд, ки аз онҳо 30 нафарашон мард ва 20 нафар зан буд. Ташхис дар асоси таҳқиқи клиникӣ, бактериологӣ, биокимиявӣ, ренгенологӣ ва ғайра гузошта шуд. Ҳамаи беморони дар зери таҳқиқот қарордоштаро вобаста ба таносуби бактерияҳо ва аломатҳои клиникии беморӣ аз рӯйи таснифоти Бандаренко В.М. ба 4 дараҷа ҷудо намудем.

Чи хеле, ки аз натиҷаҳои (дар расми 1) бар меояд, дар 1 мл фазлаи одамони солим бифидобактерияҳо 9,5±0,25х$10^{12л}$, лактобактерияҳо, 8,5±0,20х$10^{12л}$, бактероидҳо, 9,3±0,23х$10^{12л}$ E-Coli типикӣ бошад, 7,5±0,18х$10^{12л}$, энетробактерияҳо 4,0±0,12х$10^{12л}$, стафилококи тиллоранг тамоман вуҷуд надорад, замбурӯғҳои авлодӣ кандида 4,0±0,10х$10^{12л}$ ва бактерияҳои ғайрферментативӣ 4,3±0,12х$10^{12л}$–ро ташкил медиҳад.



Расми 1. Микрофлораи рӯдаи одамони солим.

1. Бифидобактерияҳо; 2. Лактобактерияҳо; 3. Бактериоидҳо; 4. E.Coli типикӣ; 5. Энтеробактерияҳо; 6. Стафилококи тиллоранг; 7. Замбурӯғи авлоди кандида; 8. Бактерияҳои ғайрферментативӣ.

Дар беморони дучори дисбактериози дараҷаи якум миқдори бифидобактерияҳо 7,5±0,16х$10^{12л}$ ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 21% кам гардиданд. Миқдори лактобактерияҳо бошад 7,0±0,15х$10^{12л}$-ро ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 18%-кам гардидааст. Миқдори бактериоидҳо бошад 8,0-0,20х$10^{12л}$, ки нисбати одамони солим 24% кам гардидааст [4].



Расми 2. Микрофлораи рӯдаи кӯдакон ҳангоми дисбактериози дараҷаи 1.

1. Бифидобактерияҳо; 2. Лактобактерияҳо; 3. Бактериоидҳо; 4. E.Coli типикӣ; 5. Энтеробактерияҳо; 6. Стафилококи тиллоранг; 7. Замбурӯғи авлоди кандида; 8. Бактерияҳои ғайриферментативӣ.

Миқдори E.Coli типикӣ бошад, дар ин гурӯҳи одамон 6,5±0,11x10^{12л}, нисбати одамони солим 14 % кам гардидааст. Миқдори энтеробактерияҳо бошад, дар 1 мл фазла 5,0±0,10x10^{12л} ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 25%-зиёд гардидааст. Стафилококи тиллоранг ба гурӯҳи бактерияҳои куррашакл тааллуқ дошта ва ба бактерияҳои беморианге тааллуқ дорад. Дар гурӯҳи бемороне, ки дучори дисбактериози дараҷаи якум мебошанд дар фазлаашон ин бактерия ба миқдори 3,0±0,05x10^{12л} расидааст. Миқдори замбурӯғҳои авлоди кандида 5,0±0,08x10^{12л}-ро дар 1 мл фазла ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 26% зиёд мебошанд. Бактерияҳои ғайриферментативӣ бошад дар ин гурӯҳи санҷидашавандаҳо 5,5±0,06x10^{12}-ро ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 37% зиёд мебошанд.

Ҳангоми мушоҳидаи ин гурӯҳи одамон мо чунин аломатҳои клиникиро ба монанди тағирёбии иштиҳо, дамиш, тез-тез фазла намудан, нобаробар ранг гирифтани фазла, тез-тез мондашавӣ, камқувватӣ мушоҳида намудем.



Расми 3. Микрофлораи рӯдаи кӯдакон ҳангоми дисбактериози дараҷаи 2.

1. Бифидобактерияҳо; 2. Лактобактерияҳо; 3. Бактериоидҳо; 4. E.Coli типикӣ; 5. Энтеробактерияҳо; 6. Стафилококи тиллоранг; 7. Замбурӯғи авлоди кандида; 8. Бактерияҳои ғайриферментативӣ.

Натиҷаи таҳқиқоти микробиологӣ фазлаи одамони дучори дараҷаи дуюми дисбактериоз нишон дод, ки дар ин гурӯҳи одамон миқдори бифидобактерияҳо 5,5±0,06x10^{12л} –ро ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 72%-кам гардидаанд. Миқдори лактобактерия бошад 5,0±0,05x10^{12л}, ки нисбати одамони солим 70% кам гардидаанд. Миқдори бактериоидҳо дар ин гурӯҳи санҷидашаванда 6,0±0,07x10^{12л}, нисбати одамони солим 63% кам гардидаанд. Миқдори E.Coli типикӣ бошад дар ин гурӯҳ 5,0±0,06x10^{12л} –ро ташкил намуд, ки нисбати одамони солим

33% кам гардидааст. Миқдори энтеробактерияҳо бошад 7,0±0,08x10^{12}-ро ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 75%- зиёд гардидаанд. Стафилакоки тиллоранг дар ин гурӯҳи беморони санҷидашаванда 4,0±0,05x10^{12л} -ро ташкил дод, ки нисбати беморони гурӯҳи якум 33% зиёдтар мебошанд. Миқдори замбурӯғҳои дар фазлаи беморони дучори дисбактериози дараҷаи 2-юм ба ҳисоби миёна 6,0±0,20x10^{6} ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 50%-зиёдтар мебошад, миқдори бактерияҳои ғайриферментативӣ бошад ба ҳисоби миёна 6,5±0,21x10^{6} ташкил дод, ки нисбати одамони солим % зиёдтар гардидааст.



Расми 4. Микрофлораи рӯдаи кӯдакон ҳангоми дисбактериози дараҷаи 3.

1. Бифидобактерияҳо; 2. Лактобактерияҳо; 3. Бактериоидҳо; 4. E.Coli типикӣ; 5. Энтеробактерияҳо; 6. Стафилококи тиллоранг; 7. Замбурӯғи авлоди кандида; 8. Бактерияҳои ғайриферментативӣ.

Дар расми 4 таркиби микрофлораи беморони дучори дисбактериози дараҷаи 3-юм дарҷ гардидааст. Чи хеле, ки аз натиҷаҳои ба даст омада бармеояд, миқдори бифидобактерияҳо дар фазлаи ин гурӯҳи беморон ба ҳисоби миёна 3,5±0,05x10^{3} , ки нисбати одамони солим 2,7 маротиба камтар мебошанд, миқдори лактобактерияҳо бошанд 3,0±0,05x10^{3} , ки нисбати одамони солим 2,8 маротиба камтар мебошанд. Миқдори бактериоидҳо бошад ба ҳисоби миёна 3,5±0,05x10^{5} ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 1,86 маротиба камтар гардидааст. **E.Coli типикӣ бошад ба ҳисоби миёна** 4,0±0,05x10^{4} , ташкил намуд, ки нисбати фазлаи одамони солим 87,5% камтар мебошанд. Миқдори энтеробактерияҳо бошанд ба ҳисоби миёна 8,0±0,10x10^{8}, ташкил дод, ки нисбати одамони солим 2 маротиба зиёдтар гардидааст. Яке аз бактерияҳои касалиангез стафилококи тиллоранг мебошад, ки ҳангоми дисбактериози дараҷаи 3-юм ба таври боварибахш зиёд гардида, оризаҳои гуногуни канали ҳозимаро ба амал меорад. Дар таркиби фазлаи беморони дучори дараҷаи дисбактериози 3-юм, миқдори стафилококи тиллоранг ба ҳисоби миёна 6,0±0,10x10^{6}, ташкил намуд, ки нисбати фазлаи одамони солим ин бактерияи касалиангез 60-маротиба зиёдтар гардидааст. Миқдори замбурӯғҳои авлоди кандидия бошад дар таркиби фазлаи беморони дучори дисбактериози дараҷаи 3-юм ба ҳисоби миёна 7,6±0,10x10^{7}, ташкил дод, ки нисбати одамони солим 90%-зиёдтар мебошад. Миқдори бактерияҳои ғайриферментативӣ бошад дар таркиби фазлаи беморони дучори дараҷаи сеюми дисбактериоз ба ҳисоби миёна 8,5±0,10x10^{8}, ташкил намуданд, ки нисбати фазлаи одамони солим 2 маротиба зиёдтар гардидааст.

Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум аст, дисбактериози рӯдаи кӯдакон яке аз бемориҳои вазнинтарини канали ҳозима ба ҳисоб меравад. Хусусан ин беморӣ ҳангоми бетартибона истифода бурдани маводҳои зиддибактерияви ва вайрон шудани реҷаи қабули ғизо ба амал меояд. Аломатҳои клиникии ин беморӣ: дилбеҳазурӣ, қайкунӣ, дард дар меҳвари шикам, 6-7 маротиба ҷудошавии фазла, баландшавии ҳарорат, вайроншавии ҷаббиши ғизо, ранги сурхи лакмонанд, гирифтани забон, беҳаракатӣ, бемадорӣ, суст шудани сабзиши организм, вайроншавии реҷаи хобкунӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Хусусан стафилококи тиллоранг ва замбурӯғҳои авлоди кандида барангезандаи сироятии пурқувват буда, девори рӯдаи борик ва ғавсро ба илтиҳоб дучор мекунанд, ҳамзамон дар натиҷаи вайроншавии ҳазми ғизо, ҷаббиши моддаҳои ғизоӣ суст гардида, муҳити муқаррарии рӯда, ки сустишқорӣ мебошад ба муҳити кислотагӣ табдил меёбад.

Ҳамин тариқ, дисбактериози рӯда яке аз бемориҳои паҳншудаи канали ҳозимаи кӯдакони томактабӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ин намуди беморӣ миқдори бифидобактерияҳо 2,7 маротиба, миқдори лактобактерияҳо 2,8 маротиба, миқдори бактериоидҳо 1,8 маротиба,

микдори стафилококи тиллоранг 60 маротиба, микдори замбурўғҳои авлоди кандида бошад 90% зиёд мегардад. Аломати клиникии дисбактериози рўдаи кўдакон ҳарорати баланд, захролудшавии эндогенӣ, вайроншавии ҳазми хўрок, ҷаббиши маводҳои ҳазмшуда 7-8 маротиба дар давоми 1 шабонарўз фазла намудан, дард дар меҳвари шикам, беҳолӣ ва бемадорӣ ба ҳисоб меравад.

Адабиёт:

1. Дудникова Э. В. Диареи у детей. (Нарушения функции энтероцита). Пищевая непереносимость. Пособие для врачей. – Ростов-на-Дону, 2008. – 126 с.
2. Дудникова Э. В. Современный взгляд на кишечный дизбактериоз у детей. – Ростов-на-Дону. 2007. – 66 с.
3. Детские болезни. Учебник под ред. Володина Н.Н., Мухиной Ю.Г. т.2 Гастроэнтерология. – М., 2011 – 312 с.
4. Коровина Н. А., Захарова И. Н. Применение ферментных препаратов в педиатрической практике. Методическое пособие для врачей. – М., 2007. – 28 с.
5. Нетребко О. К. Пробиотики и пребиотики в питании детей грудного возраста. Педиатрия, 2007, Т.86, №1. С. 80-87.
6. Урсова Н. И. Дисбактериозы кишечника у детей. – М.: Компания БОРГЕС, 2006. – 240 с.
7. Состояние местного иммунитета у новорожденных детей, получающих различные виды вскармливания / В. Р. Амирова [и др.] // Педиатрия. Журнал им. Г. Н. Сперанского. 2011. № 1. С. 84-89.
8. Карпина Л. М. Становление кишечного микробиоценоза у детей первого года жизни и пути его коррекции / Л. М. Карпина, С. В. Бельмер // Вопросы детской диетологии. - 2010. - № 5. - С. 45-49.
9. Формирование кишечной микробиоты у детей первого полугодия жизни и характер вскармливания / И. Н. Захарова [и др.] // Вопросы практической педиатрии. - 2010. - № 5. - С. 115-12

Калидвожаҳо: *бифидобактерияҳо, лактобатсилаҳо, стофилакоки тиллоранг, лактобактерияҳо, фазла, дисбактериози рўда.*

Аннотация

ИЗМЕНЕНИЕ КОЛИЧЕСТВА БАКТЕРИЙ ПРИ ДИСБАКТЕРИОЗЕ КИШЕЧНИКА

Дисбактериоз кишечника - одно из самых распространенных заболеваний пищеварительного тракта дошкольников. При этом типе заболевания количество бифидобактерий увеличивается в 2,7 раза, количество лактобактерий - в 2,8 раза, количество бактериоидов - в 1,8 раза, количество Staphylococcus aureus - в 60 раз, количество грибов рода Candida - в 90 раз. %. Клиническими признаками дисбактериоза кишечника у детей являются повышение температуры тела, эндогенное отравление, нарушение пищеварения, всасывание перевариваемых веществ 7-8 раз в сутки, боли в животе, слабость и утомляемость.

Ключевые слова: *бифидобактерии, лактобациллы, золотистые стафилококки, лактобактерии, фазла, дисбактериоз кишечника.*

Annotation

CHANGE IN THE NUMBER OF BACTERIA WITH INTESTINAL DYSBIOSIS

Thus, intestinal dysbiosis is one of the most common diseases of the digestive tract of preschoolers. With this type of disease, the number of bifidobacteria increases 2.7 times, the number of lactobacilli - 2.8 times, the number of bacterioids - 1.8 times, the number of Staphylococcus aureus - 60 times, the number of Candida fungi - 90 times. %. Clinical signs of intestinal dysbiosis in children are fever, endogenous poisoning, indigestion, absorption of digested substances 7-8 times a day, abdominal pain, weakness and fatigue.

Keywords: *bifidobacteria, lactobacilli, Staphylococcus aureus, lactobacilli, phage, intestinal dysbiosis.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Каримова Фариза, магистранти соли дуюми факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омўзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.б., дотсент Шамсуддинов Ш. Н.

Сведения об авторе: Каримова Фируза, магистрантка второго курса биологического факультета Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни.

Научный руководитель: к.б.н., доцент Шамсуддинов Ш. Н.

About the author: Karimova Firuza, 2st year master of biological faculty of the Tajik State University named after Sadriddin Aini.

Scientific adviser: Ph.D., associate professor Shamsiddinov Sh. N.

Ғуломов Комрон,
магистранти соли якуми факултети биология

НАҚШИ ГИППОКАМП ДАР ҲОСИЛ НАМУДАНИ РЕФЛЕКСҲОИ ШАРТӢ ВА ҒАЙРИШАРТӢ

Мушкилоти омӯзиши функсияи махсусияти эволютсионии майнаи сар дар якҷоягӣ аз таркибҳои хеле хуб инкишофёфтаи майнаи пеш гиппокамп дар замони ҳозира яке аз масъалаи муҳими рӯз ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми омӯхтани тартиби фаъолияти олии асаби хазандагон, коркарди равандҳои ба таври зинагӣ инкишофи онҳо дар фаъолияти интегративии майнаи сар дар ҷараёни филогенез калиди асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари мушкилоти мавҷуда омӯзиши майнаи сари хазандагон ҳоло ҳам ҳолати омӯхтани худро гум накардааст, хусусан майнаи сари сангпуштон, ки бо пайдо шудани майнаи нав яке аз пешгузаштагони ширхӯрҳо ба ҳисоб мераванд. Аз сабаби он, ки то ҳоло тадқиқотҳои илмӣ оиди яке аз таркибияти хубинкишофёфтаи майнаи сар гиппокамп дар хазандагон ҳама тарафа омӯхта нашудааст бинобарин мақсад гузоштем, ки вазифаи ин таркибиятро дар сангпуштон бо усули рефлексҳои шарти хӯрокхурӣ омӯзем [1, 14].

Майнаи сари хазандагон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад ва онҳо ҳархела хастанд. Мувофиқи нишондоди нейроморфологҳо, аз руи баъзе нишонаҳо нақшаи умумии сохти майнаи сари сангпушт дар байни намояндадои ширхурон ҷойи махсусро ишғол мекунад. Аз ин ру олим Ҳеррик (Herrick 1930) ҳисоб мекунад, ки аз хазандаҳо сар карда ду типи майнаи сар инкишоф меёбад:

1) Стриаталӣ, (таначаи рахдор), ки барои калтакалосшаклон хос буда инкишофи майнаи сарро то паррандаҳо дар бар мегирад.

2) Қишри (кортикалӣ) барои сангпушт хос буда, дар оянда майнаи сари ширхӯронро ба вуҷуд меорад.

Рамон Кахал нишон дода буд, ки майнаи куҳани хазандагон аз 3 –қабати асосӣ иборат аст: I. болои прексиформи II. ҳуҷайравӣ ва III. қабати моддаи сафед. Дигар олим Минелли бошад (аввал) дар майнаи куҳани хазандагон 5 – қабатро муайян кардааст, ки ин қабатҳо метавонанд дар намояндаҳои гуногуни ин синф тағйир ёбад.

Ин қабатҳо чунинанд:

1. Қабати берунӣ ретсепторӣ, ки аз нахҳои тангенсиалии табиати асосиатсиявӣ ва шоммавӣ дошта иборат буда, бо дендритҳои ҳуҷайраҳои қабати поён хоб раванда алоқаманд аст.

2. Қабати аҳромшакл, ки ба онҳо ҳуҷайраҳои бисёризофадор ва ду изофадор, ки ба тарафи омуди ё уфуқи мераванд, иборат аст.

3. Дохили плексиформӣ, тавассути он ба самти поён аксонҳои аҳромшакл ва қисми дендритҳо равона карда шудаанд.

4. Қабати моддаи сафед, ки нахҳо ба таври уфуқи ҷойгиранд.

5. Қабати эпендимали. Қабати аҳромшакл ва дохили плексиформи аз ҳуҷайраҳои сершумори аҳромшакли ба ширхӯрҳо монанд буда, иборат аст.

Дар омӯзиши шаклҳои гуногуни рафтор ё фаъолияти олии асаб саволе ба миён меояд, ки аз нуқтаи назари эволютсия мумкин аст. Нишонаҳои рафторро барои монандии морфофункционалии майнаи сари намудҳои гуногун ва тағйирёбии онҳоро дар ҷараёни эволютсия истифода бурдан мумкин аст. Маълум аст, ки ҳайвонҳое, ки бо дараҷаи пайдошавии системаи асаб рафторҳои гуногунро соҳибанд.

Аммо барои ин фарқиятро муайян кардан бояд махсусияти рафторро аз дараҷаи инкишофи филогенетики, маҳали зист ва ҳолати экологии онро фарқ кардан даркор аст. Мушкилоти методӣ дар омӯзиши эволютсияи рафтори хазандагон ба чунин хулоса меоварад, он усулҳое, ки дар ҳайвонҳои гуногун, хусусан ширхӯрон истифода бурда мешаванд барои хазандагон нолозиманд. Аз ин лиҳоз барои омӯзиши ФОА - хазандагон усулҳои нави омӯзиш кор карда баромада шудааст, ки ба таври васеъ ҳоло ҳам истифода карда мешавад. [2, 5].



Расми 1. Нақшаи камераи таҷрибавӣ барои омӯзиши рефлексҳои шартии хӯрокхурӣ дар хазандагон.

1. *Ҷойи нишасти ҳайвон.*
2. *Ҷойи кори ҳайвон.*
3. *Хӯрокдон.*
4. *Фурӯзонаки рост.*
5. *Фурӯзонаки чап.*
6. *Дарича.*
7. *Ҳароратсанҷ.*

Таҷрибаҳо оиди омӯзиш таркиби гиппокамп дар шароити лабораторӣ бо усули рефлексҳои шартии хурокхурӣ дар 6-сангпушт дар лаборатория физиологияи паталогии пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология гузаронида шуд.

Барои гузаронидани таҷрибаҳо ҳайвонҳои дар виварий бударо ба 2-гурӯҳ ҷудо кардем ва онҳоро дар давоми 5-10 рӯз ба шароити лаборатория мутобиқ намудем.

Таҷриба бо усули коркардшудаи академик Х.М.Сафаров дар камераи махсус, ки ба ду қисм ҷудо карда шудааст қисми якум корӣ, ки андозааш 70 х 50 см ва ҷойи нишасти ҳайвон, ки 50 х 30 см ташкил медод.

Дар ҷойи нишасти ҳайвон дар баландии 15см аз фарши камера 2 – фурузонак насб карда шудааст. Пеш аз он, ки таҷриба гузаронида шавад дар ҳамаи ҳайвонот хомушкунии рефлекси гузаронида шуд. Дар давоми 5-рӯз бо истифодаи сигнали мусбат бо ангезандандаи шартӣ мустаҳакам карда нашуд. Баъди хомуш намудани реаксияҳои мавқегӣ ба таҷрибаҳои ҳосил намудани рефлексҳо шурӯъ намудем. Ба сифати ангезандаи шартӣ мусбат фурузонаки тарафи рост ба сифати ангезандаиғайри шартии манфӣ фурузонаки тарафи чап истифода карда мешавад. Ба сифати ангезандаи ғайришарти, барги карам, юнучқа ё барги зулф истифода бурда шуд.

Дар таҷрибаҳо чунин нишондиҳандаҳои объективӣ ба назар гирифта шудаанд: шумораи ба амал омадани реаксияи ҷавоби дуруст, шумораи дурусти рефлексҳои манфӣ вақти латентӣ вақти ба хурокдон рафтан шумораи умумии реаксияи байни сигналҳо. Барои омӯзиши функсияи гиппокамп дар танзими фаъолияти олии асаб таҷрибаҳоро дар ду намуд гузаронида шуданд: якум дар ҳайвонҳои солим (назоратӣ), дуюм дар ҳайвонҳое, ки гиппокампашон вайрон карда шудаанд. Барои гузаронидани ҷарроҳи дар ҳайвонот пеш аз ҳама барои мадҳуш кардани онҳо аз моддаи нембутал истифода карда шуд.

Таҷрибаи дигар бошад дар ҳайвонҳое гузаронида шуд, ки гиппокампашон аз ду тараф вайрон карда шудаанд. Баъди гузаронидани ҷарроҳӣ дар давоми 3-5 рӯз баъд аз ба ҳолати ороми баргаштани ҳайвонҳо таҷрибаҳо оғоз карда шуданд. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки ҳайвонҳои ҷарроҳишуда дар рӯзҳои аввали таҷрибаҳо худро хеле ҳис мекарданд, яъне дар онҳо пеш аз ҳама рефлексҳои мавқеият ва дарки фазо вайрон мешавад, бинобар ин онҳо доимо ё истифодаи ангезандаи шартии манфӣ ба хурокдон мерафтанд ё ҷойгиршавии хурокдонҳоро аниқ дарк намекарданд. Муайян карда шуд, ки рефлексҳои шартии мусбат ҳангоми истифодаи фурузонаки тарафи рост дар ин ҳайвонҳо бо суръати паст ҳосил шуда, дар рӯзи панҷуми баъди ҷарроҳи баъди ҳисоби 55,1±1,0 пайдошуда дар ҳисоби 65,1±1,3 ангезандаи шартӣ бо мустаҳакамкунии ғайришартӣ ҳосил мешавад.

Ҷарроҳи дар асбоби махсус стереотаксис гузаронида шуда. Ба тоза кардани пулакчаи устухони сар онро бо асбоби бормашина сӯрох намуда майнаи сарро кушода, аввал қабати болои, баъд қабати мобайниро ҷудо намудем. Бо воситаи қайчии микрохирургии барои чашм майнаи сари ҳайвонҳо хусусан гиппокампашон бурида шуд. Баъди 5-7 рӯзи ҷароҳи таҷрибаҳо дар ҳайвонот идома дода шуд.

Баъди гузаронидани таҷриба ҳамаи ҳайвонҳои таҷрибавиро мадҳуш намуда майнаи сари онҳоро гирифта дар маҳлули 10% формалин барои корҳои морфологии гузошта шуданд.

Натиҷаҳои ба дастовардашуда нишон доданд, ки дар ҷараёни эволютсияи мӯҳрадорон пай дар пай пуррашавии таркибиятҳои майнаи сар дар ҳосилшавии фаъолияти рефлекторӣ ва боздориҳои гуногуни дохили ва баланд шудани дараҷаи тахассусии гиппокамп ва майнаи нав дар танзими равандҳои фаъолияти олии асаб мушоҳида мегардад. Нишон дода шудааст, ки дар миқёси хазандагон хусусан сангпуштон ду роҳи гуногуни гузаронандагии ғайритоммавӣ ва ғайривисералии ахбори сенсорӣ ба ду таркиби майнаи сар гиппокамп ва майнаи нав, ки дар замони ҳозира ба гиппокамп ва майнаи навиширхурҳо монанд мекунанд мавҷуд аст.

Адабиёт:

1 Сафаров Х. М. Условные пространственные пищевые рефлексы у желтопузиков после удаления переднего мозга и языка // Труды каф. физиол. чел. и животных. – Душанбе: Изд-во ТГУ, 1974. – Вып. 2. С. 14-21.
2 Сафаров Х. М. Сравнительно - физиологическое изучение высшей нервной деятельности у различных представителей рептилий и роли переднего мозга, в ее организации: Автореф. дис. док. биол. наук. – Л., 1983. – 37 с.
3 Устоев М. Б. Сравнительно – физиологическое исследование роли гиппокампа в интегративной деятельности мозга позвоночных животных. – Автореф. дисс. на соиск. уч. степени доктора биологических наук. – Душанбе, 2000. – 45 с.
4 Устоев М. Б. Принцип перемещении функций мозга в восходящем ряду позвоночных (Сравнительное изучение). Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) (Спец выпуск посвящен году образования и технических знаний). – Душанбе: Сино, 2010. С. 89-98.
5 Устоев М. Б., Мусоева П. Дж. Роль медиодорсальной коры переднего мозга в осуществлении сложных форм поведения у ящериц. Вестник. ТНУ. – Душанбе: «Сино» 2012, 1/2 (81). – 178 с.

Калидвожаҳо: *эволютсия, рефлекс, таҷриба, хазандагон, объектив, гиппокамп, филогенез, нейроморфолог, стриаталӣ, кортикалӣ, прексиформа, ретсептор, плексиформӣ, дендрит, эпендималӣ*

Аннотация

РОЛЬ ГИПОКАМПА В ОБРАЗОВАНИИ УСЛОВНЫХ И БЕЗУСЛОВНЫХ РЕФЛЕКСОВ

В этой статье приводится немногочисленные литературные данные и их анализ позволяет заключить, что изменение высшей нервной деятельности у рептилий и о нейрохимических механизмах, лежащих в процессе адаптации организма животных в различных экспериментальных условиях, происходит постепенно. Наши исследования показывают, что на уровне рептилий в условиях только сформировавшийся новой коры возможно образование классических двигательных, пищевых условных рефлексов и различных видов внутреннего торможение.

Ключевые слова: *Эволюция, рефлекс, исследования, рептилий.*

Annotation

THE ROLE OF THE HIPPOCAMPUS IN THE FORMATION OF CONDITIONED AND UNCONDITIONED REFLEXES

In this article author shows the data that are presented by a few published literature data and their analysis that allows us to conclude that the change in higher nervous activity in reptiles and the neurochemical mechanisms of animals lying in the process of adaptation in different experimental conditions. Our research shows that at the level of reptiles under the conditions of newly formed new cortex, the formation of classical motor and food conditioned reflexes and various types of internal inhibition is possible.

Keywords: *Evolution, reflex, research, reptiles.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғуломов Комрон, магистранти соли якуми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1 – 02 04 01. Тел.: +992 988998382

Роҳбари илмӣ: Иронова С. Ш.

Сведения об авторе: Гуломов Комрон, магистрант первого курса биологического факультета Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни, по специальности биология 1 - 02 04 01. Тел.: +992 988998382

Научный руководитель: Иронова С. Ш.

About the author: Ghulomov Komron, 1st year master of biological faculty of the Tajik State University named after Sadriddin Aini, with a degree in biology 1 - 02 04 01. Phone: +992 988998382

Scientific adviser: Ironova S. Sh.

Хамитова Райҳона Ҷунайдуллоевна,
магистранти соли якуми факултети биология

ФАРБЕҲӢ ВА ИРСИЯТ

Тибқи иттилои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, беш аз 1 миллиард одам дар сайёра вазни зиёдатӣ доранд. Ин мушкилот ба ҳамаи бахшҳои аҳолӣ, новобаста аз сатҳӣ иҷтимоӣ ва касбӣ, синну сол ва ҷинс, минтақаи истиқомат таалуқ дорад. Дар айни замон, фарбеҳӣ яке аз маъмултарин сабабҳои вайроншавии мубодилаи моддаҳо буда дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда, 25-30% аҳолӣ фарбеҳ мебошанд [1, 25-30]. Дар баъзе минтақаҳои Аврупои Шарқӣ ҳиссаи одамони дорои вазни зёдатӣ 35% -ро ташкил додааст. Масъалаи вазни зиёдатӣ ҳатто барои кишварҳое хос мебошанд, ки дар он қисми назарраси аҳолӣ гуруснагӣ доранд. Дар Русия, ба ҳисоби миёна 30% аҳолии қобили меҳнат дучори фарбеҳӣ ва 25% - вазни зиёдатӣ доранд. Аз ҳама зиёд одамони фарбеҳ дар ИМА: Дар ин кишвар вазни барзиёд дар 60% аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст ва на камтар аз 27% -и ахоли аз он азият мекашанд. Дар ҳама ҷо зиёд шудани фарбеҳии фарбеҳӣ дар байни кӯдакон ва наврасон мушоҳида мегардад [2, 349]. Дар робита ба ин иттилои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, ки ин бемориро ҳамчун пандемия меҳисобад, ки миллионҳо нафарро фаро мегирад [3, 60].

Фарбеҳӣ, ба ғайр аз он, ки худаш боиси ихтилоли воқеии мубодилаи моддаҳо мегардад, дар аксари ҳолатҳо пешбинишуда ба инкишофи бемориҳои шадид, ба монанди бемориҳои ҷигар, атеросклероз, бемории ишемикии дил, диабети қанди аз инсулин новобаста, бемориҳои эндокринӣ ва ғайра [4, 20; 5, 94. 6, 86]. Шубҳае нест, ки бемории фишорбаландии шараёнӣ, вайроншавии мубодилаи чарбҳо, атеросклероз ва диабети қанди аз инсулин новобаста сабаб ва алоқаи бевосита бо фарбеҳӣ доранд.

Ба ибораи дигар, тағиротҳои муайян дар танзими мубодилаи моддаҳо ва дар худи мубодила инкишоф меёбанд, боиси пайдоиши як қатор бемориҳо мегардад [12, 150].

Таҳқиқотҳоо эпидемиологӣ нишон медиҳанд, ки дар одамоне, ки вазни зиёдатӣ доранд, хатари рушди бемориҳои дар боло зикршуда аз шахсоне, ки дорои массаи муқаррарии бадан мебошанд хеле зиёданд [7, 70-80-96]. Чӣ хеле, ки ба ҳамагон маълум аст дар ҳолати мавҷуд будани ин бемориҳо ҳангоми бо муваффақият кам кардани вазни барзиёди бадан имконият медиҳад, ки оризаҳои барзиёди ин бемориҳо кам гардида сиффати зиндагияшон беҳтар мегардад [11, 138].

Дар байни олимон оиди ирси будани фарбеҳи ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд . Як гурӯҳи олимон чунин мншуморанд, ки дар оилае, ки ҳарду волидайни онҳо ба фарбеҳи дучоранд , ҳатман фарзандони онҳо ҳам ба ин бемори дучор мешаванд. Гурӯҳи дигари олимон ҳисоб мекунанд , ки фарбеҳӣ ба ирсият кам вобастагӣ дорад. Омилҳое ҳастанд, ки гарчанде волидайни онҳо ба фарбеҳӣ дучор бошанд ҳам фарзандони онҳо ба ин беморӣ дучор нестанд [8, 110].

Фарбеҳӣ зиёдтар дар байни аҳолии шаҳр нисбат ба аҳолии деҳа ҷой дорад. Ин фарқият вобаста ба шароити фаъолияти меҳнатӣ вобастаги дорад. Дар ҳақиқат дар деҳаҳо ҳангоми меҳнати ҷисмонӣ сарфи зиёди энергияро талаб мекунад. Тадқиқотҳои илми, нишон медиҳад ки, дар шахсони, ба меҳнати ҷисмонӣ машғулшуда фарбеҳӣ дар байнашон кам во хӯрда нисбати меҳнати фикрӣ бартари доранд .Маълум гардид, ки фарбеҳӣ инчунин ба дараҷаи маълуматнокӣ вобастагӣ дорад. Дар баъзе таҳқиқотҳо муайян намуданд, ки чи қадар зинаи маълумотнокӣ паст бошад, дар байнашон фарбеҳӣ зиёдтар дучор мешавад [9, 54; 10, 56].

Бинобарин мо дар пеши худ мақсад гузоштем, ки паҳншавии фарбеҳиро дар байни оилаҳое, ки ба ин бемори дучоранд санҷида бароем. Барои гузаронидани ин таҳқиқот мо ду оиларо интихоб намудем. Якум оилаи Очилдиев Ҳайдар соли тавалудаш 1958 истиқоматкунандаи ноҳияи Кабодиён, вазни баданаш 105 кг, дарозиаш 1,74 см, индекси вазни баданаш 30,3 м^2 ғафсии шикамаш 115см, ки ба фарбеҳии дараҷаи якум таалуқ дорад. Қисми зиёди бофтаи чарбуи он дар қисми шикамаш ҷойгир шудааст. Аз сини 45- солагиаш ба бемории фишорбаландии шараёни дучор шуда дар сини 50-солагиаш ба бемории диабети қанди дараҷаи дуюм гирифтор шудааст. Дар синни 63-солагиаш аз бемории сактаи дил фавтидааст. Ҳамсари ин хонадон Рӯзиева Наботби соли таваллудаш 1961 вазни баданаш 94 кг, қадаш 150 см индекси вазни баданаш 31м^2, ғафсии шикамаш 107 см мебошад.

Аз рӯи таснифоти ҳозира Рӯзиева Н ба фарбеҳии дараҷаи якум дучор аст, ва гирифтори бемории фишорбаландии шараёни ва диабети қанди типи дуюм дучор мебошад. Ин оила соҳиби панҷ фарзанд мебошад. Аз 5-фарзанди дар қайди ҳаёт буда 4 нафари он ба бемории

фарбеҳи дучоранд, ки 80%-ро ташкил медиҳанд. Духтари аввалини ин оила Очилдиева Гулнора соли таваллудаш 1980, касбаш ҳамшираи шавқат вазнаш 153 кг, қадаш 150 см индекси вазни баданаш 51м², ғафси шикамаш 200см буда, ки ба фарбеҳии дараҷаи сеюм дучор мебошад. Аз нақли волидайн маълум гардид, ки Очилдиева Гулнора ҳангоми таввалуд шуданаш вазнаш муқарари 3,3 кг буда, баъди 3 моҳагиаш талаботаш ба ғизо зиёд мешавад. Баъди як ва тағирёбии миқдори инсулин ҳангоми додани 1гр/кг глюкоза ба дохили меъда дар одамони солим фарбеҳони дараҷаи 1, 2 ва 3 ба 4 дарҷ гардидааст.

Баъди як ва ду солагиаш нисбати ҳамсолонаш 3-4 кг вазнаш бартарӣ дошт. Ин ҷараён бо суърат давом ёфта дар сини 18 солагиаш вазнаш аз 98 кг расида буд. Баъди шавҳар кардан ва ҳомиладор шуданаш зиёдшавии вазнаш босуръаттар ба амал омад. Ҳоло Гулнораи 36 сола соҳиби 2-фарзанд аммо вазнаш аз 154 кг зиёдтар аст. Таҳлилҳои озмоишгоҳии гузаронида шудаи мо исбот намуд , ки ҳоло Гулнора ба бемории фишорбаландии шаъраёнии дараҷаи дуюм, илтиҳоби ғадуди зери меъда, стеатози ҷигар, деформасияи буғумҳои пой ва остеохондрози сутунмӯҳра гирифтор аст. Аз норасоии кори дил ва дамкӯтоҳи Гулнора бе дамгирӣ аз 100м зиёд роҳ гашта наметавонад. Се нафар фарзандони ин оила яке 20 сола, дуюм 24 сола ва сеюм 29 сола ҳам ба бемории фарбеҳии дараҷаи дуюм, вазнашон аз 100 кг зиёд дучор мебошанд. Дар байни фарзандони ин оила танҳо як духтарашон аз фарбеҳи озод мебошад. Вазни холиси он 68кг-ро ташкил медиҳад

Ҳамин гунна таҳқиқотро мо дар оилаи Насридинов Б. 45 сола ноҳияи Турсунзода гузаронидем. Дар ин оила ҳам зан ба шикамфарбеҳӣ индекси вазни баданаш 29кг/м² ва шавҳараш бошад ба фарбеҳии дараҷаи якум дучор мебошад (индекси вазни баданаш 34 кг/м²). Аз 4-фарзанди дар ин оила таввалуд шудаа 3 тояшон ба шикамфарбеҳӣ дучор мебошанд, ки 75%-ро ташкил медиҳанд. Ҳоло дар баййни волидайн ва фарзандони он ҳам бемории фишорбаландии шараёни, илтиҳоби музмини ғадуди зери меъда ва диабети қанди дуюмро мушоҳида намуданд. Чи тавре аз натиҷаҳои ин таҳқиқот бармеояд, дар фарзандони ҳарду волидайнашон ба фарбеҳӣ дучоранд, хатари дар фарзандони пайдошуда ин бемори аз 75% то 80% ҷой ташкил менамояд. Натиҷаҳои ба даст овардаи мо ба натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи олимон (GslenlundK.J ва Хаммуал) мувофиқат мекунад. Ин гунна фарбеҳиро –фарбеҳи оилавӣ меноманд.

Хулоса аз таҳқиқоти гузаронидашуда маълум гардид, ки дар баъзе ҳолатҳо фарбеҳӣ табиати ирси дорад. Ҳангоми дар оила яке аз волидайн ба фарбеи дучор гардида бошад, эҳтимолияти фарзандони онҳо ба фарбеҳӣ дучор гардидан то 40%-ро ташкил медиҳад. Агар дар оила ҳарду волидайн ба фарбеҳӣ дучор бошанд, ки дар таҳқиқоти мо муайян гардид фарзандони ин оилаҳо, ки ба фарбеҳӣ дучоранд зиёда аз 80%-ро ташкил намуд. Таҳқиқот нишон дод, ки ҳангоми фарбеҳӣ табиати ирсӣ дошта, умри миёнаи ин гурӯҳи одамон нисбатан кӯтоҳтар буда ба ҳисоби миёна аз 45 то 55 солро ташкил медиҳад. Дар аксарияти аъзоёни оила, ки ба фарбеҳӣ дучоранд фишорбаландии шараёни, диабети қанди аз инсулин новобаста, атеросклерозӣ шоҳраг, чарбу зеркунии ғайрӣ алкоголии ҷигар, илтиҳоби музмини ғадуди зери меъда, илтиҳоби буғумҳо, норасоии гардиши хун ва фаъолияти кори дил ва норасоии узвҳои системаи нафаскашӣ мушоҳида гардид.

Аз натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки аксарияти аъзоёни оилае, ки дучори фарбеҳии ирсӣ мебошанд қобилияти иҷро намудани кори ҷисмонияшон маҳдуд буда, ҳама вақт аз беҳолӣ, бемадорӣ, чарх задани сар шикоят мекунанд ва бештари онҳо дорои гурӯҳи маюбӣ мебошанд.

Адабиёт:

1. Бессесен Д. Г., Кушнер Р. Избыточный вес и ожирение. Профилактика, диагностика и лечение. – М.: Бином, 2006. – 240 с.
2. Бутрова С. А. Сибутрамин в лечении ожирения // Российский медицинский журнал. 2001. Т. 9. № 9. – С.348-351.
3. Васендин Д. В. Структурно-функциональные изменения в печени при ожирении (обзор литературы) // Ученые записки Петрозаводского государственного университета. Сер. «Естественные и технические науки». 2014. № 8 (145). Т. 2. – С.57-62.
4. Вознесенская Т. Г., Вахмистров А. В. Клинико-психологический анализ нарушений пищевого поведения при ожирении // Журнал невропатологии и психиатрии им. С. С. Корсакова. 2001. № 12. – С.19-24.
5. Маскова Г., Черная Н. Л., Нечаева Т. Н., Баюрова С. А. Особенности клинико-функционального и метаболического статуса у детей и подростков с ожирением в возрастном аспекте // Профилактическая и клиническая медицина. 2014. Т. 53. № 4. – С. 92-96.

6. Мельниченко Г. А. Ожирение в практике эндокринолога // Российский медицинский журнал. 2001. Т. 9. № 2. – С.82-87.
7. Ожирение: этиология, патогенез, клинические аспекты: Руководство для врачей / Под ред. И. И. Дедова, Г. А. Мельниченко. – М.: МИА, 2004. – 456 с.
8. Панова Е. И., Мартышинао В., Данилов В. А. Ассоциированная с ожирением патология: частота, характер и некоторые механизмы формирования // Современные технологии в медицине. 2013. Т. 5. № 2. – С.108-115.
9. Романцова Т. И. Эпидемия ожирения: очевидные и вероятные причины // Ожирение и метаболизм. 2011. № 1. – С.5-19.
10. Савельева Л.В. Современная концепция лечения ожирения // Ожирение и метаболизм. 2011. № 1. – С.51-56.
11. Усенко Г. А., Усенко А. Г., Васенден Д. Н., Нищета О. В. и др. Липиды крови, ожирение и уровень осложнений гипертонической болезни в зависимости от психосоматических особенностей пациента и лечения // Вестник Санкт-Петербургского университета. Сер. 11: Медицина. 2014. № 1. – С.133-141.
12. Чазова Е. И., Мычка В. Б. Метаболический синдром. – М.: Media Medica, 2004. – 168 с.

Калидвожаҳо: *фарбеҳӣ, вазни барзиёд, фарбеҳии модарзодӣ, фишорбаландии шараёни, диабети қанд, дарди буғумҳо, сактаи дил ва гайра.*

Аннотация

ОЖИРЕНИЕ И НАСЛЕДСТВЕННОСТЬ

Исследования показали, что некоторых случаях ожирение – наследственное заболевание. Если в семье один из родителей страдает ожирением, вероятность ожирения у их детей составляет до 40% . Если оба родителя в семье страдают ожирением, наше исследование показало, что детей из этих семей, страдающих ожирением было более 80% . Исследования показали, что при наследственном ожирением средняя продолжительность жизни этой группы людей относительно невелика и составляет в среднем от 45 до 55 лет. Большинство членов семьи, страдающих ожирением, имеют высокое кровяное давление, инсулинонезависимый сахарный диабет, атеросклероз артерий, жировую болезнь печени, хронический панкреатит, артрит, недостаточность кровообращения, а также сердечную недостаточность и дыхательную недостаточность.

Ключевые слова: *ожирение, избыточная масса тела, врожденное ожирение, артериальная гипертензия, сахарный диабет, боль в суставах, инфаркт и др.*

Annotation

OBESITY AND HEREDITY

This article discusses studies that have shown that in some cases this is a hereditary disease. If one of the parents in the family is obese, the probability of obesity in their children is up to 40%. If both parents in a family are obese, our study showed that over 80% of children from these families were obese. Studies have shown that with hereditary obesity, the average life expectancy of this group of people is relatively short and averages from 45 to 55 years. Most obese family members have high blood pressure, non-insulin-dependent diabetes mellitus, atherosclerosis of the arteries, fatty liver disease, chronic pancreatitis, arthritis, circulatory failure, and heart failure and respiratory failure.

Keywords: *obesity, overweight, congenital obesity, arterial hypertension, diabetes mellitus, joint pain, heart attack, etc.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Хамитова Райҳона Ҷунайдуллоевна, магистранти соли якуми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-020401. Суроғa: н. Рӯдакӣ, деҳаи Оби Шифо, хонаи №700. Тел.: +992 004401449

Роҳбари илмӣ: н.и.б., дотсент Шамсидинов Ш.

Сведения об авторе: Хамитова Райхона Джунайдуллоевна, магистрантка первого курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, по специальности биология 1-020401. Адрес: район Рудаки, село Оби Шифо, дом №700. Тел.: +992 004401449

Научный руководитель: к.б.н., доцент Шамсидинов Ш.

About the author: Khamitova Rayzhona Djunaydulloevna, 1st year master of the biological faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, specialty "Biology" 1 - 02 04 01. Address: Rudaki district, Obi Shifo village, house №700. Tel.: +992 004401449

Scientific adviser: Ph.D., associate professor Shamsidinov Sh.

Амонов Бегиҷон Пулотович,
н.и.б., дотсенти кафедраи биохимияи тиббӣ ва генетика
Ходжаева Лобар Камиловна,
магистранти соли дуюми факултаи биология

АСОСҲОИ ФИЗИОЛОГИЮ БИОХИМИЯВӢ ВА ГЕНЕТИКИЮ ЭКОЛОГИИ МАҲСУЛНОКИИ СИФАТИ ДОНИ ГАНДУМ

Гандум дар аксари ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз тирамоҳ кишт карда мешавад. Албатта кишти тирамоҳии ин зироат нисбат ба кишти баҳории он то 20-30% зиёдтар ҳосил медиҳад. Бинобар ин хуб мешуд, ки деҳқонон кишти гандумро дар тамоми манотиқи мамлакат аз сари тирамоҳ гузаронанд. Вале бояд қайд кард, ки дар сурати гузаронидани кишти тирамоҳӣ дар зери хунукиҳои зимистон мумкин як қисми тухмӣ нобуд гардад. Бинобар ин дар сурати аз фасли тирамоҳ кишт намудани, сарфи тухмӣ нисбат ба кишти баҳорӣ то 10-15 фоиз бояд зиёд бошад. Яъне агар дар замин гандум аз фасли тирамоҳ кишт гардад,бояд сарфи тухмӣ дар як (гектар) вобаста аз навъҳои киштшаванда, аз 200 кг то 230 кг, вале дар сурати гузаронидани кишт дар оғози фасли баҳор бояд 180-200 кг бошад. Сарфи тухмии навъҳои ҷав дар як гектар 150-180 кг аст.

Ба сифати мавзуъи тадқиқот 5 навъи ҳосилнокиаш баланди гандуми мулоим истифода шудаанд: Безостая-1, Богарная-56, Юна, Санзар-8 ва Одесская-51. Ин навъҳо аз ҳамдигар натанҳо бо хусусиятҳои навъи генетикӣ, балки аз рӯи пайдоиш ва як қатор хусусиятҳои физиологию биологӣ фарқ мекунанд.

Мавзуъи тадқиқот: Тадқиқотҳои мо аз рӯи баҳои биохимиявии дони ин навъҳои гандум дар 4 минтақаи табии-иқлимии Тоҷикистон (ҳангоми кишти тирамоҳи) шаҳри Душанбе (минтақаи санҷишии Донишкадаи физиологияи рустаниҳо ва генетикаи АФҶТ, водии Ҳисор, 850 м аз сатҳи баҳр), вилояти Суғд (Тоҷикистони Шимоли 860 м аз сатҳи баҳр), ноҳияи Рашт (1300 м баландтар аз сатҳи баҳр) ва стансияи биологии «Сиёҳкуҳ» (72 км шимоли шаҳри Душанбе, нишебии ҷанубии қаторкуҳӣ 2250 м баландтар аз сатҳи баҳр) суръат гирифтааст.

Дар шароити ҷумҳуриамон асосан чунин навъҳои гандум киштукор карда мешаванд. «Безостая-1», «Одесская-51», «Богарная-56», «Санзар-8», «Юна», «Сете Серрос-66», «Қирғизӣ-100», «Ҷаґер», «Наврӯз», «Бахт», «Шарора», «Ватан», «Президент», «Помир» ва ғайра. Вале дар аксари ноҳияҳо навъҳои дигари гандум, ки тухмашон аз дигар мамлакатҳо оварда шудааст, ба монанди «Ҷайҳун», «Атоӣ», «Султон» ва ғайраҳо низ кишт мегарданд. Ин навъҳо асосан дар минтақаҳои кӯҳсори мамлакат баҳор кишт мегарданд. Вале баъзе навъҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд онҳо метавонанд ҳам дар кишти баҳорӣ ва ҳам тирамоҳӣ ҳосили дилхоҳ диҳанд. Аммо аксар вақт деҳқонон навъҳои зимистонаро бо хусусиятҳои биологиашон фарқ накарда, онҳоро дар фасли баҳор кишт менамоянд, ки дар натиҷа ҳосили ин зироатро ба даст оварда наметавонанд. Бинобар ин мо лозим донистем, ки навъҳои пешниҳод кардаи худро вобаста ба муҳити парвариш дар шароити ҷумҳурӣ минтақабандӣ намоем.

Тайёр намудани тухмӣ ва мӯҳлати кишт. Дараҷаи тозагии тухмӣ бояд ҳеҷ набошад ба талаботҳои классҳои 1 ё ин ки II мувофиқат кунад. Барои он, ки рустаниҳо гирифтори касалиҳои сиҳҳаки дон, мағораки зангории баргу тана (ржавчина) нагарданд, беҳтар мешуд, ки тухмӣ пеш аз кишт бо ёрии моддаҳои химиявӣ аз қабили ТМТД, гранозан, меркуран, витавакс, бенлат ва гексахлорбензол коркард карда шаванд. Барои ин тухмиро метавон ба намуди хушк ё ин ки бо ҳамроҳии каме об бо ин заҳрҳо кокард намуд. Сарфи ин моддаҳои химиявӣ аз намуди онҳо вобаста буда, дар вақти коркарди тухмӣ ҳатман аз воситаҳои ҳимоявӣ ба монанди комбинзон, респираторҳо, дастпӯшак ва муза истифода намуд. Дар болои халтаҳои тухмие, ки ба заҳрҳо коркард шудаанд, бояд ҳатман калимаи «Заҳролуд» бояд навишта шуда бошад.

Дар тамоми қаламрави мамлакат деҳқон бояд кишти тирамоҳии гандум ва ҷавро дар давоми моҳҳои октябру ноябр гузаронанд. Вале баъзан мешавад, ки киштро дар моҳҳои декабру январ низ мегузаронанд, ки ин ҳам албатта дуруст аст. Чуқурии кишти дони ғалладонагиҳо фасли тирамоҳ бояд 6-8 см бошад. Кишти баҳории ғаллагиҳоро метавон дар моҳҳои марту апрел ва дар минтақаҳои баландкӯҳ бошад, то нимаи дуюми моҳи май гузаронид.

Нуриандозӣ. Аз сабаби оне, ки гандум асосан дар заминҳои лалмӣ кишт мегардад ва аксари ин заминҳо камғизо мебошанд, ба замин андохтани нуриҳои маъдани боиси баланд гаштани ҳосилнокии ғалладонагиҳо мегардад. Алалхусус дар вақти кишти тирамоҳии гандум ба

он андохтани нуриҳои маъданӣ зарурати калон дорад. Аз ин сабаб дар заминҳои лалмӣ дар як (гектар) андохтани пору 15-20 тонна, фосфор 40-60- кг, нитрогенӣ-30-60-кг ва калий 25-35 кг (ба шакли м.т) омили асосии ба даст овардани ҳосили баланди гандум мегардад. Вале дар заминҳои тахминоти онҳо бо намнокӣ метавон миқдори тавсиягаштаи нуриҳои маъданиро то 15-20 % зиёд намуд.

Дар заминҳои обӣ метавон ба як (гектар) замин 60-80- кг нуриҳои нитрогенӣ, 50-70кг нуриҳои фосфорӣ ва 30-40 кг нуриҳои калийдорро (м.т) ба замин андохт. Мӯҳлати беҳтарини андохтани нуриҳои фосфорӣ ва калийдор дар вақти шудгори замин ва нуриҳои нитрогенӣ бошад, дар вақти ғизодиҳии якум ва дуюм дар фасли баҳор ба шумор меравад. Инчуни аз тирамоҳ якҷоя бо гузаронидани кишти гандум метавон то 30 кг/га нурии аммофосро ба замин андохт. Аз чорабиниҳои асосии ғалладонагиҳо ин аввали баҳор аз алафҳои бегона тоза намудани киштзор ба шумор меравад. Дар аксари заминҳои минтақаи кӯҳистон бисёре аз деҳқон дар тирамоҳ тухмии аз омехтаи мунҷакро истифода мебаранд. Ин алафи бегона аз оилаи лубиёгиҳо, агар сари вақт хушова карда нашавад, ғаллазорро зер намуда, боиси паҳн гаштани вай ва паст шудани ҳосилнокии заминҳо мегардад. Махсусан сари вақт андохтани нуриҳои нитрогенӣ, дар давраи панҷаронӣ ва саркашии ниҳолҳо аҳамияти калон дорад. Дар заминҳои обии минтақаи кӯҳсор ба ғаллазор бояд на камтар аз 4-6 маротиба об додашавад. Ҳашароту касалиҳои ғаллазор дар аввали баҳор бештар гамбусаки лалмӣ, кирми реша, миттаи кирми сиёҳ сангпушт, кирми сартез, сӯзанаки сафед, шуллук, трипси гандум ва ширинчаҳо метавонанд зарари калон расонанд. Ба муқобили ин ҳашаротҳо аз моддаҳои химиявӣ ба монанди метафос, гексахлоран ва дигар заҳрҳо метавон истифода кард.

Тавсияҳо. Ба муқобили ҳамаи ҳащаротҳои заррарасони ғалладонагиҳо риоя намудани киштгардон ва яхобмонии заминҳо дар фасли зимистон тавсия мешавад.

Адабиёт:

1. Амонов Б. П. Биохимическая оценка зерна некоторых сортов пшеницы в зависимости от природно - климатических условий регионов выращивания» Автореферат дис…канд. биол. наук. – Душанбе, 2006. – 27 с.
2. Ниязмухамедова М. Б. Соотношение содержание крахмала к белку в зерне как тест-признак для отбора перспективных сортообразцов тритикале // Физиологические тесты в селекции растений. – Душанбе: Дониш, 1994. – 51 с.
3. Гайратов М. Х. Влияние агроклиматических условий зоны выращивания на морфофизиологические и биохимические показатели качества зерна пшеницы. Автореферат дис... канд. биол. наук. – Душанбе, 2005. – 24 с.
4. Кретович В. Л. Биохимия зерна и хлеба. – М.: Наука, 1991. – 136 с.
5. Белок зерна пшеницы, возделываемой в условиях Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 2010. – 187 с.

Калидвожаҳо: *сафеда, крахмал, агроэкология, дегенератсия, биосинтез, генетика, гандум.*

Аннотация

ФИЗИОЛОГИЧЕСКИЕ, БИОХИМИЧЕСКИЕ И ГЕНЕТИЧЕСКИЕ И ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ КАЧЕСТВА ЗЕРНА ПЩЕНИЦЫ

В данной статье представлены результаты исследования количества белка и крахмала в зерне пшеницы разного происхождения, возделываемых в сельскохозяйственном производстве в дано разных регионах Таджикистана. Осенью посеяна пшеница в большинстве районов страны. Конечно, осенний посев этой культуры даёт на 20-30% больше, чем весенний. Поэтому было бы хорошо, если бы с осени фермеры начали сеять пшеницу во всех регионах страны. Однако следует учесть, что при осеннем посеве в холодною зиму часть семян может погибнуть. Поэтому при осеннем посеве расход семян должен быть на 10-15 % выше, чем весной. То есть, если осенью засеять землю пшеницей, то стоимость семян на гектар должна быть от 200 кг до 230кг в зависимости от вида культуры, а при посеве в начале весны 180- 200 кг. Расход семян сортов ячменя составляет 150-180 кг на гектар.

Ключевые слова: *белок, крахмал, агроэкология, дегенерация, биосинтез, генетика, пшеница.*

Annotation

PHYSIOLOGICAL, BIOCHEMICAL AND GENETIC ECOLOGICAL BASIS WHEAT QUALITY PRODUCTIVITY

This article presents the results of the study of the amount of protein and starch in the grain of wheat of different origins, which are cultivated in agricultural production in different regions of Tajikistan. Wheat is sown in autumn in most parts of the country. Of course, the autumn sowing of this crop gives 20-30% more than the spring sowing. Therefore, it would be good if, in the fall, farmers began to sow wheat in all regions of the country. However, it should be borne in mind that during autumn sowing in a cold winter, some of the seeds may die. Therefore, during autumn sowing seed consumption should be 10-15 % higher thanin spring. That is, if the lend sown with wheat in the fall, than the cost of seeds per hectare should be from 200 kg to 230 kg, depending on the type of crop, and when sowing in early spring- 180-200 kg. The consumption of seeds of barley varieties is 150-180 kg per hectare.

Keywords: *protein, starch, agro ecology, degeneration, biosynthesis, genetics, wheat.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Амонов Б. П., н.и.б., дотсенти кафедраи биохимияи тиббӣ ва генетикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Ходжаева Л. К., магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Сведения об авторах: Амонов Б. П., к.б.н., доцент кафедры медицинской биохимии и генетики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни.

Ходжаева Л. К., магистрантка второго курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни.

About the authors: Amonov B. P., candidate of Medical Sciences, Associate Professor of the Department of Medical Biochemistry and Genetics, Tajik State Pedagogical University named after V.I Sadriddin Aini.

Khodjaeva L., 2nd year master of biological faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.

Шарофова Холдона Давлатмуродовна,
магистранти соли якуми факултети биология

ВАЙРОНШАВИИ СОХТОРИ МОЛЕКУЛАВИИ ИРСИИ ТРОМБОСИТҲО

Тромбоситҳо ҳуҷайраҳои пулакчашакли хун буда др мағзи сурхи устухон ҳосил мегарданд. Пешавлоди аз ҷиҳати морфологи шинохташавандаи тромбоситҳо мегакариобласт ба ҳисоб меравад. Тромбоситҳо аз ҳама ҳуҷайраи хурдтарини хун буда дар мағзи сурхи устухон аз ҳуҷайраи бузургтарини он мегакариосит ҳосил мегардад. Одатан тромбоситҳо аз ситоплазмаимегакариосит ҳосил мегардад. Таҳқиқотҳои солҳои охирсобит сохтанд, ки дар ҷараёни тромбоситопоэз аз 1 мегакариосит аз 3 то 4 ҳазор тромбосит ҳоил мегардад [1, 4].

Тромбоситҳо аз рӯи шакли морфологияшон шакли курра ё лундаро доштадар ҷараёни таҳаввулот ядрои худро гум кардааст. Ин ҳуҷайра дорои сохтори мураккаб будавазифаҳои гуногунро дар организм иҷро мекунад [2,]. Ҳангоми тағйир ёфтани миқдор ва сохтори моллекулавии тромбоситҳояк қатор бемориҳои вазнин дар организм ба амал меояд [3, 10].

Мақсади асосии ин таҳқиқот омӯзиши фаъолияти функсионали ва сохтори моллекулавии тромбоситҳо ба ҳисоб меравад.

Мавод ва усули таҳлил. Барои омухтани фаъолияти тромбоситҳо мо зиёда аз 30 нафар бемороне, ки системаи лахташавии хунашон тӯлони буд зери санҷиши худ қарор додем. Миқдори тромбоситҳоро тавассути анализатори гематологии микрос 20-милюс муайян намудем. Сохтори морфологии тромбоситҳоротавассути тайёр кардани молишак ва бо усули Романовский ранг намудан дар зери микроскоп омухтем. Барои ба фаъолияти тромбоситҳо баҳо доданвақти умумии лахташавии хун ва фаъолияти як қатор омилҳои плазмавии дар ҷараёни системаи лахташави иштироккунандаро аз таҳлили озмоишгоҳи гузаронидем.

Чӣ хеле, ки аз натиҷаҳои дар расмии 1 дарҷ гардида бар меояд вақти умумии лахташавии хун бо усули Ли-Уайт дар одамони солим ба ҳисоби миёна 6,0±2,0 дақиқаро ташкил медиҳад. Дар одамони дучори бемории Виллебранд ҳастанд вақти умумии лахташавии хун дар гурӯхи дараҷаи миёнаи аломатҳои клиники мавҷуд буда ба ҳисоби миёна 12±2,5 дақиқаро ташкил медиҳад. Ин нишондод дар гурӯҳи беморони дараҷаи вазнин бошад ба ҳисоби миёна 15±3,0 дақиқаро ташкил медиҳад, ки нисбатиодамони солим 2,5 маротибадавомноктар мебошад.



Расми 1. Вақти умумии лахташавии хун дар беморони Виллебранд. 1-одамони солим. 2-бемори Виллебранд миёна, 3 беморони Виллебранд вазнин.

Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум аст бемори Виллебранд табиати ирси дошта аз рӯи аломатҳои клиникии худ ба гемофилия монанд мебошад. Гарчанде аломати муштаракиин ду бемори вайроншавии системаи лахташавии хун ба ҳисоб равад вале табиати пайдоиши ҳар кадоми он аз ҳамдигар бо кулли фарқ мекунанд. Ҳангоми бемории гемофилия асосан вайроншавии синтези омили плазмавии лахташавии хунба ҳисоб меравад. Масъалан ҳангоми гемофилияи А, ки нисбатан паҳншудааст омили 8-уми плазмавии хун тамоман ҳосил намегардад. Ва бо ҳамин абаб лахташавии хун ба амал намеояд. Ҳангоми бемории Виллебранд бошаднуқсони асоси дар сохтори молекуллавии тромбоситвуҷуд дорад. Дар популятсияҳои гуногун паҳншавии бемории Виллебранд аз 1 то 2‰ро ташкил медиҳад [4, 248].

Омили Виллебранд табиати сафедавӣ дошта дар таркиби плазма ва ҳуҷайраҳои эндотелӣ мавҷуд мебошад. Ин омил бо сабаби кам ҳосил шудан ё ин ки фаъолияти паст доштан сабаби вайроншавии системаи лахташавии хун мегардад. Вобаста ба ин бемории Виллебрандро ба 2

гурӯҳ ҷудо мекунанд. Типи якуми бемори 70%-ро ташкил медиҳад, ин типи бемори дар натиҷаи вайроншавии фаъолияти омили Виллебранд ба амал меояд. Типи дуюм бошад ҳамаги аз 10 то 15%ро ташкил медиҳад, ссабаби асосии ин типи беморибо миқдори кам ҳосил шудани омили Виллебранд ба ҳисоб меравад. Ҳосилшавии омили Виллебрандро китфи кӯтоҳи хромаомаи 12-ум амали мегардонад. Яке аз хусусиятҳои хоси омили Виллебранд аз он иборат аст, ки ҳангоми дар таркиби хун гардиш намудан омили 8-ти плазмавии дар ҷараёни лахташави иштирок кунандаро ба худ пайваст намудаонро устувор ва аз вайроншави нигоҳ медорад. Бинобарин ҳангоми яку якбора ҷой доштани бемории Виллебранд ва гемофилия барои одамон бениҳоят хавфнок мебошад [5, 168].



Расми 2. Алоқамандии тромбоситҳо бо омили Виллебранд.

Чӣ хеле, ки аз натиҷаҳои дар расми 2 дарҷ гардида бармеояд дар пардаитромбоситҳо гликопротеини 1в ҷойгир аст, ки вазифаи ресепториро иҷро мекунад ва махсус бо омили Виллебранд пайваст шудадар навбати дуюм бошад бо гликопротеини 2в ва 3 аз сари нав пайвастаги ҳосил мекунанд. Ин пайвастаги имконият медиҳад, ки ҳангоми ягон ангезандаи пуркувватба тромбоситҳо таъсир расонидан, ин ҳуҷайраҳо аз шакли нофаъол ба шакли фаъол табдил меёбанд. Ҳангоми фаъолгардии тромбоситҳо дар мембранаи ин ҳуҷайраҳо мавҷи ангезиш ба амал омада бо миқдори зиёд пойҳои қалбакии кӯтоҳи риштамонанд аз ҳисоби системаи найчаҳои кушод ҳосил мегардад. Ин раванд аз як тараф сатҳи болоии тромбоситҳоро якчанд маротиба калон карда бошад аз тарафи дуюм бошад тавассути пойҳои қалбаки ба агрегатсияи тромбоситҳо шароит мусоид мегардад.

Расми 3. Доғҳои хуни дар зери пӯст.

Аломатҳои клиникии бемории Виллебранд бениҳоят гуногун мебошад. Одатан дар ин беморон майли хунрави дар дохили пӯст, хунрави аз пардаҳои луоби, даҳон, бини ва тӯлони будани ҳайзбинимушоҳида мегардад (расми 3). Аз мушоҳидаҳои гузаронидашуда маълум гардид, ки дар ин гурӯҳи беморон ҳангоми истеъмоли аспирин ва дигар маводҳои доругии зидди илтиҳобии ғайри строидӣ раванди хунравӣ фаъолтар гардида вақти умумии лахташавии хун тӯлонитар мегардад. Дар ин гурӯҳи беморон ҳангоми кандани дандон ё ин ки ҳангоми гузаронидани ҷарроҳи дар узвҳои дохили хунравии вазнин ба амал омада, хатари шоки геморарги мегардад. Бинобарин ҳарчӣ пеш аз гузаронидани ҳама гунаамалиётҳои тибби омӯзиши системи лахташавии хун, миқдор ва фаъолияти тромбоситҳо бениҳоят зарур мебошад.

Яке аз хосияти асосии тромбоситҳо дар барқароршави ва мӯътадил нигоҳ доштани девори рагҳои хунгард иборат мебошад. Функсияи ангиотрофӣ аз он иборат аст, ки тромбоситҳо маҳсули доштаи худро ба танаи эндотелияи рагҳои хун рехта онро ғизо медиҳанд. Барои ин вазифа қариб 15%-и тромбоситҳои дар хун ҳаракаткунанда иштирок мекунанд. Дар вақти кам шудани тромбоситҳо (тромбоситопения) дистрофияи эндотелия ба амал омада, дар натиҷа эндотелия эритроситҳоро гузаронида, диатези хунравӣ ба амал меояд. Дар ин ҳолат ғунҷоиши рагҳо зиёд мешавад [6, 9].

Фаъолияти дуюми тромбоситҳо аз он иборат аст, ки онҳо дар гоемостази тромбоситарӣ иштирок мекунанд. Пайдошавии ин монеаҳо дар ду фаза ба амал меояд: давраи якум - адгезияи (часпиши) тромбоситҳо бо сохторҳои субэндотелӣ. Ин ҷараёнро коллаген (3-10с.) ба амал меорад. Давраи дуюм - агрегатсияи (печидан ва ширеш шудан) дохи лирагии тромбоситҳо ва ҳосилшавии конгломератҳо аз 10-20 тромбоситҳо, ки дар ҷойи осебдида ширеш мешаванд, ба амал меояд. Монеаи тромбоситарӣ дар давоми 1-3 дақиқа аз вақти осеб дидан ҳосил мешавад. Ҳосилшавии монеаи тромбоситҳоро омили Виллебранда (маҳсули девори рагҳо) коллаген, АДФ, адреналин, тромбин, серотонин ба амал меоранд. Боздории ин ҷараёнро простосиклин ПГИ2 (маҳсули эндотелияи рагҳо) ба амал меорад.

Функсияи лахташавии (гемокоагулясионии) тромбоситҳо аз ҳисоби омили хусусӣ ба амал меояд (омили лавҳавӣ - ОЛ); ОЛ-1, ки онҳо фаъолнокии протромбиназаро имконият медиҳанд. ОЛ-2 мубаддал шудани протромбинро ба тромбин таъмин мекунад. ОЛ-3 мубаддал шудани фибриногенро ба фибрин таъмин мекунад. ОЛ-4 омили муқобили гепарин ПФ-5 ба адгезия ва агрегатсияи тромбоситҳо кӯмак мекунад. ПФ-6 тромбостенин комплекси актиномиозин аст, ки ба ғун ва зич шудани лахтаи хун мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, тромбоситҳо ҳуҷайраҳои хурдтарини таркиби хун буда дар мағзи сурхи устухон ҳосил гардида дар таркиби хуни канори аз 9 то 12-рӯз фаъолият мекунанд. Тромбоситҳо ҳуҷайраҳои бе ядрои таркиби хун буда бе ниҳоят сохтори мураккаби морфологи дошта дар пардаи берунии худ ресепторҳои зиёд дорад. Ин ҳуҷайраҳо дар организм вазифаҳои муҳимтаринро ба монанди устувор нигоҳ доштани рагҳои хунгард, иштирок намудан дар барқароршавии бофтаҳои осебдида, бе восита дар ҷараёни лахташавии хун иштирок менамоян. Яке аз бемориҳои паҳншудаи системаи хуни бемории Виллебрандба ҳисоб меравад, ки аз 1 то 2%-ро дар байни популятсия ташкил медиҳад. Сабаби асосии пайдоиши инбемори надоштаниқарбат байниресепторҳои пардаи болои тромбоситҳо ва омили Виллебрандба ҳисоб меравад. Аломати клиникии ин бемори хунравӣ аз пардаҳои луоби ва давомнок будани вақти лахташавии хун мебошад.

Адабиёт:

1. Автандилов Г. Г. Перспективы развития компьютерной цитогистопатологии. Архив патологии, 1993. - №2. - С.3-5.
2. Баркаган З. С, Момот А. П. Диагностика и контролируемая, терапия нарушений гемостаза. – М.: Ньюдиамед, 2008. -С. 245-249.
3. Баркаган З. С. Геморрагические заболевания и синдромы. – М.: Медицина, 1988; - С.8-17, 32-35; 433-435.
4. Василенко И. А., Шабалин В. Н., Тычинский В. П. Новая технология прижизненной компьютерной фазовой микроскопии: диагностические возможности и перспективы. Радиоэлектроника в медицинской диагностике (оценка функций и состояния организма). 1995. – М., С. 164-169.
5. Васильев С. А., Берковский А. Л., Антонова О. А., Мазуров А. В. Тромбоцитопении: патогенез, дифференциальная диагностика и основы терапии. – Тромбоз, гемостаз и реология. – 2000. №4. – С.6-15.
6. Иванов В. Е., Сальников К. В., Башманова Т. Н. Метод оценки состояния тромбоцитопоэза в условиях тромбоцитопении. – Минск, 1999. – С. 4-8.

Калидвожаҳо: *лахташавии хун, тромбоситҳо, омили Виллебранд, часпиши тромбоситҳо, хунравӣ, вақти лахташавӣ, омилҳои плазмавӣ.*

Аннотация

РАЗРУШЕНИЕ НАСЛЕДСТВЕННОЙ МОЛЕКУЛЯРНОЙ СТРУКТУРЫ ТРОМБОЦИТА

Тромбоциты - это самые маленькие клетки крови, которые образуются в костном мозге и функционируют в периферической крови от 9 до 12 дней. Тромбоциты - это клетки без ядер крови, имеющие чрезвычайно сложную морфологическую структуру и множество рецепторов на внешней мембране. Эти клетки выполняют самые важные функции в организме, такие как поддержание кровеносных сосудов, участие в регенерации поврежденных тканей и косвенное участие в процессе свертывания крови. Одно из самых распространенных заболеваний системы кровообращения - болезнь Виллебранда, которая составляет от 1 до 2% населения. Основная причина этого заболевания - отсутствие близости между рецепторами тромбоцитов и фактором Виллебранда. Клинические признаки этого кровотечения из слизистых оболочек и продолжительность свертывания крови.

Ключевые слова: *свертывание крови, тромбоциты, фактор Виллебранда, агрегация тромбоцитов, кровотечение, время свертывания, плазменные факторы.*

Annotation

DESTRUCTION OF HERITAL MOLECULAR STRUCTURE OF THROBOITIS

Thus, platelets are the smallest blood cells that form in the bone marrow and function in the peripheral blood for 9 to 12 days. Platelets are cells without blood nuclei with an extremely complex morphological structure and many receptors on the outer membrane. These cells perform the most important functions in the body, such as maintaining blood vessels, participating in the regeneration of damaged tissues, and indirectly participating in the blood clotting process. One of the most common diseases of the circulatory system is von Willebrand disease, which accounts for 1 to 2% of the population. The main cause of this disease is the lack of proximity between platelet receptors and von Willebrand factor. Clinical signs of this bleeding from the mucous membranes and the duration of blood clotting.

Keywords: *blood coagulation, platelets, von Willebrand factor, platelet aggregation, bleeding, clotting time, plasma factors.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарофова Холдона Давлатмуродовна, магистранти соли аввали кафедраи анатомия ва физиологияи факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.б., дотсент Шамсудинов Ш. Н.

Сведения об авторе: Шарофова Холдона Давлатмуродовна, магистрантка второго курса кафедры анатомии и физиологии биологического факультета ТГПУ имени С. Айни.

Научный руководитель: к.б.н., доцент Шамсудинов Ш. Н.

About the author: Sharopova Kholdona Davlatmurodovna, first-year master of the Department of Anatomy and Physiology, Faculty of Biology, Tajik State Pedagogical University. Aini.

Scientific leader: n.i.b., docent Shamsudinov Sh. N.

Носиров Юсуфҷон,
магистранти соли дуюми Институти зоологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

КАНАҲОИ ИКСОДОВӢ ВА МУФТХӮР

Организмҳои паразитӣ ба ҳайвонот ва одамон зарари назаррас мерасонад, бинобар ин дониш дар бораи таркиби намудҳо ва хусусиятҳои биологии экологии онҳо ҳарчи бештар аҳамият пайдо мекунанд. Омӯзиши ин курс ба донишҷӯён бо организмҳои паразитӣ на танҳо аз ҷиҳати паразитологияи минтақавии тиб ва байтори мусоидат мекунад. Аммо омӯзиши онҳо дар ин самт ниҳоят душвор аст, зеро ягон василаи махсуси таълимие вуҷуд надорад, ки дар он талаботи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ бо назардошти минтақаи Осиёи Марказӣ инъикос карда мешаванд.

Морфология. Ҷисми канаҳои иксодӣ ба халта монанд аст, ва ба буғумҳо тақсим намешавад, каналҳои гурусна байзавии ҳамвор ва дарозшакл қисми пешашон тангтаранд ҷисми каналҳо тухмшакл буда, дар берун бо пардаи хитинии тунук пушонида шудаанд. Аммо баъзе қисматҳои бадани фулус аз қабили қисматҳои дорсалӣ ва вентралии сурх бо пулакчаҳо пӯшонида шудаанд, ки калканеусро ташкил медиҳанд, ин калкалеуси клеритӣ танҳо сеяки пешини мардонро фаро мегирад аз инру каналҳои мардро вобаста ба андозаи калканеус дарси аз духтарон (диморфизми ҷинсӣ) ба осони фарқ кардан мумкин аст. Қисми танги пешини калканеусро китфи скапула ва қисми ақибро сатҳи каубал меноманд.

Ба ин қатор зиёда аз 10 ҳазор намуд мансуб аст. Канаҳо бо роҳи хурд шудани андозаи бадан ва якҷоя шудани сегментҳои шикам рафтааст. Хелисераашон анбӯрмонанд буда, ба таркиби узви маккандаи даҳонӣ дохил мешавад. Ба ин қатор якчанд оила дохил мешавад, ки дар байни онҳо канаҳои гаммазоидӣ ва иксодовӣ аз ҳама муҳимтар мебошад. Ба канаҳои гамазоидӣ намудҳои озод ва муфтхӯр дохил мешаванд. Канаҳои иксодовӣ муфтхӯрҳои хунмаки ҳайвони сутунмӯҳрадор мебошад. Ба намояндаҳои ин қатор ҳосилшавии зиреҳи мураккаб хос аст. Дар баъзе аз ин намуд қисми пеши сарсина ба воситаи рафи алоҳида, аз дигар қисми бадан ҷудо аст. Аммо дар аксар намудҳо ҳамаи қисмҳои бадан якҷоя шуда, бо зиреҳ пӯшида шудааст. Инкишофи давраи ҷанинии канаҳои иксодовӣ нишон медиҳад, ки дар ибтидо сарсина аз акрон ва 6 сегменти 6 ҷуфт пой, ташаккул меёбад. Сегменти ҳафтуми сарсина ҷойи гузаришро дар сарҳади шикам ҳосил мекунад. Шикам аз шаш сегментҳои калони якҷояшуда ва 2-3 сегменти рудиментшуда ҳосил мешавад. Канаҳои иксодовӣ бадани ҳамвори яклухт доранд. Узви даҳонӣ аз халисераи буранда, ки ба он аз паҳлуҳо педипалпайи буғумдор мехобад, узви ғилофмонанд ҳосил мекунанд. Ба узви даҳонӣ боз гипостом - баромади гулӯ бо дандонҳои хитинӣ дохил мешаванд. Кана пӯстро ба воситаи хелитсераҳояш газида, ба ҷои захмшуда гипостомро монда, бо дандонҳояш медорад. Аз ҳамин сабаб, канаи хунмакида истодаро аз пӯст канда гирифтан хеле мушкил аст. Агар онро ба зӯрӣ канда гирем, сараки кана дар пӯст монда ин боиси пайдо шудани беморӣ дар пӯст мешавад. Аз ҳамин сабаб, тавсия дода мешавад, ки ба канаи макидаистода, агар равган ё керосин молида шавад, онҳо худ аз худ меафтанд. Чунки агар равган молида шавад, роҳҳои нафаскашии кана маҳкам шуда, мушакҳои он бе нафасгирӣ суст шуда меафтанд. Канаҳои иксодовӣ дар хок зиндагӣ карда, дар растаниҳо мехазанд. Дар ҷараёни инкишоф аксари канаҳои иксодовӣ се маротиба хӯҷаинашонро иваз мекунанд. Масалан, нимфаи аз тухм баромада ба хояндаҳои майда, калтакалосҳо, бурундук (ҳайвони санҷобмонанд) ҳуҷум мекунанд. Онҳо аз хун сер шуда, ба замин меафтанд. Баъди пӯстпартои онҳо ба дигар фардҳои ҳамин намудҳо ҳуҷум мекунанд. Канаҳои болиғ одатан хуни ширхӯрони калон (сумдорҳо, саг ва инсон) - ро мемаканд. Нарина одатан аз модина ду маротиба хурд аст. Модинаҳо фақат баъди макидани хун тухм мемонанд. Канаҳо муддати дароз гурусна истода метавонанд. Онҳо ба инсон аз дарахтҳо ва аз болои замин ҳуҷум мекунанд. Дар Шарқи Дур канаи тайгавӣ ва дар Аврупо канаи саг васеъ паҳн шудаанд. Дар ИДМ зиёда аз 50 намуди канаҳои иксодовӣ маълум буда, онҳо бемориҳои вазнин: варами майна (энсефалит), варача (туляремия), пироплазмоз ва дигар бемориҳоро ба вуҷуд меоранд. Академик Е. Н. Павловский ва шогирдони ӯ манбаи бемориҳои трансмиссивиро дар мисоли паҳншавии канаи энсефалит кор карда баромада, роҳҳои муборизаро бо онро нишон додаанд. Дар асоси ин назария манбаи паҳншавии ин беморӣ ба ареали намудҳои канаҳои хунмак (паҳнкунанда) ва намуди ҳайвоноти ёбои (манбаи сирояткунӣ) вобаста мебошад. Трансмиссия ё барангезандаи беморӣ канаҳои хунмак буда, онҳо ин муфтхӯрро аз манбаҳои табиӣ гирифта, ба ҳайвонот ва одамони солим

мегузаронанд. Одамони дар ин минтақаҳо ба кор машғулбуда, дар зери хавфи сироят бо ин бемориҳои вазнин мебошанд. Аз ҳамин сабаб, ин минтақаҳо дар зери назорати сахти коркунони тиб буда, одамонро пешакӣ бо мақсади ба ин беморӣ гирифтор нашудан эм мекунанд.

Трематодҳо бештар баргшакл баъзан устувоншакл ё нокмонанд ва дарозиашон аз 0.1мм то 7.8см аст, бадани онҳо аввал бо кутикула сипас бо қабати мушакӣ пушида шудааст, ки якҷоя халтаи пустию мушакӣ ҳосил мекунанд ва дар дохили он узвҳои дохили ҷойгир шудаанд.

Микдори зиёди тухми кирмҳои маканда аз организми соҳиби асоси ба муҳити атроф ба воситаи саргин берун мегардад дар шароити мусоид аз тухми кирминаи даври якум ё миратсидия пайдо мешавад, ки бо муякҳо пушида шудааст. Пас аз ҳаракати фаъол ё нофаъол ба дохили нармбадани мувофиқ споросита табдил меёбад, ки аз халтаи бо ҳуҷайраои бо роҳи ғайричинсӣ даҳҳо то садҳо редия ҳосил мешавад.

Хулоса, доир ба кирмҳои иктисодови аз чониби олимон ва мутахассисон соҳа татқиқотҳои назаррас анҷом дода шуда, мо низ дар мақолаи худ ба ҷузъитарин маълумотҳо иктифо намудем.

Адабиёт:

1. Мамадзиёев А., Исоев К., Раҳматов С., Имонов М. Зоология (ҳайвоноти бесутунмуҳра). – Душанбе: Илм, 2011. – 624 с.
2. Каримов И. А. Узбекистон дар остонаи асри XXI. Таҳдид ба амният шароитҳои субот ва кафолатҳои рушд. – Тошкент: Узбекистон нашриёти, 1997.
3. Балашов Ю. С. Кровососущие клещи (ixodidae) переносчики болезней человека и животных. – Л., 1967. – 320 с.

Калидвожаҳо: *инсон, иксодовӣ, бемории сироятӣ, кирм, кана, тухм, ҳаракат, хун, ҳуҷайра, мушак, ҳайвонот.*

Аннотация

ИКСОДОВЫЕ И ПАРАЗИТНЫЕ КЛЕЩИ

В этой статье представлена подробная информация о важных особенностях клещей. Доказательства взяты из отечественных и зарубежных источников и сосредоточены на деятельности по физическому развитию, перемещению, вредоносности, патогенности и других негативных аспектов иксодовых клещей. Автор также пытается доказать существование других видов гельминтов, которые могут обнаруживаться разными путями и вызывать инфекционные заболевания, способные нанести вред человеку и животным.

Ключевые слова: *человек, исход, инфекционное заболевание, червь, клещ, яйцо, движение, кровь, клетка, мышца, животное.*

Annotation

IXODID AND PARASITIC TICKS

This article provides detailed information about the important features of ticks. The evidence comes from domestic and foreign sources and focuses on growth, movement, harmfulness, pathogenicity, and other negative aspects of ticks. The author also tries to prove the existence of other types of helminths, which can be detected in different ways and cause infectious diseases that can harm humans and animals.

Keywords: *human, exodus, infectious disease, worm, tick, egg, movement, blood, cell, muscle, animal.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Носиров Юсуф Азимович, магистранти соли дуюми Институти зоологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Телефон: +992 931575799

Роҳбари илмӣ: Курчиев М.

Сведения об авторе: Носиров Юсуф Азимович, магистрант второго курса Института зоологии НАН Таджикистана. Телефон: +992 931575799

Научный руководитель: Курчиев М.

About the author: Nosirov Yusuf Azimovich, Master of the second year of the Institute of Zoology of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: +992 931575799

Scientific adviser: Kurchiev M.

Фахридинов Фазлиддин Ҷамолидинович,
магистранти соли дуюми факултети география

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ МАФҲУМИ ОБЁРИКУНӢ ВА ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ

Мафҳум. Обёрӣ (обёрӣ) таъмини об ба киштзорҳое, ки намӣ надоранд ва афзоиши захираҳои он дар қабати решаи хок бо мақсади баланд бардоштани ҳосилхезии хок мебошад. Обёрӣ дар якҷоягӣ бо заҳкаш як намуди асосии мелиоративӣ - гидротехникӣ мебошад. Обёрӣ таъминоти маводи моеъ ва маводи ғизоӣ ба решаҳои растаниҳоро беҳтар мекунад, ҳарорати қабати болоии рӯи ҳаворо паст мекунад ва маводи моеъи онро зиёд мекунад.

Аллакай дар замонҳои қадим, обёрӣ ба дараҷаи санъате расид, ки ба он некӯаҳволии тамоми кишварҳо асос ёфта буд. Дар бисёр ҷойҳои Китоби Муқаддас истифодаи об барои тар кардани киштзор зикр шудааст. Минтақаи байни Фурот ва Даҷла дар замонҳои қадим бо пешрафти кишоварзӣ, ки бо ёрии обёрии систематикӣ ба даст омада буд, машҳур буд. Аз замонҳои қадим намунаҳои сохторҳои обёрӣ дар кишварҳои фарҳанги қадим вуҷуд доштанд: дар Чин, Ҳиндустон ва Миср ва дар дунёи нав - дар минтақаҳои салтанати аз байн рафтаи Ацтекҳо. Мисриён аз обхезии даврии Нил қаноатманд набудандба киштзорашон нурӣ андохтан; ва онҳо онро бо ёрии системаи васеи каналҳо дар саросари минтақаи ҳосилхезаш то канори биёбон тавассути об бурданд. Баъдтар, онҳо ба ин ҷо ба чарҳҳои обкашӣ кӯчиданд, ки обро ба баландӣ бардоштанд [2].

Дар Аврупо этрускҳо қадимтарин устодони обёрӣ мебошанд. Боқимондаҳои бузурги каналҳои байни Адиҷ ва По то имрӯз дар бораи сохторҳои азиме, ки ин одамон танҳо барои об додани киштзорҳо сохтаанд, шаҳодат медиҳанд. Уйғурҳо иншооти обёрии мураккабе офариданд, ки ба заминҳои биёбони Туркистони Шарқӣ ҳаёт мебахшиданд. Онҳо санъати худро ба румиён интиқол доданд. Охиринҳо обро хеле қадр мекунанд ва ҳатто имрӯзҳо иншооти гидротехникии онҳо ба ҳайрат меоянд: ҳавзҳои баландошёна, каналҳои об, ҳавзҳо ва кӯлҳои сунъӣ, ороиши бошукӯҳи чашмаҳо ва дигар дастгоҳҳои мукаммал барои расонидани оби хуб [2].

Роҳи васеътарини иншооти обёрӣ дар Ломбардия таҳия шудааст. Шабакаи каналҳои обёрӣ дар ин минтақа, ки аз замони румиён таҳия ва такмил дода шуда буд, дар аввали асри 20 масоҳати то 450 000 гектарро фаро мегирифт. Каналҳои асосии ин шабака, ки дарёҳои сунъии қадимаро дар бар мегирифтанд, дар ибтидои асрҳои миёна, қисман аз ҷониби роҳибон, қисман аз ҷониби шаҳрҳои Милан, Кремона ва дигарон таҳти ҳукмронии Висконти, Сфорза, Паллавицино ва дар минтақаи Мантуа аз ҷониби сулолаи Гонзага . Канали қадимтарин Vettalia соли 1057 сохта шудааст... Аллакай дар соли 1216 дар Милан маҷмуи фармонҳо оид ба истифодаи об пайдо шуд, ки баъдан такмил дода шуда, барои қонунгузорӣ дар бораи обёрӣ дар соли 1747 ҳамчун асос хизмат карданд. Дар асри 11, ки обидон аз Chiaravalle Abbey соҳиби зиёда аз 8000 гектар боғҳои обёришаванда ва оби зиёдатии худро мефурӯхтанд. Барои муайян кардани миқдори он мо ҳисобкунакҳои махсуси обро истифода бурдем .ки дар он об аз як сӯрохи муайян (0.029 м²), дар сари доимӣ (0.10 м) гузаштааст. Дар як дақиқа 2.1835 м³ аз чунин сӯрох мегузарад, ки онро унси миланӣ меноманд. Баъдан, ба ҷои як унси об, онҳо барои чен кардани ҷараён дигар дастгоҳҳо ва асбобҳоро истифода бурданд, ки аз замони Сарбоз, аввалин ихтироъкунандаи чунин дастгоҳ дар асри 16 модул номида мешуданд [2].

Обёрӣ ба гидромелиоратив ишора мекунад, ки як силсила тадбирҳоест, ки ба беҳбуди дарозмуддати режими оби хок бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии он нигаронида шудаанд. Мелиорация тавассути сохтани иншооти муҳандисии гидротехникӣ сурат мегирад, ки бо ёрии он тағироти ҳисобшуда ё танзими режими обии қаламрав амалӣ карда мешавад. Агар обёрӣ дар минтақаи дорои захираҳои камбизоати об талаб карда шавад, он гоҳ аввал ин минтақаро об зер кардан лозим аст, зеро интиқоли мунтазами ҳаҷми оби барои обёрӣ зарурбуда ниҳоят бесамар ва гарон хоҳад буд. Бо ёрии обёрӣ, об табиатан дода мешавад, ки имкон медиҳад онро дар оянда бевосита дар системаҳои обёрӣ истифода баранд.

Истифодаи обёрӣ дар якҷоягӣ бо дигар намудҳои мелиорация самаранок аст. Масалан, бо агроҷангал, ки бунёди қитъаҳои муҳофизаткунандаи ҷангал ва минтақаҳоро дар бар мегирад. Дар айни замон, на танҳо ба беҳтар шудани шароити хок ноил шудан мумкин аст, балки дар шароити микроклиматӣ, вақте ки гардиши намии маҳаллӣ дар маҷмуъ беҳтар мешавад, ба куллӣ тағйир меёбад [3].... Дар минтақаҳои хушк танҳо намии хок кофӣ нест, зеро дар зери шамолҳои хушк бухоршавӣ аз сатҳи растаниҳо меафзояд ва суръати таъом аз системаи реша метавонад нокифоя бошад, ки боиси пажмурда шудан мегардад. Инчунин намудҳои

мелиоратсияро метавон қайд кард, ки мелиоративии шӯршавӣ, ки иборат аст аз тоза кардани намакҳои зарарнок аз хок ва мелиоративии гармӣ, вақте ки зироатҳо бо оби гарм об дода мешаванд.

Умуман, обёрӣ дар минтақаҳои васеи мувофиқи шароити иқлим истифода мешавад. Аён аст, ки эҳтиёҷи бештар ба обёрӣ дар минтақаҳои дорои иқлими гарм ва хушк (иқлими хушк), ки бо боришоти кам (200-300 мм дар як сол) хос аст, мушоҳида мешавад. Индекси намӣ (таносуби боришоти солона ба бухоршавии эҳтимолӣ) камтар аз 0.33 аст ва касри бухоршавӣ (фарқи байни бухоршавии эҳтимолӣ дар мавсими кишт ва боришоти ҳосилхез) аз як гектар беш аз 5000 метри мукааб аст. Дар Русия ҳудуди вилояти Астраханро метавон ба чунин заминҳо нисбат дод. Ин иқлим барои давлатҳои Осиёи Марказӣ хос аст, ки дар он зироати асосии бо ёрии обёрӣ парваришшаванда пахта мебошад.

Вобаста аз шароити маҳаллӣ усулҳои гуногуни обёрӣ имконпазир аст. Аввалан тамоми майдони заминро обшор кардан мумкин аст, ки барои иқлими хушк хос аст ва минтақаҳои алоҳидаи зироатҳои алоҳида, ки барои минтақаҳои иқлимии намнок хосанд. Сониян, обёриро дар як сол як маротиба гузарондан мумкин аст (ба истилоҳ обёрии эстуарӣ), ки дар он захираи зарурии об дар хок мавҷуд аст, ки онро растаниҳо дар давоми сол истифода мебаранд ё обёриро пайваста гузарондан мумкин аст [5].

Вазифаи обёрӣ аз он иборат аст, ки миқдори зарурии обро, ки барои бо самараи максималӣ анҷом додани корҳои обьёрӣ зарур аст, муайян кунанд. Барои ин ҳам шароити иқлимии маҳаллӣ ва навъи растаниҳои обёришаванда ва шароитҳое, ки барои афзоиши ҳадди аксар заруранд ва миқдори об дар даврaҳои гуногуни афзоиш ба назар гирифта мешаванд. Шумо бояд марҳилаҳои рушди фарҳанги мушаххасро донед ва барои ҳар як марҳила шароити заруриро фароҳам ored. Марҳилаҳои зерини афзоишро ҷудо кардан мумкин аст: нашъунамо, шукуфтан, гул кардан ва камолот. Марҳилаи тухмипарварӣ барои ғалладонагӣ аз ҳама серхаридор аст, масалан, барои пахта марҳилаи шукуфоӣ.

Системаи обёрӣ - дар қаламрави, ки дар он гидротехникӣ (обгирӣ ва сохторҳои-насосӣ об, каналҳо, қубурҳои) ва амалиётӣ (роҳҳо, пулҳо), иншоот, расонидани он обёрӣ шудаанд, ҷойгир аст, метавонад кушода ва пӯшида [7]. Системаҳои обёрӣ одатан аз якчанд ҷузъҳо иборатанд [8, 9]:

- Манбаи об - дарё, ҳавз, обанбор, чоҳ, ки ҳаҷми зарурии обро таъмин мекунад;
- Сохтори қабул - воридшавии обро ба система танзим мекунад;
- Шабакаи хаттии обрасонӣ - каналҳо, ҷӯйборҳо, қубурҳо;
- Шабакаи обёрӣ ва дастгоҳҳо - мустақиман тасмаҳои обёрӣ, ҷӯякҳо, чекҳо, сатҳҳо, мошинҳо ва дастгоҳҳои обдиҳӣ;
- Шабакаи дренажӣ ва ихроҷӣ - барои ҷамъоварӣ ва ба самти дигар ҷойҳо равон кардани оби рӯизаминӣ;
- Шабакаи дренажӣ - барои танзими сатҳи обҳои зеризаминӣ ва тоза кардани намакҳо;
- Иншооти ёрирасон - барои танзими фишор, суръати ҷараён ва ҳаҷми об, иншооти тозакунӣ ва ғайра;
- Инфраструктура - роҳҳо, қитъаҳои ҷангал, иншооти таъмини барқ, биноҳои саноатӣ ва истиқоматӣ, ҳавзҳои нигоҳдорӣ ва ғайра.

Эҷоди системаҳои калони обёрӣ иштироки институтҳои махсуси лоиҳакашӣ ва дастгирии илмиро аз ҳисоби хароҷоти назаррас ва таъсири эҳтимолии таъсиррасон ба табиат ва аҳолии минтақа талаб мекунад. Ҳангоми ҷорӣ намудани техникаи муосири кишоварзӣ, кадрҳои касбӣ таъсис дода шуда, соҳаи иҷтимоии деҳот низ рушд мекунад, аз ҷорӣ намудани мелиорация бо рушди умумии соҳаи кишоварзӣ фоидаи зиёд ба даст овардан мумкин аст [14].

Адабиёт:

1. Варнакова Г. М., Рототаева О. В., Бассейн реки Обихингоу, 1978. – 110 с.
2. Каталог Ледников СССР, Ленинград, Гидрометеоиздат, том 14, вып. 3, ч. 1и2
3. Квачов В. И., Санников А. Г., Соколов Л. Н. Бассейн реки Кафернигана, 1930. – 43 с.
4. Коновалова Г. И., Носиров М. А., Шурупов А. Г., Щетинников А. С. Бассейн реки Зеравшан, 1932. – 121 с.
5. Мусоев З., Бассейн правых притоков реки Пянджа от устья реки Вахша до устья реки Вандж, 1980, С. 3-30.
6. Суслов В.Ф. Система ледника Федченко (бассейн реки Муксу), 1968. – 64 с.
7. Щетинников А.С. Бассейн реки Сурхандарьи, 1969. – С.37-76.

Калидвожаҳо: *обёрӣ, захираҳои обӣ, санъати обёрӣ, иншооти ёрирасон, обистифодабарӣ, низоми обёрӣ, обтаъминкунӣ, биёбоншавӣ, системаҳои обёрӣ, ҷӯйборҳо, қубурҳо.*

Аннотация

ИСТОРИЯ ПРОИСХОЖДЕНИЯ ПОНЯТИЯ ПОЛИВА И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ

В статье автор дает краткий обзор понятия и положения орошения, историю формирования основ циркуляции воды в различных регионах. Особое внимание уделяется водоснабжению простаивающих и богарных земель. Доля орошения на затопленных участках также очень высокое. Для них показатель влажности менее 0,77, а высокая скорость испарения составляет 2000-5000 м3 с гектара.

Ключевые слова: *ирригация, водные ресурсы, ирригационное искусство, вспомогательные сооружения, водопользование, оросительная система, водоснабжение, опустынивание, оросительные системы, каналы, трубы.*

Annotation

HISTORY OF THE CONCEPT OF IRRIGATION AND USE OF WATER RESOURCES

In the article, the author gives a brief overview of the concept and position of irrigation, the history of the formation of the foundations of water circulation in different regions. already considered sector related issues on paper. Particular attention is paid to the water supply of idle and rainfed lands. Irrigation in flooded areas is also very high. For them, the moisture index is less than 0.77, and the high evaporation rate is 2000-5000 m3 per hectare.

Keywords: *irrigation, water resources, irrigation art, auxiliary facilities, water use, irrigation system, water supply, desertification, irrigation systems, canals, pipes.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Фахридинов Фазлиддин Ҷамолидинович, магистранти соли дуюми ихтисоси географияи факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, суроғa: шаҳри Душанбе, ноҳияи Шомансур, кӯчаи Айнӣ 353. Тел.: +992 900576939

Роҳбари илмӣ: н.и.г., дотсент Қаландаров А. А.

Сведения об авторе: Фахридинов Фазлиддин Жамолидинович, магистрант второго курса географического факультета ТГПУ имена Садриддина Айни, адрес: г. Душанбе, улица Айни 353. Тел.: +992 900576939

Научный руководитель: к.г.н., доцент Каландаров А. А.

About the author: Fakhridinov Fazliddin Jamolidinovich, second year master faculty Geography TSPU the names of Sadriddin Ayni, address: Dushanbe city, Ayni street 353. Phone number: +992 900576939

Scientific: n.i.g., docent Qalandarov A. A.

Нарзизода Сиёвуш,
донишҷӯйи соли чоруми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф

АСОСҲОИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТӢ-ТАҲЛИЛИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ: МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ БЕҲТАРГАРДОНИИ ОН

Воқеан сатҳ ва суръати рушди илмию технологии ҳар як давлатро имкониятҳои ичтимоию иқтисодии он нисбат ба амалисозии фаъолияте муайян мекунад, ки ба таъмини амалкарди илм ва технология ҳамчун системаи ягонаи алоқаманд ба истеҳсолот равона карда шудааст. Натиҷаи асосии ин фаъолият ба вуҷуд овардани донишҳои нави илмӣ ва амалисозии минбаъдаи онҳо дар технологияҳои нав ва ё маҳсулоти нави тавассути ин технологияҳо истеҳсолшуда мебошад. Ҳамбастагии муайян байни фаъолияти инноватсионӣ ва рушди илмию технологӣ мавҷуд аст. Аз як тараф рушди илмию технологӣ бе рушди фаъолияти иноватсионӣ имкон надорад.

Бо пешрафти илму техника ҷахони иқтисод низ бомаром тағйир меёбад. Аз ин ҷост, ки солҳои охир бо дарназардошти тағйирёбии авзои иқтисодию сиёсии ҷаҳон нақши технологияҳои муосир ва навгониҳои электронию рақамӣ дар идоракунии давлатӣ бештар меафзояд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифатии қишрҳо ва сохторҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии мамлакат як зумрра стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳо қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Аз чумла стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, “Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 15 марти 2008, “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар ҶТ”, аз 20 декабри соли 2011 тасдиқ гардидаанд.

Дар паёми навбатии Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ таъкид гардида аст, ки “минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсиаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.”

Тоҷикистони муосири имрӯзаро марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ фаро гирифта истодааст, ки таҳти назорат ва идора қарор додани онҳо барои рушди давлату миллат, корхонаву ташкилотҳо ва оилаҳо низ бениҳоят муҳим мебошад. Яке марҳилаҳои муосир ин иқтисоди рақамӣ мебошад, ки дорои ба он дар Паёми асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ чунин зикр шудааст:”Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд.”

Давлати имрӯзаи ҶТ рушди иқтисодиёти рақамиро бо татбиқи технологияҳои ахборӣ идора намуда, аз чумла, коркард намудааст. Барои он ки, иқтисодоиёти рақамӣ ба манфиати умум хизмат намояд, он бояд ҳамаҷониба дар ҳамаи самтҳо истифода бурда шавад. Технологияҳои нав, махсусан зеҳни сунъӣ ногузир бо тағйироти назаррас дар бозори меҳнат, аз ҷумла ихтсори ҷойҳои корӣ дар баъзе соҳаҳо ва фароҳам овардани имкониятҳои нав дар дигарон дар миқёси давлат, робитаи ногусастанӣ доранд.

Техгологияи босуръати паҳншаванда, рақамҳои гуногуни фаъолиятҳои иқтисодӣ ва ичтимоиро шаклан дигаргун месозад. Вале фарогирии васеъшудаи нобаробарии рақамӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва махсусан кучактарин кишварҳо, иқтисоди рақамӣ хатари боз ҳам бузуртарро ба бор меорад. Барои аз нав дида баромадани марҳилаву ҳадафҳои рушди бахши рақамӣ ва тарҳи ояндаи ҷаҳонишавии муносибати ҳамаҷониба ба технологияҳои нав, тақвияти шарикӣ ва идоракунии бештар талаб мегардад.

Иқтисоди рақамӣ бо сабаби қобилияти ҷамъоварӣ, истифода ва таҳлили миқдори зиёди иттилоотии аз тарафи компютер дастрасшаванда яъне, маълумоти рақамӣ, бо суръати бениҳоят

афзоишёбанда идома дорад. Чунин маълумоти рақамӣ дар асоси таҳлили “роҳҳои рақамӣ”, ки дар барномаи амалиётҳои гуногуни рақамӣ дар натиҷаи фаъолияти инсонӣ алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё корхонаву ташкилотҳо боқӣ мондаанд, ҷамъ оварда мешаванд.

Вобаста ба таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва бо такя бар арзишҳои ахлоқию маънавии хеш, имрӯз ҷомеаи кишварро зарур аст, ки сари масъалаи истифодаи дурусту оқилонаи интернет ва рушди иқтисоди рақамӣ андеша намоем.Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи иқтисоди ҷаҳонӣ ба ин равандҳо ташаккули бахшҳои иқтисодиёти иттилоотӣ, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ шомил аст. Бояд дар мамлакат якчанд марҳила ва лоиҳаҳои рушди иқтисодиёти рақамиро дар шароити имрӯза татбиқ намуд

▪ дар соҳаҳои хоҷагии деҳот хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва истифодабарии захираҳои ахборӣ бо таъмини дастурҳо ва намудҳои хизматрасонии электрониро бояд муайян ва ҷорӣ намояд;

▪ давлат дар фаъолияти истифодабарии рушди иқтисодиёти рақамӣ, бозори технологияҳои рақамӣ аз ҷумла муассисаю корхонаҳои хусусӣ, паркхои технологӣ ва марказҳои хизматрасониро ташкил намуда, сармоягузорони хориҷиро ҷалб намоянд ва барои онҳо шароит фароҳам оваранд;

▪ ноҳияҳо ва шаҳрҳоро бо инфрасохтори ҳудудӣ ва истифодабарии онро тавассути электронӣ идора намудан, хусусан манзили истиқоматӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ–маишӣ, ба роҳ мондани хизматрасониҳои муосири транспортӣ барои “шаҳр ва ноҳияи муосир” ва коркарди “системаи муосир”, бахшида ба солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”;

Тайи якчанд солҳои охир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон таваҷҷуҳ ба таъминоти иттилоотӣ зиёд аст, зеро ҷаҳони имрузаро бидуни иттилоот тасаввур кардан имконнопазир аст. Имрӯзҳо иттилоотро ғайр аз меҳнат, замин ва сармоя чорумин омили истеҳсолот меҳисобанд. Таъминоти иттилооти на танҳо ба иқтисодиёт хос аст, он тамоми соҳаҳоро дар бар мегирад. Масалан, ба роҳ мондани хизмати ҳарбии алтернативӣ, омӯзиши фосилави ва таълимӣ пурра гирифтан новобаста аз ҷои зист, видиоконфронсҳо дар муассисаҳои тибби ва алоқа бо якчанд духтурон бо якдигар аз беморхонаҳои гуногун барои муҳокимаи проблемаҳои худ ва ғ.

Чуноне, ки мегӯянд ҳар кор мушкилоти худро низ дорад. Таъминоти иттилоотӣ низ дорои мушкилотҳое мебошад, ки онро мебояд бартараф намуд. Тоҷикистон, ки давлати навбунёд аст, албатта барои ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва таъминоти иттилоотӣ вақт лозим аст:

✓ Омӯзонидан ва такмил додани кадрҳои боетимод, омоданамоии кадрҳо то ҷараёни оғози лоиҳаҳо

✓ Сегменти Интернети миллӣ, ташкили медиа-контенти рақамӣ, захираҳои модди техникӣ ва иқтисодиро бо роҳи рушд ва таклифотҳо коркард намуд

✓ Мутобиқ намудани рушди инфрасохтори замонавии телекоммукатсионии дар шароити муосир, рушди хизматрасониҳои ҳозиразамони телекоммуникатсиониро тбояд ҷори намуд

Дар ҳақиқат, имрӯзҳо таваҷҷуҳ ба иқтисодиёти рақамӣ зиёд аст ва таҳқиқи муҳақиқони ҷавон дар самти илм ва иноватсия, технологияҳои нав мусоидаткунанда ба шумор меравад. Иқтисодиёти рақамӣ пеш аз хама дар асоси технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меояд. Яъне фаъолияти иқтисодӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад.

Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ”. – Душанбе, 2016.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи стратегияи рушди инноватсионии ҶТ барои давраи то соли 2020.
3. Разинкина И. В, Лазарев Н. В. Инновационная деятельность в условиях цифровой экономика. – Москва, 2020.

Калидвожаҳо: *иқтисодиёти рақамӣ, саноат, иноватсия, технология, паём, Президент, комуникатсия, лоиҳа, инфрасохтор, таъминоти иттилоотӣ.*

Аннотация

ОСНОВЫ ИНФОРМАЦИОННО-АНАЛИТИЧЕСКОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ ИХ РЕШЕНИЯ

Автор статьи пытается определить пути развития отраслей экономики совершенстованием цифровой экономики. В статье предпринимается попытка изучения и осуществления цифровых технологий в экономике страны.

Калидвожаҳо: *цифровая экономика, промышленность, инновация, технология, комуникация, проект, инфраструктура, информационное обеспечение.*

Аннотация

FUNDAMENTALS OF SUPPLY INFORMATION-ANALYSIS OF INNOVATIVE DEVELOPMENT IN THE CONDITIONS OF THE DIGITAL ECONOMY, PROBLEMS AND WAYS OF ITS IMPROVEMENT

The researcher was able to identify ways to prevent the economic sector from improving the digital economy. The researcher tried to consider ways of learning and implementing the digital economy in the economic development.

Keywords: *digital economy, industry, innovation, technology, message, President, communication, project, infrastructure, information supply.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Нарзизода Сиёвуш, донишҷӯйи соли чоруми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маорифи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.и., муаллими калон Ойматов Б.

Сведения об авторе: Нарзизода Сиёвуш, студент четвертого курса факултета экономики и управления в сфере образования Таджикского Государственного педогогического университета имени Садриддина Айнӣ.

Научный руководитель: к.э.н., старшый преподователь Ойматов Б.

About the author: Narzizoda Siyvush, fours-year student in the Department of Economics and Education Management of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Supervisor: N.I.I., senior teacher Oimatov B.

ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ

Убайдуллоев Шукрулло Давлаталиевич,
магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогир

БОЗИҲОИ ЛОГОПЕДӢ - ИФОДАГАРИ МАШҚҲОИ ИСЛОҲ НАМУДАНИ НУҚСОНИ НУТҚ (ДИЗАРТРИЯ)

Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Пайвастани таърихи гузашта ба имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани урфу одат ва анъанаҳои арзишманди миллӣ дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад». Бозӣ ва бозиҳои миллӣ яке аз арзишҳои маънавии ҳар як кишвару миллат буда, кудакон онро дар вақти муошират истифода мебаранд. Бо ин усул нутқи кӯдакон бурро шуда, бе нуқсони нутқ муошират карданро меомӯзанд.

Мафҳуми бозӣ ҳамчун ифодагари маҷмуи амалиётҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ, ислоҳ намудани нуқсони нутқ мероси фарҳангию маънавии ҷомеа дар маркази диққати тадқиқотчиёни илмҳои гуманитарӣ-ҷомеашиносӣ файласуфҳо, сиёсатмадорон, фарҳанг, этнограф, педагогҳо, логопед, психологҳо буданд ва ҳастанд.

Ин амал вобаста ба он аст, ки бозӣ хусусияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошта дар ҳамаи давру замонҳо ва дар ҳамаи давраҳои инкишофи синнусолии инсон омили муҳими тарбия ва ташаккулёбии шахсият воситаи ба комолрасии инсони комил буданд ва ҳастанд. Аз ин рӯ дар асри 19 бозӣ омили пешбарандаи ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар кӯдакон ба шумор меравад. Дар илми муосири педагогӣ ва психологӣ давраҳои инкишофи синнусолии инсон, ки ба таври зайл номгузорӣ гардидаанд: давраи барвақтӣ, давраи томактабӣ, синни хурди мактабӣ, наврасӣ (давраи авали наврасӣ ва давраи калони наврасӣ), навҷавонӣ ва ҷавонӣ ва метавонад, дар ҳамаи синну сол нуқсони нутқ пайдо шуда, ислоҳ карда шавад. Аз ҷумла дар давраи инкишофи синнусолӣ дар аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳанги маънавии халқӣ ва умумиинсонӣ, ислоҳи нуқсони нутқ, фаъолияти бозӣ нақши муҳим мебозад.

Мафҳуми бозӣ чун амали хусусияти иҷтимоӣ-таърихӣ дошта, вобаста ба нуқсон ва вазифаҳои тадқиқотии олимон мавриди омӯзиши назариявӣ тадқиқотҳои озмоишӣ гардидааст. Аз нигоҳи тадқиқотҳои педагогӣ- психологӣ бозӣ фаъолиятест, ки он омили муҳими таълиму тарбиявӣ буда ба рушди протсесҳои психикии маърифатӣ, сифатҳои шахсӣ ва нуқсони нути кӯдак таъсир мерасонад. Дар ҳар як давраи инкишофи синнусолӣ бачаҳо аз он қаноатмандии маънавӣ мегиранд, имкониятҳои ақлию зеҳнии худро инкишоф медиҳанд, нуқсони нуткӣ худро ислоҳ намоянд ва ҷисми худро обутоб дода таҷрибаи иҷтимоиро аз худ менамоянд ба ҳаёт ва фаъолияти меҳнатӣ омода мегарданд.

Дар тадқиқоти худ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ хонандагон лакнатзабон якчанд машқҳои артикулятсионӣ бо тариқи бозии мусиқӣ истифода бурда мешавад.

1. Дар ин бозӣ метавонанд логопед ва бачагони дигар иштирок намоянд. Хонандаи лакнатзабон пушти худро ба ҳамаи бозингарон мегардонад. Бозингарон бо навбат номи хонандаи лакнатзабонро ба забон мегиранд, хонандаи лакнатзабон бошад, бо диққат гӯш карда мегӯяд, ки ӯро ҷеғ зада аст. Масъаларо мумкин мураккаб кард, дар ин ҳолат тавассути талаффуз қувваи зарб интонатсияро дигар карданд мумкин аст. Ин бозиро барои он ба хонандаи лакнатзабон нишон додан мумкин аст, ки хонандаи лакнатзабон овози одамони шиносро фарқ карда тавонад, ки ин барои ташкилёбии шунавоии фонемавӣ аҳамияти муҳим дорад.

2. Барои тараққиёти шунавоии нутқ ва малакаву маҳарат бозии пешниҳодшударо бояд хуб фаҳманд: хонандаи лакнатзабон дар масофат 2 - 3 метр меистад. Логопед ба хонандаи лакнатзабон мегӯяд: «Ҳозир ба ту фармон медиҳам, ту бо диққат гӯш кун ва иҷро намо. Дар утоқи логопедӣ роҳ рав. Ба баландӣ бипар. Ба диван биншин. Тоб хӯрда шин. Бо поят қарсак бизан. Дастҳоятро боло бардор». Фармон гуногун мешавад, вале ба хонандаи лакнатзабон ҳаракатро нишон додан лозим нест. Вай бояд ба инструксияи шифоҳӣ такя кунад. Вазифаро мураккаб гардонидан мумкин аст. Маро бо қуввати овоз фармон медиҳад, масофаи байни гӯянда ва шунаванда зиёд шуда, байни фармон ва команда меафзояд. Рӯи гӯяндаро бо ягон чиз пӯшондан лозим аст, ё бо ликоб ё матоъ, ки хонандаи лакнатзабон ҳаракатҳои лаби гӯяндаро набинад, чун тамошогар ахборотро ба «ҳисоб» намегирад.

Кӯдакони дорои нуқсони нутқ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунанд ва барои нооромӣ чунин сабабҳо вуҷуд дорад агар:

- Нутқи хонандаи лакнатзабон тамоман нофаҳмо аст, вайроншавии зиёд дар талаффузи биёр калимаҳо, баъзан дар садонок ҳам;
- Даҳалӣ ва нодурустӣ талаффузи овозҳо;
- Хонандаи лакнатзабон наметавонад ҳаракатҳои оддии органҳои талаффузро иҷро кунад – ба рӯяш туф кунад, забонашро барорад, онро ба боло барорад, даҳонашро мисли қубур мекунад, забонашро ба ҳар тараф мегардонад;
- Бисёр рафтани балғамҳо нишон медиҳад (гиперсаливатсия).

- Ба ҳаяҷон меояд, чун ки барои то охир гирифтани ҷумла ҳаво камӣ мекунад, вай нафаси чуқур гирифта, воридшавии ҳаво даҒал ва садонок мегардад (нафас мегирад);
- Садо дар охири ҷумла паст гардида, мумкин аст нохост садои нохуш бароя;
- Мумкин аст, қиёфаи рӯи тайғир ёбад.

Яке аз нуқсони нутқ дизартрия мебошад. Ҳамаи ин аломатҳо, ки бо тариқи бозӣ гузаронида мешавад бисёр вақт дар дизартрия алоқаманд аст. Дизартрия дар натиҷаи вайроншавии системаи марказии асаб ба вуҷуд меояд. Фаъолияти мағзи сар дар давраи аввали тараққиёти хонандаи лакнатзабон ба амал омада, маркази хизматкунандаи системаи асаб ва механизмҳои ба вуҷуд оварандаи нутқ вайрон мешавад. Аломатҳои асосии клиникии дизартрия ин вайроншавии мушакҳои органҳои ба вуҷудовардаи нутқ ва вайроншавии органҳои ба вуҷудовардаи овоз ва нафасгирӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои асосии диагноси дизартрия дараҷаҳои вайроншавии ишораҳо, нафас органҳои ташаккулкунандаи овоз, рефлекторҳои ҳаракати забон, ҳаракати тадричии забон ва лабҳо, гиперкинезҳо (ҳаракатҳои маҷбурӣ), синкинезии (ҳаракатҳои ҳамроҳӣ), овозбарорӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Аникеева Н. Б. Воспитание игрой. – Москва: Просвещение, 1987. – 142 с.
2. Бабкина Н. В. Использование игр и упражнений в учебном процессе. – М.: Начальная школа, №4, 1988. – С.17-20.
3. Бондаренко А. К., Матусин А. И. Воспитание в игре. – Москва: Просвещение, 1983. – 78 с.
4. Воспитание детей в игре. сост. А. К. Бондаренко, А. И. Матусик. – М., 1979.
5. Воспитание детей в игре. – М.: Просвещение, 1983.
6. Выготский А. С. Игра и её роль в психическом развитии ребенка. Т. К. Жикалина. Игровые и занимательные задания по математике в 1 классе. – М.: Просвещение, 1986.
7. Эльконин Д. Б. Психология игры. – Москва: Просвещение, 1978. – 150 с.

Калидвожаҳо: *бозӣ, тадқиқот, хонандагон, адабиёт, ислоҳ, педагогӣ, психологӣ, дизартрия, ишораҳо, нафас.*

Аннотация

РЕЧЕВЫЕ ИГРЫ – ОТРАЖЕНИЕ УПРАЖНЕНИЙ ДЛЯ КОРРЕКЦИИ НАРУШЕНИЙ РЕЧИ (ДИЗАРТРИИ)

В статье разъясняются педагогические, социальные и речевые аспекты предмета, причем автор отмечает, что логопедические игры включают в себя не только исправление дефектов речи, выполнение речевых движений, но и выполнение определенных правил и требований. Игры также дают учащимся с дефектами речи чувство радости и веселья. В процессе игры возникает естественная, чистая мораль, присущая детскому миру и направленная на управление и их отношениями. Учащиеся с проблемами речи, особенно те, кто играет с логопедами, чтобы исправить проблемы с речью, с большой вероятностью оценят их уважение ко всем правилам и нормам. В статье автор на осное изданной литературы и раскрывает некоторые аспекты данной темы.

Ключевые слова: *игра, исследование, читатели, литература, коррекция, педагогика, психология, дизартрия, жесты, дыхание.*

Annotation

SPEECH GAMES ARE EXERCISES FOR CORRECTING SPEECH DISORDERS (DYSARTHRIA)

The article fully explains the pedagogical, social and speech aspects of the subject, and the author notes that speech therapy games include not only correcting speech defects, performing speech movements, but also fulfilling certain rules and requirements. Games also give students with speech impairments a sense of joy and fun. In the process of playing, a natural, pure morality arises, inherent in the children's world and aimed at managing their relationships. Students with speech problems, especially those who play with speech therapists to correct speech problems, are likely to appreciate their respect for all rules and regulations. In the article, the author uses a large amount of literature and reveals all aspects of this topic.

Keywords: *play, research, readers, literature, correction, pedagogy, psychology, dysarthria, gestures, breathing.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Убайдуллоев Шукрулло, магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 900696979

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Рамазонова С.

Сведения об авторе: Убайдуллоев Шукрулло, магистрант второго курса факультета психологии и инклюзивного образования ТГПУ имени С. Айни. Тел.: +992 900696979

Научный руководитель: к.п.н., доцент Рамазонова С.

About the author: Ubaidulloev Shukurllo, second year master's Faculty of Psychology and Inclusive Education, TSPU named after S. Aini. Tel.: +992 900696979

Academic leader: N.I.P., docent Ramazonova S.

Ҳаётов Иззатулло,
магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогир

ХУСУСИЯТҲОИ ДУРӮҒГӮЙ ВА БОФТАБАРОРӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Аз лаҳзаи таваллуд кӯдак аз падару модари худ оид ба ин ё он гуна ба роҳмондани рафтор тасмимҳо мегирад. Ақидае вуҷуд дорад, ки шахс дурӯғгӯиро ҳаноми зарурати пинҳонкардани ин ё он амал ва ба ин васила аз ҷазои эҳтимолӣ канорагирӣ кардан истифода мебарад. Мо аксар вақт шоҳиди он мешавем, ки волидон аз амалҳои фарзанди худ норозианд. Аксарияти кӯдакон кунҷкобанд ва баъзан хоҳиши иҷрои он амалҳоеро доранд, ки калонсолон манъ кардаанд. Одатан ин аз 2-солагӣ оғоз гардида волидон кӯшиши ҷазо додани кӯдакро сар мекунанд. Баъзе аз волидайн танҳо таҳдид мекунанд, гӯё “Баба” омода онҳо мебурда бошад ва ё ҳангоми бори дигар такрор кардани чунин амал, онҳоро ҷазои ҷисмонӣ медиҳанд. Аммо ин воситаҳо ҳамчун таҳдид амал карда, ҳангоми такроран иҷро шудани чунин рафтор азҷониби кӯдак, метавонад амалӣ гардад. Барои ҳамин ҳангоми ба ягон хатогӣ роҳ додани кӯдак, ӯ мекӯшад, ки барои ҷазо нагирифтан ҳақиқатро пинҳон кунад. Кӯдак ҳангоми дурӯғ гуфтан наҳама вақт пешакӣ медонад, ки дар куҷо ва барои кӣ дурӯғ мегӯяд. ӯ ҳамчунин вақти таҳлил ва тартибдиҳӣ, машқ кардани сухани дарӯғини худро надорад. Ҳамчунин дар мавриди бомуваффақият машқ кардан, яъне ҳангоме, ки тарзи дурӯғгӯӣ пешакӣ хуб фикр карда шудааст, кӯдак на он қадар хирадманд аст, ки саволҳои додашавандаро пешакӣ пешбинӣ намояд ва ба онҳо ҷавоберо омода намояд. Баъзан дар сурати тағйир ёфтани вазъият, ки чустучолокии кӯдак ҳам ба он кифоягӣ намекунад, самаранокии самти дурӯғи ӯ бефоида мешавад. Вале чунин ҳам мешавад, ки кӯдак самти дурӯғгӯии худро бе ҳеҷ як сабаби фишороваранда, балки ҳамту аз беқарории худ ва то ба ҳади имкон ба саволи гузошта шуда ҷавоб ёфта натавонистанаш, дигар мекунад.

Ҳамагуна хатогиҳои содиршавандаимконият медиҳанд, ки нишонаҳои дурӯғро ба осонӣ ошкор намоем. Ҳамагуна сухани бардурӯғи кӯдак ё ба сухани худи ӯ муқобил аст, ё ба факту далелҳои аллакай маъруфу машҳур мувофиқат намекунад.

Мавҷуд набудани тайёрӣ ва як самти муайян дар амалҳоикӯдак аз рӯй қоида нишонаҳои фиребгариест, ки на дар бораи кӯдак, балки дар бораи чӣ тавр фиреб додаистодани ӯ маълумот медиҳад.

Яке аз нишонаҳои ошкор кардани дурӯғгӯӣ чуноне, ки дар боло қайд кардем, ин имконияти пешакӣ таҳррезӣ ва машқ кардани самти рафтор дар ҳолатҳои дурӯғгӯӣ мебошад, вале тадқиқоту мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки хатогиҳои бештар зери таъсири эмотсияҳое содир мешаванд, ки онҳоро дигар кардан ё махфӣ нигоҳ доштан барои кӯдакғайриимкон мебошад.

На ҳамагуна дурӯғро тавассути эмотсияҳо ошкор кардан мумкин аст, вале агар чунин имконият даст диҳад, барои шахси дурӯғгӯ мушкилиҳои зиёде пеш меояд, зеро ҳамагуна кӯшиши пахш кардани эмотсияҳои зоҳиршуда истода, боиси ошкор шудани онҳо дар раванди нутқ мегардад. Одатан барои кӯдакон дурӯғгӯии худропинҳонкарданон қадар мушкил нест, вале тағйиротҳои дар чеҳра баамалояндаро пинҳон кардан, оҳанги нафаскаширо ба низом даровардан ва аз хушк шудани гулӯ халосӣ ёфтан хеле мушкил аст.

Ин гуна ҳодисаҳо дар муддати ниҳоят кӯтоҳи вақт бавуҷудомада имконияти интихобнамоӣ ва таҳлилнамоиро аз байн мебаранд. Ҳамагуна ба изтиробоиҳо ғайри хоҳиши шахс ба вуҷуд меоянд ва пахш кардани онҳо ғайриимкон мешавад. Ҳолати рӯҳии дурӯғгӯӣ аз таҳти назорат берун меравад ва ӯ худидоракуниашро аз даст медиҳад.

Ҳангоме, ки эмотсияҳо пайдарпай аз баланд шудан мегиранд, тағйирёбиҳо дар рафтор он қадар назаррас нест ва агар шахс оид ба ҳиссиётҳои худ назорате дошта бошад, ин тағйирёбиҳоро пинҳон кардан мумкин аст. Агар эмотсияҳо якуякбора бавуҷуд наояду он қадар пурқувват набошад онро на худи шахс, балки дигарон то мавриде, ки пурқувват мешавад, мушоҳида менамоянд. Вале идоракунии эмотсияҳои пурқувват мушкил аст. Гузашта аз ин барои пинҳон кардани осори ин эмотсия тағйиротҳои чеҳра ба дигар узвҳо, ки ҳангоми ҳаяҷони эмотсионалӣ бавуҷуд меоянд, бо худ муборизаи майян бурданро талаб мекунанд. Дар натиҷаи он ҳатто дар мавриди бомувафаққият пинҳон доштани ҳолати эмотсионалии азсаргузаронидашуда, қувваи барои пиҳонкунии ҳолати эмотсионалӣ сарфнамудаи шахс метавонад, назаррас бошад, ки ин дар навбати худ нишонаи фиребдиҳӣ мебошад. Пинҳон кардани эмотсияҳо кори мушкил аст, вале сохтакорӣ кардани онҳо, ҳатто дар сурати пинҳон доштани эмотсияи асосӣ бо эмотсияи бардурӯғ мушкилтар аст. Барои ин маҳорати баланд доштан зарур мебошад. Барои он, ки ба шахси фиребгар бовар кунем, вай бояд ба образи талқиншаванда мувофиқ бошад ва садои ӯ бояд ё тарсомез, ё қаҳролуд бошад. Мувофиккунонидани ин чиз барои сохтакорӣ кардани эмотсияҳо он қадар кори осон нест. Аз

ҷониби дигар на ҳамаи одамон қобилияти идора намоии тағйиротҳои дар чеҳра баамалояндаро доро мебошанд. Барои бомувафаққият сохтакорӣ кардани ғаму андӯҳ, тарс ё ин ки қаҳру ғазаб, маҳорати баланди идоранамоии тағйиротҳои дар чеҳра баамалоянда зарур мебошад.

Сохтакорӣ кардани эмотсияҳо ҳангоми дар ҳақиқат пинҳон доштани ҳиссиётҳои табиии азсаргузаронидашудаистода бозҳам мушкилтар аст. Масалан, ба назар оташину хафа намудан худ ба худ мушкил аст, вале агар дар ин ҳолат шахсро эҳсоси тарс фаро гирифта бошад, зоҳир кардани ин ҳолат ғайриимкон мешавад. Зеро ҳолати тарс дар шакли дигар зоҳир мешаваду кӯшиши зоҳир намудани хашму хафагӣ ба тарзи дигар сурат мегирад. Чунончи, ҳангоми тарс қошҳо ба боло нигаронида шуда, андозаи гавҳараки чашм беихтиёр аз андозаи муқарарӣ калон мешавад ва барои он, ки бадхашму хафа намояд, бояд чашмонашро танг кунаду абрувонашро чин (қошҳояшро поён фарорад) [1, 201].

Одатан ин муборизаи ботинии эмотсияҳо табиӣ ва ғайритибиӣ (сохтакорона) боиси ошкор гаштани бардурӯғ будани он мегардад.

На барои ҳамагуна фиреб ва дурӯғ пинҳон кардани эмотсияҳо шарту зарур аст. Шахси исрофкор далели дуздидашудани пулро пинҳон медорад,асардузд (плагиатор) аз худ карда шудани асари нависандаи дигарро пинҳон дошта, онро моли худ мушуморад, зан ё марди синну солаш ба ҷое расида, синну соли худро пинҳон медорад ва бо ин мақсад мӯи худро рангубор мекунад ва ғайра. Мардҳо одатан барои худро ҷавон нишон додан шарм дошта, барои табиӣ баромадани амали фиребашон ҳиссиёти шармдоштанро низ кӯшиш мекунад, ки пинҳон доранд.

Ҳамин тариқ, дар раванди дурӯғгӯй эмотсияҳои табиию ғайритабиӣ (сохташуда) наҳамавақт ҳамдигаро пурра менамоянд ва бо ҳамдигар рост меоянд. Бинобар ин, шахсони дурӯғгӯю фиребгар наҳамавақт кӯшиш мекунанд, ки эмотсияҳои табииро пинҳон нигоҳ доранд. Ҳамсафари дурӯғ метавонад, эмотсияҳои гуногун бошад, вале асосан се намуди онҳоро аз ҳам фарқ мекунад:

- тарс аз ошкор шудани дурӯғи худ;
- ҳисси гунаҳгорӣ аз дурӯғи худ;
- ҳисси ҳаяҷон дар сурати комёб шудан, маҳз ин намуди ҳиссиёт шахси дурӯғгӯро фош менамояд.

Тарси ошкоршавӣ дар шакли ғайрифаъол наонқадар хатарнок аст, баръакс, ӯ намегузорад, ки шахси дурӯғгӯ бепарво бошад ва метавонад барои хатогӣ содир накардани шахси дурӯғгӯ кӯмак расонад. Нишонаҳои рафтории дурӯғгӯ, ки ба мушоҳидакунандаи соҳибтаҷриба дастрас аст, дар дараҷаҳои миёнаи ҳолати тарс зоҳир мешавад. Вале тарси сахт аз ошкоршавӣ гувоҳи он аст, ки шахс аз чизе сахт метарсад. Агар дурӯғӯй имконияти маълум кардани дараҷаи ошкоршавии худро дошта бошаду тарсад, ки эҳтимолияти ошкоршавии ӯ хеле зиёд аст, метавонад ба қароре ояд, ки таваккал набояд кард ва аз дурӯғ гуфтан даст мекашад.

То ба кадом дараҷа тарси ошкоршавӣ дар ҳиссиётҳои шахси дурӯғгӯй инъикос меёбад, аз омилҳои зиёд вобаста мебошад. Яке аз ин омилҳо, ки бояд ҳатман ба инобат гирифта шавад, ин тассавуроти шахси дурӯғгӯй дар бораи маҳорати дурӯғро ошкор карда тавонистани шахси фирефташаванда мебошад. Агар фирефташаванда ҳамчун шахси сустирода, зудбовар ва оромтабиат бошад, он гоҳ тарси ошкоршавӣ он қадар дар дараҷаи баланд зоҳир намешавад. Аз ҷониби дигар, агар шахси фирефташаванда маҳорати баланди ошкорнамоии дурӯғро дошта бошад, он гоҳ тарси ошкоршавӣ дар дараҷаи баланд зоҳир шуда метавонад. Волидайн одатан фарзандони худашонро бовар мекунонанд, ки ҳамагуна дурӯғи онҳоро бо осонӣ ошкор карда метавонанд: «Ба ман кифоя аст, ки ба чашмонат назар кунам ва рост ё дурӯғ гуфтани туро ошкор намоям». Кӯдакони дурӯғгӯй то андозае зери таъсири ин таъкиднамоӣ қарор гирифта, аз худ ҳаракатҳои ғайримуқаррарӣ зоҳир менамоянд ва дурӯғгӯиашон ошкор мегардад. Зеро фикр мекунанд, ки ягон имконияти пинҳон доштани дурӯғи худро надоранд. Онҳоро ё тарси барзиёд ошкор менамояд ё худашон ба дурӯғ гуфтанашон қоил мешаванд.

Волидайн наҳамавақт имконияти бо истифода аз чунин метод ошкор кардани дурӯғгӯй ё самимӣ будани фарзанди худро доранд. Зеро кӯдаконе, ки якчанд маротиба волидайни худро бомуваффақият фиреб додааанду дар ичрои ин нақш соҳибмаҳоратанд, дар гумон аст, ки ҳангоми ибрози дурӯғи навбатӣ аз ошкор шудани дурӯғи худ заррае парво намоянд. Аз ҷониби дигар ҳангоме, ки волидайн рафтори фарзанди ба дурӯғгӯии худ сидқан қоил шударо қадр намекунад, дар гумон аст, ки фарзанди ӯ пас аз дурӯғи навбатӣ ба дурӯғ гуфтани худ қоил шавад. Бинобар ин зарур аст, ки волидайн ҳар як қоилшавии фарзандони худро қадр намоянд ва барои бартараф кардани ин камбудии онҳо бо ин восита саҳмгузор бошанд. Кӯдак бояд эътимоди қавӣ ҳосил намояд, ки дар сурати ба дурӯғ гуфтани худ қоил шудан, аз ҷониби волидайн на мавриди сарзанишу дар хиҷолат мондан, балки мавриди таҳсину офарин қарор гирад ва падару модар ба сухани рости ӯ бегуфтугӯ бовар мекунанд. Волидайне, ки ба фарзанди худ боварӣ надоранд ва доимо ба ҳақ будани ӯ шубҳа менамояд, ҳатто ҳангоми бегуноҳ буданаш ҳам дар ӯ ҳиссиёти тарсро бедор менамояд. Дар ин гуна

маврид мо ба яке аз масъалаҳои бисёр асосии ошкор кардани дурӯғ – ғайриимкон будани фарқ кардани тарси гунаҳгоркунии беасос аз тарси ошкор шудани дурӯғгӯй дучор мешавем. Зуҳуроти тарс дар ҳардуи ин ҳолатҳо як хела аст [3, 124].

Тарзи фаъолияти дастгоҳи дурӯғсанҷӣ дар асоси тарс аз ошкор шудани дурӯғ сохта шудааст. Яъне ин асбоб низ чун одам нисбати тағйиротҳои ҳиссиётҳои эмотсионалӣ ҳасос мебошад, зеро вай на худи дурӯғ, балки ба ҳаяҷоноиҳои эмотсионалии дар организми инсон ба вуҷудояндаро ошкор менамояд. Ноқилҳои он ба узвҳои шахси дар дурӯғгӯй гумонбаршаванда барои он пайваст карда мешавад, ки тағйиротҳои физиологии дар организми ӯ баамалояндаро ошкор намояд. Баланд шудани фишори хун ё арақфарорӣ, худ ба худ нишони дурӯғгӯй нест. Он ки дастҳои одам намнок мешаванду тапиши дилаш баланд мегардад, гувоҳи бавуҷудомадани кадом як эмотсияе мобошад, вале пеш аз тестгузаронӣ дар дастгоҳи дурӯғсанҷӣ оператор кӯшиш менамояд, то шахси ба дурӯғгӯй гумонбаршударо бовар кунонад, ки дастгоҳи мазкур ҳеҷ гоҳ дар ошкор кардани дурӯғгӯй хато намекунад.

Дар замони муосир ҳаря кшахс новобаста аз синнусол метавонад бо дурӯғ ва бофтакорӣ рӯ ба рӯ шавад ва чун қоида ӯ метавонад ҳар рӯз гирифтори он шавад – хоҳ дурӯғ бо мақсади пинҳон доштани ҳақиқат ва ё ягон далел бошад, хоҳ дурӯғ барои ба даст овардани обрӯ дар байни омма бошад. Дурӯғ ва дурӯғгӯйӣ аз он лаҳзае, ки одамизод вуҷуд дорад, мавҷуд аст.

Адабиёт:

1. Кузнецов В. Психология взаимопонимания. Неправда, Ложь. Обман. – М., 2008.
2. Майерс Д. Социальная психология. – СПб.: Питер, 2000. – 688 с.
3. Пол Э. Узнай лжеца по выражению лица. – СПб.: Питер, 2010.
4. Симоненко С. И. Психологические основания оценки ложности и правдивости сообщений. // Вопросы психологии, 1998, №4.

Калидвожаҳо: *дурӯғ, кӯдак, волидайн, хусусияти психологӣ, муносибати байниҳамдигарӣ, волидайн, шаклгирӣ, ташхис, пешгирӣ, бартарафсозӣ*

Аннотация

ЛОЖНЫЕ И СФАБРИКОВАННЫЕ ПРИЗНАКИ У ДОШКОЛЬНИКОВ

В статье автор описывает психологические и социальные особенности лжи и выдумывании в дошкольном возрасте. По мнению автора, одним из основных факторов, скрывающих правду у детей дошкольного возраста, является ложь родителей.

Ключевые слова: *ложь, ребенок, родитель, психологическая природа, отношения, родитель, формирование, диагностика, профилактика, устранение.*

Annotation

FALSE AND FABRICATED FEATURES IN PRESCHOOL CHILDREN

In the article, the author describes the psychological and social characteristics of lying and making up in preschool age. According to the author, one of the main factors hiding the truth in preschool children is the lies of parents.

Keywords: *lie, child, parent, psychological nature, relationship, parent, formation, diagnosis, prevention, elimination.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳаётов Иззатулло, магистранти соли дуюми ихтисоси равонишноси амалии факултети психология ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 900393931

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Дадабоева М. С.

Сведения об авторе: Хаётов Изатулло, магистрант второго курса специальности прикладной психологии факультета психологии и инклюзивного оброзования Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Телефон: +992 900393931

Научный руководитель: к.п.н., доцент Дадабоева М. С.

About the author: Hayotov Izatullo, 2nd year master's student of the specialty of applied psychology, faculty of psychology and inclusive education Tajik state pedagogical university named S. Ayni. Phone: +992 900393931

Scientific director: candidate of pedagogical sciences, associate professor Dadaboeva M. S.

Шакармамадова Мадина Қурбонмамадовна,
магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогир

ТАВСИФИ НУҚСОНҲОИ НУТҚИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ ДАР МИСОЛИ НУҚСОНИ ХАТТӢ – АГРАФИЯ

Замон ва макони пайдоиши соҳаҳои ба омӯзиши нуқсонҳои нутқӣ (логопедия, логопсихология, лингвистика ва ғ.) машғулро муайян кардан душвор аст, зеро истифодаи донишҳои психологӣ ва тафсири ҷабҳаҳои алоҳидаи нуқсонҳои нутқиро дар ҳама давру замон метавон вохӯрд. Масалан, лингвистика аз он рӯзе, ки ба ҳалли масъалаҳои нутқ шурӯъ кард ва сухан кардани инсонро «дарёфт», ба ҳодисаҳои вайрон шудани муносибати психика ва нутқ диққати махсус. Дар Россия аввалин маротиба табобати психологии шахсони нуқсони нутқдоштаро Г.Д.Неткачев [1913] ба роҳ монда буд. Ва ё дар ҳалли масъалаҳои табобати психологӣ равоншиноси шинохта З.Фрейд таҳлили психологии (психоанализи) саҳв ва ғалати суханро ба кор бурда, ба сифати мисол лакнатзабониро аз нуқтаи назари таҳлили психологӣ ҳамчун рамзи зуҳуроти хоҳиш надоштани инсон ба муошираті байниҳамдигарӣ бо муҳити «пур аз хавфу хатар» шарҳ додааст.

Вобаста ба ин қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми истифодаи дурусти методҳои гуногуни ташхиси психологӣ ва ё расонидани ёрии психологӣ ба шахсони нуқсони нутқидошта,дар бораи ин шахсон маълумоти зарурӣ бояд ба даст оварда шавад, зеро ин маълумот тавсифгари қонуниятҳои инкишофи психикии онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар шарҳи ёрии психологӣ бештар мафҳумҳои ислоҳ ва табобати психологӣ истифода гардида, зери мафҳуми табобати психологӣ (психотерапия аз юнонии psyche - руҳ ва therapeia - нигоҳубин, табобат), таъсиррасонии мақсаднок ба психикаи инсон баҳри барқарор намудани ҳолати психикӣ ва ҷисмонӣ бе истифодаи доруворӣ,фаҳмида мешавад. Истифодаи ислоҳҳои психологӣ (психокоррексия) истифодаи яклухти усулҳои психологӣ дар ислоҳи норасоии психикӣ ва ё рафторҳои психикии шахсони солим, ки бештар ба давраи бачагӣ - ташаккулёбии шахсият вобастагӣ дорад, ба мушоҳида мерасад. Одатан, психокоррексия ба норасогие, ки асоси органикӣ надорад ва ҳамчун вайроншавии диққат, хотир, тафаккур, эҳсос шарҳ дода мешавад, равона гардидааст [12, 56].

Методҳои ёрии психологӣ, ки дар психокоррексия истифода мешаванд, ба муайян кардани рафтор, инкишофи зеҳнӣ, таҳлили психологӣ ва ғайра равона гардидаанд. Методҳои мазкурро рӯи теъдоди иштирокчиён ба фардӣ ва гурӯҳӣ; аз рӯи нақши терапевт ё равоншинос ба дастурдиҳанда ва дастурнадиҳанда; аз рӯи дараҷаи таъсиррасонӣ ба шахсият ба симптоматикӣ (нишонавӣ, аломатӣ) ва патогенетикӣ (бо азнавсозии томи шахсият алоқаманд); аз рӯи мансубият ба паҳлӯҳои гуногуни шахсията ба серҳаракатӣ, рафторӣ ва экзистенсиалӣ - гуманистӣ ҷудо мекунанд.

Набояд фаромӯш кард, ки интихоби методҳои ёрии психологӣ аз хусусияти нуқсонҳои мавҷуда (масалан, ҳангоми ноаён зоҳир шудани изтироб ёрии симптоматикӣ расонида мешавад ва ё пайдо шудани ақида дар бораи табобат наёфтан - табобати ҳаматарафаи ба шахсият нигаронидашуда) ва воситаҳое, ки мутахассис аз он истифода мебарад, вобаста аст.

Тавре маълум аст, интихоби методҳо хусусияти фардӣ доранд, лекин дар ин ҳолат баъзе қонуниятҳои умумии инкишофро низ ба назар гирифтан зарур аст. Дар давраи томактабӣ бештар табобати психологии симптоматикӣ (ислоҳи хотир, диққат, эҳсос ва ғ.) ва оилавӣ, дар давраи нисбатан калонтар ва ҳангоми ташаккули шахсият бошад, шаклҳои гуногуни табобати патогенӣ истифода мешаванд [2, 120].

Аксар вақт ҳангоми вайроншавиҳои нутқӣ, шаклҳои гуногуни машқҳои муоширатӣ бо ба назар гирифтани хусусияти нуқсон истифода мешаванд. Масалан, дар ҳолати алалияи экспрессивӣ бештар ба истифодаи воситаҳои муоширатӣ такя мекунанд, барои лакнатзабонон бошад, машқи ба худ боварӣ пайдо кардан, дарки бо ҳамсуҳбат дар як сатҳ қарор доштан ва ғайраҳо гузаронида мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ёрии психологии ҳаматарафа танҳо ҳамон вақт самараи хуб дода метавонад, агар он ба шахсият равона шуда бошад.

Дар ин замина, дар як қатор шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон марказ ва муассисаҳои ислоҳии таълимӣ барои бачагони дорои нуқсони ҷиддии нутқӣ (лакнатзабонӣ ва ринолалия)мавҷуданд, ки дар ин муассисаҳо бо истифода аз методҳои логопсихология корҳои ислоҳии нуқсонҳои нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ, мустаҳкам намудани малакаи нутқӣ ва фаъол гардонидани шаклҳои муоширати нутқӣ,ба роҳ монда мешаванд.

Психологияи ислоҳӣ исбот намудааст, ки тағйир ёфтани шахсияти кӯдак ва шуури ӯ дар навбати худ онро мефаҳмонад, ки вазъи кӯҳнашудаи инкишоф ба талаботи нав мувофиқат намекунад, натиҷаи он зиддиятҳои диалектикӣ буда, дар бухрони синнусолӣ инъикос меёбад [3, 252].

Давраи барвақти бачагӣ барои инкишоф ёфтани нутқ давраи хеле мусоид ба ҳисоб меравад, ки онро давраи сензитивии инкишофи нутқ меноманд, зеро раванди инкишофи нутқ нисбат ба дигар равандҳо дар ҷойи аввал, яъне дар марказ меистад.

Инкишофи психикии кӯдакони вайроншавии нутқдошта тарзи муайяни инкишоф мебошад, ки дар шароитҳои махсуси байниҳамдигарӣ бо олами атроф ба амал меояд. Ин намуди норасоии аввалиндарачаи вайроншавии марказҳои нутқронӣ метавонад ба инкишоф наёфтани функсияҳое, ки бо ҳам зич алоқаманданд, оварда расонад, инчунин, суръати инкишофи дигар функсияҳои бо нутқ алоқамандро суст гардонад. Вайроншавии инкишофи функсияҳои хусусии психикӣ дар навбати худ ба боздории инкишофи психикии кӯдакони нуқсони нутқдошта оварда мерасонад.

Дар баробари мавҷудияти нуқсонҳои нутқӣ, дар кӯдакон ва калонсолон нуқсонҳои хаттиро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ба монанди дисграфия ва аграфия.

Нуқсонҳои нутқӣ характери гуногун дошта, аз дарачаи ҷои зарбаи функсия, аз вақти зарба хӯрдан ва аз нишонаҳои дуюмдарача вобастаанд, ки зери таъсири нуқсони асосӣ пайдо мешаванд. Бояд қайд кард, ки нуқсонҳои нутқӣ, ки дар натичаи таъсири ягон омили сирояткунанда ба вуҷуд омадаанд, худ аз худ бартараф намешаванд ва бе корҳои махсуси ислоҳӣ - логопедӣ метавонанд ба инкишофи минбаъдаи кӯдак таъсири манфӣ расонанд.

Ҳар як нуқсон ва вайроншавиҳо омилу сабабҳои пайдоиши ба худ хосро дошта, сабабҳои вайроншавиҳои нутқ вобаста аз паҳншавӣ ба ғайримарказӣ ва марказӣ, вобаста аз хусусияти вайроншавӣ: ба органикӣ ва функсионалӣ ҷудо мешаванд. Вайроншавиҳои мазкур ба сохтори фонематикӣ, морфологӣ ва синтаксикии нутқи фаъол ва ғайрифаъол таъсир мерасонанд.

Масалан, дар мавриди осеб ёфтани қисмҳои мобайнии ақиби пешонаи пӯстлохи чапи нимкураи мағзи сар (дар одамоне, ки дасти рост пешбаранда аст), афазияи динамикӣ, ки асоси онро вайроншавии ташкилии нутқи берунӣ, нуқсонҳои нутқи ботинӣ, ки бо банақшагирии нутқ алоқаманд аст, ба вуҷуд меояд [1934, К. Клейст].

Дар масъалаи таълими хат ва пайдоиши нуқсонҳои хаттӣ (аграфия, дисграфия ва ғ.) бояд қайд намоем, ки кӯдак нутқи дуруст дорад, яъне инкишофи пурраи минбаъдаи нутқ таъмин шудааст. Тамоми равандҳои нутқии то таълим ба хат ба вуҷуд омада, дар доираи ҳақиқати ибтидоии кӯдакро дар асл иҳотанамуда, амалӣ мегарданд.

Дар ин зина кӯдак аллакай дуруст нутқ кунад ҳам, вале новобаста аз тарзи дурусти талаффуз, то ҳол намедонад, ки калима аз кадом овозҳо иборат аст. Ҳангоми гузариш ба хат таҳлили овозӣ ва маълумоти дақиқ дар бораи таркиби овозии калима ҳатмӣ ҳисобида мешаванд. Ҳарфҳоро аз худ намуда, кӯдак маънои графикии фонемаҳоеро, ки қаблан дар вақти ташаккули нутқ аз худ намуда буд, дарк менамояд, яъне зинаи гузаштаротакрор мекунад, вале дар дигар шакл – дарачаи нисбатан баландтар.

Тавре маълум аст, миқдори ҳарфҳои забони тоҷикӣ ба миқдори овозҳо баробар нест. Дар ҳарф на ҳар як овози алоҳида тачассум меёбад, яъне дар он танҳо овозҳои асосӣ ифода меёбанд.Аз ин ҷост, ки мо дар бораи он, ки дар маънии маъмул дар ҳарф ҷараёни фонематикӣ ба охир мерасад. Дар ҳама ҳолатҳо, вақте азхуднамоии ҳарф амали дигари психологиро маънидод менамояд, он дар идроки кӯдак ба ҳайси расме, ки номи овози ба ин ҳарф мутобиқро дорост баромад мекунад. Дар ин ҳолатҳо бо истифода аз пешниҳоди Бодуэн де Куртенэ мафҳуми графемаро аз ҳарф фарқ менамоем. Маълум аст, ки графема танҳо дар алоқамандии бевосита бо фонема мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда метавонад. Дар таносуб бо фонемаи худ графема ягона ҳисобида мешавад, яъне новобаста аз он, ки бо кадом ҳарф ва кадом андоза дар ҳолатҳои мушаххас тасвир мегардад. Ҳамин тавр, муносибати графема ба ҳарф муносибати монандест, ки миёни фонема ва овоз ҷой дорад. Гузариш аз нутқи шифоҳӣ ба хаттӣ – ин пеш аз ҳама гузариш аз фонема ба графема аст. Хатнависӣ мавҷудияти дарачаи возеҳи инкишофи фонематикиро муайян мекунад, ки барои аз худ намудани ҳарф на ҳамеша ҳатмист.

Вайрон шудани яке аз нуқсонҳои маъмул - нутқи хаттӣ (аграфия) низ ба вайроншавиҳои характери марказидошта мансуб буда, аз рӯи нишондоди Л.С.Волкова ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад (вобаста ба он, ки кадом намуди он вайрон шудааст). Якум, маҳсулнокӣ - вайрон шудани ҳусни хат ва дуюм ретсептивӣ, яъне, торҳои асабҳои ҳискунанда, ки ба вайрон шудани тарзи мутолиа оварда мерасонад.

Аграфия (аз юнонӣ *а* - инкор ва *grapho* -менависам) маънои вайрон шудани хатро дошта, пайдоиши ин нуқсон якчанд сабабҳоро дорост:

-дар натичаи зарар дидан тарафи чапи пешонаи сар ба вуҷуд меояд, кӯдаки ба ин ҳолат гирифторшуда овозро аз нутқ фарқ карда наметавонад, яъне, ба гӯши ӯ фақат садо мерасад. Дар чунин ҳолат кӯдакон овозҳои ба ҳам наздикро аз якдигар фарқ карда натавониста, дар навишт ғалат мекунанд;

-дар натиҷаи зарар дидани қисми поёнии маркази нимкураи тарафи чапи майнаи сар ба вуҷуд меояд. Аз сабаби вайроншавии артикулятсия (кори узвҳои нотиқа ҳангоми овозбарорӣ) кӯдак артикулятсияро омехта карда, дар навишт ба ғалат роҳ медиҳад;

-дар натиҷаи зарар дидани қисми поёнии муҳаррикҳои нимкурраи чапи сар ба вуҷуд омада, дар таркиби калимаҳо нуқсон пайдо мешавад ва кӯдак алоқаи байни овозҳоро муайян карда натавониста дар навишт ба ғалат роҳ медиҳад;

-дар натиҷаи зарар дидани қисми қафои нимкураи майнаи сар ба вуҷуд меояд, ки барои ба хотир овардани шакли ҳарфҳо монеа мегардад;

-дар натиҷаи зарар дидани ҳаракати нимкураи майнаи сар ба вуҷуд омада, доираҳои ҳаракатӣ зуд бедор намешаванд, ки дар натиҷа ҳангоми навишт ҳаракатҳои зиёдатӣ пайдо шуда, талаба ғалат менависад.

Нуқсони аграфиро тавассути таълими махсуси барқароркунии малакаҳои хатнависӣ ислоҳ кардан мумкин аст, ки оид ба ин масъала дар татқиқотҳои минбаъдаи худ ҳарф хоҳем зад.

Адабиёт:

1. Асосҳои таҳсилоти инклюзивӣ. Китоби дарсӣ. (Зери таҳрири гуруҳи корӣ). – Душанбе, 2013. – 310 с.
2. Гриншпун Б. М. Классификация речевых нарушений. – 424 с.
3. Детская психология: Учеб. Пособие. Под ред. Л. Л. Коломинского, З. А. Пенько. – М., 1988. – 462 с.
4. Иматова Л., Туронов С. Хусусиятҳои педагогӣ-психологии кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ. – Душанбе, 2013. – 265 с.
5. Корсакова Н. К., Московичюте Л. И. Клиническая нейропсихология. – М., 2003. – 563 с.
6. Нарзуллоева М. Психологияи бачагон. Қисми 1. – Душанбе, 2007. – 350 с.
7. Основы специальной психологии: Учеб. пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений / Под ред. Л.В.Кузнецовой. – М., 2002.
8. Основы теории и практики логопедии/Под ред. Р. Е. Левиной. – М., 1968.
9. Педагогикаи коррексионӣ. Дастури таълимӣ. Зери таҳрири Б. Раҳимов. – Душанбе, 2011.

Калидвожаҳо: *нуқсони нутқӣ ва хаттӣ, сабаб ва омилҳои пайдоиши нуқсон, кӯдакони синни томактабӣ, методҳои психокоррексионӣ*

Аннотация

ХАРАКТЕРИСТИКА НАРУШЕНИЙ РЕЧИ И ПИСЬМА НА ПРИМЕРЕ НАРУШЕНИЯ ПИСЬМА - АГРАФИИ

Дети, неспособные к нормальному усвоению чтения и письма, с величайшим трудом овладевают им при помощи длительного специального обучения. В тяжелых случаях в 1-м классе массовой школы в течение нескольких лет они не усваивают даже алфавит, в более легких случаях не могут соединить буквы в слова и в лучшем случае пишут с чрезвычайными искажениями буквенного состава слова (пропуски, смешение, перестановки букв, слияние нескольких слов в одно и т. п.).

Ключевые слова: *нарушения речи и письма, причины и пути возникновения нарушений, дети дошкольного возраста, психокоррекционные методы.*

Annotation

DESCRIPTION OF SPEECH AND WRITING VIOLATIONS ON THE EXAMPLE OF VIOLATION OF WRITING - AGRAPHY

Children who are incapable of the normal learning of reading and writing, with the greatest difficulty, master it with the help of long special education. In difficult cases, in the 1st grade of a mass school, for several years they do not even absorb the alphabet, in lighter cases they cannot combine letters into words and, at best, write with extraordinary distortions of the letter composition of the word (omissions, mixing, permutations of letters, merging several words into one, etc.).

Keywords: *speech and writing disorders, causes and ways of occurrence of disorders, preschool children, psychocorrectional methods.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шакармамадова Мадина, магистранти соли дуюми ихтисоси равонишноси амалии факултети психология ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 933307778

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Дадабоева М.С.

Сведения об авторе: Шакармамадова Мадина, магистрантка второго курса специальности практической психологии факультета психологии и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Телефон: +992 933307778

Научный руководитель: к.п.н., доцент Дадабоева М. С.

About the author: Shakarmamadova M., Master of the 2nd year in practical psychology, Faculty of Psychology and Inclusive Education Tajik state pedagogical university named S. Ayni. Phone: +992 933307778

Scientific director: candidate of pedagogical sciences, associate professor Dadaboeva M. S.

Шарипова Сайёра,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

АСОСҲОИ ПСИХОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Психология, ки қонуниятҳои инкишоф ва ташаккули фаъолияти рӯҳии одамро баррасӣ менамояд, ба омӯзгорони забони хориҷӣ хусусиятҳои фардии донишомӯзонро пешниҳод менамояд, дар раванди таълим хислатҳои ташаккулдиҳандаи дониш, маҳорат ва малакаи нутқро, роҳҳои омӯзиши забон бо хусусиятҳои ҷараёни фаъолияти таҳсил барои азхудкунии забони хориҷиро, ба ҳисоб мегирад. Равоншиносон диққати асосиро ба омӯзиши механизмҳои таълим ва хусусиятҳои фаъолияти рӯҳии ба он алоқаманд, медиҳанд.

Аввалан, муҳаққиқон, ба мисли А.А. Леонтьев, Г.А. Китайгородская, ки намояндагони биҳевиоризм буданд, омӯзишро ҳамчун раванди пайдоиш ва нигоҳдории маҳорат, ҳамчун мутобиқат ба муҳит баён намуда буданд. Минбаъд муҳаққиқон омӯзишро васеътар ҳамчун тағйироти фаъоли рушдкунандаи фард тавассути машқ муаррифӣ намудаанд [7, 6].

Равоншиносон ин равандро ба низоми умумии фаъолияти маърифатии фард интиҳоӣ медиҳанд. Дар ин бобат омӯзиш - чун фаъолияти мураккаб ба назар гирифта мешавад, ки инкишофи фаъолияти тафаккурӣ, рушди қувваи ҳофиза ва амалияро тахмин мекунанд. Ин раванд, дар навбати худ бо аз худ кардани маҷмуи усул ва равишҳои фаъолияти беҳади ақлӣ муайян карда мешаванд: омӯзиш ҳамчун фаъолияти мураккабе фаҳмида мешавад, ки бо таъсири машқ афзоиши беҳтарро касб менамояд, як қатор омилҳои мусоидшавиро доро буда, дар замон дар шакли амалиётҳои системавии боҳам пайванд мегузарад.

Ду намуди омӯзишро қайд намудан мумкин аст: омӯхтани ғайри муташаккил ва мақсаднок. Омӯзиши ғайри муташаккил ё беихтиёрона, нофаҳм, номуташаккил, бе нишондоди мақсаднокии малака ва маҳорат, ки барои қаноатманд намудани талаботи ҳаёти одам зарур аст, мегузарад. Дар ин маврид нақши асосиро пайравӣ, такрор, бозӣ, омӯзиш бо роҳи бозӣ «таҷриба ва ғалат», ки дар заминаи ҳавас диққат, мавзунии низоми аввала (дар хотир нигоҳ доштан), аз ҳам ҷудо намудани нақшаи умумии фаъолият ба амал меояд, мебозад. Омӯзиши мақсаднок хислатҳои муташаккилона, бошуурона, ва бомақсадро дорост. Ин намуд фаъолияти руҳии одам, диққат, хотир тафаккур, ирода, шавқ ва кӯшиш бо роҳи кӯтоҳ расидан ба мақсадро сафарбар менамоянд, ки нақшаи муайяни амалҳои пай дар пай дорад. Ин гуна омӯзиш барои ҷомеаи башарӣ хос аст, ки ҳадди тафриқавии шуури одамонро бо идрок ва мақсадонкро муайян месозад.

Албатта, дар раванди таълим, яъне ҳангоми омӯзиши мақсаднокии забони хориҷӣ, унсурҳои омӯзиши ғайри муташаккил низ дида мешаванд. Дар равоншиносӣ ва методикаи таълим ин - ҳамчун омӯзиши номуташаккилона дар назар дошта мешавад. Ҳолати маъмултарин хондани асарҳои бадеӣ бо забони аслӣ мебошад.

Дар баъзе қонуниятҳои методика хислатҳои омӯзиши ғайри муташаккилонае ба асоси ташкили раванди омӯзиш гузошта шуда, гузориши асосии чунин усулҳо кушиши бошуурона ба бурдани омӯзиши забони хориҷӣ ба ғайри муташаккил мебошад.

М.Л. Вайсбурд таъкид менамояд, ки «Забон - ин тамрин ва одат аст», аз ин рӯ омӯзиши забон – азёдкунӣ мебошад. Ин ҳолатро қайд кардан зарур аст, ки омӯзиши мақсаднок тамоман дигар мақсадҳоро нисбат ба ёдгирии ғайримуташаккилро дорост. Вале ин он маъноро надорад, ки унсурҳои азхудкунии ғайримуташаккил ва равишҳои азхудкунии ғайримуташаккилро танзимкунанда бояд дар раванди таълими забони хориҷӣ мавҷуд бошанд [2, 5].

Вале омӯзиш бояд дар асоси қонуниятҳои бошуурона, муташаккил ва фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯ сохта шавад. Аз таҳлили омӯзиши мақсаднок бар меояд, ки дар он ду раванд – тадрис, яъне фаъолият барои ташкил ва дастури омӯзиши ва ё таҳсил, яъне фаъолияти таълимгиранда барои расидан ба комёбиҳои мақсади таълим омезиш меёбанд. Ин тақсимот иштироки ду шахсро дар таълим дар назар дорад - омӯзгор ва донишҷӯ, ки аз нишондодҳои равоншинохтӣ ва методӣ комилан фарқ менамоянд, ҳарчанд, ки ҳарду як мақсад доранд. Омӯзиш ва аз худ кардан ягон намуди фаъолият (фан). Омӯзгор мақсади ниҳоии таълимро дониста ва фанни таълимро соҳиб буда вазифаи асосиро оид ба нақшагирӣ ва ташкили раванди таҳсил ба ҷо меорад. Ичрои ин вазифа набояд як тарафа бошад, ба он маъно, ки як тарафи таҳсил фаъол ва пурмаҳсул мешавад, хусусан тадрис, таълимгиранда иштирокчии раванди

омӣзиши нагардида, балки ба қавле «корёдкун» мешавад ва қобилияти ӯ ба фаъолияти мақсаднок истифода намешавад.

Фаъолияти омӯзгор тарафи дуюми омӯзиш – фаъол намудани таълим мебошад. Яъне самаранокии фаъолияти донишҷӯён аз он вобаста дорад, ки чӣ тарз ҳарду тарафи омӯзиш ба нақша гирифта ва ташкил карда мешавад, ки раванди таълимии усулан ташкилшуда ба ҳисоб равад.

Давомнокии умуми омӯзиш пеш аз ҳама дар он муайян мегардад, ки донишҷӯён дар донишгоҳ забони хориҷиро ҳамчун касби асосӣ аз худ менамоянд. Аз ин рӯй дар уму ду намуди саъю кушиши донишҷӯён равшан зоҳир мешаванд:

1. саъю кӯшиш ба маводи бениҳоят бойи забонӣ;
2. кӯшиш ба истифодаи забони хориҷӣ - ҳамчун воситаи иртибот.

Ҳамзамон донишҷӯён, чун қоида то охир, он талаботҳоро, ки барои аз худ кардани забони хориҷӣ зарур аст, сарфаҳм намераванд, ки ихтисоси ояндаи муаллимӣ пеши онҳо мегузорад. Ин талаботҳо аз он иборат аст, ки нутқ дар забони хориҷӣ бояд на танҳо иртиботӣ дуруст бошад, яъне ба дараҷаи фаҳмидани мусоҳиб, балки забонро чун забони модариаш донад. Ин тарафи далелнокии омӯзиш барои омӯзгорон хос аст ва ба андозаи том ба донишҷӯён бояд расонида шавад, чунки як қатор равиш ва намудҳои кор аз болои мавод, ки барои қаноатманд намудани ин талабот зарур аст, дар назари донишҷӯён маънои дигар пайдо менамояд, агар ин равишҳо асоснок шуда бошанд. Аз тарафи омӯзгор, ки дар раванди таълим ин ё дигар усулро истифода мекунад, ҳисси далелнокиро дар донишҷӯён бедор менамояд, ва то андозае ба мутаассири умумии мусбати донишҷӯён вобаста аст. Ин мутаассирии умумии мусбат (завқ, ҳавасмандӣ) талаботи нутқи муошираро ҳавасманд мегардонад ва азхудкунии маводи забонӣ ва такмили малака ва маҳорати нутқро осон месозад. Барои ташкил намудани раванди омӯзиши бо баҳисобгири хусусиятҳои дар боло зикршуда омӯзгорро зарур аст, ки хусусиятҳои синну соли донишҷӯёнро ба ҳисоб гирад.

Дар тадқиқотҳои равоншиносоне, ки дар соҳаи психологияи синнусолӣ кор мекунанд, давраи балоғат аз 17 то 35 солагиӣ муайян карда мешавад. Дар ин давра тағйиротҳои бетанаффус дар инкишофи кори психофизикӣ (равонӣ-таби)-и одам рӯй медиҳад.

Дар 17-21 солагӣ, яъне синну соли донишҷӯӣ рушди равонӣ айни равандҳои маърифатӣ мушоҳида мешавад. Дар 19 солагӣ дараҷаи кори фикрӣ (кори хотира) баланд мешаввад, дар 20 солагӣ ин амал каме поён меравад ва дар 21 солагӣ аз нав рӯ сӯи инкишоф меорад.

Нишондоди кори мантиқӣ аз 19 то 21 солагӣ дараҷаи баланди инкишофро муайян шуда, ин андешаро тасдиқ менамояд, ки дар бораи одами калони рушдёфта, на танҳо тавассути хотира балки тавассути тафаккур ҳам ба хотир гирифтан имконпазир мебошад.

Дар асоси ин метавон таъкид кард, ки дар синну соли донишҷӯӣ баландшавии усули маҳсулнокии хотира ва тафаккур муайян мегардад, дар ин маврид вазифаҳои тафаккур аҳамияти аввалиндараҷаро доро мешаванд. Барои усули таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳ ин ҳолат нақши муҳимро мебозад. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки қоидаи пешбарандаи ташкили раванди омӯзиш бояд қоидаи такя ба фаъолияти хотира, тафаккури донишҷӯён бошад. Ин нуқта дар таҷрибаҳо тасдиқ шуда, нишон медиҳанд, ки дар такомули маҳорати нутқ нақши асосиро на такрор, балки идрок (фаҳмиш) мебозад.

Адабиёт:

1. Вайсбурд М. Л. Обучение учашихся средней школы пониманию иностранной речи на слух. – Москва: Просвещение, 1985. – 345 с.
2. Каган М. С. Мир общения: Проблема межсубъектных отношений. – Москва: Политиздат, 1988. – 319 с.
3. Китайгородская Г. А. Интенсивное обучение иностранным языкам: Теория и практика. – Москва. Русский язык, 1992. – 120 с.
4. Леонтьев А. А. Психология общения. – Москва, 1997, №5. – С.22-23.

Калидвожаҳо: *фаъолияти рӯҳӣ, биҳевиоризм, омӯзиши ғайримуташаккил ва мақсаднок, хусусиятҳои синну солии донишҷӯён, рушди равонӣ.*

Аннотация

ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИЗУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ

В статье рассматриваются индивидуальные особенности студентов в процессе изучения иностранных языков. Речь идет о психологических особенностях процесса изучения иностранных языков. В статье также уточняются две основные виды изучения: непроизвольное и целевое изучение, которые связанны с возростными особенностями студентов при изучении иностранных языков.

Ключевые слова: *нравственная деятельность, непроизвольное и целевое изучение, возрастные особенности, психологическое развитие.*

Annotation

PSYCHOLOGICAL FOUNDATIONS LEARNING FOREIGN LANGUAGES

The article express the individual characteristics of students in the process of learning foreign languages, it is about the psychological features of the process of learning foreign languages. The article also clarifies two main types of study: involuntary and targeted study, which are associated with the age characteristics of students when learning foreign languages.

Keywords: *moral activity, involuntary and targeted study, age characteristics, psychological development.*

Маълумот оид ба муаллиф: Шарипова Сайёра Умаровна, магистранти соли якуми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 919724244

Роҳбари илмӣ: Карабаев Б. Б.

Сведения об авторе: Шарипова Сайёра Умаровна, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 919724244

Научный руководитель: Карабаев Б. Б.

About the author: Sayora Sharipova Umarovna - 1st year master of the Faculty of English of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 919724244

Supervisor: Karabaev B. B.

Файзов Насимҷон Қосимович,
магистранти соли дуюми факултети технология ва соҳибкорӣ

КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ АЗ ТЕХНОЛОГИЯ ВА МОҲИЯТИ ОНҲО ДАР ТАМОЮЛИ КАСБИИ ХОНАНДАГОН

Дар назди корҳои беруназсинфӣ дар базаи омӯзиши таълими технология вазифаҳои зерин гузашта мешавад:

1. Мустаҳкам намудан, татбиқ кардан ва ташаккул додани маҳорат ва малакаи ба даст овардаи хонандагон дар раванди таълими технология;
2. Ҷалб намудани хонандагон доир ба фаъолияти эҷодӣ дар базаи меҳнати истеҳсолӣ;
3. Маълумоти пурра додан оиди истеҳсолоти асосии ҳозиразамо;
4. Тайёрии ҳаматарафа доир ба интихоби касб;
5. Ташаккул додани муносибати хонандагон ба меҳнат.

Шарти асосии бо муваффақият гузаронидани корҳои беруназсинфӣ дар мактаб ин дуруст ба нақша гирифтани он мебошад. Ҳамаи корҳои беруназсинфӣ бояд дар аввали соли хониш ба нақша гирифта шаванд.

Дар нақша бояд масъалаҳои асосии зерин ҷой дода шуда бошанд:

- Номгӯи маҳфилҳо, ки вуҷуд доранд, ё ин ки аз нав дар мактаб ташкил карда мешаванд;
- Таъмин намудани маҳфилҳо бо таҷҳизотҳо, маводҳо ва аёниятҳо;
- Ҷадвали дарсии ҳар як маҳфил бо нишондоди ҷои кори доимӣ;
- Ҷадвали гузаронидани чорабиниҳои омавии беруназсинфӣ;
- Шумораи иштирокчиён ва мутасаддиён доир ба тайёр ва гузаронидани ҳар яке аз ин чорабиниҳо.

Мутасаддӣ дар бисёр мавридҳо аз ташкилотҳои ҷамъиятии мактаб интихоб карда мешаванд. Фаъолияти меҳнатии хонандагон ҳангоми иҷрои корҳои беруназсинфӣ характери истеҳсолӣ дорад.

Ҳамин тавр хонандагон дар раванди иҷро намудани корҳои беруназсинфӣ ба иҷро намудани меҳнати истеҳсолӣ нисбат ба дарсҳои таълими технология бисёртар банд мебошанд. Бо ҳамин сабаб дар раванди иҷро намудани корҳои беруназсинфии хонандагон имкониятҳои васеъ намудани донишҳои политехникии хонандагон зиёдтар мегардад.

Ба ҳамин монанд гуфтан мумкин аст, ки имкониятҳои бисёртари корҳои касбинтихобкуниро дар раванди иҷрои корҳои беруназсинфӣ амалӣ намудан мумкин аст.

Умуман шаклҳои корҳои беруназсинфие, ки дар базаи таълими технология ташкил карда мешаванд гуногун мебошанд, ба монанди маҳфилҳои гуногун, клубҳои шавқовар, вохурӣ бо пешқадамони истеҳсолот, саёҳатҳои истеҳсолӣ ва бисёр дигар чорабиниҳо. Аммо шаклҳои корҳои беруназсинфие, ки дар мактаб ташкил карда мешаванд ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст.

1. Маҳфилҳои техникӣ;
2. Шаклҳои омавии корҳои беруназсинфӣ;
3. Муассисаҳои меҳнатии хонандагон.

Дар таҷрибаи кори мактабҳо маҳфилҳои гуногунро вохурдан мумкин аст. Аз нуқтаи назари робитаи байнифаннӣ маҳфилҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Маҳфилҳои фаннӣ;
2. Маҳфилҳои байни фанн;
3. Маҳфилҳои ғайри фаннӣ.

1. Маҳфилҳои фаннӣ гуфта, ҳамин хел маҳфилҳоеро меноманд, ки бевосита ба таълими технология вобастагӣ доранд. Аз рӯи мазмуни дарс дар маҳфилҳо ин давоми машғулятҳое мебошад, ки хонандагон дар устохонаҳои таълимӣ иҷро мекарданд. Лекин фаъолияти онҳо нисбатан мураккабтар ва васеътар мешавад. Ба қатори маҳфилҳои фаннӣ маҳфилҳои дуредгарӣ, челонгарӣ, харротӣ ва маҳфилҳои омехта дохил карда мешаванд.

2. Ба қатори маҳфилҳои байнифаннӣ маҳфилҳои физикию-техникӣ дохил карда мешаванд. Обекти меҳнатии хонандагон дар ин маҳфилҳо моделҳои гуногун ба ҳисоб мераванд. Роҳбариро дар ин намуди маҳфилҳо муаллимони фанни физика ва технология ба ӯҳда доранд.

3. Ба маҳфилҳои ғайрифаннӣ маҳфилҳои варзишӣ-техникӣ дохил карда мешавад. Ба монанди автомобилӣ, самолётсозӣ, киштисозӣ, ракетасозӣ ва ғайра.

Дар ин намуди маҳфилҳо кор карда истода хонандагон донишҳои нав, маҳорат ва малакаҳоеро пайдо мекунанд, ки ба коркарди маводҳо ва хусусиятҳои онҳо муносибате доранд.

Ба шаклҳои омавии корҳои беруназсинфӣ шаклҳои зерини корҳои беруназсинфӣ дохил карда мешаванд: хондани лексияҳо, шабнишиниҳои мавзуӣ, вохурӣ бо пешқадамони истеҳсолот, намоишҳо, саёҳатҳо (эскурсияҳо), олимпиадаҳо, конференсияҳо ва озмунҳо доир ба интихоби касбҳои беҳтарин.

Ин касбҳои оммавии дар боло номбаркардашуда, ба хонандагон имконият медиҳанд, ки онҳо бо истеҳсолоти ҳозиразамон ба таври васеъ шинос шуда, доир ба касбҳои гуногун маълумот гиранд.

Намоишҳо дар бисёр мактабҳо гузаронида мешаванд. Намоишҳо доимӣ ва муваққатӣ шуда метавонанд. Барои гузаронидани намоишҳо дар давоми сол маҳсулотҳои беҳтарини хонандагон ҷамъ карда мешаванд.

Дар баъзе муассисаҳо анъана шуда аст, ки ҳар як хонанда барои хотира яктогӣ корҳои эҷодии худро тӯҳфа месупорад.

Тамоюли касбии хонандагон – ин системаи илман асосноккардашудаи иҷтимоӣ – иқтисодӣ, психологӣ- педагогӣ, чорабиниҳои тиббӣ ба ёрдами ҷавонон равонакардашуда, худмуайянкунии касбу ҳунар бо назардошти талаботи хоҷагии халқ доир ба мутахассисҳо, шавқу ҳавас, қобилият ва шароити ҷисмонии шахсӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади асосии таълими касбӣ дар хонандагон ташаккул додани шароитҳои иҷтимоию-психологӣ дар рафтор ва фаъолияташон, тарбия ва ҳурмат (эътироф) намудани намудҳои гуногуни меҳнат ва инчунин фаъолияти шахсии онҳо дар худмуайянкунии касбӣ мебошад.

Тамоюли касбии хонандагон – вазифаи умумии мактабӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар рафти таълиму тарбия доир ба ҳамаи фаннҳо ҳалли худро меёбад. Махсусан дар омӯзиши таълими технология нақши асосиро мебозад. Инро ба он шарҳ додан мумкин аст, ки мазмуни таълими технология ба муаллим имконият медиҳад, ки хонандагонро бо бисёр касбҳо шинос намуда, шавқу ҳаваср доир ба ин касбҳо дар хонандагон тарбия кунад ва баъд аз он дар давраи ба итмон расидан ба хонандагон касби муайянеро пешниҳод намояд.

Саҳми асосиро дар тамоюли касбӣ ва касбинтихобкунии хонандагон корҳои беруназсинфӣ аз фанни технология мебозад. Ҳангоми баргузор намудани корҳои беруназсинфӣ шиносоӣ ва омӯзиши самтҳои гуногун баргузор мегарданд, ки ин заминаи хуб барои шинос намудани хонандагон бо касбу ҳунарҳои гуногун мебошад. Ғайр аз ин дар натиҷаи корҳои беруназсинфӣ истеъдоди хонандагонро муайян намуда, онҳоро инкишоф медиҳад.

Корҳои касбинтихобкунӣ дар тамоми давомияти омӯзиши таълими технология гузаронида мешавад, вале вазифаҳои вай дар давраҳои гуногуни он тағйир меёбанд.

Масалан дар синфҳои 5-8 ахбори касбӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Дар ин давра хонандагон бо як қатор касбҳо шинос мешаванд, ки элементҳои онҳо ҳангоми фаъолият намудани хонандагон дар устохонаҳои таълимӣ муайян мегарданд. Ин вазифаи тайёрии умумитехникӣ дар ин давраи омӯзиш ба хонандагон мувофиқат мекунанд.

Дар баробари ахбори касбӣ дар синфи 6 ва хусусан дар синфи 7-ум хонандагон бояд самти (касбӣ) ояндаи тайёрии меҳнатиро интихоб кунанд. Ҳар як самт бошад дар худ як қатор касбҳои оммавии коргариро дар бар мегирад.

Ҳуқуқи интихоби касбро конституцсия таъмин менамояд. Бинобар он ин ҳуқуқҳоро истифода бурда тавонистан лозим аст. Хонандагон бояд донанд, ки талабот ба ин ва ё он касб аз рӯи сохтори хоҷагии халқ муайян карда мешавад, на балки аз рӯи боэтибориашон.

Интихоби озодонаи касб бояд бо як ҳиссиёти вазифаи шаҳрвандӣ рост ояд, бо фаҳмиши он ки дар мамлакати мо ҳамаи касбҳо заруранд ва боифтихоранд, бинобар он ахбори касбӣ ичро карда шавад.

Интихоби касб вазифаи асосии фавқулода ба ҳисоб меравад, ки дар бисёр мавридҳо хонандагон онро мустақилона ҳал карда наметавонанд. Бинобар он дар интихоби касб ба онҳо мактаб ёрии худро ба таври пурра расонида метавонад. Дар бисёр мактабҳо анана шуда аст, ки роҳбарони синфҳо барои ҳар як хонанда дафтарча кушода, дар он доир ба муносибат бо ин ва ё он фани таълимӣ, рағбат ба касб, муваффақият дар хониш, дар бораи сифати шахсӣ, ки он асоси ташхиси касбиро ташкил медиҳад маълумот ҷамъ менамоянд. Бо ин далелҳои ҷамъшуда имконият пайдо мешавад, ки оҳиста – оҳиста мақсади хонанда муайян карда шавад.

Ҷои асосиро дар системаи корҳои касбинтихобкунӣ синфҳои 5 ва 9 ишғол мекунанд. Аз як тараф дар инҷо корҳои касбинтихобкунӣ бевосита дар дарси технология давом дода мешавад, ки дар ин раванд хонандагон доир ба касбҳое, ки бо самти (соҳаи) тайёрии меҳнатии онҳо интихобшуда дохил мешавад, маълумот мегиранд.

Аз тарафи дигар шиносоии хонандагон бо корҳои касбинтихобкунӣ доир ба касбҳои асосӣ ва ихтисосҳои хоҷагии халқи мамлакат дар дарсҳо доир ба курси «Асосҳои истеҳсолот» ва «Интихоби касб» ташаккул дода мешаванд.

Дар рафти омӯзиши предметҳои номбаршуда, дар дарсҳои технология, дониши хонандагон доир ба касбҳо пурратар карда мешавад. Бо ҳамин роҳ фаҳмиши онҳо доир ба меҳнати ҷамъиятии ҳозиразамон ва истеҳсолот, инчунин нақши одам дар пешравии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмӣ – техникӣ ташаккул дода мешавад.

Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагон касби худро пурра фаҳмида гиранд (яъне соҳибкасб шаванд) ва дар оянда таҳсили худро дар донишкадаҳои таълимӣ давом диҳанд.

Лекин хотиррасон намудан лозим аст, ки хонандагони синфҳои 5 ва 9 дар дарсҳои таълими технология дар устохонаҳои таълимӣ бо касби дуредгарӣ, челонгарӣ, ҳарротӣ ва рандагар шинос мешаванд. Дар натиҷаи омӯхтани ин касбҳо хонандагон тайёрии касбии аввалро мегиранд. Аз ин хотир хоҳиш карда мешавад, ки ин тайёрӣ боз дар синфҳои болоӣ давом дода шавад.

Дар синфи 10 хоананда метавонад аз касби пеш интихоб намуда даст кашида ва касби дигарро интихоб кунад. Ҳамин тавр фақат дар синфи 10 хонандагон касбӣ канкретиро (аниқро) нигоҳ медоранд. Аммо ин маънои онро надорад, ки бо ҳамин корҳои касбинтихобкунӣ ба охир мерасанд, ё суст мешаванд. Баракс ин корҳо дар оянда равнаку ривоҷ меёбанд. Яъне мутобиқшавии касбӣ (профадаптатсия) сар мешавад.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин натиҷа омадан мумкин аст, ки кори касбинтихобкунӣ дар раванди таълими технология якчанд марҳиларо аз сар мегузаронад, ки дар ҳар яке аз ин марҳилаҳо вазифаҳои муайяне ҳал карда мешаванд.

Вазифа аз он иборат мебошад, ки ҳамаи хоҳишмандоне, ки мактаби миёнаро тамом мекунанд, шароити меҳнат карданро дошта бошанд. Баъди ба кор таъмин намудани хонандагон лозим меояд, ки шароити хубро барои мутобиқшавии касбӣ фароҳам овард. Аз ин хотир ба тамоюли касбии хонандагон ин тавр баҳо додан мумкин аст. Тамоюли касбии хонандагон-ин системаи илман асосноккардашудаи иқтисодӣ, психологӣ-педагогӣ, тиббӣ ва давлатие мебошад, ки дар дуруст ва аниқ интихоб намудани касбу ҳунар ба одамони ба ҳаёти мустақилона қадам мондагӣ бо баҳисобгирии шавқу ҳаваси онҳо, қобилияти онҳо ва талаботи ҷамъият ба ин касбҳо ёрдами худро мерасонад.

Тайёрии касбии хонандагонро дар ду давраи асосӣ гузаронидан ба мақсад мувофиқ мебошад. Давраи якум синфҳои 5-9–ро дар бар мегирад. Хонандагон дар ин давра дониш ва маҳорати умумии барои як қатор касбҳои ба ҳам наздики як соҳа ё истеҳсолотро аз худ мекунанд. Яъне онҳо омӯзиши яке аз ин самтҳоро: коркарди филиз, коркарди чӯб, корҳои электротехникӣ, техникаи ҳисоббарории электронӣ, асоси истеҳсолоти дӯзандагӣ, хӯроки умумӣ, чорводорӣ ва ғайраро меомӯзанд.

Давраи дуюм синфҳои 10-11-ро дар бар мегирад. Дар ин давра хонандагон омузишро аз рӯи яке аз касбҳои оммавии хоҷагии халқ, ки бо самти пештара омӯхта шуда мувоффиқат мекунад, давом медиҳанд.

Таълими касбии синфҳои болоӣ дар асоси ба ҳисоб гирифтани рӯйхати касбҳои тасдиққардаи Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоӣ ва Вазорати маориф ва илм иҷро карда мешавад.

Адабиёт:

1. Азизов А., Сайфудинов М., Муминов Ф., Ҷураев М. Методикаи таълими технология (таълими меҳнат) дар низоми муносибати босалоҳият. – Душанбе: Зинат, 2018. – 284 с.
2. Антонов Л. П., Морчулис С. П., Рузаков В. А.. Практикум к учебных мастерских. – Москва: Просвещение 1986. – 170 с.
3. Кругликов Г. И. Методики преподавания технологии с практикумом. – Москва: Академия 2004. – 57 с.
4. Тхоржевский Д. А. Методика трудового обучения и общетехнических дисциплин. – Москва, 1996. – 88 с.
5. Тхоржевский Д. А. Методика трудового обучения с практикумом. – Москва: Просвещение, 1987. – 140 с.

Калидвожаҳо: *корҳои беруназсинфӣ, таълими технология, тамоюли касбӣ, раванди таълим, меҳнати истеҳсолӣ, интихоби касб, маҳфилҳо, маърифатнокии касбӣ, машварати касбӣ, мутобиқшавии касбӣ*

Аннотация

ВНЕКЛАССНЫЕ ЗАНЯТИЯ ПО ТЕХНОЛОГИИ И ИХ СУТЬ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ОРИЕНТАЦИИ УЧАЩИХСЯ

Профессиональная ориентация учащихся - это общешкольная задача, которая решается в процессе преподавания и обучения по всем предметам. Он играет ключевую роль в изучении технологии. Это можно объяснить тем, что содержание технологического образования позволяет учителю знакомить учащихся со многими профессиями, воспитывать в них интерес к этим профессиям, а затем в конце предлагать учащимся определенную профессию. Внеклассная работа по технологии играет ключевую роль в профессиональной ориентации и выборе профессии школьников. Во время внеклассной деятельности проводится знакомство и изучение разных направлений, что является хорошей базой для знакомства школьников с разными профессиями. Кроме того, в результате внеклассных занятий выявляются и развиваются таланты школьников.

Ключевые слова: *внеклассная работа, технологическое образование, профессиональная ориентация, образовательный процесс, производительный труд, выбор профессии, кружки, профессиональное образование, профессиональная консультатция, профессиональная адаптация.*

Annotation

EXTRACURRICULAR ACTIVITIES FROM TECHNOLOGY AND THEIR ESSENCE IN THE PROFESSIONAL ORIENTATION OF STUDENTS

Professional orientation of students is a school-wide task that is solved in the process of teaching and learning in all subjects. He plays a key role in the study of technology. This can be explained by the fact that the content of technology education allows the teacher to acquaint students with many professions, instill in them an interest in these professions, and then, at the end, offer students a certain profession. Extracurricular technology work plays a key role in vocational guidance and career choice for schoolchildren. During extracurricular activities, acquaintance and study of different directions is carried out, which is a good basis for acquaintance of schoolchildren with different professions and professions. In addition, students' talents are identified and developed as a result of extracurricular activities.

Keywords: *extracurricular work, technological education, vocational guidance, educational process, productive work, choice of profession, circles, vocational education, professional advice, professional adaptation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Файзов Насимҷон Қосимович, магистранти соли дуюми факултети технология ва соҳибкории ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: + 992 000778858. ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ кӯч. Миралӣ 121, хонаи 39. E-Mail: firuz 3791@mail.ru

Роҳбари илмӣ: Муминов Ф.

Сведения об авторе: Файзов Насимджон Косимович, магистрант второго курса факультета технологии и предпринимательства ТГПУ им. С. Айни. Тел.: +992 000778858. Адрес: г. Душанбе, район Фирдавси, ул.Мирали 121, дом 39. E-Mail: firuz 3791@mail.ru

Научный руководитель: Муминов Ф.

About the author: Fayzov Nasimjon Kosimovich Master of 2 courses in the specialty technology, faculty of technology and entrepreneurship, TSPU. Tel.: +992 000778858. Dushanbe. St. Firdavsi Mirali 121, building 39. E-Mail: firuz 3791@mail.ru

Scientific director: Muminov F.

Бобиев Муҳаммад,
магистранти факултети психология ва таҳсилоти фарогир

ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ: ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ ОН

Дар раванди тезутунд гаштани муборизаҳои сиёси ва бархӯрди тамаддунҳо ягона омиле, ки аз хатарҳои замони муосир баромадан мумкин аст ин доштани дониши кофи ва маърифати баланди шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Зеро инсони бомаърифат метавонад бо доштани ҷаҳонбинии илмӣ ва донишу малакаи худ ба чунин тазодҳои замони муосир, экстремизм ва тероризм муқобилият намояд.

Экстремизм ҳаракати фаъол ва дорои мақсади муайян буда, хосияти таҷовузкорона дорад. Экстремизм дар натиҷаи таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбад. Ин дигаргуниҳои куллии ҷомеа, аз ҷумла сабаби аз даст додани мақоми иҷтимоӣ боиси тағйироти тафаккури иҷтимоӣ гардида дар натиҷаи буҳронҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ шароити ҳаёти аксарияти аҳолии бад гардида, сатҳи зиндагии аҳолӣ поён фаромада, оқибат рӯ овардани аҳолӣ ба ҳизбу ҳаракатҳо гуногун мегардад [4, 307-309].

Шаклҳои гуногуни экстремизмро номбар кардан мумкин аст: экстремизми сиёсӣ, динӣ, миллӣ, равонӣ ва ғайра.Экстремизмеро, ки дар арсаи сиёсии ҷомеа зуҳур мекунад, экстремизми сиёсӣ ва экстремизми дар соҳаи динӣ зуҳуршударо экстремизми динӣ меноманд. Дар тӯли даҳсолаҳои охир чунин падидаҳои ифротгаровӣ, ки бо постулатҳои динӣ иртибот доранд, вале дар арсаи сиёсии ҷомеа ҳамчун экстремизми сиёсӣ ба амал меоянд ва ба мафҳуми «экстремизми динӣ» фаро гирифта намешаванд, беш аз пеш паҳн шуда истодаанд.

Экстремизми динӣ фаъолияти дорои ангезаҳои муайяне мебошад, ки ба таври мачбурӣ тағйир додани сохти давлатӣ ё ба таври зӯрӣ ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ, поймол кардани соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии давлат, барангехтани хусумати динӣ ва адовати динӣ равона карда шудааст [3, 225]. Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа, ҷомеашиносӣ ва таърихи Донишгоҳи давлатии техникии шаҳри Воронеж Ю.В.Аҳромиева қайд мекунад, ки ифротгароии динӣ метавонад сабабҳои зеҳнӣ, сиёсӣ, равонӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва ғайра дошта бошад. Ӯ менависад, ки “сабабҳои рушд ва паҳншавии ифротгароии диниро дар худи шахс, дар муносибатҳои ӯ бо аъзои оила ва хешовандон, дар зиддиятҳои ботинии ифротгаро ва муҳити атроф, байни имон ва рафтор, идеал ва воқеият, дину сиёсат, гуфтору амал, орзуву дастовардҳои воқеӣ, дунявӣ ва илоҳӣ” мушоҳида кардан мумкин аст. Илова бар ин, сабабҳои майл кардан ба ифротгароии динӣ ин «надоштани маълумоти пурра дар бораи ҳадафҳо ва моҳияти худи дин, дуруст дарк накардани низом ва қоидаҳои дохилии он, кушиши манъ ва махдудиятхои рафтори ғайри динӣ ва майли мачбур кардани дигаронро ба ин кор мебошад» [2, 19].

Дин бештар идеология ва психологияи миллатро муайян мекунад. Тамоми таърихи ҳар як халк бо таърихи дин, инчунин психологияи он, риояи шаклҳои муайяни рафтори он алоқаманд аст. Ҷомеашиноси франсавӣ Дюркгейм таъкид карда буд, ки шумораи зиёди ҷомеашиносон ва таърихнигорон бар он ақидаанд, ки дин ибтидотарин падидаи иҷтимоӣ аст. Ҳамаи дигар зуҳуроти фаъолияти фикрӣ аз он бо роҳи дигаргунсозии пай дар пай ба вучуд омадаанд: ҳуқуқ, ахлоқ, санъат, илм, шаклҳои сиёсӣ ва ғайр. Яке аз намоёнтарин шаклҳои экстремизм ин экстремизми динӣ ба ҳисоб меравад. Экстремизми динӣ дар минтақаҳо ва давлатҳои гуногун вуҷуд дорад. Бадбинӣ ва тоқатнопазирӣ нисбат ба динҳои дигар ва ҳатто мухолифатҳои дохили динӣ ҷавҳари асосии ин намуди экстремизмро ташкил медиҳад. Инчунин мухолифат ва муқовиматҳои дохили динӣ ва динҳои дигар дар бисёр ҳолатҳо хосияти сиёсӣ пайдо мекунад, ки оқибат барои ҳокимият муборизa бурданро ба вуҷуд меорад [4, 307-309].

Мушкилоти экстремизми динӣ яке аз «вабои ҷомеаи муосир» ба шумор меравад. Ин масъала дар матбуоти даврӣ ва инчунин дар ҷаласаҳои давлатӣ васеъ муҳокима карда мешаванд. Дар ин бобат зарурати муайян кардани сабабҳои пайдоиш ва методҳои пешгирии экстремизми динӣ ба миён меояд [5, 72].

Ҳадафи асосии ин шакли экстремизм аз байн бурдани ҳамагуна этиқодҳо ва равияҳои динӣ мебошад. Мақсади асосии онҳо ин ба вуҷуд овардани давлати динӣ, ки аз рӯи принсипу қоидаҳои муайян амал мекунад, вобаста аст. Масалан З. Арухов дар асари худ «Экстремизми муосири исломӣ» мақсади асосии экстремизми исломиро дар ин аломатҳо мебинад:

- дар ҷамъият барпо намудани давлати теократии исломӣ;

- дар амалияи ҷамъияти ҷори намудани меъёрҳои шариат;
- барқарорсозии хилофат [1, 374].

Ҳангоми як қатор тадқиқотҳояшон психологҳо сабабҳои майл кардани наврасону ҷавонон ба экстремизмро дар чунин омилҳо мебинанд: синнусоли муайян (14-22)-давраи аз наврасӣ ба ҷавонӣ қадам мондан, ки ба рушди худшиноси ва ҷустуҷӯи маънии ҳаёт равона шудааст, ноустувори психика, гуногунии минталитет, ҳассосии баланд, вазъи иҷтимоӣ, вобастагии моддӣ ва равонӣ аз волидон, майл ба рафтори девиантӣ, тавакалкорӣ, кунҷкобӣ, идора карда натавонистани ҳиссиёт ва эҳсосоти худ, ҷустуҷӯи гурӯҳҳои ғайрирасмӣ, мушкилоти оилавӣ (майзадагӣ, нашъамандӣ, зӯроварӣ), нокомии омӯзиш, муҳокимаҳои дарозмуддат бо муаллимон, волидон, дӯстон ва ғайраҳо мебошад.

Аз ин рӯ ҷомеаи ҷаҳониро мебояд, ки ба ин масъала беш аз пеш диққати ҷиддӣ дода, барои пешгирӣ ё пурра несту нобуд кардани ин гуна гурӯҳои ифротгаро кӯшиши беандоза ба харҷ диҳанд.

Адабиёт:

1. Арухов З. С. Экстремизм в современном исламе. Очерки теории и практики. – Махачкала: Агентство «Кавказ», 1999.
2. Ахромеева Ю. В. Социокультурные основы религиозного экстремизма / автореф. дис ... канд. филос. наук: 09.00.13. – Воронеж: ВГАСУ, 2009. – 19 с.
3. Бурковская В. А. Актуальные проблемы борьбы с криминальным религиозным экстремизмом в современной России. – М.: Издатель Пресс, 2005. – 225 с.
4. Зокиров Г. Н. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2010. – 520 с.
5. Плужников Е. Н. Понятие религиозного экстремизма и его проявления в современном России// Политический процесс в современном России: тенденции и перспективы, 2010. №1.
6. Федеральный закон от 6 марта 2006 г. № 35-ФЗ «О противодействии терроризму» // Справочная правовая система «Консультант».

Калидвожаҳо: *экстремизм, терроризм, экстремизми динӣ, давлати теократӣ, мухолифатҳои байнидинҳо.*

Аннотация

РЕЛИГИОЗНЫЙ ЭКСТРЕМИЗМ: ЕГО ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

В статье исследуется одна из современных угроз - экстремизм и терроризм. Автор отмечает, что экстремизм и терроризм в любой форме угрожают безопасности личности и общества, конституционному строю, общественной морали, здоровью населения и территориальной целостности государства. Терроризм и экстремизм по своим масштабам и последствиям являются одной из самых серьезных угроз в современном мире и угрожают безопасности человечества, миру и независимости страны.

Ключевые слова: *экстремизм, терроризм, религиозный экстремизм, теократическое государство, межрелигиозные конфликты.*

Annotation

RELIGIOUS EXTREMISM: ITS PSYCHOLOGICAL ASPECTS

The article examines one of the modern threats - extremism and terrorism. The author notes that extremism and terrorism in any form threaten the security of the individual and society, the constitutional order, public morality, public health and the territorial integrity of the state. Terrorism and extremism in their scale and consequences are one of the most serious threats in the modern world and threaten the security of mankind, the peace and independence of the country.

Keywords: *extremism, terrorism, religion extremism, theocratic nation, interreligious conflicts.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобиев Муҳаммад, магистранти факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тел.: +992 911026929

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Б.

Сведения об автор: Бобиев Мухаммад, магистрант факультета психологии и инклюзивного образования ТГПУ им С.Айни. Тел.: +992 911026929

Научный руководитель: доктор педагогических наук, профессор Маджидова Б.

About the author: Bobiev Muhammad, the Master Student in Tajik State Pedagogical University by name S.Ainy. Phone: +992 911026929

Scientific direction: Candidate of Pedagogical Sciences, Professor Madzhidova B.

Юлдашева Малика Улмасовна,
магистрантка первого курса факультета психологии и инклюзивного образования

ПСИХОЛОГИЯ ТЕРРОРИЗМА

В мирной жизни люди стремятся с самого детства развить в новой поколении стремление к миру друг с другом. Но террористические вандализмы прерывают обыденный ритм деятельности людей и приносят массовые человеческие жертвы, влекут уничтожение материальных и духовно-нравственных ценностей, не поддерживающихся зачастую восстановлению, сеют вражду между правительствами, инициируют войны, недоверие и злобу между общественным и национальными группами, которые порой невозможно одолеть в течении жизни целого поколения. Как специфическое событие общественно-политической жизни терроризм обладает свою долгую историю, без знания которой нелегко понять корни и практику терроризма, впрочем у современного террора сейчас нет его прежней идейной оболочки и направленности. Террористы были всегда. Цели и доводы исходного явления постоянно менялись, однако последствия, как физические, так и психологические, всегда негативно воздействовали на все человечество, в общем.

Сущность терроризма – насилие с целью страха. Субъект террористической силы – отдельные личности или неправительственные организации. Объект принуждения – власть в лице отдельных национальных служащих либо община в особе отдельных сограждан (в том числе иностранцев, либо чиновников других государств). Успех борьбы с тем или иным социально – опасным действом в значительном уровне зависит от восприятия его сущности и мотивов возникновения. Особого внимания в исследовании терроризма стоят психологические предпосылки данной проблемы.

В настоящее время существует большой социальный заказ на психологические методы профилактики терроризма. Приведём лишь три основных направления этой работы [8]:

1. Методы психологического тестирования и выявления лиц, склонных (в т.ч. легко манипулируемых) к террористическим актам.
2. Профилактика терроризма среди подрастающего поколения, ведущаяся на основе воспитания защиты против зомбирования и манипулирования (в т.ч. духовного).
3. Обучение бдительности и наблюдательности к возможным террористическим актам.

В такой переходный период, тем более затрудненный экономическим кризисом, появляется психическое напряжение в обществе, и могут образоваться обстановка для социального противостояния, сложиться особое положение многочисленного сознания, для которого характерна неадекватная оценка настоящей действительности, обширное пропаганда могут извлечь расположения неуверенности, общественного страха, озлобленности и агрессивности. При таких обстоятельствах легко воспринимаются экстремистские вызовы к акциям общественного протеста. Промеж всех предпосылок терроризма, место психологических предпосылок является одним из основных, так как, базу психологического познания терроризма является исследование психологических мотивов данного преступления.

Имеется в виду, не наружные зримые факторы действия определенных лиц, совершающих террористические акты, а фактически доводы – как смысл, индивидуальное свойство личности поведения террориста. Основной вопрос, появляющийся здесь, видится в следующем: в первую очередь, какую психологическую выгоду получает человек от совершения определённых заданий. Так же в тех случаях, когда он действует за материальное вознаграждение и за религиозный замысел.

Принято акцентировать несколько порядка психологических типов мотив, которыми, обычно, вербуются террористы:

1. Меркантильные мотивы. Для определенного количества людей роль террориста - это метод заработка.
2. Идеологические мотивы. Подобный мотив появляется как результат введения личность в некую общность, располагающую идейно-политическую направленность.
3. Мотивы преображения и активного изменения мира. Эти мотивы объединены с переживанием несправедливости в современном установке мира и желанием его преобразования на основе индивидуального постижения справедливости.
4. Мотив власти над людьми. Посредством насилие, вселяя панику в людей террорист жаждет утвердить себя и свою личность.
5. Мотив заинтересованности и привлекательности террора как сферы деятельности. Террористов сможет завлекать объединенный с террором риск, процесс разработки планов, оригинальность воплощения террористических актов.
6. Товарищеские мотивы эмоциональной привязанности в террористической группе. Подобными мотивами могут быть: причина мести за погибших товарищей, причины классического участия в терроре из-за того что им занимался кто-то из родных и знакомых.

7. Мотив самореализации. С точки зрения самих террористов, их поведение - это форма возобновленья нарушенной справедливости. Терроризм представляет собой извращенные представления о правильности в обществе - представляется неадекватным решением слабой стороны на воздействия сильного.

В рамках организованного терроризма в последнее время больше распространено "террорист-смертник", что представляет стремление пожертвовать собственной жизнью в интересах достижения поставленной цели. При этом устанавливающим условием действий получившего психологическую и военно-физическую подготовку террориста представляется его готовность умереть в ходе выполнения назначенной ему задачи [8].

Терроризм подразумевает применение насильственных, в первую очередь вооруженных, действий, но его социальное воздействие было бы неправильным изъяснять исключительно физическим результатом (количеством жертв). Значительно существеннее результат эмоционально-психологический, который выражается в страх общества. Это именно тот механизм, посредством которого террористы стараются воздействовать на общество, на сознание масс. Страх – вот то оружие, посредством которого идет угнетение личности обывателя. Иными словами, террористические акты зачастую совершаются в целях саморекламы, с намерением вызвать шок, панику у общества и правительства.

Можно отметить как минимум два ярко сформулированных психологических типа, зачастую встречающихся средь террористов. Первые различаются высоким интеллектом, самоуверенностью, высокой самооценкой, стремлением к самоутверждению, а вторые – неуверенные в себе, аутсайдеры со слабым «Я» и низкой самооценкой [9]. Но как для первых, так и для вторых характерна возвышенная агрессивность, стремлением самоутвердиться, фанатизм, тревожность, депрессия, комплекс неполноценности, стремление к самовыражение, мотив неудачи.

Второй психологический тип – люди не знающие сущность религию. Так как отмечает ученый и исследователь данной области Хукмишоев З.Д. «... По сути, религия не имеет ничего общего с терроризмом, потому что суть учений всех мировых религий - гуманизм, сострадание, мир и формирование и развитие общества» [7.С.101]. Их легче вербовать для террористического акта. Вербовка - это целенаправленный процесс влияния одних людей на других. Отметим, что любой шаг вербовки отчетливо спланирован. Во время вербовки ничего не подозревающим людям вверяется концепция ценностей той или иной секты. В группе риска могут попасть весьма многие: это замкнутые и малообщительные люди, пережившие горе либо утрату близких, оказавшиеся в острую или затяжную стрессовую ситуацию (внутренние и семейные конфликты, развод родителей и т.д.), это молодежь, ищущая ценность жизни, авторитета или идеала для подражания.

Вербовщик постепенно будет увеличивать понятие о несправедливости жизни и неправильном действии окружающих, акцентировать и усугублять границу между вербуемым и реальным миром, подведет к мысли, что из положения имеется выход, что где-то возможно по-другому, что человек где-то нужен, сумеет себя реализовать, внести собственный вклад, поменять мир в сторону справедливости и вообще являться необходимым и совершить что-то важное. Задача вербовщика разрушать взаимоотношения (группа риска) с их родителей. Заблуждающийся (гумрах, группа риска) объясняется, какие плохие и непродвинутые у нее родители, как ошибочно они живут и так далее. Объекта постепенно окрыляют, рассказывают ему, какой он замечательный, умный и неоцененный его окружением. Ему становится комфортно в новом обществе.

Второй тип личности идеально подходит для вербовки, как мы свыше описали. Данный слабый индивид приобретает поддержку, ощущение полезности, убежденности в своих силах, чувство «МЫ». Из-за новообретенной референтной группы данная личность – при условии определенной психологической «подготовки» (которую проще всего проводить в коллективе или в толпе) – ради утверждения себя в качестве члена данного коллектива и ощущения безопасности свободно идет на поводу идеи, которая с готовностью выгораживает всевозможные его поступки.

Для террористов свойственно высокий уровень агрессивности, отречение от общечеловеческих ценностей. Необходимо отметит, что объединение буйных и бескомпромиссных единомышленников складывается фактически из одиноких и психологически слабых людей, которые могут ощущать себя сильным только в совместном реве, исключительно в толпе. Толпы заключаются из людей внушаемых, послушных и изменчивых. Их существование – это вера, сходная с религией. Но у террористов данной религией является идеология противопоставлений. Видение мира «мы – они», разделение его на мусульман и «неверных» выражается в крайней нетерпимости ко всякого рода инакомыслию. Террористы зачастую это религиозные фанатики, якобы владеющие высшей и единственной истиной.

Психологически, терроризм – расширение радикализма, экстремизма и фанатизма, потому очень существенно водить результативную работу по предупреждению появления этих явлений в обществе, особенно в среде нового поколения, своевременно распознавать экстремистические настроения, фанатизм и радикализм, предпринимать необходимые меры воздействия и пресечения данного явления.

Литература:
1. Белашева И. В., Ершова Д. А., Есаян М. Л. Психология терроризма» учебное пособие. – Москва, 2010.
2. Горбунов К. Г. Терроризм: социально-психологическое исследование. – Омск, 2010.
3. Крюкова М. А., Никита Т. И., Сергеева Ю. С. Экстренная психологическая помощь. Практическое пособие. – Москва, 2010.
4. Малкина-Пых И. Г. Виктимология. Психология поведения жертвы. – Москва, 2010.
5. Никитин А. В. Терроризм как форма девиантного поведения. – СПб, 2003.
6. Ольшанский Д. В. Психология терроризма. – Питер, 2002.
7. Хукмишоев З. Д. Политический процесс (Учебное пособие для вузов). – Душанбе: Эр-граф, 2021.
8. https://psyfactor.org/lib/terror21.htm
9. https://works.doklad.ru/view/g5BeZrWMDI4/all.html

Ключевые слова: *экстремизм, терроризм, психологические свойства личности, психологическая атака, страх, психологическая агитация и пропаганда, теракт, фанатизм, радикализм, религия, комплекс неполноценности.*

Аннотация

ПСИХОЛОГИЯИ ТЕРРОРИЗМ

Мушкилоти «психологияи терроризм» таъхирнопазир ва зарур шуморида мешаванд, зеро шумораи амалҳои террористӣ рӯз ба рӯз афзоиш ёфта истода, ба суботи ҷомеаи ҷаҳонӣ, манфиатҳои давлат ва махсусан, ба эътибори низоми ҳифзи ҳуқуқ ва низоми маориф зарари калон мерасонад. Бархурди ҳамаҷониба ба зуҳуроти терроризм танҳо ташаккул меёбад, зеро сарфи назар аз аҳамияти хоса ва зарурати амалӣ, мушкилоти асосии психологияи терроризм ба қадри кофӣ таҳия ва омӯхта нашудаанд. Террористони имрӯза барои амалӣ намудани ҳадафҳои шахсии худ аз захираҳои ҷаҳонии ҷаҳонӣ фаъолона истифода бурда, ба ҳамин тариқ, вокуниши системавиро ба вуҷуд меоранд, ки на танҳо ба қурбониёни ҳодисаи террористӣ ва наздикони онҳо, балки инчунин ба тамоми сокинон зарари худро мерасонанд. Дар натиҷа тарзи фикрронӣ ва мафкураи оммаи мардум тағйир мееёбад, вокунишҳои тарсу ваҳм ва ҳолатҳои изтиробро ба вуҷуд меоранд, ки ин зуҳурот бе гуфтугу саломатии психикии шаҳрвандон ва қобилияти коршоямии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Калидвожаҳо: *экстремизм, терроризм, хусусиятҳои психологии шахсият, ҳамлаи равонӣ, тарс, ташвиқ ва таблиғоти равонӣ, ҳамлаи террористӣ, таассуби динӣ, радикализм, дин.*

Annotation

PSYCHOLOGY OF TERRORISM

The problem of "psychology of terrorism" is urgent and necessary, since the number of terrorist acts is growing, causing enormous damage to the stability of world society, state interests and, in particular, the prestige of the law enforcement system and the education system. An integrated approach to the phenomenon of terrorism is only being formed, since, despite the special relevance and practical necessity, the main problems of the psychology of terrorism are insufficiently developed and studied. Today's terrorists are actively using global resources for the dissemination of information for their personal goals and, in a similar way, cause a systemic reaction that extends not only to the casual victims of a terrorist attack and their loved ones, but to the entire population as a whole. As a result, the mass consciousness of people changes, panic reactions, states of anxiety and anxiety arise, which negatively affects the psychological health of citizens and their ability to work.

Keywords: *extremism, terrorism, psychological personality traits, psychological attack, fear, psychological agitation and propaganda, terrorist attack, fanaticism, radicalism, religion, inferiority complex.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Юлдашева Малика, магистранти соли якуми факултаи психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тел.: +992908033535.
Роҳбари илмӣ: Латифзода С.

Сведения об авторе: Юлдашева Малика, магистрантка первого курса факультета психологии и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: +992908033535.
Научный руководитель: Латифзода С.

About the author: Yuldasheva Malika, is a second-year master's student at the Faculty of Psychology and Comprehensive Education of S. Ayni Tajik State Pedagogical University. Tel.: +992908033535
Scientific adviser: Latifzoda S.

Марупова Сулҳия,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

МАФҲУМИ “ИМЛО” ВА ЗАРУРАТИ ОМӮЗИШИ ОН

Имло вожаи арабӣ буда, масдарест аз боби ифъол ва ба маъноҳои зерин омадааст: пур кардан, матлаберо такрир кардан, то дигареро бинвисад, навиштани матлабе, ки ба шахс нақл ё такрир кунанд, тариқаи навиштани калимот ва дурустнависию расмулхат [1, 171].

Ин луғат маъниҳои дигар ҳам дорад: монанди муҳлат додан [2, 34], фурӯ гузоштан ва оғоз кардан ва аз ёд чизеро навиштан ва баргардонидан.

Калимаи имлоро, бино ба тадовули маъмулӣ, дикта мегӯянд, ки луғатест фаронсавӣ “Ladictee” ва дар забони англисӣ “The dictation” муодили он аст.

Собиқан низ такрироти донишмандонро дар саҳифаҳое менавиштанду маҷмӯаи саҳифаҳои имлоро ба сурати китоб дармеовардand, чунонки Саъдӣ мегӯяд:

Чу бар саҳифаи имло равон шавад қаламаш,
Забони таън ниҳад бар фасоҳати саҳбон [3, 203].

Чун матолтиберо, ки устод дар маҷлиси дарс баён ва такрир мекард, шогирдон бе каму коста менавиштанд ва сипас он такриротро ба сурати китоб тадвин мекарданд. Ин навъ китоб “Амолӣ” номида мешавад, зеро “Амолӣ” ҷамъи “имло” аст. Ҳамакнун низ китобҳое ба ҳамин ном дар даст аст, монанди: “Амолии Қолӣ”, “Амолии Шайх Тусӣ” ва ғ [4, 233-234].

Дар забони форсӣ ҳангоме сухан аз имло меравад, манзур дуруст навиштани калимот аст бар асоси қавоиди имло ва дастури забони форсӣ ва ин ҳамон аст, ки ҳанӯз ҳам ба истилоҳ: хатту рабт ё саводи форсӣ, ё арабӣ номида мешавад ва меъёри қазовати афрод дар бораи савод ва маълумоти адабии ашхос мегардад.

Аҳамияти омӯзиши имло. Аҳаммияти хат ва имло дар ин аст, ки бояд бори маъониро, ки ба амонат ба вай супурданд, ба мақсад бирасонад ва чизе на бар он бияфзояд ва на чизе аз он бикоҳад.

Пас аз он ки хатту нигориш равшан шуд, дурустнависӣ ё имлои саҳеҳ мавриди ниёз аст. Алфозу калимот бояд ба хубӣ мақсуди нависандаро баён кунад ва бозгӯкунандаи мақосид ва нияти ӯ бошад.

Аз он ҷиҳат аст, ки аз дер боз “имло”-ро дар макотиб тадрис мекарданд ва барои дуруст навиштани қавоиде ба даст дода ва китобҳое дар ин бора тадвин мекарданд.

Зарурати омӯзиши имло. Донистани имло аз чанд ҷиҳат лозим аст:

1. Барои илқои матлаб ё мавзуе ба дигарон ва адои манзур ба имло ниёзмандем, зеро калимоти нодуруст наметавонад маъониро ба хубӣ адо кунанд.

2. Барои ёддошт кардан нукоти муъаллим дар утоқи дарсӣ ва бахусус дар донишкада, донишҷӯён эҳтиёҷ доранд матолиби устодро дақиқу саҳеҳ бинависанд ва ҳатто дар зимни навиштан ба тезнависӣ одат кунанд.

3. Бештари машғулиятҳое, ки афроди таҳсилкарда дар ҷомеа доранд, ба саҳеҳ ва дақиқ навиштан ниёз дорад, монанди муншигарӣ, мухбири рӯзнома ё маҷалла ё радио ва ё телевизион, муъаллимӣ, нависандагӣ ва дигар, ҳама ба дуруст навиштан ва гоҳ ба саҳеҳу сареъ навиштан эҳтиёҷ доранд.

4. Лозимаи дуруст навиштани матолиб, таваҷҷуҳ ва диққати ҳамаҷониба ба матлаби авалу охири ҷумла ва маънии он аст. Бинобар ин, дарси имло, донишомӯзон кам-кам ба тамаркузи қувваи димоғӣ, ки худ тамрини бисёр муфид мебошад ва аз имтиёзоти ҳар фарди доништалаб аст ва низ диққат - тадричан одат мекунанд.

5. Баёни матолиб дар мавқеи гуфтани имло, бахусус агар диққат шавад, ки матни нақл аз матолиби ахлоқию тарбияти муфид интихоб шавад, дар зеҳни донишҷӯ ҷойгузин мешавад ва асари амиқ бар ҷой мегузорад ва маркази зеҳни онон мегардад. Ба шарти ин ки муъаллимон аз ин фурсат барои илқои матолиби саҳеҳу муассир истифода кунанд ва мутунеро барои дикта баргузинанд, ки воҷиди натоиҷи муфиди ахлоқӣ ва иҷтимоиву тарбияти бошад.

6. Дарси имло ба дигар фанҳо монанди: қироат, иншо ва дарсҳои иҷтимоӣ ва динӣ кӯмак мекунад ва миқдоре аз ҷумлаҳои хубу дурусту муфид дар зеҳни донишомӯзон маҳфуз мемонад. Вақте донишомӯзон талаффузи саҳеҳи луғатро аз муъаллим шуниданду онро ба хотир супурданд, дар дуруси дигар аз иттилооти худ дар ин маврид метавонанд сӯд ҷӯянд.

7. Дуруст шунидан ва дидану навиштани матолиб ба парвариши ҳисси шунавоӣ ва биноии донишомӯз кӯмак мекунад ва баъдҳо ба сурати маҳорат ва одати муфид дармеояд.

8. Нукотеро, ки дар аҳамияти имло ёдоварӣ хоҳем кард, бар дарси имло низ муфид хоҳад буд ва он муссавир шудани сурати саҳеҳи калимот аст дар зеҳни муҳассилон, зеро барои он ки шогирд дар ин дарс пешрафт кунад, бояд ҳатман шакли саҳеҳи калимотро дар назар биёварем ва онҳоро ба хотир бисупорад ва дар мавқеи нақл навиштан он калимотро аз ҳофиза (ҳофизаи самъӣ, басарӣ ва ҳаракати даст) ба рӯи қоғаз оварад. Бинобар ин нақл, ба парвариши ҳофиза ва диққати маъонӣ мадад хоҳад расонд.

9. Муҳимтар аз ҳама, навиштаи ҳар кас монанди гуфтору кирдори вай намояндаи шахсияти ӯст. Ҳар фард матлаберо, ки менависаду онро бо гузоштани муҳру имзои худ саҳм мегузорад ва хубию зебоии онро ба худ нисбат медиҳад, аз ин бобат аст, ки навиштаи вай ҷузъест аз шахсияти вай, намояндаеаст аз донишу биниш ва ҳатто назми тартибаш.

10. Бинобар ин, дар ҳар ҳол, чун одамӣ иҷтимоисту наметавонад аз иртибот бо афроди иҷтимоъ сарфи назар кунад ва баночорӣ ҷанбаҳое аз шахсияташ дар макотибу навиштаҳояш, монанди: номаҳои дӯстона, расмӣ, тиҷорӣ, коргузории идорӣ ва дархостҳову мактубот, ҷилва мекунад, аҳамияти дарси имло ва таваҷҷуҳи хосса бад-он равшан мешавад.

Чанд асли куллӣ дар таълими имло. Аввал, ҳадаф аз тадрисии дарси имло он аст, ки донишомӯзон дар дарачаи аввал ба дуруст навиштани калимаҳо ва матлабе ошно шаванд, ки дар зиндагии рӯзмарра мавриди ниёзашон аст ё дар оянда бад-он ниёзманд хоҳанд буд. Бинобар ин, бояд ҳудуди калимаҳое, ки донишомӯзону навомӯзон дар ҳар синф ёд мегиранд, бо риояти меъёрҳо содатар ва маъмултар бошад, сипас, ба тадриҷ донишомӯзон, бо луғати душвортар ва машаққати онҳо (он қадар ки дар забони форсӣ ба кор меравад) ва шеваи нигориши онҳо, ошнои ҳосил кунанд.

Дувум, аз ба кор бурдани калимаҳои дур аз зеҳн бояд ҳаддалимкон парҳез кард ва зеҳни ононро ҳамчун махзан бо луғати дур аз истеъмол, ки дар зиндагӣ ё ба кор намеравад, истеъмол мешавад, анбошта насохт, ки агар барои риштаи фарҳангу одоб, аҳёнан дар ҳоли оянда муфид тавонад буд, барои риштаҳои илмӣ, на дар ҳол, на дар оянда, ба кори донишомӯзон нахоҳад омад.

Сеюм, аз роҳи таҳия оморҳои марбут ба калимот, ба кумаки муҳассилон, метавон вожаҳоеро, ки бештар дар гуфтугӯ ва зиндагии иҷтимоии мардум лозиманд, аз китобҳои соддаву қиссаҳо ва достонҳову рӯзномаҳо ва маҷалаҳо истихроҷ карда, сипас бар мабнои заруриёти бештар, ба табақабандии онҳо дар синфҳои мухталиф пардохт.

Китобҳои қироати донишомӯзон, ки бо таваҷҷуҳ ба ду ҳадафи мушаххас: забономӯзи ва ошнӣ бо мутуни адбии гузашта танзим мешавад, бояд дорои мазмуну муҳтавои олӣ ва омӯзанда бошад.

Дар бахши аввали таҳсил, донишҷӯ бештар ба луғату истилоҳот ва тағироти содда ба корбурдаҳои рӯзмарра ниёзманд аст. Ҳар қадар ки ӯ аз марҳилаи забономӯзӣ ба марҳилаи болотар наздик мешавад (солҳои охири таҳсил) ва кам-кам бо матнҳои адабии сода ошно мегардад, бояд доираи маълумоти луғавиаш бар мабнои саҳеҳ ва бар ҳасби оморҳои дақиқ, ки нишондиҳандаи вожагони лозим дар зиндагӣ ва даврони таҳсилаш бошад, густариш ёбад.

Мушкилоти тадриси имлои форсӣ. Бо ҳамаи аҳамияте, ки дарси имлои форсӣ дорад ва муъаллимону муҳассилон майл доранд, имло, маъонии вожаҳо ва мавридҳои истеъмоли онҳоро ёд гиранд ва аз онҳо дар таҳсилу зиндагии иҷтимоӣ бамаврид истифода кунанд, вале таълими он ҳанӯз ҳам мушкилоте дорад, ки дар роҳи ба даст овардани мақсад ва пешрафти он монеаҳоро ба бор овардааст.

1. Дар омехтани забони арабӣ бо форсӣ: беш аз ҳазор сол аст, ки забони арабӣ бо забони форсӣ дар ҳам омехта, дар натиҷаи тӯли иқомат, калимоти арабӣ дар забони мо ба сурати калимоти бумӣ даромадаанд, аз ин ҷиҳат, дар заминаи алоқамандӣ ба осори диниву адабии забони муҳовара, ба андозаи эҳтиёҷот, бояд бо шеваи нигоришу фаҳми маъонии онҳо ошно шуд. Илова бар вожаҳои асили арабии маъмул, дар забони форсӣ ҳам вожаҳои шабеҳе мавҷуданд, ки дар талаффуз маъниҳои хоссе доранд, монанди:

اسیر - عسیر - اثیر - عصیر – غمز و غمض – مزمار و مضمار - ва ҳамчунин калимаҳои мушаққак, ки аз як ришта гирифта шудааанжу вале маъниҳои мухталифе доранд, монанди: صلح - صالح - مصلح - مصالحت - مصالح - اصتلاح - مصطلح- ва донишомӯзон ва ба хусус донишҷуёни бахшҳои филологӣ бояд бо муштақоти калимоти арабии маъмул дар забони форсӣ ошно шаванд, то маъонии онҳоро дақиқан дарёбанд ва ба мавридҳои истеъмоли онҳо пай баранд.

2. Набудани ҳамоҳангӣ дар нигориши калимоти форсӣ ва аҳёнан арабӣ, ки ҳарчанд бар асари ҳамсонии нигориш дар китобҳои дарсӣ ва дарсҳои донишгоҳиву марказҳои нашр ва маҷаллоти адабию илмӣ, то ҳадди зиёде коҳиш ёфтааст, ҳол он ки дар бархе рӯзномаву маҷаллот ва китобҳои ғайридарсӣ ин ноҳамоҳангӣ дида мешавад ва хонанда наметавонад ба шеваҳои хос одат кунад ё ба он муътақид гардад.

Барои намуна, дар бархе китобҳо ва мақаллот калимаи “کمک”-ро ба сурати “کومک” навишта ё менависанд, [5, 66] “علاقه مند”-ро бисёре аз мақаллоту рӯзномаҳо ба сурати “علاقمند” менависанд. Калимаи “زغال”, ки ба сурати “ذغال” “اسماعیل” ва “اسحاق” ва “زکات” -ро ба сурати “اسمعیل” , “اسحق” ва “زکوه” менависанд. “خرسند” ба шакли “خورسند” ва “خشند”-ро “خوشنود”. Дар ҷудо навиштани ҷузъи (می) пеш аз феълҳо бо он ки мавриди қабули гурӯҳҳои мухталифи адабӣ ва илмист ва то ҳадди зиёде риоёт мешавад, бархе ба ҷудо навиштани он муътақид нестанд ва онро муттасил менависанд. Монанди: “بتهران رفتم”, “بتهران میروم ”. Дар навиштани вови маъдула, монанди: خویش - خواهش-خواستن – خواهر - ба баҳонаи наздик шудани зоҳири калима бо лафз иддаҳое муътақиданд, бояд вови маъдуларо бардошт ва онҳоро ба сурати:- - خاستن – خیش خاهر – خاهش даровард ва خوارزم-ва خواف-ро ҳам ба сурати خارزم-ва خاف навишт [6, 14].

3. Омӯзгорон бар асари дарси зиёд камҳавсала шуда, на ҳама вақт навиштаҷоти шогирдонро тасҳеҳ мекунанд ва ё нукоти заруриро ба донишомӯзон ёдовар намешаванд. Дар натиҷа, ислоҳи маводи хаттӣ аз назар дур монда, ба навиштани чанд калмаву иборот ба рӯи тахта омӯзгор басанда менамонд. Инҳо ҳама муҷиби нобасомониҳо дар дарси имло мешавад.

4. Аксари мавридҳо матнҳое барои нақли хаттӣ интихоб мешаванд, ки мутаносиб бо истеъдоди донишомӯзон нест ва ба ҷои роҳнамоии навомӯзон, ононро саргум мекунанду ба душворӣ андозанд. Дар натиҷа, аз ибтидо сурати нодурусти калимот дар зеҳни донишомӯзон нақш мебандад ва таъсири номатлубе дар зеҳни онҳо бар ҷой мегузорад.

Адабиёт:

1. Ба ин маънӣ дар Қуръони мақид чанд маврид ба сурати “амлайту”, яъне муҳлат додан омадааст ва иллати ин ваҷҳи он аст, ки ин калима дар асл “амлайту” буда ва бинобар ба қоидаи абдол ҳарфи дувум “ل” бадал ба “ی“ шудааст.
2. Луғатномаи Деҳҳудо. – Теҳрон, Ҷ. 12. С. 203
3. Масоҳиб. Доират-ул-маорифи форсӣ. Ҷ. 1. С. 233 – 234
4. Мақаллаи “Андеша ва ҳунар” ва китоби “Посдорони сухан”. С. 14.
5. Муҳаммад Муъин. Фарҳанги форсӣ. – Теҳрон. – 1990 с.

Калидвожаҳо: *имло, луғат, дарс, истилоҳ, мақалла, радио, муаллим,нависанда, донишҷӯ, талаффуз.*

Аннотация

ПОНЯТИЕ ОРФОГРАФИЯ И НЕОБХОДИМОСТЬ ЕГО ИЗУЧЕНИЯ

Если урок правописания хорошо преподается в высших и средних учебных заведениях, учащийся привыкает писать то, что их пишут другие в окружении значений слов, фраз и предложений. Если возможно и количество учеников в классе невелико, учитель должен лично исправить все орфографические ошибки и при исправлении предложить ученикам обратить внимание на их орфографические ошибки и выяснить орфографические ошибки.

Ключевые слова: *орфография, словарь, урок, термин, радио, учитель, писатель, студент, произношение.*

Annotation

THE CONCEPT OF SPELLING AND THE NEED TO STUDY IT

In short, if the spelling lesson is well taught in institutions of higher and secondary education, the learner becomes accustomed to writing what others are editing, surrounded by the meaning of words, phrases and sentences. If possible and the number of students in the class is small, the teacher should personally correct all the spellings, and when editing, invite students one by one to pay attention to their spelling mistakes and to find out the spelling mistakes.

Keywords: *spelling, dictionary, lesson, term, magazaine, radio, teacher, writer, student, pronunciation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Марупова Сулҳия Нусратхӯҷаевна, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Саидолим К.

Сведения об авторе: Марупова Сулхия Нусратхучаевна, магистрантка второго курса факультета таджикской филологии ТГПУ имени С. Айни.

Научный руководитель: доцент Саидолим К.

About the author: Marupova Sulhiya Nusratkhujaevna, first year of MA, fakulty of Tajik filologyTSPU after S. Aini.

Scientife director: dotsent Saidolim K.

РАВИШИ ТАДРИС

Ёгибекова Ҳадиса Шергозиевна,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ТАТБИҚИ МЕТОДҲОИ КОММУНИКАТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар илми методикаи таълими забони англисӣ дар атрофи интихоби методикаи бехтарини таълими забони англисӣ, то ҳол баҳсҳо мераванд. Олимони классик мегӯянд, ки методҳои анъанавӣ ба таълими забон бартарӣ мебахшанд. Чунки он рушди ҳар чаҳор малакаҳои ибтидоии забонро дар бар мегирад, ки ба онҳо дохил мешаванд: истимоъ, гуфтор, хониш ва хат. Он инчунин луғатро васеъ ва талаффузро беҳтар мекунад. Аммо тарафдорони методи коммуникативӣ бошанд, нуқсонҳои методҳои анъанавиро қайд мекунанд. Аввалан, бо таълими ҳамаҷонибаи забон, барои амалияи сирф гуфтугӯӣ вақт намемонад ва дувум, омӯзгорон, чун қоида, соҳиби ин забон нестанд. Аз ин рӯ, агар ҳадафи шахс омӯхтани тарзи муошират бошад, пас дар ин ҳолат методи коммуникативӣ ба ӯ бештар мувофиқ аст. Аҳамияти ин тадқиқот дар фарқ кардани методҳои классикӣ ва коммуникативӣ мебошад. Ин масъала аз он ҷиҳат хеле муҳим аст, ки дар ҷаҳони муосири методика ва таълими забони англисӣ ва шумораи онҳо доимо меафзояд. Аз ин рӯ, ба шахсе, ки мехоҳад забон омӯзад, лозим аст, ки метод ё курсеро интихоб кунад. Таҳлили таҳқиқот ва нашрияҳои илмӣ нишон медиҳад, ки проблемаи методҳои таълим диққати бисёр олимони машҳур ва амалиячиёни таълимиро ба худ ҷалб мекунад. Дар байни онҳо Стронин М. Ф, Ушинский К. Д., Мелник И. М., Топоров А. О., Аникеева Н. П ва дигарон ҳастанд.

Ҳадафи асосии таълими забони англисӣ на танҳо ташаккул ва рушди фарҳанги коммуникативии одамоне мебошад, ки забон меомӯзанд, балки таълими онҳо азхудкунии амалии забони англисӣ мебошад. Ҳоло таълими забон бештар татбиқ шудааст, дар ҳоле, ки қаблан он характери назариявӣ дошт. Нақши омӯзгор низ тағйир ёфт. Роли муҳимро омӯзгору маводҳояш намебозанд, балки иштирокчиёни дарс, рушди нерӯи онҳо, ҷустуҷӯи имкониятҳои ислоҳи хатоҳо.

Таълими забонҳои хориҷӣ хеле муҳим аст ва дар раванди таълим нақши муҳим дорад ва дар робита ба ин дар ин мақола чунин мақсад монда шудааст: муайян намудани формулаи самараноки таълим дар таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳо, хусусан ғайри забоншиносӣ, ки ба маҳорати азхудкунии донишҷӯёни забони хориҷиро дар сатҳи олӣ мусоидат хоҳад кард. Вазифаҳои асосие, ки барои тақсим кардан лозим аст инҳоянд:

- Муайян кардани сабабҳое, ки бо онҳо методи коммуникативӣ барои таълими забонҳои хориҷӣ қулайтар аст;
- Нишон додани афзалиятҳо ва камбудиҳои методи коммуникативӣ;
- Муайян кардани мушкилот дар таълими забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайрилингвистикӣ;
- Таҳлили роҳи ҳалли мушкилоти бавуҷудомада.

Бешубҳа, муваффақияти омӯзиш аз методи кории омӯзгори забони хориҷӣ дар заминаи ҳалли вазифаҳои мушаххаси таълимӣ вобастагии зиёд дорад. Дар ҷомеаи муосир ақидае вуҷуд дорад, ки грамматика, хусусан грамматикаи забони англисӣ хеле душвор аст: замонҳо, мақолаҳо ва пешвандҳои сершумор раванди таълимро душвор мегардонад ва мутаасифона, вақте ки донишҷӯён дар рафти таълими грамматика ба мушкилот дучор мегарданд аксар вақт таваҷҷуҳ ва майлу рағбати онҳо гум мешавад. Дар ҳамин ҳолат методи коммуникативӣ ёрирасони омӯзгор мегардад ва ин методе мебошад, ки принсипҳои оддии омузиши сохти грамматикиро пешниҳод мекунад. Омӯзгор ин ё он мавзуи грамматикиро пешниҳод мекунад ва донишҷӯён ба коркарди он дар амалия шурӯъ мекунанд, то даме ки ин истифодаи малакаро ба ҳолати автоматизмӣ медароранд. Зарурати азёд кардан аз байн меравад, чуноне ки пештар анъана шуда буд.

Ҳамин тариқ, дар доираи методи коммуникативии таълими забонҳои хориҷӣ, грамматика ва лексия объекти асосӣ ҳисоб намешаванд, вале ҳамчун материали ёридиҳанда ҳисоб шуда автоматикӣ аз худ карда мешаванд.

Методологияи коммуникативӣ истифодаи пурраи забон ва бартараф кардани монеаҳоро пешгӯӣ мекунад. Ҳадафи асосие ки омӯзгорон дар рафти омузонидани забони хориҷӣ пеша мекунанд- ин аввалан омӯзонидани озодона сухбат кардан бо забони хориҷӣ ва баъд бояд дар бораи он фикр кунанд. Бешубҳа, дарсдиҳӣ дар доираи ин метод камбудиҳои худро дорад ва инчунин манфиатҳои худро низ дорад. Дар байни манфиатҳо инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

- донишҷӯён ба сохтани ҷумла ва фикрронӣ бо забони хориҷӣ шурӯъ мекунанд;
-дар синфхона донишҷӯён ба муҳити таълими забон ғута мешаванд;

- дар донишҷӯён имконияти мубориза бурдан бо монеаҳои забонӣ ва изо накашидан ҳангоми фикрбаёнкунӣ ба забони хориҷӣ пайдо мешавад;

- донишҷӯён ба баён намудани ақидаҳояшон бо истифода аз синонимҳо шурӯъ карда, кӯшиш мекунанд, ки ҷумлаҳоро чунон ҷобаҷо гузоранд, ки базаи луғавии онҳо барои интиқоли иттилоот кофӣ бошад;

- дар доираи методологияи коммуникативӣ истифодаи бозиҳои нақшбозӣ тавсия дода мешавад, ки дар навбати худ аҳамияти калон барои ҷалби бештари донишҷӯён ба раванди таълим дорад;

- донишҷӯён аксар вақт методи навро дар гурӯҳ ё ҷуфт коркард мекунанд, ки он барои ташаккул ва рушди малакаҳои коммуникативӣ мусоидат мекунад;

-азхудкунии маводҳои лексикӣ ва грамматикӣ ҳангоми истифода намудан дар амалия осонтар ва тезтар аз худ карда мешавад, на ин ки бо роҳи азёдкунӣ;

- муҳокима- ин қисми муҳими методи коммуникативӣ мебошад, ки муоширатро дар ҳолати воқеии нутқ дар забони хориҷӣ инкишоф медиҳад;

- истифодабарии танҳо забони хориҷӣ дар рафти дарс: маҳдудият дар истифодабарии забони модарӣ ба қобилияти баён намудани фикри худ дар доираи базаи луғавии маҳдуд, оварда мерасонад.

Камбудии асосӣ дар он аст, ки донишҷӯеро, ки маълумоти ибтидоӣ надорад ба раванди омӯзише, ки ба забони хориҷӣ сохта шудааст, дохил шудан хеле душвор аст. Аз ин рӯ таълими чунин донишҷӯён бояд марҳила ба марҳила ва тадриҷан аз содда ба мураккаб гузарад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар донишгоҳи таълими касбии забонӣ имконияти истифодабарии методи коммуникативӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ нисбатан баландтар аст, нисбат ба донишгоҳҳои ғайризабонӣ. Ин аз он вобастагӣ дорад, ки омӯзишгоҳҳои ғайризабонӣ як қатор мушкилотҳо дар рафти азхудкунии забони хориҷӣ ба вуҷуд меоянд, ки сабабашон чунин омилҳо мебошанд:

- диққати таълим асосан ба интизоме, ки бо касби ояндаи донишҷӯён алоқаманд буда, забони хориҷӣ ба онҳо рабт надорад, тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми таълими забони хориҷӣ ҳавасмандии аксари донишҷӯён нисбатан паст аст;

- дар муассисаҳои таълимии ғайризабонӣ дар як гурӯҳ донишҷӯёни дорои сатҳи гуногуни дараҷаи дониши забони хориҷӣ, таҳсил мекунанд, ки дар ин ҷо ду мушкилот ба вуҷуд дорад: донишҷӯёне, ки дар дарс дилгир мешаванд, чунки алакай ин маводро медонанд ва донишҷӯёне, ки барояшон дарс дилгиркунанда аст, чунки онҳо ҳеҷ чизро намефаҳманд ва маводи таълимӣ барояшон мураккаб аст;

- миқдори соатҳои ҷудошуда барои таълими забони хориҷӣ дар дар донишгоҳӣ ғайризабонӣ маҳдуд ва камтар аст, нисбат ба миқдори соатҳои донишгоҳҳои забонӣ ва ин имкон намедиҳад, ки донишҷӯён забони хориҷиро дар дараҷаи муайян аз худ кунанд.

Бинобар ин барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас,омӯзгор бояд барои ҳалли мушкилоти зикршуда дар байни донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ чораҷуӣ намояд. Дар мадҳи аввал омӯзгорро зарур аст, ки донишҷӯёнро ба омӯзиш ҳавасманд гардонад.

Муносибати коммуникативӣ бар он асос ёфтааст, ки муваффақияти таълими забон бевосита аз истифодабарии он вобаста аст. Ҳангоме ки донишҷӯ дар иртиботи воқеӣ иштирок карда, дониши худро барои баён кардани фикр ё дифоъ кардан аз ақидаи худ истифода мекунад, чун натиҷа, дар донишҷӯён ҳаваси калон ба омӯзиш пайдо мешавад. Мушкилоти навбатӣ- ин донишҷӯёни сатҳи дониши забониашон гуногун дар як гурӯҳ мебошанд. Ин маъмултарин мушкилот дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ мебошад, ки онро дар навбати аввал бо ҷудо намудан ба зергурӯҳҳо ҳал мекунанд: қавӣ ва заиф. Бо туфайли ин, омӯзгор метавонад барои ҳар як зергурӯҳ маводи мувофиқ дар ҳар як дарс дастрас кунад ва ҳамин тариқ омӯзгор ба дилпурӣ медонад, ки донишҷӯён низ дар давоми дарс дилгир намешаванд. Ниҳоятан, мушкилоти охирон метавонад бо роҳи истифодабарӣ аз методи коммуникативӣ дар рафти кор бо матнҳои аслӣ ҳал карда шавад, ки бо ёрии онҳо донишҷӯён на танҳо забонро меомӯзанд, балки донишҳои иловагии фарҳангии забонро аз худ мекунанд, ба шарте, ки маълумотҳои пешниҳодшуда, маълумоте ки барои онҳо муҳим аст дарбар дошта бошад.

Як қатор тавсияҳо мавҷуданд, ки хеле зарур аст, ки онҳоро дар давоми дарс риоя кунем, то ки раванди таълим самаранок гардад.

Ба онҳо дохил мешаванд:

- такроркунии мунтазами мавод барои азхудкунии муваффақиятона ва таҳкими воҳидҳои математикӣ ва грамматикӣ;

- шарҳи маводи нав, бевосита бо ҳамроҳии истифодабарии он дар амалия;

- истифодабарии афзалиятноки вазифаҳои коммуникативӣ, ки маҳорати забонро ҳамчун воситаи муошират таъмин мекунанд.

- Ташкили кори гурӯҳӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ, ки дар давоми он донишҷӯёне, ки ба гуррӯҳҳо ҷудо шудаанд битавонанд дар рафти мубоҳиса на танҳо малакаҳои нутқи шифоҳӣ, балки қобилияти дифоъ аз нуқтаи назари худ ва баҳс карданро сайқал диҳанд.

Дар хотима бояд қайд кард, ки усули коммуникатсионӣ, бешубҳа аз ҳама самараноктарин тарзи омӯзиши забони хориҷӣ дар ҳоли ҳозир мебошад. Бо шарофати ин метод донишҷӯён имконияти аз худ кардани забони хориҷиро дар сатҳи шоиста дошта, аз мушкилоти зиёде дар омӯзиш канорачӯй мекунанд. Ҳамин тариқ, дарсҳое, ки бо истифода аз методи коммуникативӣ мегузаранд, ҳеҷ вақт донишҷӯёнро дилгир намекунанд, ки ин далели хеле муҳим мебошад.

Адабиёт:

1. Виторова Е –Специфические коммуникатиные единицы диологической речи. – Волгоград, 2001.
2. Китайгородская Г.А. Методы интенсивного обучения иностранным языкам. – Москва, 1986. – 165 с.
3. Коммуникативное обучение - в практику школы / Под ред. Е. И. Пассова. – М., 1985. – 155 с.
4. Концепция коммуникативного обучения иноязычной культуре в средней школе / Под ред. Артемовой С. С., Пассова Е. И. и др. – М.: Просвещение, 1993. – 99 с.
5. Методика обучения иностранным языкам в средней школе: Учебник / Под ред. Гез Н. И., Ляховитс М. В., Миролюбова А. А. и др. – М.: Высшая школа, 1982. – 115 с.
6. Пассов Е. И. Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению. – Москва: Просвещение, 1991. – 147 с.

Калидвожаҳо: *методҳои анъанавӣ, методи коммуникативӣ, нақши омӯзгор, таълими забони англисӣ, муошират.*

Аннотация

РЕАЛИЗАЦИЯ КОММУНИКАТИВНОГО МЕТОДА ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

Данная статья рассматривает актуальный вопрос выявления наиболее эффективной методики обучения иностранным языкам в вузах. На сегодняшний день изучение иностранных языков играет чрезвычайно важную роль. Люди во всём мире стремятся свободно владеть двумя и более языками. Это обусловлено тем, изучение иностранного языка способствует развитию коммуникативной компетенции, формирует способность использовать его в качестве инструмента взаимодействия и общения людей, что на сегодняшний день играет важную роль для построения успешной карьеры, поэтому задача ВУЗа – обеспечить определенный уровень владения иностранным языком среди студентов. Для достижения этой цели, в данной статье рассматривается коммуникативная методика преподавания иностранных языков, её особенности, преимущества и недостатки а также рекомендации, которых необходимо придерживаться при построении урока для того, чтобы обучение было более эффективным.

Ключевые слова: *традиционные методы, коммуникативный метод, роль учителя, обучение английскому языку, общение.*

Annotation

IMPLEMENTATION OF THE COMMUNICATIVE METHOD OF TEACHING ENGLISH IN HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article covers the burning issue of the most effective method for learning foreign languages at universities. Nowadays, learning foreign languages is most importance. People over the world aim to speak two or more foreign languages. It is closely connected with the fact that learning foreign languages can develop communicative competence and form the ability to use the language for communication. These skills are important for life in general and for successful career in particular. Thus, the goal of universities is to provide students with a certain level of a foreign language. The answer to question “how to achieve this goal” is thoroughly covered in this article. It touches upon the communicative approach, its features, advantages, disadvantages and proposes some recommendations that will make the lesson more efficient.

Keywords: *traditional methods, communicative method, teacher's role, teaching of English, communication.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ёғибекова Ҳадиса, магистранти кафедраи забони англисии факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 900110053. Email: Yoghibekovahad@mail.ru

Роҳбари илмӣ: Карабаев Б. Б.

Сведения об авторе: Ёгибекова Хадиса, магистрантка кафедры английского языка факультета английского языка Таджикского государственного педогогического университета имени Садриддин Айни. Тел.: +992 900110053. Email: Yoghibekovahad@mail.ru

Научный руководитель: Карабаев Б. Б.

About theauthor: Yoghibekova Hadisa, master of English language faculty English language department, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: +992 900110053. Email: Yoghibekovahad@mail.ru

Scientific leader: Karabaev B. B.

Ёгибекова Ҳадиса Шергозиевна,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ИНТЕНСИВӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Вақтҳои охир мақоми забони хориҷӣ дар ҷамъияти мо хеле тағйир ёфтааст. Воридшавии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттиҳоди ҷаҳонӣ, тағйиротҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ, талабот ба аз худкунии забони хориҷӣ, бахусус забони англисӣ оварда, заминаи пурқувватеро барои ҳавасмандгардонии мардум фароҳам овард. Дар айни ҳол донистани забони хориҷӣ дигар шукӯҳу шаҳомат нест, балки зарурат аст. Барои омӯхтани он тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф“ ва барномаҳои миллии омода намудани кадрҳои баландихтисос, низоми муккамали таълими забони хориҷӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки ба ташакулдиҳии инкишофи муташаккил, баландмаърифат ва тафаккури замонавии насли наврас ва дар оянда ҳамгироии мамлакат ба фазои ягонаи умумиҷаҳонии таҳсилот оварда мерасонад.

Дар ҷомеаи муосир нақши забонҳои хориҷӣ ҳамарӯза меафзояд. Донистани забони хориҷӣ ба ҷавонон имкони пайвастан ба маданияти ҷаҳонӣ, истифода намудани имкониятҳои васеи Интернет дар фаъолияти худ ва инчунин кор бо иттилоот ва технологияҳои иртиботӣ ва воситаҳои мултимедии таълимро фароҳам меорад. Яке аз роҳҳои зуд аз худ намудани забони хориҷӣ – ин истифодаи методҳои интерсивӣ мебошанд.

Ҳоло истифодабарии методҳои интенсивӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ торафт маъмул мешавад. Дар аосои вазифаи асосии тайёрии пурзури контингенти калонсол – дар муҳлати кӯтоҳтарин аз худ намудани малакаҳои муошират забони хориҷӣ ду омили асосии тавсифкунандаи омӯзиши интенсивӣ вуҷуд дорад:

1. Ҳадди ақали давраи барои ноил шудан ба ҳадаф бо ҳаҷми максималии
барои ин мақсад зарур маводи таълимӣ ва ташкили дахлдори он;

2. Ҳадди аксар истифода намудани тамоми захираҳои шахсияти донишҷӯ, ки дар дар шароити ҳамкории махсус дар гурӯҳ ва таъсири эҷодии муаллим ба даст оварда шудааст.

Дар давоми даҳсолаҳои охир методологияи таълими забони хориҷӣ дар зери аломати омӯзиши коммуникатсия инкишоф меёбад. Беҳамтоии сифати усули интенсивӣ дар он аст, ки дар он ақидаҳо ба амалҳои табиӣ тарҷума шудаанд ва дар натиҷа технологияи интегралӣ ва самарабахши таълими интенсивӣ ба вуҷуд омад, ки дар доираи он механизмҳои муносиби муошират таҳия шудаанд.

Хусусиятиҳои ин технология инҳоянд:

1) Дар истфодабарии ҳиллаҳое, ки равандҳои зеҳнӣ ва зери зеҳниро дар дарки васеъ ва муҳими асосҳои забон ба вуҷуд меорад;

1) Ҳангоми таҳияи вазифаҳое, ки муоширатро ҳавасманд мекунанд;

2) Дар ташкили ҳамкории гурӯҳии донишҷуён байни худ ва бо муаллим;

Айни замон таълими забонҳои хориҷӣ босуръат идома дорад ва ҳамчун самти амалӣ дар низоми методологияи гуногун ба ҳисоб меравад. Дар доираи самти интенсиви мавчуда ва системаҳои нави методӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Ин ба гуногунии ҳадафҳои мушаххаси омӯзиши забони хориҷӣ ва инчунин ба шароити гуногунҷабҳаи омӯзиш вобаста аст.

Методҳои интенсивии таълим ба методи суггестивӣ асос ёфтааст. Ин метод дар охири солҳҳои 60-ум аз тарафи психотерапевти булғор Георгий Лозанов таҳия карда шудааст. Вай методи суггестивиро ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба донишҷӯён дар фаъолсозии қобилиятҳои захиравии шахс ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ истифода бурдааст.

Суггетсия - ин восита асосан таъсироти бевоситаи коммуникативӣ ба шахс буда, барои ба кор андохтани имкониятҳои захиравии шахс шароит муҳаё мекунад. Г.Лозанов се намуди суггетсияро ҷудо кардааст, ки дар рафти омӯзиш ва барои бартарф кардани монеаҳои психологии донишҷӯён истифода бурда мешаванд:

1) Суггетсияи психологӣ. Муаллим бо назардошти таъсироти омилҳои равониву эҳсосотӣ ва бо истифода аз шаклҳои мантиқии пешниҳоди мавод дарс мегузарад.

2) Суггетсияи дидактикӣ. Дар дарсҳо усулҳои махсусе истифода мешаванд, ки таълимро фаъол мегардонанд.

3) Суггетсияи бадеӣ. Муаллим бо мақсади таъсироти эҳсосотӣ ба талабаҳо ва мутобиқгардонӣ онҳо ба дарс, навъҳои гуногуни санъатро (мусиқӣ, расомӣ, элементҳои театр) истифода мебарад.

Ҳолатҳои асосии суггетсия инҳоянд:

1) Омӯзиш бояд хурсандона ва ором бошад.

2) Он бояд ҳам дар зеҳн ва ҳам дар зери зеҳн амалӣ карда шавад.

3) Одатан дар омӯзиш бояд захираҳои истифоданашудаи зеҳнӣ бо мақсади баланд бардоштани натиҷадиҳӣ истифода карда шавад. Ин захираҳо метавонанд бо ёрии пешниҳод муайян карда мешавад.

Ақидаҳои Г. Лозанов нуқтаи ибтидоии сохтани силсила методҳои интенсивии таълими забони хориҷӣ гардиданд, ки ҳар яки онҳо захираҳои минбаъдаи зиёд кардани самараи таълимро ошкор месозад.

Пайравони Г. Лозанов, ки ақидаҳои ӯро инкишоф додаанд инҳоянд: Г.А. Китайгородская, Н.В. Смирнова, И.Ю. Шехтер, Л.Ш. Гегечкори, В.В. Петрусинский ва ғайраҳо. Аз ҳама усули машҳуртарин айни замон усули фаъолгардонии имкониятҳои захиравии шахсият ва гурӯҳии Г.А. Китайгорская мебошад. Муаллифи ин усул ба амалиёти гурӯҳии аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Усули фаъолсози Г.А. Китайгорская чунин шартҳои асосии методологие, ки самараи равандро таъмин мекунад, дар назар дорад:

1) шаклҳои гуногуни ҳамкории гурӯҳӣ;

2) муошират ба шахсият нигаронидашуда;

3) ташкили нақши раванди таълим;

4) тамаркуз дар ташкили маводи таълимӣ ва раванди таълим:

5) бисёрфунксияналии машқҳо;

Ин принсипҳои усули фаъолгардонӣ хеле равшан ва пурра дар консепсияи таълими интенсивии забони хориҷӣ инъикос ёфтаанд. Техникаи интенсивӣ вазифаҳои зеринро ҳал мекунад:

1) Омезиши мутаносиби усулҳои асосии таълим бо рушди шахсият дар раванди таълим;

2) Эҷоди ҳавасмандии лаҳзае барои рушди омӯзиш ва ҳавасмандии муошират наздик ба воқеӣ;

3) Бартараф намудани монеаҳои равонӣ;

4) Дар амалия фаъолона истифода бурдани материали гирифташуда ва дар амали шифоиву хатттӣ татбиқ намудани он;

5) Аз худ намудани масолеҳ дар муддати кӯтоҳтарин;

6) Самараи баланд ва бевоситаи таълим;

Васеъ кардани ҳадафҳои таълим дар курси пешниҳодии донишгоҳ фаъолсозии малакаҳои пештари нутқ, ташаккули дараҷаи баланди салоҳияти коммуникатсиони инчунин чуқуртар ба тартиб андохтани дониши грамматикии донишҷӯёнро таъмин мекунад.

Муқаррароти зерин метавонад асосҳои курси интенсивии таҳсилоти олиро баррасӣ кард:

1. Таъсироти мутақобили суггестопедия бо равиши фаъолияти системаноки коммуникативӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ. Баҳисобгирии омилҳои коммуникативӣ дар баробари пешниҳодкунанда ба оптимизатсияи протсеси таълими муошират забони хориҷӣ кӯмак мекунанд. Равиши шахсият-фаъолият донишҷӯро дар протсеси таълим симои марказӣ мегардонад. Системасозии дониши забонӣ дар асоси фаъолияти коммуникативии донишҷӯён, ба баланд шудани умумии сатҳи салоҳияти коммуникативии онҳо ёрӣ мерасонад.

2. Худшиносии шахсият тавассути омӯзиши забон. Забони хориҷӣ маводи таъсиррасон ба шахсияти донишҷӯ шуда, дар вай худбаҳодиҳӣ, худшиносӣ, худсайқаддиҳӣ ва дигар маҳорату малакаҳоро сайқал медиҳад.

3. Ҳавасмандии максималии ҳолатҳои таълимӣ. Курси интенсивии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳайси яке шартҳои асосии пешбарандаи максималии баназаргирии манфиати донишҷӯёнро дар ҳолати муносибати коммуникативии мутақобила дар дарсро ба миён мегузорад. Таъмини ҳавасмандкунӣ дар ҳар марҳилаи дарс таваҷҷуҳро ба фикру ақидаи ҳар як иштирокчии муошират ва эҳтиром ба нуқтаи назари ӯ пешбинӣ менамояд.

4. Пуршавии мусбати эҳсосотии ҷузъҳои омӯзиш. Суггестопедия шуморо маҷбур мекунад, ки чунин усулҳои таълимро, ки хомӯшанд мекунанд, аз нав дида бароед, асосан дар бораи роҳҳои мантиқии дарк ва шинохти воқеият. Ворид намудани омилҳои эмотсионалӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба таври назаррас дар раванди аз худкунӣ ва кушодани дурнамои нав дар таҳияи усулҳои таълимии ФЛ фаъол мегардад. Тамоми фазои дарсҳо тавре ташкил шудааст, ки аз худкунии забон бо эҳсосоти мусбат ҳамроҳӣ мекунад. Аз як тараф ин як омили хеле хуб аст барои ҳавасмандкунӣ ва нигоҳ доштани таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ. Аз тарафи дигар, фаъолияти зеҳнии донишҷӯён бо эҳсосот дастгирӣ карда мешавад, самарабахш ёд гирифтани материал ва аз худ намудани малакаҳои нутқиро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ методҳои интенсивӣ бо қувваи назаррас ба методикаи умумии таълими забони хориҷӣ мусоидат менамояд. Муваффақиятҳои методҳои интенсивӣ дар соҳаи фаъолгардонии протсессҳои дарк ва аз худкунии материалҳои асосҳои муошират дар ошкор намудани захираҳои нави ҳавасмандгардонии вай ва инкишофдиҳии шаклҳои муътадили ҳамкории коллектив гарданд ва зудтар дар донишгоҳҳо бо мақсади баланд бардоштани нуфуз ва самаранокии он ва баланд бардоштани самаранокии протсессии таълим ҷорӣ шавад. Аз ин рӯ кори таъхирнопазир барои имрӯз ин мутобиқ намудани методҳои интенсивӣ дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Банникова Л. С. Методика преподавания иностранных языков и технические средства обучения, 2006. – 82 с.
2. Денисова Л. Г. Место интенсивной методики в системе обучения иностранным языкам в средней школе. – 1995. – С. 38-40.
3. Душеина Т. В. Проектная методика на уроках иностранного языка. – М.: 2003, №5. – С. 38-40.
4. Китайгородская Г. А. Интенсивное обучение иностранным языкам. – М.: 1980, №2. – С. 67-73.
5. Китайгородская Г. А. Принципы интенсивного обучение иностранным языкам. – М.: 1988, №6. С. 3-8.
6. Конышаева А. В. Английский язык. Современные методы обучения. – М.: Тетра Систем, 2007. – 352 с.
7. Мильруд Р. П. Актуальные проблемы методики обучения иностранным языкам за рубежом. – М., 2004. -С. 34-40.
8. Полат Е. С. Метод проектов на уроках иностранного языка. – М., 2000. – С. 3-10.
9. Рабинович Ф. М. Интенсивные методы обучения иностранным языкам и средная школа. – М., 1991. – С. 9-17.
10. Салтовская Г. Н. Модульная технология обучения иностранному языку. – М.: 2007, №7. - С. 7-11.

Калидвожаҳо: *методҳои интенсивӣ, усулҳои фаъолсозӣ, захираҳои зеҳнӣ, методҳои муосири таълим, забонҳои хориҷӣ.*

Аннотация

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРИМЕНЕНИЯ ИНТЕНСИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

В данной статье проведен подробный анализ одого из основных современных методических систем обучения иностранным языкам – интенсивных методов обучения и определён их методическая ценность с точки зрения их эффективности и результативности в обучении иностранным языкам. Здесь анализируется информация о структуре, важности и принципах реализации интенсивных методов.

Ключевые слова: *интенсивные методы, способы активизации, умственный капитал, современные методы обучения, иностранные языки.*

Annotation

METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR THE USE OF INTENSIVE METHODS OF TEACHING A FOREIGN LANGUAGE

This article provides a detailed analysis of one of the main modern methodological systems of teaching foreign languages intensive method and determined their methodological value in terms of their effectiveness and performance in teaching foreign languages. The article also collected information about the structure, importance and principles of the implementation of intensive methods.

Keywords: *intensive methods, activation methods, mental capital, modern teaching methods, foreign languages.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ёғибекова Ҳадиса, магистранти кафедраи забони англисии факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 900110053. Email: Yoghibekovahad@mail.ru

Роҳбари илмӣ: Карабаев Б. Б.

Сведения об авторе: Ёгибекова Хадиса, магистрантка кафедры английского языка факультета английского языка Таджикского государственного педогогического университета имени Садриддин Айни. Тел.: +992 900110053. Email: Yoghibekovahad@mail.ru

Научный руководитель: Карабаев Б. Б.

About the author: Yoghibekova Hadisa, master of English language faculty English language department, Tajik State Pedagogical University named after SadriddinAini. Phone: +992 900110053. Email: Yoghibekovahad@mail.ru

Scientific leader: Karabaev B. B.

Рустамова Мавҷигул Раҷабалиевна,
магистранти соли дуюми факултети математика

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУЛТИМЕДИЯВӢ ДАР ТАЪЛИМ

Технологияҳои мултимедиявӣ дар соҳаи маориф ҳар рӯз бештар истифода мешаванд: дар мактабҳо ва донишгоҳҳо, барои гирифтани донишҳои фардӣ лозиманд.

Ҷомеаи муосирро, ҷомеаи иттиолотӣ меноманд, чунки иттиолот на танҳо дастрасии кушод ба ҳама манбаъҳо, балки инчунин бо афзоиши қариб ҳаррӯзаи ҳаҷми онҳо мебошад. Омӯзиш истисно нест: омезиши рушди нав бо технологияҳои исботшуда суръати бозгашти даромадро таъмин мекунад.

Корҳои мустақилона бо иттилооти дорои хусусияти гуногун дошта кафолати рушди тафаккур ва ҷаҳонбинро нишон медиҳад, ки барои мавҷудият дар шароити муосир оптималӣ мебошанд.

Навсозии усулҳои таълим густариши истифодаи технологияҳои мултимедиявиро дар таълим тақозо мекунад. Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки мактаби комилан олӣ ва миёнаро созмон диҳем, самаранокии дарсҳоро ба таври назаррас баланд бардорем ва раванди ба даст овардани донишро фардӣ кунем.

Дар солҳои охир ба хамагон маълум аст, ки иттиолотро одамон бо якчанд намуд дарк карда метавонанд - ба таври визуалӣ, бо ёрии шунавоӣ ё татбиқи амалӣ, аммо ҷанбаҳои дигари нозуки шахсиятҳое ҳастанд, ки ҳангоми фароҳам овардани шароити баробар ба назар гирифта намешаванд ва дар ниҳоят, майл ва суръати коркарди иттилооти воридшаванда дар ҳама гуногун аст, ки онҳоро бо технологияи мултимедияви ба ҷо оварда мешавад.

Имкониятҳои истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ дар таълим бо афзалиятҳои возеҳ тавсиф мешаванд:

- танзими дақиқи усулҳои ба даст овардани тағйирёбии дониш;
- рушди сифатҳои шахсии шахсӣ;
- иштироки фаъолона дар равандҳои омӯзиш;
- баланд шудани сифати пешниҳоди мавод;
- бо истифода аз усулҳои интуитивӣ;
- эҷодкорӣ ва робитаи мустақим бо субъектҳои омӯхташуда.

Компютеризатсия, махсусан, барои таълими забонҳои хориҷӣ арзишманд аст. Эҷоди муҳити зарурӣ, гӯш кардан ва дарки визуалӣ, самаранокии фаҳмиши мавзуъро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Инчунин ҷорӣ намудани лабораторияҳои виртуалӣ, ки он ба мо имкон медиҳад, ки бевосита дар таҷрибаҳо иштирок кунем, ҳатто агар дар он ҷо имконияти техникии гузаронидани дарс вуҷуд надошта бошад, низ арзишманд аст.

Хусусиятҳои технологияҳои мултимедиявӣ. Истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ аз таъсири ҳамаҷониба ба системаҳои дарки инсон вобаста аст.

Системаҳои мултимедиявии интерактивӣ ҳамзамон интиқол медиҳанд:

- садо;
- видео;
- аниматсия;
- графика;
- матнҳо;

Хусусан намудҳои дарсҳо бо истифода аз ин усулҳо самаранок мебошанд, вақте ки ба донишҷӯ на нақши ғайрифаъоли нозир, балки иштирокчии асосӣ, ки бевосита ба ҷараёни ҳодисаҳо таъсир мерасонад, таъин карда шавад.

Аммо, он дарсҳое, ки муаллим ҳадди аққал проектор бо презентатсия ё сабти аудиоии иттилооти муҳимро истифода мебарад, низ мултимедиявӣ мебошанд.

Қариб ҳамаи донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ҷуфтҳои лабораториро бо дарсҳои компютерӣ муттаҳид мекунанд, ки бо хароҷоти камтар амал мекунанд.

Дар алоҳидагӣ, ба рушди фаъолонаи равиши комилан нави таълим, ки тавоноии технологияҳои мултимедиявиро пурра истифода мебарад, таъкид кардан бамаврид аст.

Edutainment ҳамзамон омӯзиш ва фароғатро муттаҳид мекунад.

Коршиносон дарёфтанд, ки ба даст овардан ва коркарди босуръати иттилооти нав дар кӯдакӣ сабаби аслии на танҳо маҳсулнокии мағзи сар, балки муносибати сифатан гуногун ба пешниҳоди мавод аст. Ин аст, ки муаллимони забони хориҷӣ ба донишҷӯёни худ маслиҳат медиҳанд, ки филмҳоро бо асли субтитрҳои русӣ тамошо кунанд, аз рӯи ҳамин принсип бозӣ кунанд ва бо дӯстон омӯзанд. Ҳар қадар раванди омӯзиш ҷолиб ва шавқовар бошад, натиҷа ҳамон қадар беҳтар хоҳад буд.

Сохтори нави омӯзиш. Усулҳои омӯзиши мултимедиявӣ, ки технологияҳои онҳо дар ҳама ҷо фаъолона ҷорӣ карда мешаванд, низ модели таълимро тағйир доданд.

Донишҷӯ дигар имконият дорад, ки мисли маводи лексияи стандартӣ аз маводи мудтимедияви низ истифода барад. Ҳоло маҳз ӯ мушкилотро ҳал мекунад, бевосита бо кумаки техника амал мекунад ва муаллим танҳо дар ҳолати зарурӣ дастгирии мекунад. Мутаносибан, самаранокии арзёбӣ меафзояд: "фиреб додан" -и компютер мушкилтар аст ва усулҳои инкори дониши амиқтари ин мавзуъро талаб мекунанд, ки ин аллакай худ аз худ натиҷаи он аст. Илова бар ин, техника дилсузии шахсиро нишон намедиҳад.

Қайд кардан, махсусан муҳим аст, ки имрӯз донистани бисёр иттиолот ва моҳияти он, фаҳмидани зарурияти он муҳим аст, ки ин “бисёр” -ро аз куҷо ёфтан мумкин аст ва чӣ тавр истифода бурдани он мебошад. Рушди мантиқ барои ҳама афзалияти асосии технологияҳои мултимедиявӣ дар таълим аст.

Технологияи мултимедиявӣ ба омӯзгорон кӯмак мерасонад.

Рушди интернет имкон медиҳад, ки донишҷӯён аз гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон бо як муаллим таҳсил кунанд. Барои ин, вақти оғоз ва давомнокии дарсҳоро интихоб кардан лозим аст ва инчунин онҳоро дар ҳама ҷо ҷорӣ кардан мумкин аст. Ҳоло дар донишгоҳҳо ин гуна технологияҳоро ва тренерони онлайни дорои мушаххасоти мухталиф дошта амалӣ мекунанд.

Технологияҳои педагогии мултимедиявӣ дар дарсҳои оддӣ дар шаклҳои зерин истифода мешаванд:

Эҷоди презентатсияҳо. Ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои нав барои ҷалби таваҷҷуҳи донишҷӯён самаранок аст. Ба мо имкон медиҳад, ки динамикаи равандҳоро дар миқёси гуногун нишон диҳем. Имрӯз мо метавонем ҷариб дар ҳама мавзуъҳо муаррифии тайёрро пайдо кунем ва муаллим инчунин метавонад онро худаш созад, вақт ва маводи муаррифиро оптимизатсия кунад.

Арзёбии дониш. Супоришҳои тестӣ, аз ҷумла супоришҳои тасвирӣ, инчунин иҷрои корҳои амалӣ дар компютер ба мо имкон медиҳанд, ки мониторинги самаранокии омӯзишро ба сатҳи куллӣ нав бардорем. Плюс барои омӯзгор - баҳисобгирии сода кардашудаи холҳои умумӣ ва миёнаи ҳамаи донишҷӯён бо истифода аз барномаҳои махсус мебошад.

Лоиҳаҳои донишҷӯён. Омӯзиши мустақилона бо PowerPoint ё муҳаррирони видео барои донишҷӯ як оғози қавӣ аст. Он ба мо имкон медиҳад, ки тарзи сохтани иттилоот, ҷузъҳои мантиқии дурусти намудҳои гуногуни даркро интихоб кунем ва ҳамзамон малакаҳои идоракунии мустақими барномаҳоро такмил диҳем.

Ҳамин тариқ, рушди эҷодкорӣ танҳо ҳавасманд карда мешавад. Шояд на ҳама метавонанд зебо расм кашанд, аммо сохтани коллаж аз унсурҳои омодашуда кори осонтар аст, ки ба ҳар ҳол захираҳои зеҳнии бештарро дар бар мегирад.

Омӯзиши технологияи мултимедиявӣ худ аз худ мантиқ, эҷодкорӣ ва қобилияти идоракунии равандҳоро бо воситаҳои технологияи мултимедиявии мавҷуда талаб карда мешавад.

Барои эҷоди мусиқии босифат бо ёрии технология, дониш на танҳо дар бораи солфеджио, балки ҳадди аққал аз нуқтаи назари хусусиятҳои ҳар як асбоб, яъне он чизе, ки дар мактабҳои махсус таълим дода мешавад, ва илова бар он миқдори зиёди таҷҳизот ва нармафзор лозим аст.

Айнан ҳамин чизро барои расмкашӣ низ гуфтан мумкин аст.

Маҳз ин одамони эҷодкор на танҳо самтҳои комилан нави санъатро эҷод мекунанд, балки барномаҳои беназири таълимиро таҳия карданд, ки он якҷоя мешаванд иҷро мекунанд:

- ҳама гуна маълумот;
- мушаххасот ва возеҳӣ;
- маводи аслӣ;
- рушди мустақилона;
- бозгашти самаранок;
- муаррифии ғайри стандартӣ;

Технологияҳои омӯзишии мултимедиявӣ ҳадди аққал истифодаи фаъолонаи захираҳои интернетӣ мебошанд, ки мо ҳеҷ касро ба ҳайрат намеорем, аммо ҳадди аксар имконияти эҷоди як раванди инфиродӣ, фароғатӣ, муоссир ва фосилавӣ, ки ба зеҳни умумӣ имкон медиҳад, ки потенсиали инсониятро барои рушди фаъолона баланд бардорад.

Инчунин технологияҳои мултимедиявӣ дар таълим дар намоишгоҳҳои Expocentre парчамбардори саноати экспозитсияи мо мебошанд. Ин на танҳо шоистагии минтақаҳои азим дар маркази пойтахт аст, ки беш аз ним аср ба таври таъиншуда таъиноти худ - барои амалӣ намудани ҳавасмандгардонии рушд ва дастгирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт истифода мешуданд аз они кишвар ва ҷаҳон аст.

Муҳимтарин дастоварди Expocentre эҷоди лоиҳаҳои хуб мебошад, ки имрӯз на танҳо аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ эътироф шудаанд, балки бузургтарин намоишгоҳҳои Итиҳоди

Давлатҳои Мустақил ба ҳисоб мераванд. Гарчанде ки аксари намоишгоҳҳо ба ҳавасмандкунии саноат бахшида шудаанд, як намунаи классикии як чорабинии муосири реклама мебошад.

Маҳз дар намоишгоҳи реклама коршиносони пешсафи соҳа барои бастани шартномаҳо ва намоиш додани дастовардҳои охирин ҷамъ меоянд. Ба рушди технологияҳои мултимедиявӣ дар ҳама соҳаҳо диққати махсус дода мешавад. Дарсҳо ҳам истисно нестанд.

Адабиёт:

1. Акиньшина Л. В., Шейкер, Т. Д. Современные информационные технологии в обучении. – Владивосток: Изд-во ДВГТУ, 2007. – 211 с.
2. Батин Н. В. Основы информационных технологий. – Минск: Институт подготовки научных кадров Нац. акад. наук Беларуси, 2008. – 235 с.
3. Борзенко В. С. Программное обеспечение для мультимедиа. – HARD&SOFT, 2008. №2. – С. 37-41.
4. Информатика / под ред. проф. Ю. А. Романовой. – М.: Эксмо, 2005. – 322 с.
5. Колганов А. А. Системы мультимедиа сегодня. – HARD&SOFT, 2008. №4. – С. 56-58.
6. Острейковский В. А. Информатика. – М.: Высшая школа, 2011. – 319 с.
7. Новосельцев С. В. Мультимедиа - синтез трех стихий. – Компьютер-Пресс, 2007. №1. – С. 42-45.

Калидвожаҳо: *мултимедиа, компютер, барнома, техника, презентатсияҳо, технология, интернет, таълим, информатика, таълим.*

Аннотация

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАНИИ

В статье показано, что обсуждается использование мультимедийных средств в учебном процессе и его эффективность в обучении. Для повышения уровня знаний студентов необходимо использовать мультимедийные технологии, такие как PowerPoint, видеоплеер и другие мультимедийные инструменты, использование которых ведет к эффективному обучению.

Ключевые слова: *мультимедиа, компьютер, программное обеспечение, оборудование, презентации, технологии, Интернет, образование, информатика, образование.*

Annotation

THE USE OF MULTIMEDIA TECHNOLOGY IN EDUCATION

The article shows that the use of multimedia in the educational process and its effectiveness in teaching are discussed. To improve the level of students' knowledge, it is necessary to use multimedia technologies such as PowerPoint, video player and other multimedia tools. Because the use of multimedia programs leads to effective learning.

Keywords: *multimedia, computer, software, equipment, presentations, technologies, Internet, education, informatics, education.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Рустамова Мавҷигул Рачабалиевна, магистранти соли дуюми факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷиксистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 988327871

Роҳбари илмӣ: Латипов С.

Сведения об авторе: Рустамова Мавджигул Раджабалиевна, магистантка второго курса факультета математики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 988327871

Научный руководитель: Латипов С.

About the author: Rustamova Mavjigul Rajabalievna, 2-nd year Master of Mathematics, Informatics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 988327871

Scientific adviser: Latipov S.

Табаров Рустам Давлатмуродович,
магистранти соли якуми факултети биология

ТАРЗИ ИСТИФОДАИ МАВОДҲОИ АЁНӢ ДАР ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Ба воситаҳои аёнӣ ҳамчун системаи дидактикӣ дорои чунин гурӯҳбандӣ мебошад: воситаҳои ашёӣ (предметӣ), амалӣ (намоишдиҳии таҷрибаҳо), зеҳнӣ (ҷустуҷӯии ақлонӣ), пуртаъсир (хурӯшонӣ). Алалхусус, чуноне, ки мебинем, тамоми асбобҳои аёнӣ, аз он ҷумла воситаҳои техникии замонавии омӯзиш, таҷҳизоти лабораторӣ, маводҳои дидактикӣ, адабиёти таълимӣ, далелҳои эҳсоиявӣ, асбобу лавозимоти зарурӣ барои омӯзиши фанҳои меҳнат, табиатшиносӣ, биология, кимиё, физика, таърих, ҷуғрофия, тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра дохил мешавад.

Илова бар ин воситаҳои аёнӣ намудҳои намоиш додани таҷрибаҳо, барои рушду нумӯи ақлонии толибилмон воситаҳои зеҳнӣ ва пуртаъсирро дар шароити кабинетӣ, лабораторӣ, устохона, қитъаи таҷибавии наздимактабӣ низ истифода мебаранд. Бахусус восиатҳои омӯзиш дар ҳар синф аз ҳамаи фанҳои тадрисӣ бо назардошти ба ҳисоб гирифтани синну сол ва сатҳи дониши дастпарварон сурат мегирад.

К. Д. Ушинский зурурияти аёниятро ин тавр асоснок карда буд: “***бачаҳо бо рангу бор, шаклҳо ва образҳо фикр мекунанд, аз ин рӯ ҳамаи чизҳои бо ёрии аёнийат омӯхташаванда ҳам тез – тез аз худ карда мешаванд ва ҳам дуру дароз пойдор мемонанд. Ҳамин тавр, аёнийат сифати азхудкунии маводи таълимиро баланд бардошта, боиси равшану возеҳ ва бошуурона фаҳмидашавии донишҳои талабагон мадад мерасонад”.***

Ҳоло мо ба шарҳи ҳар як гурӯҳи воситаҳои аёнӣ таваққуф мекунем. ба ин гурӯҳ маҷмӯи воситаҳои зиёди ашёҳои дидактикӣ, ки мавриди таълим воситаҳои предметӣ (ашёӣ) истифода бурда мешаванд, тааллуқ доранд. Онҳоро мо боз шартан ба чунин қисматҳо тақсим мекунем: асли воситаҳо (китобҳои дарсӣ, меваҷот, сабзавот ва ғ.), воситаҳои гуногуни тасвирӣ (сурати ашёҳо, ҳайвонот, растанӣ ва ғ.), графикӣ (ҷадвалҳо, нақшаҳо, тарҳҳо, феҳрист), мулӯҳ (мева, сабзавот ва ашёҳои аз мум, гаҷ сохташуда), хӯсаҳо (ҳайвонот ва паррандаҳое, ки ба пӯсташон коҳ ҷой карда барои намоиш мегузоранд: хирс, гуроз, уқоб ва ғ.), воситахои рамзӣ (глобус, харитахо, атласҳо, нишони давлатӣ ва ғ.), реактивҳои кимиёвӣ, препаратҳои таълимӣ (организми ҳайвон ё растанӣ: ситораи баҳрӣ, кирмаки пилла, калтакалос, мор, қурбоққа, ки дар зарфҳои шишагӣ нигоҳ дошта мешаванд), скелет (устухонбандии ҳайвонот, одам ва ғ.), воситаҳои техникӣ (кино, радио, диафилмҳо, диапозитивҳо, компютер ва ғ.).

Роҳҳои истифодабарии аёнийат. Тамоми воситаҳои аёнии номбурда аз тарафи омӯзгор ба тариқи шифоҳӣ бо ду роҳ истифода бурда мешавад: **тасвир ва намоиш**. Роҳи тасвир онро гӯянд, ки муаллим маводи таълимиро бо нишон додани асли ашёҳо: сурат, ҷадвал, харита ва ғайраҳо баррасӣ менамояд. Роҳи намоиш бошад, одатан, ба намоиш додани асбобҳо, таҷрибаҳо, препаратҳои гуногун, кинофилм, диафилмҳо ва ғайраҳо вобаста аст. Чунончи, муаллим дар синфи IV аз табиатшиносӣ сабаби пайдоиши бод (шамол) – ро бо намоиш додани таҷрибаи оддӣ исбот мекунад: пайдоиши бод аз ҷойивазкунии ҳавои сарду гарм ба миён меояд. Ҳавои сард вазнин, ҳавои гарм сабук аст. Ҳавои сард ҳавои гармро ба боло фишор медиҳад. Инро мо ҳозир таҷриба карда месанҷем. Муаллим шамъро гиронда, дари синфхонаро кушод ва шамъро дар остонаи дар нигоҳ дошт – забонаи шамъ ба дохил майл кард. Сипас шамъро ба болои дар гузошт ва забонаи он ба берун майл намуд. Муаллим фаҳмонд, ки аз поёни дар ба дарун ҳавои сард ва ба берун ҳавои гарм ҳаракат дорад. Ин гардиши ҳаво дар берун яъне дар фазои озод шамолро ҳосил мекунад, баъзан он сахт мевазад.

Барои пешрафти дарсҳои биология пеш аз ҳама маводҳои ёридиҳанда аз ҷумла таҷҳизоти мухталифи лабороторӣ зарур аст. Омӯзиши микропрепаратҳо бе микроскоп имконнопазир аст. Хеле хуб мешуд, ки агар дар мактабҳо асбобҳои калонкунанда ба монандӣ: лупайи дастӣ ва штативӣ, микроскопи рушноӣ ва микроскопи электронӣ дида мешуд, барои азхудкунии хонандагон кумак мерасонд.

Намоиши кинои таълимӣ. Истифода бурдани намоиши кинои таълимӣ ё аёнияти муҳаррикӣ дар таҷрибаи омӯзиш ба ҳодисаи анъанавӣ табдил ёфтааст, кӯдаконро барои чуқур омӯхтани маводи тадрисӣ меангезонад. Дар тамоми шаҳру ноҳияҳо филматекҳо ташкил карда шудаанд, ки бо дархости муаллимон филмҳои заруриро мефиристанд. Рӯйхати филмҳои асосии таълимӣ дар барномаҳои мактаб инъикос ёфтаанд, ки дар интихоби онҳо ба муаллимон сабукӣ меорад. Дар раванди таълим филмҳо вобаста ба талаботи мавзуъ гоҳ пурра ва гоҳ кино порчаҳо

намоиш дода мешаванд. Кино порчаҳо бо масъалаҳои алоҳидаи мавзуъ мансубанд. Барои омӯхтани мавзуи нав ва мустаҳкам кардани он филмҳои таълимӣ аҳамияти калон доранд.

Пеш аз он ки филм ба талабагон намоиш дода шавад, муаллим онро бояд аз назар гузаронад, саволҳои зарурӣ тартиб диҳад ва мавриди намоиш диққати шогирдонро ба он масъалаҳои асосӣ ҷалб намояд. Дар охир аз намоиши филм хулосаҳо бароварда мешавад.

Намоиши телевизиони таълимӣ. Намоиши аёнии телевизиони таълимӣ оммавӣ гаштааст. Барои мактаб, омӯзишгоҳҳои техникӣ ва мактабҳои олӣ телефилмҳои зиёд таҳия карда шудаанд. Ба ин муносибат дар баъзе мактабҳо ҷадвали машғулиятҳо тартиб дода шудааст ва онҳоро дар кабинетҳои таълимӣ намоиш медиҳанд.

Ҳоло истифодабарии видеомагнитафони телевизионӣ хеле вусъат ёфтааст, ки барои сабт кардан ва такроран нишон додани намоишҳои телевизионӣ имконият медиҳад.

Ҳоло мо ба шарҳи ҳар як гурӯҳи воситаҳои аёнӣ таваққуф мекунем. ба ин гурӯҳ маҷмӯи воситаҳои зиёди ашёҳои дидактикӣ, ки мавриди таълим воситаҳои предметӣ (ашёӣ) истифода бурда мешаванд, тааллуқ доранд. Онҳоро мо боз шартан ба чунин қисматҳо тақсим мекунем: асли воситаҳо (китобҳои дарсӣ, меваҷот, сабзавот ва ғ.), воситаҳои гуногуни тасвирӣ (сурати ашёҳо, ҳайвонот, растанӣ ва ғ.), графикӣ (ҷадвалҳо, нақшаҳо, тарҳҳо, феҳрист), мулӯҳ (мева, сабзавот ва ашёҳои аз мум, гаҷ сохташуда), хӯсаҳо (ҳайвонот ва паррандаҳое, ки ба пӯсташон коҳ ҷой карда барои намоиш мегузоранд: хирс, гуроз, уқоб ва ғ.), воситахои рамзӣ (глобус, харитахо, атласҳо, нишони давлатӣ ва ғ.), реактивҳои кимиёвӣ, препаратҳои таълимӣ (организми ҳайвон ё растанӣ: ситораи баҳрӣ, кирмаки пилла, калтакалос, мор, қурбоққа, ки дар зарфҳои шишагӣ нигоҳ дошта мешаванд), скелет (устухонбандии ҳайвонот, одам ва ғ.), воситаҳои техникӣ (кино, радио, диафилмҳо, диапозитивҳо, компютер ва ғ.).

Ба воситаҳои амалии синфҳои 5-6 аз фанни ботаника аз рӯи асл тасвир кардани растанӣ, аз пластелин, қоғазу чӯб сохтани ҳар гуна бозичаҳо, нақшофарӣ дар саҳначаҳо, дар зери садои мусиқӣ суруд хондан ва ғайраҳо ҳам шомил мешаванд. Дар воситаҳои зеҳнӣ бошад. Дар ин қисмати таълимӣ муаллим аз захираи дониши худ пайваста ба мавқеи маводи омзӯиш воситаҳоеро истифода мебарад, ки шогирдонро ба фикркунӣ, ҷустуҷӯии шавқовар ҳидоят намуда, ақлу заковат ва зеҳнашонро метезонад, қобилияти маърифатҷӯиашонро ташаккул медиҳад. Ба ин воситаҳо инҳоро дохил кардан мумкин аст: саволҳои муаммоҳо, анаворд, кроссворд, анаграмма, чистонҳо, тезгӯякҳо, байтбарак, чайнвордҳо, кроссвордҳо, филворд, зарбулмасалдонӣ ва ғайра.

Аёнияти ба фаҳмиши Коменский омили ҳалкунандаи азхудкунии маводи таълимӣ мебошад. Аёнияти маънои дониши эҳсосиро дорад, ки манбаи дониш аст. Аз ин рӯ, чӣ қадаре, ки аёнӣ бештар бошад, ба донишҳои ҳассос бештар такя кунад, ҳамон қадар ақл инкишоф меёбад.

К. Д. Ушинский бошад аёнияти таълимро амиқи психологӣ асоснок кардааст. Воситаҳои аёнӣ воситаи баланд бардоштани фаъолияти ақлӣ ва ташаккули симои эҳсосӣ мебошанд. Дар таълим махз образи хисӣ, ки дар асоси маводҳои аёнӣ ташаккул ёфтааст, чизи асосӣ мебошад, на худи воситахои аёнӣ. К. Д. Ушинский усули таълими аёниро хеле бой кард, як катор усулу усулхои кор бо асбобхои аёнӣ кор карда баромад.

Муаллими биология дар ихтиёри худ ба ғайр аз намоиши таҷрибаҳои биологӣ воситаҳои аёнӣ фаровон дар ихтиёр дорад (тахтаи синф, нақшаҳои мазмуни гуногундошта, моделҳо, муляж, макетҳо, маводи тасвирӣ ва ғайраҳо), ки дар вақти дуруст истифода кардани онҳо ба самаранокӣ ва сифати баланди дарс ноил гаштан мумкин аст. Онҳо дар алоқамандӣ бо таҷрибаҳои биологӣ ва экспериментҳои биологӣ бо якдигар, ҷудо-ҷудо, лекин бо суханони муаллим истифода бурда мешаванд.

Вақтҳои охир дастурҳои экранӣ ба сифати воситаи муҳимми аёнӣ истифода карда мешавад. Барои намоиш додани онҳо воситаҳои техникӣ, аз қабили асбобҳои намоишдиҳӣ, диапроектор, графопроектор, видеомагнитофон, телевизор, компютер ва ғайраҳо зарур мебошанд. Ин воситаҳои техникӣ худ хусусияти таълимӣ надоранд, лекин бе онҳо дастурҳои таълимиро намоиш додан ғайриимкон аст.

Барои дастурҳои экранӣ дар назди воситаҳои аёнӣ ҷой ҷудо карда мешавад, мувофиқи имконият баъди намоиш муҳокима оғоз мегардад, ки он дар якҷоягӣ бо сухани муаллим барои фаҳмиши мавзуъ ва ҷаҳонбинии хонандагон ёрии калон мерасонанд. Методи истифоди он ба монанди дигар воситаҳои аёнӣ ба мақсад ва мазмуни дидактикии маводи таълим вобаста аст.

Муаллим ва хонандагон бояд тахтаи синфро низ хуб истифода намоянд. Навиштаҷот дар тахтаи синфҳо бояд пештар аз тарафи муаллим ба нақша гирифта шаванд, то ин ки онҳо

босифат буда, ҳамзамон тамоми раванди дарсро дар бар гиранд. Дар ин ҳолат муаллим метавонад ба маводе, ки хонандагон онро нафаҳмидаанд, такроран метавонад баргардад.

Инчунин муаллим ба кори хонандагон дар тахтаи синф назорат менамояд. Навиштаҷот хонандагон бояд зебо ва бехато бошанд.

Адабиёт:

1. Использование средств обучения на уроках биологии: пособие для учителя /. Розенштейн А. М., Пугал Н. А., Ковалева И. Н., Лепина В. Г. – М.: Просвещение, 1989. – 191 с.
2. Коджаспироа Г. М., Петров К. В. Технические средства обучения и методика их использования: учебное пособие для студентов педагогических ВУЗов. – М.: Академия, 2002. – 256 с.
3. Осин А. В. Модели образования на базе компьютерных технологий. – М., ГНУ «Республиканский мультимедиа центр», 2001.
4. Ушинский К. Д.. Избранные педагогические сочинения: Т. 2, В 2. – х. т. – М., 1939. – 156 с.

Калидвожаҳо: *муаллим, бехато, хондан, ашёҳо, намоиш, таълим, техника, восита.*

Аннотация

МЕТОДИКА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ НАГЛЯДНЫХ ПОСОБИЙ В ПРЕПОДАВАНИИ БИОЛОГИИ

В данной статье рассматривается методика использования наглядных пособий в преподавании биологии. Отмечено, что наглядные пособия как дидактическая система подразделяются на: материальные (объективные), практические (демонстрация опыта), интеллектуальные (интеллектуальный поиск) и эффективные (возбуждающие). В частности, как мы видим, все наглядные пособие, включая современные учебные пособия, лабораторное оборудование, дидактические материалы, учебная литература, эмоциональные свидетельства, инструменты, необходимые для изучения естественных наук: биологии, химии, физики, истории, географии и других включены в данный реестр.

Ключевые слова: *учитель, без ошибок, чтение, предметы, демонстрация, обучение, методика, инструмент.*

Annotation

METHODOLOGY USED VISUAL AID IN TEACHING BIOLOGY

This article discusses the methodology used in teaching biology. It is noted that visual aids as a didactic system are subdivided into: material (objective), practical (demonstration of experience), intellectual (intellectual search) and effective (excitement). In particular, as we can see, all visual aids, including modern teaching aids, laboratory equipment, didactic materials, educational literature, emotional testimonies, tools necessary for the study of labor sciences, natural sciences, biology, chemistry, physics, history, geography, physical parenting and others are included in the information.

Keywords: *teacher, no mistakes, reading, subjects, demonstration, teaching, technique, tool, etc.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Табаров Рустам Давлатмуродович, магистранти соли якуми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-020401. Тел.: + 992 988565625

Роҳбари илмӣ: н.и.п., муаллими калон Бобоева З.

Сведения об авторе: Табаров Рустам Давлатмуродович, магистрант первого курса биологического факультета Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни, по специальности биология 1-020401. Тел.: + 992 988565625

Научный руководитель: к.п.н., старший преподаватель Бобоева З.

About the author: Tabarov Rustam Davlatmurodovich, 1st year Master's degree in Biology at the Tajik State University Sadriddina Aini, majoring in Biology 1-020401. Phone: + 992 988565625

Scientific adviser: Candidate of Pedagogical Sciences, senior lecturer Boboeva Z.

Тилабова Гулшода
магистранти соли якуми факултети забони англисӣ

НАҚШИ МАТНҲО ДАР ТАЪЛИМИ ГУФТОРИ МУСТАҚИЛИ МОНОЛОГӢ

Забони хоричӣ дар шароити муосир ва имкониятҳое, ки ҷамъияти имрӯза фароҳам овардааст, омили рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ, ва умумифарҳангии ҷомеаи имрӯза шуда аст. Омӯзиши он имкониятҳои беканори дастрасии маълумот, баланд гаштани сатҳи фарҳангӣ ва салоҳияти касбиро таъмин месозад.

Таҳлили раванди таълими забони англисӣ дар шароити донишгоҳ ва комплексҳои таълимии муосир ба хулосае оварданд, ки масъалаи таълими нутқи мустақили монологӣ то ҳол пурра омӯхта нашуда, камбудиҳои худро дорад.

Барои методикаи таълими нутқи монологии англисӣ натанҳо намудҳои гуфтори монологӣ, балки намудҳои омехтаи он низ муҳиманд. Ин чунин маъно дорад, ки гуфтори монологии як намуд дар худ метавонад хусусиятҳои гуфтори монологии намуди дигарро дошта бошад. Ин намуди гуфтори монологиро омехта меноманд. Қайд бояд кард, ки дар раванди муошират табиӣ, яъне дар шароити коммуникативии табиӣ, нутқи монологии мо дар бисёр маврид маҳз омехта мебошад. Аз ин ҷост, ки навъҳои матн дар раванди таълими нутқ, ки дар онҳо навъҳои гуногуни функционалӣ ва семантикии нутқ оварда шуда, ҳадафи ташаккул додани малакаҳои коммуникативии монологӣ доранд, мавқеи басо муҳимро ҷоизанд [1, 107].

Дар зери мафҳуми малакаҳои монологӣ малакаҳои гуфтори мантиқан дуруст ва мувофиқи вазъият ва хусусиятҳои ба худ хоси навъҳои нутқи монологӣ ва талаботҳои нормативии забон дониста мешаванд. Малакаҳои монологӣ хусусияти комплексӣ дошта, дар худ як қатор микромалакаҳоро дарбар мегиранд. Масалан, малакаи мувофиқи вақти иҷроиш пай дар пай нақл карда тавонистан, малакаи пурра «кушодани» объекти гуфтор, шаклу таркиб, сохтор, хусусиятҳо, таиноти он, ташаккул додани фикр мувофиқи схемаи муайян аз қабили ин намуди малакаҳо мебошанд.

Нутқи монологӣ ин як шакли муошират, падидаи чандпаҳлӯ, асари фасеҳ, пай дар пай ва композитсионии як индивидуум мебошад. Хусусияти муҳим ва ба худ хоси ин навъи нутқ ин нутқи мурочиатӣ ба як шахс ва ё гурӯҳи одамон мебошад. Ба монанди дигар навъҳои нутқ нутқи монологӣ низ боиснок аст, яъне вазъият, айёниятӣ, контекст боиси ба миён омадани нутқ мегардад.

Дар мақолаи зерин масъалаҳои назариявии таълими нутқи монологӣ дар асоси матн дида мешавад. Зеро, дар шароити сунъии забонӣ маҳз матн дар бисёр мавридҳо воситаи муҳими мотиватсияи нутқ мегардад. Масъалаи истифодаи матнҳо дар раванди таълими нутқи монологӣ дар адабиёти методӣ хеле васеъ дида мешавад. Зеро матн метавонад пурра сохтори гуфтор, мундариҷаи психологии он, мавзуъ, восита ва усулҳои амалигардонии он, механизмҳои дохилӣ ва берунаи танзими онро ифода кунад.

Дар муассисаҳои таълимӣ дар раванди таълими забони англисӣ диққати асосӣ ба фаҳмиши дурусти адабиёти илмӣ ва нутқи монологӣ дар доираи маводҳои забонии омӯхташудаистода зоҳир карда мешавад. Ҳадафи асосии омӯзгор ин тайёр кардани хонандагон ба фаолияти мустақили кор бо мавод ва маълумот ва ташаккул додани малакаҳои нутқи мустақили монологӣ мебошад. Дар раванди таълими забони англисӣ мавқеи матн бузург буда, яке аз воситаҳои муҳими таълимӣ дониста мешавад [3, 89].

Аз ҷиҳати лингвистикӣ матн ин ягонагии шакл ва мафхум, нақшаи мундариҷа ва нақшаи ифодакунӣ мебошад. Чун яке аз воситаҳои таълими забони англисӣ матн метавонад объекти азхудкунӣ ё объекти шаклӣ, ё мундариҷа ва ё ҳар ду шуда тавонад. Матнро метавонем чун истиноди қавӣ ва чун воситаи ғанигардонӣ ва такмили нутқи хонандагон, аз он ҷумла, таълими мантиқан дуруст ва мунтазам баён кардани фикри худ дар шакли нутқи монологӣ, қабул кунем. Ин ҳама ташаккул ёфтани малакаҳои муайяни грамматикӣ ва инкишоф додани малакаҳои нутқи монологиро талаб мекунад. Дар зери мафҳуми малакаҳои нутқи монологӣ қобилияти мантиқан дуруст ва мувофиқи хусусиятҳои шакли нутқи монологӣ ва хусусиятҳои ба худ хоси нормаи забонӣ сухан кардан фаҳмида мешавад.

Малакаи мазкур хусусияти комплексӣ дошта, як қатор малакаҳоро дарбар мегирад. Аз қабили:

- Дар раванди нақл. Малакаи дар раванди фаолияти нутқӣ мунтазам нақл карда тавонистани ҳодиса бо истифода аз воситаҳои забони омӯхташудаистода;

- Дар раванди тавсиф додан. Малакаи ба таври муфассал фош кардани хусусиятҳои объекти нутқ, алалхусус, малакаи муайян кардани шакли он, таркиб, сохтор, хусусият ва сифат, ҳадафҳои он ба воситаи номбар кардани хусусиятҳои ба худ хоси объекти нутқ, бо истифода аз воситаҳои забон.

- Дар раванди мулоҳиза. Малакаи ба таври собиткунанда васеъ баён кардани фикри худ мувофиқи схемаҳои муайян ва маҳорати таҳлилкунии маъной.

Ташаккул додани малакаҳои истифода бурдани навъҳои овардашудаи гуфтори монологӣ дар асоси матн бояд марҳила ба марҳила гузаронида шавад. Бо ин мақсад, ду марҳилаи кор бо матнро дар раванди таълими нутқи мустақили монологӣ ҷудо кардан мумкин аст, дар асоси матн ва бе истифода аз он, вале дар робита бо он. Ҳадафи ниҳоии ташаккул ёфтани малакаҳои нутқи шифоҳии монологӣ дар асоси матн ин баёни дурусти маводи хондашуда бо суханони худ мебошад.

Нақши хониш дар раванди таълим хеле гарон аст, зеро таълим дар шароити ғайризабонӣ мегузарад, вале ҳадафи таълим ин ба таври максималӣ азхуд кардани нутқи гуфтугӯӣ мебошад. Истифодаи маълумотҳои нави китобҳои дарсӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки хонандагонро ба фаолияти нутқӣ ҳавасманд гардонад. Дар ин ҳолат, мо бояд кӯшиш кунем, ки хонандагон ба таври максималӣ ба фаолияти нутқӣ водор карда шаванд ва мувофиқӣ вазъият сухан кунанд. Бо вуҷуди ин, нақли мавод бо истифода аз матн дар раванди таълими нутқи мустақили монологӣ ҳадафу марҳилаҳои махсусро ба миён меоранд. Далелҳои дар матн овардашуда албатта шакли махсуси забониро доранд, ки дар раванди баён хонандагон аз онҳо истифода мебаранд.

Ин ҳолат, аз як тараф, кори хонандагонро осон мегардонад, вале аз ҷиҳати дигар ба онҳо имконият намедиҳад, ки воситаҳои луғавии инфиродии онҳо истифода бурда шавад. Зеро мувофиқи маълумотҳои психолингвистикӣ, воситаҳои забонии маводи хондашуда бо амалияи он мутобиқат намекунанд.

Бархе аз муаллифон ба гурӯҳбандӣ ва муайян кардани мафҳуми нутқи монологӣ чун соҳаи гуфтори бевоситаи амалӣ рӯ меоваранд (Паневина Л. К., Левина Т. К.). Бешубҳа, намудҳои гуногуни монологҳо ба соҳаҳои гуногуни муоширатӣ тааллуқ доранд. Масалан, монологҳое, ки хусусияти маълумотӣ дошта, монологҳои лирикӣ ва ё драматикӣ, монологҳое, ки доир ба ягон ҳодиса нақл мекунанд аз қабили намудҳои монологҳо мебошанд. Бинобар ҳамин, вобаста ба хусусиятҳои маъной ва функционалӣ нақли монологӣ мешавад: монолог бо ташаккул ёфтани амал; гуфтори монологӣ бо номбар кардани хусусиятҳои объект; монологҳои хусусияти сабабӣ – тафтишӣ дошта, ки худ шакли функционалӣ ва маъноии нутқро муайян мекунанд [5, 129].

Дар ҷараёни кор бо матн бошад, мо танҳо бо азхуд кардани воситаҳои забонии дар матнбуда маҳдуд шуда наметавонем. Бояд маводҳо аз сарчашмаҳои хаттӣ гирифта шуда, сохтори коммуникативии баъдинаи онҳо ташкил карда шаванд. Дар оянда, фаолияти донишомӯзон бояд ба маҳдуд ва васеъ кардани маълумоти мавзуӣ ва маъноии дар матнбуда ва дар баробари ин, кор ба автоматикикунонии малакаҳои лексикӣ ва грамматикӣ равона карда шавад.

Маводи нави забонӣ дар ҷараёни ҳалли як қатор масъалаҳои нутқӣ, дар раванди иҷро кардани супоришҳои матнӣ азхуд карда мешаванд.

Воҳидҳои забонии дар матнбуда дар нутқи инфиродии донишомӯзон чун таҷрибаи нутқӣ пайдо мешавад, яъне нутқ ба таври автоматикӣ бо воҳидҳои нави семантикӣ, сохторӣ ва коммуникативӣ, ки аз воҳидҳои дар матни китоббуда фарқ мекунанд, бой мегардад.

Маҳорати нутқи шифоҳии монологӣ дар асоси матн дар ин марҳила характери комплексиро пайдо мекунад, зеро малакаҳои таркибии он ба таври автоматикӣ амал мекунанд, ки дар истифодабарӣ дар ибораҳои алоҳида ва дигар амалиётҳо (азнавтакроркунӣ, маҳдудкунӣ ва васеъкунӣ, умумикунонӣ, дигаргункунӣ) дида мешаванд. Ин ё он амалиёти номбаршуда метавонад асосӣ шавад. Ин худ аз ҳадафи коммуникативии дар назди гӯяндаистода ва аз характери баёнот вобастагӣ дорад, яъне аз навъи монолог – нақлӣ, тавсифкунӣ ва ё муҳокимавӣ.

Дар асоси матн се намуди супоришҳоро барои таълими нутқи мустақили монологӣ истифода бурдан мумкин аст:

- супоришҳо барои инкишофи нутқи монологӣ, ки барои гирифтани маълумот равона карда мешаванд;

- супоришҳо барои тағйидиҳии маълумоти мундариҷавӣ ва забонии матн;

- супоришҳо барои ташаккул додани малакаҳои мустақили монологӣ вобаста ба матни нав [2, 164].

Ҳадафи супоришҳои навъи аввал ин дар донишомӯзон ташаккул додани малакаҳои аз матн гирифта тавонистани маълумоти воқеӣ ва истифодаи баъдинаи он мувофиқи ҳадафи коммуникативӣ ва вазъияти таълимӣ-нутқӣ. Дар ин марҳила, супоришҳоеро, ки барои муайян кардан ва азнавтакроркунии маълумот пешбинӣ карда шудаанд, қайд кардан зарур аст. Ба ин гурӯҳ супоришҳо инҳо дохил карда мешаванд: муайян ва азнавтакроркунии вазъиятҳои асосии матн; номбаркунии тафсилотҳои асосии матн, ки амалиёт ва ё ҳодисотро тавсиф медиҳанд; ҷудо кардани ҷузъиётҳои матн; дарёфтан ва такроркунии қисматҳои матн, ки дар он муаллиф муносибати худро оид ба персонажҳо баён месозад.

Ҳадафи супоришҳои навъи дуюм ин ба хонандагон омӯзонидани гуфтори монологӣ оид ба маводи хондашуда мебошад, ки дигаргуниҳои маъноӣ ва забониро талаб мекунад. Тағйиркунии воситаҳои маъноӣ ва забонӣ бо амалиётҳои маҳдудкунӣ ва васеъкунии амалиётҳои дар матн овардашуда вобастагӣ дорад, яъне бо овардани аналогияҳои гуногун, ҷойивазкунии қисматҳои гуногуни матн, ивазкунии компонентҳои маъноӣ ва забонӣ.

Ҳадафи супоришҳои навъи сеюм ин анҷом додани ташаккулдиҳии малакаҳои гуфтори шифоҳии монологӣ мебошад. Машқҳои марказии ин навъи супоришҳо инҳоянд: тавсият кардани идеяҳое, ки дар матн на он қадар аниқ фаҳмонида шудаанд; иброз кардани фикру ақидаи худ оид ба рафтори персонажҳо; исбот карда тавонистани нуқтаи назари худ оид ба рафтори ин ё он персонажи дар матн овардашуда; далелнок карда тавонистани хулосаҳо; истифода бурда тавонистани далелҳои дар матн оварда шуда, дар раванди ифода кардани мавзуи дигар.

Хулоса, дар раванди иҷроиши супоришҳо бояд аз нутқи тайёридидашуда ба нутқи бетайёрӣ рӯ оварем, яъне дар раванди дарс омӯзгор бояд донишомӯзонро ба баёни фикри худ оид ба мавзуи дар матн ифодашуда водор созад. Матнҳое ки барои ташаккул додани нутқи мустақили монологӣ дар дарси забони англисӣ истифода бурда мешаванд, бояд барои ташкил кардани вазъиятҳои пролемавӣ ёрӣ расонанд, то дар оянда барои мукаммал шудани муоширати нутқӣ асос шуда тавонанд.

Адабиёт:

1. Алиев С. Н. Методикаи умумии таълими забонҳои хориҷӣ. – Душанбе, 2013.
2. Комарова Е. В. Реферирование как один из самых распространенных приемов работы с иноязычным текстом в процессе обучения иностранному языку в вузе // Молодой ученый. 2015, №5. – С. 482-484.
3. Милотаева О. С. Усвоение общетехнической и специальной лексики в процессе преподавания иностранного языка в техническом вузе // Молодой ученый. 2015, № 8. – С. 824-827.
4. Новожилова Л. И. Об обучении устной монологической речи на базе текста на переходном этапе//Вопросы методики преподавания иностранных языков в спецвузах, 1976. – С. 141-153.
5. Паневина Л. К., Левина Т. К. Формирование устных речевых навыков на базе чтения// Вопросы методики преподавания иностранных языков в специальном вузе, 1973. – С. 54-68.

Калидвожаҳо: *матн, хелҳои матн, дарси забони англисӣ, нутқи монологӣ, навъи нутқи монологӣ, малака, малакаҳои нутқи монологӣ, усулҳои амалигардонии гуфтор, супоришҳо, нутқи шифоҳӣ, воситаҳои забонӣ, падидаҳои нутқӣ.*

Аннотация

РОЛЬ ТЕКСТОВ В ОБУЧЕНИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ МОНОЛОГИЧЕСКОЙ РЕЧИ

Данная статья посвящена рассмотрению особенностей обучения самостоятельному монологическому высказыванию на основе текста на уроках английского языка. Автором подмечено, что индивидуально-речевой опыт формируется в результате речевой практики, под которой понимается не механическое заучивание самих текстов, а самостоятельное использование речевого материала в них для оформления высказывания своих мыслей и понимания мысли других, которые выражены первоначально с помощью средств, заложенных в тексте. Таким образом, текст может стать средством стимулирования творческого высказывания на его основе, а также иметь коммуникативную обращенность. Поэтому одним из важнейших условий мотивированного монологического высказывания на основе текста на этапе развития и совершенствования самостоятельной монологической речи должно быть соблюдение положения о том, что содержание текста есть стимул и мотивационная база для формирования соответствующих навыков и умений, иноязычной языковой компетенции. Следовательно, автором сделан вывод, что текст следует рассматривать как важнейшую опору

и как средство обогащения и совершенствования устной иноязычной речи учеников, а также средство обучения умению грамотно, последовательно и логично излагать свои мысли в устной монологической форме.

Ключевые слова: *текст, виды текста, урок английского языка, основа текста, монологическая речь, монологическое высказывание, умение, упражнения, устная речь, речевое общение, устная монологическая речь, методы активации говорения, языковые явления.*

Annotation

THE ROLE OF TEXTS IN TEACHING INDEPENDENT MONOLOGICAL SPEECH

This article is devoted to the consideration of the peculiarities of teaching an independent monologue utterance based on the text in the lessons of the English language. The author noted that individually - speech experience is formed as a result of speech practice, which means not mechanical memorization of the texts themselves, but the independent use of speech material in them for the formulation of expressing their thoughts and understanding the thoughts of others, which are expressed initially by means embedded in the text . Thus, the text can become a means of stimulating a creative statement based on it, as well as have a communicative reversal. Therefore, one of the most important conditions for a motivated monologue statement based on the text at the stage of development and improvement of an independent monologue speech should be the provision that the content of the text is an incentive and motivational basis for the formation of appropriate skills and abilities, foreign language competence. Consequently, the author concluded that the text should be considered as an essential support and as a means of enriching and improving pupils' oral language, as well as a means of teaching the ability to competently, consistently and logically express their thoughts in oral monologue form.

Keywords: *text, types of text, English lesson, text basis, monologue speech, monologic utterance, skill, exercises, oral speech, verbal communication, oral monologue speech, methods of activating speaking, language phenomena.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Тилабова Гулшода Ёқубовна, магистранти соли якуми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 111774225

Роҳбари илмӣ: Ғуломов А.

Сведения об авторе: Тилабова Гулшода Ёкубовна, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: +992 111774225

Научный руководитель: Гуломов А.

About the author: Tilabova Gulshoda, the master of 1-st year of English Language Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: +992 111774225

Scientific: Ghulomov A.

Хакимова Дилдора Тухтасуновна,
магистрантка первого курса факультета русского языка и литературы

МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ ЛЕКСИЧЕСКИМИ СРЕДСТВАМИ ОБЩЕНИЯ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА В ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЕ

Один из основных работ методики обучения лексическими средствами общения на уроках русского языка в национальной средней общеобразовательной учреждении у нас в республике исследуется очень много научных работ для улучшении методики преподавания русского языка в таджикской школе.

Следует отметить, что эта тема актуальная в современной методике, которая представляет собой изучения предмета русского языка и литературы в таджикской школе и в республике Таджикистан закреплена Конституция и имеет процесс национального языка межнациональной формы и общения и имеет центральный статус в различных независимых государственных стран.

Алексеев А.Н писал: «Форма преподавания русского языка в национальной школе показывает, что повысился научный уровень изложения материала, улучшилось качество знаний учащихся, более подробно стали раскрываться воспитательные возможности русского языка как учебного предмета» [1, 54].

Ещё один из основных проблем, изучения методики общения лексическими средствами общения на уроках русского языка в таджикской школе является процесс изучения слова и фразеологическими оборотами в процессе формирования и совершенствования родного языка, где основную роль играет различные игры на занятиях русского языка и формируется знания ученика и студента в процессе изучения предмета родного языка и другие предметы средней школы.

Поэтому занятия как развития учебного метода и всего материала, которые служили бы учебным, семинарским и образовательным формам воспитания русского языка ученикам таджикской школы. Неотъемлемого состава учебного материала по изучению родного языка органического состава всего учебного и воспитательного метода самостоятельной работы в общеобразовательной школе в Республике Таджикистан имеется самостоятельная работа. Поэтому хорошая связь, единства учебного и внеклассного метода работы учеников могут развивать полноту и исследовать человека.

Рационально сочетания классного и внеклассного метода урока формирует хорошей процесса учебной воспитательной работы в таджикской школе. Необходимостью такая связь продиктовано и специфичной особенностью этих составляющих формы воспитания в вузе, где развивается методика.

Баранова М.В писала: «Следует отметить, что среди принципиальных отличий внеклассной работы от урока, как основной формы учебно-воспитательного процесса в средней школе является добровольность при организации работы, свобода в выборе предмета и содержания деятельности как со стороны учителя, так и со стороны ученика, отсутствие строгой регламентации во времени реализации этой работы возможность удовлетворения потребностей в расширенном духовном общении, равноправность в процессе обучения социальных ролей учитель - ученик» [2, 88].

Следует отметить, что на современном этапе развития особое место занимает методика обучения лексическим средствами общения в таджикской школе, которая среди них занимает внеклассной работы по русской литературы, которая среди них центральное место занимает важной и необходимой формой работой в таджикской школе. Учитывать, то, что в таджикского общеобразовательного заведения урок «Современный русский язык» исследуется в последнее время необходимого развития проводится на основе различные уроки русской литературы, используют фрагменты из художественных произведений.

Дмитров М. писал: «В программе по русскому языку для общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения (2-11 классы) (Душанбе, 2008) представлены художественные произведения русской и зарубежной литературы. Однако работа надхудожественным текстом в национальной школе обычно носит эпизодический характер, не выстраивается в единую систему изучения русского языка и литературы. Необходимо сделать так, чтобы обучение русскому языку достигло уровня единого целенаправленного процесса. Поставленные задачи обширны, а учебное время ограничено. В этом контексте приобретает

особую актуальность проведение внеклассных уроков в тесной связи предметов русского языка и литературы» [3, 67].

Это отражены в книгах развивать занятия воспитания, делать ее более профессиональным и совершенным, становить межпредметные связи различными курсами русской литературы и истории, провести характерные формы для более развитого, более сознательной в не аудиторного чтения произведений из современной русской литературы. Надо отметить, в школах с таджикским языком обучения очень много времени ученики хорошо знают навыки свободной формы на русском языке, которой считаются из развития в которой имеется формы общения лексическими средствами обобщения на современном русском языке.

Поэтому в внеклассной работе, которая проводится в средней общеобразовательной учреждении, имеется один важный источник создании и расширении русского языкового метода в процессе формирования методики обучения лексическими средствами общения русской речи в таджикской школе.

В методике обучения русского языка необходимо, отметить о многостороннем развитии различных этапов с совершенствованием в развитие от обстоятельства одного метода развития речи учащихся средней школы.

Поэтому организаторские способности в работе преподавателя, которые присутствует, преподаватель располагает внимания и общения (коммуникативный) с учениками, нравственная и следует на первый план, различные характеры методики преподавания лексическими средствами общения в таджикской школе.

В настоящее время формирование и совершенствование методики деятельностью преподавателя начального класса по развитию общения и изучения русского языка надо сказать, что особое внимания обратить на термины, которые часто обращают внимания с лексическими средствами общения с «учебной деятельности», для которого выдумывается «Специфической деятельности людей, которые направлены на изучения методики преподавания лексическими средствами общения в таджикской школе.

Изучение методики обучения лексические средства обучения русского языка в таджикской школе имеет для себя главную цель - «Изучать определенной формы урока и навыки, упражнение, форма поведении и видов работы, характер человека «Показывается в хороший профессиональной работы и развивается на него». При отсутствие учения и учебной деятельности показывают в устном народном творчестве в смысле когда слова при помощи методы обучения лексическими словами из современного русского языка, когда развивают как ведущая роль знания типа безусловно трактуется при помощи различных лексических деятельностью, который свойственно школьникам или ученикам начального образования. Одним из видов развития знания учеников начальных классов нам показывается такое поведение и понимания, когда они формируются на все возраст школьного заведения. Программа высшего учебного заведения – это документ, который имеют свои содержание овладения нравственными формами действия в сферах научной работы.

Давать интегральной характеристики учебного процесса ввысшей учебного заведения надо сказать, что в современное время развитие интегрального общения помогает лучше знать материал по русскому языку. И.А.Зимняя пишет, «Деятельность субъекта по овладению обобщенными способами учебных действий и саморазвитию в процессе решения учебных задач, специально поставленных преподавателем, на основе внешнего контроля и оценки, переходящих в самоконтроль и самооценку» [5, 88].

Формирование и совершенствование методики преподавания высшего учебного заведения в первом учебном семестре развивает различные формы изучения русского языка, когда такая интерпретации учебная деятельность подразумевает выдвижение на передний план фигуры преподавателя, учителя. Не получая свою форму изучения процесса направленность, учебная деятельность помогает развивать следовательно и одновременно развивается педагогическая практика студентов во время учебы, который имеет смысл в создания хороших условии для существования учебной работы в школе.

Совершенствования и формирования принципа педагогических принципов развития педагогической практики для студентов четвертого курса факультета русского языка и литературы Таджикского государственного педагогического университета при изучении лексических средств общения на уроках русского языка в таджикской школе и последнее время, безусловна в том, что педагогическая практика исследует развития и совершенствования, как обучать, так и для развития дошкольного учебного развития. Форма и знание, к которой приходить учитель, исследует не только формами формирования учебной программы воспитуемого, но и методами обучения, знания, стимулирования человека. Тогда преподаватель работает не только в роли посредником урока но и

исследует для учеников учителем, который олицетворяет уровнем человека с хорошим знанием и опыта работы в средней школе.

Жуков И. Н. писал: «Внеклассная работа повышает интерес учащихся к русскому языку, расширяет и углубляет их знания, обогащает словарный запас, воспитывает языковое чутье и др. Продолжая и подкрепляя классные занятия, она в то жевремя несет в себе присущую только ей специфику в содержании, организационных формах, методах и приемах реализации поставленных задач» [4, 104].

Одна из основная особенность методики преподавания русского языка в национальной школе и лексические изучения средствами общения является анализы прошлогоднего и практика знания в общеобразовательной учреждении исследует процесс разрыва тем, каким требованиям прошлого общества показывает к воспитанию в общеобразовательной учреждении и прошлогодний состав языка в меньшинстве высшего учебного заведения нашей республики с методическими системами знания.

В советское время основное внимание уделяется внеклассной внеаудиторной работы, который проводится в общеобразовательных учреждении, ограничено проведение кружковая работа. Внешкольная работа, проводится в школе, не отражают процесса учеников, неправильно разработан принципы и методы разные формы кружковой работы, нет связи различной формы внешкольной работы русской литературы, в связи с этим у учеников нет возможности участия в кружкой работе, все это развивает возможность в развитой принципы и формирование учеников общеобразовательных учреждении.

Поэтому в внеклассной работ русской литературы может быть процесс имеет различные на изучения и учета интереса и индивидуальной особенность учеников, на повышения у него принципов к уроку деятельность по современной русской литературы, как основы для развитии его творческой способности и для и дальнейшей их самоопределению.

Первая основная проблема изучению русской литературы является лексические средства общения на уроках русской литературы и уровня эффективность знания развивает педагогическую, методическую систему связи учебная и профессиональная деятельность школьников, а в конце процессе формирования воспитательной деятельность меняется человек специалист, и ее развития школьника.

Из основных работ по преподавание методики русского языка в школе является человек, который формирует и совершенствует школьника этого исследовании процесса проверки уровня знания студента в вузе. В процессе работы с учениками основная работа была выбрана на основе внеклассной работы в общеобразовательной учреждении Республики Таджикистан, где очень развита методические принципы изучения русского языка.

Ждёт своего дальнейшего развития в качестве лексических средств общения русского языка и человека, характерное внимание для эффективной разработки той или иной социальная жизнь (профессионал своего дела, членкружка, гражданин своей Родины и тогдалее).

Хотелось бы отметить, что методика обучения лексические слова знания на занятиях в национальной школе и педагогическая практика компетентность учителя имеется интегральная практика обучения различных профессиональных работ в школе во время занятия характеристики личности учителя средней школы (специалисты), который отражают не только степени освоении уровень знания, умения и навыки в той или иной область профессиональная деятельность, так и совокупности человеческих качеству учителя средней школы, которые отражены в умениях эффективного действия в различных областях Государства.

Таким образом основная работа по изучению лексических слов в современном русско языке является формирования и совершенствования различные слова сложного предложения с различными придаточными предложениями.

Литература:

1. Алексеев А.Н. Методика преподавания русского языка. – М.: Наука, 2016. – 254 с.
2. Баранова М.В. Методика обучения лексическими средствами. – М.: Высшая школа, 2017. – 287 с.
3. Дмитров М.П. Обучения русского языка в школе. – М.: Наука, 2018. – 287 с.
4. Жуков И.Н. Развития обучения русского языка. – М.: Наука, 2014. – 276 с.
5. Зимняя И.А. Современный русский язык. – М.: Наука, 2010. – 287 с.

Ключевые слова: *методика, обучения, содержание, текст, творчество, поэт, издание, таджикский язык.*

Аннотатсия

УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ ВОСИТАҲОИ ЛУҒАВИИ МУОШИРАТ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР МАКТАБҲОИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола муаллиф мушкилоти усулҳои омӯзиши воситаҳои луғавии муошират ва интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми дарсҳои забони русӣ таҳлил кардааст. Муаллифи мақола дар асоси миқдори зиёди мавод мушкилоти интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми тарҷумаи асари бадеӣ нишон додааст. Проблемаи тарҷумаи матни бадеӣ дар адабиёти муосир ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Калидвожаҳо: *усул, омӯзиши аслӣ, мундариҷа, матн, эҷодкорӣ, осор, забони тоҷикӣ*

Annotation

THE PROBLEM OF TRANSFERING THE CONTENT OF THE ORIGINAL TEXT WHEN TRANSLATING AN ARTISTIC WORK

This article, the author analyzes the problems of conveying the content of the original text when translating a work of fiction. The author of the article, on the basis of a large amount of material, shows the problems of transferring the content of the original text when translating a work of art. The problem of translating literary text occupies a special place in modern literature.

Keywords: *translation, artistic, original, content, text, creativity*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳакимова Дилдора Тухтасуновна, магистранти соли якуми факултети забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: профессор Негматов С. Э.

Сведения об авторе: Хакимова Дилдора Тухтасуновна, магистрантка первого курса факультета русского языка и литературы ТГПУ С. Айни.

Научный руководитель: профессор Негматов С. Э.

About the author: Khakimova Dildora, master student of the nit year of the Russian language and literature Department of the TSPU named after S. Aini.

Scientific adviser: Negmatov S. U.

Холова Манижа Ҷамшедовна,
магистранти соли якуми факултети биология

ШАКЛ ВА УСУЛҲОИ САНҶИШИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ БИОЛОГИЯ

Соҳаи маориф ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шинохта шуда, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии типи нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин диққати махсус ба сифат, мазмуну самарабахшии мундарича ва ҷараёни таълим равона мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонад сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардорад [3].

Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар суханрониҳо, вохӯриҳо ва дастуру супоришҳо ба соҳаи маориф диққати махсус дода, таъсири онро ба инкишофи ҷомеа таъкид мекунанд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нуқта имсол дар суханронии Президенти Ҷумҳурӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо зиёиёни мамлакат хеле мушаххас баён гардидааст: “...калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”. Барои мо – донишҷӯён, олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Ҳангоми арзёбии сифати дарс нишондиҳандаҳои асосии дарси хуб инҳоянд: ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявии ҳар як дарс мутобиқи талаботи барнома, мувофиқати мундарича ва ташкили дарс ба ҳадафи он; интихоби муаллим услубҳо ва воситаҳои таълими мувофиқ ба ҳадафҳои гузошташуда, имкониятҳои ин синф; сифати азхудкунии маводи таълимӣ дар синф, ба даст овардани натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи таълим; кори фаъолонаи мактаббачагон дар синф; таваҷҷуҳи хонандагон ба ин дарс, дар маҷмӯъ ба мавзуъ.

Таркиби мундаричае, ки ба дарс оварда мешавад, на танҳо дониши муосир оид ба мавзуъ мебошад, балки ҳатман ба мундаричаи дониши тахминӣ ва методӣ дохил карда мешавад. Дониши арзёбӣ тадричан кашф кардани аҳамияти объективии илмӣ ва иҷтимоии маводи омӯхташаванда, ташаккули меъёрҳои муносибати шахсиро ба он пешбинӣ мекунад. Дониши методологӣ усулҳои маърифат, роҳҳои ба даст овардани донишро инъикос мекунад. Дар раванди азхудкунии хонандагон дар бораи усулҳои амал ҳангоми кор бо манбаъҳои гуногуни иттилоот ошкор кардан муҳим аст.

Шакли асосии ташкили раванди таълими биология дарс мебошад. Замина ва усулхои татбиқи он вазифаи асосии методикаи таълим мебошад. Дар дарс тамоми системаи таълим, тамоми маҷмӯи ҷузъҳои мураккаби мундаричa, усулҳои таълим амалӣ карда мешавад.

Маълум аст, ки системаи таълими синфиро бори аввал аз тарафи олими рус Я. А. Коменский дар соли 1783 ҷорӣ кард. Дар Русия системаи таълимии синфиро аллакай аз ҷониби М. В. Ломоносов пешниҳод шуда буд. Таърихи илми мактабҳои таҳсилоти умумӣ нишон медиҳад, ки дар аввал сохтори фаннии мактаб, мазмун ва усулҳои таълими он тартиб дода шуда буд. Ва танҳо В. В. Половсов дар соли 1907 бори аввал барои дарс баъзе тавсияҳо пешниҳод кард: самараи усули эвристикиро, ки фаъолияти тафакури равонии хонандагонро фаъол мегардонад, ошкор мекунад; талаботро нисбат ба саволҳое, ки муаллим ба хонандагон медиҳад, таҳия мекунад; диққатро ба зарурати ба ҳам пайвастани усулҳои гуногун дар дарс ҷалб намуда, нишон медиҳад, ки ҳеч кадоми ин усулҳо ҳамаҷониба буда наметавонанд. Вай ҳангоми гузарондани машғулият муаллимонро даъват мекард, ки хусусиятҳои синну соли хонандагонро ба назар гиранд ва ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки синф «як гурӯҳи коллективист, ки шахсияти ба худ хос, хислатҳо ва хислатҳои хоси худро дорад. Муаллим, гуфт у, бояд «хисси синфӣ»-ро пайдо кунад.

Яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии дарсҳои биология дар рафти таълим, ин дуруст ташкил кардани истифодаи саволҳои тестӣ бо намудҳои гуногун мебошад [2, 4].

Бояд гуфт, ки қисми зиёди донишҷӯёни факултаҳои биологияи донишгоҳҳою донишкадаҳои ҷумҳурӣ ва омӯзгорони биологияи мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар дарёфту истифодаи маводҳои дидактикӣ оид ба таълими ботаника, зоология, анатомия, физиология ва

гигиенаи одам, биологияи умумӣ танқисӣ мекашанд. Мутассифона, қисман донишҷӯён доир ба тарзи омода намудани тестҳо тасаввуроти пурра надошта, роҳҳои ташкил кардану оқилона истифода бурдани онро намедонанд. Аз ин лиҳоз, мо лозим донистем, ки оид оид ба аҳамияту истифодаи намудҳои гуногуни тестро барои мустаҳакамкунӣ ва санҷиши дониши хонандагон ин маводро таҳия намоем.

Самаранокии таълими биология пеш аз ҳама ба дуруст ташкил кардани корҳои мустаҳакамкунӣ ва санҷиши дониши хонандагон вобаста аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки чӣ қадар хонандагон зиёдтар ба иҷрои корҳои мустақилона ҷалб карда шаванд, ҳамон қадар хубтар барномаи таълимиро азхуд мекунанд. Дар ин маврид шавқу рағбати хонандагон нисбат ба омӯзиши фанни биология зиёд мегардад.

Дар азхудкунии дониши хонандагон ва мустаҳакамкунӣ, истифодаи маводи дидактикӣ аҳамияти калон дорад. Он имконият медиҳад, ки хонандагон дар муддати кӯтоҳ барномаи таълимиро азхуд кунанд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 №114 Муассисаи давлатии «Маркази миллии тестӣ» таъсис дода шуда аст, ки шурӯъ аз соли ҷорӣ системаи имтиҳонҳои марказонидаро барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуқтаҳои ба макони зист наздик ба роҳ мемонад.

Имтиҳон аз фанни биология бо мақсади муайян намудани сатҳи донишу фаҳмиш ва малакаю маҳорати хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва интихоби онҳо барои идома додани таҳсил дар самтҳои тиббӣ, биологӣ ва варзиш инчунин табиӣ ва техники муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Тест аз фанни биология барои довталабоне, ки ихтисосҳоро дар доираи кластерҳои 1 ва 5 интихоб намудаанд, имтиҳони ҳатмӣ буда, тавассути он саводнокӣ, малакаҳо ва маҳорати онҳо нисбати фанни биология санҷида мешавад.

Дар ин имтиҳон аз фанни биология ҳамагӣ 25 савол пешниҳод мешавад, ки ба се навъ ҷудо шудаанд:

- **саволҳои пӯшида, бо интихоби як ҷавоби дуруст**: Барои ҳар саволу супориш чор варианти ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктоаш дурӯст мебошад. Ҷавоби дурӯст интихоб ва дар варақаи ҷавобҳо нишонагузорӣ мешавад;
- **саволҳо бо ҷавоби кушод.** Ҷавоби дурӯсти саволро муайян намуда, он дар варақаи ҷавобҳо яклухт карда, навишта мешавад.
- **муайян кардани мувофиқат.** Дар чунин навъ супориш ба калима ва ҷумлаҳо (ва ё формулаҳо, функсияҳо), ки дар сутуни якум дода шудааст, аз сутуни дуюм ҷавоби мувофиқ ва дурӯст интихоб карда мешавад.

Маводи саволҳои тестӣ (санҷишӣ) дар асоси барномаи таълимӣ аз фанни «Анатомия» барои синфи 9 бо назардошти талаботи ҳадди ақали мазмуну мундариҷаи стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои амалкунандаи таълимӣ мураттаб гардидааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки зиёда аз 15- сол аст, ки дар системаи санҷишу имтиҳонсупорӣ, ҳар як савол бо панҷ ҷавоб пешниҳод карда шудааст, ки яктои онҳо дуруст аст. Хонандагонро зарур аст, ки ҷавоби дурусти саволро интихоб намоянд.

Мо бовари дорем, ки ин мавод барои омодагии хонандагон, ки аз фанни анатомия фосилаҳо ва имтиҳонҳои тестӣ месупоранд, чун роҳнамо хизмат менамояд.

Дар зер саволҳои тестӣ шаклҳои гуногуни супоришҳои тестие ифода шудаанд,ки барои назорати азхудкунии дониш тавассути сафарбарии малакаҳои гуногуни маърифатӣ дар зинаҳои фаҳмиш, тассавурот ва элементҳои тафаккури мантиқӣ имконият медиҳанд. Мисол ҳангоми гузаштани мавзуи «***Мубодилаи моддаҳои органикӣ»*** *бо чунин ш*акл ва усул санҷиши дониши хонандагонро месанҷад [2, 4].

1. Маҳсули мубоддилаи моддаҳо ба воитаи чӣ ба берун бароварда мешавад?

А) пешоб; В) наҷосат; С) арақкунии организм; D) бо роҳи нафас; **Е) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.**

2. Аз рӯи расм маҳсулотҳои сафедаҳо, чарбҳо ва карбогидратҳоро дар ҷадвал мувофиқ намоед?

1) карбогидратҳо;
2) сафедаҳо;
3) чарбҳо.

Ҷавоб	1	2	3	4
A			x	
B	x			
C		x		
D				

3. Аз сафедаҳо чиҳо ба вуҷуд меоянд?
A) митохондрия;
B) ситоплазма;
C) тамоми органоидҳои ҳуҷайра;
D) ядро;
E) тури эндоплазматикӣ.

4. Сафедаҳо хеле гуногун буда гуногуниашон дар он зоҳир мегардад, ки аз чанд навъи аминокислотаҳои ба якдигар пайваста шуда молекулаҳои гуногунохти сафедавиро ташкил медиҳад?
A) 32 -навъ;
B) 20 -навъ;
C) 28 -навъ;
D) 15 -навъ;
E) 8 -навъ.

Адабиёт:

1. Барномаи муштараки биология барои синфҳои V-XI (Ботаника - синфҳои V-VI Султонов С., Нигмонов М., Зоология -синфҳои VII-VIII Маҳмадзиёев А., Сатторов Т.С., Биология (Анатомия ва физиологияи одам)- синфи IX Устоев М., Биологияи умумӣ - барои синфи 10-11 Маҳмадзиёев А., Савлатов С.Х., Султонов С.С. – Д.: Ҷамъияти саҳомии «Матбуот», 2002.
2. Устоев М. Б. Биология (Анатомия ва физиологияи одам) китоби дарси барои синфи 9. – Душанбе: Собириён, 2008.
3. Устоев М. Б., Устоев Б. Р. Роҳнамои фанни Анатомия, физиология ва гигиена (сиҳатии инсон) барои синфи 9-ум барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Маориф, 2018. – 172 с.
4. Шарипов М. М. Таррзи нави худбаҳодиҳи ба дониш аз фанни биология барои синфи 9. – Душанбе: ДДОТ, 2019. – 116 с.

Калидвожаҳо: *маориф, шакл, усул, тест, стандарт, барнома, синф, китоб ва гайра.*

Аннотация

ФОРМЫ И МЕТОДЫ ПРОВЕРКИ ЗНАНИЯ УЧЕНИКОВ НА УРОКАХ БИОЛОГИИ

В статье проводится анализ проверки знания учеников по различным методикам на уроках биологии. Отмечается, что одним из основных способов повышения эффективности уроков биологии в учебном процессе является правильная организация использования тестовых вопросов разного типа. Например: 1. закрытые вопросы, выбор одного правильного ответа: для каждого вопроса и задания есть четыре возможных ответа, только один из которых правильный. Правильный ответ выбирается и отмечается на листе ответов; 2. Вопросы с открытыми ответами. Определите правильный ответ на вопрос и запишите его в лист для ответов. 3. Определение соответствия. В этом типе задач соответствующий и правильный ответ выбирается из второго столбца для слов и предложений (или формул, функций), указанных в первом столбце.

Ключевые слова: *образование, форма, методы, тест, стандарт, программа, класс, книга.*

Annotation

MAIN PATHS AND INSPECTIONS KNOWLEDGE OF PUPILS AT LESSONS OF BIOLOGY

This article provides materials for testing students' knowledge of various methods in biology lessons. The article notes that one of the main ways to increase the effectiveness of biology lessons in the educational process is the correct organization of the use of test questions of different types. For example: 1. closed-ended questions, choosing one correct answer: for each question and task there are four possible answers, only one of which is correct. The correct answer is selected and marked on the answer sheet; 2. Questions with open answers. Determine the correct answer to the question and write it down on your answer sheet. 3. Determination of compliance. In this type of problem, the appropriate and correct answer is selected from the second column for words and sentences (or formulas, functions) indicated in the first column.

Keywords: *education, form, methods, test, standard, program, class, book, etc.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Холова Манижа Ҷамшедовна, магистранти соли якуми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1 – 02 04 01. Суроғa: ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати деҳоти Чуст, деҳаи Чузӣ. Тел.: +992 001443499

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогика, дотсент Шарипов М. М.

Сведения об авторе: Холова Манижа Жамшедовна, магистрантка первого курса биологического факультета Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни, по специальности биология 1 - 02 04 01. Адрес: Шахринавский район, джамоат Чуст, кишлак Чузи. Телефон: +992 001443499

Научный руководитель: кандидат педагогических наук, доцент Шарипов М. М.

About the author: Kholova Manizha Zhamshedovna, 1st year master of biological faculty of the Tajik State University named after Sadriddin Aini, with a degree in biology 1 - 02 04 01. Address: Shakhrinavsky district, village of jamoat Chust, village of Chuz. Phone: +992 001443499

Scientific adviser: Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor Sharipov M. M.

Ҷалолова Фарзона Ҳотамовна,
магистранти соли якуми факултети забони англисӣ

НАҚШИ ИНТЕРНЕТ ВА МАНБАҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар замони имрӯзаи муосир истифода аз технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ барои муаллим ба вазифаи таъхирнопазир мубаддал гардидааст, зеро маҳз технологияҳои инноватсионӣ ба васеъ гардидани фазои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин миёнаи умумии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад.

Агар мо ба луғати истилоҳоти методӣ назар андозем, он ҷо ин мафҳум чунин шарҳ дода шудааст: системаи тарз ва усулҳои ҷамьоварӣ, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯи иттилоот бо истифода аз компютер ва шабакаҳои компютерӣ.

Имрӯзҳо барои омӯзгорон зарурат ба миён омадаст то маҳорати ҷамъоварии маълумот аз мамбаҳои гуногун ва тарзи дурусти истифодаи онро дошта бошанд. Зеро мафҳуми технологияҳои инноватсионӣ чунин воситаҳои техникӣ амсоли аудио, видео, компютер ва Интернет фаҳмида мешаванд. Дар таълими забонҳои хориҷӣ истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва Интернет ҷойи махсуси худро доранд. Пеш аз ҳама Интернет ба мо имкон медиҳад, ки сифати таълимро ба маротиб баланд бардорем. Тариқи он метавон таълими намудҳои гуногуни фаъолияти нуткро ба мисли хониш, хат ва талаффуз амалӣ намоем. Ҳамчунин Интернет шароити омӯхтани маводро дар ҳама сатҳҳои донистани забон муҳаёё месозад. Дар ин асно интерактивӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи технологияҳои интернетӣ мебошад ба фаъолияти муштараки омӯзгор ва донишҷӯ мубаддал мегардад. Интернетро метавон ҳамчун муҳити ва ҳам манбаи маводи таълимӣ аз ҷиҳати сохт, шакл ва сифат гуногун баррасӣ намуд.

Системаҳои ҷустуҷӯи манбаҳо дар таълими забони англисӣ. Маводҳое, ки дар рандитаълим ва омӯхтани забони англисӣ истифода мешаванд, ҚАРИБ тамоми шабакаро фаро гирифтаанд. Аксарияти онҳоро танҳо пас аз мутобиқсозӣ аз ҷониби омӯзгор истифода бурдан имконпазир аст. Ҷустуҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ё мустақилона аз рӯи супориш гузаронида мешавад. Донишҷӯён бояд оиди чӣ гунаанҷом додани ҷустуҷӯ ва тарзи самаранок истифода бурдани систамаҳои ҷустуҷӯӣ тасаввурот дошта бошанд. Системаҳои ҷустуҷӯӣ миллионҳо саҳифаҳои иттилоотии чопшуда ва инчунин маълумотро дар шакли дигари мултимедиявӣ фаро мегиранд. Системаҳои ҷустуҷӯии маълумтарин ва муфид дар таълим ва омӯхтани забони англисӣ инҳо ба ҳисоб мераванд: Google, Yandex, Yahoo, Mail, Rambler.

Сомонаҳои интернетӣ маҳз барои таълим ва омӯзиши забони англисӣ. Садҳо сомонаҳои мамлакатҳои гуногун барои таълим ва омӯзиши забони англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ таҳия шудаанд. Дар ин сомонаҳо Шумо метавонед ҚАРИБ тамоми маводҳои таълимӣ, аз нақшаи машғулиятҳо, мавзуҳои таҳлилшуда, барномаҳои таълимӣ то санҷишҳо ва машқҳо оиди мавзуҳои алоҳидаи грамматикӣ ва луғавӣ, дарёфт намоед. Хазинаи калони машқҳову маводҳо барои омӯзгор ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро пурмазмунтар мегардонад. Сомонаҳои маъмултарин инҳо маҳсуб меёбанд:

1. Englex.ru
2. Study.ru
3. Bistroenglish.com
4. Lingualeo.com
5. Duolingo.com
6. Englishspeak.com
7. Quizlet.com
8. Memrise.com
9. Audioenglish.org
10. Newsinlevels.com

Манба ва маводҳо барои омӯзгорон. Дар шабакаи умумиҷаҳонии Интернет омӯзгорон имкониятҳои гуногуну бемаҳдудро баҳри такмил додани раванди таълим пайдо карда метавонанд. Сухан пеш аз ҳама дар бораи барномаҳои интерактивии компютерӣ барои таълими забони англисӣ ва методологияи таълими забонҳои хориҷӣ меравад. Ғайр аз ин омӯзгорон метавонанд тариқи шабакаи Интернет бо таҷрибаву малакаи хеш ва дастовардҳои охирин дар таълими донишҷӯён бо ҳам тариқи чат, форум, видео конференсияҳо ва платформаҳои гуногун, мубодила намоянд, Миёни чунин платформаҳо – сомонаи busyteacher.org ҷиҳати ташаккули маҳорат омӯзгорӣ забони англисӣ аҳамияти калон дорад.

Таҳсили фосилавии забони англисӣ. Қайд намудан зарур аст, ки пандемияи Covid-19 дар саросари ҷаҳон боиси бештар гардонидани таваҷҷӯҳ ба таҳсилоти фосилавӣ гардид. Миёни технологияҳое, ки дар таҳсилоти фосилавӣ истифода бурда мешаванд Google Classroom, Zoom, Telegram ва шаклҳои гуногуни LMS-ҳоро ҷудо намудан мумкин аст. Google Classroom – воситае, ки ба Шумо имкон медиҳад, то супоришҳоро онлайн гузоред, баҳодиҳи намоед, муҳлатҳои азхудкунӣ ва санҷишҳоро нишон диҳед. Ҳамаи ин амалиётҳо тариқи шабаи Интернет сурат мегиранд. Zoom – барномае, ки афзалияти бештарро соҳиб аст, зеро барои гузаронидани конференсияҳо дар машғулиятҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ имконият фароҳам меорад. Telegram – барномаи месенҷерӣ буда, барои суҳбати гурӯҳӣ, санҷиши корҳои хаттӣ ва тақсимоти маводи таълимӣ, истифода бурда мешавад.

LMS – ин платформаҳое мебошанд, ки барои таҳсилоти фосилавӣ пурра имкониятҳоро фароҳам меоранд. Ҷойдиҳии маводҳои таълимӣ ва мултимедӣ, қабули санҷишҳо тариқи супоришномаҳои тестӣ, санҷиши корҳои мустақилона, ташкили видео машғулиятҳо ва ғайра дар ин платформаҳо бемаҳдуд мебошанд.

Ҳамчунин имрӯзҳо миёни омӯзгорону донишҷӯён онлайн мактабҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба мисоли SkyEng ниҳоят машҳуру маъруф гардидаанд. Қисми зиёди омӯзгорон бо гузариш ба майдони таълимии онлайн донишу малака ва сатҳи касбии худро тавассути ин гуна мактабҳои онлайни забономӯзӣ баланд бардоштанд.

Шабакаи умумиҷаҳонии Интернет яке аз ихтирооти бузурги таърихӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти нақши муҳими он дар ҳаёти муосири ҳар як фар, истифодаи он дар таълим ва омӯзиши забони англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ ногузир аст.

Хулоса, истифодабарии шабакаи умумиҷаҳонии Интернет дар раванди таълим барои омӯзгорон ва омӯзиш барои донишҷӯён, имтиёзҳои зиёдеро фароҳам меорад.

Адабиёт:

1. Азимов Э. Г. Материалы интернета на уроках английского языка. / Иностранные языки в школе. – Москва, 2001, №6. – С. 19-21.
2. Базилова И. О. Обучение через Интернет открывает новые перспективы. / Иностранные языки в школе. – Москва, 2007, №4. – С. 72-77.
3. Коджаспирова Г. М., Петров К. В. Технические средства обучения и методика их использования. / Учебное пособие. – Москва, 2001. – 158 с.
4. Колеченко А. К. Энциклопедия педагогических технологий. / Учебное пособие. – Сенк-Петербург, 2006. – 368 с.

Калидвожаҳо: *технологияҳои информатсионӣ, шабакаи умумиҷаҳонии интернет, таҳсилоти фосилавӣ, манбаҳои электронӣ.*

Аннотация

РОЛЬ ИНТЕРНЕТА И ЭЛЕКТРОННЫХ РЕСУРСОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ И ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье рассматривается проблема использования Интернет-технологий в обучении английского языка. Интернет предоставляет студентам возможность для межкультурной коммуникации, что ведёт к развитию социокультурной толлерантности. Использования интернета способствует развитию речевых навыков и профессионально значимых компетенций студентов.

Ключевые слова: *информационные технологии, глобальная сеть Интернет, дистанционное обучение, электронные ресурсы.*

Annotation

THE ROLE OF THE INTERNET AND ELECTRONIC RESOURCES IN THE PROCESS OF TEACHING AND LEARNING ENGLISH LANGUAGE

The article express the problem of using Internet technologiesduring the English teaching. The Internet provides students with an opportunity for intercultural communication, which leads to the development of sociocultural tolerance. The use of the Internet contributes to the development of speech skills and professionally competencies of students.

Keywords: *information technologies, the global Internet, distance learning, electronic resources.*

Маълумот оид ба муаллиф: Ҷалолова Фарзона, магистранти соли якуми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 883084959

Роҳбари илмӣ: Карабаев Бахтовар Бахтиёрович

Информация об авторе: Джалолова Фарзона, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 883084959

Научный руководитель: Карабаев Бахтовар Бахтиёрович

About the author: Jalolova Farzona, 1st year master of the Faculty of English of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 883084959

Supervisor: Karabaev Bakhtovar Bakhtiyorovich

Шоева Ҳабиба,
магистранти соли якуми факултети забони англисӣ

НАҚШИ УСУЛИ ЛОИҲАВӢ ДАР РУШДИ МАҲОРАТИ МУСТАҚИЛОНА ОМӮХТАНИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар марҳилаи кунунии ташаккулёбии ҷамъияти муосир диққати ба баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон диққати махсус дода мешавад. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ бояд ба шароити нави иқтисодӣ мутобиқ шаванд ва мустақилона ҳалли масъалаҳои зиёди истеҳсолӣ, молиявӣ ва тиҷоратиро дарёбанд. Дуруст ба роҳ мондани фаолияти мустақилонаи донишҷӯён ба инкишоф ва ташаккул додани ҳамаи малакаҳои мазкур мусоидат мекунанд.

Солҳои охир, мувофиқи Стандарти давлатии таҳсилот, тамоюли доимӣ дар самти кам кардани соатҳои лексионӣ ва зиёд кардани соатҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён ба назар мерасад, ки албатта ба баланд бардоштани самаранокии сифати омодасозии мутахассисон мусоидат мекунад.

Дар айни замон, истифодабарии технологияҳои муосир дар раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷорӣ кардани стандарти давлатии таълим ташкил ва инкишофи фарҳанги информатсионӣ дар раванди таълими забони англисӣ ташаккулдиҳии малакаҳои коммуникативӣ-когнитивиро дар ҷараёни омӯзиши фан дар назар дорад.

Технологияҳои муосири педагогӣ, ба монанди истифодабарии технологияҳои муосири информатсионӣ, аз ҷумла методи лоиҳасозӣ имконияти таъмин сохтани муҳити инфиродӣ ва дифференсатсияи таълимиро бо назардошти қобилиятҳои хонандагон, сатҳи таълимии онҳо ва шавку рағбаташон фароҳам меорад.

Раванди фаврии воридсозии технологияҳои информатсионӣ ба сохаҳои мухталифи ҳаёт талаб менамояд, ки моделҳои навини системаи таълим дар асоси технологияҳои муосири таълимӣ кор карда шаванд.

Бо азхудкунии ҳар як технологияи нав тафаккури нави педагогӣ созмон меёбад: возеҳиятӣ, сохторӣ, равшании забони методӣ, пайдо шудани меёри муъҳадили методӣ.

Вазифаи муаллим дар он асос меёбад, ки барои донишҷӯён шароитеро фароҳам орад, то онҳо битавонанд озодона дар муошират амалӣ забонро истифода намоянд. Инчунин, ба амал овардани фаъолияти маърифатии толибилмон дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳадафи ҳар як омӯзгор мебошад.

Ғайр аз ин, бояд қайд намуд, ки дар замони пешрафти техникаи муосир, таълим низ бояд дур намонад. Бояд дар чараёни таълим низ технологияи муосир васеъ истифода шавад. Зеро ҳаёти имрӯзаи инсонро бидуни ин технологияҳо тасаввур кардан ғайри имкон аст. Бояд донишомӯз алакай аз таълим аз тамоми навгониҳои илмию техникӣ бархурдор бошад.

Таълими интерактивӣ дар асоси барномаҳои таълимии компютерӣ имкони бештар барои амалӣ кардани як қатор принсипҳои методӣ, дидактикӣ, педагогӣ ва психологӣ фароҳам оварда, ҷараёни таълимро бештар шавқовар ва эҷодӣ гардонида, шароит барои инфиродӣ кардани ҷараёни таълим ва ба назар гирифтани хусусияту кобилияти ҳар як талабаи алоҳида таъмин месозад. Истифодаи амалии технологияҳои интерактивӣ ва Интернет шакли нави фаъолияти фаъоли маърифатиро дар назар дорад, ки дар натиҷа ба васеъ гаштани доираи дониш, ташаккулёбии мустақилияти маърифатии донишҷӯён, ташаккулёбии кобилияти мустақилона омӯхтан ва мустақилона дарёфтани маълумот мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, ворид кардани технологияҳои муосири таълим ҳалли ҳадафи модернизатсияи таълим – беҳтар кардани сифати таҳсилот, дастрас гаштани таҳсилот, таъмини рушди ҳамаҷонибаи фард, ки дар фазои иттилоотӣ озодона худро ҳис мекунад ва бо имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникативӣ шинос аст, таъмин месозад.

Истифодаи технологияҳои компютерӣ ва усулҳои лоиҳасозӣ дар таълим, алалхусус дар таълими забони англисӣ, муносибат ба коркарди мавод барои ин фанро дигаргун сохт.

Фаъолияти мустақили таълимии хонандагон чун яке аз қисматҳои таркибии таҳсилоти муттасил ва гуногун соҳа, ҳамчун воситаи фардикунонии омӯзиши талабагон ва масъалаи идоракунии фаъолияти таълимӣ фаъолона баррасӣ карда мешаванд.

Мувофиқи ақидаи Полат Е.С. вазифаи омӯзгор ин таъмин кардани шароит барои азхуд кардани забони амалӣ барои ҳар як донишомӯз ва интихоб кардани чунин методҳое, ки барои донишҷӯён имконияти нишон додани фаолнокии худ ва эҷодиёти худ фароҳам меорад,

мебошад. Хадафи омӯзгор ин фаол кардани фаолияти маърифатии донишҷӯ дар раванди таълими забони хориҷӣ мебошад [4, 129].

Истилоҳи «фаолияти мустақилона» дар адабиёти илмӣ ва назариявӣ дар тарзҳои мухталиф истифода карда мешавад:

- шакли махсуси ташкили раванди таълим;
- усули фардикунонии таълим;
- шакли кори гурӯҳии донишҷӯён бо роҳбарии омӯзгор;
- восита ва қисмати таркибии фаъолияти маърифатӣ ва эодӣ, ки ба ташакули малака ва қобилиятҳои фикрӣ, таҳкими донишҳои касбӣ, инкишоф ёбии усулҳои фаъолияти тадқиқотӣ равона карда мешавад.

Ҳадафи асосии ташкили кори мустақили хонандагон дар фароҳам овардани шароитҳои психологӣ ва дидактикӣ барои ташаккул додани ташаббускории зеҳнӣ ва тафаккурӣ дар дарси забони англисӣ мебошад. И.Я. Зимняя қайд мекунад, ки “кори мустақилона шакли махсус ва олии фаолияти таълимӣ буда, бо хусусиятҳои инфиродӣ ва психологии шахситяи доншҷӯ чун субъект ҳамбастагӣ дорад” [2, 75].

Намудҳои фаолияти мустақилона дар асоси якчанд нишонаҳо гурӯҳбандӣ карда мешаванд: вобаста ба макони иҷроиш; вобаста ба ҳадафи дидактикӣ; вобаста ба ташаккулёбии зинаҳои равандҳои фикрӣ; вобаста ба сарчашмаҳои маълумотӣ; вобаста ба табиат ва усули татбиқ ва ғайра. Корҳои мустақили донишҷӯён ба аудиторӣ ва беруна тақсим карда мешавад. Ба корҳои мустақили аудиторӣ намудҳои гуногуни супоришҳои санҷишӣ, эҷодӣ ва амалӣ дохил мешаванд, ки дар раванди дарсҳои амалӣ гузаронида мешаванд. Ба корҳои мустақили беруна иҷроиши вазифаи хонагӣ, тайёр намундани маърӯза, реферат, корҳои тадқиқотӣ ва лоиҳаҳо нисбат доранд.

Раванди ташкил кардани фаолияти мустақили донишҷӯён зинаҳои зеринро дарбар мегирад:

1. Омодагӣ (муайян кардани ҳадафҳо, таҳия кардани барнома, омодасозии методологӣ ва таҷҳизотӣ);
2. Асосӣ (татбиқи барнома, истифодабарии усулҳои ҷустуҷӯи маълумот, ассимилятсия, коркард, татбиқ, интиқол, қайди натиҷаҳо, худидоракунии раванди фаолият);
3. Ниҳоӣ (арзёбии мубрамият ва таҳлили натиҷаҳо, систематизатсия, арзёбии самаранокии барнома ва усулҳои кор, хулосабарорӣ оиди самти беҳсозии фаолият) [3, 187].

Ҳоло бошад, мо усули лоиҳавиро чун яке аз шаклҳои фаъол ва методи таълим, ки имконияти дар донишҷӯён ташаккул додани малакаҳои фаолияти мустақили таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотиро фароҳам меорад, дида мебароем.

Имрӯзҳо, методи лоиҳасозӣ яке аз методҳои маъмултарин дар ҷаҳон мебошад, зеро имконияти ба таври ратсионалӣ муттаҳид кардани донишҳои назариявӣ ва иҷрои амалии онҳоро дар рафти ҳалли масъалаҳои воқеияти атроф фароҳам меорад. Солҳои охир ин технология дар ҷараёни таълими забони англисӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Истифодабарии методи проектҳо дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ метавонад натиҷаҳои назаррасро таъмин созад. Ин метод шароити эҷодиро, ки ҳар як хонандаро ба ҷараёни фаъоли фикрӣ ҷалб мекунад, дар дарс фароҳам меорад. Методи лоиҳавӣ ин пеш аз ҳама воситаи дастраскунии ҳадафҳои дидактикӣ ба тавассути фаолияти технологии коркарди масъала мебошад. Раванди коркард бояд бо натиҷаҳои амалӣ анҷом дода шавад. Барои ин бошад, бояд ба хонандагон мустақилиятиро омӯзонд- мустақилиятӣ дар фикрронӣ, дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ, таҳлил кардани натиҷаҳо ва дарёфти вариантҳои эҳтимолии ҳалли масъалаҳои таълимӣ.

Ташкили лоиҳаҳо дар зинаҳои болоии таълим давраи муҳим дар ташаккул додани малакаҳои мустақилиятӣ мебошад, дорои ҳадафҳои зерин мебошад: 1) Инкишоф додани малакаҳои фаолияти мустақилиятӣ ва азхуд кардани методикаи лоиҳасозӣ, тадқиқотӣ ва таҷрибаи ҳалли масъалаи ҳалталаби таълимӣ. 2) Систематизатсия, мустаҳкамкунӣ ва васеъкунии доираи донишҳои назариявӣ ва амалӣ. 3) Муаяйн кардани сатҳи омодагии донишҷӯён ба фаолияти мустақил дар муассисаҳои олии таълимӣ.

Принсипҳои асосии фаъолияти лоиҳавӣ дар гуногуниятӣ (истифодаи шаклҳои инфиродӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳии кор), ҳалли масъалаҳои ҳалталаб (фикрронӣ, ақидабаёнкунӣ, ба мундаричаи масъала диққат ҷалб кардан), муносибати когнетивӣ ба грамматика, омӯзиш бо шавқмандӣ, ки шавқмандӣ яке аз шартҳои асосии самаранокии таълим мебошад, омили шахсӣ (ба хонандагон имконият дода мешавад, ки онҳо доир ба худашон, зиндагиашон, завқу ҳавасашон фикру ақидаашонро баён созанд), мутобиккунии супоришҳо (супоришҳо вобаста ба сатҳи дониши хонандагон муайян карда мешаванд) таҷассум меёбад [5, 98].

Лоиҳаҳои таълимӣ, чун қоида, инфиродӣ буда, барои ҳалли мавзуъҳои муайян равона карда мешаванд. Мӯҳтавои умумии лоиҳаҳо одатан мутобиқи рӯйхати мавзуъҳои таълимӣ ташкил карда мешаванд. Супоришҳои лоиҳавӣ инфиродӣ буда, мувофиқи шавқу ҳаваси хонандагон супорида мешаванд. Ҳамзамон, мо метавонем интихоби мавзуъи лоиҳаро ба худи хонандагон вогузорем, вале танҳо дар мавриде, ки мавзуъ ҷавобгӯ ба ҳадафу мақсадҳои таълимӣ бошанд.

Хуллас, лоиҳа фаолиятест, ки заҳмату меҳнати зиёдро талаб мекунад. Вале, новобаста аз ин, ин намуди фаъолият натиҷаҳои назаррасро таъмин месозад. Пеш аз ҳама, ҳавасмандии хонандагон нисбати омӯзиши забон баланд мегардад, ки худи ҳавасмандӣ яке аз нақшаҳои муҳимро дар фаолияти забономӯзӣ мебозад. Ғайр аз ин, дар раванди ба роҳ мондани методи лоиҳавӣ ва лоиҳасозӣ қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён ташаккул дода мешаванд, маҳорати баён кардани худ инкишод меёбад, доираи дониши хонандагон васеъ мегардад ва билохира, маҳорату малакаҳои фаолияти мустақили таълимӣ амалан ташаккул дода мешаванд.

Адабиёт

1. Есипов Б. П. Самостоятельная работа учащихся на уроке. – М.: Учпедгиз, 1961. – 239 с.
2. Зимняя И. А. Педагогическая психология: учеб.для вузов. – М.: Логос, 2000.
3. Конышева А. В. Английский язык. Современные методы обучения. – Минск: Тетра Системс, 2007.
4. Полат Е. С. Метод проектов на уроках английского языка / Е.С. Полат // Иностр. языки в школе. – 2000. – № 3. – С. 3-9.
5. Сафин Р. С., Сучкова Т. В. Самостоятельная образовательная деятельность как средство развития профессиональных и личностных качеств студентов технического вуза // Изв. КГАСУ. – 2007. – № 1. – С. 103.

Калидвожаҳо: *дарси забони англисӣ, технологияҳои муосири таълим, компютер, фаолияти таълимӣ, фаолияти мустақилона, методу усулҳои таълим, усули лоиҳавӣ, малакаҳои фаолияти мустақилона, шавқу рагбат, забономӯзӣ, лоиҳасозӣ.*

Аннотация

РОЛЬ МЕТОДА ПРОЕКТИРОВАНИЯ В РАЗВИТИИ УМЕНИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОГО ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье рассмотрены проблемы развития самостоятельной учебной деятельности студентов посредством метода проектирования и проектов. Прежде всего, автором рассмотрен вопрос о использовании педагогических технологий в процессе обучения английскому языку в школе. К новым педагогическим технологиям автор относитметод проектов. Именно этот метод позволяют поставить ученика в центр учебного процесса, сделать его активным субъектом деятельности учения, организовать его взаимодействие с другими учащимися, придать учебному процессу реальную практическую направленность. Так же, автором представлен обзор теоретических источников, исследуется проектирование как форма эффективной организации самостоятельной деятельности студентов в изучении английского языка и развития самостоятельности в целом. Кроме того, в статье говориться о важности метода проектов как о способе достижения дидактических целей через деятельную разработку проблемы. Подчеркивается, что разработка должна завершиться реальным практическим результатом. Чтобы добиться этого результата необходимо научить детей самостоятельно мыслить, находить и решать проблемы, привлекая для этой цели знания из разных областей, прогнозировать результаты и возможные последствия разных вариантов решения.

Ключевые слова: *урок английского языка, современные технологии в обучении, компютер, учебная деятельность, самостоятельная работа, формы и методы обучения, метод проектов, навыки самостоятеьной деятельности, интерес, обучение языку, проектирование.*

Annotation

THE ROLE OF DESIGNING IN SKILLS DEVELOPMENT OF INDEPENDENT STUDIES ENGLISH

The development issues of the student independent learning activity are considered in the article. First of all, the author considered the issue of the use of pedagogical technologies in the process of teaching English in school. The author considers the method of projects to be new pedagogical technologies. It is this method that allows the student to be put in the center of the educational process, to make him an active subject of the teaching, to organize his interaction with other students, to give the educational process a real practical focus.Also, the author presents a review of theoretical sources, studies design as a form of effective organization of students' independent activity in learning English and developing independence in general. In addition, the article talks about the importance of the project method as a way to achieve didactic goals through the active development of the problem. It is emphasized that the development should be completed with a real practical result. To achieve this result, it is necessary to teach children to think independently, to find and solve problems, attracting knowledge from different areas for this purpose, to predict the results and the possible consequences of different solutions. The over-view of the theoretical sources on the research, the projecting is researched as a form of the effective organization of the student independent activity.

Keywords: *independent work, method of projecting, English lesson, modern technologies in teaching, computer, educational activity, forms and methods of teaching, method of project, skills of independent activity, interest, language learning, projects.*

Маълумот доир ба муаллиф: Шоева Ҳабиба, магистранти соли якуми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: (+992) 556849191

Роҳбари илмӣ: Ғуломов А.

Сведения об авторе: Шоева Хабиба, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: (+992) 556849191

Научный руководитель: Гуломов А.

About the author: Shoeva Habiba, the master of 1-st year of English Language Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni; Tel.: (+992) 556849191

Юсупова Сайёра,
магистрантка второго курса факультета английского языка

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ НА ЗАНЯТИЯХ ПО ПРАКТИКЕ УСТНОЙ И ПИСЬМЕННОЙ РЕЧИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА СТУДЕНТОВ 3-4-Х КУРСОВ

Интерактивность (interaction) применительно к обучению иностранному языку понимается как речевое взаимодействие двух или более людей в процессе общения.

На современном этапе развития отечественной методической мысли основная структурная единица образовательного процесса по иностранному языку - занятие рассматривается как «сложный акт общения, главной целью и содержанием которого является практика в решении задач взаимодействия между субъектами педагогического процесса, а основным способом достижения цели и овладения содержанием служат мотивированные коммуникативные задачи разной степени сложности».

Принято считать, что общение в процессе обучения иностранному языку может быть «односторонним» и «многосторонним». В первом случае имеется в виду организация учебного процесса с преобладанием фронтальных форм работы, когда преподаватель побуждает обучающегося к речевой деятельности – обучающийся отвечает. Что касается «многостороннего» общения, для него типичными формами работы являются групповые и коллективные, в которых каждый обучающийся имеет возможность проявить себя как самостоятельный и полноправный участник определенной деятельности.

Как показывает собственный опыт преподавания иностранного языка и опыт многочисленных учителей практиков, организовать речевое взаимодействие на занятии не всегда удается, используя традиционные методы и формы работы. Основные методические инновации сегодня связаны с применением **интерактивных методов** и приемов обучения иностранному языку. **Интерактивные методы** – это методы, позволяющие учиться взаимодействовать между собой; а **интерактивное обучение** – обучение, построенное на взаимодействии всех обучающихся, включая педагога. Однако в последнем случае меняется характер взаимодействия: активность педагога уступает место активности обучаемых. Как отмечают в своих трудах Т.А. Мясоед, Н. Суворова, С.Б. Ступина, суть интерактивного обучения состоит в особой организации учебного процесса, когда все учащиеся оказываются вовлеченными в процесс познания. Совместная деятельность учащихся в процессе освоения учебного материала означает, что каждый вносит свой особый индивидуальный вклад, происходит обмен знаниями, идеями, способами деятельности. Причем, происходит это в атмосфере доброжелательности и взаимной поддержки, что позволяет не только получать новые знания, но и переводит познавательную деятельность на более высокие формы кооперации и сотрудничества.

Целью применения интерактивных методов и приемов в обучении иностранным языкам является социальное взаимодействие учащихся, межличностная коммуникация, важнейшей особенностью которой признается способность человека «принимать роль другого», представлять, как его воспринимает партнер по общению, интерпретировать ситуацию и конструировать собственные действия.

Обобщая передовой методический опыт (публикации ведущих ученых в журнале «Иностранные языки в школе», статьи и методические разработки уроков иностранного языка на сайте «Фестиваль педагогический идей» учителей практиков) и изучая литературу по выбранной проблеме я пришла к выводу, что в рамках занятия иностранного языка преподаватели используют **следующие интерактивные методы и приемы**: - работа в малых группах, в парах, ротационных тройках, «два, четыре, вместе»; - метод карусели / «идейная» карусель; - аквариум; - мозговой штурм / мозговая атака / «брейнсторминг»; - «ажурная пила»; - Броуновское движение; - «дерево решений»; - прием составления ментальной (интеллектуальной) карты; - конференции / дискуссии; - ролевые / деловые игры; - дебаты. Этот список можно пополнять, т.к. каждый преподаватель способен придумать и внедрить в образовательный процесс эффективные приемы и методы организации речевого взаимодействия обучающихся на занятии иностранного языка. Существует множество классификаций интерактивных методов и приемов. Одни и те же приемы в разных источниках могут называться по-разному.

Раскрою сущность некоторых интерактивных методов, которые являются инновационным в практике преподавания иностранных языков.

Условием эффективного обучения иностранному языку в условиях научно-технического и информационного взрыва является, по нашему мнению, сочетание традиционных интенсивных методик обучения с разработкой и использованием в практике обучения ряда современных интерактивных методов, которые ориентированы на личность студента, более широкое взаимодействие обучающихся не только с преподавателем, но и друг с другом, а также на повышение активности студентов в процессе обучения. Необходимо создать такие педагогические условия, которые способствовали бы оптимальному использованию резервных возможностей личности и приводили бы к эффективному ускоренному обучению.

Эффективное обучение иностранному языку возможно, если преподаватель, организующий обучение, владеет современной технологией преподавания. Любая современная педагогическая технология представляет собой синтез достижений педагогической науки и практики, сочетание традиционных элементов прошлого опыта и того, что создано общественным прогрессом. Современная педагогика и методика предлагают большое разнообразие интерактивных технологий, которые целесообразно использовать при ускоренном обучении учащихся иностранным языкам. В основе интерактивных технологий лежит взаимодействие преподавателя и студентов, которое проявляется через диалоговое, полилоговое общение, реализуемое посредством интерактивных упражнений и заданий.

На занятиях по иностранному языку в учебном процессе применяются следующие интерактивные методы обучения:

– игровые технологии;

– Интернет-технологии и средства мультимедиа.

Как показала практика, только интерактивные формы обучения могут обеспечить высокую мотивацию, прочность знаний, творчество и фантазию обучаемых, коммуникабельность, активную жизненную позицию, командный дух, свободу самовыражения, желание совершенствоваться. Использование интерактивных методов в период обучения иностранному языку соответствует современной концепции обучения, в основе которой лежит принцип активной деятельности обучающихся. Задача преподавателя заключается в том, чтобы научить их сознательно овладевать языковым материалом в процессе коллективной деятельности и широкого использования ситуативного и коммуникативного подходов в обучении иностранному языку.

Мною сделана попытка разработать и апробировать технологию обучения и создать такие педагогические условия, которые способствовали бы оптимальному использованию резервных возможностей личности. Примером некоторых интерактивных подходов, применяемых мною на занятиях, являются:

Литература:

1. Колесникова И. Л. Англо-русский справочник по методике преподавания иностранных языков: справочное пособие. – М.: Дрофа, 2011.
2. Полат Е. С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования: Учебное пос. для студентов педагогических вузов. – М.: Издат. центр «Академия», 2000. – 272 с.
3. Хильченко Т. В., Оларь Ю. В. Использование интерактивных методов и приемов на современном уроке английского языка. – М., 2000.
4. Калабухова Г. Н. Способы реализации интерактивных технологий в условиях ускоренного обучения студентов иностранному языку. – М., 2000.
5. Карпова Т. А. Изучение иностранного языка в вузе в контексте интерактивного обучения. – М., 2000.

Ключевые слова: *интерактив, практика устной и письменной речи, ролевые игры, мультимедийные технологии, электронная доска, информационные сайты.*

Аннотатсия

ИСТИФОДАИ УСУЛИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР ДАРСҲО ОИД БА АМАЛИЯИ НУТҚИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 3-4 ДАР ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар ин мақола дар бораи истифодаи усулҳои интерактивӣ дар дарсҳои оид ба амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ, курсҳои 3-4-и факултети забони англисӣ маълумот ода мешавад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар байни ҳамаи усулҳо ва усулҳои интерактивии ташаккули малакаҳои иртибототиро муайян карда, робитаи эҳсосотиро мустаҳкам менамояд, ки дар барномаи таълимӣ кор кунанд, фикру ақидаи ҳамдарсони худро гӯш кунанд, ба робитаҳои байни донишҷӯён ва ҳамкурсон бештар мусоидат карда шавад.

Калидвожаҳо: *интерактивӣ, амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, дарси дохилшавӣ, бозиҳои нақшбозӣ, технологияҳои таълим, тахтаи электронӣ, сайтҳои иттилоотӣ.*

Annotation

THE USE OF INTERACTIVE METHODS IN THE LESSONS ON THE PRACTICE OF ORAL AND WRITTEN ENGLISH SPEECH OF 3-4 YEARS STUDENTS

In this article, students express information about the use of interactive methods in the classes on the practice of oral and colloquial speech of the English language of 3-4 years of the Faculty of English. As practice has shown between all interactive methods and techniques for developing communicative reactions and skills, identifying emotional reactions in students, they are taught to work in the curriculum, listen to the opinions of their comrades, and are more receptive to contacts between students and the teacher.

Keywords: *interactive, practice of oral and written speech, role-playing games, multimedia technologies, smart board, information sites.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Юсупова Сайёра, магистранти соли дуюми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 939558865

Роҳбаи илмӣ: Қарабоев Б. Б.

Сведения об авторе: Юсупова Сайёра, магистрантка второго курса факультета английского языка Таджикско государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 939558865

Научный руководитель: Карабоев Б. Б.

About the author: Yusupova Sayyora, second-year undergraduate student of the Faculty of English, Tajik State Pedagogical University named after. Sadriddin Aini. Tel.: +992 939558865

Scientific adviser: Karaboev B. B.

Тоҷова Нилуфар,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ИСТИФОДАИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ БО МАҚСАДИ РУШДИ МАЛАКАИ ТАЛАФФУЗ

Инсоният дар раванди фаъолияти худ ҳамчун организми зинда дар ҳаёт мушкилотҳои зиёдеро пушти сар менамояд. Ҳеч як роҳати зиндагӣ бе заҳмат ба даст наомадааст. Чунин исбот дар зарбулмасали “no pain, no gain”. Аз ҳамин лиҳоз омӯзиши забони хоричӣ гарчи бо завқи зиёд омӯхта шавад ҳам, вале мушкилотҳои худро дорад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ донишомӯзон аз ҳама ҷиҳат баробар ва монанд нестанд. Аз ин рӯ бояд раванди таълим тарзе бароҳ монда шавад, ки новобаста аз хусусиятҳои фарқунандае, ки онҳо доранд ба мазмуни дарс фаҳмо бошад ва хонанда онро фаҳмида тавонад. Гарчи имрӯз вобаста ба талаботи замон аксарияти хонандагон бо забони англисӣ озодона сӯҳбат мекунанд, вале дар нутқ ва талаффузи онҳо мушкилотҳои ҷиддие ба чашм мерасад, ки мо омӯзгорони забони англисиро водор месозад, ки ба ин масъала бетараф набошем.

Тибқи низомномаи нави таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар маркази асосӣ кӯдак қарор дорад ва дар раванди дарс аз омӯзгорон дида хонандагон бояд фаъолияти бештаре нишон диҳанд. Дар лаҳзаҳои аввали дарси забони англисӣ дар қисмати ташкилии дарс (Lesson period) машқи фонетикӣ (Phonetic drill) ҷой карда шудааст, ки истифодаи саривақтии ин қисмати дарс хонандаро водор месозад, ба дарси забони англисӣ омодагӣ бинад.

Дар таҳлил ва баррасии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян кардан мумкин аст, ки барои машқҳои фонетикӣ чи дар синфҳои болоӣ ва чи дар синфҳои поёнӣ зарбулмасалҳо вобаста ба синну соли хонандагон ҷой дода шудаанд. То кадом андоза муҳим будани истифодаи зарбулмасал ва мақол дар раванди омӯзишро забоншиноси турк Аднон Зайд чунини шарҳ медиҳад: “Барои хуб шурӯъ намудани фаъолияти омӯзгорӣ бояд роҳе бошад, ки диққати донишомӯзонро ба худ ҷалб намоем, ки онҳо дар раванди омӯзиш эҳсоси завқ пайдо намоянд...хондан ва истифода бурдани зарбулмасалҳои забони англисӣ роҳи натиҷабахшест баҳри шурӯъ намудани дарси нав”. Инчунин дар баробари ошно шудан бо андешаҳои дигар забоншиносон дарк кардан мумкин аст, ки зарбулмасалҳо боис мешаванд, ки хонанда ва ё донишҷӯ забонро тезтар аз худ намояд.

Гарчи мақсади асосии мо омӯзонидани забон дар мӯҳлати кӯтоҳ аст, вале вазифаи аввалиндараҷа ин дуруст бароҳ мондани раванди талаффузи калимаҳои душвори забони бегона аст, ки маҳз талаффузи нодуруст метавонад боиси он шавад, ки сухан ва ё калимаи мӯҳлати дуру дароз азхуд кардаи мо ки дар навишт ва чи дар хотирот нақш бастааст, соҳибзабон умуман моро нафаҳмад ва мо мақсади худро фаҳмонида натавонем.

Забоншиносон истифодаи зарбулмасалу мақолҳоро дар раванди омӯзиши талаффуз, грамматика, фаъолиятҳои нутқ (истимоъ, гуфтор, хониш, ва хат) мувофиқ шумурда инчунин барои дуруст ба роҳ мондани шаклҳои зарбулмасалҳо онҳоро ба гурӯҳҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва ғайраҳо ҷудо намудаанд, ки имрӯз мавзуи асосии таҳқиқоти мо муҳимияти истифодаи онҳо дар инкишофи талаффуз мебошад [3, 41].

Пеш аз оне, ки зарбулмасалҳои барои машқҳои фонетикӣ истифодашавандаро мисол орем, бояд қайд кард, ки аз қадим зарбулмасалҳо хусусияти тарбиявӣ дошта ва баъдан аз насл ба насл ба тариқи шифоҳию хаттӣ шаклу истифодаи худро иваз намуданд ва маҳз ҳамин хусусиятҳо ин ибораҳои пурмаъниии ба ҳам омадаро ҳамчун илм мустақил намуд, ки то имрӯз мавриди таҳқиқи забоншиносон қарор дорад.

Зарбулмасалҳои,

Look before you leap

Аввал бубин ҷои худ баъд бимон пои худ

Fool me once shame on you. Fool me twice shame on me [2, 38].

Аввалан калонсолон барои эҳтиёткор будани хурдсолон чунин афоризмҳоро истифода мебурданд, вале айни ҳол гарчи он эътибор худро аз даст надодаанд, боз ҳам мавқеъи истифодабариашон васеътар шуда, чи тавре, ки иброз доштем ҳаҷми муайяни машқҳои фонетикӣ дар дарсҳои забони англисӣ аз зарбулмасалҳо иборат буда барои инкишофи талаффузи ҳамсадоҳо ва садонокҳо ва инчунин қофия кумак мерасонанд.

Ба андешаи забоншинос Аднон Зайд "...омӯзонидани талаффуз метавонад дилгиркунанда бошад, вале истифодаи зарбулмасалу мақол барои инкишофи он метавонад ба он каме завқ ва ҳавасмандӣ зам намояд".

Аз ин рӯ забоншинос онҳоро ба чунин гурӯҳҳо чудо намудааст.

1. Гурӯҳи зарбулмасалҳое. ки барои дуруст бароҳ мондани талаффузи садонокҳо (vowels) дар калимаҳо кумак мерасонанд.

A friend in need, is a friend indeed.

Дӯст дар рӯзи бад шинохта мешавад

Бо истифода аз ин зарбулмасал дар раванди дарс омӯзгор ҳатман дарҷ менамояд, ки садоноки агар ду садоноки "е" якҷоя оянд он гоҳ онҳо дар транскрипсия дар шакли дуруст чун -е- и дароз [i:] талаффуз карда мешаванд.

A good wife and health is a man's best wealth

Садонокҳои -еа-, ки дар бисёре ҳолатҳо якҷоя дар калимаҳо вомехӯранд ҳангоми хондан ва ё талаффуз кардан забономӯзонро аввалан ба мушкили рӯ ба рӯ мекунад, зеро чунин тарзи навишт ва дигаргуна талаффуз намудани он ба бисёре аз забонҳо бегона аст. Омӯзгор баъди истифодаи ин зарбулмасал ҳатман ба шакли дурусти ҳардуи ин калимаҳо ишора менамояд, ки -еа- дар мобайни калимаҳо биёянд чун (е) талаффуз мешаванд. Ва ҳастанд дигар ҳолатҳо масалан дар калимаи "tea" ва калимаи "teacher" чун (i:) талаффуз мешаванд.

2. Гурӯҳи зарбулмасалҳое, ки баҳри баланд бардоштани малакаи талаффузи ҳамсадоҳо (consonants) кӯмак мерасонанд.

Practice makes perfect

There is nothing which has been bitter being ripe

Ин зарбулмасалҳо боис мешаванд забономӯз ҳамсадоҳои муҳими забон аз ҷумла -b- р- ро хуб талаффуз намояд.

A lazy youth a lousy age

Never troubles trouble till trouble troubles you

3. Гурӯҳи зарбулмасалҳое, ки баҳри инкишофи дарки қофиябандӣ асосноканд ва инчунин азхуд намудани онҳо завқи хонандаро бедор намуда баҳраш ба ҳам пайвастани калимаҳои ҳамоҳанг бениҳоят осон нпмуда таъби ӯро болида месозанд.

No pain no gain

Haste makes waste

There is no fool like an old fool

Too many cooks spoil the broth

Мо дар таҳлили ин се ҷиҳати муҳими истифодаи зарбулмасалҳо дар инкишофи талаффуз ба худ имкониятеро пайдо намудем, ки гурӯҳи чаҳоруми зарбулмасалҳоро чудо намоем.

4. Ин гурӯҳи зарбулмасалҳое, ки баҳри дурусттар талаффуз кардани калимаҳои душворталаффуз ва ҳарфҳои ба ҳам якҷояи -th, sh, ch, ss ки метавонанд дар калимаҳо ду овозиро ифода намуда ба хонанда дар фарқ кардани он душворӣ кашад. Зарбулмасалҳои ба ин гурӯҳ шомилшаванда метавонанд ин мушкилии онҳоро бартараф намояд. Зеро омӯзгор ҳангоми истифодаи зарбулмасалҳои

Something is better than nothing ё ин ки

Neither fish nor flesh

Neither here nor there

Таачуби хонандагонро эҳсос намуда мегӯяд, ки ҳарфҳои -th- ду овозро ифода мекунад яке чун -з- ва дигаре чун -с- талаффуз карда мешаванд.

Ҳамин тавр ҳарфҳои -ch- чун – к- ва чун -ч- дар калимаҳо вомехӯранд.

Charity begins at home

Cheek brings success

Christmas comes but once a year [4, 27].

Лозим ба ёдоварист, ки чунин гурӯҳбандӣ намудани зарбулмасалҳо барои инкишофи қисмати бениҳоят муҳими забоншиносӣ (фонетика) чун қатрае аз дарё бошад ҳам ҷиҳати бениҳоят ҳассос ва диққатҷалбкунанда гузаронидани даррс ва ё машқҳои фонетикӣ буда метавонад. Гарчи ҳар як кас наметавонад тамоми чизро азхуд намояд, вале омӯхтани фанне чун мутахасиси оянда касро водор месозад, ки ҷиҳатҳои аз ҳама нозуки илмро то доираи муайян омӯзад ва ҳамеша пайи ҷустуҷӯ ва навовариҳои соҳаи худ бошад. Пас талаффузи дурусти калимаҳо то кадом андоза мушкилӣ дошта бошад ҳам забономӯз онро ба шакли дуруст барои худ бароҳ мемонад, ки зарбулмасалҳо яке аз воситаҳои фароҳам овардани ин шароит дар

дараҷаи олии таҳсилот мебошанд. Мо бо истифода аз ин воҳидҳои муҳими забоншиносӣ фарҳангҳоро омӯхта ба ҳам муқоиса карда метавонем.

Адабиёт:

1. Аффанасива К. А. O ral practice and sayings. – London: New York, 1962.
2. Brawning D. C. Everyyear`s dictionary of quotation and proverbs. – London: New York, 1962.
3. Collins V. H. A book of English proverbs. – London, 1970.
4. Руковский М. Пословицы и поговорки и мудрые мысли. – Душанбе, 1969.

Калидвожаҳо: *имконият, санъат, дароз, рушд, кумак, китобҳои дарсӣ, омӯзгор, талаффӯз, хонандагон, забони хориҷӣ, зарбулмасал, мақол.*

Аннотация

ПРИМЕНЕНИЕ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК ДЛЯ РАЗВИТИЯ НАВЫКОВ ПРОИЗНОШЕНИЯ

В данноЙ статье речь идёт о пословицах и поговорках, которые помогают развить произношение изучающих иностраннъ языков. Используя пословицы и поговорки, учащиеся имеют лучшую возможность развивать свои коммуникативные навыки с помощью учебников и помощи учителей.

Ключевые слова: *возможность, искусство, долгий, развитие, поддержка, учебники, преподаватель, произношение, ученики, иностранные языки, пословицы и поговорки.*

Annotation

USE OF PROVERBS AND PROVERBS FOR THE PURPOSE OF DEVELOPING PRONUNCIATION SKILLS

In this article we are talking about proverbs and sayings that help leaners to develop the pronunciation of foreign language. Using proverbs and sayings students are better able to develop their communication skills with textbooks and with teacher help.

Keywords: *opportunity, art, long, support, develop, textbook, teacher, pronunciation, pupils, foreign languages, proverbs and sayings.*

Маълумот оид ба муаллиф: Тоҷова Нилуфар, магистранти соли дуюми факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 988941859

Роҳбари илмӣ: дотсент Байдуллоев Аъзам

Сведения об авторе: Тоджова Нилуфар, магистрантка второго курса факультета английского языка Талжикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 988941859

Научный руководитель: доцент Байдуллоев Аъзам

About the author: Tojova Nilufar, master of the first year of the English faculty of the Tajik state Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Tel.: +992 988941859

Supervisor: Baidulloev Azam

Ба чопаш 13.12.2022 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60х84 1/8. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 32,75. Адади нашр 50 нусха.
Супориши № 252.

Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
хиёбони Рӯдакӣ, 121.